ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ С. АЙНӢ

С. ШЕРБОЕВ

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

(Барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон)

Бо қарори №23/37-и Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2008 ба ҳайси китоби дарсӣ тасдиқ карда шудааст.

ДУШАНБЕ – 2009

ББК 81.2 тоҷик Я92+74.261,4
Ш-52

Шербоев Саидбой. Методикаи таълими забони тоҷикӣ (*Барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон*) — Душанбе: Шуҷоиён, 2009. — 456 с.

Мукарризон: М. Лутфуллоев
А.Муллоев
Ҷ. Саидов

Муҳаррир: Ф. Зикриёев

Инак, нахустин китоби дарсии «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон таълиф шудааст. Дар ин китоб, сарфи назар аз он ки бори аввал дастраси хонандагон мегардад, муаллиф кӯшиш ба харҷ додаст, ки дар маҷмӯъ масъалаҳои асосии назариявию амалии методикаи таълими забони тоҷикӣ ба таври мушаххас ҳаллу фасли худро ёбанд.

Аз ин рӯ, китоби мазкур на танҳо барои донишҷӯён, балки барои омӯзгорони филологи мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва инчунин, аспирантону унвонҷӯёни машғули пажӯҳиши соҳаи таълими забони тоҷикӣ буда раҳнамое хоҳад буд.

ISBN 978-99947-69-02-5

© С.Шербоев, 2009



САРСУХАН

Зиёда аз 70 сол ин ҷониб таълими курси методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ ба роҳ монда шуда, марбути он бо мақсади риояи низоми дарсҳои лексионӣ ва машғулиятҳои амалӣ (семинарӣ)-ву таҷрибавӣ (лабараторӣ) чаҳор маротиба барномаи таълими (солҳои 1959, 1964 аз тарафи А.Эшонҷонов; солҳои 1987, 2001 аз тарафи С.Шербоев) мураттаб шуда бошад ҳам, аммо доир ба ин фан то ба имрӯз боре ҳам китоби дарсӣ навишта нашудааст, то ки донишҷӯён ҳангоми тайёрӣ ба дарсҳои амаливу таҷрибавӣ ва санҷишу имтиҳонот ба он, ҳамчун ба як маъхази боэътимод, такя намуда тавонанд. Ҳоло боиси хушнудист, ки нахустин китоби дарсии мазкур таҳти унвони «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» аз тарафи профессор С.Шербоев баррасӣ гардидаасту саравал, дастраси донишҷӯёни филолог шудани он боиси аз байн рабудани чанде аз мушкилоти дар фавқ номбурда хоҳад гашт.

Китоби мазкур, асосан, зимни такя намудан ба услуби китобнависии методистони номӣ (В. В. Текучев, Н. С. Позднияков, А. В. Дудников, М. Т. Баранов, Т. А. Ладыженская, В. М. Чистияков, А. Эшонҷонов ва дигарон) ва таҷрибаи зиёда аз 25-солаи муаллиф, ки худ аз курси методикаи таълими забони тоҷикӣ ба донишҷӯён таълим медиҳад, таълиф шуда, таркибан ду фаслро дар бар мегирад. Фаслҳои китоб яке «Масъалаҳои умумии методикаи таълими забони тоҷикӣ» ва дигаре «Таълими фаслҳои курси мактабии забони тоҷикӣ» унвон дошта, фасли аввал дар 5 боб, дуввумӣ дар 10 боб тарҳрезӣ гардида, дар маҷмӯъ масъалаҳои умумӣ (предмет, вазифа ва мақсади таълими курси методикаи забони тоҷикӣ, принсипҳо, методу усулҳо, шаклҳои ташкили машғулиятҳои таълим, нақшаҳои кории муаллим аз забони тоҷикӣ ва ғ.) ва мушаххасу мухталиф (методикаи масъалаҳои асосии таълими фонетика, калима ва воҳидҳои фразеологӣ, масъалаҳои умумии таълими грамматика, инчунин, мавзӯъҳои як андоза мураккабтари таълими қисмҳои он-морфология ва синтаксис)-и забони

тоҷикиро дар худ инъикос намудаанд. Ба ҷуз ин, гарчи дар китоб чи дар фасли аввал ва чи дар фасли дуюмаш вобаста ба мавриде масъалаҳои таълими имло ва аломатҳои китобат борҳо таъкид ёфта бошад ҳам, боз доир ба ин ду масъалаи муҳим бобҳои алоҳида (XII, XIII) бахшида шудааст. ки истифодаи ӯҳдабароёна аз мӯҳтавои дастуру супоришҳои дар ин бобҳо баррасишуда, ба назари мо, баҳри баланд бардоштани малакаҳои имлоӣ ва пунктуатсионии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ бемусоидат нахоҳад монд. Ҳамчунин, масъалаи ташкилу ба роҳ мондани корҳои беруназсинфӣ (беруназмактабӣ низ) аз забони тоҷикӣ ва таъсиси кабинети забони тоҷикӣ то ба имрӯз дар мактабҳо ҷавобгӯи талабот нест, ки дар ин бобат аз бобҳои XIV ва XV-и китоб метавон мълумотҳои мушаххасро дарёфт. Ниҳоят, таъкид бояд намуд, ки дар китоб вобаста ба таълими мавзӯъҳои мушаххас зиёда аз 45 таблитсаи мавзӯиву истилоҳотӣ пешниҳод гардидааст, ки махз аз тарафи омӯзгорон бамавриду ӯҳдабароёна истифода карда шуданашон баҳри аёниву самаранок таълим додани, хусусан. мавзӯъҳои мураккабтари забони тоҷикӣ таккони пуразише мебуд.

Ба ҳамин манзур, дар ҳамин шакл ва мазмуну мундариҷааш рӯи кор омадани нахустин китоби дарсӣ – «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» барои факултетҳои филологии мактабҳои олӣ иқдоми нек буда. ҳар чӣ зудтар дастраси донишҷӯён ва ҳатто омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик гардидани он баҳри баланд бардоштани сифати таълими курси методикаи забони тоҷикӣ дар мактабҳои олӣ, шӯъбаҳои филологии коллеҷҳои омӯзгорӣ ва таълимӣ забони тоҷикӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон бағоят кори хайре мебуд.

М. Лутфуллоев, - академики
Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон

06.11.2008

МУҚАДДИМА

Тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар мактабҳои олии омӯзгорӣ дар сурате имконпазир мегардад, ки агар онҳо дар баробари донишҳои назариявии марбути ихтисосашон дар мактаб, ҳамчунин, бо силсилаи донишҳои фанҳои педагогӣ – педагогика, психология ва методика (методикаи таълими фанни мушаххас, масалан, методикаи забони тоҷикӣ) ҳам мусаллаҳ карда шаванд. Он донишҳои педагогӣ ба донишҷӯён, агар аз як тараф ба тавассути қироати лексияву ташкили дарсҳои амаливу таҷрибавии устодон ва бо роҳи сафарбар намуданашон ба таҷрибаи педагогӣ (омӯзгорӣ)-и кӯтоҳмуддат ва ё дарозмуддат, ки таҳти сарварии устодон аз се кафедра (педагогика, психология ва методикаи таълим) таъсис дода мешавад, баррасӣ гардад, аз тарафи дигар, бо роҳи китобҳои дарсии фанҳои мазкурро мустақилона омӯхтану конспект намуданашон (ҳангоми тайёрӣ дидан ба дарсҳои амаливу таҷрибавӣ ва ё омодагӣ гирифтан ба супоридани санҷишу имтиҳонот) дастрас хоҳанд гашт. Аммо то ба имрӯз, ба хусус, барои мактабҳои олии Тоҷикистон, аз ҷумла, мактабҳои олии омӯзгорӣ китобҳои дарсӣ аз фанҳои педагогика ва психология ду се маротибагӣ навишта ва ё аз забони русӣ тарҷума ва дастраси донишҷӯён гардонида шуда бошанд ҳам, мутаассифона, то ба ҳол китоби дарсии методикаи таълими забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олӣ мураттаб нагардидааст.* Яъне дар тамоми тӯли солҳои мавҷудияти Давлати Шӯравӣ ва аз давраи соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон то ба имрӯз донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олӣ дар ҳамаи ҳолатҳо –тайёрӣ дидан ба санҷишу имтиҳонот аз методикаи таълими забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар давраҳои таҷрибаомӯзӣ, ҳамчунин, дар давраи пас аз

---

* **Таъкид.** Таҳти унвони «Методикаи забони тоҷикӣ дар мактаби миёна» (қисми 1) соли 1985 аз тарафи М. Қурбонов дастуре навишта шуда буд. Вале он гарчи ба ҳайси дастури таълим барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олӣ низ пешниҳод гардида бошад ҳам, фарогири на ҳамаи масъалаҳои умумию назариявии методика ва таълими забони тоҷикист. Ба ҷуз ин, қисми II – и дастури мазкур,

хатми мактаби олӣ, яъне ҳангоми фаъолияти омӯзгориашон дар мактаб ҳам, марбути масъалаҳои умумии таълими методикаи забони тоҷикӣ ба сабаби саривақт дастрас карда натавонистани маводи ёрирасони методӣ, ба конспектҳои доир ба ин фан додаи устодон, ки онҳо ҳам фарогири на ҳамаи масъалаҳои умумӣ ва таълимии соҳаҳои гуногуни забони тоҷикӣ (фонетика, калима, луғат, грамматика – морфология ва синтаксис, имло ва аломатҳои китобат) мебошанд, маҳдуд мемонданду бас.

Инак, ана ҳамин вазъият ва ё мушкилотеро, ки аз набудани китоби дарсии «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» дар ҷараёни таълими фанни мазкур дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ дақиқ эҳсос мегардаду ҳамчунин, ба чунин як китоб тамоми омӯзгорони фанни забони тоҷикии мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳуриамон ниёзи беҳад доранд, ба инобат гирифта, ҳамчунин бо супориши раёсати Академияи илмҳои педагогии назди Вазорати маорифи Тоҷикистон мо дар тайи се – чор соли охир ба таълифи китоби дарсии мазкур, ки худ аз ин фан зиёда аз 25 сол ин ҷониб ба донишҷӯёни факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ таълим ҳам медиҳем, машғул гардида, онро дар чунин шакле, ки ҳоло дар даст доред, баррасӣ намудем.

Мақсад ва вазифаи таълиф намудани китоби дарсии мазкур – «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» дар асл, ҳамон нуктаҳоеанд, ки методисти маъруфи рус, акад. А.В. Текучев дар китоби дарсии барои донишҷӯёни донишкадаҳои педагогӣ бо унвони «Методика русского языка в средней школе» (-М.: Просвещение, 1980) навиштааш ба тариқи зайл таъкид намудааст:

-Мусаллаҳ намудани донишҷӯён бо чунин донишу малакаҳои методие, ки бе онҳо ба таври дилхоҳ ҳал намудани муҳимтарин масъалаҳои ба назария ва амалияи таълими забони модарӣ иртибот доранд, гайриимкон аст.

-Мусаллаҳ намудани онҳо бо малакаҳои мустақилона омӯхтани адабиёти илмию методӣ ва маҳорати дар фаъолияти педагогии худ истифода карда тавонистани дастовардҳои илмию методӣ.[1]

Дар асоси ана ҳамин мақсаду вазифаҳои фавқ дар китоби дарсии мазкур масъалаҳои асосии методикаи таълими забони тоҷикӣ баррасӣ гардида, дар ҳамин замина мафҳумҳои ба табиати забони тоҷикӣ хос, ҳамчунин, аз нуқтаи назари, умуман,

---

[1] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. – М.:

илми методикаи ҳозиразамон, методу приёмҳо (усулҳо), принсипҳои таълим (умумидидактикӣ ва принсипҳои хоси таълими забони тоҷикӣ) шарҳу тафсир ёфта, ҳамзамон, доир ба таҳлили маводи таркиби барномаву китобҳои дарсӣ, хелҳо (типҳо) ва сохту лаҳзаҳои дарс, системаи машқу супоришҳо ва такрор дар дарсҳои забони тоҷикӣ, нақшаҳои кори муаллим (нақшаи мавзӯӣ –тақвимӣ, нақшаи дарс –план-конспект) ва ниҳоят, дар бораи муҳимтарин масъалаҳои таълими қисматҳои забоншиносии тоҷик (аз фонетика, лексика, морфология, синтаксис, имло ва аломатҳои китобат), ки дар мактаб таълим дода мешаванд, то ба қадри имкон бо назардошти шароити таълиму тарбия дар маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон маълумоти қонеъкунанда пешниҳод гардидааст. Дар қисмати «Таълими фаслҳои курсимактабии забони тоҷикӣ» – и китоб ба ҷуз мисолу машқҳои дар лаҳзаи баён ва лаҳзаҳои мустаҳкамкуниву пурсиши вазифаи хонагии марбут ба мавзӯъҳои гуногун тавсияшаванда, ҳамчунин, зиёда аз 40 намунаи таблитсаҳои мавзӯиву истилоҳотӣ оварда шудаанд, ки ба маврид ва моҳирона аз онҳо истифода карда тавонистани омӯзгорон боиси ҳам ба таври аёнӣ таълим додан ва барои хонандагон мӯҷиби осонфаҳм гардидани бисёр мавзӯъҳои таркибии марбут ба ин ё он фаслу боби китобҳои дарсии забони тоҷикӣ хоҳанд гашт. Аз ин лиҳоз, китоби дарсии мазкур – «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» на танҳо донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олиро бо донишҳои илмию методии таълими забони модарӣ (тоҷикӣ) мусаллаҳ намуда, омодагии онҳоро ба таҷрибаи омӯзгорӣ ё худ, умуман, ба таълим додани фанни забони тоҷикӣ дар мактаб таъмин месозад, балки барои тамоми муаллимони забони тоҷикии мактабҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон дар ҷараёни кори басо пурзаҳмат, вале бошарафонаашон ҳамчун раҳнамои беозоре хизмат хоҳад намуд. Хусусан, пешниҳодоти марбут ба масъалаҳои мураккаби омӯзиши забони тоҷикӣ баррасигардида, ки дар шарҳу эзоҳи он масъалаҳо омӯзгорон дар ҳар соли таҳсил дар ҷараёни таълими чи фонетикаву лексика (калима), чи грамматика (морфология ва синтаксис) – ву имло ва аломатҳои китобат ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд, кӯмакест баҳри як андоза сабук ва самаранок гардонидани заҳмати онҳо.

Бояд таъкид намуд, ки на ҳамаи пешниҳодоти мо, хусусан, доир ба таълими баъзе аз мавзӯъҳои таркибии фаслу бобҳои дар мактаб омӯхташаванда ҳукми қонунро дорад. Балки аз он ҳама мувофиқи таҷрибаву донишу маҳорати худ дониста ва эҷодкоронаву ба мавриди истифода кардан лозим аст. Зеро «Ҳеҷ

санҷидашударо. – С. Ш.) иваз нахоҳад кард».[2] Зеро муаллим на бояд муқаллиду нусхабардор ё худ побанди таҷрибаи бегона бошад. Мисли он ки ба ҳеҷ ваҷҳ ду дарси айнан якхеларо (ҳатто доир ба як мавзӯъ) додан ғайриимкон аст,[3] ӯ (муаллим) бояд дар ҳар дарс -дар таълими ҳар як мавзӯи мушаххаси забони тоҷикӣ аз метод ва усули кори худ бо назардошти фаҳмишу қобилияти худу донишандӯзии шогирдонаш истифода барад.

Дар таълифи китоб, азбаски таҷрибаи нахустин асту на ҳамаи масъалаҳои умумӣ ва мушаххаси таълими забони тоҷикӣ дар адабиёти методӣ инъикоси худро ёфтаанд, мо, пеш аз ҳама, ба китобҳои дарсии методика ва маводи методию дидактикии марбут ба таълими забонӣ русӣ, ба хусус, ба корҳои илмию методии методистони машҳур Ф. И. Буслаев, К.Д. Ушинский, А. В. Текучев, М.Т. Баранов, Т. А. Ладыженкская, М. Р. Львов, А.В. Дудников, В. А. Добромыслов, И. Р. Палей, Н.С. Поздняков бештар мурочиат намудем. Ҳамчунин, дар ҷараёни кор, хусусан, ҳангоми иншои қисмати дуввуми он – «Таълими фаслҳои курси мактабии забони тоҷикӣ», ки аз 10 боб иборат аст, асосан, ба таълифоти методист акад. М. Лутфуллоев ва дигар методистони шинохтаи тоҷик - А. Эшонҷонов, Н. Маъсумӣ, С. Аминов, Қ. Рустамов, А. Каримов, Ғ. Маликов, М. Қурбонов, Ҳ. Ҳусейнов, Қ. Сангов, Ҳ. Искандарова ва боз ба гадқиқотҳои маъмуле, ки дар забоншиносии тоҷик баррасӣ гардидаанд, рӯ овардем.

Азбаски таълифи китоби мазкур – «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон аз тарафи мо ва ҳам дар ҷумҳурӣ таҷрибаи аввалин аст, шояд он аз баъзе нуқсонҳо орӣ набошад. Аз ин лиҳоз, ҳамаи нуктаҳои танқидии аз тарафи муқарризон асоснок кардашуда бо қаноатмандӣ ба эътибор гирифта мешавад.

Ниҳоят, аз фурсат истифода намуда, ба муқарризони расмӣ академики Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон М.Лутфуллоев, доктори илмҳои филологӣ А.Муллоев ва ба ходими пешбари Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ Ҷ. Саидов, ки китоби мазкурро пурра мутолиа намуда, баҳри сифати хуб рӯи кор омаданаш маслиҳатҳои муфид додаанд, ҳамчунин ба муҳаррири он – доктори илмҳои филологӣ, профессор Ф. Зикриёев арзи сипос менамоям.

Муаллиф. 25.12.2008

---

[2] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. с. 4

МАСЪАЛАҲОИ УМУМИИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

БОБИ 1. МЕТОДИКАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ҲАМЧУН ИЛМ

§1. *Предмет, вазифа ва мақсади* методикаи таълими забони тоҷикӣ

Фанни методикаи забони тоҷикӣ чун методикаи таълими фанҳои дигар ба зумраи фанҳои педагогӣ[4] мансуб буда, барои омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таълими самараноки забони тоҷикӣ ва дониши амиқ додан ба хонандагон аз ин фан яке аз воситаҳои пурзӯр ба шумор меравад. Чунки он методикаи таълими забони тоҷикӣ - ба муаллим, *пеш аз ҳама*, ба омӯзгори ҷавон, усулҳои дурусти ба хонандагон омӯхтани забони тоҷикиро ёд медиҳад, ӯро бо назарияи дар амал санҷидашудаи таълими забони модарӣ шинос мекунад, аз роҳҳои хатои кор бозмедорад, ба сӯи фаъолияти эҷодкорӣ ҳидоят менамояд.

Методика ба муаллим оид ба таълими грамматика, фонетика, луғат, имло, аломатҳои китобат, оҳанги талаффуз, услуби сухан ва роҳҳои инкишоф додани нутқи талабагон (нутқи мураттаби онҳо) дастурҳои мувофиқ медиҳад. Ин курс ба муаллим доир ба усулҳо (методҳо)-и баёни мавзӯъ, тартиб додани воситаҳои аёнӣ, интихоби мисолҳо (*тартиб додани онҳо*), истифодаи китобҳои дарсӣ, сохтани план (нақша)-конспекти дарс, нақшаи мавзӯӣ – тақвимӣ ва ғайра маълумотҳои назариявию амалӣ медиҳад. Ниҳоят, ба ӯ аз курси методикаи таълими забони тоҷикӣ тарзи ташкили дарс, хелҳо, типҳо ва сохту лаҳзаҳои мушаххаси дарсҳои забони тоҷикӣ, муайян кардани мақсади ҳар як типи дарс, системаи такрор дар дарсҳои забони тоҷикӣ, тарзи ташкил кардани корҳои беруназсинфӣ доир ба таълими забони тоҷикӣ, корҳои хаттӣ, санҷишӣ ва усули ташкилу *гузаронидани онҳо ва боз* бисёр масъалаҳои марбути таълиму омӯзиши забони тоҷикӣ маълум хоҳад гашт.

Барои ҳамин ҳам, чи қадаре ки муаллим дар усулҳои таълими забони тоҷикӣ моҳир бошад, ба ин кори наҷиб шавқу ҳавас дошта бошад, ҳамон қадар хонандагон ҳам дар омӯхтани забони тоҷикӣ рағбат пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, муаллим бояд роҳу усулҳои таълими забони тоҷикиро чи аз ҷиҳати назариявӣ ва чи амалӣ ба хубӣ донад. Зеро, чунон ки таъкид шудааст,

---

4.Чистяков В.М. Методика преподавания русского языка в таджикской школе.-Сталинабад:Учпедгиз, 1959, с. 12; Основы методики руского языка в IV-VIII классах.-М: Просвещение, 1978, с. 7.

«Мақсади ниҳоии таълими... (забони модарӣ-С.Ш.) дар мактаб - ин омӯзонидани мактаббачагон дар рӯҳияи дурусту озодона истифода кардани боигариҳои ... забони адабӣ чӣ дар нутқи шифоҳӣ ва чи дар шакли нутқи хаттии он мебошад»[5] Аз ин чиҳат барои ноил шудан ба ин мақсади воло барои омӯзгори забони тоҷикӣ дар баробари дониши амиқи забоншиносӣ доштан, ба хубӣ донистани методу воситаҳои таълими забони тоҷикӣ аз ҳар чиҳат ёрии амиқ хоҳад расонд.

Марбут ба нуқтаи фавқ «Махсусан бояд қайд намуд, ки методикаи (забони модарӣ.-С.Ш.) на танҳо (шарҳи.- С.Ш.) методу приёмҳои таълимро фаро мегирад, балки мавқею маврид, моҳият ва натичаи истифодаи амалии ҳар кадоми онҳоро вобаста ба хусусияташон... ва марбут ба маводи гуногуни таълимӣ нишон медиҳад»[6] ё худ таъкид менамояд. Илова бар ин, методикаи забони модарӣ «... бояд ба масъалаҳои мазмуни мушғулиятҳо (дарсҳо. – С.Ш.) сарукор дошта, барои мураттибони барнома (ва ҳам китобҳои дарсӣ.- С.Ш.) бояд ҳамчун заминаи боэътимоде хизмат намояд»[7]

Пӯшида нест, ки **яке аз вазифаҳои мактаб тайёр кардани одамони маданӣ, комилан саводнок ва донандагони хуби забони адабӣ мебошад.** Иҷрои ин вазифа мақсади олии коллектив-омӯзгорони ҳамаи фанҳо ба шумор меравад. Бояд тамоми омӯзгорон худ забони адабии тоҷик, меъёрҳои гуфтор, қоидаҳои орфоэпия, орфография ва пунктуатсияи забони тоҷикиро ба дараҷаи ҷавобгӯи талаботҳои муқарраршуда донанд, баҳри дар амал ҷорӣ намудани он талаботҳои корсозро дар назди шогирдон – хонандагони мактаб низ гузоранд. Онҳо на танҳо дар синф –ҳангоми дарсдиҳӣ, балки дар ҳама ҷо – дар коридору саҳни ҳавлии мактаб, дар муаллимхонаҳо, дар раставу бозорҳо, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ҳатто дар хона бо аҳли байташон ба забони адабии умумихалқӣ гуфтугӯ намоянду сӯҳбат ороянд, ки маҳз чунин амалро пеша кардани ҳамаи омӯзгорони кулли мактабҳои ҷумҳурӣ метавонад баҳри пиёда кардани он мақсади начиб – омода сохтани **одамони маданӣ, комилан босавод ва донандагони хуби забони адабӣ** заминаи эътимодноке гардад. Вале дар ҳалли ин вазифа ҳамеша мавқеи пешохангӣ зиёда ба

---

[5] Методические разработки по русскому языку в V-VIII классов в средней школы.-М. Госучпедгиз МП РСФСР, 1956, с.3.

[6] Основы методики русского языка и IV-VIII классах.-М.: Просвещение, 1978, с. 7.

[7] Палей. И.Р. Очерки по методике русского языка.-М.: Просвещение

дӯши муаллими забони тоҷикӣ ва таълими сифатан баланди фанни забони тоҷикӣ меафтад.

Чунки ба тавассути дарсҳои забони тоҷикӣ хонандагон на танҳо ҳамчун одамони маданӣ ва босаводу донандагони забони адабӣ, балки дар рӯҳияи дигар ғояҳои баланд ҳам тарбия карда мешаванд. Барои ҳамин ҳам, ба он сифату хислатҳо, сараввал, худи омӯзгорони забони тоҷикӣ сазовор бошанд, то ки таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои V-IX ва X-XI ба дараҷаи баланд ташкил карда шавад. Ва албатта, ба ин мақсад омӯзгор дар баробари дорои малакаи хуби забондониву дониши амиқи забоншиносӣ буданаш бе донистани методикаи асосноки таълими забони тоҷикӣ муваффақ шуда наметавонад.

Дар ин бобат омӯзгор, пеш аз ҳама, чӣ будани предмет ё худ объекти омӯзиши методикаи забони тоҷикиро бояд амиқ тасаввур, дарк ва эҳсос намояд. Пас, **предмети методикаи забони тоҷикӣ** чист? Он, предмети методикаи забони тоҷикӣ, чун предмети методикаи таълими ҳамаи забонҳои дигар, аз ҷумла чун предмети методикаи забони русӣ як чиз аст: **омӯзиши ҷараёни таълими забони модарӣ**, ки ҷабҳаҳои зеринро фаро мегирад: «а) мазмуну мундариҷаи таълим, маводи забонро, ки бояд аз худ карда шавад; б) фаъолияти омӯзгорро дар бобати интихоб ва баррасии мавод ба хонандагон ва аз тарафи ӯ ташкил намудани фаъолияти меҳнатию таълимии хонандагон дар бобати намоиш додани донишу маҳорат ва инкишофу пешрафти онҳо; в) фаъолияти хонандагонро марбут ба азхудкунии дониш, меҳнати эҷодии онҳо бо истифода аз маҳсули дониш ва маҳорату малакаашон;»[8]

Дар баробари дуруст фаҳмидану дарк намудани **предмети методикаи таълими забони тоҷики,** ҳамчунин зарур, аст, ки **вазифаи курси мазкурро** ҳам муаллим ва албатта, донишҷӯён - омӯзгорони ҷавони оянда – равшану возеҳ дарк кунанд, ки онро мутахассисони варзидаи методикаи забони русӣ ин тавр ба қалам додаанд: «Вазифаи курс-(курси методикаи забони модарӣ.-С.Ш.) ба донишҷӯён додани маълумотҳои минималӣ (асосӣ.-С.Ш.)-и назариявию амалист, то ки ҳамчун асоси маҳорату малака дар таълим додани забони… (модарӣ.-С.Ш.) ба онҳо кӯмак расонад; тайёр намудани донишҷӯён дар бобати дарки вазифаҳои маърифатӣ, тарбиявӣ ва инкишофёбандагии предмети мазкур; баланд бардоштани фаъолияти эҷодкорӣ ва (зарурати.-С.Ш.)

---

[8] Баранов М.Т., Ладыженская Т.А. и др. Методика преподавания русского языка.-М.:Просвещение, 1990, с. 6.

омӯзиши таҷрибаи пешқадами мактабҳо (аз тарафи онҳо.-С.Ш,)»[9]

Омӯзгори ҷавонро зарур аст, ки баробари амиқ донистани предмет ва вазифаи курси методикаи забони тоҷикӣ моҳият ва вазифаи амалии омӯхтани забони тоҷикиро дар мактаб равшан дарк кунанд ва аз пайи таргиби он низ бошад: Омӯхтани забони тоҷикӣ, алалхусус, грамматикаи он, барои инкишофи тафаккури талабагон нақши муҳиме мебозад, зеро ки онҳо фикр карда, ҳодисаҳои гуногуни забонро бо ҳам муқоиса мекунанд, аломатҳои барҷастаи ҳодисаҳои грамматикиро ҷудо мекунанд, маводро ҷамъбаст менамоянд ва ба тартиб медароранд. Дар ин бобат ҳаминро ҳам бояд ба назар гирифт, ки омӯхтани забони тоҷикӣ барои аз худ кардани забонҳои дигар, аз ҷумла забони русӣ ва англисӣ асос ҳисоб меёбад, ки тасдиқи ин нукта аз гуфтори зерини методист Палей Р.И. низ бармеояд: «Омӯхтани грамматикаи забони модарӣ дар мактаб боз як аҳамияти амалиро дорост: азхудкунии забони хориҷиро сабук мекунад (метезонад.-С.Ш.) Донистани грамматикаи забони модарӣ барои аз худ намудани грамматикаи забонҳои ғайр кӯмак мерасонад»[10]. Зиёда аз ин, хуб донистани забони модарӣ барои аз бар намудани ҳамаи фанҳои дигари таълим дар мактаб замина ё худ воситаи пурзӯру тавоно маҳсуб меёбад. Чунин нуктаро методисти шинохтаи рус А.М.Пешковский ҳанӯз барвақт дарк намуда, грамматикаро «зинаи ҳама гуна донишҳо» номидааст, ки «аз он нагузашган номумкин аст»[11]

Маълум, ки талабагон забони тоҷикиро ҳанӯз дар синфҳои ибтидоӣ омӯхта, дар бораи қонуну қоидаҳои он маълумоти ибтидоӣ мегиранд. Дар синфҳои V-IX бошад забони тоҷикӣ ва грамматикаи он мураттаб таълим дода мешавад. Онҳо дар синфи V аз ҷиҳати илмӣ овозҳои нутқ, роҳҳои пайдоиш ва ташаккули онҳо, қоидаҳои талаффузи дуруст, таркиби луғати забон ва қоидаҳои калимасозиро аз худ намуда, ба омӯзиши қоидаҳои имло шурӯъ мекунанд. Сипас, аз чоряки II сар карда то охири синфи IX дониши талабагон доир ба морфология, синтаксис ва ҷиҳатҳои амалии он – имло ва аломатҳои китобат такмил дода мешавад. Дар ин муддат дар баробари афзун намудани дониши назариявӣ, ганӣ гардонидани таркиби луғавии забон ба инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ (таҳрирӣ)-и онҳо низ эътибори

---

[9] Ҳамон ҷо, с. 7.

[10] Палей Р.И. Очерки по методике русского языка.- М.: Просвещение, 1965,с.11.

[11] Пешковский А.М. Избраные труды.-М.: Учпедгиз, 1959, с. 128.

калон дода мешавад. Дар синфи X бошад, дониши аз қисматҳои гуногуни забон (фонетика, луғат калимасозӣ, морфология ва имло, синтаксис ва аломатҳои китобат) гирифтаи хонандагон дар заминаи коркарди машқу супоришҳои гуногун ба тариқи амалӣ мустаҳкам гардида, дар синфи XI, асосан, зимни иҷрои корҳои хаттии санҷишии гуногун (нақлҳои хаттӣ, иншоҳои гуногун ва такмили он, навиштани ҳикояҳои нақлмонанду репортажҳои ҳархела ва ғ.) нутқи мураттаби хонандагон боз ҳам такмил дода, тасаввуроти илмии онҳо доир ба моҳият ва баррасии ин гуна корҳои хаттии санҷишӣ то ҳадди ақал афзун гардонида мешавад.

Ҳаминро ҳам дар назар бояд дошт, ки ҳамаи соҳаҳои забон дар мактаб аз рӯи принсипи пайдарҳамӣ ва алоқамандии байниҳамдигарии бобу мавзӯъҳои таркибиашон таълим дода мешаванд. Бинобар ин, зарур аст, ки як соҳаи забонро таълим дода истода, соҳаи дигараш (бобу фаслҳои пеш омӯхташуда) фаромӯш нагардад. Масалан, ҳангоми таълими морфология синтаксис ва дар вақти таълими синтаксис донишҳои морфологии шогирдон такрор карда мешавад ва ё дар заминаи такя намудан ба он донишҳо бояд синтаксис омӯзонида шавад. Мисли ҳамин дар рафти таълими ҳиссаҳои нутқ маводи луғатомӯзӣ ва дар асноі омӯхтани синтаксис орфография такрору мустаҳкам карда мешавад, ки ба ин нукта дар барномаи охирини забони тоҷикӣ (с. 2006) диққати ҷиддӣ дода шудааст. Ниҳоят, таъкид бояд кард, ки масъалаҳои фонетика (овозшиносӣ), калима (луғат) ва калимасозӣ дар якҷоягӣ бо морфология барои аз худ намудани қоидаҳои имло ва синтаксис баҳри азхудкунии мавридҳои истифодаи аломатҳои китобат заминаи асосӣ ба шумор мераванд. Бинобар ин, чи қадаре ки грамматика дуруст таълим дода шавад, ҳамон қадар хонандагони мактаб қоидаҳои имло ва аломатҳои китобатро на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки амалан ҳам аз худ хоҳанд намуд. Барои он ки ҳамин мақсад ба даст ояд, методикаи таълими забони тоҷикиро ба хубӣ донистани муаллим шарт аст. Яъне муаллими филолог на танҳо фанни забони тоҷикӣ, балки усули таълими онро ҳам бояд хуб донад ва хуб таълим дода ҳам тавонад.

§2. Алоқаи методикаи таълими забони тоҷикӣ бо фанҳои дигар

Фанни методика азбаски ба силсилаи фанҳои педагогӣ маҳсуб аст, чун педагогика предмети ҷамъиятӣ ҳам ба шумор меравад. Аз ин рӯ, методикаи таълими забони тоҷикӣ, сараввал, бо фанҳои ҷамъиятӣ (философия, забоншиносии умумӣ, забони

адабии ҳозираи тоҷик, шевашиносӣ, педагогика ва таърихи он, психология, адабиёт ва таърихи он, бо фанни физиология, махсусан, бо таълимоти И.П. Павлов ва шогирдони ӯ дар бораи физиологияи майнаи одам ва ғ.)[12] алоқаи ногусастанӣ дошта, маҳз ҳамин фанҳо асосҳои илмии курси мазкур-методикаи таълими забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Алоқамандии фанни методикаи забон бо фанҳои номбурда аз он ваҷҳ зарурат дорад, ки барои таълими дурусти забони тоҷикӣ, барои дар амал иҷро намудани вазифаҳое, ки ба ӯҳдаи мактабҳои имрӯзаи Тоҷикистон гузошта шудааст, муаллим бояд бо ҳамаи назарияи таълиму тарбия такя намояд. Ӯ, пеш аз ҳама, бо асосҳои методологии фанни фалсафа ва фикру ақидаҳои умумибашарии классикони барҷастаи адабиёт ва таърихи он мусаллаҳ бошад.

Нахуст, фанни методика бо **фалсафа**, ки ҳамчун сутунмӯҳраи илмҳои ҷамъиятшиносӣ эътироф шудааст, алоқаи зич дорад. Он яке аз эҳёгарони асосҳои методологии фанни методика, баёнгари мақсад ва вазифаҳои он ба шумор меравад. Хусусан, **назарияи** фалсафии **дониш** (идрок ва ё фаҳмиши олам) таъкид мекунад, ки рох ба сӯи ҳақиқат тариқи санҷиши амалӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Вале истифодаи оқилонаи дониш тавассути воситаҳои забон ва маънавиёти бузурге, ки аз тарафи инсоният ва ҳар халқи ҷудогона гирд оварда шудааст, ба насли нав ба воситаи воҳидҳои забон - калима, таркибу ибораҳо, ҷумла ва матн расонида мешавад. Аз ин рӯ, аз худ намудани забон, ба маънои томаш, донистани алоқаи давру замонҳо, аз бар намудани мероси маънавию ботинии чандин насл мебошад.

Чунон ки гуфтем, ҳаққонияти дониш дар ҷараёни таҷриба санҷида мешавад. Мисли ҳамин омӯхтани забон, яъне воҳидҳои азбаркунии он (калима, ҷумла, матн), ҳақиқатан ҳам, бояд дар таҷриба ва амалиёти фардиву ҷамъиятии хонандагон- чи дар фаъолияти маънавию меҳнатӣ ва чи дар фаъолияти эҷодиашон истифода шаванд.[13]

Дуввум, методика, ҳамчун як ҷузъи силсилаи фанҳои педагогӣ, бо **педагогика** – бо қисмати **дидактикаи** он, ки ба омӯзишу баррасии масъалаҳои умумии таълим сарукор дорад, алоқаи зич дорад. Яъне методикаи таълими забони тоҷикӣ ба фанни педагогика, ки хусусан, принсипҳои умумиидидактикии

---

[12] Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка. –М.: Учпедгиз, 1956.с.5; Баранов М.Т., Ладыженская Т.А. и др. Методика преподавания русского языка, с. 7-12.

[13] Баранов М.Т. .Ладиженская и др. Методика преподавания русского

таълимро муқаррар мекунад, такя намуда, зарурат ва мавриди истифодаи он принсипҳоро дар алоқамандӣ бо принсипҳои хоси таълими забони модарӣ талқин мекунад. Зеро аксари принсипҳои умумидидактикии таълим (аз ҷумла принсипҳои илмӣ ва пайдарҳамӣ, алоқаи назария бо амалия, аёният ва принсипи муносибати фардӣ бо талабагон) дар таълими забони тоҷикӣ пурра татбиқшавандаанд, ки доир ба аҳамият ва махсусиятҳои ин принсипҳо баъдтар маълумоти муккамалро пешниҳод хоҳем кард.

Нуқтаи дигаре, ки методикаро бо дидактика мепайвандад, методҳои таълим аст. Он методҳои таълим, ки дар ҳамон қисмати дидактика тафсир ва гурӯҳбандӣ (классификатсия) шудаанд, бештарашон дар таълими забони тоҷикӣ нақши калон доранд.[14] *Инчунин, нуктаи дигаре, ки алоқаи методикаро бо дидактика таъмин месозад, дар истифодаи истилоҳоти муштарак, аз қабили* **мақсади таълим, алоқаи байниҳамдигарии фанҳо, дарс, китоби дарсӣ**[15] ва ғайра, ки дар ин замина истилоҳоти **дарси забони тоҷикӣ, дарс аз грамматика, китоби дарсии синтаксис, малакаҳои орфографӣ, алоқаи байниҳамдигарии қисматҳои забони тоҷикӣ, машқҳо доир ба имлои исм ва сифат** ва боз истилоҳоти дигарро метавон номбар кард.

Саввум, методика бо фанни равоншиносӣ (психология) низ алоқаи зич дорад. Зеро барои хуб таълим додани забони тоҷикӣ ҳар як омӯзгорро лозим аст, ки дорои дониши хуби психологӣ бошад. Яъне ӯ доир ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон маълумоти қонеъкунанда дошта бошад, то ки дар ҳар синф вобаста ба ҷаҳонбинӣ ва инкишофи қобилияташон фаъолият кунад. Ба ҷуз ин, мафҳумҳои **дониш, маҳорат ва малака** , ки ҳамчун истилоҳ дар курси методика истифода мешаванд, пеш аз ҳама, марбути истилоҳоти психология ҳам мебошанд. Фанни мазкур ба омӯзгор кӯмак мекунад, ки фаъолияти хонандагонро доир ба ин ё он усули кор, масалан, дараҷаи ичрои супориши грамматикӣ (чунончи, бо префиксу суффиксҳои додашуда сохтани калимаҳо, иваз намудани баъзе калимаҳои матн бо синонимашон, пурра намудани ҷумлаҳои нотамом ва ғайра) ё худ сохтани матнҳои фардӣ (навиштани иншо, нақли хаттӣ, мақола ба рӯзномаи деворӣ ва г.) фаҳмад ва баҳо диҳад.

Ва чаҳорум, албатта, методикаи забони тоҷикӣ бо фанҳои забоншиносӣ забоншиносии умумӣ, забони адабии ҳозираи тоҷик, шевашиносӣ ва соҳаҳои дигари забоншиносии тоҷик

---

14. Ҳамон ҷо саҳ. 9.
15. Ҳамон ҷо саҳ. 10.

зиёда алоқамандии ногусастаниву доимӣ дорад. Зеро агар дидактика фаҳмиши омӯзгорро бо ҷараёни шакли умумигирифтаи таълим мусаллаҳ намояд ҳам, он ба мазмуну мундариҷаи мушаххаси таълими фан сарукор надорад, методика аз он, асосан, нуктаҳои махсусро қабул менамояд. Аммо алоқаи методикаи забони тоҷикӣ бо забоншиносӣ дигаргунатар сурат мегирад.

Дар ин бобат, пеш аз ҳама, маълум аст, ки ҳодисаҳои забон бо системаи муайян ташаккул ёфтаанд, аз ин хотир, методика талқин мекунад, ки таълими он дар мактаб дар заминаи принсипи системанокӣ ё худ муттасилӣ ҷараён гирад. Яъне таълими ҳамаи соҳаҳои забон (фонетика, лексика, калимасозӣ, морфология, синтаксис) ва қисмату бобҳои таркибии онҳо бояд дар алоқамандию принсипи пайдарҳамӣ ба роҳ монда шаванд. Зеро талаб карда мешавад, ки бояд мактаб ба тарбиятгирандагони худ дар бораи забони модарӣ, ки яке аз фанҳои муҳими инсонгароист, дониши мукаммалу қонеъкунандаро диҳад, чунки забон низ чун меҳнат инсонро аз олами ҳайвонот фарқ мекунонад, шахсиятро дар ӯ эҷё месозад ва ӯро ба фаъолияти ҷамъиятӣ раҳнамо мешавад.

Методика, ҳамчун илм, бо таърихи забони тоҷикӣ (грамматика ва фонетикаи таърихӣ), ҳамчунин, бо фанни шевашиносӣ низ алоқаманд аст. Хусусан., алоқаи он бо шевашиносӣ дар рафти методу усулҳои кор марбут ба баланд бардоштани маданияти нутқи хонандагон ва азхудкунии меъёрҳои талаффузи адабӣ аз тарафи онҳо зарурати беҳад пайдо мекунад[16]. Ин нукта, албатта, дар сурате ҳаллу фасли ҳақиқии худро меёбад, ки агар омӯзгор дониши хуби шевашиносӣ дошта, аз хусусияти маҳалу лаҳҷаи шогирдони хеш хуб бохабар бошад.

Талаб карда мешавад, ки дар байни грамматикаи мактабӣ ва илмӣ то андозае умумияту шабеҳият, ҳамчун меъёр, нигоҳ дошта шавад. Яъне асосҳои аз тарафи кулли забоншиносон эътирофшудаи навигариҳои илми забоншиносӣ, хусусан, падидаҳои беҳини грамматикаи он бояд дар грамматикаи мактабӣ инъикоси худро ёбанд, то ки ҷанбаи илмии он бештар гардад. Чунончи, аз солҳои 50-уми асри XX ин тараф тадриҷан ба грамматикаи мактабӣ ворид гардидани маълумотҳо доир ба ҷумлаҳои чидааъзо, аъзоҳои истисноии ҷумла, калимасозӣ, ибора, алоқаи калимаҳо дар ҷумла, ҳол ва ҳелҳои он ва дар таҳлили грамматикӣ ҷорӣ шудани равияи структурӣ-маъноӣ (дар як вақт ба инобат гирифтани сохту маъно ва вазифаи

[16] Ҳамон ҷо, с. 12

грамматикии калима) аз ҷумлаи он навигариҳост, ки методика доир ба методу усулҳои таълими онҳо ба муаллим дастурҳои мувофиқ медиҳад.

Методика талқин мекунад, ки муаллими забони модарӣ (тоҷикӣ) бо адабиёт, махсусан, бо адабиёти бачагона ба хубӣ шинос бошад, зеро ки асоси маводи дарсҳои забони тоҷикиро ӯ бештар аз он интихоб мекунад, то ки ҳодисаҳои забонро зимни он мисолҳои интихобкардааш барҷаста намоиш диҳад. Агар он мисолҳо аз маводи дар дарсҳои адабиёт мутолиакардаи хонандагон интихоб гардида бошад, боз ҳам бехтар аст, чунки аз рӯи мисолҳои шинос кор бурдан барои амиқтар фаҳмидани мафҳуми ҳодисаҳои забон бештар даст медиҳад.

Ниҳоят, методикаи таълими забони тоҷикӣ бо таҷрибаи пешқадами омӯзгорони мактабҳои ҷумҳуриамон ва мактабҳои ҷумҳуриҳои бародар алоқаи қавӣ дошта, аз ҷумла донистани ғояҳои пешқадами методикаи забони русӣ барои муаллимон баҳри пурмазмуну самарабахш ташкил намудани машғулиятҳо аз забони тоҷикӣ аз ҷиҳати илмӣ ва чи амалӣ кӯмак хоҳад кард. Ба хусус, ҳар як омӯзгори забони тоҷикии синфҳои V-IX бо таҷрибаи муаллимони ҳамкасби худ, бо тарзи тадриси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, бо мазмуну мундариҷаи барнома ва китобҳои дарсии забони тоҷикии он синфҳо шинос бошад. Ин амал ба ӯ имкон медиҳад, ки дар фаъолияти омӯзгории худ, аз рӯи зарурат, гоҳо аз маҳорату малакаи корсози он омӯзгорон истифода карда, ба чизҳои медонистагии хонандагон вақтро беҳуда сарф накарда, барьакс, дар ин бобат ҳангоми таълими мавзӯъҳои дорои ҷузъҳои такрор буда ба дониши онҳо такя намояд.

Дар охир муаллими забони тоҷикиро зарур аст, ки аз он ҳама асосҳои илмии методикаи таълими забони тоҷикӣ, яъне аз он фанҳое, ки методикаи забони тоҷикӣ бо онҳо алоқа дорад, донишу маҳорат ва малакаи эътимоднок дошта, бо адабиёти методие, ки дар маҷаллаҳои «Маърифати омӯзгор», «Маорифи Тоҷикистон», «Русский язык в школе» ва ҳафтаномаи «Омӯзгор»-у «Учителькая газета» чоп мешаванд, инчунин, бо нишондодҳои методӣ, корҳои илмӣ-методӣ шинос бошад. Ӯ бояд эҷодкор бошад, нишондодҳои методӣ, дастуруламалҳо ва таҷрибаҳои муаллимони пешқадамро дар амал санҷад ва эҷодкорона такмил ҳам диҳад. Чунон ки методист **Поздняков Н.С.** дар ин бобат хушдор додааст: «Роҳи боваринок ба сӯи муваффақият – ин тақлиди кӯркӯронаи як муаллим ба дигараш набуда, балки

вобаста ба шароити муайян (аз тарафи ӯ.-С.Ш.) интихоб кардани усулҳои аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда аст.»[17]

§3. Аз таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ

Ҳар як омӯзгори забони тоҷикиро лозим аст, ки бо назарияи таълими забони модарӣ шиносоии амиқ дошта бошад. Дар ин бобат, пеш аз ҳама, барои ӯ донистани мероси методии гузаштагон марбут ба вазъи ҷараёни пайдоиш ва таҳаввулоти методу усулҳои таълими забони тоҷикӣ шарти аввалиндараҷа ба шумор меравад. Зеро донистани мероси методӣ, ки чи дар системаи таълимии забони модарӣ дар мактабҳои даврахои пеш мавриди истифода буду чи дар мактабҳои ҳозиразамон истифода мешавад, ба омӯзгор барои дуруст таълим додани забони тоҷикӣ имкониятҳои зиёдеро фароҳам меоварад. Ҳамчунин муаллими забони тоҷикиро зарур аст, ки баҳри баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорати омӯзгориаш бо назарияҳои эътирофшудаи методистони халқиятҳои дигар, махсусан, бо дастовардҳои методистони машҳури забони русӣ шиносоӣ дошта бошад.

Бояд тазаккур дод, ки доир ба методу усулҳои таълими забони тоҷикӣ то ба даврои ташкили мактабҳои замони собиқ Давлати Шӯравӣ дар Тоҷикистон, маълумотҳо басо маҳдуд мебошад. Вале он маълумотҳои мавҷуда ҳам бештар ба таълими савод – хат ва хондан- дар мактабҳои пешазинқилобӣ, ки дар маъхазҳо бо номҳои **мактабҳои кӯҳнаи мусулмонӣ, мактабҳои русӣ-маҳаллӣ ва мактабҳои усули нав** ёдовар мешаванд, таалуқ доранд, на ба таълими забони тоҷикӣ ва грамматикаи он. Ин ҳолати таълим, аниқаш, дар Осиёи Миёна (дар шаҳрҳои *бонуфузи он* Самарқанду Бухоро, Тошканду Хуҷанд ва деҳоти атрофи он шаҳрҳо) аз даврои истилои арабҳо оғоз ёфта, то ташкили мактабҳои усули нав, асосан, то ғалабаи инқилоби Октябр дар ин сарзамин идома ёфтааст. Вале маҳз доир ба методу усулҳои таълими забони тоҷикӣ, ки то даврои ҳуҷуми арабҳо ба Осиёи Миёна чӣ гуна буд, дар маъхазҳо ягон маълумоти дақиқ дода нашудааст. Фақат ҳамин нукта маълум аст, ки ниёгони мо – суғдиҳо то омадани арабҳо мактабҳои худро доро буда, дар он писарон аз синни 5-солагӣ ба таҳсил фаро гирифта мешуданд ва мактабҳо, аслан, дар шаҳрҳо арзи вуҷуд дошта, таълимашон бо забони суғдӣ бурда мешудааст.[18]

---

17. Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 3.
18. Арипов М. Из истории педагогической мысли таджикского народа.- Душанбе,1962, с. 37

Аммо, мувофиқи хулосаи методист Қ. Рустамов, «дар системаи таълими мактаб ва мадрасаҳои кӯҳна грамматикаи забони тоҷикӣ» бо вуҷуди ҳамчун фанни махсус омӯхта нашуданаш, мавқеи бағоят калон доштааст. Дар ин бобат хулосаи дақиқи ӯ ин аст, ки «дар мактаб ва мадрасаҳои мусулмонӣ бе мадади забони модарӣ омӯхтани ҳуди забони арабӣ берун аз имкон буд.[19] Аз ин ваҷҳ, барои хуб аз худ кунонидани забони арабӣ хилофати арабро лозим буд, ки аз забони модарии халқҳои сарзамини Осиёи Миёна истифода барад. Бо ҳамин мақсад арабҳо баҳри пурра ҷорӣ намудани забони арабӣ дар аксари мактабҳо шахсони таҳҷоии арабидонро муаллим таъин мекарданд, ки онҳо бояд забони арабиро дар алоқамандӣ бо забони тоҷикӣ таълим медоданд.[20] Вале таъкид бояд намуд, ки хусусан, дар мадрасаҳо ҷараёни маънидоди меъёрҳои грамматикаи забони арабӣ бо забони тоҷикӣ тадричан барои инкишоф ва дақиқтар гардидани меъёрҳои грамматикии забони тоҷикӣ (бештар меъёрҳои морфологӣ) низ нақши калон бозидааст.[21] Ғайр аз ин, маҳз дар мадрасаҳо бештари фанҳои диниву таълимӣ аз қабили адабиёт, ҷуғрофия, тиб ва ғайра бо забони тоҷикӣ таълим дода мешуданд, ки ин далели бебаҳо аст.[22] Аммо дар ҷараёни таълим нақши асосиро бештар доро будани забони тоҷикӣ аз давраи ташкили мактабҳои усусли нав дар Осиёи Миёна (дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX)[23] оғоз ёфтааст. Зеро «... моҳияти прогрессивӣ дар системаи мактабҳои усули нав он буд, ки бо забони модарӣ гузаронидани таълими савод, омӯхтани нормаҳои грамматикии забони модариро дар мадди аввал мегузошт.»[24]

Бояд гуфт, ки методу усулҳое, ки дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ ва грамматикаи он истифода мешаванд, низ таърихи худро дороанд. Масалан, методи **суҳбат, нақл (ҳикоя), мубоҳиса, шарҳдиҳӣ-эзоҳӣ** дар мактабҳои кӯҳна ва мадрасаҳо истифода карда мешуданд.[25] Таърихи пасазинқилобии таълими забони тоҷикӣ, ки ба давраи Шӯравӣ рост меояд, «бо фанни

---

19. Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб.- Душанбе. 2001. с.9-10.
20. Ҳамон ҷо, с. 78- 87.
21. Ҳамон ҷо, с. 124.
22. Ҳамон ҷо, с. 140.
23. Ҳамон ҷо, с. 220 – 247
24. Ҳамон ҷо, с. 258
25. Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб, [illegible] 2003. с. 376

педагогика, ки маҷмӯи методу усулҳои таълимиро дар худ акс мекунад»[26], ба инкишофу пешрафти он, ба хусус, алоқамандӣ бо фаро гирифтани мероси методӣ, аз ҷумла идеяҳои пешқадами методистони забони русӣ, оид ба таълими забони модарӣ ғанитар гардонидааст. Ба ифодаи дигар, методикаи таълими забони тоҷикӣ пас аз инқилоб чи дар давраи шӯравӣ ва чи имрӯз, яъне дар давраи соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон, ба ду манбаъ – методологияи гузашта ва методологияи педагогика такя мекунад.[27]

Чунон ки далелҳои таърихӣ собит менамоянд, дар мактабҳои давраи шӯравии Тоҷикистон, илова ба он методҳое, ки то давраи инқилоб дар мактабу мадрасаҳои кӯҳна мавриди истифода буданд, **истифодаи таҷрибаи пешқадами** омӯзгорон, ки дар заминаи истифодаи методу воситаҳои гуногуни маҳсулнок эҷӣ шудааст, зам мегардад. Баъдтар дар натиҷаи, ҳамчун фанни мустақил, омӯхта шудани забони тоҷикӣ ва грамматикаи он, методҳои нав бо унвони **методҳои тадқиқотӣ*** ва **мушоҳида** ҷорӣ ва паҳн мегарданд, аз ин методҳо зиёда ҳангоми таҳлили ҳодисаҳои забонӣ имрӯз ҳам истифода мебаранд[28].

Хусусан, аз 25 августи соли 1932 баррасӣ шудани қарори КМ ВКП (б) бо унвони «Дар бораи барномаҳои таълим ва режим дар мактабҳои миёна ва ибтидоӣ» барои мустаҳкам шудани мавқеи таълими забони модарӣ ва грамматикаи он дар мактаб кӯмаки беандозае буд. Қарори мазкур на танҳо вазифа ва мақсади асосии таълими забони модарӣ ва методҳои асосии таълими онро муайян намудааст, балки дар мӯҳлати кӯтоҳ масъалаи бо барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии забони модарӣ таъмин намудани мактабҳоро низ ба миён гузошта буд. Бояд гуфт, ки бо ҳал шудани масъалаҳои мазкур дар Тоҷикистон дар байни муаллимон ва методистони забон ва адабиёти тоҷик эҷодкориҳо равнақ ёфта, дар дарсҳо ҳангоми таълими грамматика ва имлои забони тоҷикӣ аз методу усулҳои нави

---

26. Ҳамонҷо, с. 376

27. Ҳамон ҷо, с. 376

* **Эзоҳ.** Ба назари мо, методи тадқиқотӣ дар солҳои 70-уми асри XX бо унвони **таълими проблемавӣ** маълум гаштааст, ки ташаббускори онро ба таҷрибаи пешқадами муаллимони шаҳрҳои Москва, Қазон ва вилояти Липетски Россия мансуб медонанд. Гап дар сари он аст, ки дар заминаи ин ҳар ду метод ҳам фаъолияти мустақилонаи шогирдон дар ҳалли ин ё он ҳодисаи марбути фанни таълим, аз ҷумла забони тоҷикӣ, дар мадди назар аст.

28. Ҳамон ҷо, с. 376-377

таълим, аз қабили **кор бо китоби дарсӣ, аёният** (дар ибтидо аз таблитсаҳо ва баъдтар аз воситаҳои техникии таълим), **схема, расмҳо, санҷиши** (тафтиши) **дафтари хонандагон, системаи машқҳои гуногун** (таҳлили ғармматикӣ ва лексикӣ, имлоӣ ва пунктуатсионӣ), **корҳои мустақилонаи талабагон** (рӯбардоркунӣ, диктантҳои огоҳӣ ва шунавонӣ, тартиб додани дафтари луғат)-ро истифода менамуданд[29], ки ин гуна шаклҳои кор баҳри пурмазмуну пурмӯҳтаво ба роҳ мондани таълими забони тоҷикӣ ҳатман мусоидат менамуданд. Ҳамчунин, дар аввалҳои солҳои 40-уми асри XX қарори СКХ **ИҶШС** дар бораи гузаштан ба системаи панҷбалии баҳодиҳӣ ба дониши хонандагон зуҳуроти нав дар соҳаи инкишофи маорифи халқ ба шумор рафта, барои беҳбудии сифати корҳои таълимӣ дар мактаб нақши басо калону мусбиро бозидааст, ки ин чорабинӣ низ баҳри баланд бардоштани сифати таълими забони тоҷикӣ ҳатто дар шароити имрӯзаи таълим яке аз чораҳои корсоз ба шумор меравад.

Сарфи назар аз он, ки нисбат ба ҳамин гуфтаҳои фавқ бояд муаллими забони тоҷикӣ тасаввуроти дақиқ дошта бошад, ӯро лозим аст, ки дар худ донишу маҳорат ва малакаҳои назариявию методии таълими забони модариро сайқал ва инкишоф диҳад. Чунон ки гуфтем, дар ин бобат барои ӯ, пеш аз ҳама, донистани идеяҳои пешқадами методистони забони русӣ оид ба таълими забони модарӣ аҳамиятноканд. Хусусан,, донистани масъалаҳои зерин, ки баҳри боз ҳам хубтару самаранок ба роҳ мондани таълими забони тоҷикӣ дар мактаб зарурат доранд:

1)мақсад ва вазифаи таълими забони модарӣ ва грамматикаи он;

2) роҳҳои умумии таълими грамматика; 3) вобастагии назария бо амалия дар ҷараёни таълими забони модарӣ; 4) пайдарҳамӣ ва мутғасилӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ; ва ниҳоят масъалаи 5) дастрас ва фахмо будани маводи грамматика ба хонандагон.

Бояд гуфт, ки доир ба ҳамаи ин нуктаҳо методистони пешқадами забони русӣ беҳтару бештар ибрози ақида намудаанд. Муаллим бояд он ақидаву нишондодҳоро зимни мулоҳизаҳои дуруст дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ истифода ё худ гатбиқ намояд, то ки таълими ин фан аз тариқи бояду шояд хуб ба роҳ монда шавад.

Инак, доир ба он панҷ масъалаи ба ақидаи мо дар мадди аввали таълими забони модарӣ буда методистони рус назария ва андешаҳои зеринро пеш рондаанд:

---

[29] Ҳамон ҷо, с.378

Доир ба масъалаи аввал – **мақсад ва вазифаҳои таълими забони модарӣ ва грамматикаи он** – методистони рус Ф.И. Буслаев, Ф.Ф. Фортунатов ва боз дигарон қайд намудаанд, ки таълими грамматикаи забони модарӣ барои инкишофи тафаккур, қобилияти фикр баён кардани кӯдакон аҳамияти калон дорад.[30] Аз ҷумла, асосгузори илми методикаи забони русӣ Ф.И. Буслаев оид ба масъалаи аввал гуфтааст, ки «...таълими забони модарӣ ва грамматикаи он воситаи пурзӯрест барои зоҳир намудани тамоми қувваи маънавии талаба»[31]. Ин нуктаро методисти дигар – В.А. Кендзерский дастгирӣ намуда, афзудааст, ки «мақсади таълими забони модарӣ..., дар навбати аввал, иборат аз он аст, ки қобилияти фикрии кӯдаконро зоҳир (бедор) намуда, тараққӣ диҳад, мустаҳкам намояд ва дар айни ҳол хониши бурро ва ҳусни хати онҳо дар мадди назар бошад.[32]

Мақсади таълими грамматика, албатта, фақат иборат аз дуруст хондан ва навиштанро омӯзонидан нест. Балки иборат аз он ҳам аст, ки талабагон бояд қонунҳои забони модарии худро фаҳманд. Бинобар ин, кӯшиш бояд ба харҷ дод, ки он бо ҳодисаҳои он забоне, ки бо вай фикр мекунанд, шуурона муносибат кунанд.[33]

Доир ба масъалаи дуюм – **роҳҳои умумии таълими грамматика**-ақидаи В.И. Буслаев зиёда қобили қабуланд. Ӯ роҳҳои умумии таълими забонро дар мачмӯъ ба се давра ҷудо намудааст. Чунончи, аз рӯи нишондодҳои ӯ бояд давраи аввали омӯхтани забони модарӣ ба тариқи амалӣ сурат бигирад. Яъне дар ин давраи таълим талабагон бояд ҳодисаҳои забон ва шаклҳои грамматикиро бе қоидаву таърифоти грамматикӣ омӯзанд. Ба ифодаи дигар, давраи якум ба огози таълим дар синфи якум марбут буда, дар 8-10 рӯзи аввал омӯхтани ҳодисаҳои забон тариқи шифоҳӣ аз тарафи хонандагон, вале таҳти сарварии муаллим сурат мегирад. Дар ин давра хонандагон предметҳои муҳити зисти худро чи дар синф ва чи дар атрофи мактаб аввал алоҳида ва баъд дар қолаби ибора (**дарахт** - дарахти баланд, дарахти мевадор, дарахти сербарг; **санг** - санги

30.Ниг. Буслаев Ф.И. О преподавании оттечественного языка.М-1844, с.4-5; Фортунатов Ф.И. Избрание груды, т 2.-М, 1957, с.429

31. Буслаев Ф.И. О преподавании оттечественного языка с.4-5

32. Кендзерский В.А. Несколько слов о насущной потребности рациональной методики по грамматике русского языка.-Варшава, 1891, с.17

33.Ниг. Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе.-М.: Провещение, 1977, с.6

кабуд, санги вазнин, санги суфта; **осмон** -осмони васеъ, осмони абрнок) ва ё аввал дар шакли танҳо баъд дар шакли ҷамъ (**дарахт** - дарахтон, **талаба** - **талабагон, гул** - **гулзор**) номбар намуда, баъдан аз он калимаву ибораҳо ба сохтани ҷумлаҳо (Дар рӯи ҳавлии мактаб даҳто дарахт ҳаст. Зардолу дарахти сербарг аст. Талабагон дар рӯи ҳавлии мактаб сайругашт мекунанд) мепардозанд ва ғ. Чунон ки мебинем, иҷрои чунин амалҳо дар давраи омӯзиши аввали забон, агар аз як тараф таркиби луғавии нутқи хонандагонро бой намоянд, аз тарафи дигар, баҳри инкишофи нутқи (даҳонӣ) мураттаби онҳо мусоидат ҳам хоҳанд намуд.

Ф.И. Буслаев марбут ба давраи дуюми омӯхтани забон таъкид намудааст, ки дар рафти машғулиятҳо таҳлил ҳам зам карда шавад, то ки дар ин марҳила хонандагон доир ба шаклҳои грамматикӣ (калима, суффикс, префикс, ибора, ҷумла) ҳам тасаввурот пайдо намоянд.[34] Чунончи, дониад, ки ҳар як номи предмет, аломат ва амали он (кӯҳ, дарахт, зебо, баланд, омад, гирифт) дар забон **калима** номида шуда, ҳар ҳиссае, ки пеш ва ё баъд аз калима (реша) ҳамроҳ шуда (**китоб** - китоб**ҳо**, китоб**ча**, **бе**китоб; **хона** - **ҳам**хона, хона**гӣ**, хона**ҳо**) шакл ва маънои онро тағйир медиҳад, **суффикс** ё **префикс** номида мешаванд. Ду ва ё якчанд калима бо ҳам алоқаманд шуда, фикри тамомшударо (Баҳор омад. Баҳор барвақт омад. Баҳор фасли зебо аст; Модарам омад. Модари ман муаллима аст. Ман модарамро дӯст медорам ва ғ) ифода кунанд, **ҷумла** номида мешаванд ва ғ. Яъне Ф.И. Буслаев дар таълими забони модарӣ аввал машқ ва баъд дониш ғирифтанро ё худ аввал амалия, баъд назария андӯхтанро тавсия кардааст.

Дар давраи сеюми омӯхтани забон илова ба машқу таҳлилҳои гузаронида мешудагӣ Ф.И.Буслаев зам намудани синтез – яъне аз натиҷаи он машқу таҳлилҳои баррасишуда хулосаи умумӣ – синтез (таркиб) баровардаиро ба миён гузоштааст, ки он хулосаҳо бояд аз маҷмӯи таърифу қоидаҳои граматикӣ иборат бошанд. Албатта, чунин нишондоди Ф.И.Буслаев ҳамеша қобили дастгирист, фақат ба андаке дигаргунӣ: амали омӯхтани забони модарӣ ҳам набояд аз назарияи он ҷудо бошад.

Таъкид бояд намуд, ки Ф.И.Буслаев дар алоқамандӣ бо ин ҳар се тавсияи методии худ, ки доир ба роҳҳои умумии таълими забони модарӣ ва грамматикаи он баррасӣ гардидаанд, усулҳои асосии ташкили машғулиятҳои грамматикиро ҳам пешниҳод

---

[34] Буслаев Ф.И. Преподавание родного языка. с.63

намудааст. Он усулҳо дар адабиёти методӣ бо истилоҳоти **индуксия** ва **дедуксия** номбар шуда, ҳамзамон, ихтирояшон боз ҳам ба фаъолияти худи Ф.И. Буслаев иртибот мегирад.[35] Дар ин бора, яъне доир ба моҳияти ин усулҳои таълим, чиро бояд донист? Бояд донист, ки ду роҳи ташаккули фикрӣ ва донишҳосилкунии одам эътироф шудааст – яке бо усули индуктивӣ, дигаре бо усули дедуктивӣ. Аз ҷумла, дар таълими забон тариқи фаҳмонидан аз шарҳи ҳодисаҳои ҷудогона оғоз ёфта, бо хулосаҳои умумӣ ҷамъбаст ёбад, **усули индуктивии таълим** ном дорад. Ва баръакс, ҳангоми баёни масъалаҳо зимни тақя намудан ба хулосаҳои умумӣ ба шарҳи ҳодисаҳои ҷудогонаи забон гузашта шавад, чунин усули кор **усули дедуктивии таълим** ном дорад. Аз ин ду роҳи асосии ташаккулдиҳии қобилияти фикрӣ, хусусан, дар таълими грамматика ба тариқи васеъ ва мунтазам истифода карда мешавад. Умуман, дар мактаб дар таълими фанҳои дигар ҳам омӯзгорон аз ин ду усули таълим, ки ба ташаккули фаъолияти фикрию илмии хонандагон зиёда мусоидат мекунад, истифода мебаранд.

Дар асл, таваҷҷӯҳи худи Ф.И.Буслаев бештар ба усули индуктивӣ мебошад. Хусусан,, яке аз шаклҳои кор бо ин усул ин аст, ки зимни он омӯзонидани грамматикаро на аз калимаҳои ҷудогона, балки аз таҳлили ҷумла сар мекунанд. Чунки, мегуфтанд тарафдорони ин ақида, хусусиятҳои қисм (калима, таркиб, ибора) дар таркиби бутун (ҷумла) беҳтар назаррас мегардад. Масалан, яке аз пайравони ин ақида К.Говоров доир ба ҳамин масъала чунин таъкид намудааст: «... аз ҳама беҳтараш кори омӯзишро аз фикри бутун (ҷумла.-С.Ш) оғоз намуда, сипас ба шарҳи қисмҳои он (шарҳи калима, ҳиссаҳои нутқ, таркиб, ибора, аъзоҳои ҷумла.-С.Ш.) пардохтан лозим. Чунки қисм ҳама вақт дар таркиби бутун, нисбат ба он ки ҷудо аз он таҳлил карда шавад, беҳтар маълуму фаҳмотар менамояд»[36]

Усули индуктивии таълимро бисёр методистони машҳури дигари рус, аз қабили А.А. Потебня, А.М. Пешковский, П.О.Афанасев ва г. низ аз ҷумлаи яке аз усулҳои асосии таълими грамматика ҳисобидаанд. Зеро бо истифода аз ин усул ба талабагон таърифу қоидаҳои грамматикӣ якбора дар шакли тайёр гуфта намешавад. Балки хонандагон таҳти роҳбарии

---

[35]Ниг. Дудников А.В. Методы изучения грамматики в восьмилетней школе. с8

[36] Говоров К. Опыт элементарного руководства при изучении русского языка практическим способом. В кн.: Элементарная грамматика. Курс 1-й и 2-й.-Воронеж, 1864, с. 111

омӯзгор ҳодисаҳои забонро мушоҳида намуда, то андозае ба моҳияти он мустақилона сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд.

Тибқи чунин усули таълим барои ҳар як мавзӯи грамматикӣ маводи мувофиқ интихоб ва таҳлил карда шуда, баъд хулоса, яъне таърифи грамматикӣ бароварда мешавад.[37] Аз ҷумла, аз методистон В.Я. Смирнов дар баробари усули индуктивии таълимро дастгирӣ намуданаш, то ки ҷанбаи таърифи грамматикии дар асоси хулосаҳо баровардашуда дақиқтар дастраси хонандагон шуда тавонад, ичрои се марҳилаи амалиётро, аз қабили 1) таҳлили мисолҳои мувофиқ бо роҳи сӯҳбат, 2) дар асоси чунин таҳлил хулосаҳои гуногун, яъне таъриф баровардан ва 3) ичрои машқҳои гуногун (чи дар синф ва чи дар хона.-С.Ш.)-ро нишон додааст.[38]

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки методистон гарчи ба усули индуктивӣ таваҷҷӯҳи хоса дошта бошанд ҳам, усули дигари таълим – дедуксияро тамоман инкор накардаанд, зеро дар паси ҳар мавриди таълим бо усули индуксия ҳатман дедуксия ниҳон аст. Яъне пас аз мушоҳида ва таҳлили мисолҳои мувофиқ, ки онро ба усули индуктивӣ мансуб донистем, ҳама вақт хулосаҳо – назарияҳо ё худ таърифу қоидаҳои мувофиқ бароварда мешаванд, ки ана ҳамин лаҳзаи кор бо усули индуктиви сурат мегирад. Ва агар ин масъаларо боз ҳам дақиқтар шарҳ диҳем, чунин аст: Ҳангоми баёни мавзӯи нав, ё худ дар лаҳзаи мустаҳкамкунии он аввал мисолҳо таҳлил – шарҳу эзоҳ дода шаваду пас аз он хулосаҳои даркорӣ, яъне таърифу қоидаҳо бароварда шавад, чунин усули корбариро **индуктивӣ** ва баръакс дар оғоз таърифу қоидаҳо гуфта шуда, вобаста ба он таърифу қоидаҳо мисоли мувофиқ таҳлил карда шавад, дар маҷмӯъ ин тарзи кор **усули дедуктивӣ** ном дорад. Ҳаминро ҳам бояд донист, ки дар ҳар ду маврид ҳам алоқамандии ба ҳам дошгаи индуксия ва дедуксия эҳсос карда мешавад. Масалан, ин тавр: фаҳмондадиҳиро аз таҳлил – шарҳу эзоҳи мисолҳо оғоз намуда, бо баровардани хулосаҳо – таърифу қоидаҳо ҷамъбаст намудан усули индуктивӣ ё худ индуктивӣ-дедуктивӣ ном дошта, агар он – фаҳмондадиҳӣ аз баёни назария – таърифу қоидаҳо шурӯъ гардида, бо таҳлил – шарҳу эзоҳи мисолҳо анҷом ёбад, **усули дедуктивӣ** ё худ **дедуктивӣ-индуктивии** таҳлил номида мешавад. Яъне ин ду усул бо ҳам гавъам алоқаи зич дошта, ҳангоми

37.Ниг. Дудников В.В. Методика изучения грамматики а восьмилетней школе, с.10

38. Ҳамин ҷо. с,10

истифодаашон дар таълим якеро бе дигаре наметавон тасаввур намуд.

Хуллас, аз ин ду усули таълим – индуктивӣ ва дедуктивӣ истифода бурданро, умуман, методикаи ҳозираи таълими забони модарӣ, аз ҷумла, методикаи таълими забони тоҷикӣ ҳам тавсия мекунад. Ҳоло аз ин ду усули таълим индуксия бештар дар синфҳои ибтидоӣ ва синфҳои V-VI-VII, вале дедуксия бештар дар синфҳои болоӣ истифода карда мешавад. Аммо дар синфҳои V-VI-VII низ мавриди истифода аз усули дедуктивӣ ва дар синфҳои болоӣ истифода аз усули индуктивии таълим низ ба мушоҳида мерасад. Аниқаш, истифодаи ҳар кадоме аз ин ду усули таълим ба донишу фаҳмиши хонандагони синф ва ба хусусияти мавзӯъ (осон ва душвор, шинос ё нав будани он) ниҳоят, ба дониш ва маҳорати педагогиву методии омӯзгор вобастагии қавӣ дорад.

Доир ба масъалаи сеюм-**вобастагӣ ё худ алоқаи назария бо амалия** дар ҷараёни таълими забони модарӣ нуқтаи назари методистон чунин аст. Чунонки, Ф.И.Буслаев дар давраи аввали омӯхтани забони модарӣ амалияро пеш аз назария гузоштааст. Аммо доир ба ин масъала нуқтаи назари методист Я. Грот дигар аст. Ӯ таъкид намудааст, ки «Маънидоди грамматикӣ... ҳанӯз дар аввалҳо ҳам ҳамсафари ҷудонашавандаи таълими амалии забон мебошад»[39] Инчунин, ба ақидаи ӯ, ба ҳар як машқ бояд назария роҳбарӣ кунад, зеро бе назария он машқҳо маъное надоранд.[40] Ин нукта ҳақиқати бебаҳс аст. Зеро чунон ки методисти дигар В.А. Кендзерский ҳаққонӣ баҳо додааст, «... маҷмӯи таърифҳои грамматикӣ ақли кӯдаконро ба тартиб медарорад», «вале аз он дониста истифода бурдан лозим».[41]

Ҳамин тавр, хулосаҳои умумӣ аз гуфтаҳои охир он аст, ки чи дар давраи гузашта ва чи ҳозира мувофиқи нишондоди методикаи таълими забони модарӣ назария ва амалия ба ҳам алоқаи зич дошта, бе назария амалия ва баръакс, бе амалия назария вуҷуд дошта наметавонад.

Масъалаи чорум - **пайдарҳамӣ ва муттасилӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ** – чунин аст, ки бояд дар омӯхтани назария система ё худ пайдарҳамиву муттасилият эҳсос карда шавад. Ин чунин маъно дорад, ки омӯхтани ҳар як масъала (ҳодисаи забон) бояд дар заминаи масъалаи пешина қарор дошта бошад ва масъалаи имрӯз омӯхташуда барои омӯхтани ҳодисаи

---

39. Грот Я. Об элементарном преподавании русского языка. Спб. 1957. с.10

40.Ниг. Ҳамон чо. с.8-9

41. Кендзерский В.А. Несколько слов о... с.7

навбатии грамматикии забони модарӣ бояд асос гардад. Яъне ҳодисаҳои омӯхташуда ва омӯхташавандаи забон бояд яке дигареро пурра намоянд. Чунки танҳо риояи системанокӣ дар таълим боиси мустаҳкамии хотира ва дониши андӯхтаи хонандагон шуда метавонад.

Доир ба масъалаи панҷум-**фаҳмо будани мавод ба талабагон** ҳам ақидаи методистон гуногун аст. Масалан, Я. Грот дар чунин ақида аст, ки гарчи грамматика аз маҷмӯи таърифу қоидаҳои абстракт (мафҳум ё ғайримоддӣ) иборат бошанд ҳам, хонандагон дар фаҳмонидани он таърифу қоидаҳои мафҳум душвориеро ҳис намекунанд, яъне ҳамаи он таърифу қоидаҳои грамматикӣ барои онҳо дастрас аст.[42] Вале ба ақидаи В.А.Кендзерский, баръакс, гӯё кӯдакон то синни 15-солагӣ чизҳои ба мафҳумот (ғайримоддӣ) марбут бударо азхуд карда наметавонистa бошанд, чунончи, грамматикаро, ки хеле абстракт аст.[43] Вале тадқиқотҳои психологҳо дар ин бобат нуктаи назари Я. Гротро дастгирӣ намудааст. Методикаи таълими забони модарӣ ҷонибдори ақидаи Я. Грот ва тадқиқотҳои олимони психолог аст, ба шарте, ки ба ҳар як дарси забони модарӣ ва грамматикаи он омӯзгор мувофиқи талабот тайёрии ҳаматарафа бинад. Ба шарте, ки бо мазмуну мундариҷаи барномаи таълим ва китобҳои дарсии забони тоҷикӣ комилан шиносоии қатъӣ дошта бошад.

§4. Барнома ва китобҳои дарсии забони тоҷикӣ

Барномаи забони тоҷикӣ* чун ҳамаи барномаҳои таълимии мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҳуҷҷати давлатӣ ба ҳисоб рафта,

---

42.Ниг.: Грот Я. Об элеметарном преподавании русского языка, с. 10.

43.Ниг.: Кендзерский В.А. Несколько слов о.., с. 1.

* **Эзоҳ.** Тазаккур бояд дод, ки таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои Тоҷикистон то соли 1929 на аз рӯи барномаҳои таълимӣ, балки дар асоси нишондодҳои методии муваққатӣ, дастурҳои алоҳидае, ки дар сарсухани китобҳои дарсӣ дода мешуданд, ба роҳ монда мешуд. Аз соли 1929 сар карда аввалин барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои ибтидоӣ нашр гардидааст, ки дар ин солҳо дар қаламрави Тоҷикистон то солҳои 1937-38. асосан, сети мактабҳои дараҷаи I (синфҳои I-IV) амал менамуд. Аз ин рӯ, «Тартиб додани програмаҳои таълимӣ аз фанҳои забони модарӣ барои мактаби 7-сола ва миёна дар Тоҷикистон.. аз охири солҳои 30-юм ва аввали солҳои 40-ум сар мешавад... Дар қатори мактабҳои ибтидоӣ мактабҳои 7-сола ва миёна ҳам кушода мешуданд, аммо шумораи онҳо дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ боғоят кам буданд.. Масалан дар соли таҳсили 1932-33 дар республика

пурра таълим додани маводи дар он нишондодашуда ва қатъӣ риоя намудани талаботи он, пеш аз ҳама, ба ҳар як омӯзгори ин фан шарт ва ҳатмист, ҳатто дар чунин ҳолатҳо ҳам: а) агар ба ягон мавзӯи дар барнома буда дар китоби дарсӣ маълумот баррасӣ нашуда бошад, муаллим ӯҳдадор аст, ки худ доир ба он мавзӯъ маводро дарёфт намуда, таълими онро ҳам ба роҳ монад; б) баъди мавридҳои муддати тӯлонӣ ба корҳои колхозу совхозҳо ва заводу фабрикаҳо сафарбар шудани хонандагон муаллимро лозим аст, ки мавзӯъҳои саривақт таълим доданашударо тариқи мухтасарбаёнӣ ва супоришҳои иловагӣ дастраси шогирдон гардонад; в) ниҳоят, дар сурати бо сабабҳои гуногун чанд вақт ба дарс наомадани муаллим бо дастури маъмурияти мактаб ё ҳамкасби ӯ дарсҳои ӯро иваз кунад, ё ки омӯзгори фанни дигар ба ҷои фанни забони тоҷикӣ метавонад ихтисоси худро таълим диҳад. Дар ин сурат муаллими забони тоҷикӣ пас аз ба кор шурӯъ кардан ба ҷои он муаллим мавзӯъҳои саривақт нагузаштаашро ҳатман дарс медиҳад. Тағйир додани мавзӯъҳои барномавӣ (ихтисор кардан ё худ ворид намудаи баъзе бобу мавзӯъ) дар тӯли соли таҳсил танҳо ба салоҳдиди Вазорати Маорифи Тоҷикистон марбут буда, дар сурати рух додани чунин тағйироти барномавӣ ба омӯзгорон маълумотҳо, пеш аз ҳама, тавассути шӯъбаҳои маориф ва боз расонаҳои дигар дастрас карда мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки дар барномаҳои аввалини мактабҳои собиқ Давлати Шӯравӣ, хусусан, барои таълим додану омӯзонидани грамматика кам вақт ҷудо карда мешуд, чунки нисбат ба мақоми таълими забони модарӣ ва граммактикаи он дар мактаб муносибатҳои олимону методистон гуногун будааст. Чунончи, баъзе олимон грамматикаро танҳо «Хизматгори имло», яъне дурустнависӣ (В.П. Острогорский, Н.К. Кульман) ҳисобида, дар мактаб омӯзиши танҳо баъзе қисматҳои характери

(ҳамагӣ-С.Ш.) 20 мактаби 7-сола ва 2 мактаби миёна амал мекард...Ташкилёбии мактабҳои 7-сола ва миёна дар Тоҷикистон дар охири солҳои сиюм (-и асри ХХ.-С.Ш.) характери умумӣ мегирад ва сети онҳо сол аз сол васеъ мегардад... Характери умумӣ гирифтани ... (таъсиси.-С.Ш.) мактабҳои 7-сола ва миёна дар Тоҷикистон органҳои маорифи халқ.., методистони соҳаи забони тоҷикиро водор намуд, ки барои онҳо нрограммаҳои таълимӣ..тартиб диҳанд. Инак, дар натиҷаи ба миён омадани чунин талабот соли 1939 аввалин программаи фанни забони модарӣ (тоҷикӣ.-С.Ш) аз тарафи Б. Ниёзмуҳаммадов ва С. Нестеренко тартиб дода мешавад.» (Ниг. Рустамов Қ. Таърихи

амалӣ доштаи онро тарафдорӣ кунанд, гурӯҳи дигар аҳамияти амалии онро дар таълими забони модарӣ инкор намуда, танҳо аз ҷиҳати назариявӣ омӯхтани онро (Ф. Ф. Фортунов) пешниҳод мекарданд. Гурӯҳи дигари олимон танҳо дар синфҳои болоӣ ба роҳ мондани таълими грамматикаро ва албатта, дар ҳудуди маҳдуд тавсия менамуданд.[44] Хуллас, ин амалҳои кӯтоҳандешона боиси он гардидааст, ки дар аввалин барномаи мактабҳои ягонаи меҳнатии РСФСР, ки соли 1924 мураттаб шуда буд, грамматика, умуман, соқит гардида, дар барномаи соли 1925 доир ба моҳияти машғулиятҳои грамматикӣ ишораҳои ниҳоят маҳдуд пешниҳод шуда буд, ки он дар маҷмӯъ на таълими грамматикаи забонро ифода мекард, балки як навъ ба истилоҳ «мушоҳидаи забон» ном гирифта буд.[45]

Дар воқеъ, чунин муносибати хунукназарона нисбат ба аҳамияти донишҳои грамматикӣ, тангкунӣ ё ҳуд пастзании мавқеи он дар барномаи мактабӣ эътирозҳои сахтро ба вуҷуд овард. Аз ҷумла, А.М. Пешковский бо далелҳои қотеона таъкид намудааст, ки барои азхудкунии малакаҳои комили хондан, дурустнависӣ ва нутқи адабӣ донишҳои грамматикӣ заруранд. Ӯ ҳаққониву одилона исбот намудааст, ки грамматика «... дар баробари омили техникаи хондан будан зинаест барои азхудкунии ҳама гуна донишҳо, ки аз ин зина нагузаштан номумкин аст».[46]

Барои ҳамин ҳам, баҳри дастгирии фикрҳои солим оид ба ногузир будани таълими васеи забони модарӣ ва грамматикаи он 25-уми августи соли 1932 қарори таърихии КМ ВКП (б) бо номи «Дар бораи барномаҳои таълим ва режим дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёна» баррасӣ шуда буд, ки дар он нуктаҳои зерин мӯҷиби таваҷҷӯҳанд: «Барномаи забони модарӣ бояд (хонандагонро. - С. Ш.) бо ҳаҷми муайяни хониши дуруст, нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ таъмин намояд. Дар машғулиятҳои амалии таълим корҳои хаттии мустақилона, таҳлили грамматикӣ ва ғайра ҳам дар синф ва ҳам дар хона дода шавад».[47]

---

44. Палей И. Р. Очерки по методике русского языка. -М.: Просвещение. 1965, с. 5-6.
45. Ҳамон ҷо, с.6.
46. Пешковский А.М. Избранные труды. - М.: Учпедгиз, 1959, с. 128.
47. Хрестоматия по методике русского языка. Русский язык как предмет преподавания. - М.: Просвещение, 1982, с. 18-19.

Тазаккур бояд дод, ки он қарори таърихӣ ва нуктаҳои фавқ аз қарори мазкур зарбаи сахте буд ба ашхосе, ки моҳияти пуразиши ба хонандагони мактаб додани донишҳои грамматикиро кӯркӯрона рад мекарданд ва тақвияту дастгирии ақидаҳои ашхосе буд, ки ҷонкоҳона таълими меъёриву системаноки забони модарӣ ва грамматикаи онро таргиб менамуданд.

Ҳамин тавр, дар партави қарори номбурда аз соли 1933 сар карда ба тартиб додани барномаҳои стабилӣ барои мактабҳои собиқ ҷумҳуриҳои Давлати Шӯравӣ шурӯъ карда мешавад. Ва аз ҳамон дам ин ҷониб, дар навбати аввал, дар мактаб ба мавқеи таълими забони модарӣ ва грамматикаи он, ҳамчун ба аслиҳаи пурзӯри инкишофдиҳандаи тафаккур, воситаи ҳатмии шуурона азхудкунии меъёрҳои забониву суханварӣ, диққати махсус дода мешавад. Ин нуктаро бо чунин далел, ки ҳар доим барномаҳои забони модарӣ, аз ҷумла барномаҳои забони тоҷикии мактабҳои таҳсилоти умумӣ, ки дар ҳар нашри навашон ҳатман зимни тағйиротҳо, ҳатто баъзан ҷузъӣ бошанд ҳам, такмил дода мешаванд, баръало дида метавонем. Масалан, танҳо дар барномаи соли 1952 мавзӯъҳои зерин: «Алоқаи калимаҳо дар ҷумла - пайвасткунӣ ва тобеъкунӣ», «Хелҳои алоқаи тобеъкунӣ: мувофиқат, изофӣ, вобастагӣ, ҳамроҳӣ», «Хабарҳои феълӣ ва номӣ», «Ҷои мубтадо дар ҷумла», «Баёния ва хелҳои он», «Баёнияи истисноӣ» - ҳама дар қиёс бо барномаи соли 1951 маводи нав маҳсуб меёфтанд. Вале агар барномаи нашри охири забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI - ро бо барномаи соли 1952 муқоиса намоем, силсилаи зерини мавзӯъҳоро мушоҳида мекунем, ки дараҷа ба дараҷа ба барномаҳои пас аз соли 1952 нашршуда аз тарафи мураттибон ворид карда шуданд, ки маҷмӯи онҳо дар барномаи охирин, ки соли 2006 чоп шудааст, инъикоси худро ёфтаанд. Масалан, чунин мавзӯъҳо: «Мафҳуми ибора», «Задаи мантиқӣ» (1960), «Ҷумлаи соддаи муайяншахс» (1964), «Калимабандӣ» (ибора) дар синфи IV, «Ибора, тафовути ибора аз ҷумла», «Хабарҳои содда ва таркибӣ», «Ҷои хабар дар ҷумла», дар синфи VII (1969), «Мубтадои содда ва тафсилӣ», машғулиятҳо доир ба нутқи мураттаб, марбут ба барномаи ҳар синф (1972), «Фарқи ибора аз калима, таркиб ва ҷумла» дар синфи VIII (1987) ва баъзе тағйироти ҷузъӣ дар барномаҳои баъдина, аз ҷумла дар барномаҳои солҳои 1994 ва 2002, ки ҳамагӣ дар барномаи нашри охир (с.2006) дар шакли дастаҷамъӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Дар маҷмӯъ дар ҳар барномаи навбатии забони тоҷикии синфҳои болоии мактабӣ, ки аз соли 1959 [illegible] V-VII

ва соли 1960 барои синфҳои V-X нашр мегардиду аз соли 1987 инҷониб барои синфҳои V-XI мураттаб карда мешавад, таъкид мегардад, ки ба талабагони ҳар синф (масалан, ҳоло дар синфҳои V-VIII ва X-XI) кадом мавод ва дар кадом ҳаҷм таълим дода шавад, ҳамзамон тартиби таълим дода шуданашон низ дар ҳамон барномаҳо мушаххас таъкид гардидаанд. Дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ зимни талаботи барнома маводи назариявӣ ва машқҳо пешниҳод шудаанд. Методикаи таълими забони тоҷикӣ бошад, чӣ тарз ва бо кадом усулҳо таълим додани он маводҳоро ба муаллим ёд медиҳад.

Барномаҳои таълими забони тоҷикиро, масалан, аз соли 1987 то нашри охири он, ки соли 2006-ум ба табъ расидааст, *сараввал, ба чаҳор қисмат ҷудо намудан мумкин аст.* Чунончи, 1) «Тавзеҳот» («Мактуби эзоҳӣ»), 2) мундариҷаи маводи назариявию амалӣ барои ҳар синф, 3) барномаи нутқи мураттаб (барои ҳар як синф) ва 4) дастуруламал ё худ нишондодҳои методӣ.

1) Дар «Тавзеҳот», ки онро метавон муқаддимаи барнома номид, аз чӣ иборат будани вазифа ва мақсади таълими забони тоҷикӣ чӣ дар синфҳои V-IX (мактаби таҳсилоти умумии асосӣ) ва чи дар синфҳои X-XI (мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ) дарҷ гардидааст, ки дар ин бобат дар нуктаҳои зайл ҷавҳари асосии вазифаи таълими забони тоҷикӣ таъкид гардидааст: «...Вазифаи таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳо ин аст, ки хонандагонро:

– ба фаҳмиши асолати забон ҳидоят намуда, дар бораи забони адабии ҳозираи тоҷик маълумоти қонеъкунанда диҳад;

– маҳорату малакаи дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ва ҳаёти ҷамъиятӣ моҳирона истифода бурдани он донишҳоро (чи дар нутқи шифоҳӣ ва чӣ хаттӣ) омӯзонад;

– ба мустақилона дониш андӯхтан ва мунтазам такмил додани нутқи хеш ҳидоят намояд;

– донишҳои доир ба имло ва аломатҳои китобат гирифтаи хонандагонро ба низом дароварда, дар ин бобат маҳорату малакаи онҳоро таҳким бахшад».[48]

Ҳаминро ҳам бояд дар назар дошт, ки дар мактаб омӯзиши ҳар як фасли забони тоҷикӣ, ҳатто таълими ҳар як мавзӯи таркибии он фаслҳо ба инкишофи тафаккур ва нутқи хонандагон бояд мусоидат намояд.

Аз ин ҷиҳат, муаллим бояд, пеш аз ҳама, бо мазмуну мундариҷаи «Тавзеҳот»-и барнома дақиқназарона шинос шавад,

---

[48] Барномаи забони модарӣ барои синфҳои V-XI. Душанбе: Матбааи ВМ ҶТ, 2006, с. 3.

то ки дар тӯли соли хониш мувофиқи талаботи он дар ҳар синф кор барад.

2) Пас аз «Тавзеҳот» дар барнома қисмати асосӣ - мундариҷаи маводи назариявию амалии дар ҳар синф омӯхта мешудагӣ марбут ба бобу фаслҳо ва миқдори соатҳои ба таълими онҳо бахшидашаванда пешниҳод шудааст. Аниқтараш, оид ба ҳар боб дар ду сархати бо рақамҳои римӣ (I ва II) ишорашуда - дар сархати I мундариҷаи маводи назариявӣ – номгӯи мавзӯъҳои таълимӣ ва дар сархати II мундариҷаи корҳои амалӣ ки тавассути онҳо донишҳои аз назарияи забон омӯхтаи хонандагон такрору мустаҳкам карда мешавад, баррасӣ гардидааст.

Масалан, маводи боби «Зарф» (12 с.) дар барномаи синфи VII ба таври зайл омадааст;

«I. Зарф ҳамчун ҳиссаи нутқ. Аломатҳои морфологии зарф. Умумият ва тафовути зарф аз сифат. Вазифаи зарф дар ҷумла.

Хелҳои зарф: тарзи амал, замон, макон, миқдору дараҷа, сабаб ва мақсад.

Калимасозии зарф – сохти зарфҳо: содда, сохта, мураккаб, таркибӣ. Имлои зарфҳо.

II. Дар матн муайян карда тавонистани хелҳои зарф ва истифодаи бамавқеи онҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ. Муқоиса карда тавонистани зарфҳо бо сифатҳо. Дарк намудани ҷои зарфҳо дар муқоиса бо дараҷаҳои сифат».[49]

Аз чунин тарзи баррасии маводи таълимии боби «Зарф» ва фаслу бобҳои дигар низ баръало метавон пай бурд, ки дар сархати I мундариҷаи маводи назариявӣ ва дар сархати II мундариҷаи корҳои амалӣ бо мақсади мустаҳкам намудани маводи назариявӣ (сархати I) пешниҳод шудааст.

Азбаски масъалаҳои асосии назарияи меъёрӣ (нормативӣ)-и забони тоҷикӣ дар синфҳои V-IX таълим дода мешавад, дар ин бобат бояд донист, ки омӯзиши барномавии забон дар ин синфҳо на аз рӯи усули даврагии таълим, балки асосан, ба тарзи таълими ростхатта, яъне таълими ҳар як бобу фасли забон на дар ду синф (Ин ҳолат дар барнома ва китобҳои дарсии забони тоҷикии то соли 1994 ба чоп расида мушоҳида мегардид. - С.Ш), балки танҳо дар як синф пешниҳод шудааст. Чунончи, дар синфи V овозшиносӣ, наҳв ва аломатҳои китобат, калима, калимасозӣ ва имло, исм, феъл, дар синфи VI феъли ҳол, сифат, сифати феълӣ, шумора, ҷонишин, дар синфи VIII зарф, калима ва гаъбирҳо, пешоянд ва пасояндҳо, пайвандакҳо, ҳиссачаҳо ва нидо, дар синфи VIII марбут ба синтаксис ибора ва ҷумла, сараъзо ва

аъзоҳои пайрави ҷумла, ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, аъзоҳои туфайлии ҷумла, аъзоҳои истисноии ҷумла, нутқи айнан ва мазмунан пайиҳам таълим дода мешаванд.

Ҳамчунин, аз рӯи пайиҳам ва ба пуррагӣ омӯхтани ҳар як фасли боб дар ин ё он синф* чунин хулоса бармеояд: таълими мунтазаму ба ҳам алоқаманди маводи морфология дар синфҳои V-VII ва таълими мунтазами маводи синтаксис дар синфҳои VIII-IX ба роҳ монда шудааст.

Ин ҷо марбут ба таълими маводи назариявии фаслу бобҳо бояд донист, ки дар нақшаи мавзӯи тақвимӣ миқдори соати дарсӣ барои такрори он маводи назариявӣ ва гирифтани корҳои хаттии санҷишӣ (диктанти санҷишӣ, нақли хаттӣ ва кори мустақилона аз рӯи ягон матни китоби дарсӣ) аз ҳисоби ҳамин миқдори умумии соатҳои ба таълими ин ё он боби мушаххас муқарраршуда ҷудо карда мешаванд. Чунончи, ба таълими боби «Исм» дар синфи V барнома 16 соат муқаррар намудааст, ки аз ин миқдор 14 соат ба таълими маводи назариявии боби мазкур бахшида шуда, аз 2 соати сарфашуда 1 соаташ ба такрори маводи назариявии исм ва соати дигараш барои гузаронидани кори хаттии санҷишӣ (диктанти санҷишӣ ва ё нақли хаттӣ) доир ба он истифода карда мешавад. Ҳамзамон, доир ба масъалаи такрор дар дарсҳои забони тоҷикӣ гуфтан зарур аст, ки аз хелҳои дарси такрор (такрори ҷорӣ, такрори боб, такрори аввали сол ва такрори солона) дар барнома доир ба ду навъаш –такрори аввали сол дар оғози барномаи ҳар синф бо нишон додани мундариҷаи маводи такроршаванда ва миқдори соат* ва дар охири барномаи ҳамон синф танҳо миқдори соатҳо барои такрори солона муқаррар карда шудааст. Соатҳои такрор дар аввали сол барои такрори мавзӯъҳо ва ё фаслҳои асосии ин ё он синф, ки дар соли таҳсили гузашта таълим дода шудаанд, бахшида мешавад. Аммо он миқдор соатҳои такрор, ки дар охири барномаи ҳар синф нишон дода шудааст, танҳо барои такрори маводи дар ҳамон соли таҳсил таълим додашуда дар

---

* **Таъкид.** Танҳо се мавзӯъ -«Калима ва таъбирҳо» аз фасли «Калима» (с. V) дар синфи VII, «Феъли ҳол» ва «Сифати феълӣ» (шаклҳои тасрифнашавандаи феъл) дар синфи VI таълим дода мешаванд.

* **Эзоҳ.** Танҳо дар барномаи синфҳои X, умуман, барои такрори аввали сол мавод ва миқдори соат муқаррар карда нашудааст, аз ин хотир, ки кулли маводи таълимии синфи X – ро такрори васеи мавзӯъҳои синфҳои V-IX ташкил медиҳад.

охири соли таҳсил, асосан, дар моҳи май истифода карда мешаванд.*

3) Барномаи соатҳои таълимӣ марбут ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар охири барномаи ҳар синф таҳти истилоҳи «Нутқи мураттаб» пеш аз соатҳои такрори солона ҷой дода шудааст. Дар бобати тарзи иҷрои мундариҷаи маводи таълимии ин қисмати барнома, аввалан, ҳаминро бояд донист, ки дар давоми сол пурра ба инобат гирифтани тамоми пешниҳодоти дар он додашуда шарт нест, яъне омӯзгор метавонад ба ҷои бархе аз шаклҳои кори дар он баррасӣ гардида тарзу намудҳои дигари марбут ба инкишофи нутқи хаттӣ ва даҳонӣ алоқамандро интихоб намояд. Ҳамчунин, бояд донист, ки мавзӯъҳои дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб на назарияи забонро, балки мавзӯъҳои дорои ҷанбаи оммавию публитсистӣ буда ва ба услуби коғазҳои кор (аз қабили навиштани иншо ва ё нақл кардан дар мавзӯъҳои «Модари ман», «Устохонаи мактаби мо», «Касби дӯстдоштаи ман», «Одамони номдори деҳаи (шаҳри мо)», «Рӯзҷаи рӯзи ман», навиштани ариза, маълумотнома, баёнот, забонхат, тавсифнома ва ғ.) мансубро фаро мегирад.

Бояд донист, ки гарчи барнома ё худ мундариҷаи мавод – мавзӯъҳои асосии кор дар дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб дар охири барномаи ҳар синф пешниҳод гардида бошад ҳам, миқдори соатҳо ва маводи ба таълими ҳамин барнома (нутқи мураттаб) таъиншуда на дар охири соли таҳсил, балки дар давоми соли таҳсил вобаста ба таълими фаслу бобҳои дар ҳамон синф омӯхташаванда истифода ва ба иҷро расонида мешавад. Чунончи, марбут ба мавзӯъҳои таълимии нутқи мураттаб дар синфи V 16 соат ва дар синфи VI 25 соат муқаррар карда шудааст. Вале соатҳои умумии таълими забони тоҷикӣ дар ин ҳар ду синф 102 -соатиро ташкил медиҳад. Соли таҳсил, ки 34 ҳафтаро ташкил медиҳад, мувофиқи нақшаи таълим дар ҳар ҳафта ин миқдори соатҳо (102 -соатӣ) дар синфҳои мазкур 3-соатӣ тақсим мешавад, яъне забони модарӣ дар синфҳои V ва VI ҳафтае 3 соатӣ таълим дода мешавад. Аз рӯи чунин ҳисоб ҳар соати дарси инкишофи нутқи мураттаб дар синфи V дар ҳар ду ҳафта, вале дар синфи VI дар ҳар якуним ҳафта бояд таълим дода шавад. Аз ҷумла, дар давоми омӯзонидани боби «Исм», ки

---

* **Эзох.** Доир ба мақсад ва мазмуну мундариҷаи дарсҳои ба такрори аввали сол ва такрори солона бахшидашаванда баъдтар дар қисмати «Системаи такрор дар дарсҳои забони тоҷикӣ» маълумоти муфассал хоҳем дод.

барнома барои таълими он 16 соат муқаррар кардааст, 3 маротиба мавзӯъҳои марбути инкишофи нутқи мурратаб низ таълим дода мешавад, ки дар маҷмӯъ миқдори ин соатҳои таълимӣ бояд 19 соатро ташкил диҳад. Вале ба таълими мавзӯъҳои инкишофи нутқи мураттаб дар синфи VI аз он миқдори 28 соат дар ҳар 8-9 рӯз 1 соат бахшидан лозим меояд, ба ифодаи дигар, дар синфи мазкур ҳар соати 4-уми таълими забони тоҷикиро дарси инкишофи нутқи мураттаб ташкил медиҳад.

Бояд донист, ки аз миқдори соатҳои ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагон муқаррардашуда 60-70 фоизи он бештар ба ин ё он навъи корҳои хаттии санҷишӣ бахшида шуда, мавзӯъҳои дар дарси навбатӣ баррасиву ҳаллу фасл қарор дода мешудагӣ дар ҳар ҳамон соати марбут ба дарси инкишофи нутқ, яъне як ҳафта ё ду ҳафта пеш ва дар кадом шакл – даҳонӣ ё таҳрирӣ, иншо ё накли хаттӣ гузаронида шуданаш ба хонандагон таъкид карда мешавад, то ки дар ҳамин муддат хонандагон ба ин дарс ва мавзӯи он пешакӣ омодагӣ гирифта тавонанд. Миқдори гузоштани баҳо ба фаъолияту тайёрии шифоҳии хонандагон бояд бештар бошад. Агар он дарс дар ин ё он шакли кори хаттӣ анҷом пазирад, он кори хаттӣ тафтиш карда шуда, баҳои гирифтаи ҳар як талаба чун баҳои диктанти санҷишӣ пурра ба графаи ҳамон санаи таҷлили дарси мазкур гузаронида шаванд. Саволу ҷавоб ва қироати корҳои хаттии навишташуда - пурсишу талабот дар дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб баръакси дарсҳое, ки ба таълими масъалаҳои назариявии забон бахшида мешаванд, на аз хонандагони сустхон, балки бояд аз фаъолони синф оғоз ёбад. Ин амал бо мақсаде пиёда карда мешавад, то ки дар ҳамон хонандагони сустхон пас аз шунидани ҷавобҳо ва қироати матни корҳои ҳамсинфони фаъолашон таваҷҷӯҳи доир ба мавзӯи мавриди муҳокима қарордошта чизе гуфтану илова намудан ва ё ҷасорати чизе навиштан пайдо шавад. Вале дар ҳамаи мавридҳо доир ба мавзӯи навбатии дарси инкишофи нутқи мураттаб тайёрии пухта дидани омӯзгор шарту зарур аст. Ӯ бояд доир ба мавзӯи мавриди баҳс ё тариқи кори хаттӣ баррасӣ мешудагӣ пешакӣ ба хонандагон маълумоти мухтасаре диҳад, агар навиштани ин ё он кори хаттӣ ба услуби коғазҳои кор (ариза, маълумотнома, мактуби саломатӣ, тавсифнома ва ғ.) тааллуқ дошта бошад, қироати нусхаи намунавӣ ва ё сабти он аз тарафи ӯ дар тахтаи синф ҳатмист, то ин ки хонандагон дар натиҷаи

пайравӣ намудан ба он намуди кори хаттӣ тақлидан нусхаи шогирдонаи худро мураттаб сохта тавонанд.*

4) Қисмати дастуруламал ва нишондодҳои методиро дар барномаи соли 2006 ду нукта «Талабот ба дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои V-IX»[50] ва «Меъёри баҳогузорӣ ба дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои V-XI аз забони тоҷикӣ»[51] ташкил медиҳад. Дар огози қисмати аввал таъкид ғардидааст, ки «Аз забони тоҷикӣ хонандагон бояд донанд ва тавонанд».[52] Таҳти ин мафҳум доир ба ҳар қисмати забон, масалан, аз фонетика, аз таркиби калима ва калимасозӣ, аз морфология ва ё аз синтаксис чиҳоро аз ҷиҳати назариявӣ донистан (шифоҳӣ) ва амалан тавонистани хонандагон (дар баррасии корҳои хаттӣ) бояд дар мадди назари доимии омӯзор дар тӯли ҳар соли таҳсил бошад. Яъне ин қисмати барнома омӯзгорро ҳушдор медиҳад, ки доим натиҷаи кори омӯзгории худ ва ҳам донишу маҳорат ва малакаи шогирдонашро зери назорат гирифта истад.

Мувофиқи талаботи дастуруламали дигари барнома доир ба меъёри баҳогузорӣ мавридҳои гузоштани баҳоҳои «5», «4», «3» ва «2» ба дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон марбут ба ҷавобҳои шифоҳӣ ва корҳои хаттии санҷишӣ (диктанти санҷишӣ, нақлу иншоҳои гуногун) ба омӯзгор дастурҳо дода шуда, маҳз миқдори калимаҳои матни диктантҳои санҷишӣ ва луғавӣ, ҳаҷми калимаҳои матни нақлу иншоҳо, ки дар синфҳои V-XI чӣ қадар ва миқдори он корҳои хаттиву санҷишӣ дар ҳар синф то чанд то бошанд - ҳама дар маҷмӯъ мушаххас таъкид гардидаанд.

Инак, бо он ҳама талаботу дархост ва мазмуну мундариҷаи барномаи таълими забони тоҷикӣ, ки аз «Тавзеҳот» ва мундариҷаи қисматҳои таркибии дигари он нуктаҳо (асосиашонро дар фавқ зикр намудем) бармеояд, муаллим шинос гардида, ҳамзамон, бояд мувофиқи талаботи он китобҳои дарсии забони тоҷикиро низ дақиққорона аз назар гузаронад, то ки дараҷаи мувофиқати онҳоро бо барномаи таълим барои худ маълум намояд, чунки китобҳои дарсӣ дар асоси талаботи барномаҳо тартиб дода мешаванд ва аз ин рӯ, муаллифон бояд

---

* **Таъкид**. Доир ба масъалаи дарсҳои ба ном **инкишофи нутқи мураттаб** боз. дар боби «Методикаи таълими нутқи мураттаб» баъзе нуктаҳо баррасӣ мегардад.

50. Барномаи забони модарӣ барои синфҳои V-XI. -Душанбе, 2006, с. 19-25.

51. Ҳамон ҷо, с. 31-37.

52. Ҳамон ҷо, с. 19.

кӯшиш ба харҷ дода бошанд, ки онҳо – китобҳои дарсӣ бо мазмуну мундариҷаи маводи назариявию амалиашон (машқҳои гуногун) мутобиқи қисмати асосии барнома -мундариҷаи маводи назариявӣ (сархати I) ва қисмати амалии он (сархати II) мураттаб гардида бошанд.

Хуллас, барномаи забони тоҷикӣ таъин мекунад, ки ба хонандагони ҳар синф - V-IX ва X-XI кадом мавод ва дар кадом ҳаҷм таълим дода шавад. Дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ бошад, дар асоси талаби барнома маводи назариявӣ ва машқҳо дода шудааст. Дар ин бобат, методикаи таълими забони тоҷикӣ дар бораи чӣ тарз ва бо кадом методу усулҳо (приём)-ҳо таълим додани он маводҳо ба муаллим дастурҳо медиҳад.

Чунон ки аз мазмуни гуфтаи фавқ бармеояд, маводи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ иборат аз ду қисмат аст: назариявӣ ва амалӣ. Қисмати назариявии онро таърифу қоидаҳои грамматикӣ, имло ва аломатҳои китобат, лексикӣ ва фонетикӣ ва қисмати амалии онро машқҳо ташкил медиҳанд.Муаллимро зарур аст, ки дар ҷараёни таълим ба ин ҳар ду қисми маводи китобҳои дарсӣ эътибор диҳад.

Китобҳои дарсии забони тоҷикӣ дар маҷмӯъ бо маводи назариявию амалии худ ва тарзи ҷобаҷогузории он мавод аз рӯи принсипи муттасилию пайдарҳамии фаслу бобҳо ва мавзӯъҳои таркибии онҳо тартиб дода мешаванд, ки ин талаботро муаллифон ҳадалимкон бояд риоя намоянд. Ба ҷуз ин, китобҳои дарсии забони тоҷикӣ вобаста ба дараҷаи синну сол, қобилияти фаҳмишу ҷаҳонбинии хонандагон аз рӯи ду усул – индуктивӣ ва дедуктивӣ – тартиб дода мешаванд, ки нуктаҳои мазкур (усули индуктивӣ ва дедуктивӣ)-ро ба тариқи зайл бояд фаҳмид: Бо **усули индуктивӣ,** аслан, китобҳои дарсии синфҳои V-VI-VII тартиб дода шудаанд. Яъне дар ин китобҳо аксар пас аз номгӯи мавзӯи дарс ва пеш аз баррасии маводи назариявӣ – таърифу қоидаҳо – машқе (матне) бо супоришаш пешниҳод гардидааст, ки иҷрои талаби он бояд то баёни таърифу қоидаҳо ба ҷо оварда шавад. Иҷрои ҳамон машқ барои баровардани хулосаҳо, ки асоси таърифу қоидаҳои грамматикӣ (лексикӣ ё фонетикӣ) ба шумор хоҳад рафт, заминаи боэътимод ба шумор меравад. Вале омӯзгор дар ин бобат метавонад, ба ҷои он матни машқи пеш аз маводи назариявӣ додашуда худ матни ба талаби ҳамон машқи мушаххас нисбатан бехтару амиқтар ҷавобгӯро интихоб намуда, дар маърази таҳлилу ҳаллу фасл гузорад. Аммо дар ҳар ду ҳолат ҳам - чи иҷрои талаби машқи китоби дарсӣ ва чи матни интихобкардаи худи омӯзгор бояд хонандагонро ба баровардани хулосаҳои забоншиносӣ доир ба ҳодисаи нави забон ҳидоят

қоидаҳои дар китоби дарсӣ бударо гуфта, то ҳадди имкон вобаста ба хулосаҳои аз ҳамон машқ баровардаи онҳо батафсил шарҳу эзоҳ ҳам диҳад. Ва вақте ки ҳангоми мустаҳкамкунии мавзӯи нав дар баробари саволу ҷавоб боз талаби машқҳои дигар ба иҷро расонида мешаванд, он гоҳ дониши дар ин дарс гирифтаи хонандагон ҳатман мустаҳкам гардида, ба маҳорат табдил хоҳад ёфт, ба шарте ки иҷрои он машқҳо на саросемавор, балки бо низоми меъёрӣ, шуурона ба ҷо оварда шаванд. Яъне мухтасари масъала ин аст, ки коркарди машқҳои пеш аз таърифу қоидаҳо овардашуда хонандагонро ба дуруст фаҳмидани ҳамон маводи назариявии параграфи дахлдори китоби дарсӣ тайёр хоҳад намуд.

Китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои синфҳои VIII- IX бо **усули дедуктивӣ** тартиб дода шудаанд. Чунин китобҳоро аз китобҳои дарсии бо усули индуктивӣ иншошуда фарқ кардан чандон душвор нест. Яъне агар дар китобҳои дарсии синфи V-VII пеш аз маводи назариявӣ иҷрои талаби машқе бо матнаш оварда шуда бошад, дар китобҳои синфи VIII-IX пас аз номгӯи мавзӯъҳо бевосита таърифу қоидаҳо марбут ба ҳамон мавзӯъ пешниҳод гардидаанд. Ин нукта ба он далолат мекунад, ки бояд муалим аввало ҳар як нуктаи марбут ба таърифу қоидаҳои забонро гуфта истода, ҳамзамон дар заминаи мисолҳои дар тахтаи синф ва ё дар таблитса (ё ба воситаи кодоскоп) сабт кардааш он ҳодисаи забонро амалан ҳам нишон диҳад. Ва агар ба тарзи дигар гӯем, агар омӯзиши ҳодисаҳои забон аз рӯи усули индуктивӣ аз ҷиҳати амалӣ огоз гардида, тариқи назариявӣ (бо баёни таърифу қоидаҳо) ҷамъбаст ёбад, баръакс дар ҷараёни бо усули дедуктивӣ баррасӣ намудани мавзӯъ баёни муаллим бо гуфтани таърифу қоидаҳо ибтидо ёфта, ҷамъбасти шарҳи нуктаи он маводи назариявӣ бо шарҳи мисолҳои ба мавзӯъ дахлдор ба итмом мерасад.*

Ҳамин тавр, бояд натиҷаи ҳар ду усули таълими маводи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ – чи бо усули индуктивӣ ва чи бо усули дедуктивӣ чунин бошад: «... хонанда бояд маҷмӯи муайяни маълумотҳоро маҳз дар бораи забон, сохти грамматикӣ

---

* Эзоҳ. Сарфи назар аз он ки китобҳои дарсии синфҳои V-VII аз забони тоҷикӣ бо усули индуктивию китобҳои синфҳои VIII-IX бо усули дедуктивӣ мураттаб гардидаанд, таълими на ҳамаи мавзӯъҳо дар синфҳои V-VII бо усули индуктивӣ ва дар синфҳои VII-IX бо усули дедуктивӣ пешниҳод шудаанд, ки ин нуктаро омӯзгор бояд дарк кунад. Инчунин муаллим метавонад, бо салоҳиди худ ва дараҷаи омодагии хонандагон дар синфҳои V-VIII баъзе мавзӯъҳоро бо усули дедуктивӣ ва баръакс, дар синфҳои VIII-IX бо усули индуктивӣ таълим диҳад.

ва таркиби луғавии он, қонуният ва таърихи инкишоф ва таклими он азхуд кунад; вазифаи забонро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти истеҳсолии инсон дарк намояд; дар мавридҳои гуногун амалан истифода карда тавонистани забони адабиро ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам таҳрирӣ донанд;[53]. Ба ибораи дигар, «Дар мактаб донишҳои аз забони… (модарӣ.-С.Ш.) андӯхта дар сурате ҳаққонӣ ҳисобида мешавад, ки агар хонандагон онро дар амал татбиқ карда тавонанд».[54]

АДАБИЁТ:

1. Арипов М. Из истории педагогической мысли таджикского народа. - Душанбе, 1962.
2. Баранов М.Т, Ладыженская Т.А. и др. Методика преподавания русского языка. - М.: Просвещение, 1990.
3. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI.-Душанбе, Матбааи ВМ ҶТ, 2006.
4. Буслаев Ф.И. О преподавании отечественного языка. -М, 1844.
5. Говоров К. Опыт элементарного руководства при изучении русского языка практическим способом. В кн.: Элементарная грамматика. Курс I и II.- Воронеж, 1864.
6. Грот Я. Об элементарном преподавании русского. Спб, 1857.
7. Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе.- М.: Провещение, 1977,
8. Кендзерский В.А. Несколько слов о насущной потребности рациональной методики по грамматики русского языка. -Варшава, 1891.
9. Методические разработки по русскому языку в V-VII классов в средней школы. -М.: Госучпедгиз МП РСФСР, 1956.
10. Основы методики русского языка в IV-VIII классах. - М.: Просвещение, 1978.
11. Палей И.Р. Очерки по методике русского языка.- М.: Просвещение, 1965.
12. Пешковский А.М.Избранные труды. М.: Учпедгиз, 1959.
13. Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка. М.: Госучпедгиз, 1955.
14. Рустамов Қ.Таърихи методикаи забони тоҷикӣ дар мактаб.- Душанбе, 2001.
15. Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб. Китоби 2. -Душанбе: Империал-Групп, 2003.
16. Фортунатов Ф. И. Избранные труды, т. 2. - М., 1957.
17. Чистяков В.М. Методика преподавания русского языка в таджикской школе. - Сталинабад: Учпедгиз, 1959.

53. Текучев А.В.Методика русского языка в средней школе, с.13.

БОБИ II. ПРИНСИПҲОИ ТАЪЛИМ

Дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ баҳри таъмини самаранокии ҳар як дарси он муаллимро зарур аст, ки ба принсипҳо (қонуниятҳо ва ё асосҳо)-и муайяни таълим такя намояд, ки дар амал санҷида шуда, натиҷаи ҷамъбасти илмии педагогиву психологӣ бошанд. Дар маҷмӯъ принсипҳои таълим ба ду гурӯҳ - а) принсипҳои умумидидактикӣ ва б) принсипҳои хоси ҳар як фан[55]-чудо карда шудаанд, ки хусусиятҳои ҳар гурӯҳи ин принсипҳоро бояд фарқ кард.

§ 5. Принсипҳои умумидидактикии таълим

Принсипҳои умумидидактикӣ ба таълими ҳамаи фанҳо мансуб буда, вале дар омӯхтани фанни ҷудогона, масалан, дар таълими забони тоҷикӣ, мувофиқи хусусиятҳояш татбиқ карда мешаванд. Таҳти мафҳуми **принсипҳои хоси ҳар як фан** принсипҳое фаҳмида мешаванд, ки танҳо табиати як фанро, аз ҷумла принсипҳоеро, ки маҳз дар таълими забони тоҷикӣ истифода мешаванд, дар худ таҷассум менамоянд.*

Дар адабиёти педагогиву методӣ принсипҳои зерини таълим **умумидидактикӣ** ном гирифтаанд: принсипи илмӣ ва системанокӣ (пайдарҳамию муттасилӣ) дар таълим; принсипи алоқаи назария бо амалия; принсипи алоқаи қисмҳои гуногуни забони модарӣ; принсипи бошуурона ва фаъолиятнокӣ; принсипи аёният; принсипи устувории донишҳо; принсипи фаҳмогии мавод; принсипи муносибати фардӣ бо хонандагон.

Ин принсипҳо, гарчи дар дарс мавқеи истифода шудан, мақсад ва вазифаҳои гуногунро доранд, ба ҳамдигар алоқаи зич дошта, дар ҷараёни таълим яке дигареро пурра менамоянд. Маҳз принсиперо аз дигараш беҳтар ва камтар наметавон шумурд. Дар таълим ҳамаи ин принсипҳо аз рӯи мавқеи истифодаашон дар мусобии ҳамдигар қарор доданд, ба шарте ки мавриди истифодаашон зарурат дошта бошад. Аз ин рӯ, методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ин принсипҳои умумидидактикии таълим такя мекунад. Онҳо–принсипҳои умумидидактикӣ – дар

---

55. Ниг: Текучев А.В.Методика русского языка в средней школе.- М.: Просвещение, 1980, с.36.

* **Таъкид.** Дар баррасии принсипҳои таълим бештар ба маълумотҳои дар нашри сеюми китоби А.В. Текучев - «Методика русского языка в средней школе» (-М.: Просвещение, 1980,с. 36-48) - такя карда шуд.

ҷарёни таълими забони тоҷикӣ ҳам ба талабагон (барои фаҳмидани мавзӯъ ва фаъол шудани онҳо) ва ҳам ба муаллим (баҳри илмӣ, аёнӣ, фаҳмо, пай дар пай баён кардани мавзӯъ, ба ҳам алоқаманд намудани назария бо амалия ва ғ.) кӯмак менамоянд, ки тавсифи ҳар яке аз онҳоро дар зер меоварем.

1. Принсипи илмӣ ва системанокӣ дар таълим. Мувофиқи ин принсип таълими забони тоҷикӣ дар мактаб бояд асоси илмӣ дошта бошад. Яъне ҳар як маълумоте, ки ба талабагон дар бораи мафҳум ва ё ҳодисаҳои забони тоҷикӣ дода мешавад, он маълумотҳо бояд аз ҷиҳати илмӣ дуруст тадқиқ шуда бошанд, аксари олимони шинохта доир ба он маълумотҳо ҳамақида бошанду як хел эътироф карда бошанд. Хусусан,, доир ба масъалаҳои баҳснок овардани маълумотҳо дар китобҳои дарсӣ ва ё пешкаш намудани он масъалаҳо ба маърази хонандагон хилофи принсипи мазкур мебошад. Масалан, ба хонандагон дар бораи махсусиятҳои овозҳои забони тоҷикӣ, роҳҳои бойшавии таркиби луғавии забони тоҷикӣ, фонди асосии забон, умумият ва фарқи он аз таркиби луғавии забон, ҳиссаҳои нутқ, аъзоҳои ҷумла ва сохтори он додани донишҳои, ҳақиқатан, илмӣ талаб карда мешавад, ки маҳз ҳамин масъалаҳо асос ва таҳкурсии забономӯзии онон ба шумор хоҳанд рафт.

Система ё худ пайдарҳамӣ дар таълими забони тоҷикӣ чунин фаҳмида мешавад, ки агар дар рафти дарс ҳангоми шарҳи як мавзӯи дар айни замон омӯхташаванда ба мавзӯи дар дарси гузашта ё худ пештар омӯхташуда такя карда шавад. Аз ҳамин мавқеъ, мувофиқи талаби барнома, омӯхтани феъл, сифат ва шумора пас аз исм мантиқан дуруст, зеро ки исм предметро ифода мекунаду феъл амалу ҳолату ҳаракати предметро, сифат аломат ва шумора миқдору тартиби онро. Ё ин ки то хонандагон дар бораи овозҳои нутқ маълумот нагиранд, дар бораи ҳиҷо ва хусусиятҳои он маълумоти даркориро гирифта наметавонанд. Ба ҳамин монанд, пеш аз аъзоҳои ҷумла таълим додани мухотаб, воҳидҳои туфайлӣ ва истисноии ҷумла номумкин аст. Чунки мухотаб, воҳидҳои туфайлӣ ва истисноӣ аъзои ҷумла намебошанд, балки фаҳмидани вазифа ва моҳияти онҳо маҳз дар таркиби ҷумла вобаста ба мазмуни умумии он (ҷумла) ва ё яке аз аъзоҳои он ба шогирдон муяссар шуда метавонад. Ё худ аъзоҳои пайрави ҷумла барои он пас аз сараъзоҳо таълим дода мешаванд, ки онҳо (аъзоҳои пайрав) бар эзоҳи ин ё он сараъзо, ё дақиқ намудани объект, замон, макон ва ҳолатҳои дигари воқеъ гардидани амали хабари ҷумла меоянд.Хуллас, ба ин принсип такя карда ба талабагон дониши, воқеан ҳам, системанок додан хақиқати бебаҳс аст.

2. Принсипи алоқаи назария бо амалия. Масъалаи алоқаи назария бо амалия дар таълими забони модарӣ (тоҷикӣ) чунин аст, ки омӯхтани таърифу қоидаҳои грамматика, имло ва аломатҳои китобат бояд дар заминаи силсилаи машқҳои гуногуну системанок мустаҳкам карда шавад ва баръакс, иҷрои машқҳо ба донистани маводи назариявӣ – таърифу қоидаҳо алоқаманд аст.Яъне назария ва амалия бо ҳам алоқаманд буда, яке ба дигаре дар таълим эҳтиёҷ дорад. Бинобар ин, усулҳои ба ҳам пайвастани назария ва амалияро дуруст тасаввур намудани ҳар як омӯзгори забони тоҷикӣ зарур аст, ки асосан,ин тавр мешавад:

а) ҳар як таърифу қоидаи гуфташуда (ҳангоми баёни мавзӯъ) бояд дар заминаи мисолҳои барҷаста омӯхта шавад;

б) маводи назариявӣ, яъне таърифу қоидаҳои омӯхташуда,бояд дар рафти иҷрои машқҳои гуногун (дар лаҳзаи мустаҳкамкунии мавзӯи нав, иҷрои вазифаи хонагӣ ва пурсиши он дар оғози дарс) мустаҳкам карда шавад;

в) хусусан,, қоидаҳои марбут ба имло ва аломатҳои китобат маҳз бо иҷрои силсилаи машқҳои гуногун бояд аз худ карда шаванд.

Илова ба ин се нукта, ҳамаи системаи машқҳо, ки ба инкишофи нутқи мураттаб – шифоҳӣ ва хаттӣ (бой кардани захираи лугавӣ, омӯхтани норма - меъёрҳои забони адабӣ) иртибот мегиранд, низ ба масъалаи алоқаи назария бо амалия марбут буда,бояд ба талаботи ҳаёт ва фаъолияти ояндаи меҳнатии талабагон ҷавоб дода тавонад.

Алоқаи назария ба амалия ба маънои васеаш алоқаи таълим ба ҳаёт аст. Дар хонандагон парвариданё худ инкишоф додани нутқи мураттаби хаттию шифоҳӣ, малакаҳои хониши бурро, маърӯза кардан, хату хабар навиштан - ҳамааш дар истеҳсолот - дар фаъолияти ояндаашон лозим мешавад, ки ин нуктаро бояд ҳар як омӯзгор ба шогирдонаш дар ҳар дарс таъкид намуда истад.

3. Принсипи алоқаи қисмҳои гуногуни забони модарӣ. Дар таълим алоқаи байни ҳамон қисмҳои гуногуни забон (пеш аз ҳама, фонетика бо луғатомӯзӣ, луғатомӯзӣ бо калимасозӣ, морфология бо синтаксис, инкишофи нутқ бо грамматика), ки дар мактаб таълим дода мешаванд, бояд ҳамеша дар мадди назари омӯзгори забони тоҷикӣ бошад. Мисли ҳамин дар мактаб орфография ва аломатҳои китобатро аз грамматика чудо таълим додан имконнопазир аст. Хониши бурро дар ҳамаи дарсҳо, махсусан, ҳангоми омӯхтани фонетика ва синтаксис аз худ карда мешавад. Захираи луғавии талабагонро на танҳо дар рафти

таълими бобҳои «Калима» (луғат) ва «Калимасозӣ ва имло», балки дар ҷараёни таълими фонетика, морфология ва синтаксис ҳам бой кардан мумкин аст.

Мувофиқи талаботи курси методикаи забони тоҷикӣ дар рафти таълими морфология ба такрори синтаксис (вазифаи синтаксисии ҳиссаҳои нутқ ва аломатҳои китобат, инчунин ба такрори маводи фонетика ва луғатомӯзӣ) бояд эътибори махсус дода шавад. Дар рафти таълими маводи синтаксис бошад, такрор кардани маводи морфология, махсусан, ҳиссаҳои нутқ ва қоидаҳои орфография (имло) бояд доим дар мадди назар бошад.

Инак, гуфтаҳои фавқро марбут ба тарзи ба ҳам алоқаманд намудани қисмҳои гуногуни забон маҳз дар мисоли морфология ва синтаксиси забони тоҷикӣ мушаххас шарҳ медиҳем, ки чунин аст: Чунон ки дар барномаи нави забони тоҷикӣ (с.2006) мебинем, курси муқаддимавии синтаксис дар синфи V бо унвони «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» пас аз фасли «Такрор ва ҷамъбасти маводи синфҳои I-IV» ва боби «Фонетика (овозшиносӣ) ва имло» ҷой дода шудааст, он дар ҳаҷми 14 соат таълим дода мешавад. Ин амали мақсаднок аст. Хусусан, дар ҷараёни таълими аъзоҳои ҷумла, масалан, ҳангоми таълими мубтадо, пеш аз ҳама, бо исм ва ҷонишинҳои шахсӣ ифода шудани он, ҳангоми таълими ҳол, сараввал, бо хелҳои зарф ифода ёфтани он зимни мисолҳо таъкид карда мешавад. Аммо дар рафти таълими мавзӯъҳои морфологӣ, аз ҷумла ҳангоми таълими исм вазифаи он дар ҷумла, ки дар навбати аввал, мубтадо ва пуркунанда, ҳангоми таълими зарф вазифаи дар ҷумла доштаи он, ки, асосан, ҳол шуда омадан аст, дар заминаи мисолҳои барҷаста таъкид карда мешавад. Вале маҳз дар синфҳои VIII -IX, ки пурра таълими системаноки синтаксис дар мадди назар аст, масъалаи дар алоқамандӣ бо морфология омӯхтани синтаксис бештару равшантар эҳсос карда мешавад. Хусусан,, дар рафти таълими бо чӣ ифода ёфтани аъзоҳои ҷумла ҳиссаҳои мустақили нутқ ва дар рафти таълими ҷумлаҳои мураккаб маводи ҳиссаҳои номустақили нутқ (бештар пайвандакҳо) ба хотир оварда мешаванд. Акнун дар рафти таълими мавзӯи «Мубтадо ва ифодаи он» танҳо бо исму ҷонишинҳои шахсӣ ифода ёфтани мубтадо не, ҳамчунин, бо хелҳои дигари ҷонишин ва инчунин бо сифату шумора, бо масдару сифати феълӣ ифода ёфтани он, дар ҷараёни таълими мавзӯи «Хабар ва ифодаи он» он бошад, на фақат бо феъл ифода шудани хабарҳо, балки бо сифати феълӣ, масдар ва бо исму сифат, шумора ва ҷонишин, инчунин бо зарф ҳам ифода шудани онҳо бо мисолҳои мувофиқ асоснок карда мешаванд. Ин ҳама

маънои онро дорад, ки таълими синтаксис дар алоқамандӣ бо морфология ва баръакс, морфология бо синтаксис бояд тавъам сурат бигирад.

Ҳамчунин, дар таълим алоқаи байни фанҳои гуногунро ҳам ба назар гирифтан лозим аст. Чунончи, забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, бо адабиёт алоқаманд аст. Бояд таъкид намуд, ки бой кардани захираи луғавӣ, хониши буррову ифоданок, ислоҳ кардани хатоҳо (орфографӣ, пунктуатсионӣ, грамматикӣ ва услубӣ) ҳам ба фанни забон ва ҳам ба адабиёт баробар тааллуқ дорад. Бинобар ин, барои гузаронидани таҳлил дар дарсҳои забони тоҷикӣ мисолҳо, сараввал, бояд аз мавзӯъҳои дар дарсҳои адабиёт омӯхташуда ва бештар аз матнҳои гуногуну мувофиқ аз адабиёти бадеӣ интихоб карда шаванд, ки дорои аҳамияти баланди тарбиявӣ ҳам бошанд. Муҳимияти чунин амал иборат аз он аст, ки ба тавассути таҳлили грамматикии матнҳои аз китоби дарсии адабиёт ва асарҳои бадеӣ интихобшуда хонандагон ба мазмуну мундариҷаи он матнҳо дақиқтар сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд.

Дар рафти таълим алоқаи забони тоҷикӣ бо фанҳои дигар, хусусан,,бо таърих, математика, ҷамъиятшиносӣ, география ҳам ба назар гирифта мешавад. Ин алоқа зимни интихоби матнҳои мувофиқ марбут ба мавзӯъҳои аз ин фанҳо омӯхташуда, ки барои шарҳи ҳодисаҳои забон низ мутобиқат доранд, бахусус, барои шарҳи калимаҳои соҳагӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва аз худ кардани имлои чунин калимаҳо дақиқтар ба амал бароварда мешавад.

Мукоисаи қисман мавзӯъҳои забони тоҷикӣ бо забонӣ русӣ, ки ҳамчун забони дуюми мардуми ҷумҳуриамон эътироф шудааст, ҳамчунин, муқоисаи он бо забонҳои дигари хориҷӣ (агар омӯзгор имконият дошта бошад) дар омӯхтани грамматика ва аз худ кардани калимаҳои иқтибосӣ низ дар таълим аҳамияти калон дорад.Ин усули кор дар дарсҳои забони тоҷикӣ имкон медиҳад, ки шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯхтани забонҳои дигар ҳам баланд бардошта шавад. Дар ин бобат ҳаққонӣ гуфтаанд, ки ҳар касе, ки ягон забони хориҷиро донад, забони модарии худро ҳам хуб медонад.

Ҳаминро ҳам таъкид бояд кард, ки омӯхтани ҳамаи фанҳо боиси инкишоф ёфтани нутқи хонандагон мешавад. Вале дар ин бобат забони тоҷикӣ мавқеи намоён дорад. Умуман, «Забони модарӣ дар мактаб на танҳо предмети таълим, балки воситаи

таълим ҳам (яъне бо истифода аз он ҳамаи фанҳои дигари мактабӣ таълим дода мешаванд. - С.Ш.) ба шумор меравад.[56]

4. Принсипи бошуурона ва фаъолиятнокӣ. Талаби принсипи мазкур, пеш аз ҳама, ин аст, ки бояд хонандагон маводи забони тоҷикиро бошуурона ва фаҳмида аз худ кунанд. Таърифу қоидаҳоро на қориёнаву кӯркӯрона, балки фаҳмида аз ёд кунанд ва муҳимтар аз ҳама, дониши назариявии худро дар амал татбиқ карда тавонанд. Чунончи, ба ҷуз мисолҳои барои намуна аз тарафи муаллим ва дар китобҳои дарсӣ овардашуда, аз худашон мисол гуфта тавонанд, мисолҳои муаллим пешниҳод кардагиро маънидод кунанд, аз машқҳои китоби дарсӣ ва матнҳои дигар ҳамон ҳодисаи забонро мустақилона дарк намуда, аз ӯҳдаи шарҳаш бароянд, дар дурустнависӣ, кор фармудани аломатҳои китобат мувофиқи талаботи меъёрӣ дониши худро дар амал татбиқ карда тавонанд ва ғ.

Дар дарс бояд талабагон фаъол бошанд, дар фаҳмидани ҳодисаҳо, қонуну қоидаҳои забони тоҷикӣ шавқу ҳаваси зиёд дошта бошанд. Зеро «Дараҷаи аз тарафи хонандагон бошуурона азхудкунии мавод бештар аз рӯи фаъолиятнокӣ ва ҳавасмандии онҳо муайян карда мешавад.[57] Бинобар ин, мавзӯъро бо мисолҳои камтар, вале фаҳмо, чи хеле ки дар методикаи таълим меғӯянд, **бо мисолҳои барҷаста** баён кардан лозим аст, то ки хонандагон моҳияти он мавзӯъро ба тезӣ фаҳмида, хулосаи даркорӣ - таърифу қоидаҳо бароварда тавонанд. Дар баёни мавзӯъ, то ки фаъолиятнокии аҳли синф афзояд, аз мисолҳои хуби гуфтаи шогирдон низ истифода бурдан тавсия карда мешавад.

Як роҳи муайян намудани дараҷаи фаъолиятнокии хонандагон дар дарс ин аст, ки агар онҳо гурӯҳ-гурӯҳ ба саволу супоришҳои додашуда даст бардошта ҷавоб доданӣ шаванд. Агар муаллим дар дарсҳои забони тоҷикӣ тафаккури хонандагонро инкишоф дода тавонад ва дар фаҳмидани ҳодисаҳои нави забони тоҷикӣ шавқу ҳаваси онҳоро ба вуҷуд орад, бешубҳа, онҳо фаъол мешаванд ва худашон кӯшиш мекунанд, ки дарсро мустақилона ҳам аз худ намоянд.

5. Принсипи аёният. Принсипи аёният дар таълим тариқи асосноккунӣ аз тарафи педагоги бузурги рус К.Д. Ушинский ба методикаи мактабҳои собиқ Давлати Шӯравӣ ворид карда

---

56. Текучев А.В.Методика преподавания русского языка в средней школе, с.8.

57. Ҳамон ҷо, с. 41.

шудааст.[58] Ҳоло он дар таълими ҳамаи фанҳо ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Хусусан,, дар таълими грамматика, ки он маҷмӯи таърифу қоидаҳои умумӣ, вале абстрактро дар бар мегирад, истифодаи аёният зарурати бештар дорад. Чунки аёният маҳз барои мушаххасу дақиқ баррасӣ намудани мафҳумҳои абстрактӣ дар таълим истифода бурда мешавад. Аз ин ваҷҳ, дар даврaҳои аввал, махсусан, дар синфҳои ибтидоӣ ва дар синфҳои V-VI аёнӣ таълим додани забони тоҷикӣ барои фаҳмидан, дар хотир нигоҳ доштан ва фаъол шудани талабагон дар омӯхтани маводи нав, ҳамчунин, барои ба система даровардани дониши онҳо аҳамияти калон дорад.

Яке аз роҳҳои татбиқи аёният дар таълими забони тоҷикӣ истифода бурдан аз воситаҳои аёниест, ки қаблан, ба ин гурӯҳ таблитса, таблитса - плакатҳо ва схема (нақша) -ву моделҳо (қолабҳо)-и гуногун ворид мешаванд, дар омӯхтани забони тоҷикӣ шавқу ҳаваси талабагонро зиёд мекунад. Ба ақидаи методист А.В. Текучев, «воситаҳои аёнӣ... ба муаллим имконият медиҳад, ки бисёр мафҳумҳои ғайривоқеӣ (абстрактӣ -С.Ш.)-ро мушаххас маънидод намояд; шавқу рағбати хонандагон ба фан (забони модарӣ.-С.Ш.) баланд гардида, қобилияти мушоҳидакуниашон инкишоф дода шавад».[59]

6. Принсипи устувории дониш. Дониш бояд устувор бошад, чунки дар ҳаёташ ба одам лозим мешавад. Устувории дониши хонанда ба меъёрҳои зерин алоқаманд аст:

а) маводи навро дуруст фаҳмида бошад;

б) он мавод ба вай таассуроти хуб бахшида бошад;

в) алоқаманд будани маводи ҳозираро ба маводи пеш омӯхташуда дарк кунад;

г) ба қадри даркорӣ машқҳоро (чи дар синф ва чи дар хона) иҷро карда тавонад;

ғ) ба шарте ки системаи такрори мавод дуруст ба роҳ монда шуда бошад;

д) ниҳоят, машғулиятҳо перспективанок (ояндадор) бошанд, яъне хонандаро ноаён ба фаҳмидани мавзӯъҳои минбаъд омӯхта мешудагӣ омода намоянд.

---

58. Ниг.: Чистяков В.М. Методика преподавания русского языка в таджикской школе, с.31.

59. Текучев А.В.Методика преподавания русского языка в средней школе, с. 42.

Ҳамчунин, лозим аст, ки барои мустаҳкаму устувор гардидани дониш ба хонандагон корҳои мустақилона дода шавад, ки иҷрои онҳо барои фикр кардани онҳо душворие дошта бошад (тамоман осон набошанд). Кори мустақилона бояд диққатнокӣ ва интизоми меҳнати фикриро дар хонандагон тарбия намояд, то ки минбаъд худашон барои мустақилона дониш гирифтан кӯшиш ба харҷ диҳанд.

7. Принсипи фаҳмогии мавод. Фаҳмогии маводи назариявии таълим ба се чиз-**синиу соли хонандагон, ба хусусияти худи мавод** (осон ё душвор будани он) ва **ба интихоби методу усули баёни мавзӯъ** вобаста аст. Масалан, таълими сифати феълӣ ва феъли ҳол, ки дар барномаи синфи VI пас аз таълими сифат ҷой дода шудааст, барои хонандагон фаҳмову дастрас аст. Вале таълим додани мавзӯъҳои мазкур ба синну сол ва дараҷаи фаҳмиши хонандагони синфи V мувофиқат намекунад. Ё ин ки дар барнома таълими хели ҷумлаҳои соддаи яктаркиба дар синфи VIII пешниҳод гардидааст, ки ба фаҳмиш ва синну соли хонандагони синфи мазкур мутобиқат дорад. Дар синфи IX пас аз таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ ҷой дода шудани мавзӯи «Ҷумлаи мураккаби омехта» низ мантиқан дуруст мебошад. Чунки барои хонандагони ин синф, то вақте ки доир ба хусусиятҳои ҷумлаи мураккаби пайваст ва тобеъ тасаввуроти амиқ пайдо нагардад, фаҳмидани хосиятҳои ҷумлаҳои мураккаби омехта, ки алоқаи ҷумлаҳои соддаи таркибашон бо ду роҳ (пайваст ва тобеъ) ба вуҷуд меояд, душворӣ меоварад. Бинобар ин, бо риояи принсипи фаҳмогӣ дар ҳар як синф бояд ҷобаҷогузории маводи забони тоҷикӣ чи дар барнома ва чи дар китоби дарсӣ ба инобат гирифта шавад.

Дар фаҳмо будани мавод ҳангоми баёни мавзӯъ нутқи буррои муаллим ҳам нақши хуб мебозад. Нутқи муғлақ, овози ниҳоят паст, маънидоди мураккабу печ дар печи муаллим, бешубҳа, ба хонандагон дар фаҳмидани мавзӯъ халал мерасонад.

Дар истифодаи истилоҳот (терминҳо)-и забоншиносӣ ҳам дар дарс эҳтиёт шудан лозим аст. Дар китобҳои дарсии мактабӣ истилоҳоти ба фаҳмиши хонандагон мувофиқ оварда шудаанд. Маҳз ҳамон истилоҳот бояд дар дарс истифода ва шарҳ дода шаванд. Бинобар ин, **флексия, фонема, морфема, объект, субъект** барин истилоҳот, ки ниҳоят илмианд, бояд дар дарсҳои забони тоҷикии мактабӣ истифода бурда нашаванд.

8. Принсипи муносибати фардӣ (индивидуалӣ) бо хонандагон. Мувофиқи талаботи ин принсип, дар дарс ҳангоми талаби иҷрои супоришҳо ва ҷавоби саволҳо хусусиятҳои хоси ҳар як талаба ба

назар гирифта мешавад. Зеро чунон ки дар як дарахт ду барги аз ҳар ҷиҳат якхела нест, мегӯянд, дар ҳар як синф ҳулқу атвор ва дараҷаи фаҳмиши якхела доштани ду нафарро дарёфт намудан имконнопазир аст. Аз ин рӯ, омӯзгорро лозим аст, ки бо ҳар кадоми онҳо мувофиқи қобилият, майлу рағбат, дараҷаи донишу фаҳмишашон рафтор ва талабу дархост намояд. Масалан, саволҳо ва ичрои машқу супоришҳо барои хонандагони фаъолу пешқадам нисбат аз саволу супоришҳои ба «қафомондагон» дода мешудагӣ бояд фарқ кунанд. Агар ҷавоби саволу супоришҳои душвор аз сустхонҳо ҳам талаб карда шавад, бе натиҷа мемонад. Бинобар ҳамин ҳам, талаб карда мешавад, ки ба хонандагони сустхону фаҳмишашон паст супоришҳои то андозае оддӣ ва саволҳои осонтар дода, онҳоро ҳам ба таълим фаро гирифтан зарурат дорад. Ба хусус, ҳавасмандии онҳоро марбут ба ҳар як амали мусбаташон ба воситаи суханҳои рӯҳбаландкунанда зиёд кардан лозим меояд. Ҳадди охири чунин рафтору амали омӯзгор ин аст, ки бояд хонандагони сустхон ҳам оҳиста-оҳиста рӯ ба фаъолшавӣ оварда, ҳатто ба дараҷаи пешқадамони синф расанд.

§ 6. Принсипҳои хоси забони тоҷикӣ.

Дар адабиёти методии забони тоҷикӣ дар бораи принсипҳое, ки фақат ба таълими забони тоҷикӣ хос бошад, маҳз дар шакли ҷамъбаст номбар карда нашудааст. Дар баъзе мақолаҳо бештар гап дар бораи алоқаи дарсҳои забони тоҷикӣ бо хониши адабӣ (адабиёт) меравад, ки онро метавон ҳамчун яке аз принсипҳои хоси забони тоҷикӣ қабул кард. Аммо аз тарафи методистони рус ба дараҷае, ки принсипҳои хоси таълими забони модариашон дар мактаб бояд чӣ гуна бошад, муқаррар карда шудааст. Чунончи, методисти машҳур, акад. Текучев чунин принсипҳоро дар таълими забони русӣ хос шуморидааст: а) дар алоқамандӣ бо инкишофи тафаккур таълим додани забон; б) дар алоқамандӣ ба хониши бурро таълим додани сохти грамматикии забон; в) дар алоқамандӣ бо инкишофи нутқ омӯхтани грамматика.[60]

Бешубҳа, ҳамаи ин принсипҳо дар таълими забони тоҷикӣ ҳам, ки он (забони тоҷикӣ) чун забони русӣ ба оилаи забонҳои ҳиндуавропой дохил мешавад, татбиқшавандаанд. Аз ин рӯ, дар таълими забони тоҷикӣ низ ҳамеша аз принсипҳои хоси таълими забони русӣ мебояд истифода кард.

АДАБИЁТ

1. Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе. - М.: Просвещение, 1977.

2. Львов М.Р. Словарь - справочник по методике русского языка. - М.: Просвещение, 1988.

3. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. - М.: Просвещение, 1980.

4. Чистяков В.М. Методика преподавания русского языка в таджикской школе. -Сталинабад: Учпедгиз, 1959.

БОБИ III. МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Метод вожаи юнонӣ буда, маънои таҳтуллафзӣ ё ҳуд айнану аслии онро дар забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, калимаи **роҳ** ифода мекунад. Имрӯз ин истилоҳро бо номҳои **усул, тарз, равиш,** низ (методи таълим - усули таълим, тарзи таълим, роҳи таълим, роҳу равиши таълим ва ғ.) низ истифода мебаранд.[61]

Чун истилоҳи **метод** боз истилоҳи **методика,** ҳамчун муодили он (фанни методика, методикаи таълими забони тоҷикӣ, методикаи корбарӣ ва ғ.) низ баробар истифода карда мешавад, аммо бо андаке тағйирот. Аниқтараш, аз мафҳуми **методика** маҷмӯи методҳои гуногуни таълим ё ҳуд маҷмӯи роҳу усулҳои азхудкунии дониш ва идроки воқеият фаҳмимда мешавад.[62]

Агар ба таърихи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб аз гузашта (мактаби кӯҳна, мактабҳои маҳаллӣ, мактабҳои усули нав, мактабҳои давраи шӯравӣ) то ба давраи ба истиқлолият расидани Тоҷикистон назар афканем, дарк мекунем, ки муаллимон бо ташаббуси ҳуд ва баъдтар зимни дастурҳои методистон дар омӯзиши забони тоҷикӣ аз методу усулҳои гуногун истифода бурдаанд[63], ки дар ин хусус дар фасли гузашта («Аз таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ») баъзеи онҳоро ёдовар шудем.

Аммо методҳои асосии таълими забони модарӣ маҳз дар давраи шӯравӣ ба таври мушаххас муқаррар карда шудааст, ки номгӯи онҳо дар қарори таърихиии КМ ВКП(б) аз 25 августи соли 1932 «Дар бораи барномаи таълим ва режим дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёна» ба таври зайл номбар шудаанд: 1) нақли муаллим, 2) сӯҳбат; 3) таҳлили забон (мушоҳидаи ҳодисаҳои забон, таҳлили грамматикӣ), 4) машқ; 5) истифодаи воситаҳои аёнӣ (схема, таблитсаҳои гуногун ва ғ.): 6) кор бо китоби дарсӣ; 7) экскурсия.[64]

Ҳамаи ин методҳои таълим чи дар давраи шӯравӣ ва чи имрӯз – дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон – дар таҷрибаи

---

[61]Ниг: Словарь иностранных слов.-М.: Русский язык, 1990 с. 315; Текучёв А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 65; Русско-таджикский словарь.-М.: Русский язык, с. 479.

[62] Словарь иностранных слов, с. 315; Русско-таджикский словарь, с.479.

[63] Ниг.: Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб. Китоби 1.-Душанбе;-2001, с.94-98; 150-155; 264-276; Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб. Китоби 2.-Душанбе: Империал-Групп, 2003, с.376-382.

[64] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.66-67.

кории омӯзгорон аз ҷумлаи манбаъҳои бехтарини ба хонандагон дастрас намудани донишҳо аз забони тоҷикӣ эътироф шудаанд. Бояд таъкид намуд, ки дар таълими забони модарӣ (тоҷикӣ) танҳо як метод, ки ҳамеша ба кор ояд, нест. Дар ин бобат танҳо маҷмӯи методҳо метавонанд азхудкунии маводи барномавиро барои хонандагон ба таври боварибахш таъмин намоянд.[65] Дар бобари ин, интихоби ин ё он усули таълим, истифода бурдани он аз тарафи муаллим ба хусусияти мавзӯъ (осон ё душвор, маъмул ё нав), ба фаҳмишу дониши талабагон ва ба мақсади дарс вобаста аст.

Ҳар як метод ё усули таълим ба дигараш такя мекунад, онро пурра менамояд. Усулҳои таълими забони тоҷикӣ барои инкишофи тафаккури мантиқии талабагон, барои дониши нав гирифта онро дар амал татбиқ кардан, барои дар кори мустақилона малака пайдо кунондани хонандагон истифода бурда мешаванд. Ҳамон метод усули хуби таълим аст, ки он ба мавриди истифода бурда шавад.

Ниҳоят, пеш аз он ки ба тавсифи методҳои таълими забони тоҷикӣ пардозем, мехоҳем дар бораи як нуктаи андаке баҳснок ҳам ибрози ақида намоем, ки он ба мафҳуми ду истилоҳ - **метод** ва **усул** - тааллуқ дорад. Бояд гуфт, ки дар методикаи забони русӣ баъзе роҳҳои таълимро бо унвони **метод** ном баранд, дигарашро - **приём** (усул, - С.Ш.) меноманд.[66] Аммо, ба ақидаи А.В. Текучев, роҳу усулҳои таълимро бо мафҳумҳои **метод** ва **приём** номбар намудан танҳо шартист. Вале бо вуҷуди ин, боз худи ӯ (А.В. Текучев) ҳамчун воситаи таълим, то андозае аз ҳам фарқ кардани мафҳумҳои мазкурро ин тавр шарҳ додааст: «агар методи таълим воситаи истифодаи маводи таълим ва воситаи фаъолият (амал) - и омӯзгорро барои аз тарафи хонандагон ҳарчи зудтар ва бо натиҷаҳои баланд аз худ намудани маводи барномавӣ ифода намояд,он гоҳ **приём** (усул) дар муқоиса бо **метод** звеноест (методи хурд. - С.Ш.)»[67]

Ана ҳамин нуктаро ба асос гирифта, индуксия ва дедуксия, муқоиса (муқоисаи монандкунӣ ва муқобилгузорӣ), таҳлил ва синтез (хулосабарорӣ) барин роҳҳои таълимро, ки дар ҷараёни методҳои нақли муаллим ва сӯҳбат истифода карда мешаванд, **усулҳо** (пиёмҳо) - и **таълим** меноманд, ки воқеан ҳам, қобили қабул аст.

---

[65] Ҳамон ҷо, с. 69.
[66] Ҳамон ҷо, с. 70.
[67] Ҳамон ҷо, с.70

§7. Методи нақли муаллим

Методи нақли муаллим ё сухани ӯ барои баёни мавзӯи нав, ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳои хонандагон ва дар дарсҳои ба ном такрори умумии маводи гузашта доир ба як боби калон ё чанд бобу фасли хурд ва дар дарсҳои такрори аввали сол ва солона (дар охири соли таҳсил) зарурат дорад. Дар баёни мавзӯи нав нақли муаллим, алалхусус, барои таълими мавзӯъҳои таркибии аз ҷиҳати назариявӣ нисбатан душвори фаслу бобҳои забони тоҷикӣ истифода бурда мешавад. Чунончи, шарҳи хусусиятҳои фарқкунандаи садонокҳо аз хамсадоҳо, ҳамсадоҳои ҷарангдор аз бечаранг, сифати феълӣ аз феъли ҳол, сигаҳои феъл, ҷумлаҳои соддаи яктаркиба, сохти сараъзо ва аъзоҳои пайрав дар қиёс бо сохти калима ва ҳиссаҳои нутқ, баёния, ҷумлаҳои пайрави шартию хилофӣ, воҳидҳои тафсилӣ ва истисноии ҷумла, калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб барин мавзӯъҳо ҳатман нақлу тавзеҳи боварибахши муаллимро талаб мекунанд. Ҳамчунин омӯхтани қоидаҳои душвори имло ва мавридҳои дар ҷумла ва матн кор фармудани аломатҳои китобат, дар аснои кор бо луғат низ шарҳи муаллим лозим мешавад.

Ҷавоби муаллим ба саволҳои хонандагон бо ҳамин сабаб ба методи нақл мансуб дониста мешавад, ки хонандагон нуқтаҳои аз мавзӯи нави дарс ва дарсҳои гузашта нафаҳмидаашонро ба воситаи саволҳои ба устод медодагиашон фаҳмидан мехоҳанд. Дар чунин мавридҳо, албатта, ҷавоби муаллим ба саволҳои шогирдон тариқи нақлу эзоҳи боэътимоди ӯ, яъне бо истифода аз методи нақл, сурат мегирад. Тавассути саволҳо ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтани хонандагон яке аз роҳҳои аз ҷиҳати назариявӣ бехтар аз худ кардану мустаҳкам дар хотир нигоҳ доштани донишҳост.

Нақли муаллим дар рафти такрору ҷамъбасти маводи ягон боби калон, якчанд боби аз ягон ҷиҳат ба ҳам алоқаманд ё худ дар лаҳзаҳои такрори аввали сол, чорякӣ ва солона ҳамон вақт ниҳоят зарур мешавад, ки агар маводи ҷамъбастшаванда осон бошад ҳам, мавзӯъҳои зиёдтарро фаро гирад, ё он мавод барои хонандагон душвор бошад, ё худ дар ин дарсҳо диққати хонандагонро ба ҳамон қисмҳои маводи такроршаванда ҷалб кардан лозим бошад, ки он шогирдонро ба омӯхтану фаҳмидани боби нави забони тоҷикӣ омода намояд. Ин кор барои он ҳам зарурат дорад, ки вақти муаллим кам аст ва худи шогирдон, мумкин аст, аз ӯхдаи ин хел кори муҳим (пурра такрору ҷамъбаст намудани маводи такроршаванда) ба таври бояду шояд

набароянд. Масалан, нақли муаллим ҳангоми ба система (тартиб) даровардани дониши хонандагон ё барои ба ҳам пайвастани бобҳои гуногун, ё пасиҳамояндаи забони тоҷикӣ баъд аз омӯхтани ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ - *пеш аз оғози таълими калимаҳои ёридиҳанда* (пешояндҳо, пайвандак ва ҳиссачаҳо), баъди таълими аъзоҳои ҷумла ё хелҳои ҷумлаи пайрав хеле бамавқеъ мебуд. Истифодаи нақл ё худ сухани муаллим, инчунин, барои ҷамъбасти якчанд коидаи имло (тарзҳои гунонгуни навишти исмҳои хоси таркибӣ, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ) ё аломатҳои китобат (мавридҳои гуногуни кор фармудани вергул, тире, дунуқта, нохунак ва г.) ниҳоят зарурат пайдо мекунад.

Нақли муаллим чи дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав ва чи дар такрору ҷамъбасти маводи гузашта метавонад аз 5 - 7 то 10 - 12 дақиқа давом кунад. Аммо баёни муаллим дар синфҳои X - XI баъзан ба лексия шабоҳат пайдо мекунад, ки дар чунин мавридҳо он ба лексия табдил меёбад, аз 20 то 25 дақиқа идома ёфтанаш мумкин.

Нақли муаллим танҳо ҳамон вақт муассиру натиҷаовар мешавад, ки тартиби баррасии он мантиқан дуруст бошад (аз як қисм ба қисми дигари маводи мавзӯъ гузаштан аниқ таъкид карда шавад), маънидоди муаллим аз мисолҳое, ки барои баёни мавзӯъ дар таблитса ё худ тахтаи синф(доска) сабт шудаанд, ҷудо набошад.

Нутқи муаллим ҳангоми нақл бурро, шунаво ва фаҳмо бошад. Дод гуфтан ва бисёр паст гап задан ба такрор кор фармудани баъзе калимаҳо, аз қабили **хуб, яъне, яъне ки, яъне ки масалан** ва калимаҳои шевагӣ ба фаҳмидани нақли муаллим халал мерасонад. Овози муаллим бояд дар синф баробар паҳн шавад, то онро ҳамаи хонандагон фаҳманд. Ниҳоят, нақли муаллим шаклану мазмунан бояд барои шогирдон намунаи ибрат бошад.[68]

§8. Методи сӯҳбат

Сӯҳбат, ё ки саволу ҷавоб, яке аз методҳоест, ки дар дарсҳои забони тоҷикӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Ин методи таълим дар ҳамаи типҳо(хелҳо) - и дарс – ҳам дар дарси додани дониши нав (дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав), ҳам дарси мустаҳкам намудани дониш (марбут ба як дарси гузашта) ва ҳам

дар дарси санҷиши дониши хонандагон тавассути корҳои хаттии санҷишӣ (диктантҳои таълимӣ, санҷишӣ ва наклу иншоҳои гуногун) вобаста ба мавриди истифодааш мавқеи хосса дорад. Ба ибораи дигар, таълими аксари маводи грамматикӣ, орфографӣ, аломатҳои китобат ва инкишофи нутқ бе истифода аз усули сӯҳбат тасаввур карда намешавад. Аз ин лиҳоз, фарқҳои аз методҳои накл доштаи онро (методи сӯҳбатро) бояд донист.

Сӯҳбат, чун усули таълим, аз накли муаллим бо чунин хусусияташ фарқ мекунад, ки агар ҳангоми накли муаллим хонандагон танҳо шунавандаҳои фаъол бошанд, дар ҷараёни сӯҳбат, (саволу ҷавоб) ташкил намудани лаҳзаҳои дарс, аз ҷумла, дар лаҳзаи баёни мавзӯъ дар баробари муаллим хонандагон ҳам дар ҳалли ҳодисаҳои забон ширкат варзида, бо ҷавобҳои худ ва баъзан баёни фикрҳои мустақили худ саҳм мегузоранд. Азбаски дар ҷараёни ташкили сӯҳбат саволу ҷавоб нақши асосиро мебозад, бояд сӯҳбат аз рӯи нақшаи дақиқе баргузор ёбад, то ки дар рафти он хусусият, аломат ва нишонаҳои ҳодисаи дар айни ҳол омӯхташавандаи забони тоҷикӣ маънидод карда шуда, пас аз он таъриф ё қоида бароварда шавад, ё ки таърифу қоидаҳои дар китоби дарсӣ буда гуфта шаванд. Аз ин рӯ, дар аснои сӯҳбат хонандагон тадриҷан ба саволҳои муаллим ҷавоб дода истода, моҳияти он мавзӯъро аз мушоҳидаи мисолҳо фаҳмида, ҳамзамон доир ба он фикри худро изҳор карда, таҳти кӯмаку роҳбарии устодашон хулоса мебароранд, ки он хулосаҳо асоси таърифу қоидаи забон ё худ асоси қоидаи дахлдори имло, ё аломати китобат ба шумор мераванд. Сипас, ин хулосаи шогирдонаи хонандагон бо он таърифу қоидае, ки муаллим аз китоби дарсӣ мегӯяд, мувофиқаву муқоиса карда мешавад, ки дар натиҷа дониши зимни чунин амалҳо ба даст овардаи онҳо дақиқу возеҳтар ва бароятшон хотирмон мегардад. Машқу супоришҳое, ки пас аз ин доир ба ҳамон ҳодисаи забон таҳлилу ҳалли фасл карда мешавад, зам гардида, донишҳои аз ҷараёни сӯҳбат ба даст овардаи аҳли синфро дар амал мустаҳкам хоҳанд кард.

Методи сӯҳбат имконият медиҳад, ки диққати ҳамаи хонандагон ё бештари онҳо ба мавзӯъ ҷалб карда шуда, дараҷаи донишу фаҳмиши ҳар кадомашон муайян карда шавад, ҷавобҳои онҳо ба низом дароварда шуда, ҷойҳои бароятшон норавшани мавзӯъ аз шарҳи устодашон мушаххастар гардонда шавад.

Азбаски дар ҷараёни сӯҳбат имконияти фаъолонидани хонандагон ба муаллим бештар муяссар мешавад, акад. А.В. Текучев таъкид намудааст, ки он «**Методи сӯҳбат** (курсиви мо. – С.Ш.) дар дарсҳои марбут ба инкишофи нутқ бештар истифода

бурда мешавад...»[69] Масалан, дар ҷараёни муҳокимаи асари хондашуда, баёни таассурот доир ба филми бадеӣ ё ягон намоиши саҳнавӣ (спектакл), ё худ мавзӯи ин ё он саёҳати гузаронидашуда ва ғайра, ки ин ҳама, бешубҳа, ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагон мусоидат менамоянд, танҳо зимни истифода аз методи сӯҳбат имконияти ҳалли фасл шуданро доро мебошанд.

Сӯҳбат вобаста ба мавзӯъ, маводи омодашуда ва дараҷаи тайёриву завқу хоҳиши хонандагон дар синфҳои X - XI аз 15 то 30 дақиқа идома ёфта метавонад. Ва бояд таъкид намуд, ки агар «Сӯҳбат бе тайёрии пухта, тӯлонӣ ва ба фаҳмидани чизи нав ҳидояткунанда набошад, синфро дилхунук, дарсро пажмурда ва камнатиҷа месозад»[70].

Бояд гуфт, ки дар таълими забони тоҷикӣ ду намуди методи сӯҳбат: **сӯҳбати маълумотдиҳанда** (донишдиҳанда) ва **бахотироварранда** маъмул аст. Сӯҳбати маълумотдиҳанда чунин хусусият дорад, ки дар рафти он муаллим ба талабагон баъзе маълумотҳои нав медиҳад, ба дониши аз ҳаёт ё доир ба ягон ҳодисаи забон пешакӣ доштаашон такя намуда,онҳоро ба сӯҳбат ҷалб мекунад. Дар чунин маврид, ки барои ҳалли масъала имконияти иштироки бевасита доштани шогирдон фароҳам меояд, онҳо ҳам фикр баён намуда, аз худ далелҳо оварда, аз шарҳу маънидоди устодашон ҷойҳои барояшон норавшанро фаҳмида мегиранд.

Хусусиятҳои сӯҳбати бахотирорандаро ба инобат гирифта, онро дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав низ метавон истифода бурд. Ин кор дар сурате имконпазир мегардад, ки агар хонандагон доир ба мавзӯи нав пешакӣ баъзе маълумотҳо гирифта бошанд. Масалан, дар синфҳои **VIII** мавзӯъҳои аввали фаслҳои «Ибора ва ҷумла», «Сараъзо» (мубтадо ва хабар), «Аъзоҳои пайрави ҷумла», «Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба» - ро бояд бо истифода аз методи сӯҳбати маълумотдиҳанда фаҳмонда шавад. Чунки дар синфи V ҳангоми таълими курси муқаддимавии «Синтаксис ва аломатҳои китобат» доир ба ҳамаи ин қисматҳои синтаксис ба хонандагон маълумотҳои аввалин (муқаддимавӣ) дода шудааст. Чунончи ба хонандагон дар синфи V доир ба хусусиятҳои зерини **ибора:** таърифи соддатари ибора, калимаи тобеъкунанда ва тобеъшаванда дар ибора, воситаҳои алоқаи калимаҳо дар ибора ва фарқи ибора аз калима маълумот дода мешавад. Аммо дар

---

[69] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.72

[70] Власенков А.И. Общие вопросы методики русского языка в средней школе .-М., 1973, с. 103.

синфҳои VIII - IX, ки курси пурра ва системаноки синтаксис омӯхта мешавад, имконияти васеътар омӯхтани аксари фаслу бобҳо, аз ҷумла дар синфи VII доир ба мавзӯи «Ибора» низ, фароҳам меояд. Вале дар дарси ин мавзӯъ, ки бо ҳамин ном «Ибора» таълим дода мешавад, дар оғози аввали баёни мавзӯъ лозим аст, ки донишҳои аз синфи V доир ба ибора гирифтаи хонандагон бо саволу супоришҳои зерин санҷида шавад: 1) Ибора чист? 2) Доир ба ибора чӣ медонед? 3) Асосан, ҳар кадом ибора аз чанд ҷузъ ё калима ташкил меёбад? Он ҷузъҳо чӣ ном доранд? 4) Ибора аз калима чӣ фарқ дорад? 5) Ҷузъҳои ибора бо кадом воситаҳо ба ҳам алоқаманд мешаванд? 6) Хели алоқаи ҷузъҳо дар ибора чӣ ном дорад? Пайваст ё тобеъ? Аз худ доир ба ибора мисол оред. Дар ибораҳои мисоловардаатон ҷузъҳо чӣ тавр ба ҳам алоқаманд шудаанд? ва ғ.

Муаллим доир ба ҳамаи саволҳои доир ба ибора додашуда аз хонандагон ҷавоб талаб намуда, ба саволҳои бечавоб худаш ҷавоб гардонда, таърифи ибораро, ки дар китоби синфи VIII як андоза дақиқу фасеҳтар дода шудааст, бо самъи шоигирдон расонида, дар заминаи мисолҳо шарҳ дода, дар баробари фарқи он аз калима, ҳамчунин дар бораи фарқи он аз таркиб ва ҷумла низ маълумоти қонеъкунанда медиҳад. Инак, ана ҳамин методи таълимро, ки зимни он дар оғози баёни мавзӯъ дониши пешинаи хонандагон доир ба мавзӯи дар айни ҳол омӯхташаванда санҷида шуда, сипас аз тарафи муаллим доир ба он маълумотҳои нав баррасӣ мегарданд, дар маҷмӯъ **методи сӯҳбат маълумотдиҳанда меноманд.**

Методи **сӯҳбати бахотироранда**, асосан, дар лаҳзаҳои пурсиши вазифаи хонагӣ, мустаҳкамкунии мавзӯи нав, дар дарсҳои такрори боб, аввали сол ва солона бо мақсади танҳо санҷидани дараҷаи донишу маҳорату малакаи хонандагон истифода бурда мешавад. Дар ҳамаи ин мавридҳо хонандагон донишҳои аз мавзӯъ ва фаслу бобҳои ҷудогонаи забони тоҷикӣ гирифтаи худро ба хотир оварда, ба саволу супоришҳои додашуда ҷавоб мегардонанд. Муаллим танҳо ҷавобҳои нопурраи онҳоро пурра менамояд, аммо маълумоти нав намедиҳад, ки фарқи асосии сӯҳбати бахотироранда аз сӯҳбати маълумотдиҳанда маҳз дар ҳамин нукта дида мешавад. Ба ифодаи дигар, **сӯҳбати бахотироранда** дар дарс **саволу ҷавобест, ки** бо ин роҳ маводи омӯхтаи хонандагон танҳо такрору мустаҳкам карда мешавад. Умуман, дар ҷараёни истифода аз методи сӯҳбат саволҳои муаллим мақоми баланд доранд.

Саволҳои муаллим. Саволҳое, ки муаллим дар лаҳзаи мустаҳкамкуниву пурсиши вазифаи хонагӣ, такрору ҷамъбасти маводи фаслу бобҳои омӯхташуда ва баъдан, дар ҷараёни баёни мавзӯи нав ба хонандагон медиҳад, **саволҳои педагогӣ** ном доранд. Саволҳои педагогиро аз саволҳои муқаррарӣ бояд фарқ намуд. Агар кас чизеро аз касе, масалан, бо саволҳои зерин: «Номат чист?», «Шумо аз кучо омадед?», «Дар мактаб мехонед?», «Шумо донишҷӯ ё хонандаи мактаб?», «падару модаратон кор мекунанд ё нафақагир?» ва ғайра пурсад, чунин саволҳоро **саволҳои муқаррарӣ** меноманд. Ин гуна саволҳоро ҳамагон аз рӯи зарурат дар ҳар маврид ба ҳамдигар медиҳанд. Чунин саволҳоро омӯзгорон дар рӯзҳои аввали шиносоии худ ба ҳар як хонандаи синф медиҳанд. Чунки ҷавобашонро, ҳақиқат ҳам, намедонанд, вале донистанашон шарт аст.

Аммо бо саволҳои аз тарафи омӯзгор доир ба мавзӯи дарс, фаслу бобҳои гуногуни забони тоҷикӣ (албатта, дар рафти таълими фанҳои дигар ҳам) ба хонандагон дода мешудагӣ (масалан, «Исм чист?», «Сифат чист?», «Ҳиссаҳои номустақили нутқ кадомҳоянд?», «Кадом аъзоҳои ҷумларо сараъзо меноманд?», «Мубтадо бо чӣ ифода меёбад?», «Ҷумлаи мураккаб чист?» ва ғ.) мақсаду ҳадафи муаллим дигар аст: санҷидану мустаҳкам намудани дониш, маҳорат ва малакаи онҳост. Инчунин бо истифода аз баъзе саволҳо муаллим диққати хонандаро ба фаҳмидани мавзӯъ ҷалб мекунад, бо истифода аз усули проблемавӣ дар назди онҳо ҳалли вазифаҳои гуногунро мегузорад, то ки мустақилона ҳал кунанд. Бинобар ин, саволҳои муаллим бояд шаклану мазмунан ва ҳам мантиқан дуруст бошад, то ки хонандагонро барои ҷавоб додану хулосаҳои даркорӣ баровардан ҳидоят намоянд. Дар ин бобат, пеш аз ҳама, бояд талаботҳои зерини дидактикӣ риоя карда шавад:

а) савол ба хонандагон фаҳмо бошад;

б) ҷавоби пурраро талаб кунад;

в) як саволро дар бар гирад, яъне як савол таркибан чанд саволро (аз қабили «Дар забони тоҷикӣ чанд ҳиссаи нутқ ҳаст ва онҳо кадомҳоянд?») дар бар нагирад;

г) имконияти ҷавобҳои духела талаб карданро надошта бошад;

ғ) луқмадиҳанда набошад (саволе, ки ҷавобро пурра ё қисман дар бар гирад, луқмадиҳанда ном дорад);

д) ниҳоят, савол бояд дар хонанда ташаббус ва фаъолияту эҷодкориро бедор намояд.[71]

---

[71] Ниг. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.72.

Дар маҷмӯъ ҳар як саволҳои паедагогӣ ба хонандагон ба тариқи умумӣ(фронталӣ), яъне махсус на ба нафар, балки ба аҳли синф дода шаванд ҳам, онҳо (саволҳои муаллим) аз ҷиҳати ҳаҷм ё худ давомнокии ҷавобҳо ба чор гурӯҳ – **аналитикӣ, синтетикӣ, риторикӣ ва ёридиҳанда** –ҷудо карда шудаанд.[72]

1. **Саволҳои аналитикӣ** ҳаҷман хурд буда, доир ба масъалаҳои ҷудогонаи забони тоҷикӣ ҷавоби кӯтоҳ ё худ мухтасар доданро талаб мекунанд. Масалан, «Ҷонишин чист?», «Реша чист?», «Феъл ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?», «Чиро суффикс меноманд?», «Чӣ гуна ҷумларо ҷумлаи хуллас меноманд?» барин саволҳо аналитикӣ ном доранд, ки доир ба ҳар кадоми ин саволҳо хонандагон бо як ҷумла (содда ё мураккаб) ҷавоб мегардонанду бас. Чунончи, ҷавоби саволи аввал чунин аст: «Он ҳиссаи нутқ, ки ба ҷои исм, сифат ва шумора меояд, ҷонишин номида мешавад» ва г.

2. **Саволҳои синтетикӣ** - аз рӯи ҳаҷм ё худ дар бар гирифтани масъала ҷавобҳои муфассалро талаб мекунанд. Аниқаш, инҳо саволҳое мебошанд, ки аз хонандагон дар як вақт доир ба як мавзӯъ, ё худ боб ва ё доир ба ду ё якчанд ҳодисаи забон ҷавоби батавзеҳ доданро тақозо мекунанд. Аз ин рӯ, ҷавоби саволҳои синтетикӣ аксар бо тартиби муайян аз якчанд нафар пурсида мешаванд. Масалан, чунин саволҳоро: «Дар бораи исм чӣ медонед?», «Сифат аз исм бо кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад?», «Дар боби фонетика чиҳоро омӯхтаед?». «Сигаҳои феъл аз ҳамдигар чӣ гуна фарқҳо доранд?», «Фарқи ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ҷумлаи мураккаби пайваст дар чист?», «Дар бораи фарқҳои аз ҳамдигар доштаи **калима, ибора ва ҷумла** чӣ медонед?» ва ғ., ки ҳар як ҷавоби муффасалу ботааннро талаб мекунанд, **синтетикӣ** меноманд. Ба ифодаи дигар, саволҳои синтетикиро **саволҳои ҷамъбасткунанда** ҳам меноманд.

3. **Саволҳои риторикӣ** - саволҳое мебошанд, ки тавассути онҳо диққати хонандагон махсус ба фаҳмидани ягон қисмати басо муҳимму асосӣ ё душвори мавзӯъ ҷалб карда мешавад. Аз чунин саволҳо бештар омӯзгорон дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав истифода мекунанд. Масалан, муаллим пеш аз баёни мавзӯъ, ё ки дар ҷараёни баёни он ба аҳли синф ба саволе мурочиат мекунаду дарҳол худаш ба он савол ҷавоби муфассал медиҳад. Чунончи дар синфи VI дар ибтидои таълими мавзӯи «Сифати феълӣ» сухани муаллим ё худ нақли ӯ бо чунин ҷумлаҳо, ки саволҳои

---

[72]Ниг. Позняков Н.С. Методика преподавания русского языка. –М.:

риторикиро ҳам дар бар мегиранд, оғоз ёфтанаш мумкин: - Шумо дар синфи V дар бораи феъл ва имсол дар синфи VI дар бораи сифат маълумот гирифтед. Вале дар забони мо боз калимаҳое истифода мешаванд, ки онҳоро дар забоншиносӣ **сифати феълӣ** меноманд. Чаро ҳам **сифат** ва ҳам **феъл?** Барои чӣ? Сипас, бо чунин саволҳо, ки диққати аҳли синф нурра мутамарказ гардонида мешаваду ҳар хонанда гумон мекунад, ки ҳоло ҷавоби ин саволҳо аз ӯ пурсида мешавад, дарҳол худи муаллим ба ҷавоби саволҳои гузошташуда мепардозад. Ана ҳамин гуна саволҳоро, ки аз тарафи муаллим дар рафти ягон ҳодисаи забонро фаҳмониданаш ба хонандагон пешниҳод гардида, дарҳол ҷавобашон ҳам аз тарафи ӯ баррасӣ карда мешавад, **саволҳои риторикӣ** меноманд.

4. **Саволи ёридиҳанда** - саволест, ки муаллим бо истифода аз он мехоҳад, ки хонанда ба саволи неш аз он додашуда дурусттар сарфаҳм рафта, якбора ҷавоби дақиқ диҳад. Амали мазкур, асосан, дар мавридҳое рух медиҳад, ки агар саволи аввал доир ба ҳодисаҳои гуногуни то андозае ба ҳам монанди забон тааллуқ дошта, хонандаро дар интихоби ҷавоби дуруст ба мушкилот рӯ ба рӯ карда бошад. Чунончи, дар мисолҳои зерин ҷуфти дуюми саволҳо **саволҳои ёридиҳанда** ба шумор мераванд: 1. Сифати феълӣ аломати чиро мефаҳмонад?...2. Аломати предметро ё амалро?; 1. Саволҳои кадом ҳиссаи нутқ ба саволҳои сифати феълӣ ҳам мансубанд?...2.Саволҳои феъл ё сифат?; 1. Кадом аъзои пайрави ҷумла бар эзоҳи ҳамаи аъзоҳои дигари ҷумла омада метавонад?..., 2. Пуркунанда, муайянкунанда, ё ҳол? ва ғ.

Фаромӯш набояд кард, ки дар синф, дар баробари саволҳои муаллим, ба **саволҳои хонандагон** низ эътибори ҷиддӣ додан лозим аст. Агар хонанда аз фонетика, грамматика, имло ва аломатҳои китобат, маънои калима чизеро нафаҳмида бошад ё дурустар фаҳмидан хоҳад, аз муаллим мепурсад: Мумкин аст, ба савол ягон ҳамсинфи ӯ ҷавоб диҳад. Дар ҳар ду ҳолат ҳам ин амал – чунин саволу ҷавоб яке аз роҳҳои донишгирии хонандагон дониста мешавад.

Аммо баъзан хонандагон саволҳое ҳам медиҳанд, ки дар ҷавобашон дар мондани муаллим амри воқеист. Дар чунин ҳолатҳо бояд гуфт,ки ин саволро дуруст фикр мекунад ё луғатро дида, баъд ҷавоб медиҳад. Ба шогирдон бояд фаҳмонд. ки забон ҳодисаи мураккаб аст ва аз ин рӯ, на ба ҳар савол дарҳол ҷавоби пухта додан имкон дорад.

Ҳаминро ҳам бояд донист, ки савол додан ё «саволборон» кардани талабаи ба дарс ҷавобдиҳанда аз тарафи ҳамсинфон

аҳамияти кам дорад. Одатан, саволҳои онҳо ба талабаи барои пурсиш даъватшуда бештар забонзаду якхела буда, тартибу мақсади муайян надоранд. Масалан, ин тавр: Исм чист? Реша чист? Феъл чанд асос дорад? Ҳиссаҳои нутқ чандто? ва г. Ба ҷуз ин, онҳо ҷавоби ҳамсинфонашонро гӯш накарда, ба «саволсозӣ» ё ҷустани савол банд мешаванд. Чунин саволдиҳии хонандагон ба ҳамсинфони худ аксар дар лаҳзае рух медиҳад, ки омӯзгор ба дарс пешакӣ тайёрии хуб надида, аз ӯҳдаи савол додан ҳам баромада наметавонад.

Аз ин ҷиҳат, ба нуқтаи охир такя намуда, иброз медорем, ки барои дуруст савол дода тавонистан тайёрии ҳаматарафа ва маълумоти махсуси педагогӣ доштани омӯзгор талаб карда мешавад. Муаллим мувофиқи талаби методикаи таълими забони тоҷикӣ саволҳоро пешакӣ фикр мекунад ва ҳатто дар план - конспект(нақшаи дарс) - аш бо тартиби муайян навишта мемонад. Ӯ бояд ба хонандагони барои пурсиши пешакӣ муқарраршуда, ба ҷуз он саволҳои ба ном «забонзада», боз чунин саволҳо ҳам дода метавонад, ки хонандагонро ба бошууронаву мулоҳизакорона ҷавоб додан ҳидоят мекунанд: Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл кадомҳоянд? Феълҳо аз сифати феълӣ чӣ фарқ доранд?, Феъли ҳол аз сифати феълӣ чӣ фарқ дорад? Ҳиссаҳои ёридиҳанда аз кадом ҷиҳатҳо аз ҳиссаҳои мустақили нутқ фарқ мекунанд? ва г. Чунон ки мебинем, хонандагон барои ба ин хели саволҳо ҷавоб додан чандин ҳодисаҳои грамматикиро ба хотир оварда, бо ҳам муқоиса мекунанду ҷамъбаст ҳам менамоянд, ки маҳз чунин амалҳо барои такмили инкишофи нутқ ва тафаккури онҳо аҳамияти калон дорад. Хуллас, санҷиши дониш вазифаи муаллим буда, худсанҷӣ вазифаи ҳар як хонанда аст.

§9. Усули муқоиса дар таълими забони тоҷикӣ

Муқоиса ё худ муқоисакунӣ яке аз усулҳои (приёмҳо) - и таълим ва ҳам амалиёти фикрӣ ба шумор меравад.[73] Ба фикри акад. А.В. Текучев, «Муқоиса ва муқоисакунӣ, яке аз воситаҳои муҳимтарини дарк намудани, умуман ҳақиқату воқеият, аз ҷумла, дар омӯзиши забон ҳам дониста мешавад.»[74] Ба ифодаи дигар, муқоисаи ҳодисаҳои лексикӣ, фонетикӣ, грамматикӣ (морфологӣ ва синтаксисӣ), қоидаҳои имло ва аломатҳои китобат яке аз

---

[73] Ниг. Львов М.Р. Словарь - справочник по методике русского языка, с. 196

воситаҳои муҳими таълими забони тоҷикӣ аст. Дар корҳои методистон ва равоншиносон вобаста ба тарзи баррасиаш ду роҳи муқоисакунӣ - монандкунӣ ва муқобилгузории ҳодисаҳои забон нишон дода шудааст.[75]

Умуман, барои он ки шароити муқоиса кардан фароҳам оварда шавад, ҳатман ду предмет ва ё ду мафҳум интихоб карда мешавад. Зеро чунон ки методист К.Д. Ушинский фармудааст, «Ҳама чизро дар олам танҳо ба воситаи муқоиса кардан мешиносем (дарк мекунем. - С.Ш.), на ба таври дигар ва агар мо бо предмети наве вохӯрем, ки онро бо ягон чиз баробар ва аз чизе фарқ карда натавонем (ба шарте,ки предмет мавҷуд бошад), он гоҳ мо дар бораи он предмет на ягон фикр ва на ягон калимае гуфта наметавонем»[76]. Аз ин ваҷҳ дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ ҳам ду мафҳум ё худ ду ҳодисаи забонро ба ҳам муқоиса мекунанд, ки онҳо ба якдигар, ақаллан, аз ягон ҷиҳат монанданд ва ё аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, суффикс ва префикс дар калимасозӣ ҳамвазифаанд. Аз ин рӯ, агар онҳо аз рӯи монандии вазифаашон дар калимасозӣ муқоиса карда шаванд, чунин муқоисаро **муқоисаи монандкунӣ** меноманд. Аммо аз ҷиҳати ҷояшон нисбат ба реша (суффикс пас ва префикс пеш аз реша омаданаш) муқоиса карда шавад, чунин муқоиса **муқоисаи муқобилгузорӣ** ном дорад.

Дар таълими забони тоҷикӣ бисёр мавзӯъҳоро номбар кардан мумкин аст, ки таркибан ду мавзӯъчаро дар бар мегиранду онҳоро (мавзӯъҳои таркибии ҳамон як мавзӯи умумиро) аз ҳам ҷудо - ҷудо таълим надода, балки дар ҷараёни як дарс ва маҳз бо истифода аз усули муқоиса таълим додан роҳи асосии ҳалли масъала ба шумор меравад. Масалан, овоз ва ҳарф, овозҳои садонок ва ҳамсадоро, имлои **у** ва **ӯ**, исми хос ва ҷинс, исми моддӣ ва маъӣ, сифати аслӣ ва нисбӣ, феъли монда ва гузаранда, феъли мутлақ ва давомдор ва амсоли ҳамин барин масъалаҳои забон ҳастанд, ки маҳз дар як дарс ва бояд бо усули муқоиса таълим дода мешаванд.

Ҳамчунин, мавридҳои дигари истифода бурдан аз усули муқоисаро дар таълими забони тоҷикӣ бояд донист. Масалан, баъзан ҳангоми баёни мавзӯи нави дарс бо ягон мавзӯи пештар омӯхтаи хонандагон муқоиса карда мешавад. Чунончи, таълим

---

[75] Ниг. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.61; Львов М.Р. Словарь-справочник по методике русского языка,с.196; Сафаров Н. Аҳамияти муқоиса дар таълими забон. .-Маҷал.: Мактаби советӣ, 1965, №6,с.31-36.

[76] Ушинакий К.Д. Избр. пед. соч.-М.,1954,с.448

додани мавзӯи аввали боби «Сифат», яъне ҳангоми маълумоти умумӣ додан дар бораи сифат, он (сифат) бо исм муқоиса карда мешавад . Аз ҷумла, таъкид карда мешавад, ки ҳар ду – ҳам исм ва ҳам сифат ҳиссаи мустақилмаънои нутқанд (муқоисаи монандкунӣ), вале исм предметро фаҳмонда, ба саволҳои кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо? ҷавоб мешаваду сифат аломати предметро фаҳмонда, ба саволҳои чӣ хел?, чӣ гуна?, кадом? ҷавоб мешавад (муқоисаи муқобилгузорӣ). Аммо дар чунин мавридҳо шарти муқоиса кардан вобаста ба он аст, ки агар хонандагон мавзӯъҳо ва ё ҳодисаҳои пештар таълимдодашударо нағз аз худ карда бошанд. Ба ҳамин шарт бо усули муқоиса ва дар алоқамандӣ бо исм таълим додани мавзӯъҳои аввали боби «Шумора», «Феъл» низ зарурат дорад.

Чизи аз ҳама муҳим дар рафти бо усули муқоиса таълим додани ҳодисаву мафҳумҳои забон он аст, ки хонандагон дар як вақту ҳангом на танҳо як масъала, балки якчанд масъала ё худ ҳодисаи забонро башууронаву фаҳмида аз худ мекунанд. Аз ин ҷиҳат, алалхусус, дар рафти таълими забони тоҷикӣ ба муқоисаи чунин масъалаҳо: имлои **й** - и заданок ва бандаки изофӣ, мубтадо ва мухотаб, пуркунанда ва мубтадо ва монанди ин .барин мавзӯъҳо бештар эътибор додан талаб кардан мешавад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки бо усули муқоиса таълим додан ё санҷидани дониши хонандагон дар тартиб додани таблитсаҳо ва дар саволдиҳӣ ҳам (Чунончи: Ҳарф аз овоз чӣ фарқ дорад? Фарқи пешоянд аз пасоянд дар чист? ва ғ) мушоҳида карда мешавад. Хусусан, дар дарсҳои такрору хусусияти ҷамъбасткунандагӣ дошта дар шарҳи ҳодисаҳои забон истифода кардан аз усули муқоиса барои боз ҳам инкишоф ёфтани тафаккури мантиқии хонандагон ва мустаҳкамтар гардидани донишу малакаи онҳо аҳамияти бештарро молик мебошад.

§10. Методи таҳлили забон

Дар заминаи истифода аз ин метод ҳама вақт ин ё он ҳодисаи забон чи дар алоҳидагӣ ва чи дар таркиби ибора ё ҷумла ва чи дар матн мавриди муҳокима қарор мегирад. Бояд донист, ки дар рафти чи истифода аз усули мушоҳида ва чи усули таҳлил ҳодисаҳои гуногуни забон муайян ва дарк карда мешаванд. Аммо мавридҳо ва объекти истифодаи онҳо як андоза аз ҳам фарқ мекунад. Чунончи, аз **усули мушоҳида** дар ҷараёни омӯхтани масъалаҳои гуногуни забон – чи грамматикӣ ва чӣ услубшиносӣ, чи имлоиву пунктуатсионӣ ва чи фонетикиву

луғавӣ (луғатшиносӣ ё худ лексикология) истифода гардида, асосан, дар муқаррар намудани ҳодисаҳои ба ҳам наздик, интихоб ва муқоисаи онҳо аз рӯи як ё якчанд аломатҳои, ҳамчунин дар ҷараёни тағйир додани мақсади баён ё мундариҷаи он, ки шакли калима , ибора ё сохтори ҷумла рӯ ба дигаргуниҳо меоваранд, истифода карда мешавад[77], яъне ин ҳама ҳодисаҳои забон ба таври системаноқ таҳти мушоҳида гирифта мешванд. Ба ифодаи дигар, бо усули мушоҳида дар хонандагон малакаи муқаррар карда тавонистани тарзу шаклҳои гуногуни тағйирёбии ҳодисаҳои забон тарбия карда мешаванд[78]. Аз усули мушоҳида, хусусан, дар ҷараёни таълими масъалаҳои зерини фонетика: талаффузи овозҳои нутқ, ҳиҷо ва хелҳои он; **калимасозӣ**: сохтани калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ, мушоҳидаи таркиби калима – реша, суффикс, префикс, асос ва бандак; **морфология:** калимасозии ҳиссаҳои нутқ, аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ гузаштани калимаҳо; **синтаксис:** аз калимаҳо сохтани ибораҳо, аз калима ва ибораҳо сохтани ҷумлаҳои содда, аз ду ё якчанд ҷумла сохтани ҷумлаҳои мураккаб ва истифода кардан басо мувофиқи мақсад аст.

Инак, агар ба ин масъалаҳои бо усули мушоҳида таълим-додашавандаи фавқ дақиқ назар афканем, хулосаи асосӣ ин аст, ки усули мушоҳида зиёда дар ҷараёни сохтор ё эҳёсозии ҳодисаҳои гуногуни забон мавриди истифода қарор мегирифтааст.

Аммо **таҳлили забон,** ҳамчун як методи таълим , яке аз навъҳои ба таври хеле фаровон истифодашаванда дар ҷараёни таълими ҳодисаҳои забон эътироф гардидааст. Он дар таълими ҳамаи соҳаҳои забон - фонетика, лексика, грамматика (морфология ва синтаксис), орфография чи дар лаҳзаи баёни мавзӯъ ва чи дар ҷараёни пурсиши вазифаҳои хонагиву мустаҳкам намудани мавзӯъ, хусусан, дар дарсҳои такрори боб ва такрори хусусияти ҷамъбаскунандагӣ дошта истифода карда мешавад. Ин усули таълим дар дарс пас аз саволу ҷавоб дуввумин воситаест, ки дар ҷараёни ташкили сифатноки он донишҳои назариявии хонандагон марбут ба ҳодисаҳои гуногуни забонамон мустаҳкам карда мешавад. Аз ин рӯ, таҳлили забон ба хелҳои зерин - **таҳлили грамматикӣ, таҳлили фонетикӣ ва таҳлили лексикӣ** ҳам ҷудо карда мешавад, ки аз инҳо таҳлили грамматикӣ дар ҷараёни забономӯзиву амалан аз худ намудани масъалаҳои назариявии забон мавқеи бештарро доро мебошад.

---

[77] Текучев А.В. Меторика русского языка в средней школе,с.74-75
[78] Позняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с.31

Таҳлили грамматикӣ чунин як машғулият аст, ки хонандагон бо супориши муаллим аз матни муайян ин ё он ҳодисаи забон (таркиби калима, морфемаҳо, сохти ҳиссаҳои нутқ, ҳиссаҳои нутқ, қисмҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла, умуман, ҷумлаҳо аз рӯи маъно, мазмун ва сохт ва ғ.) - ро ҷудо ва муқаррар карда, аломату нишонаҳои онро шарҳу эзоҳ медиҳанд, ки ин амал тафаккури мантиқии талабагонро инкишоф дода, диққаташонро ба тартиб медарорад ва онҳоро ба кори мустақилона одат мекунонад.

Таҳлили грамматикӣ **аз ҷиҳати мазмун** ду хел мешавад; 1) **таҳлили морфологӣ,** ки дар навбати хуб боз, ду хел мешавад: **таҳлили таркиби калима** вобаста ба калимасозӣ ва **таҳлили ҳиссаҳои нутқ**;[79] 2)**таҳлили синтаксисӣ,** ки низ ба ду навъ – **таҳлили синтаксиси ҷумлаҳо содда** ва **таҳлили синтакси ҷумлаҳои мураккаб** – ҷудо карда шудаанд.

Дар рафти таҳлили морфологӣ хусусиятҳои морфологии калима, (таркиби калима – реша, суффикс, префикс, асос ва бандак, ҳиссаҳои нутқ, хусусиятҳои сохту маъноӣ, вазифаҳои онҳо дар ҷумла), бо истифода аз таҳлили синтаксисӣ бошад хусусиятҳои синтаксисӣ (алоқаи калимаҳо дар ибора ва ҷумла, сохт ва хелҳои ибораву ҷумла, аъзоҳои ҷумла ва роҳҳои ифода шудани онҳо, калима ва ибораҳои иловагии ҷумла – мухотаб, воҳидҳои туфайлӣ ва истисноӣ, нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда ва ғ.) муайян карда мешаванд (Албатта, хелҳои дигари таҳлили забон низ дар ташаккули дониш ва маҳорату малакаи аз дарсҳои забони тоҷикӣ андӯхтаи хонандагон мавқеи муайян доранд. Чунончи, бо таҳлили фонетикӣ, асосан, хусусиятҳои фонетикии овоз ва ҳарф, садонок ва ҳамсадоҳо, ҳиҷо, зада ва ғ. - ро дар таркиби калима дурусттар дарк хоҳанд кард.)

Бояд ба назар гирифт, ки ҳангоми таҳлили морфологӣ орфография ба (имло) ва дар вақти таҳлили синтаксисӣ ба мавридҳои истифодаи пунктуатсия (аломатҳои китобат) мунтазам эътибор додан лозим меояд. Зеро ки қоидаҳои имло, асосан, дар заминаи маводи морфология ва аломатҳои китобат дар алоқамандӣ ба мавзӯъҳои мухталифи синтаксис таълим дода мешавад. Маҳз дар сурати риояи чунин амал қоидаҳои имлои калима ва кор фармудани аломати китобат ба мавқеъ ва дуруст таъин карда мешавад. Масалан, чаро калимаи **воқеъ** дар ҷумлаи «Аз воқеа касе хабар надошт» аломати сакта (ъ) надорад, ё барои чӣ дар ҷумлаи «Кит, бешубҳа, ҳайвони азимҷусса аст» дуто

---

[79] Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ дар мактаб миёна. Қисми 1.-

аломати вергул гузошта шудааст? барин саволҳо ҳатман дар малакаи дурустнависӣ ва кор фармудани аломатҳои китобат аз тарафи хонандагон аҳамияти амалӣ хоҳад расонд.

Таҳлили грамматикӣ **аз чиҳати ҳаҷм** ба чор гурӯҳ - **хусусӣ, пурра, интихобӣ** ва **омехта** чудо карда шудааст.[80]

1.**Таҳлили хусусӣ,** ё худ чузъӣ, таҳлилест, ки он вобаста ба мавзӯи ҳаррӯзаи дарс бо мақсади таъин намудани аломатҳои хос ва чудогонаи ин ё он ҳодисаи забон истифода карда мешавад. Масалан, агар дарс ба ягон мавзӯи мушаххас масалан, «Исмҳои хос ва чинс» («Феъли монда ва гузаранда», ё худ «Мубтадо ва ифодаи он» ва амсоли ин) бахшида шуда бошад, дар мисолҳо ва матнҳои интихобшуда хос ва чинс будани исмҳо, тарзи навишт ва ба кадом савол чавоб шудани онҳо, умумият ва фарқи онҳо эзоҳ дода мешавад, ки чунин таҳлилро **хусусӣ** меноманд.

Бояд донист, ки таълими ҳар як мавзӯъ аз таҳлили хусусии он сар мешавад. Бо чунин роҳ хонандагон ҳар як ҳодисаи фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксисиро мушоҳида карда, шуурона фаҳмида, аз он хулоса мебароранд. Чунончи, агар мавзӯъ «Сифатҳои аслӣ ва нисбӣ» бошад, бо роҳи муқоиса таҳлил тарзе ташкил карда шавад, ки бояд талабагон дар муайян кардани сифатҳои аслӣ ва нисбӣ аз таркиби чумла ба чунин чиҳатҳо эҳтибор диҳанд: а) алоқаи сифат бо исм, яъне он сифати кадом исм аст; 2) сифат ба кадом савол чавоб шудааст; он сифати аслӣ ё нисбист ва г. Масалан, дар рафти таҳлили сифат аз чумлаи зерин: Насими форами об рухсораҳоро нарм - нарм навозиш мекард.(А.Д.)

Ин чо талаба барои ёфтани сифат фикр мекунад, зеро дар чумлаи мазкур якчанд калима ҳаст. Ӯ, аввалан, ба хотир меорад, ки сифат аломати предметро мефаҳмонаду ба саволҳои чӣ хел?, чӣ гуна?, кадом? чавоб мешавад. Сипас, вай муайян мекунад, ки дар ин чумла калимаи **форам** сифат буда, сифати **насим** (исм) аст ва ба саволи чӣ хел? (насим) чавоб мешавад, сифати аслӣ аст, зеро аломати аслии предметро фаҳмонидааст, суффиски дарачасози **-тар, - таринро** қабул карда метавонад: форам**тар,** форам**тарин.** Чунки суффиксҳои **тар ва таринро** қабул кардан яке аз аломатҳои барчастаи сифатҳои аслӣ маҳсуб меёбад.

2. Агар ҳамаи аломатҳои грамматикӣ (морфологӣ ё синтаксисӣ) ё фонетикии калима, ё чумла бо тартиби муайян таҳлил карда шавад, ин гуна таҳлилро **таҳлили пурра** меноманд. Масалан, агар аломатҳои калимаҳои зерин: **падар, модар, шаҳр, Душанбе, илм, меҳнат,** ҳамчун исм, таҳлил карда шарҳ дода

---

[80] Тошпулатов А.Р. Методика русского языка в средней школе. с.76-77

шаванд, **таҳлили исм** ном дорад. Аз ҷумла, калимаи **Душанбе** ин тавр таҳлил карда мешавад: **Душанбе** исм аст, ба саволи **чӣ**? ҷавоб мешавад, исми хос буда, бо ҳарфи калон навишта мешавад, исми моддӣ, шумораш – танҳо, исми ҷузъ, аз ҷиҳати сохт мураккаб, аз ду реша: **ду** ва **шанбе** сохта шудааст. Мисли ҳамин дар як вақт таҳлил намудани ҳиссаҳои нутқ дар ҷумла ё матни муайян, ё аъзоҳои ҷумла, ё ки ҳамаи хусусиятҳои калима аз ҷиҳати таркиб (реша, суффикс, префикс, асос ва бандак, хелҳои бандак) дар маҷмӯъ таҳлили пурра ном дорад.

Таҳлили пурраи як боб ё ҳиссаи нутқ дар мавриде натиҷаи хуб медиҳад, ки агар дар рафти таълими ҳар соати мавзӯъҳои таркибии он таҳлили хусусӣ ё худ ҷузъӣ дуруст гирифта бошад. Яъне таҳлили хусусии мавзӯъҳои ҷудогонаи он боб тадриҷан хонандагонро ба таҳлили пурраи ҳамон боб тайёр намуда бошад. Яъне агар онҳо дар рафти таҳлили хусусӣ малака ҳосил карда бошанд, таҳлили пурра бароямон душворӣ намеовард.

Таҳлили пурра дониши хонандагонро ба система медарорад. Он – таҳлили пурра – воситаи муҳими бо корҳои хаттии санҷишӣ, санҷидани дониши шогирдон аз ягон қисми забон ва воситаи такрору мустаҳкам намудани маводи як ё якчанд бобу фаслҳои забони тоҷикӣ дониста мешавад. Барои таҳлили пурра, одатан, асосан як ё ду соати дарсӣ бахшида шуда, вале ҳангоми гузаронидани такрори аввали солу солона (охири сол) аксари вақти соатҳои ба такрори бобҳо бахшидашаванда бояд дар заминаи чунин такрор ҳаллу фасли худро ёбад.

3. **Таҳлили интихобӣ** чунин тарзи таҳлил аст, ки пас аз гузаштани якчанд мавзӯъ ё таълими пурраи бобе ё худ чандин боб аз матн ин ё он ҳодисаи забон (хоҳ ба грамматика мансуб бошад ё хоҳ ба фонетикаву лексика) интихобан муайян карда ё худ шарҳ дода мешавад. Яъне тавассути гузаронидани таҳлили интихобӣ аз байни чандин мавзӯъҳои бобе ё бобҳои гуногуни омӯхтаи талабагон танҳо як ҳодисаи забон шифоҳӣ ё хаттӣ муқаррар карда – шарҳу эзоҳ дода мешавад. Чунончи, агар ҳамаи ҳиссаҳои нутқ омӯхта шуда бошад, муаллим ба хонандагон супориш медиҳад, ки аз матн фақат ҷонишинҳоро ёфта, хели онҳоро муайян карда, ба зеришон хат кашанд. Вале дигар ҳиссаҳои нутқ таҳлил карда намешаванд. Ё аз матн танҳо феълҳоро ёфта маънидод кунанд. Ва ё пас аз омӯхтани аъзоҳои ҷумла ба хонандагон фармуда мешавад,ки аз матн танҳо хабарҳоро муайян намуда, хусусиятҳои онҳоро ва чи тавр бо мубтадоҳо мувофиқат карданашонро шарҳ диҳанд, ки дар

маҷмӯъ чунин тарзи баррасии таҳлилро **таҳлили интихобӣ** меноманд.

4. **Таҳлили омехта** он аст, ки тавассути истифода аз он ду хели таҳлил пасупеш дар як вақт гузаронида мешавад. Масалан, хели аъзои ҷумларо муайян карда, бо чӣ ифода ёфтани онро шарҳ додан (синтаксисию морфологӣ), таркиби калимаро эзоҳ дода, овоз ва ҳарфҳои онро таҳлили фонетикӣ кардан (морфологию фонетикӣ), маънои луғавию грамматикии калимаро дар ҷумла шарҳ додан ва монанди ин **таҳлили омехта** ном дорад. Чунин тарзи таҳлил, албатта, аз хонандагон диққатнокӣ ва донишу малакаи зиёди қаблиро талаб менамояд, ки дар натиҷа аз ӯҳдаи ин тарзи таҳлил баромада тавонистан дар онҳо донишҳои андӯхтаашонро боз ҳам амалан мустаҳкам хоҳад намуд.

Бояд таъкид намуд, ки баъзан дар таҷрибаи кории баъзе омӯзгорон дар як вақт аз ҳар ҷиҳат – чи аз ҷиҳати фонетикию лексикӣ ва чи аз ҷиҳати имлою мавқеи истифодаи аломатҳои китобат ва ғайра – таҳлил намудани ҷумла ва ё матн ба мушоҳида гирифта мешавад, ки чунин навъи таҳлилро метавон **таҳлили умумӣ** номид. Ин хел таҳлил ҳам аҳамияти амалии зиёд дошта, барои такрору ҷамъбасти маводи дар зарфи як чоряк, ё дар тӯли якчанд сол омӯхтаи талабагон, махсусан, дар давраи такрори солона (охири сол) аҳамияти калон дорад. Ин навъи такрор барои ба имтиҳони хатмкунӣ ва азсинфбасинфгузаронии хонандагон яке аз заминаҳои басо боэътимод ба шумор меравад. Таҳлили умумӣ дониш, маҳорат ва малакаи шогирдонро ба низом дароварда тафаккури мантиқӣ ва нутқи мураттабро дар онҳо ҳатман инкишоф ҳам медиҳад.

Аз ҷиҳати тарзи гузаронида шуданаш таҳлили грамматикӣ ду навъ мешавад: **шифоҳӣ ва хаттӣ** . Ташкили ҳар ду навъи чунин таҳлил аҳамият дорад. Албатта, дар аввалҳо даҳанакӣ гузаронидани таҳлил беҳтар аст, зеро барои он вақт кам сарф гардида, дар ҷараёни он хатоҳо содир шавад ҳам, ислоҳашон осон аст. Таҳлили шифоҳӣ пас аз муддате хонандагонро ба таҳлили хаттӣ омода месозад. Аммо ба таҳлили хаттӣ бештар аҳамият додан зарурат дорад. Чунки тавассути бо ин усул таҳлил гузаронидан моҳияти ҳодисаҳои грамматикӣ ва ҳам фонетикию лексикӣ зиёда дар хотири хонандагон нақш баста, донишу маҳорати онҳо ҳар чӣ бештар ба малака табдил хоҳад ёфт.

Таҳлили хаттии грамматикӣ навъҳои гуногун дорад:

Чунончӣ:1). ба болои ҳиссаҳои калима (ҳангоми муайян намудани таркиби калима) бо аломатҳои шартӣ хат кашидан: тулдони калон; ҳамсинфони ман.

2). дар зери аъзоҳои ҷумла бо аломатҳои шартӣ хат кашидан; мубтадо бо як хати рост (_____), хабар бо ду хати рост (_____). муайянкунанда бо хати мавҷнок(_____), пуркунандла бо хати тире - тире (- - - - -) ва ҳол бо тире нуқта (_____).

3). дар ҷумла ба болои калима кадом ҳиссаи нутқ ё аъзои ҷумла буданашро мухтасар навиштан.

и. и. п. и. ф.

Масалан: Хонандагон муаллимро бо идошон табрик намуданд.

4). дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ сарҷумларо бо хати рост ва хелҳои ҷумлаи пайравро мутобиқи аломатҳои шартии аъзоҳои ҷумла ишора намудан.* Чунончи: сарҷумла (_____), ҷумлаи пайрави мубтадо (_____) ҷумлаи пайрави хабар (_____). ҷумлаи пайрави пуркунанда (- - - - - -), ҷумлаи пайрави ҳол(_____), ҷумлаи пайрави муайянкунанда (_____)

5. бо камонакҳо (⟶), (⟵) нишон додани алоқаи калимаҳо дар ибора ва ҷумла (алоқаи аъзоҳои ҷумла), инчунин, алоқаи ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб. Чунин:

Совхоз барои аъзоёнаш бинои дуошёна сохт

Бо истифода аз ин камонакҳо хатти таҳлил намудани аъзоҳои ҷумла низ аҳамият дорад. Чунончи: Модар фарзандашро меҳрубонона навозиш мекард.

Кӣ?

Модар (Чӣ кор мекард?) навозиш мекард.

Киро? Чӣ тавр?

фарзандашро меҳрубонона

---

* **Эзоҳ.** Аз рӯи анъана, асосан, ба зери ҳамаи хелҳои ҷумлаи пайрав хати мавҷнок (_____) кашида мешавад. Аммо мо пас аз мушоҳидаи дарси бисёр омӯзгорон ва маслиҳат бо гурӯҳи шунавандагон дар курсҳои такмили ихтисос ба хулоса омадем, ки барои бошуурона бо аломатҳои шартӣ ишора намудан роҳи бехтарин ин аст, ки ба зери онҳо вобаста ба хелашон аломатҳои шартии аъзои ҷумла, чунон ки дар фавқ нишон додем, кашида шаванд. Дар ин бора нигр: Шербоев С. Аломаҳои шартии ҷумлаҳои пайрав.-Рӯзн.: Газетаи муаллимон, 11.02.1986

6). овозҳои нутқ, морфемаҳо (маънодор, калимасоз ва калимабанд), маънои лугавӣ (лексикӣ) ва грамматикӣ, нишонаҳои грамматикии ҳиссаҳои нутқ ва аъзоҳои ҷумла, сохту таркиби ҷумла ва ғайраро муфассал навиштан.* Чунончи, таҳлили хаттии сифатҳо дар ҷумлаи «Насими саҳари бӯи алафҳои хушбӯйро ба димоғ мерасонд». ин тавр мешавад: **Саҳарӣ** – сифат, сифати насим (Чӣ хел насим?), сифати нисбӣ, аз ҷиҳати сохт – сохта; **Хушбӯй** – сифат, сифати алафҳо (Чӣ хел алафҳо?), сифати аслӣ, суффиксҳои дараҷасози – **тар, - таринро** қабул мекунад (хушбӯйтар, хушбӯйтарин), сохташ мураккаб, яъне аз ду реша (хушбӯй: хуш - бӯй) сохта шудааст.[81]

Ё худ таҳлили хаттию фонетикии калимаи **баҳор** бояд чунин сурат гирад. **Баҳор** – ин калима аз 5 овоз (б, а, ҳ, о, р), аз ду ҳиҷо (ба - ҳор), ду садонок (а, о), 3 ҳамсадо (б, ҳ, р) иборат буда, аз садонокҳо **а** ғайрилабӣ **о** лабӣ; аз рӯи иштироки садову шавшув ва ҳаракати лабҳо **б** ҳамсадои ҷарангдори лабӣ, **ҳ** ҳамсадои ғайрилабӣ ва бечаранги ҳалқӣ, **р** ҳамсадои ҷарангноки ғайрилабии нӯгизабонӣ ба шумор меравд ва ғ.

Ниҳоят, таъкид бояд кард,ки яке аз манбаъҳои самараноку шавқовар ғузаронидани таҳлили грамматикӣ ва хелҳои дигари таҳлил ба интихоби матн вобастагии калон дорад.

§11. Интихоби матн барои таҳлили грамматикӣ

Барои таҳлили грамматикӣ калима, ибора, ҷумлаҳои ҷудогона ва матни алоқаманд, ки аз якчанд ҷумла иборат бошад, интихоб карда мешавад. Ҳар як мисоле, ки барои таҳлили грамматикӣ интихоб карда мешавад, бояд аз ҳар ҷиҳат - ҳам аз ҷиҳати маънову мазмун, ҳам мавзӯъ, ҳам услуб ва ҳам аз ҷиҳати методӣ санҷида шавад. Яъне мисол ба мавзӯъ мувофиқ, услубан солиму барои хонандагон намунавӣ буда, дорои аҳамияти тарбиявӣ ҳам бошад. Ба хусус мазмуни ҳар як ҷумла барои онҳо

---

* **Эзоҳ.** Ин усули таҳлил аз диди методистон яке аз роҳҳои беҳтар ва дақиктар дарк намудану мустаҳкаму хотирмон гардидан, зиёда аз ин, муқаррар кардан ё худ намоиш додани дониш, маҳорат ва малакаи шогирдон доир ба ин ё он ҳодисаи забон буда, аксари иҷрои супоришҳои озмунҳои ҷумҳуриявӣ марбуг ба забони тоҷикӣ низ дар заминаи чунин усули таҳлил талаб карда мешавад.

[81] Нит. Перевод: [illegible]

бояд фаҳмо бошад. Бинобар ин, беҳтар аст, ки ҷумлаҳо (порчаҳо ҳам) барои таҳлили грамматикӣ, дар навбати аввал, аз он маводе, ки хонандагон дар дарсҳои адабиёт омӯхтаанд ва адабиёти бадеии тавссути тавсияи хониши беруназсинфӣ омӯхтаи онҳо интихоб карда шавад.[82]ин тарзи кор ба дуруст фаҳмидани маънои калимаҳо ва мазмуни матнҳои аз асари бадеӣ интихобшуда низ мусоидат менамояд.

Матнҳо барои таҳлил, то ки якранг набошанд, бояд аз услубҳои гуногуни забони адабӣ–бадеӣ, илмӣ, оммавӣ–публитсистӣ интихоб карда шаванд. Чунончи: а) агар ҷумлаҳо аз асарҳои бадеӣ ҷамъ оварда шуда бошанд, хонандагон бояд аз кадом асар гирифта шудан ва ба кадом воқеа марбут будани он мисолҳоро донанд. Масалан, дар синфи VII барои таҳлил чунин ҷумла интихоб шудааст: **Дар яке аз тангкӯчаҳои канори деҳа Виркаи нохост бо Наниманча дучор омад. (С.У.)**

Талабагон таъкид мекунанд, ки ин ҷумла аз асари С. Улуғзода «Ривояти Сугдӣ» гирифта шудааст ва мухтасар воқеаеро, ки ин ҷумла ба он алоқаманд аст, ба хотир меоранд.

б) барои таҳлил чунин ҷумлаҳоро ҳам бояд ҷамъ овард,ки бе шарҳи зиёд ҳам ба хонандагон фаҳмо бошанд. Масалан: Ман воқеаи мактабхонии худро дар «Мактаби кӯҳна» ном асари худ ба тафсил зикр кардаам (С.А.) Қасидаи «Модари май» ва «Шикоят аз пирӣ» - ро устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ навиштааст; ва г.

Ин ҷумлаҳо ба хонандагон дастрас аст, чунки «Мактаби кӯҳна» - и С. Айниро хондаанду бо эҷодиёти Рӯдакӣ шиносанд.

в) Барои таҳлили грамматикӣ аз тасвири манзараи табиат, пешравиҳои ҳаёт ва зиндагӣ дар ҷумҳуриамон, хислатҳои наҷибу дастовардҳои меҳнатии халқи кишвар, сулҳу истиқлолият, дӯстии халқҳо ва илму техника мисолҳо овардан лозим аст. Чунончи: 1. Садои форами суруду мусиқӣ ба ҳама рӯҳи тоза мебахшад. (Ф.Н.)2. Дӯстии байни халқҳои мо аз барфҳои қуллаи кӯҳсоронамон дида тозатар аст (М.Т.)3. Насим бӯи муаттари гулҳои зеботанзари дарахтони каҷакбодом, зардолу ва шафтолуро ба машом овард (Р.Ҷ.). 4. Моҳи сентябри соли 2006 15 - солагии Рӯзи истиқлолияти Тоҷикистон ва 2700 – солагии Кӯлоб ҷашн гирифта шуд.

г) барои таҳлил ҷумлаҳоеро ҳам бояд интихоб намуд,ки мазмуни панду насиҳатро доро бошанд. Масалан: 1. Илм ба одам даркор аст. (Р.Ҷ.)2. Ҳар кас, ки модарашро дӯст дорад,

---

[82] Ниг. Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка.с.33

шаҳрашро, Ватанашро дӯст медорад (Ҷ.И.) 3. Агар танбалон ва тангпарварон медонистанд, ки кор чӣ гуна бадани касро сахт мекунад ва дили касро ҳузур медиҳад, ҳеҷ гоҳ дар сояи бекорӣ наменишастанд. (С.А.)

г) зарбулмасалу мақолҳо ва чистонҳо ҳам барои таҳлили грамматикӣ мувофиқ ва дорои аҳамияти калони тарбиявӣ ба шумор мераванд. Масалан, аз қабили «Сухани хуш морро аз хонааш берун баровардааст». «Аз одами бекор ҳама безор», «Бе меҳнат роҳат муяссар намешавад», «Офтобро бо доман пӯшонидан мумкин нест», «Бо одами тарсончак ба шикор нарав», «Сари дарахти мевадор хам» ва чистонҳо ба мисоли:

Ҳавзи рангин — *Ҳафт бародаронанд, хап*
Оби сангин — *Аз паси ҳам равонанд.*
Мори печон — *Ҳар чанд меравад вақт,*
Гули хандон — *Лекин онҳо ҷавонанд*
(Чароғ) — **(Рӯзҳои ҳафта)**

д) барои таҳлили грамматикӣ ҷумлаҳои ҷудогонаро аз ҳар ҷои як асар ҳам интихоб кардан мумкин аст, ки ин усули кор воқеаҳои он асарро пайиҳам ба хотири талабагон меорад. Масалан, барои таҳлили пурраи аъзоҳои ҷумла аз очерки С.Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик - Темурмалик» ба таври зайл ҷумлаҳоро овардан мувофиқ аст: 1. Як даста аз муғулон аз дунболи темурмаликиён расиданд. 2. Дар ин ҷангҳо баъзе ҷанговарони Темурмалик кушта ва хаста шуданд. 3. Аспи Темурмалик дар миёнаи тӯдаи душманон даромад. 4. Дар ин ҷанг ҳам қувваи муғулон шикаста, ба пас рафтан ва пароканда шудан маҷбур гардиданд.5. Темурмалик бо ҷановарони худ сафари худро давом дод.

е) ҷумлаҳои ҷудогонаро барои таҳлили ягон ҳодисаи грамматикӣ дар як мавзӯъ – санъат ва илму техника, рустаниву наботот, сабзавоту мевачот, фаслҳои сол ва ғайра ҷамъ овардан мумкин аст, ки барои инкишофи нутқи хонандагон аҳамияти калон дорад. Масалан, ҷумлаҳои зерин аз «Ҳиссаҳо аз қиссаҳои ҷанг» - и Ф. Ниёзӣ барои таҳлили ҷумлаҳои чидааъзо марбут ба муайянкунандаҳои чида интихоб шудаанд, мазмунан онҳоро мавзӯи фасли зимистон муттаҳид менамояд:

1. Барфи тунук мебориду рӯи замини яхбастаро докавор мепӯшонд. 2. Ришу мӯйлаб, абрӯю мижгон, гелпаку чакмани ӯро қирави маҳин пахш карда буд. 3. Оташи печка торафт баландтар аланга гирифта, хонаро метафсонд.

ё). ҷумлаҳои ҷудогонаро барои таҳлил доир ба як мавзӯъ аз асарҳои гуногун ҳам интихоб намудан мумкин аст.

ж) ниҳоят, барои таҳлил,то ки фаъолияти хонандагон боз ҳам баланд бардошта шавад, аз порчаҳои назму насри онҳо аз ёд медонистагӣ ва аз ҷумлаҳои мустақилона сохтаи онҳо ҳам истифода бурдан тавсия карда мешавад. Хусусан, аз нақли хаттӣ ва иншоҳояшон ҳам интихобан ҷумлаҳо таҳлил карда шаванд, муҳаббати онҳо ба омӯзиши забони тоҷикӣ бо ҳам афзунтар хоҳад шуд.

Бояд ба назар гирифт, ки доим таҳлил намудани ҷумлаҳои якрангу забонзада, аз қабили «Мо ба кино меравем», «Мо газетаи деворӣ баровардем», «Ман қалами сурх харидам», ки дар дарс аксар такрор ба такрор мисол оварда мешаванд, сифати таълимро паст мекунанд. Ҷумлаҳоеро, ки ба табъи одам нафорад, барои таҳлил набояд интихоб кард. Бояд ҳар як ҷумлае, ки барои таҳлили грамматикӣ интихоб карда мешавад, барои зиёд шудани захираи луғавии нутқ ва дониши грамматикии онҳо кӯмак расонад, малакаи имлоии онҳоро мустаҳкам, синтаксиси нутқашонро услубан солим намуда, дар кор фармудани аломатҳои китобат дар онҳо малакаи комил ҳосил кунонад. Баҳри ноил шудан ба чунин мақсадҳо, ҳамчунин, барои таҳлили грамматикӣ аз назм ҳам мисолҳои аз ҳар ҷиҳат ибратбахш ва ба мавзӯи дарс айни муддаоро интихоб намудан зарурат дорад. Масалан, амсои чунин байтҳоро:

1. Ҳар кӣ дониш фаромӯш кунад,
   Забонро зи гуфтор хомӯш кунад.
   (А. Фирдавсӣ)
2. Ба дониш бувад дилу ҷонро фурӯғ,
   Нигар, то нагардӣ ба гирди дурӯғ
   (А. Фирдавсӣ)
3. Сангеву гиёҳеро, ки дар он хосияте ҳаст,
   Беҳ з - одамие, ки дар ӯ манфиате нест.
   (С. Шерозӣ)
4. Чу касби илм кардӣ, дар амал кӯш,
   Ки илми беамал борест бар дӯш
   (А. Ҷомӣ)

5. Дар адаби дарси муаллим нигоҳ,
   То нашавӣ таблаки таълимгоҳ
   (А. Ҷомӣ)

Ҳамин тавр, дар интихоби мантҳо барои таҳлили грамматикӣ муаллимро зарур аст, ки рӯ ба ҷустуҷӯи мисолҳое орад,то ки «Ҳар як ҷумлаи (мисоле, матне, - С.Ш.)

таҳлилшаванда дар баробари бой намудани нутқи хонандагон... бояд дар инкишофи тафаккури грамматикии онҳо нақши пуразишу мустаҳкам ҳам гузорад».[83]

§12. Методи машқ

Яке аз усулҳое, ки дар таълими забони тоҷикӣ баҳри донишҳои назариявии хонандагонро дар амал мустаҳкам намудан ва намоиш додан дар ҳар дарс истифода бурда мешавад, мансуб ба коркарди машқҳои гуногун буда, бо унвони **методи машқ** (системаи машқҳо) маъмул аст. Мафҳуми **методи машқ** васеъ буда, аз ҷумла таҳлили грамматикӣ ҳам як навъи он, яъне машқ, ба шумор меравад. Умуман, таълим ва омӯзишу азхудкунии аксари ин ё он талаби машқҳои гуногунро тасаввур намудан амри маҳол аст. Ба ифодаи дигар, иҷро намудани талаби машқҳо ва ё системаи машқҳо дар таълими забони тоҷикӣ аз ҷумлаи яке аз методҳои самаранок маҳсуб ёфта, аз ҷиҳати хусусият, хел, мақсад ва тарзи иҷрошон гуногун мешаванд.

Машқҳо ҳам дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ мутобиқи ҳар як мавзӯи таркибии фаслу бобҳо пешниҳод шудаанд ва ҳам бо салоҳдиди худи муаллим тавассути интихоб намудани ҷумлаҳо ва матнҳои гуногун аз услубҳои бадеиву илмӣ ва расмӣ - коргузорӣ дар заминаи талаботи мавзӯи дарсҳо барои иҷро ба хонандагон пешниҳод мегарданд. Бояд дар ҷараёни иҷрои талаби ҳар як машқи пешниҳодшуда ҳаминро ба назар гирифт, ки на танҳо донишҳои назариявии хонандагон аз грамматика, инчунин (фонетика ва лексика) мустаҳкам гардонда шаванд, балки дар онҳо малакаҳои нутқи мураттаб, хониши бурро, дурустнависӣ, кор фармудани аломатҳои китобатро ҳар доим тарбият намояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки иҷрои машқҳои ҳархела дар сурат натиҷаи хуб медиҳанд, ки агар онҳо мунтазам бо як системаи муайян, аз осон ба душвор, ки як типи машқ хонандагонро ба иҷрои хели дигари машқ омода созад, гузаронида мешаванд. Дар ин бора ҳақ ба ҷониби методист К.Д. Ушинский аст, ки гуфтааст: «Муҳимтарин асоси самаранокии машқҳо системанок будани онҳост, система вайрон бошад, дуруду дароз машқи бисёре иҷро кунонед ҳам, хонандагон орфографияро аз худ карда наметавонанд, хатоҳои зиёд содир мекунанд».[84]

---

[83] Позндяков Н.С. Методика преподавания русского языка,с.36
[84] Ушинский К.Д. Мунтахаби асарҳо. –М-Л. 1946, с.197

Дар иртибот ба гуфтаҳои фавқ, ки марбут ба зарурати риояи системанокӣ дар иҷрои машқҳо таъкид намудем, методист В.А. Добромыслов, чунин чор навъи машқҳоро тавсия кардааст, ки риоя намудани тартиби иҷрои онҳо, ҳақиқатан ҳам, дар таълими забони модарӣ, аз ҷумла дар таълими забони тоҷикӣ ҳам, системаро дар иҷрои машқҳо ба вуҷуд меорад. Чунончи:1) Машқҳо барои шинохтани ягон ҳодисаи марбути грамматикӣ аз байни ҳодисаҳои дигар; 2) Мустақилона тартиб додани шаклҳои матлуб ва ё ҷамъ намудани ҳамон гуна мисолҳо; 3) Рӯбардоркунӣ бо супоришҳои грамматикӣ; 4) Машқҳое, ки ба инкишофи нутқ вобастаанд.[85]

Дар бораи он ки кимашқҳо, умуман, чӣ хел бояд бошанд, В.А. Добромыслов чунин талаботи муҳимро таъкид намудааст: «машқҳоро тавре тартиб додан лозим аст, ки шакли матлуби грамматикии онҳо дар назари хонандагон намоён шуда наистад, балки барои онҳо имкони ҷудо кардан, муқоиса намудан, бо ҳам омехтани як шакл ба шакли дигари ба он монанд бошад (масалан, муайян намудани суффикси **–он** дар калимаҳои зерин: **одамон, занон, даҳон, ҷаҳон, чӯпон, нишон, чашмон ва ғ. - С.Ш.**) Ин ҳолат хонандагонро водор мекунад, ки корро (машқро) рӯякӣ иҷро накунанд, балки фикр кунанд ва шуурона ба ин ё он қарор оянд».[86] Дар ин бора боз ҳам К.Д. Ушинский гуфтааст, ки «Ҳама гуна машқи нав бо машқҳои пештара алоқаманд бошад, ба он такя намояд ва қадаме ба пеш гузорад».[87]

Бояд гуфт, ки он ҳама талаботе, ки доир ба иҷрои машқҳо *ва риояи низоми иҷрои онҳо (системанокӣ) аз диди методистон* ёдовар шудем, бешубҳа, дар таълими забони тоҷикӣ пурра татбиқшавандаанд. Сарфи назар аз пешниҳодоти фавқ, дар таҷрибаи муаллимони забони тоҷикии ҷумҳуриамон чунин навъ амалҳо ё худ иҷрои машқҳо бештар ба мушоҳида гирифта мешаванд, ки дар бобати дар амал мустаҳкам намудани донишҳои назариявии хонандагон ҳатман натиҷаи дилхоҳ медиҳанд. Чунончи:

1.Таҳлили грамматикӣ (шифоҳӣ ва хаттӣ).

2. Тағйир додани шаклҳои морфологӣ дар матн (масалан, ҷонишини шахси якум - «ман» - ро ба «мо») иваз намудани

---

[85] Добромыслов В.А. О подборе текстов и построении упражнений в учебнике.-Журн.: Русский язык в школе, 1948, №5, с.33

[86] Ҳамон ҷо, с.32

[87] Ушинский К.Д. Избранные педагогические сочинений.-М.: АПН РСФСР, 1945, с.341

калимае ба синонимаш (чунончи, калимаи «илм» - ро бо «дониш») ва г.

3.Як хели ҷумлаҳоро ба хели дигараш баргардонидан (ҷумлаи хулласро ба тафсилӣ, ҷумлаи дутаркибаро ба яктаркиба, аз ҷуфти ҷумлаҳои содда сохтани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ ва г.)

4. Мустақилона сохтани калима (сохта, мураккаб, таркибӣ), ибора (содда ва мураккаб) ва хелҳои гуногуни ҷумла.

5. Навиштани нақл аз рӯи расмҳо, навиштани иншо ва нақлҳои ҳаҷман хурд бо супоришҳои грамматикӣ (фонетикӣ, лексикӣ, ва пунктуатсионӣ).

Илова ба машқҳои боло, ҳамчунин марбут ба таълими орфография (имло) омӯзгорон ичрои машқҳои зеринро ҳам аз хонандагон талаб мекунанд: 1. Рӯбардоркунӣ (аз китоби дарсӣ, аз луғати имло, тафсирӣ, аз асарҳои бадеӣ) бо ичрои ҳар гуна супориш. Масалан, рӯбардор кардани калимаҳои дорои й - и заданок, аломати сакта(ъ), у ва ӯ ва калимаҳои дорои ҳамсадоҳои такрор буда ва г.

2. Ба қоидаҳои дахлдори имло(орфография) бо супориши муаллим мустақилона аз худ ё аз манбаъҳои дигар навиштани мисолҳо.

3. Гузаронидани (навиштани) ҳар гуна диктантҳои таълимӣ (**огоҳӣ**: биноӣ ва таъкидӣ; эҷодӣ, луғат, озод, эзоҳи (шарҳдиҳӣ).

Дар бобати машқи рӯбардоркунӣ ҳаминро бояд таъкид кунем, ки он ду тарзи гузаронидан дорад: а) рӯбардоркунӣ бо ичрои ҳар гуна супориши грамматикию орфографӣ (аз ҷумла, бо супоришҳои пунктуатсионӣ ҳам) б)рӯбардоркунии озод. **Рӯбардоркунии озод** машқест, ки мувофиқи талаби он хонанда матн (калима, ибора, ҷумлаҳои ҷудогона, порчаҳои гуногунро бо дархости муаллим бе ягон тағйирдиҳиву даровардани дигаргунӣ танҳо рӯбардор мекунад. Чунин навъи рӯбардоркунӣ бештар ба хонандагони саводнокиашон пасту дар навишт ба хатогиҳои зиёд роҳ медодагӣ тавсия карда мешавад, то ки ба бе хато рӯбардор кардан одат кунанд. Дигар ин, ки чунин рӯбардоркунӣ оҳиста - оҳиста барои хонандагони сустхон яке аз заминаҳои то андозае бе хато навиштани диктантҳои таълимӣ ва санҷишӣ ҳам шуда метавонад.

Ҳаминро ҳам бояд ба назар гирифт, ки дар ичрои баъзе машқҳо хонандагон бештар фаъол мешаванд, чунончи, дар сохтани калимаҳо бо суффиксу префикс, фаҳмондани маънои калима, ёфтани синоним ва антоними калимаҳо ва г. Дар навъи дигари машқҳо, масалан, дар рӯбардор кардани матни тайёр бо супоришҳо, дар ҷустани имлои калима аз матни имло ё аз китоби

дарсӣ, муайян кардан ва номбар кардани хели овозҳои нутқ, ҳиссаҳои нутқ, аъзоҳои ҷумла ва г. Бинобар ин, муаллим бояд талабагонро ба иҷрои ҳар ду гурӯҳи машқҳо ҳам одат кунонад: барои ноил шудан ба ин мақсад ӯро лозим меояд,ки машқу супоришҳоро иваз карда истад ва дар баробари ин, аҳамияти иҷрои ҳар як машқро фаҳмонад.

Ҳамин тавр, дар таълими забони тоҷикӣ иҷрои машқҳои ба система даровардашуда, ки дар заминаи матнҳои аз ҳар ҷиҳат мувофиқ тартиб дода шудаанд, зарурат доранд. Ва маҳз маводи назариявии забон ба тавассути иҷрои талаби онҳо дар шуури хонандагон амалан ҳам мустаҳкам нақш баста, ба малакаҳои устувори дониш табдил меёбанд.

§13. Методикаи кор бо китоби дарсӣ

Методи кор бо китоби дарсӣ ё худ исифодаи китоби дарсиро ба хонандагон омӯзонидан, умуман, яке аз вазифаҳои аввалини омӯзгорон, алалхусус, вазифаи муаллими забони тоҷикӣ ҳам ба шумор меравад. Ин нукта ҳар доим дар баромаҳои таълими забони тоҷикӣ низ таъкид ёфта меистад.

Аз ҷумла, дар «Макуби эзоҳӣ»-и барномаи соли 1973 чунин таъкид шуда буд: «Дар дарсҳо талабгонро бисёртар ба мустақилона кор кардан, ба мутолиаи китоб одат кунонидан лозим аст; онҳо масъалаҳои на чандон душвори китоби дарсиро худашон мефаҳмидагӣ шаванд, то ки ба маънидоди масъаҳои осон вақти зиёд сарф нашавад».[88] Ва маҳз дар барномаи нави забони тоҷикӣ (с. 2006) ҳам дар бобати мақсад ва вазифаҳои забони тоҷикӣ таъкид гардидааст, ки он хонандаро бояд «ба мустақилона дониш андӯхтан (пеш аз ҳама,аз китоби дарсӣ – С.Ш.) ва мунтазам такмил додани нутқи хеш ҳидоят намояд; донишҳои доир ба имло ва аломатҳои китобат гирифтаи хонандагонро ба низом дароварда дар ин бобат маҳорату малакаи онҳоро таҳким бахшад».[89]

Чунон ки мебинем, нуктаи фавқ ҳидоят ба он мекунад, ки кор бо китоби дарсӣ, яъне тарзи аз он истифода карда натавонистан, яке аз масъалаҳои муҳими самаранок ба роҳ мондани машғулиятҳои марбути таълими забони тоҷикӣ буда, муаллимро водор мекунад,ки ӯ роҳҳои муфиди мустақилона аз он (китоб) кор карда тавонистани хонандагонро ҷустуҷӯ намояд.

---

[88] Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои IV-X.– Душанбе: Ирфон, 1973,с. 13 - 14

Маълум аст, ки ҳама гуна китоби дарсӣ аввалин маводест, ки аз он ҳам муаллим ва ҳам хонандагон истифода мебаранд. Аз ҷумла,китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» (барои синфҳои V - XI) яке аз сарчашмаҳои дониш гирифтан ва малака пайдо кардани хонандагон аз забони тоҷикӣ (аз грамматика, фонетика, орфография, аломатҳои китобат, луғатомӯзӣ, услубшиносӣ ва ғ.) ба шумор меравад, ки ҳам дар синф ва ҳам дар хона истифода бурда мешавад. Чунончи, дар дарс ҳангоми баёни мавзӯи нав - ҳангоми гуфтан ва шарҳ додани таърифу қоидаҳо, дар лаҳзаҳои пурсиши вазифа ва мустаҳкамкунии мавзӯи нав (дар вақти иҷрои машқҳо) ва лаҳзаи супоридани вазифаи хонагӣ истифода аз он зарурат дорад.

Дар хона хонандагон аз китоби дарсӣ вазифаҳои супоридаи муаллимро иҷро мекунанд. Ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ онҳо бояд аввал таърифу қоидаҳои параграфи ба мавзӯи дарс дахлдорро хонда, фаҳмида, баъд пешниҳоди китоби дарсӣ ва омӯзгор, талаби машқро ҳам ба ҷо оранд. Ниҳоят, китоби дарсӣ барои такрору ҷамъбасти маводи гузашта (такрори маводи як боби калон, якчанд боби хурд, маводи ҳар як чоряк, дар такрори аввали сол ва солона – охири сол) лозим мешавад.

Маводи китоби дарсиро баъзан зарурат бошад, сарҳат ба сарҳат хонда, вобастагии мазмуни он сарҳатҳоро таъкид карда, ба талабагон чунин саволҳо дода истодан аҳамият дорад: Дар ин ҷумла ё сарҳат чӣ гуфта шудааст? Оё ин мисол ба қоида ё таърифи додашуда мувофиқ аст?

Вале баъдтар, ҳамин ки хонандагон таҳти назорату таъкидҳои муаллим ба дарк намудани маводи назариявии китоби дарсӣ малака пайдо карданд, барояшон имконият пайдо мешавад, ки худашон ҳам қисман маводи назариявии як андоза осонфаҳмтари онро бе ёрии муаллим хонда мефаҳмидагӣ шаванд. Баъзан мешавад, ки маводи назариявии китоби дарси пеш аз баёни шарҳу маънидоди муаллим ҳам ба хонандагон дастрас намешавад. Дар чунин ҳолатҳо низ муаллимро лозим аст, ки он маводро ҳатман ҷумла ба ҷумла хонда шарҳ диҳад. Хусусан, дар чунин маврид бояд мафҳумҳо, истилоҳот ва маъниидоди нисбатан душвори параграф махсус шарҳ дода шавад. Ҳамчунин, дар лаҳзаҳои мазкур талаб карда мешавад, ки пас аз бо овози баланд хондани маводи параграфи дахлдор (масалан, марбут ба феълҳои монда ва гузаранда, феъли ҳол ё сифати феълӣ, воҳидҳои истисноии ҷумла ва ғ.) хонандагон мазмуни онро нақл кунанд ва ба саволҳои муаллим ҷавоб диҳанд.

Дар лаҳзаҳои китобро хондани хонандагон муаллим бояд ба он диққат диҳад, ки онҳо маводи назариявии китоби дарсиро

дуруст, бурро ва фаҳмо хонанд, истилоҳоти соҳаи забон (хусусан, исм, суффикс, префикс, мубтадо, саръзо, муайянкунанда ва ғ.) - ро дуруст талаффуз кунанд.

Инак, дар маҷмӯъ агар тарзи хондану аз худ кунонидани қисми назариявии маводи китоби дарсиро мушаххас нишон диҳем, ин тавр мешавад:

1. Пас аз баёни мавзӯъ, пеш аз он ки доир ба он саволу ҷавоб карда шавад, бояд хонандагон маводи дахлдори китоби дарсиро бо мисолҳояш мустақилона хонда (барои ин амал ҳатман 2 - 3 дақиқа вақт додан лозим аст), маънидод кунанд ва аз худашон ҳам мисолҳои мувофиқ оранд.*

2. Дар ҷараёни баёни мавзӯъҳое, ки худи хонандагон мустақилона аз ӯҳдаи хонда аз худ карданашон баромада метавонанд, метавон аз чунин амалҳои фоиданок истифода бурд: а) талабагон мисолҳоро мушоҳида мекунанд, вале таърифи даркориро аз китоби дарсӣ мехонанд. Масалан, дар лаҳзаи шарҳи тарзи ташкили алоқаи калимаҳо дар ибора (изофи, пешояндиву пасояндӣ ва ҳамроҳӣ); б) дар рафти баёни мавзӯи нав муаллим ягон ҷои осонашро намегӯяд, ки онро худи талабагон аз китоб хонда, мазмунашро гуфта медиҳанд. Чунончи, муаллим дар бораи сараъзо ва аъзои пайрав маълумот медиҳад, талабагон бошанд таърифи ҷумлаҳои хуллас ва тафсилиро аз китоб мустақилона хонда аз худ мекунанд; в) талабагон ба саволҳои муаллим аз параграфи дахлдор ҷавоб тайёр мекунанд. Чунончи: Пуркунанда чист? Пуркунанда бо кадом ҳиссаи нутқ ифода меёбад? Он ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад? Пуркунанда ба кадом аъзои ҷумла тобеъ мешавад? ва ғ.

Таъкид бояд намуд, ки чунин роҳи мустақилона аз худ кардани маводи назариявии китоби дарсӣ дар мавридҳое ҳам лозим дониста мешавад,ки агар он мавод хусусияти такрорӣ дошта бошад ё худ осон, ё ин ки ба маводҳои пештар омӯхташуда аз ягон ҷиҳат монанд бошад. Аз ин рӯ, маънидоди алоқаи изофӣ ё навъҳои дигари алоқа дар ибора на чандон душвор аст (вале дар нутқ истифода намудани онҳо душвор), ҷумлаҳои хуллосу тафсилӣ дар синфи VIII характери такрорӣ дошта, ифода шудани пуркунанда то андозае ба тарзи ифодаи

---

* **Таъкид.** Мутаассифона, ин усули таълим дар таҷрибаи кории муаллимон кам ба мушоҳида гирифта мешвад, ҳол он ки амали мазкур барои шууронаву дақиқтар фаҳмидани ҳодисаҳои забон яке аз усулҳои самарабахш ба шумор меравад. Дар ин бора ниг.: Шербоев С. Асосҳои [illegible] таълими синтаксиси ҷумлаҳои соддаи забони тоҷикӣ

мубтадо қаробат дорад, ҳарчанд ки аз он баъзе фарқҳо ҳам дорад.

3. Дар лаҳзаи мустаҳкамкунии мавзӯи нав ба хонандагон вобаста ба маводи китоби дарсӣ чунин супоришҳоро додан мумкин аст:

а) маводи параграфи маълумро хонда таъкид кунанд, ки аз он чӣ барояшон маълум буду он чӣ нав аст;

б) аз маводи параграф чӣ барояшон душвор аст?;

в) мисолҳои барои таъриф ё қоидаҳои додашударо хонда, маънидод кунанд ва аз худ ҳам мисолҳои мувофиқ оранд;

г) маводи ду параграфи аз ягон ҷиҳат монандро хонда, хулосаашонро гӯянд (масалан, доир ба ҳоли тарз ва ҳоли замон, ифодаи мубтадо ва хабар ва ғ.);

ғ) маводи параграфҳоро хонда ғуфта диҳанд, ки масалан, ҷумла аз кадом ҷиҳат ба хулласу тафсилӣ, муайянкунандаҳо ба изофӣ ва сифатию соҳибӣ, пуркунанда ба бавоситаву бевосита ҷудо карда шудаанд;

д) маводи параграфро қисм - қисм хонда, маънидод карда, аз худ мисол оварда, баъд ба тариқи нақша (плани пурсиш) саволҳо тартиб диҳанд. Масалан, доир ба мавзӯи «Шумора»:

1. Шумора чист?
2. Шумора аз рӯи маъно чанд хел мешавад?
3. Шумора бар эзоҳи кадом ҳиссаи нутқ меояд?
4. Шумора ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
5. Боз кадом ҳиссаҳои нутқ монанди шумора бар эзоҳи исм меоянд?
6. Дар ҷумла шумора ба вазифаи чӣ меояд? ва ғ.

Дар ин бобат хонандагонро, ҳамчунин, бояд одат кунонд, ки барои ҷавоб додан ба саволҳои тартибдодаи худ омода бошанд.

§14. Истифодаи варақаҳо (карточкаҳо)

Ба ҷуз аз машқҳои дар китоби дарсӣ буда, дар дарсҳои забони тоҷикӣ аз варақчаҳо ё худ карточкаҳо ҳам самаранок, вале ба маврид истифода бурдан мумкин аст. Яъне тавассути истифода аз варақчаҳо мазмуну мундариҷаи маводи ҳар як параграфи ба мавзӯи дарс дахлдор васеътар фаро гирифта шуда, ҳамзамон, донишҳои назариявии хонандагон амалан боҳ ҳам бештар мустаҳкам карда мешаванд.

Дар варақаҳо мувофиқи мазмуни назариявии маводи ҳар дарс ҳар хел матн бо супоришҳои грамматикӣ, фонетикӣ, лексикӣ

ва ё марбут ба имло ва аломатҳои китобат ва ғ. сабт карда мешавад. Масалан, дар варақаҳо матне (ва ё калима ва ибораҳо, ҷумлаҳои ҷудогона) навишта шуда, дар он иҷрои ҳар гуна супоришҳоро ба хонандагон пешниҳод намудан мумкин. Масалан, чунин супоришҳо: а) ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои даркорӣ (суффикс, префикс ё бандак) - ро гузоред; б) ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои лозима (**ӣ** ё **и**, **ӯ** ё **у**, **д** ё **т**, ё худ **ъ**) - ро нависед; в) дар ҷумлаҳои зерин аъзоҳои ҷумларо бо аломатҳои шартиашон ишора кунед; г) дар матн (беаломат) аломатҳои китобатро гузошта, худуди ҷумлаҳоро шифоҳӣ шарҳ диҳед; ғ) калимаҳои ҷумларо аз ҷиҳати фонетикӣ (морфологӣ ё синтаксисӣ) таҳлил намоед ва ғ.

Варақаҳо чопӣ ва дастӣ мешаванд. Варақаҳои чопӣ ба тариқи китобча дар як варианти тартиб дода мешаванд[90], ки супориши ҳар яки онро ҳамаи талабагон мисли талаби машқҳои китоби дарсӣ иҷро мекунанд. Албатта, матни супоришҳо ба дафтар кӯчонида шуда, вале талаби онҳо бо қалам ба ҷо оварда шаванд, беҳтар мебуд, то ки дар рафти иҷрои он, агар ба нуқсоне роҳ дода шавад, бо хаткӯркунак тоза карда ислоҳ намуданаш осон аст.

Варақачаи дастиро худи муаллим тартиб медиҳад. Миқдори онҳоро бо роҳи чопи мошинӣ (копютерӣ) ё бо истифода аз копирка зиёд кардан мумкин аст, то ки аксари аҳли синф аз болои онҳо дар як вақт кор кунанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки варақачаҳои дастӣ, ё худ аз тарафи муаллим тартибдодашуда аз варақаҳои чопӣ бартарӣ доранд. Зеро ҳар як муаллим дар рафти тартиб додани чунин варақаҳо фаъолияти хонандагони синфи худ, донишу малака ва тарафҳои сусти фаҳмиши онҳоро ҳам ба эътибор гирифта, баҳри мустаҳкам намудани дониш ва ҳосил кунонидани малаки даркорӣ дар онҳо ӯ метавонад он варақаҳоро бо супоришҳои гуногун (осон, каме душвор ва душвор) тартиб диҳад.

Варақачаҳои дастӣ барои ҳамаи хонандагон дар ду ё чор вариант тартиб дода, чун машқи муқаррарӣ ё кори санҷишӣ ба ду ё чор қатори хонандагони ҳампарта тақсим карда мешавад. Пас аз иҷрои супориш аз ҳар қатор ду - се талаба натиҷаи кори худро шарҳ медиҳанду дигарҳо дурустии кори худро дар муқоиса бо шарҳи ҳамсинфонашон аз назар мегузаронанд. Ва агар иҷрои супоришҳои додашуда, ҳамчун кори санҷишӣ пешниҳод шуда бошад, муаллим дафтарчаҳоро ҷамъ карда гирифта, тафтиш карда, баҳо мемонад. Чунончи, ӯ баъд аз пурра таълим додани аъзоҳои ҷумла бо варақчаҳои дар ду вариант тартибдода, ки дар

онҳо 4 - 5 ҷумлаи соддаи тафсилии ҷойгиршавии ҷои аъзоҳояш гуногуни бо ҳиссаҳои ҳархелаи нутқ ифодаёфта навишта шудааст, метавонад кори санҷишӣ гирад. Он гоҳ – ҳангоми кор кардан аз рӯи чунин ҷумлаҳои дар варақаҳо сабтшуда муаллим ба хонандагон супориш медиҳад, ки ба зери аъзоҳои ҷумла бо аломатҳои шартӣ хат кашида, дар болояшон бо чӣ, яъне бо кадом ҳиссаи нутқ, ифода ёфтани ҳар як аъзои ҷумларо ҳам мухтасар нависанд. Натиҷаи иҷрои ин кори санҷишии дар заминаи супоришоти варақаҳо ба субут расонидашуда дар дарси навбатӣ эълон карда мешавад.

Баъзан варақаҳоро миқдоран кам – иборат аз 5 - 6 то ҳам тартиб додан мумкин аст. Чунин варақаҳо вобаста ба дараҷаи талаботи гузошташуда ба хонандагони пешқадам ё ба сабабе сустхону қафомонда дода мешавад. Ба хонандагоне, ки нисбат ба дигарон машқи китоби дарсиро пештар иҷро кардаанд, варақчае бо супориши душвортар дода мешавад ва баръакс, ба онҳое, ки аз ӯҳдаи иҷрои машқи навбатӣ набаромада истодаанд, варақаҳои иҷрои супоришашон андаке сабуктар пешниҳод мегардад. Дар ин бобат мақсади ниҳоӣ он аст, ки сустхонҳо ҳам, ақаллан, дар рафти дарс кореро марбут ба мавзӯи дар айни замон ҳаллу фаслшаванда иҷро намоянд.

Таъкид бояд намуд,ки дар варақчаҳо саволҳо доир ба мафҳумҳои забон (ба мисли. «Дар забони тоҷикӣ чанд ҳиссаи нутқ ҳаст?», «Сифати феълӣ чист?», «Ҳол ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?», «Кадом калимаву таркибҳо пайвандакҳои тобеъкунанда ном доранд?» ва ғ.) дода (навишта) намешаванд. Чунин саволҳо ҳама вақт шифоҳӣ, вале ба таври умумӣ ба аҳли синф дода мешаванд. Дар варақчаҳо доир ба матнҳои пешниҳодшуда, асосан, супоришҳо гузошта мешаванд. Албатта, дар варақчаҳо баъзан саволҳо ҳам навишта мешаванд, вале чунин саволҳое, ки ба иҷрои супориш дахл дошта бошанд. Масалан, дар варақчаҳо ду ҷумла ё дар ду сутун ду - сетогӣ ҷумлаҳои содда навишта, дар супориши доир ба он додашуда саволҳои зеринро ҳам илова намудан мумкин аст: «Фарқи ин ду ҷумлаи содда ё ҷумлаҳои дар ду сутун навишташуда (аз ҷиҳати сохт, ифодаи маъно ва ё таркиб) дар чист?» Шифоҳӣ шарҳ диҳед: «Дар ин мисолҳо аъзоҳои ҷумла бо чӣ ифода ёфтаанд?» ва ғ.

Ҳамин тавр, варақчаҳо ё худ карточкаҳо, агар ба истифода аз матну супоришҳои мувофиқ тартиб дода шуда бошанд, ҳамчун маводи дидактикии тақвиятдиҳандаи мазмуну мундариҷаи машқҳои китоби дарсӣ, дар дарси омӯзгори эҷодкор ба хонандагон баҳри боз ҳам хубтар сарфаҳм рафтан ба умқи

моҳияти ҳодисаҳои забонӣ, бешубҳа, кӯмаки амалӣ хоҳанд расонд.

Инак, дар зер дар чор вариант намунаи варақчаҳоро пешниҳод мекунем, ки мисолҳои дар он овардашуда ҳамагӣ ба ҷумлаҳои чидааъзо дахл дошта дорои супоришҳои якхелаи зерин мебошанд:

1)Ҷумлаҳоро бурро хонед ва хели пайвандакҳоро муайян карда шарҳ диҳед, ки онҳо кадом аъзоҳои ҷумларо ба ҳам алоқаманд кардаанд;

2)Дар байни аъзоҳои чидаи ҷумлаҳои мазкур сабаби гузоштан ё нагузоштани аломати вергулро шарҳ диҳед.*

Варианти 1

1. Дар рӯзи дувоздаҳуми сафар Пётр ва Давлат пагоҳӣ барвақт ба сӯи силсилаи кӯҳҳои Алай қадам гузоштанд(Р.Ҷ.).

2. Кӯҳсор, тамоми қишлоқ, ҳам водӣ чун дар пардаи кино ба назар менамуданд(Ҷ.И.).

Варианти 2

1. Ҳар ду гаштаю баргашта механдиданду завқ мекарданд (Р.Ҷ.).

2. Дарахтҳо, хонаҳои баланду паст, заминҳои кишт, пастию баландиҳо… ба назар метофтанд(Ҷ.И.).

Варианти 3

1. Шуои мулоим, нафис ва ширмонанди моҳи 13 – шаба ба болои қишлоқ пошида мешуд (Ҷ.И.).

2. Соҳиба дастархон даруни дар гузошт ва баргашта берун баромад(Сорбон).

Варианти 4

1. Восеъ бо ҳисси миннатдорӣ ва меҳрубонӣ дасташро ба китфи занаш партофта, гуфт(С.У.)

2. Духтарон мақсади Хадичаро фаҳмиданд, аммо ҷавобе ёфта натавонистанд (Ҷ.И.).

Чуноне ки гуфтем, варақчаро дар як вариант ҳам тартиб медиҳанд. Чунончи:

---

* **Эзоҳ.** Ин супоришҳо дар ҳамин чаҳор варақча пеш аз мисолҳои додашуда навишта мешаванд

Варианти 1

Ибораҳои зеринро нависед ва дар онҳо хели алоқаи калимахоро шарҳ диҳед. Гӯед, ки кадоме аз ин ибораҳо соддаанду кадомашон мураккаб: шаҳри навбунёд, китоби бадеии шавқовар, хонандагони аълочӣ , мактаби шабонаи деха, дар шаҳр сайругашт кардан, бо дӯстон сӯҳбат оростан, ҳамон бинои чорошоёна, ба ҳама меҳрубон будан, калонсолонро ҳурмат кардан.

Варианти 2

Ҷумлаҳои хулласро ба тафсилӣ ва тафсилиро ба хуллас баргардонед:

1.Шаҳр ором буд. 2. Турнаҳо омаданд. 3. Об хунук аст.

1. Бародари Зариф дар литсей таҳсил мекунад.

2. Пиряхҳо дар тобистон об мешаванд. 3. Падару модарон ҳамеша барои фарзандонашон гамхор мебошанд.*

§ 15. Методи аёният

Дар дарсҳои забони тоҷикӣ ҳар чӣ бештар истифода кардани воситаҳои аёнӣ яке аз усулҳои самарабахши таълими грамматика, луғат, фонетика, имло ва аломатҳои китобат дониста шудааст, ки принсипи умумидидактикии аёният низ маҳз ҳамин нуктаро тақозо мекунад. Аз воситаҳои аёнӣ, пеш аз ҳама, дар дарси додани дониши нав - ҳангоми баёни мавзӯи нав ва сониян, дар дарсҳои такрору мустаҳкам намудани дониши хонандагон (дарсҳои такрори боб, аввали сол ва такрори солона) истифода бурда мешавад. Хусусан, ҳангоми баёни мавзӯъ «Бо ҳам пайвастани нақли муаллим ва ё сӯҳбат (сӯҳбати маълумотдиҳанда. - С.Ш.) бо воситаҳои аёнӣ яке аз роҳҳои эътирофшудаву бошуурона аз худ кардани маводи назариявӣ – таърифу қоидаҳои дар китоби дарсӣ додашуда – маҳсуб меёбад».[91]

Дар маҷмӯъ воситаҳои аёниро дар таълими ҳамаи фанҳо ба ду қисмат ҷудо мекунанд: а) **воситаҳои аёнии графикӣ** ва б) **воситаҳои аёнии техникӣ**. Ба воситаҳои аёнии графикӣ таблитса, таблитса - плакат ва схемаҳо, ба гурӯҳи воситаҳои аёнии техникӣ

---

* **Таъкид.** Шумораи чунин варақчаҳоро тавассути истифода аз копирка метавон то 4-5 нусха зиёд намуд.

[91] Текучев А.В. Методика [illegible] с.90

магнитофон, пластинкаҳо, кинофилм ва филмҳои таълимӣ, кодоскоп, эпидоскоп, телевизор, компютер, радио ва диафилмҳо мансуб дониста мешаванд. Ҳамчунин, дар дарсҳои забони тоҷикӣ аз расмҳои гуногуни сюжетнок бештар барои инкишофи нутқ ва баъзан дар таълими грамматика ва имло истифода мебаранд. Барои ҳамин ҳам, баъзе методистон воситаҳои аёнии таълимиро ба се гурӯҳ – биноӣ, шунавоӣ ва биноӣ - шунавоӣ ҷудо намуда, ба гурӯҳи аввал таблитсаҳои гуногун, схема, расмҳо ва варақчаҳоро, ба гурӯҳи дуюм радио, магнитофон, пластинкаҳо ва ба гурӯҳи саввум телевизор, филмҳои таълимӣ– бадеӣ, диафилмҳои овоздорро ва г - ро мансуб донистаанд.[92]

Таблитса – аз ҷумлаи воситаҳои аёнии маъмул ба шумор рафта, чопӣ ва дастӣ мешавад. Таблитсаҳои чопӣ аз тарафи вазорати маориф ва нашрияҳои он дастрас гардонида мешаванд. Таблитсаҳои дастиро худи муаллим ва ё хонандагон таҳти роҳбарии ӯ тартиб медиҳанд, ки чунин таблитсаҳо нисбат ба таблитсаҳои чопӣ бартарӣ доранд. Зеро онҳо маҳз мувофиқи дараҷаи фаҳмиш ва қобилияти хонандагон, ки ба худи муаллим маълум аст, сохта мешаванд.

Аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа низ таблитсаҳо ду навъ – мавзӯӣ ва истилоҳотӣ (таблитса - плакат) ҷудо карда шудаанд. Дар **таблитсаи мавзӯӣ** калимаҳо, ибораҳо, ҷумлаҳо ва ё матне, ки ба ягон мавзӯъ ё боби китоби дарсӣ мансубанд, навишта мешаванд. Дар чунин таблитсаҳо бояд мисолҳо бо тартиби муайян, ки баён ва сӯҳбати муаллим дар заминаи ҳамон мисолҳо мураттаб сурат гирад, ҷой дода шуда бошанд. Масалан, дар чунин таблитсаҳо барои бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ ифода ёфтани ҳар як аъзои ҷумла (мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол) ё дар таблитсаи ба ном «Вазифаи исм дар ҷумла, пеш аз ҳама, барои ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда ва сониян, доир ба вазифаи дигар аъзоҳои ҷумла омадани исм, ё худ дар доир ба мавзӯи «Ҷумлаҳои чидааъзо» мисолҳои мувофиқ марбут ба чида шудани ҳар як аъзои ҷумла бо тартиби муайян сабт карда мешаванд, ки баёни муаллим ҳам маҳз ба тартиби ҷой дода шудани ҳамон мисолҳои дар таблитсаҳо буда сурат мегирад. Дар чунин таблитсаҳо калимаю ибораҳои таъкидшаванда агар бо ранги сурх навишта шуда бошанд, барои ба моҳияти масъала сарфаҳм рафтани шогирдон имконият

---

[92] Ниг: Баранов М.Т., Ладиженская Т.А. и др. Методика преподавания русского языка, с. 84-97.

бештар фароҳам меояд. Инак, дар зер як намунаи таблитсаи (1) мавзӯиро доир ба мавзӯи «Ҷумлаҳои чидааъзо» меоварем.

Таблитсаи 1

Ҷумлаҳои чидааъзо	
Аъзоҳои чида	**Намунаи мисолҳо**
1. Мубтадо	Сухандонӣ, муомила, мубошират ва ҳатто либоспӯшиаш ҳам аз дигарон фарқ мекард (Ҷ.О.).
2. Хабар	Фароштурук тирвор поён мефуромад ва болҳои худро ба об тар карда, боз боло мерафт (П.Т.).
3. Муайянкунанда	Чашмони Давлат дар ин ҷо аз тамошои кӯчаҳо, саройҳо, чойхонаҳо, ошхонаҳо, растаҳои тичоратии пур аз одам сер намешуд (Р.Ҷ.).
4. Пуркунанда	Колхозчиён ба қадри даркории худ аз колхоз картошка, сабзӣ, лиёз, харбуза, гарбуз гирифтанд (С.А.).
5. Ҳол	Дар канори чӯйҳо ва зери дарахтон сабзаҳои навхез дамида баромада буданд (Ҷ.И.).

Чунин таблитсаҳо, ки бо мисолҳо ба тариқи муқоисаи ҳодисаҳои забон, таснифу таҳлили мисолҳо тартиб дода мешаванд, имрӯз ҳам қимати худро аз даст надодаанд. Аз ин рӯ, чунин таблитсаҳоро марбут ба таълими мавзӯъҳои боби «Калима» (луғат) – маънои аслӣ ва маҷозии калима, доир ба синоним, синтоним ва омониму воҳидҳои фразеологӣ, марбут ба таълими мавзӯъҳои чудогонаи ҳиссаҳои нутқ, аъзоҳои ҷумла, хелҳои ҷумлаи содда аз ҷиҳати ифодаи маъно ва сохту таркибашон, ҷумлаҳои чиддааъзо, мухотаб ва воҳидҳои туфайлӣ, нутқи айнан нақлшуда, ҳамчунин доир ба хелҳои ҷумлаи мураккаб ва ғ. мураттаб сохтану дар машғулиятҳо ба мавқеъ истифода бурдан ҳамеша боиси баланд гардидани сифати дарсҳои забони тоҷикӣ мебуду бас.

Таблитсаҳои истилоҳотиро таблитсаи мафҳумҳои забон ҳам меноманд. Фарқи таблитсаҳои мазкур аз таблитсаҳои мавзӯӣ дар он аст, ки агар дар таблитсаҳои мавзӯӣ доир ба ҳар мавзӯи дарс мисолҳо бо тартиби муайян навишта шаванд, дар таблитсаҳои

(гурӯҳбандӣ карда шуданашон) оварда мешаванд. Фарқи дигари таблитсаҳои истилоҳотӣ нисбат ба мавзӯӣ ин аст, ки чунин таблитсаҳо нас аз таълими мавзӯи дахлдори дарс боз муддатҳои 3 - 4 моҳ ҳатто дар тамоми даври соли таҳсил дар як гӯшаи ба назар намоёни синф нигоҳ дошта мешаванд, то ки ҳар гоҳ хонандагон муоина намуда, дар ҷараёни иҷрои машқу супоришҳо ва таҳлилҳои гуногун (фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ – морфологӣ ва синтаксисӣ ва ғ.) вобаста ба мавқеашон истифода карда тавонанд. Барои ҳамин ҳам, таблитсаҳои истилоҳотӣ ё мафҳумҳои забонро, ки дар онҳо баъзан танҳо қоидаҳои марбути як мавзӯъ, масалан, доир ба имлои исм, суффикс ва префиксҳо ё худ доир ба мавридҳои кор фармудани аломати вергул ё тире ва ғ. навишта мешаванд, **таблитса - плакат**[93] ҳам номидаанд. **Таблитса – плакат** ном гирифтани таблитсаҳои мафҳумҳои забон ё худ истилоҳотӣ ба ҳамин маъно, ки инҳо ҳам чун шиорҳои гуногун як андоза хусусияти тарғиботию ташфиқотиро доро мебошанд ва сабаби муддати тӯлонӣ дар синф ба намоиш гузошта шуданашон дар ҳамин аст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки таблитсаҳои истилоҳотӣ бештар доир ба мавзӯъҳои аввали ин ё он фаслу бобҳои таълимии грамматика, дарсҳои такрори ҷамъбасти донишҳо, баъзе мавзӯъҳои фонетикӣ, масалан, бо унвонҳои «Ҳиссаҳои нутқ», «Ҳелҳои исм», «Ҷонишин ва хелҳои он», «Аъзоҳои ҷумла», «Ҳол ва хелҳои он», «Ҷумлаҳои мураккаб ва таснифоти онҳо», доир ба фасли «Фонетика» бо номҳои «Алфавит», «Ҳамсадоҳо ва таснифоти онҳо» ва м.ин. тартиб дода мешаванд. Инак, ду намунаи таблитсаҳои (2,3) истилоҳотиро дар зер меоварем, ки амсолашонро ҳар як муаллими завқманду ҳусни хатти зебо дошта мустақилона тартиб дода метавонад:

Таблитсаи 2

Ҳиссаҳои нутқ	
Мустақилмаъно	**Номустақилмаъно**
1. Исм 2. Сифат 3. Шумора 4. Ҷонишин 5. Феъл 6. Зарф	1. Пешоянд ва пасояндҳо 2. Пайвандакҳо 3. Ҳиссачаҳо 4. Нидо

[93] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.92.

Таблитсаи 3.

Зарф ва хелҳои он		
Хелҳои зарф	**Саволҳои асосӣ**	**Намунаи мисолҳо**
1. Тарзи амал	Чӣ тавр? Чӣ тарз?	нохост, оҳиста
2. Замон	Кай?	имрӯз, пасфардо, пареруз
3. Макон	Куҷо?	боло, поин, ҳар ҷо – ҳар ҷо
4. Миқдору дарача	Чӣ қадар? Чӣ андоза?	андак, хеле, бисёр
5. Сабаб ва мақсад	Чаро? Ба чӣ мақсад?	ночор, барқасд

Чуноне ки мебинем, дар таблитсаҳои мафҳумҳои забон вобаста ба мақсаду ниятҳои хеш муаллим на танҳо истилоҳот ва таснифоти онҳоро намоиш медиҳад, ҳамчунин, метавонад *саволҳои асосӣ ва мисолҳои барҷастаро* ҳам марбути он истилоҳот сабт намояд, ки ин амал чунин таблитсаҳоро боз ҳам пурмӯҳтавотар намоиш медиҳад.

Баъзан дар чунин таблитсаҳо мафҳумҳои забон на бо истилоҳоти лафзиашон, балки тавассути аломатҳои шартӣ ва саволҳои гуногун, вале дар заминаи калима, ибора, ҷумла ё матне намоиш дода мешаванд. Ҳоло чунин таблитсаҳо, ки бо нақшаҳои графики худ мафҳумҳои забонро дар худ тачассум менамоянд, низ маъмул шуда истодаанд. Масалан, дар таблитсаи зерини бо ном «Калима аз ҷиҳати таркиб» қисматҳои калима (реша, суффикс, префикс, асос ва бандак) танҳо бо аломатҳои шартӣ ишора шудаанду бас:

Гулзор -и , зебо; ҳамкори-и мо; дарбадарӣ-и шаҳр.

Албатта, пеш аз истифода кардани чунин аломатҳо маънидоди лафзии онҳо зарурат дорад. Чунончи, аломати реша ( ), префикс ( ), суффикс ( ) асос ( ) ва аломати бандак ( ).

Ё ин ки барои таълими калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо дар таблитса чунин аломатҳои шартиро кор фармудан тавсия карда мешавад:

○ (доирача) – аъзои чида;
◎ (ду доираи дарун ба дарун) – калимаи хулосакунанда;
△ (секунҷа) – аъзоҳои дигари ҷумла.

Бо ин аломатҳо, аввал, ба тариқи намуна як ду мисол оварда, сипас, аз хонандагони пешқадам талаб карда мешавад, ки онҳо ҳам аз рӯи чунин схемаҳо, ки намунаашонро худи муаллим тартиб медиҳад, ҷумлаҳои мувофиқ тартиб диҳанд. Инак, ба диққати хонанда масалан, чунин таблитса (4) пешниҳод мегардад.

Таблитсаи 4

△ ◎: ○, ○, ○, ○
Дар участкаи назди мактаб ҳар хел гул: садбарг, бедгул, оташгул, тоҷи хурӯс анбӯҳ - анбӯҳ шукуфта буданд.
ё ки ○, ○, ○, ○- ю ○ ◎, △
Хонаҳо, мактабҳо, муассисаҳо, кӯчаю хиёбонҳо – ҳама ҷо ба истиқболи Рӯзи истиқлолият оро дода шудаанд.

Умуман, дар заминаи ин гуна аломатҳои шартӣ ва аломатҳои шартии дигар (Ниг: ба қисмати тарзҳои хаттӣ гузаронидани таҳлили грамматикӣ), ки сохту таркиби калима ва ҷумлаҳоро нишон медиҳанд, ҳар хел калимаю ҷумла сохтан ва машқҳои дигареро ба ҷо овардан мумкин аст. Чунончӣ: Мувофиқи схемаҳои зерин калимаҳоро фикр карда нависед:

¬ ⌒ ∧, ⌒ ∧ □, ⌒ □ ¬, ⌒ □ , ¬ ⌒ ∧ □

ва г.

2. Аз рӯи схемаҳои зерин ҷумлаҳоро тартиб диҳед:

1) _____ _____.
2) _____ _____ _____.
3) _ _ _ _ _ _ _ _ _____ _____.
4) _____ _ _ _ _ _ _ _ _ _____.
5) _____ _____ _____ _____.

3. Аз рӯи схемаҳои зерин ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ тартиб диҳед.

1) _____ ва _____.
2) _____, аммо _____.
3) _____,ё ки _____.
4) _____, ки _____.

5) _____, ки _ _ _

маводи грамматикӣ аҳамият дорад. Ҳамчунин, то ки ҳамин нуктаи фавқ амалӣ шавад, дар лаҳзаи аз рӯи таблитса шарҳу эзоҳ додани мавзӯи нав хонандагонро бо сохту таркиб ва мундариҷаи мазмуни он қисмҳои таблитса, сарлавҳачаҳои он, ба қисмҳои таъкидкунандаву муқоисашавандаи он шинос намудан ҳатмист;

в) хусусан, дар дарси додани дониши нав набояд таблитсаи бисёр истифода бурда шавад, чунки таблитсаҳои бисёр диққати хонандагонро парешон мекунанд. Дар дарс истифодаи як ё ду таблитса кифоя аст. Фақат дар дарсҳои такрори боб ва такрору ҷамъбасти маводи солона вобаста ба миқдори бобҳои такроршаванда ҳамаи таблитсаҳои доир ба ҳамон бобҳо мавҷударо, ки мантиқан яке дигареро пурра мекунанд, истифода бурдан мумкин аст;

г) таблитсаҳоро доим як хел, дар як ҳолат тартиб додан лозим нест. Зеро таъсирнокии онҳоро паст мекунад. Ва дар баробари ин, аломатҳои шартиро ҳар дафъа тағйир додан ҳам лозим нест, ки ин кор хонандагонро ба иштибоҳ меоварад;

г) бояд ба назар гирифт, ки ба таблитса пурра рӯбардор кардани маводи китоби дарсӣ зарурат надорад. Ба он чизи асосӣ, муҳим, ки барои баёни мавзӯъ кифоякунанда аст, навишта мешавад. Ва дар баробари таблитсаҳои чопиву худсохт ба таблитсаҳои дар китоби дарсӣ буда ҳам эътибор додан даркор аст. Матн ва ё схемаҳои дар онҳо додашударо хононда фаҳмонидан ва ё дар ватман айнан кӯчонда, дар лаҳзаи баёни мавзӯъ истифода бурдан низ тавсия дода мешавад;

д) шаклу сохти таблитса аз ҷиҳати истифодаи рангҳо ва ҳаҷми ҳарфҳо ҳам дар таълим аҳамият дорад. Он бояд аз дур ҳам равшану хоно (ҳаҷми ҳарфҳо на камтар аз 2,5 - 3 сантиметр) бошад. Ва ниҳоят дар тайёр намудани он аз ду - се хел ранг (сурх, кабуд, сиёҳ) истифода кардан кифоя аст. Агар таблитсаҳо бисёрранга бошанд, диққати хонандагонро на мазмуну мундариҷа, балки бештар рангҳо ҷалб мекунанд;

е) ниҳоят, чунон ки таъкид ҳам намуда будем, таблитса - плакатҳо дар синф якчанд муддат ба намоиш гузошта мешаванд. Масалан, таблитсаи «Алфавити забони тоҷикӣ» («Алифбо») – бо ҳарфҳои чопӣ ва дастӣ, схемаҳо (нақшаҳо) - и аломатҳои шартии ифодакунандаи мафҳумҳои гуногуни забон, лавҳаи ҷомеи «Ҳуҷҷатҳои расмӣ» бояд тамоми соли таҳсил дар кабинети забон ва адабиёти тоҷик дар ҷои намоёне ба назар расида истанд, беҳтар аст. Хусусан, чанде аз схемаҳоро (намунаашон дар зер оварда мешаванд), ки дар онҳо тавассути истифода аз камонакҳо самту равиши таҳлили хаттии синтаксии аъзоҳои ҷумла, алоқаи грамматикии калима (аъзои ҷумла) - ю ибораҳо дар ҷумлаҳои

содда ва ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаи мураккаб, тарзи талаффуз (пастиву баландии овоз) - и хелҳои ҷумла аз рӯи ифодаи маъно (хабарӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ) нишон дода шуданд, дар пешгоҳ – дар паҳлӯи доскаи синф, насб карда бошанд, ҳар гоҳ ба хонандагон барои ба чунин равиш таҳлил гузаронидан намуна ва такягоҳи боэътимоде ҳоҳанд буд. Масалан, аз чунин схемаҳо:

1. Оби чашма дар тобистон хунук мешавад.

Об чӣ мешавад? хунук мешавад.
Чӣ? Кай?
(- и)чашма дар тобистон

2. Офтоби тобистон заминро сахт тафсонда буд.
Офтоб чӣ кор карда буд? тафсонда буд.
Кадом? Чиро? Чӣ тарз?
(- и) тобистон заминро сахт

3. Мӯйсафед ба духтар миннатдориашро баён кард.
Мӯйсафед чӣ кор кард? Баён кард.
Ба кӣ? Чиро?
Ба духтар миннатдориашро

Дар синф хонандагонро ҳам ба мустақилона тартиб додани чунин схемаҳои таҳлили грамматикӣ одат кунонидан лозим аст, то ки бо супориши муаллим баъзан дар хона ҳам вазифаи додашударо бо истифода аз онҳо тайёр намоянд.

Чунонки гуфтем, дар дарсҳои забони тоҷикӣ аз ҳар гуна расмҳо ҳам истифода бурдан тавсия дода мешавад. Хонандагон расмҳоро муоинакунон ҷумлаҳо месозанд, нақл менависанд, ба предметҳо ном мегузоранд, ё ки бо тартиби алфавит менависанд.

Баъзе расмҳо дар китобҳои дарсии забони тоҷикии синфҳои V - VI бо супоришҳои гуногун оварда шудаанд, ки супориши ба онҳо гузошташударо хонандагон бо шавқ ичро мекунанд. Инчунин, худи муаллимон ҳам аз расмҳои рассомони машҳур, расмҳои орфографӣ, ки бештар дар онҳо ҳаёти худи бачагон ҳангоми бозию истироҳату меҳнати фоиданок акс ёфта бошад, образҳои асарҳои бадеию афсонаҳо, тасвири манзараҳои табиат

инъикос шуда бошад, истифода бурда метавонанд, ба шарте ки мазмун ё сюжети расм ба мавзӯи дарс мувофиқ бошад. Масалан, расмҳои ба ном «Мевачинӣ», «Ниҳолшинонӣ» доир ба таълими хабари феълӣ, «Устохонаи дуредгарӣ», дар таълими ҳол, «Лагери тобистона» барои таълими ҷумлаҳои чидааъзо маводи хуб ба шумор хоҳад рафт.

Ниҳоят, доскаи синф барои омӯзгори бомаҳорат, агар дуруст истифода бурда шавад, дар дарс яке аз воситаҳои универсалӣ ё худ ҳаматарафа коршоям ба шумор меравад. Яъне онро дар ҳамаи тинҳои дарс ва дар ҳамаи лаҳзаҳои он метавон истифода бурд. Чунончӣ:

1. Дар он дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав, агар таблитсаи тайёр набошад, мисолҳо барои мушоҳидаи ҳодисаҳои забон навишта шуда, пас аз маънидоди он мисолҳо хулоса бароварда мешавад.

2. Дар доска таблитса, схемаи таҳлили аъзоҳои ҷумла, аломатҳои гуногуни шартӣ бо мақсади ишора кардан ва ё нишон додани мафҳумҳои забоншиносӣ кашида мешаванд, ки ҷараёни сохта шудани онҳоро хонандагон бевосита мушоҳида мекунанду тарзи тартиб додани онҳоро ҳар чӣ бештар худашон низ аз худ менамоянд.

3. Дар ҷараёни пурсиш хонанда дар он аз худ ва ё мисоли муаллим гуфтагиро навишта, супоришро ичро мекунад.

4. Дар тахтаи синф (доска) нақшаи мавзӯъро ба тариқи саволҳо навиштан мумкин аст, то ки ба онҳо хонандагон ҷавоб гӯянд.

5. Дар тахтаи синф ҳар гуна матн барои машқ (рӯбардоркунии оддӣ, эҷодӣ ва таҳлили грамматикӣ ва ғ.) навишта мешавад. Аз ин рӯ, дар он аз ҳамаи воситаҳои таҳлил (хусусан, бо бӯрҳои ранга аломатҳои шартии гуногун ва камонакҳо кашидан, ҳиссаи калимаро – суффикс, префикс, асос ва бандакҳоро навиштан, муфассал навиштани шарҳи ҳодисаҳои забон ва ғ.) истифода бурдан имконпазир аст.

Хонанда бояд мисоли дар доска навиштаашро аввал бурро хонда, баъд супоришро ба ҷо орад, ки ин барои инкишофи нутқи шифоҳии ӯ аҳамият дорад. Ҳамчунин, доска имконият медиҳад, ки хатоҳои талабагон дар пеши назари аҳли синф ислоҳ карда шавад. Хатои рухдодаро, агар худи хонандаи мисолро навиштагӣ сарфаҳм нараваду ислоҳ карда натавонад, яке аз ҳамсинфон ва ниҳоят, худи муаллим ислоҳ намуда, шарҳашро ҳам медиҳад, ки ин яке аз усулҳои дар рӯҳияи босаводона навиштани калимаву ибораҳо ва дурусту бошуурона ичро намудани супоришҳо маҳсуб меёбад. Вале беҳтараш, хато пешгирӣ карда шавад. Агар муаллим донад, ки хонанда дар чӣ

хато мекунад, онро пешакӣ таъкид кунад, то ки якбора бехато нависад.

Бояд таъкид намуд, ки дар доска бо тартиб, зебо ва хоно навиштан лозим аст. Калимаҳоро пароканда навиштан, бо як - ду ҷумла доскаро пур кардан лозим нест. Таърихи рӯз, супориши вазифаи хонагӣ бояд дар ҷои муайяни доска навишта шавад. Дар доска ба кӯчу килеб, бенур навиштан набояд роҳ дода шавад. Хонандагон ҳангоми дар доска навиштан ба абзатс (сархат) ва ҳошия мондан риоя кунанд. Зеро агар дар доска ба ин талабот риоя накунанд, дар дафтарашон низ чунин нуқсонҳо роҳ меёбад.

Ба ҷуз доскаи асосӣ дар таҷрибаи баъзе омӯзгорон истифода кардан аз доскаҳои дигар, ки бо унвони **доскаи сайёр** ва **доскаи магнитӣ** ном мебаранд, низ ба мушоҳида мерасанд. Дар доскаи сайёр матнҳоро бо супоришҳо ва ё барои фаҳмонидани мавзӯи нав мисолҳо пешакӣ навишта шуда, дар мавриди мувофиқ аз он истифода мебаранд. Чунин доскаро дар шакли квадрат ё росткунҷа, тахмин, аз як метр матои ба ном дермантин ё клёнкаи сиёҳ ё қаҳваранг тайёр мекунанд. Доскаи сайёрро аз тунука низ дар шакли квадрат бурида, ки ҳаҷмаш шояд аз доскаи сайёр хурдтар ҳам бошад, тайёр мекунанд. Дар он на калимаву ибора ё ҷумлаҳо, балки расму карточкаҳои гуногун тавассути магнит насб карда шуда, аз рӯи онҳо навиштани калима, ибора, ҷумла ва ё матн доир ба мавзӯи дарс ё худ накл, ё сӯҳбат намудан талаб карда мешавад.

Дар маҷмӯъ истифодаи аёният ба андешаи проф. Н.А.Ипполитова «Дар сурате аҳамият ё худ фоида оварда метавонад, ки агар бо мазмуну мундариҷаи дарс бо тамоми ҷузъиёту супоришҳояш пурра алоқаманд бошад»[94].

§ 16. Истифодаи воситаҳои техникӣ

Истифодаи воситаҳои техникӣ - магнитофон, радио, телевизор, филмҳои таълимӣ, кодоскоп, эпидоскоп, патифон, диафилмҳо ва компютер дар дарсҳои забони тоҷикӣ мисли аёнияти графикии таълим (таблитса ва схемаҳои гуногун) нақши муҳимеро доро буда, барои аёнӣ ва ҳам шавқовар ташкил намудани машғулиятҳо имкониятҳои хубро фароҳам оварда, дар баланд бардоштани фаъолияти забономӯзии хонандагон, ба хусус, дар ҷараёни ташкили корҳои мустақилонаи онҳо барои

---

[94] Ипполитова Н.А. Средства наглядности в обучении русскому языку. Дар кит: Баранов М-Т., Ладыженская Т.А. и др. Методика преподвания русского языка, с.84.

муаллими эҷодкору ҷӯяндаи роҳҳои муфиди таълим низ яке аз такягоҳҳои мӯътамадноке ба шумор меравад. Вале дар шароити кунунии Тоҷикистон, дар дарсҳои забони тоҷикӣ истифода бурдан аз магнитофон ба мақсади таълим мувофиқтар аст. Чунки аввалан, бо истифода аз он таълим додани чандин мавзӯъҳои таркиби фаслҳои «Фонетика» ва «Синтаксис» имкон дорад. Сониян, имрӯз дар ҷумҳурӣ хонадонеро бе магнитофон тасаввур намудан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, хонандагон бо супориши муаллим метавонанд, дар хона ҳам баъзе амалҳоро марбут ба омӯзиши забони модарии хеш тавассути он ба ҷо оранд.

Бояд гуфт, ки истифодаи магнитофон барои омӯхтани меъёрҳои талаффузи адабӣ, яъне қоидаҳои орфоэпия (талаффузи дурусти овозҳои нутқ, ҳиҷо ва калима, задаи калимагӣ - ҳиҷоӣ ва мантиқӣ, риояи ист –паузаҳо дар ҷумла ва маҳз истифодаи бамавриди он дар ҷараёни таълими хелҳои ҷумлаи содда аз ҷиҳати мазмун ва оҳанги талаффуз ва чи дар рафти таълими хелҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаб) на танҳо шавқу рағбати хонандагонро, балки «дараҷаи донишҳои назариявию амалии онҳоро якмаром баланд бардошта, аз ҳама муҳимаш, дар онҳо хислатҳои диққатнокӣ, ҳиссиёти забонфаҳмӣ, қобилияти фарқкунии як ҳодисаи забонро аз дигараш тарбия карда мешавад»[95]. Хонандагон аз магнитофон овози худ ва намунаи талаффузи дурусти адабӣ (нутқи дикторҳо, артистон, нотиқон - устодони сухан)[96] - ро шунида, меъёрҳои талаффузро аз худ мекунанд. Масалан, дар натиҷаи истифода кардан аз магнитофон марбут ба амалан омӯхтани баъзе мавзӯъҳои фонетикӣ ва хелҳои ҷумлаи содда аз рӯи мақсади баён ичрои супоришҳои зеринро ба хатмкунандагон пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Пешакӣ барои таълими мазӯъҳои таркибии фасли «Фонетика» бо мақсади омӯхтани талаффузи овозҳои нутқ, зада ва ғ. матнҳои мувофиқ интихоб карда мешавад. Хонандагон бо навбат ҳар як матнро, ки вобаста ба мавзӯи дарси навбатӣ интихоб шудааст, барои сабт кардан дар лентаи магнитофон микрофонро ба даст гирифта мехонанд. Сипас, матни дар магнитофон сабтшуда ба худи онҳо шунавонида мешавад. Пас аз ин, албатта, аз тарафи муаллим ба тарзи қироати (талаффузи) ҳар як хонанда баҳо дода, нуқсонҳои нутқу талаффузи онҳо таъкид ва ислоҳ карда мешавад.

---

[95] Шербоев С. Асосҳои илмию методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои соддаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V ва VIII, с.210-211.

[96] Текучев А.В. Методики русского языка., с 106.

2. Хонандагон аз магнитофон гӯш карда, дар ҷумлаҳо задаи мантиқиро муайян мекунанд. Баъд ҷумлаҳоро (пас аз ду - се бор шунидан) навишта гирифта, ба зери калимаҳое, ки задаи мантиқӣ қабул кардаанд, хат кашанд. Ва баъд аз ин ҷумлаҳои навиштаашонро бо задаи онҳо риоякунон бурро мехонанд.

3. Дар лентаи магнитофон матне, ки дорои хелҳои гуногуни ҷумлаҳо марбут ба мақсади баён бошад, сабт карда мешавад. Хонандагон ду - се маротиба онро шунавида, ба дафтарашон навишта, аломатҳои китобатиро мустақилона мегузоранд ва баъд ин амалро шарҳ медиҳанд. Бояд гуфт, ки чунин амалро марбут ба таълими ҷумлаҳои чидааъзо, ҷумлаҳои дорои мухотаб, воҳидҳои туфайлӣ, нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда буда низ такрор ё худ ичро намудан пурра имкон дорад.

4. Ба дасти хонандагон матне дода мешавад, ки дорои ҷумлаҳои ҳикоягӣ (хабарӣ), саволӣ, амрӣ ва хитобӣ бошад. Айнан ҳамин матнро, ки пешакӣ дар магнитофон сабт карда шудааст, гӯш карда, сипас, матни дар дасташон бударо тақлидан ба оҳанги талаффузи он ҷумлаҳо, ки тавассути магнитофон баррасӣ шуда буд, қироат мекунанд. Ин лаҳза мумкин аст, ки муаллим барои санҷиш аз хонандагон сабаби бо ин ё он оҳанги талаффуз қироат карда шудани ҳар кадоме аз он ҷумлҳоро пурсад, то ки ба дурустии ҷавобу фаҳмиши онҳо қаноат пайдо кунад.

Албатта, ба ҷуз аз магнитофон, агар имконият бошад ва ё фароҳам оварда шавад, дар лаҳзаи баёни мавзӯъ ва ҳангоми мустаҳкамкуниву пурсиши вазифаи хонагӣ, инчунин, дар рафти дарсҳои такрор (такрори боб, чорякӣ, солона ва ғ.) бо мақсади ба ичрои дигар корҳои мустақилона ҳам сафарбар намудани хонандагон аз радио, телевизор, филмҳои таълимию бадеӣ, кодоскоп ва эпидоскоп истифода бурдан аҳамият дорад. Хусусан, баъд аз тамошои филмҳои таълимӣ, ягон намоиши маърифатии телевизионӣ, диафилмҳои сюжетии афсонавӣ дошта ва шунавонидани радио, агар он намоишу гуфторҳо ба мавзӯи дарс мувофиқ бошад, ташкил намудани нақлу сӯҳбат ва навиштани иншо бо талабу супориши муаллим басо қулай ва табиӣ сурат хоҳад гирифт. Вале кодоскопу эпидоскоп, ки ба ҷумлаи воситаҳои техники беовоз мансубанд, дар ҷараёни баёни мавзӯи нав ва лаҳзаҳои мустаҳкамкуниву пурсиши вазифа, ҳамчун воситаи баррасии аёнияти графикӣ, истифода бурда мешаванд. Фақат дар ин бобат ба ду нукта бояд эътибор дод: 1. Таблитсаву схемаҳо (калима, ибора, ҷумлаҳои гуногун ҳам) барои тавассути кодоскоп намоиш додан баробари ҳаҷми экрани он дар коғазҳои шаффоф (селофанӣ), вале барои аз тариқи эпидоскоп намоиш

додан ва албатта, мувофиқи ҳаҷми экрани он дар коғазҳои муқаррарӣ (сафед) сабт карда мешаванд. 2. Ҳангоми истифода аз эпидоскоп тирезаҳои синф бо пардаҳои сиёҳ торик карда мешавад, вале иҷрои амали мазкур дар вақти истифода аз кодоскоп нолозим аст.

АДАБИЁТ:

1. Баранов М - Т. Ладыженская Т.А. и др. Методика преподавания русского языка. –М.: Просвещение, 1990.

2. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V - XI – Душанбе: Матбааи ВМ ҶТ, 2006.

3. Власенков А.И. Общие вопросы методики русского языка в средней школе. –М., 1973.

4. Гадоев Б. Карточкаҳо аз забони модарӣ. – Душанбе: Ирфон, 1968.

5. Добромыслов В.А. О подборе текстов и построении упражнений в учебнике. – Журн.: Русский язык в школе, 1948, №5.

6. Ипполитова Н.А. Средства наглядности в обучении русскому языку. В кн: Методика преподавания русского языка. – М: Просвещение, 1990.

7. Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ дар мактаби миёна. Қисми 1. –Душанбе: УДТ ба номи В.И. Ленин, 1985.

8. Поздняков А.С. Методика преподавания русского языка. – М.: Госучпедгиз, 1955.

9. Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои IV - X – Душанбе: Ирфон, 1973.

10. Русско - таджикский словарь. – М.: Русский язык, 1985.

11. Рустамов Қ. Таърихи методикаи забони тоҷикӣ дар мактаб. Китоби 1. – Душанбе, 2001.

12. Рустамов Қ. Таърихи методикаи забони тоҷикӣ дар мактаб. Китоби 2. - Душанбе: Империал - Групп, 2003.

13. Сафаров Н. Аҳамияти муқоиса дар таълими забон. – Маҷал.: Мактаби советӣ, 1965, №6.

14. Словарь иностранных слов. - М.: Русский язык, 1990.

15. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. – М.: Просвещение, 1980.

16. Шукуров М., Эшонҷонов А., Раҳмонов М. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои ибтидоӣ (Нашри 2). – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956.

БОБИ IV. ШАКЛҲОИ ТАШКИЛИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ АЗ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

§ 17. Хелҳо (типҳо)-и дарси забони тоҷикӣ

Шаклҳои кор ё худ системаи машғулиятҳо дар мактаб доир ба ҳар як фанни таълимӣ, аз ҷумла марбут ба таълими забони тоҷикӣ ба навъҳои зерин ҷудо карда мешаванд: **а) машғулиятҳои синфӣ,** ки дар шакли дарс гузаронида мешаванд; **б) машғулиятҳои факултативӣ,** ки махсус, вале на бо шумораи хурди хонандагоне, ки барои дақиқ омӯхтани забони тоҷикӣ шавқи баланд доранд; в) **корҳои беруназсинфӣ,** ки дар шакли маҳфил ва ҷамъомадҳои махсус доир ба забони тоҷикӣ гузаронида мешаванд; г) ташкили машғулиятҳои фардӣ барои хонандагони сустхон зимни додани маслиҳату супоришҳои махсус.

Аммо дар байни ин системаи машғулиятҳо шакли аввал - **машғулиятҳои синфӣ ё худ** дарс дар омӯзиши ҳаматарафаи забони тоҷикӣ – чи аз ҷиҳати назариявӣ ва чи амалӣ – нақши аз ҳама муҳимро мебозад. Аз ин рӯ, дар аксари маъхазҳо **дарс шакли асосии ташкили машғулиятҳои таълимӣ** номида шудааст.[97] Ба фикри методист Н.С. Поздняков «Ҳар як дарс ба асари фардии нурра баохиррасида монанд аст ва агар сохтор (банду баст. -С.Ш.) -и хубро доро бошад, он гоҳ метавон гуфт, ки он асари бадеии мукаммал аст.[98] Бале, агар дарсро ба асари бадеии мукаммал ташбеҳ додан ҷоиз бошад, ба назари мо, дарси мувофиқи талаботи меъёрӣ гузаронидашуда ба филми тасвирие шабоҳат дорад, ки ҳар яке аз тамошобинон персонажҳои он ҳам ба шумор мераванд. Барои ҳамин ҳам, дар мактаб ба сохту мазмун ва сифати дарс, ҷиҳатҳои намоишдиҳӣ ва таълимию тарбиявии он диққати махсус дода мешавад. Ва албатта, вобаста ба хусусиятҳояшон -аз ҷиҳати мундариҷа, сохту тарзи ташкил кардан ва ҳам мақсади гузаронида шуданашон дарсҳои забони тоҷикӣ гуногун мешаванд. Вале сарфи назар аз гуногун буданашон, дарсҳо бо ин ё он хусусияташон ба ҳам мувофиқат

---

[97] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 114; Методика грамматики и орфографии в начальных классах. -М.: Просвещение, 1975, с. 42; Баранов М.Т. Ладыженкая и др. Методика преподавания русского языка, с.110; Юнусов И. Педагогика. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005, с. 119.

[98] Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 49.

намуда, система ва ё силсилаи муайяни машғулиятҳоро доир ба омӯхтани забони тоҷикӣ ва грамматикаи он ташкил медиҳанд.

Умуман, дарсҳои забони тоҷикиро аз ду ҷиҳат ба хелҳо ҷудо мекунанд: а) аз ҷиҳати **мақсади** гузаронида шуданашон; б) аз ҷиҳати **мундариҷаашон,** яъне аз рӯи мундариҷаи мавзӯъҳои омӯхташаванда.

Вобаста ба хели аввал, яъне аз ҷиҳати мақсади гузаронида шуданашон, дарсҳои забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, се хел мешаванд: а) **дарси додани дониши нав** ба хонандагон (масалан, доир ба ин ё он мавзӯи марфологӣ ё синтаксисӣ), яъне дар ин хели дарс ба хонандагон доир ба ягон ҳодисаи забон маълумот ё худ дониши нав дода мешавад; б) **дарси мустаҳкам намудани дониш,** ки дар ин хели дарс мавзӯи нав таълим дода намешавад, балки муаллим мавзӯи пештар, масалан, дирӯз омӯзондаашро, ки ба аҳли синф на он қадар дақиқу фаҳмо дастрас гардида буд, бо иҷрои машқҳои гуногун ва ташкили саволу ҷавоб мустаҳкам менамояд; в) **дарси санҷиши дониш ва малакаи хонандагон,** ки он ба воситаи ташкили корҳои хаттии санҷишӣ – машқу супоришҳои махсус интихобшуда,гирифтани диктантҳои таълимию санҷишӣ бо супоришҳои гуногуни грамматикӣ доир ба имло ва аломатҳои китобат (доир ба як мавзӯъ, як боб ва ё якчанд фаслу боби барномаи таълим) гузаронида мешавад.

Доир ба типи дуюми дарс -**дарси мустаҳкам намудани дониш** - ҳаминро ҳам бояд донист, ки он ба лаҳзаи дарси мустаҳкамкунӣ ҳам монандӣ ва ҳам аз он фарқе дорад. Монандиаш дар ин, ки дар рафти гузаронидани он, чун дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ, танҳо як мавзӯъ, ба воситаи саволу ҷавоб ва иҷрои машқу супоришҳо мустаҳкам карда мешавад. Вале фарқи **дарси мустаҳкам намудани дониш аз лаҳзаи мустаҳкамкунӣ** дар ин аст, ки барои он, яъне дарси мустаҳкам намудани дониш, тамоми як соати академикӣ – 45 дақиқа, аммо барои лаҳзаи мустаҳкамкунӣ аз ҳамон миқдори як соати академикӣ аз 10-12 то 15-20 дақиқа бахшида мешаваду бас.

Аз рӯи мақсади гузаронида шуданашон дар қатори он се типи дарс, боз хелҳои *дигари дарсҳои забони тоҷикиро* ҳам, ки **дарси такрор, дарси такрори ҷамъбасти дониш**ҳо ва **дарси инкишофи нутқи мураттаб*** номидаанд, метавон номбар намуд. Дарси такрор навъи дигари дарси мустаҳкам намудани донишу

---

* **Таъкид.** Дар бораи хусусиятҳои дигари дарси такрор ва хелҳои он, инчунин, марбут ба усули ташкил ва гузаронидани дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб баъдтар дар фаслҳои махсус батафсил маълумот дода мешавад.

малакаи хонандагон аст. Аз ин рӯ, ин хели дарс аз тарафи методистон, ҳамчун типи махсуси дарс, эътироф нашудааст. Зеро дарси мустаҳкам намудани дониш ҳам мантиқан дарси такрор буда, дар дарси такрор низ мазмунан мустаҳкам намудани дониши талабагон дар мадди назари омӯзгор аст. Фарқи асосӣ дар байни ин ду хели дарс ин аст, ки дар дарси мустаҳкам намудани дониш як мавзӯъ, вале дар дарси такрор як боби калон ва ё 2-3 боби хурд такрору мустаҳкам карда мешаванд.

Ҳамин тавр, аз ҷиҳати мақсади гузаронида шуданашон дарсҳоро, пеш аз ҳама, ба хелҳои зерин: **дарси додани дониши нав, дарси мустаҳкам намудани донши** ва **дарси санҷиши донишу малакаи хонандагон** ҷудо мекунанд, ки ба ин гурӯҳ, ҳамчунин, дарсҳои ба ном **такрор, такрори ҷамъбасти донишҳо доир ба як мавзӯъ** ва **ниқишофи нутқи мураттаб** зам мешаванд. Аммо вобаста ба мундариҷаашон дарсҳо ба чунин типҳо ё хелҳо: **грамматикӣ** (морфологӣ ва синтаксисӣ) **фонетикӣ, калимасозӣ, орфографӣ, пунктуатсионӣ** ҷудо карда шудаанд. Чунончи, дар тамоми ду соли таҳсил дар синфҳои VIII-IX мавзӯъҳои синтаксис таълим дода мешаванд. Инак, ҳамаи он дарсҳое, ки маҳз ба таълими синтаксис бахшида мешаванд, аз рӯи мундариҷаашон ба хели **дарсҳои синтаксисӣ** маҳсуб мебошанд, ё худ тамоми дарсҳое, ки ба ин ё он мавзӯи фонетика бахшида мешаванд, аз рӯи мундариҷаашон **дарсҳои фонетикӣ** ном доранд ва ғ.

Бояд таъкид намуд, ки умуман, аз рӯи мақсад ва мундариҷаашон ба хелҳо ҷудо намудани дарсҳои забони тоҷикӣ шартан аст. Зеро, дар асл бошад, дар айни ҳамон як типи дарс, масалан, дар дарси додани дониши нав ба хонандагон ҳам элементҳо – ҷузъиёти дарси мустаҳкам намудани дониш ва ҳам санҷиши донишу малака (дар лаҳзаҳои пурсиши вазифаи хонагӣ ва мустаҳамкунии мавзӯи нав) ба мушоҳида мерасанд, ки ба ҳамин сабаб дарси мазкурро бо унвони **дарси омехта** ҳам ном мебаранд.[99] Аз ин рӯ, дар бобати ба хелҳо ҷудо намудани дарсҳо ҳаминро бояд ба инобат гирифт, ки кадом хели он бартарии бештар дорад: дарси дониши нав додан, мустаҳкам намудани дониш, дарси санҷиши донишу малака ё дигараш?

Ба ҷуз ин ҳама гуфтаҳои фавқ, ба андешаи Н.С. Позндяков, ҳаминро ҳам бояд донист, ки «Ҳар як дарс вобаста ба фардияташ такрорнашаванда аст, аз он ҷо ҷиҳат ки ба ҳар яки он (дарс.-С.Ш.) хусусиятҳои худро ҳам мавод, ҳам синф ва ҳам муаллим ворид мекунад».[100] Ва чунон ки акад. А.В. Текучёв ҳам таъкид

---

[99] Нигг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 115.
[100] Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка в средней школе, с 49.

намудааст, ҳеҷ гоҳ «Чун қоида муаллими ҷустуҷӯкор доир ба ҳамон як мавзӯъ (ду дарси. -С.Ш.) айнан як хеларо ташкил карда наметавонад».[101] Ин нукта баъзан аз сохту лаҳзаҳои дарс низ бармеояд.

§ 18. Сохту лаҳзаҳои дарсҳои забони тоҷикӣ

Сохту лаҳзаҳои дарс ва тартиби ҷобаҷогузории лаҳзаҳои дарс ба ин ду масъала-**мақсади дарс** ва **хусусияти мавзӯи дарс** вобаста аст. Аз ин рӯ, агар муаллим мақсади ҳар як дарс ва хусусияти мавзӯъ ва ё маводи онро ба назар гирад, тарз ё усули ташкил ва гузаронидани онро ҳам дуруст муайян мекунад.

Бояд донист, ки ҳар як тип ё хели дарс сохти махсусе дорад, ки ин нукта аз лаҳзаҳои ба ҳам алоқаманди он аён мегардад. Чунончи, баъзе лаҳзаҳои дарс, масалан, пурсиши вазифаи хонагӣ ё худ супориши вазифаи хонагӣ қариб дар ҳамаи хелҳои дарс дохил шуда метавонад. Аммо лаҳзаҳои дигари он, аз қабили баёни мавзӯи нав ва санҷиши умумии донишу малакаи хонандагон ба ин ё он типи махсуси дарс хос аст. Умуман, дар маҷмӯъ лаҳзаҳои дарси забони тоҷикиро ин тавр метавон баррасӣ намуд: а) баёни мавзӯи нав; б) машқҳои мустаҳкам кардан ва такрори донишу малакаи хонандагон; в) тафтиши вазифаи хонагӣ; г) пурсиши хонандагон; ғ) санҷиши умумӣ ё худ фронталии дониш ва малакаи ҳамаи хонандагон (бо гирифтани корҳои хаттии санҷишӣ. -С.Ш.).[102] Ниҳоят, ҳамаи хелҳои дарс бо лаҳзаи ташкилӣ оғоз ёфта, бо эълони баҳо ё худ супориши вазифаи хонагӣ анҷом меёбад, ки риояи талаботи ин қисматҳо низ дар ҷараёни дарс муҳим аст.

Чунин лаҳзаҳои дарс солҳои тӯлонӣ дар амал санҷида шудаанд. Вале тарзи ба ҳам пайвастан ё худ тартибу ҷобаҷогузории онҳо (лаҳзаҳои дарс) вобаста ба мақсади дарс, маълум ё нав будани маводи дарс, то чи андоза ба мавзӯъҳои пеш омӯхтаи хонандагон вобаста будани мавзӯи нав, хели машқҳои ичро карда мешудагӣ (диктантҳои таълимӣ ё санҷишӣ, таҳлили грамматикӣ ва ғ.) метавонад гуногун шавад.

Лаҳзаҳои дарс дар нақшаи дарс (план –конспект) -и муаллим ҳар доим пас аз сабти се нукта: мақсади дарс, методҳои дарс ва таҷҳизонидани дарс таҳти унвони «Равиши дарс» (пеш аз ҳар яки онҳо рақами римӣ гузошта) навишта мешаванд. Масалан, сохт ва тарзи ҷобаҷогузории лаҳзаҳои **дарси додани**

---

101. Текучев А.В. Методика русского языка.., с. 116.

102. Ниг.: Текучев А.В. Методика русского язика в средней школе, с.115.

дониши нав *ба хонандагон дар план-конспекти муаллим, асосан, ба таври зер оварда мешаванд:*

РАВИШИ ДАРС:

I. Ташкилии дарс:
II. Пурсиши вазифаи хонагӣ:
III. Баёни мавзӯи нав:
IV. Мустаҳкамкунӣ:
V. Супориши вазифаи хонагӣ:
VI. Эълони баҳо:

Дар асл, аз рӯи ҳамин сохт ва ё тартиби ҷобаҷогузории лаҳзаҳо, ки дар фавқ мебинед, дар гузаронидани дарс мавриде зарурат дорад, ки агар хонандагонро ба фаҳмидани мавзӯи нав тайёр кардан лозим бошад. Яъне дар чунин маврид ҳатман пеш аз баёни мавзӯи нав вазифаи хонагӣ ва маводи ба ин мавзӯи нав алоқаманд бояд ба тариқи такрор пурсида шавад. Масалан, мавзӯи «Сифати феълӣ» ҳамин гуна мавзӯъ аст. Пеш аз баёни сифати феълӣ, ҳамчун шакли махсуси феъл, ки хусусиятҳои сифатро ҳам доро аст, бояд аломатҳои барҷастаи феълу сифат (*ҳаракату ҳолати предметро фаҳмондани феъл, замон доштани он*, бо бандаки изофӣ алоқаманд шудани сифат, аломати предметро фаҳмондану ба кадом саволҳо ҷавоб шудани он) пурсида шавад, то ки ба ҳамин дониши хонандагон такя карда, хусусиятҳои сифати феълӣ ба онҳо фаҳмонда шавад. Албатта, дар айни баёни мавзӯъ ҳам аломатҳои феълу сифатро ба хотири хонандагон оварда истода, фаҳмондани хусусиятҳои сифати феълӣ зарурат пайдо менамояд.

Вале чунон, ки гуфтем, муаллим вобаста ба ниятҳои худ, ҳамчунин, марбут ба сохтору натиҷаи дарси пешина метавонад сохт ё тарзи ҷобаҷогузории дарси додани дониши навро бо усулҳои гуногун ё дар план – конспект ва ҳатто дар ҷараёни дарс низ тағйир диҳад. Чунончи, агар дарси пешина ба такрори як боби омӯхташуда, масалан, ба боби «Исм» бахшида шуда бошад, дар дарси навбатӣ, аниқаш, дар қисмати пурсиши вазифаи хонагӣ шарт нест, ки боз ҳамон боб, мухтасар бошад ҳам, такрор карда шавад. Аз ин рӯ, агар муаллим ҳамин нуктаро ба инобат гирад, ӯ пас аз ба ҷо овардани талаботи қисмати ташкилии дарс метавонад бевосита ба баёни мавзӯи аввали боби «Сифат», ки ба ҳамин унвон («Сифат») таълим дода мешавад, оғоз намояд. Албатта, дар ин лаҳзаи дарс, ки маълумоти умумӣ доир ба мафҳуми сифат ва хусусиятҳои *аввалиндараҷаи он дода мешавад*, хусусиятҳои сифатро бе муқоиса кардан бо исм фаҳмонидан

номумкин аст, яъне сифат бояд дар алоқамандӣ бо исм таълим дода шавад, ки дар ин ҷараён баъзе масъалаҳои исм ноаён, аз ҷумла, предметро фаҳмонидан ва ба саволҳои кӣ?, чӣ? ҷавоб шудани он такрор гардида, аломати предмет (исм)-ро фаҳмондани сифат ва аз ин рӯ, ба саволҳои чӣ хел? чӣ гуна? ҷавоб шудани он таъкид карда мешаванд. Вале ҳангоми мустаҳкамкунӣ дар ин дарс боз имконият фароҳам меояд, ки дар баробари ба хонандагон додани саволу супоришҳо доир ба сифат аз боби «Исм» низ чанд савол доир ба фарқи исм аз сифат ҳам дода шавад. Сипас, агар дарси додани дониши нав аз рӯи чунин гузориш, ки ҳоло зикр намудем, сурат гирад, дар сохтори он, аввалан, дар план-конспект ва сониян, дар ҷараёни дарс ҳам будани лаҳзаи пурсиши вазифаи хонагӣ зарурат надорад. Яъне аз сохтори он лаҳзаи **пурсиши вазифаи хонагӣ** соқит карда мешавад, ки дар натиҷа лаҳзаҳои дарси мазкурро ин тавр навиштан лозим меояд:

РАВИШИ ДАРС:

I. Ташкилии дарс:
II. Баёни мавзуӣ нав:
III. Мустаҳкамкунӣ:
IV. Супориши вазифаи хонагӣ:
V. Эълони баҳо:

Яъне бо овардани ҳамин сохтори дигари дарси додани дониши нав таъкид карданием, ки дар ҳар типи дарс ҳатман ҷой доштани ҳамаи лаҳзаҳои хоси он ё худ план – конспектро аз рӯи як тартиби муайян навиштан ва ҳамон тартибро айнан дар ҷараёни дарс риоя намудан шарт нест. Яъне мо гуфтанием, ки ҳатто мумкин аст, плани пешакӣ тартибдодаи муаллим дар рафти дарс тағйир ёбад. Масалан, агар мавзуи нав мантиқан идомаи мавзуи пешина бошад, пас аз қисмати ташкилии дарс муаллим метавонад лаҳзаи пурсиши вазифаро ташкил накарда, аввал мавзуи навро фаҳмонда, баъд вазифаи хонагиро дар рафти мустаҳкамкунии мавзуи нав ва ҳатто дар лаҳзаи баёни мавзуи нав бо усули суҳбат пурсад. Албатта, дар ин бобат донишу фаҳмиши хонандагонро ҳам ба назар гирифтан лозим меояд.

Ё худ шарт нест, ки супориши вазифаи хонагӣ ҳама вақт дар охири дарс – пас аз лаҳзаи мустаҳкамкунӣ баррасӣ ёбад. Онро пеш аз лаҳзаи мустаҳкамкунӣ ҳам эълон кардан мумкин аст, ба шарте ки хусусан, ичрои машқи барои хона вазифа додашуда ба машқҳои дар лаҳзаи мустаҳкакунӣ ичро карда мешудагӣ шабоҳат дошта бошад.

Умуман, муаллим бояд эҷодкор бошад. Аз ин ваҷҳ, мумкин аст, ки хамон як мавзӯъро бори дигар ё худ дар синфи мувозӣ (параллелӣ) ба тарзи дигар таълим диҳад. Яъне таҷрибаи дарси пештараи ӯ минбаъд такмил додани таълими он мавзӯъро тақозо мекунад. Ба ифодаи Н.С. Поздняков, «Ҳар як дарс... такрор нашаванда аст, аз он ҷиҳат ки ба ҳар яки он ҳам мавод, ҳам синф ва ҳам муаллим хусусиятҳои худро ворид мекунанд».[103]

Ҳамин тавр, дарсро вобаста ба мавридаш ҳар хел ташкил кардан зарур аст. Аммо онро аз ҳад зиёд бо методу приёмҳо (усулҳо)-и таълим сербор кардан лозим нест. Дарсе, ки шаклан аҷибу мазмунану сифатан суст бошад, хуб нест.

§ 19. Баёни мавзӯи нав

Баёни мавзӯи нав лаҳзаи асосӣ ва муҳими дарси додани дониши нав (ё худ дарси донишдиҳанда) аст, ки дар ҷараёни он ба хонандагон доир ба грамматика (морфология ва синтаксис) орфография ва аломатҳои китобат, фонетика, лексика, услубҳои нутқ ва ғайра маълумот дода мешавад. Вале омӯхтани маводи нав аз ин қисматҳои назариявии забони тоҷикӣ вақте фаҳмо мегардад, ки агар хонандагон маводи гузаштаро хуб аз худ карда бошанду муаллим дар айни баёни мавзӯи нав ба дониши онҳо такя карда гавонад. Ҳаминро ҳам бояд ба инобат гирифт, ки «дар дарси додани дониши нав лаҳзаи аз ҳама муҳиму масъулиятнок - ин лаҳзаест, ки маводи нав бори аввал фаҳмонда ё худ шарҳу эзоҳ дода мешавад. Ин лаҳзаро метавон бо истилоҳ **нуқтаи кулминатсионӣ** ё қуллаи дарс номид».[104] Аз ин рӯ, ба ин лаҳзаи дарс аз ҳар ҷиҳат эътибор додан зарурат дорад, то ки натиҷаи дилхоҳе ба даст ояд. Дар ин бобат таъкиди зерини методист К.Д. Ушинский, ки дар китоби акад. А.В. Текучев оварда шудааст, басо муҳим аст: «Ҳунари муаллим дар он аст, ки дар таълими маводи нав шитоб накунад, гапи навро ба дарс кам-кам дохил карда, маводи навро бо маводи пештар омӯхтаи хонандагон ноаён алоқаманд кунад, то ба аробакаше монанд нашавад, ки аробаро тозонда ба манзил холӣ оварад».[105] Аз ин лиҳоз, агар дарс бо пурсиши вазифаи хонагӣ оғоз ёбад, хонандагонро дар айни ҳамин пурсиш ба фаҳмидани мавзӯи нав омода кардан зарур аст.

---

[103] Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 49.
[104] Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 55.
[105] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе с. 117.

Барои фаҳмову дастрас гардидани мавзӯи нав ба хонандагон дар баробари аёният боз дигар воситаҳои ёрирасон, вале аз ҳама муҳимаш – ин аз тарафи муаллим ба ҳам алоқаманд карда тавонистани чизи номаълум бо он чизе, ки онҳо медонанд, яъне ба таҷрибаи шахсии шогирдон такя карда тавонистан, ёрии амалӣ хоҳад расонд. Истифодаи таҷрибаи пешинаи шогирдон, аз як тараф, пайдарҳамиву системанокӣ дар ҷараёни баёни мавзӯи нав, аз тарафи дигар, дар маҷмӯъ хислати диққатнокиро дар онҳо таъмин (тарбия -С.Ш.) менамояд.[106]

Мавзӯи нав аз рӯи нақша (план) -и муайян баён карда шуда, чизи нав ба хонандагон пайиҳам ва мантиқан дуруст фаҳмонда мешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳар як мафҳуми нав бо роҳи махсус ҷудо кардан ва номбар намудани хусусиятҳо (аломатҳо)-и он,бо овардани мисолҳои барҷаста ва фаҳмову ифодагари ҳадафи асосӣ маънидод карда шавад. Ба ҷуз ин, дар рафти баёни мавзӯи нав ба талабагон савол дода истодан, хусусан, истифода кардан аз саволҳои риторикӣ барои ба нуктаҳои муҳими мавзӯъ ҷалб намудани диққати онҳо аҳамияти калон дорад.

Дигар ин, ки баёни мавзӯи нав бояд пурмазмун, илмӣ ва дар айни ҳол мухтасар бошад, онро бо гапҳои зиёдатӣ пур кардан лозим нест. Ба хонандагон нуктаҳои асосӣ ва муҳими мавзӯъро ва албатта, дар заминаи мисолҳои барҷаста шарҳ додан даркор аст, то ки ин амал онҳоро ба хулоса – таърифу қоида баровардан тайёр намояд. Аз ин ҷиҳат, барои баёни мавзӯъ мисолҳои мувофиқ, аз ҷиҳати методи оддӣ ва фаҳмо овардан лозим аст. Ҳатто барои фаъол шудани хонандагон дар баёни мавзӯи нав аз мисолҳои худи хонандагон овардагӣ, ё худ ҷумлаҳои беҳтаринро аз нақлу иншоҳои онҳо истифода бурдан мумкин аст. Дар баробари ин, маводи пештар омӯхтаи онҳоро, агар зарурат надошта бошад, бори дигар муфассал фаҳмонда истодан шарт набуда, якбора мухтасарашро гуфтан кифоя аст.

Бояд гуфт, ки ҳама вақт баёни маводи мавзӯи нав бо хулосабарорӣ, яъне бо гуфтани таърифу қоидаҳое (албатта, ин ҳамон таърифу қоидаҳо аст, ки марбут ба ҳар як мавзӯъ дар китоби дарсӣ мушаххас дода шудааст), ки аз тарафи хонандагон аз ёд намудан ё мазмунан аз бар намуданашон ҳатмист, анҷом меёбад. Бинобар ин, дар таърифу қоида баровардан ҳеҷ гоҳ ба сахлкориву саросемагӣ роҳ додан лозим нест. Яъне он тарафи грамматикӣ ё қоидаи имлову аломати китобат бояд дуруст

---

106. Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка. с. 55.

таъкид карда шавад.* Чунки таърифу қоидаҳо он чиро, ки хонандагон аз мисолҳо мушоҳида кардаанд, ба тариқи умумӣ нишон медиҳанд.

Ниҳоят, чунон ки таъкид шуда буд, вобаста ба хусусиятҳояш мавзӯи навро бо методҳои **наклӣ муаллим** ва **сӯҳбат**, бо истифода аз **усулҳои** (приёмҳо)-и **индуксия** ва **дедуксия** таълим додан мумкин аст, ки дар ҳамаи ин ҳолатҳо истифода бурдан аз аёният яке аз воситаҳои мушаххаскунандаи ҳодисаҳои забони тоҷикӣ дониста мешавад. Ба ҷуз ин, ҳоло дар методикаи таълими забони модарӣ истифодаи усули дигари таълим (роҳи сеюм) низ (дар баёни мавзӯи нав гоҳо дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ ва пурсиши вазифа ҳам)[107] бо унвони **таълими проблемавӣ** (масъалагузорӣ) тавсия карда мешавад, ки ин усули таълим ҳам чун методи наклӣ муаллим ва сӯҳбат ба усули индуксия ё худ таҳлилу таркиб мансуб аст.

Инак, аз гуфтаҳои охир чунин саволҳо бармеояд: Чӣ гуна усули таълим **проблемавӣ** (ё худ масъалагузорӣ) ном дорад? Он (таълими проблемавӣ) аз методҳои дигар, аз ҷумла, аз наклӣ муаллим ва сӯҳбат чӣ фарқ дорад?

Таълими проблемавӣ чунин як усули кор аст, ки зимни истифода аз он, пеш аз ҳама, мавзӯи нав (баъзе ҷиҳатҳои он) бо роҳи масъалагузорӣ дар назди хонандагон ҳал карда мешавад. Яъне ҳодисаҳои забонро муаллим ба хонандагон ба тариқи наклӣ баён намекунад ва ё дар заминаи такя намудан ба донишҳои пешинаи онҳо – бо истифода аз сӯҳбати донишҷӯёна ба онҳо маълумотҳои нав намедиҳад. Балки дар ҳалли он ҳодисаи забон, фаҳмидани он дар назди шогирдон масъала мегузорад, то ки онҳо дар бораи ин масъала фикри худро гӯянд, он ҳодисаи забонро як андоза мустақилона фаҳманд ва аз фаҳмидаҳои худ хулоса бароранд. Ё худ таълими проблемавӣ – ин бо роҳи масъалагузорӣ ҳал кардани ҳодисаи забон –мавзӯи нави забон аст, ки хонандагонро ба фикр кардану хулосаи дуруст баровардан водор мекунад.

Дар ҷараёни истифода кардан аз усули проблемавӣ, аз ҷумла дар рафти баёни баъзе мавзӯъҳои забони тоҷикӣ, мувофиқи талаботи ин усул, аввало, лозим аст, ки **вазъияти масъалагузорӣ** ба вуҷуд оварда шавад.Ин чунин як вазъиятест, ки

---

* **Таъкид.** Чунон ки шарҳ дода будем, таърифу қоидаҳои марбути ҳар як мавзӯи дар китоби дарсӣ додашуда дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ, пеш аз саволу супоришҳои ба аҳли синф дода мешудагӣ,бояд хононда шаванд.

[107] Ниг.: Ҳоҷиев С. Масъалаҳои муҳимми таълими забони модарӣ дар синфҳои IV ва VIII. -Душанбе: Маориф, 1987, с. 73-78.

хонандагон дар ҳалли ин ё он масъала – ягон ҳодисаи забон, қоидаи имло ё аломати китобат – ба душворие дучор мешаванд, ки фикр карданро талаб кунад, то ки хонандагон дар кушодани гиреҳи он масъала хоҳише пайдо кунанду роҳи ҳалли онро ҷустуҷӯ намоянд. Ва ҳамин ки дар онҳо майлу рағбат пайдо шуд, бешубҳа, кӯшиш мекунанд, ки ин ҳодисаи нави забонро фаҳмида гиранд. Вале кӯшиши онҳо дар ҳалли масъалаи гузошташуда мумкин аст, ки натиҷа надиҳад. Чизи муҳим дар ин бобат он аст, ки ҳоло дар онҳо хоҳиши фаҳмидан ва ҳал намудани масъала ҷиддан ба вуҷуд омадааст. Маҳз дар чунин вазъият кӯмаки муаллим ё худ шарҳи бевоситаи масъала аз тарафи ӯ зарурат пайдо мекунад. Акнун ӯ (муаллим) метавонад бо ёрии додани саволҳои ёрирасон хонандагонро ба фаҳмидани масъала равона кунад, ё ки худ бе кашол додани вақт тарзи ҳалли масъаларо шарҳ диҳад, ки дар ҳар ду маврид ҳам масъалаи ҳалшуда аз тарафи хонандагон хеле дақиқ ва ба таври хотирмону фаромӯшнашаванда тасаввур карда хоҳад шуд.

Таъкид бояд намуд, ки дар ҷараёни таълими проблемавӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани вазъияти масъалагузорӣ, ҳатман, аз воситаҳои дигар – муқоиса, саволу ҷавоб ва аёният – ба тариқи васеъ истифода бурда мешавад.

Акнун ба чунин савол ҷавоб бояд гуфт: Вазъияти масъалагузорӣ чӣ хел ба вуҷуд оварда мешавад?-Албатта, боз ҳам ба воситаи саволҳо, аниқаш, ба воситаи **саволҳои проблемавӣ.** Вале саволи проблемавиро аз хели дигари саволҳои муаллим (хусусан, аз саволҳои аналитикиву синтетикӣ) бояд фарқ кард. Бо саволҳои аналитикиву синтетикӣ дониш ва хотираи хонандагон санҷида мешавад. Яъне хонандагон мазмуну мундариҷаи ҳамон ҳодисаҳои забон (масалан, доир ба хусусиятҳои исму сифат, ҳар як ҳиссаи ёридихандаи нутқ, ифодаи саръазоҳои ҷумла ва таърифу қоидаҳои матлуби онҳо ва ғ.)-ро, ки ҳангоми баёни мавзӯъ аз шарҳи муаллим фаҳмидаанд ва айни ҳамон ҳодисаҳои забонро аз китоби дарсии забони тоҷикӣ низ мустақилона омӯхтаанд, ба хотир оварда, вобаста ба саволу супоришҳои муаллим ҷавобҳои худро мегӯянд. Вале дар баробари он саволҳо (аналитикӣ, синтетикӣ) саволҳое ҳам ҳастанд, ки шарҳашон ҳанӯз аз тарафи муаллим гуфта нашудааст ва ҳатто баъзан дар китоби дарсӣ ҳам оварда нашудааст. Он саволҳо хонандагонро барои фаҳмидани моҳияти ягон масъала, ба мустақилона ҳал кардани он, барои аз тарафи худашон мустақилона фаҳмидани як ҳодисаи нави забон, ки дар натиҷаи донишашон такмил мёбад, водор мекунад. Ана ҳамин гуна саволҳо, ки хонандагонро ба эҷодкоронаву мустақилона шарҳ

додани ҳодисаҳои забон ҳидоят мекунанд, **саволҳои проблемавӣ** ном доранд. Ва ҳамин гуна саволҳо, ки дар ҷараёни таълими проблемавӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд, дар дарс **вазъияти масъалагузориро** ба вуҷуд меоваранд. Ба иброи дигар, «Вазъияти масъалагузорӣ - ин вазъиятест – эҳёи вазифаҳоест, ки ҳаллу иҷрояшон ҳатмист, ё ки (вазъиятест, ки. - С.Ш.) мактабиёнро ба фикркунӣ водор мекунад».[108] Масъала дар назди талабагон тарзе гузошта мешавад, то ки онҳо фаҳманд, ки ҳалли ин масъаларо, дар ҳақиқат, ҳоло намедонанду бояд онро дониста гиранд. Ба ин амал онҳоро саволҳои проблемавӣ водор менамояд.

Дар ҷараёни ташкили таълими проблемавӣ фаъолияти муаллим иборат аз он аст, ки аз рӯи зарурат, дар бораи мафҳумҳои мураккаб маълумотҳои қонеъкунанда дода истода, пай дар пай вазъияти проблемавиро ба вуҷуд оварда, фаъолияти таълимию донишгирии хонандагонро тарзе ба роҳ монад, ки онҳо дар заминаи таҳлилу санҷиши воқеӣ – далелҳо – бо андаке кӯмаки муаллим, вале зиёда мустақилона хулосаҳои мухтасар бароваранд, то ки ҳамин донишҳои мустақилона ба даст овардаашонро дар вақту ҳолатҳои дигар истифода карда тавонанд.[109] Аз ин рӯ, омӯзгорро лозим аст ва чунон ки дар боло ҳам таъкид гардида буд, дар ҷараёни таълими проблемавӣ барои ҳалли масъалаҳо аз усули муқоиса (муқобилгузорӣ ва монандкунӣ), аз саволҳои ёридиҳанда, аёният (таблитсаҳои мавзӯиву истилоҳотӣ) ва ғайра низ моҳирона истифода барад.

Вале ҳаминро бояд донист, ки бо истифода аз таълими проблемавӣ дар лаҳзаи баён на ҳама вақт тамоми як мавзӯъро ба пуррагӣ ҳаллу фасл намудан имконпазир аст. Ба ҷуз ин, бо ин усул дар аввалҳо баъзе қисматҳои ба мавзӯи дарс дахлдорро таълим додан имкон дораду бас, ба шарте ки хонандагони синф аксар фаъол ва дорои донишу фаҳмиши хуби забоншиносӣ бошанд, то ки ба ин роҳи донишгирӣ одат кунанд. Масалан, муаллим дар синфи V ҳангоми таълими аломати сакта (ъ) дар оғоз дорои ду вазифа: а) ҳамчун овоз, ҳамсадои ҳалқӣ (маълум, маъруф, воқеъ, мавзӯъ, манъ, шамъ), б) ҳамчун ҳарф, воситаи ҷудо кардани ҳисса (ҳиҷо)-и калима (машъал, санъат, масъул, масъала) будани онро дар забони тоҷикӣ шарҳ дода, хоҳад, ки ҳангоми калимасозӣ ва калимабандӣ мавридҳои соқит шудан ва ё навишта шудани он (аломати сакта) дар охири реша бо усули

---

[108]. Львов М.Р. Словарь - справочник по методике русского языка. с. 54.
[109]. Ниг.: Махмутов М.И. Организация проблемного обучения в школе. - М.: Просвещение, 1977, с. 20.

проблемавии таълим ҳаллу фасл карда шавад, ба диққати хонандагон аввал мисолҳои зеринро (ё дар ватман, ё ба воситаи кодоскоп) пешкаш менамояд.

мавзӯъ-мавзӯи дарс-мавзӯъҳо
воқеъ-воқеаи аҷоиб-воқеъбин
мавқеъ -мавқеи дуруст -мавқеъҳо
ихтироъ -ихтирои хуб -ихтироъкор

Муаллим ин лаҳза диққати хонандагонро ба ин мисолҳо ҷалб намуда, таъкид мекунад, ки дар охири ҳар чор калимаи сутуни аввал (мавзӯъ, воқеъ, мавқеъ, ихтироъ) аломати сакта (ъ) навишта шудааст. Аммо дар сутуни дуюм ин калимаҳо, масалан, калимаи **мавзӯъ** дар ибораи **мавзӯи дарс** бе аломати сакта навишта шуда, дар сутуни сеюм он боз бо аломати сакта (мавзӯъҳо) навишта шудааст. Чаро ин тавр шудааст? Бинед, дар сутуни 2-юм ва 3-юм ба охири ин калимаҳо ҳиссаҳои нав (бандак, суффикс ё калимаи дигар) ҳамроҳ карда шудааст. Вале дар мисолҳои сутуни дуюм ин калимаҳо бе аломати сактаву дар сутуни 3-юм бо аломати сакта навишта шудаанд. Сабаби ин дар чист? Канӣ, кӣ ба ин савол ҷавоб медиҳад?

Ин ҷо аз саволҳои додашуда дутои аввал (Чаро ин тавр шудааст? Сабаби ин дар чист?) проблемавӣ буда, ҳатман дар синф вазъияти масъалагузориро ба вуҷуд меоранд, яъне тамоми хонандагонро ба мушкилие рӯ ба рӯ намуда, барои ҷавоб ёфтан ба саволҳои мазкур ба мустақилона фикр кардан водор месозанд. Агар хонандагон ба саволҳои гузоштаи муаллим ҷавоб диҳанд, хеле хуб. Ҷавоб надиҳанд ҳам, бад не. Зеро чунон ки гуфта будем, чизи муҳим он аст, барои мустақилона фаҳмидани ин нукта, ки ба қоида - имлои аломати сакта тааллуқ дорад, шароити мусоид фароҳам меояд. Яъне ҳама ҷӯёи роҳи ҳалли масъала ҳастанду, вале қобилияташон ба кушодани «гиреҳи» он сустӣ мекунад. Ана дар ҳамин гуна вазъият муаллим шарҳ медиҳад, ки ҳангоми калимасозӣ ва калимабандӣ аломати сактаи охири калимаҳо дар байни ду садонок (мавзӯъ- мавзӯи дарс) навишта намешавад. Агар ҳарфи аввали ҳиссаи дар охири ин калимаҳо (мавзӯъ, воқеъ, мавқеъ, ихтироъ) ҳамроҳшударо ин ё он ҳамсадо (масалан, дар калимаи **мавзӯъҳо** ҳамсадои **ҳ**, дар **ихтироъкор** ҳамсадои **к**) ташкил диҳад, он гоҳ аломати сакта дар онҳо навишта мешавад.

Ҳамчунин, таъкид кардан лозим аст, ки қоидаи афтидани аломати сакта ба калимаҳои зерин: **шамъ, манъ, ҷамъ** ва амсоли инҳо, дар сурате ҳам ки ҳарфи аввали ҳиссаҳои ба онҳо ҳамроҳшуда (шамъ-шамъи хира; манъ -манъи роҳ; ҷамъ -ҷамъи ададҳо)-ро садонокҳо ташкил диҳанд,тааллуқ надорад, зеро дар

решаи калимаҳои мазкур пеш аз аломати сакта на садонок, балки ин ё он ҳамсадо истодааст.

Мисоли дигар. Агар мавзӯъ бо унвони «Хелҳои сифат» таълим дода шавад, он гоҳ барои бо усули проблемавӣ таълим додани он метавон аз таблитсаи (5) зерин истифода кард:

Таблитсаи 5

ХЕЛҲОИ СИФАТ	
Сифатҳои аслӣ	**Сифатҳои нисбӣ**
меваи ширин	меваи тирамоҳӣ
духтари доно	духтари деҳотӣ
одами хуб	одами аспакӣ
бели нав	бели оҳанин
куртаи сурх	куртаи духтарона
мактаби овозадор	мактаби шабона

Аз рӯи ин таблитса, аввал ҳамаи сифатҳо бо роҳи саволгузорӣ, ки ҳар кадом ба эзоҳи предмете (ин ё он исм) омаданд, муайян карда мешаванд, ки хонандагон ба ин амал аз дарси пешинаи (дар рафти таълими мавзӯи «Сифат») шинос ҳастанд. Масалан, ин тавр: **меваи ширин**-Чӣ хел мева?-**Ширин;** духтари доно- Чӣ гуна духтар? -**Доно** ва г. Баъд, муаллим диққати хонандагонро аз дигар ба таблитса ҷалб намуда мегӯяд: Дар сутуни якум бо исмҳо сифатҳои аслӣ, вале дар сутуни дуюм айнан бо ҳамон исмҳо сифатҳои нисбӣ оварда шудаанд.Чаро сифатҳо дар сутуни якум аслианду дар сутуни дуюм – нисбӣ? Дар ин мисолҳо аслӣ ё нисбӣ будани сифатҳо чӣ тавр фарқ карда мешаванд? Канӣ, кӣ ба ин саволҳо ҷавоб медиҳад? Инак, бо ҳамин дар синф вазъияти масъалагузорӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Пас аз фурсате муаллим боз мепурсад, вале ин дафъа бо истифода аз саволҳои ёрирасон: Кадоме аз ин сифатҳо ба предмет хосанд, ё худ сифатҳои аслии предметанд? Кадомашон ба предмет нисбат дода шудаанд? Саволҳои мазкур имкон медиҳанд, ки ақаллан, чанд нафари шогирдон аз ӯҳдаи ҳалли масъала бароянд. Сипас, муаллим сифатҳои аслӣ ва нисбиро дурусттар шарҳ медиҳад. Хонандагон аз шарҳи муаллим мефаҳманд, ки сифатҳо аслӣ бошанд, суффиксҳои дараҷасози -**тар -тарин** (доно-донотар, донотарин) қабул мекунанд, ки он ба сифатҳои нисбӣ хос нест.Дар навбати худ, хонандагон таърифу қоидаҳои сифатҳои аслӣ ва нисбиро аз китоби дарсӣ хонда, доир

ба мавзӯъ тасаввуроти амиқ пайдо намуда, ба саволҳои муаллим ҷавоб гардонда, аз худашон мисолҳо меоранд. Таблитсаро бо мисолҳояш ба дафтарҳои худ нусхабардорӣ намуда, бо супориши муаллим онро боз бо мисолҳои нав пурратар менамоянд ва ғ.

Гуфтан ҷоиз аст, дар таълими забони тоҷикӣ бисёр мавзӯъҳоро, аз қабили «Исмҳои хос ва ҷинс», «Исмҳои моддӣ ва маънӣ», «Феълҳои бевосита ва бевосита», «Феълҳои монда ва гузаранда», «Хабарҳои феълӣ ва номӣ», «Муайянкунандаҳои изофӣ ва беизофа» ва амсоли инҳоро номбар кардан мумкин аст, ки ҳар як таркибан ду ҳодисаи забонро дар бар гирифта, бо усули проблемавӣ, ки дар ҷараёни он истифодаи усули муқоиса ва таблитсаҳои мавзӯӣ воситаҳои асосии ёрирасон маҳсуб меёбанд, таълим додан басо мувофиқ мебошад. На танҳо чунин мавзӯъҳоро, ки таркибан ду ҳодисаи забонро таҷассум мекунанд, ҳамчунин мавзӯъҳоеро ҳам,ки чунин хусусиятро доро нестанд, метавон бо усули проблемавии муқоисавӣ, вале дар муқоиса бо мавзӯъҳои пешина, ки дар ин мавридҳо ба дониши пешинаи хонандагон такя карда мешавад, таълим додан мумкин аст. Масалан, дар алоқамандӣ бо ҷумлаҳои чидааъзо таълим додани ҷумлаи мураккаби пайваст, дар алоқамандӣ бо ҷумлаи мураккаби пайваст омӯхтани ҷумлаи мураккаби тобеъ ва таълими ҷумлаҳои мураккаби пайвасту омехта дар муқоиса бо ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ ва амсоли инҳоро. Чунончи, барои бо усули проблемавӣ таълим додани мавзӯи «Ҷумлаи мураккаби омехта» аввалан таблитсаи (6) зеринро пешакӣ дар ватман ё дар ҳузури хонандагон дар доскаи синф тартиб медиҳем:

Таблитсаи 6

ХЕЛҲОИ ҶУМЛАИ МУРАККАБ		
Ҷумлаи мураккаби пайваст	**Ҷумлаи мураккаби тобеъ**	**Ҷумлаи мураккаби омехта**
1. Падари Восифӣ олим ва илмдӯст буд, аммо ӯ ба мансаби калоне соҳиб набуд. (С.А.).	2. Дар ҳамин вақт чашми ӯ ба пирамарде афтод, ки ба тарафи вай меомад. (Р.Ҷ.).	3. Машинае, ки дӯсти маро мебурд, аз назар ғоиб шуд, вале овози ӯ ҳанӯз дар гӯши мо садо медод (Ҷ.И.).

Муаллим ба хонандагон мурочиат карда мегӯяд: Шумо дар дарсҳои гузашта доир ба ду навъи ҷумлаи мураккаб – ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ маълумот гирифтаед, фарқи ин ду

навъи ҷумлаҳоро боварӣ дорам, ки аксар бо овардани мисолҳо исбот ҳам карда метавонед. Инак, ба ин таблитса нигаред. Дар се сутун яктогӣ се ҷумла; дар якумаш ҷумлаи мураккаби пайваст, дар дуюмаш ҷумлаи мураккаби тобеъ оварда шуд, ба ҷумлаи сутуни сеюм **ҷумлаи мураккаби омехта** ном дода шудааст. Сабаб чист, ки ин ҷумла **мураккаби омехта** ном гирифтааст? Фарқи он аз ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ дар чист?

Пас аз фурсате муаллим, агар ҳис кунад, ки хонандагон дар ҷавоби саволҳои додашуда ноӯҳдабарой нишон дода истодаанд, ба онҳо боз ба воситаи саволҳои ёрирасон муроҷиат мекунад: Ба хотир ored. Дар байни ҷумлаҳои соддаи ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ кадом навъҳои алоқа мешавад? Дар ҷумлаи мураккаби омехта чӣ? Мутобиқи ин саволҳо хонандагон ба хотир меоранд, ки дар байни ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст **алоқаи пайваст** ва дар ҷумлаи мураккаби тобеъ **алоқаи тобеъ** дида мешавад. Сипас, аз мушоҳидаи ҷумлаи дар сутуни сеюм буда ба хулоса меоянд, ки дар таркиби он ҷумлаи якуму дуюм (Машинае. ки дӯсти маро мебурд, аз назар ғоиб шуд) бо роҳи тобеъкунӣ ва якуму сеюм (Мошина аз назар ғоиб шуд, аммо овози ӯ ҳанӯз дар гӯши мо садо медод) бо роҳи пайвасткунӣ ба ҳам алоқаманд шудаанд. Ҷумлаи якум ва дуюм ба воситаи пайвандаки тобеъкунандаи **ки**, вале ҷумлаи якум бо сеюм ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи **аммо** ба ҳам алоқаманд шудаанд. Хулоса, азбаски ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаи мураккаби мазкур бо ду роҳ – пайвасткунӣ ва тобеъкунӣ ба амал омадааст, ин ҷумла ва амсоли онро **ҷумлаи мураккаби омехта** меноманд. Ва баъд дар заминаи машқҳои дигар мавзӯи номбурда мустаҳкам карда мешавад.

Ғайр аз ин, чунон ки гуфтем, ки мумкин аст, на ҳамаи як мавзӯъ ба пурраги, балки ягон қисмати ҷудогонаи он ҳам бо роҳи масъалагузорӣ ҳал карда шавад. Ҳамчунин, дар рафти пурсиши вазифаи хонагӣ ё худ дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ ҳам бо усули проблемавӣ баъзе масъалаҳои ба ҳодисаҳои ҷудогонаи забон оид бударо метавон аниқ ё ҳал намуд. Масалан, бо чунин саволҳо: Мухотаб дар нутқ чӣ аҳамият дорад? Чаро дар навишт мухотабро бо вергул ҷудо мекунанд? Дар мавриди дар ҷумлаҳои чидааъзо мавҷуд будани калимаҳои хулосакунанда кор фармудани дунуқта (баён) ё тире ба чӣ вобаста аст? Ё ин ки: Пешоянд ҷудо навишта мешавад. Чаро? Префикс бо калима якҷоя навишта мешавад. Сабаб чист? ва ғ.

Гуфтан ҷоиз аст, ки кариб дар рафти таълими ҳар як мавзӯъ пайдо шудани ин гуна саволҳои проблемавӣ, ки боиси ба амал овардани вазъияти масъалагузорӣ хоҳанд шуд, имконпазир аст.

Аммо онҳоро фавран шарҳ додан шарт нест. Дар ин бора, яъне доир ба ҳар яки он саволҳо аввал фикри мустақилонаи хонандагонро фаҳмидан даркор аст. Ба ин восита сабабҳои бисёр хатоҳои имлоӣ ва нунктуатсионии онҳо ҳам барои муаллим маълум шуда мемонад.

Масъаларо пешакӣ барои якчанд мавзӯъҳо ҳам гузоштан мумкин аст. Масалан, дар синфи V пас аз дарси муқаддимавӣ доир ба ҳиссаҳои нутқ таълими исм оғоз меёбад. Дар ин бобат муаллим чунин таъкид мекунад: Чунон ки медонед, дар забони тоҷикӣ 10 ҳиссаи нутқ ҳаст. Аз имрӯз сар карда мо ба шумо дар бораи исм ва хусусиятҳои он маълумот доданро оғоз менамоем. Чаро мо мушаххас омӯхтани ҳиссаҳои нутқро аз боби «Исм» сар мекунем? Сабаб чист?

Фарз кардем, ба ин саволҳо ҷавоби дуруст нагирифтем. Бигузор, саволи додашуда як муддат дар хотири хонандагон нигоҳ дошта шавад, масалан, то таълими чанд мавзӯи боби «Феъл», ки дар ҳамин синфи V омӯхта мешавад. Бигузор, ин саволҳо дар синфи VI ҳам ҳангоми таълими бобҳои «Сифат» ва «Шумора» низ гоҳо аз тарафи муаллим ба хотири шогирдон оварда шаванд. Вале ниҳоят, онҳо мефаҳманд, ки феъл амалу ҳолат ва ҳаракати предмет (исм)-ро, сифат аломат ва чигунагии предметро, шумора бошад, адад ва миқдору тартиби предмет – исмро мефаҳмонад. Яъне ҳамаи ин ҳиссаҳои нутқ ба исм алоқаманд буда, онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳанд. Барои ҳамин ҳам, аз ҳиссаҳои нутқ аввал исмро омӯхтан лозим будааст.

Ба ҳамин тариқ, таълими проблемавӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ бо ба инобат гирифтани имкониятҳои фаъолияти фикрии хонандагон ба роҳ монда мешавад, ки ба ҳамин шарт ин ё он ҳодисаи забон бо роҳи масъалагузорӣ, яъне ба тариқи ба вуҷуд овардани вазъияти мусоид, ҳаллу фасл карда мешавад. Албатта, дар ҳалли проблемаҳои забони тоҷикӣ тарзи саволгузории муаллим, муқоисаи ҳодисаҳои забон, аёният, мушоҳидаи мисолҳо ва боз дигар омилҳо – ҳамагӣ ҳамчун воситаҳои ёрирасони таълим ба хонандагон кӯмак хоҳанд кард. Ва чунон ки М.И. Махмутов таъкид намудааст, дар натиҷаи иҷрои ин ҳама гуфтаҳо «дар хонандагон малакаҳои зеҳниву донишгирӣ ба кор даромада, диққат, ирода, хаёлоти эҷодкорӣ, зиракиву фаросат инкишоф ёфта, қобилияти аз худ намудани донишҳои нав шакл гирифта, онҳоро тавассути фарзия ва асосноккунӣ ба роҳҳои нави амалиёт ҳидоят менамояд».[110] Ҳамчунин, натиҷаи амалӣ шудани ин ҳама гуфтаҳои боло бояд боиси он гардад, ки дар хонандагон

---

110. Махмутов М.И. Организация проблемного обучения в школе, с. 21.

малакаҳои нутқи адабӣ, маҳорати беихтиёр ва ҳам равон гап задан ташаккул дода шавад. Ва барои он ки ҳамаи пешниҳодоти боло, ки марбут ба усули проблемавии таълим дар дарсҳои забони тоҷикӣ баррасӣ шуд, амалӣ гардад, муаллими забони тоҷикиро лозим аст, ки дониши амиқи забоншиносӣ ва маҳорату малакаи баланди методию педагогӣ дошта бошад.

Ба ҷуз гуфтаҳои фавқ, лозим меояд, ки лаҳзаҳои дарси донишӣ нав доданро ҳам андаке тафсир диҳем, ки он ин тавр мешавад: 1) лаҳзаи ташкилии дарс (ҳолати тозагии синфро аз назар гузаронида, одоби мулоқотро ба ҷо оварда, давомотро ба ҳисоб гирифта, хонандагонро ба ҷараёни дарс омада кардан); 2) пурсиши вазифаи хонагӣ (машқи барои вазифаи хонагӣ супоридашударо санҷидан, саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва пештар омӯхтаи хонандагон ва аз ин ҳама хулоса баровардан); з) баёни мавзӯи нав (мушоҳидаи ҳодисаи забон дар мисолҳои интихобшуда, аз мисолҳо хулоса – таърифу қоидаҳо баровардан, муайян намудани алоқамандии мавзӯъ бо мавзӯъҳои омӯхташуда); 4) мустаҳкам намудани мавзӯи нав (аввало, хонондани маводи назариявии мавзӯи нав аз параграфи дахлдори китоби дарсӣ, коркарди машқҳо, саволу ҷавоб намудан ва аз хонандагон то кадом андоза ба мавзӯъҳои гузашта алоқаманд будани мавзӯи навро пурсидан); 5) супориши вазифаи хонагӣ (қисман тарзи иҷрои кори хаттӣ ё супоришҳои додашударо фаҳмондан); 6) ҷамъбасти дарс, эълон ва шарҳи баҳои дар ҳамин дарс гирифтаи хонандагон.

Мутобиқи лаҳзаҳои дарс ҷудо карда тавонистани вақт (45 дақиқаи академикӣ) низ муҳим аст. Аввалан, вобаста ба хелҳо (типҳо) -и дарс вақтро ҳар хел ҷудо мекунанд. Каму зиёд тақсим кардани вақт ба ҳаҷму душвории мавзӯъ, нав ё такмилёбанда будани он, ба дараҷаи фаҳмишу донишу хонандагон ва боз омилҳои дигар низ алоқаманд аст. Ба ҳар ҳол, тахминан, вақтро дар дарси додани дониши нав вобаста ба лаҳзаҳои он ин тавр тақсим кардан мумкин аст: а) ташкили дарс – 2-3 дақиқа; б) пурсиши вазифаи хонгай аз 5-7 то 8-10 дақиқа; в) баёни мавзӯи нав аз 5-6 то 10-15 дақиқа; г) мустаҳкам намудани мавзӯи нав аз 10 то 15 дақиқа; супориши вазифаи хонагӣ –2- 3 дақиқа ва ниҳоят, ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо – 3-4 дақиқа.

Умуман, кӯшиш бояд намуд, ки барои санҷиш ва пурсиши хонандагон, хусусан, барои мустаҳкамкунӣ вақт бештар ҷудо карда шавад, ки он барои беҳтар фаҳмидани мавзӯи нав ба хонандагон ёрӣ мерасонад. Инчунин, кӯшиш бояд кард, ки баёни мавзӯи нав дар нимаи аввали дарс рост ояд. Зеро агар лаҳзаи пурсиши вазифаи хонагӣ кашол ёбад, хонандагон монда шуда,

мавзӯи навро дар нимаи дуюми дарс дуруст дарк намекунанд, ҳамчунин, барои мустаҳкам намудани он вақт ҳам кам мемонад. Бинобар ин, бо лаҳзаҳои дарс дуруст тақсим карда тавонистани 45 дақиқаи муқарраршуда муҳим буда, он низ аз муаллим маҳорати махсусро талаб мекунад. Дуруст тақсим намудани вақтро на танҳо дар дарси додани дониши нав, балки дар хелҳо (типҳо)-и дигари дарс низ ба инобат гирифтан заруру муҳим аст.

§ 20. Дарси мустаҳкам намудани дониш ва малакаи хонандагон

Дар таълими забони тоҷикӣ ин хели дарс, яъне дарси мустаҳкам намудани дониши хонандагон, аз он ҷиҳат басо муҳим аст, ки маҳз тавассути самаранок ташкил намудани он дониши дар рафти баёни мавзӯи нав гирифтаи онҳо тадриҷан мустаҳкам гардида, оқибат, аз маҳорат ба малака табдил меёбад. Барои ҳамин ҳам, онро **дарси мустаҳкам намудани дониш ва малакаи хонандагон** меноманд. Ва ин хели дарс, дар асл, давоми мантиқии ҳамон хели (тип)-и якуми дарс – дарси додани дониши нав аст, ки дар он хонандагон бори аввал доир ба ин ё он ҳодисаи забон дониш гирифтаанд. Аз ин рӯ, мустаҳкамкунии дониши хонандагон, пеш аз ҳама, дар айни ҳамон як дарс, пас аз баёни мавзӯи нав, шурӯъ меёбад, ки ин лаҳза дар план-конспекти муаллим бо унвони **мустаҳкамкунӣ** ё худ **мустаҳкамкунии мавзӯи нав** сабт карда мешавад.

Таҳти мафҳуми дарси мустаҳкам намудани дониш ва малакаи хонандагон на танҳо бошуурона аз худ намудан (ё худ аз ёд намудан)-и таърифу қоидаҳо, балки дар заминаи мисолҳо дуруст дарк намудани моҳияти он таърифу қоидаҳо ва инчунин, дар шогирдон парваридани малакаҳои гуногуни нутқи хаттӣ (орфографӣ, пунктуатсионӣ, услубӣ) ҳам дар назар дошта мешавад. Аз ин вақҳ, дар дарсҳо вақти барои мустаҳкамкунӣ сарф мешудагӣ то андозае муддати тӯлониро фаро мегирад. Чунончи, аввалан, мустаҳкам намудани дониши хонандагон дар рафти худи ҳамон дарси донишдиҳӣ, яъне пас аз баёни мавзӯи нав, ташкил карда мешавад. Ин тарзи кор, яъне мустаҳкамкунии мавзӯи нав, бо мустақилона як-ду маротиба хонда баромадани таърифу қоидаҳои дахлдори китоби дарсӣ оғоз ёфта, минбаъд аз тариқи саволу ҷавоб, таҳлили мисолҳои аз тарафи муаллим пешниҳод шудагӣ, иҷрои машқҳои пешакӣ аз китоби дарсӣ интихобгардида, кор аз рӯи супоришҳои варақчаҳо (карточкаҳо) додашуда, бо роҳи мустақилона аз тарафи худи хонандагон

гуфтану шарҳ додани мисолҳо ва амсоли ин идома хоҳад ёфт, ки барои ин ҳама аз 10-12 дақиқа (дар сурати аз ҳисоби дигар лаҳзаҳои дарс сарф шудани вақт) то 15-20 дақиқа вақт дода мешавад. Илова бар ин, лаҳзаи пурсиши вазифаи хонагӣ дар дарси навбатӣ низ мантиқан идомаи лаҳзаи мустаҳкамкунии дарси гузашта аст, ки дар он дониши аз мавзӯи нав гирифтаи хонандагон мустаҳкам карда шуда буд. Яъне дар лаҳзаи пурсиши вазифаи хонагӣ ҳам бо иҷрои амалиёти гуногун – саволу ҷавоб, мисоловарӣ, коркарди машқҳои гуногун, тафтиши натиҷаи иҷрои машқу супориши додашуда доир ба мавзӯи гузашта донишҳои хонандагон санҷида мешавад, ки дар ҳақиқат, ин лаҳзаро -пурсиши вазифаи хонагиро ҳам метавон лаҳзаи мустаҳкам намудани донишу малакаи онҳо номид.

Аммо барои он ки донишҳои хонандагон, ҳақиқатан ҳам, мустаҳкаму дақиқтар гардонида шавад, дар таълими забони модарӣ хел (тип)-и дигари дарсҳо, аз ҷумла, дарси мустаҳкам намудани дониш доир ба як мавзӯъ, дарсҳои такрору ҷамъбасти донишҳо марбут ба маводи якчанд боб ва ё маводи солона низ вуҷуд доранд.

Дарси мустаҳкам намудани дониш доир ба як мавзӯъ, пеш аз ҳама, дар сурате ташкил карда мешавад, ки агар аксари хонандагони синф мавзӯи навро ба сабаби душвор (масалан, ҳамсадоҳои ҷарангноку бечаранг, сифатҳои аслӣ ва нисбӣ, сифати феълӣ, феъли ҳол, маънои луғавӣ ва лексикии ин ё он ҳиссаи нутқ ва ғ.) буданаш дуруст нафаҳмида бошанд, ҳатто баъзе хонандагони фаъол ҳам. Сониян, ин хели дарс дар мавриде гузаронида мешавад, ки мавзӯъ ҳаҷман васеъ ба гуногунҷабҳа (исмҳои хос ва ҷинс, аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои чидааъзо ва ғ.) буда, таркибан чандин мавзӯъчаро дар бар гирифта бошад. Дар ҳар ду маврид ҳам дар дарсҳои мустаҳкам намудани дониш, ба ҷуз саволу ҷавобҳо, бештар машқҳои гуногун (ҳам даҳонӣ ва ҳам хаттӣ) иҷро карда мешаванд. Яъне кори бештар ба назар намоён дар ин хели дарс иҷрои машқҳои гуногун ба шумор меравад. Ва азбаски дарси мазкур бо мақсади мустаҳкам намудани мавзӯи дар дарси гузашта таълим додашуда бахшида мешавад, ин хели дарс лаҳзаи баёни мавзӯи нав надорад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки бояд дарси мазкур дар маҷмӯъ бо лаҳзаи пурсиши вазифаи хонагиаш пурра **дарси мустаҳкам намудани донишу малакаи хонандагон** номида шавад. Зеро дар ин хели

дарс бо роҳи пурсиш ҳам дониши хонандагон мустаҳкам карда мешавад.

Вақтро дар ин хели дарс тахминан ин тавр тақсим кардан мумкин аст: 1) Пурсиши вазифаи хонагӣ (тафтиши кори мустақилонаи хаттӣ ё ҳуд натиҷаи иҷрои машқи супоридашуда – 5-6 дақиқа; 2) Санҷиши дониши хонандагон ба воситаи саволу ҷавоб – 7-8 дақиқа; 3) Мустаҳкам намудани дониш ва малакаи хонандагон бо иҷрои машқҳои нав (аз он ҷумла, бо роҳи такрор намудани маводи назариявӣ) – 20-25 дақиқа; 4) супориши вазифаи хонагӣ – 2-3 дақиқа; ва 5) эълони баҳо ва шарҳи он – 2-3 дақиқа.

Албатта, чунин сохти лаҳзаҳои дарси мустаҳкам намудани дониш ва тақсимоти вақт ба ҳар як лаҳзаи он ҳатмӣ намебошад. Яъне омӯзгор вобаста ба ниятҳои ҳуд метавонад онро эҷодкорона тағйир диҳад. Вале дар ҳамаи ҳолатҳо бояд дар чунин хели дарс, то ки аз якранги ии саволу супоришҳо дурӣ ҷуста шавад,[111] бояд аз тарафи хонандагон ҳар хел машқҳо (таҳлили грамматикии даҳониву хаттӣ, иҷро намудани талаби машқҳои китоби дарсӣ доир ба ҳамон як мавзӯъ, интихобан аз матн навишта гирифтани ягон ҳодисаи забон, кор аз рӯи варақчаҳо, расмҳо, таҳлили шифоҳиву хаттии грамматикии вобаста бо ҳама гуна аломатҳои морфологиву синтаксисии ҳамон ҳодисаи забон, тартиб додани таблитсаҳо бо мисолҳои мувофиқ, навиштани ин ё он намуди диктанти таълимӣ[112], аз ҳуд мустақилона мисол гуфтан, вобаста ба мавзӯъ аз китоби дарсӣ, асарҳои бадеӣ мисол ёфтан ва дар заминаи таърифу қоидаҳо он мисолҳоро шарҳ додан ва ғ.) иҷро карда шаванд, ки дар маҷмӯъ он ҳама маънои ҳам мустаҳкам намудан ва ҳам санҷидани дараҷаи дониш ва малакаи шогирдонро ифода менамоянд. Вале дар ҷараёни иҷрои ин ҳама амалҳо ба он ҳам бояд эътибор дод, ки аз як хели машқ ба хели дигараш шитобкорона гузашта нашавад. Чунки агар хонандагон як хели машқро дуруст иҷро карда натавонанд, дар иҷрои хели дигари он бештар бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд.

Ниҳоят, то ки мавзӯи дарси нав аз тарафи хонандагон боз ҳам хубтару мустаҳкамтар аз ҳуд карда шавад, доир ба он иҷрои машқҳои гуногунро на фақат дар ҳудуди ҳамон дарс, балки дар

111.Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 119.
112.Ниг.: Чистяков В.М. Методика преподавания русского языка в таджикской школе, с. 257.

рафти таълими мавзўъҳои дигар, аниқтараш, дар лаҳзаҳои пурсиш ва мустаҳкамкунии дарсҳои баъдина ворид кардан мумкин аст, ки ин яке аз талаботҳо оид ба роҳҳои мустаҳкамкунии мавзўи гузашта ба шумор меравад. Ва маҳз вобаста ба кадом мавзўъҳои баъдина такрор намудани маводи омўхташуда дар графаи «Тавсияҳо барои такрор»-и нақшаи мавзўӣ -тақвимӣ низ нишон дода мешавад, ки инро бояд ҳар як омўзгор донад.

§ 21. Дарси санҷиши дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон

Ин навъи дарс, гарчи хели сеюми дарсҳои забони тоҷикӣ ҳисоб ёбад ҳам, ҳама вақт пас аз дарси такрори боби калон (ё чанд боби хурд), дар охири чорякҳо, пас аз такрори аввали сол ва такрори солона (пас аз такрори пурраи фаслу бобҳои дар давоми соли хониш таълим додашуда), яъне дар охири соли таҳсил, ташкил карда мешавад. Чунин хели дарсро метавон як навъ дарси иловагӣ, вале идомаи дарси мустаҳкам намудани донишу малакаи хонандагон номид, ки ҳадафи асосии он дақиқтар муайян намудани ҳақиқати аслии дараҷаи на танҳо дониши шифоҳӣ, ҳамчунин, донишу саводи хаттӣ (орфографӣ, пунктуатсионӣ ва услубӣ)-и шогирдон, умуман, марбут ба маводи омўхташуда маҳсуб меёбад. Ва маҳз тавассути ташкили натиҷаноки чунин хели дарс дараҷаи дониши шифоҳиву хаттии ҳар як хонанда муштаххас муайян карда мешавад. Зеро дар ҷараёни ин дарс, яъне дарси санҷиши дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон, қатъиян мустақилияти фаъолияти ҳар як шогирд дар мадди назари муаллим мешавад.

Дар маркази асосии дарси санҷиши дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон иҷрои корҳои хаттии санҷишии гуногун, аз қабили супоришҳо (корҳо)-и санҷишӣ,[113] диктанти санҷишӣ, нақли хаттӣ, иншо[114] ва ғ. меистад, ки ин ҳама бевосита мустақилияти фардии ҳар як хонандаро тақозо менамоянд.

---

[113]Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 66; Баранов М.Т., Ладыженская Т.А и др. Методика преподавания русского языка, с. 122.

[114]Ниг.: Чистяков В.М. Методика преподавания русского языка в таджикской школе, с. 305; Ҳочиев С. масъалаҳои муҳимми таълими забони модарӣ дар синфҳои IV -VIII, с. 44.

Корҳои санҷишӣ ё худ супоришҳои санҷишӣ хеле гуногунвариант мебошанд, вале асоситаринашон инҳоанд: ҷавоб додан ба саволҳои пешакӣ тартиб додашуда оид ба грамматика (фонетика ва имлову пунктуатсия низ), ки дар шакли хаттӣ дар анкета ё варақчаҳо пешниҳод карда мешаванд (Ин як усули ба тариқи фардӣ санҷидани донишу малакаи хонандагон аст); таҳлили даҳонӣ ва хаттии грамматикӣ; иҷрои супоришҳои грамматикӣ[115] (номбар намудани суффиксҳои сермаҳсули исм ва бо ҳар кадоми онҳо мисол овардан; аз рӯи схемаҳо сохтани ҷумлаҳои хуллас, тафсилӣ, якторакиба ва дуторакиба, ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ ва ам. ин.).

Ба воситаи дурусту самаранок иҷро намудани корҳои санҷишии мазкур тафаккури мантиқӣ ва ҳам то андозае услуби ҷумласозиву ҷумлаороии хонандагон ҳам санҷида ва ҳам инкишоф дода мешавад.

Диктанти санҷишӣ дар сурате ҳамчун навъи дарс гузаронида мешавад, ки «агар муаллим донишҳои имлоӣ ва дараҷаи саводи хонандагонро санҷидани шавад», вале агар дараҷаи нутқи муттасилу «ба ҳам алоқаманди хонандагонашро санҷидан хоҳад», ин корро ба воситаи гирифтани нақли хатӣ ё иншо ба субут мерасонад.[116]

Бояд гуфт, ки фақат нақли хаттиву иншоҳо, ҳамчунин, корҳои махсуси санҷишии иҷро кардагии хонандагон низ ҳамагӣ санҷида шуда, баҳояшон, чун баҳои ба диктанту нақли хаттӣ ва иншоҳо гузошта, ба дафтари (журнали) синф гузаронида мешавад.

Ҳатман, пас аз тафтиши корҳои хаттии санҷишӣ (супоришҳои санҷишӣ, диктанти санҷишӣ ва нақли хаттиву иншоҳо) **дарси кор аз рӯи хатоҳои хонандагон** гузаронида мешавад. Алҳол дар мактабҳои имрӯзаи мо барои чунин дарс на соатҳои махсус, балки як қисми аввали дарсе (10-15 дақиқа), ки пеш аз он ягон хели кори хаттии санҷишӣ (супориши санҷишӣ, диктанти санҷишӣ) гирифта шуда буд, бахшида мешавад.*

Дарс ва ё лаҳзаи кор аз рӯи хатоҳоро вобаста ба хусусиятҳои зуҳуроташон дар навиштаҳои хонандагон ба хелҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

-дарс аз рӯи хатоҳои имлоӣ;

---

115. Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 66.

116. Ҳоҷиев С. Масъалаҳои муҳимми таълими забони модарӣ дар синфҳои IV-VIII, с. 44.

* **Эзоҳ.** Кор аз рӯи хатоҳо дар дарс доир ба нақли хаттӣ пас аз як ҳафта ва доир ба иншо пас аз яку ним -ду ҳафта ташкил карда мешавад.

-дарс аз рӯи хатоҳои пунктуатсионӣ;
-дарс аз рӯи хатоҳои услубии дар нақлу иншоҳо мавҷуда.[117]

§ 22. Дарси такрор ва хелҳои он дар таълими забони тоҷикӣ

«Такрор модари дониш аст», мегӯянд аҳли фазл, ки ин ҳикмати бузург ва бебаҳосест. Чунки донишҳои андӯхтаи одамон ё худ хонандагони синну соли гуногуни мактаб танҳо дар сурате мустаҳкаму хотирмон мегардад, ки агар он донишҳоро пасиҳам борҳо такрор намуда ба хотир ованд. Илова бар ин, «Такрор на фақат мустаҳкамкунии донишу малакаҳост, балки маънои васеъ ва дақиккунии онҳоро ҳам дорост, ин (такрор. -С.Ш.) ҷараёни маърифатиест, ки дар заминаи он назарияҳои азхудкардашуда дар амал гатбиқ карда мешавад».[118] Аз ин рӯ, дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ, ба сабаби он ки тамоми мавзӯъҳои он назария ва таърифу қоидаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои асбтрактиро дар бар мегиранд, такрор ҳатман зарурат дорад. Чунон ки методист К.Д. Ушинский таъкид намудааст, «Мо на барои он такрор мекунем, ки (донишҳо. -С.Ш.)-и фаромӯшшударо ба хотир оварем, балки барои он ки ба фаромӯшшавӣ (-и донишҳои аз худшуда. -С.Ш.) роҳ надиҳем».[119]

Инак, хусусиятҳои муҳими, умуман, такрор ё худ такрор намудани донишҳои азхуднамударо дар мадди назар дошта, дар зер маҳз мавқеи такрор ва хелҳои онро дар дарсҳои забони тоҷикӣ аз назар мегузаронем. Аз ин ваҷҳ, бояд донист, ки дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ дар мактаб вобаста ба мавридҳои ташкил карда шуданаш муаллимон, пеш аз ҳама, аз чор навъи дарси такрор истифода мебаранд, ки дар адабиёти методӣ бо унвонҳои **такрори ҷорӣ, такрори маводи як боб, такрори аввали сол** ва **такрори солона** (ё худ такрори охири сол) номбар шудаанд.[120] Ва, албатта, ҳар кадоме аз ин навъҳои

---

[117]Ниг.: Баранов М.Т. Ладыженская Т.А. и др. Методика преподавания русского языка, с. 126.
[118] Поздняков Н.С. Методика преповадания русского языка, с. 51.
[119] Ҳамон ҷо, с. 54.
[120]Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 51-54: Каримов А. Такрори мавзӯъҳои грамматика дар синфҳои V-VIII.- Маҷал.: Мактаби советӣ, 1949, № 2; Такрор намудани материали таълимӣ дар мактаб (Мактуби эзоҳӣ). -Маҷал.: Мактаби советӣ, 1959,

такрор* ба ҷуз мақсади умумӣ мақсади муайяне ҳам дорад. Чунончи:

1. **Такрори ҷорӣ.** Ин навъи такрор қариб дар ҳар дарс мушоҳида мешавад. Аниқтараш, дар ҳар дарси додани дониши нав ду лаҳзаи он -нурсиш ва мустаҳкамкуниро **такрори ҷорӣ** меноманд. Ба тавассути такрори ҷорӣ, дар баробари он ки дар рафти он маводи як ё якчанд мавзӯи омӯхтаи хонандагон такрору мустаҳкам карда мешавад, ҳамзамон, хонандагон ба фаҳмидани мавзӯи нав омода гардида, алоқамандии маводи як мавзӯъ бо мавзӯи дигар муқаррар ва фарқияти аз ҳам доштаи онҳо низ муайян мегардад. Ва бояд таъкид намуд, ки дар рафти такрори ҷорӣ аввал маводи дарси гузашта ва вобаста ба он мавзӯъҳои пештар омӯхтаи хонандагон (ҳатто маводи як ё ду-се сол пеш омӯхташуда), ки барои фаҳмидани мавзӯи нав зарурат доранд, бо роҳи саволу ҷавоб, иҷрои машқҳо ва ба хотир овардани тарзи иҷрои машқу мисолҳои ба хонандагон шинос такрор карда мешаванд. Масалан, дар синфи VIII ҳангоми таълими ибора лозим аст, ки аввал донишҳои дар синфи V доир ба он гирифтаи хонандагон ё ба тариқи саволу ҷавоб такрор карда шавад, ё худ агар фаромӯш карда бошанд, бояд аз нав аз тарафи муаллим ёдрас карда шавад. Зеро онҳо, мувофиқи талаби барнома, дар синфи V доир ба мафҳуми ибора (таърифи он), фарқи ибора аз калима, ҷузъҳои ибора (калимаи тобеъшаванда ва тобеъкунанда), бо чӣ (кадом ҳиссаи нутқ) ифода ёфтани ҷузъҳои ибора ва, ниҳоят, воситаҳои алоқа дар ибора (бандаки изофӣ, пешоянду пасоянд, интонатсия) маълумот гирифтаанд.[121] Ва акнун ки дар синфи VIII донишҳои доир ба ибора гирифтаи хонандагон бо маълумотҳои нав (доир ба фарқи ибора аз таркиб ва ҷумла, хелҳои алоқаи калимаҳо дар ибора - изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ, хелҳои ибора аз рӯи тарзи ифодаи ҷузъи асосӣ, маънои луғавӣ ва грамматикии ибора)[122] такмил дода мешаванд, ки азхудкунии ин масъалаҳои номбаршудаи марбути ибора бе бахотироварии маълумотҳои пешинаи шогирдон доир ба он душвориҳоро ба вуҷуд меоварад. Аз ҷумла, дар синфи VIII пешакӣ донистани фарқи ибора аз калима имкон медиҳад, ки хонандагон фарқи ибораро аз таркиб ва ҷумла дарк кунанд. Ё

---

* Эзоҳ: Аз ин чор навъи такрор дар барнома танҳо доир ба ду хелаш - **такрори аввали** сол ва **такрори солона** соатҳои махсус ҷудо карда шудааст.

121. Ниг.: Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. – Душанбе, 2006, с. 7.

122. Ҳамон ҷо, с. 14.

худ донистани воситаи алоқаи калимаҳо дар ибора ба онҳо имкон медиҳад, ки хелҳои алоқаро дар ибора ба тезӣ сарфаҳм раванд; ё ки дуруст муайян карда тавонистани, хусусан, ҷузъи тобеъкунандаи ибора онҳоро ба шуурона дарк намудани хелҳои ибора аз рӯи тарзи ифодаи ҷузъи асосӣ (ибораҳои исмӣ, сифатӣ... ва ғ.) ҳидоят намояд.

Ё ин ки дар синфи IX дар мавриди таълими ҳар як хели ҷумлаи пайрав, аз ҷумла, пеш аз таълими ҷумлаи пайрави пуркунанда фасли «Пуркунанда» ва пеш аз таълими ҷумлаи пайрави муайянкунанда хусусиятҳои асосии фасли «Муайянкунанда» аз синфи VIII бояд такрор карда шавад. Зеро маҳз такрори хусусиятҳои мавзӯъҳои номбаршудаи синтаксиси ҷумлаҳои содда ба хонандагони синфи IX имкон медиҳад, ки мафҳуму хусусиятҳои асосии ҷумлаҳои пайрави пуркунандаву муайянкунандаро дақиқтар дарк намоянд.

Ҳамин тавр, такрори ҷорӣ унсури аввалини мустаҳкам намудани донишу малакаҳои хонандагон маҳсуб ёфта, маҳз ба тавассути мувофиқи талабот ба роҳ мондани он донишҳои дар ҳар дарс ва аз ҳар мавзӯъ гирифтаи хонандагон санҷида мешавад. Дуруст ба роҳ мондани такрори ҷорӣ хонандагонро ба дарси такрори маводи як боби калон (ва ё як-ду боби хурд) аз ҳар ҷиҳат омода месозад.

2. **Такрори боб.** Чунон ки аз номаш маълум аст, ба воситаи ташкили чунин хели такрор донишу малакаҳои зимни таълими як боб андӯхтаи хонандагон, ки таркибан чандин мавзӯъро фаро гирифта ва ба таълими он чандин соат бахшида шудааст, мустаҳкам ва ба тартиб дароварда мешавад. Аз ин рӯ, фарқи такрори боб аз такрори ҷорӣ ин аст, ки агар барои такрори ҷорӣ ду лаҳзаи дарси додани дониши нав – пурсиш ва мустаҳкамкунӣ - бахшида шавад, барои такрори боб соати махсус бахшида шуда, дар тамоми ҳамон соат ба воситаи саволу ҷавоб, машқу супоришҳои гуногун мавзӯъҳои таркибии ҳамон боби муайян дар маҷмӯъ такрору мустаҳкам карда мешавад.

Одатан, барои такрори боб як соат (агар боби калон бошад -2 соат) аз соатҳои барномавии ба таълими ҳамон боб бахшидашуда ҷудо карда мешавад, ки он дар нақшаи мавзӯӣ – тақвимӣ дар охири мавзӯъҳои таркибии ҳамон боб (пеш аз соате, ки барои навиштани корҳои хаттии санҷишӣ ҷудо гардидааст) ҷой дода мешавад. Ин тартиб дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ низ риоя карда шудааст. Яъне параграфи охири ба таълими ҳамон боб бахшидашаванда бо унвони, масалан, «Такрори боби «Исм», «Такрори боби «Феъл» ва ғайра

номгузорӣ карда шуда, барои мустаҳкамкунӣ чанд машқ низ пешниҳод гардидааст.

Дар ҷараёни такрори боб, на ин ки саволу ҷавоб ва иҷрои машқҳои гуногун мавқеи хоса доранд, балки маҳз имконияти ташкил намудани таҳлили пурраи грамматикӣ фароҳам меояд. Фарз кардем, агар дарси такрори боб ба мавзӯи «Исм» бахшида шавад, ҳангоми таҳлили хусусиятҳои морфологии ҳар як калима, яъне исми дар матн буда, бо тартиби муайян шарҳ дода мешавад. Масалан, таҳлили калимаи **китобхона** дар ҷумлаи зерин «Китобхонаи мактаб ҷои дӯстдоштаи мост» бояд ба чунин тарз сурат бигирад: **Китобхона** исм аст, ба саволи чӣ ҷавоб мешавад; он исми ҷинс, исми моддӣ, исми ғайришахс аст, аз ҷиҳати сохт калимаи мураккаб буда, аз ду реша – **китоб** ва **хона** сохта шудааст. Исми мазкур, яъне китобхона, дар ҷумла ба вазифаи мубтадо омадааст.

Бояд дар хотир дошт, ки ҳангоми такрори маводи як боб қоидаҳои имло ва аломатҳои китобат, ки зимни омӯзиши ҳамон боби муайян омӯхта шуда буданд, низ дар заминаи таҳлили мисолҳои мувофиқ такрору мустаҳкам карда мешаванд. Зеро пас аз ин дарс ҳатман ягон хели кори хаттии санҷишӣ – диктанти санҷишӣ ё нақли хаттӣ ва г. гузаронида мешавад. Ҳамчунин, дар дарси такрори боб имкон ҳаст, ки баъзе хелҳои диктанти таълимӣ, ба хусус, **диктанти интихобӣ, диктанти эҷодӣ, диктанти озод** гузаронида шавад.

Ба маънои томаш мақсади ниҳоии такрори боб* як навъ тайёрӣ ба ташкилу гузаронидани дарси санҷиши донишу малакаи хонандагон (ба воситаи корҳои хаттии санҷишӣ) буда, ҳамзамон, бояд онҳо ба омӯхтани маводи боби навбатӣ ҳам омода карда шаванд.

3. **Такрори аввали сол.** Дар аввал ва охири барномаи синфҳои V-VI-VII-VIII-IX барои такрори маводи соли таҳсили гузашта ва дар ҳамин соли таҳсил омӯхтаи хонандагон соатҳои дарсии махсус муқаррар карда шудааст. Он соатҳоро маҳз барои такрор истифода бурдан лозим аст.

Барои такрори аввали сол дар барномаи ҳар як синф дар баробари нишон додани миқдори соатҳо, инчунин, номгӯи маводи такроршаванда низ пешниҳод гардидааст, ки ин амали мақсаднок аст. Чунки мураттибон барнома барои такрори аввали сол аз маводи соли таҳсили гузашта ҳамонҳоеро

---

* **Эзоҳ.:** Агар миқдори соатҳо ба таълими ин ё он боб дар барнома кам муқаррар шуда бошад, он гоҳ барои такрори 2-3 тои чунин бобҳо як соат бахшида мешавад.

пешниҳод мекунанд, ки такрор шуданашон муҳим буда, ҳамзамон мавзӯъҳои басо мубрами ҳамон як соли таҳсилро дар маҷмӯъ фаро мегиранд. Дигар ин, ки ин амал –мавзӯъҳои асосиро барои такрори аввали сол пешниҳод намудани мураттибон - ба муаллиме, ки бори аввал дар ин ё он синф аз забони тоҷикӣ таълим медиҳад, кӯмаке ҳам мебошад. Яъне ӯ маҳз ба ҳамон маводи пешниҳодкардаи барнома такя намуда, дар аввали соли таҳсил донишу малакаи шогирдони навашро месанҷад. Масалан, дар синфи VI барои такрори маводи дар синфи V омӯхташуда (Фонетика ва мавзӯъҳои асосии он. Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои содда ва мураккаб. Аломати тире ва нохунак дар нутқи айнан нақлшуда. Калимаҳо аз рӯи маъно: аслӣ ва маҷозӣ. Сермаъноии калимаҳо. Омоним, синоним ва антонимҳо. Роҳҳои асосии калимасозӣ. Сохт ва имлои исмҳо. Сиға ва замонҳои феъл.)[123] барнома 8 соат муқаррар кардааст, ки дар заминаи истифода аз ин миқдори соатҳо ташкил намудани дарсҳои такрори аввали сол дараҷаи донишу малакаи хонандагони синф муайян карда шуда, омодагии онҳо дар таълими фаслу бобҳои нави грамматикаи забони тоҷикӣ низ таъмин карда мешавад.

Такрори аввали сол дар ин ё он синф аз забони тоҷикӣ барои он зарурат дорад, ки он маводи омӯхташуда бори дигар таълим дода намешавад, аммо дар хотир мустаҳкам нигоҳ доштани ҳамон маводи омӯхташуда дар давоми соли таҳсил баъзан зуд-зуд ва гоҳ дар мавриде барои ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои дар ҷараёни таълим пешомада зарурат пайдо мекунад, ки ин ҳодисаи бебаҳс аст. Чунончи, гоҳо барои гузаронидани таҳлили фонетикии ин ё он калимаи мушаххас донишҳои фонетикӣ, барои донистани вазифаи синтаксисии ин ё он ҳиссаи нутқ маълумотҳои синтаксисӣ, барои муайян намудани маънои аслию маҷозии калимаҳо, сермаъноии калима, омоним, синоним ва ё антонимҳо, ҳатман, донишҳои аз боби «Калима» (луғат) гирифтаи хонандагон натанҳо дар рафти таълими фаслу бобҳои дар синфи VI таълимдодашаванда, балки дар синфҳои минбаъда ҳам лозим шуда меистанд.

Ба ҳамин тариқ, дар аввали соли хониши синфи V маводи дар синфҳои I-IV омӯхтаи хонандагон ва дар аввали соли хониши дигар синфҳо (синфҳои VI, VII, VIII ва IX) низ маводи дар соли таҳсили гузашта омӯхташуда такрор карда мешавад, ки минбаъд дар давоми соли таҳсил муаллим, пеш аз ҳама, дар ҷараёни

---

[123] Ниг.: Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI.–Душанбе, 2006, с. 9.

таълими мавзӯъҳои нав ба ҳамин донишҳои дар натиҷаи такрор мустаҳкамшудаи хонандагон такя мекунад.

Ӯҳдабароёна истифода намудани соатҳои такрори аввали сол ба муаллим имкон медиҳад, ки на танҳо вақти муайянеро ба гузаронидани таҳлили пурраи фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ ва гирифтани хелҳои гуногуни диктантҳои таълимӣ, ҳамчунин, соатеро барои гузаронидани диктанти санҷишӣ бахшад, ки он гоҳ барояш донишу саводи хаттии шогирдонаш ҳамчун оина маълум гардида, минбаъд меъёри фаъолияти кориашро дар синф дониставу фаҳмида ба роҳ хоҳад монд.

4. **Такрори солона.** Ин навъи такрорро, ки дар охири соли таҳсил, дар моҳи май, рост меояд, **такрори ҷамъбастӣ ё хотимавӣ** ҳам меноманд. Он такрорест, ки дар ҷараёни ташкили сифатан хуби он дониши дар тӯли як сол ва ё якчанд сол азхуднамудаи хонандагонро (дар синфҳои V-IX) ба система медарорад, маводи фаслу бобҳои ҷудогонаи забони тоҷикӣ – фонетика, калима (луғат), морфология ва синтаксис, инчунин имло ва аломатҳои китобатро ба ҳам мепайванданду мураттаб месозад.

Чунон ки гуфтем, дар барномаи таълим аз хелҳои такрор барои ду навъаш – такрори аввали сол ва такрори солона (ё худ такрори охири соли таҳсил) соатҳои махсус чудо карда шудааст. Аммо дар барнома барои такрори солона, чун доир ба такрори аввали сол, номгӯи мавзӯъҳои такроршаванда пешниҳод нагардидааст. Ин чунин маъно дорад, ки дар охири соли таҳсил аз маводи фаслу бобҳои омӯхташуда маҳз кадом қисматҳо бояд такрор карда шаванд, ба зиммаи муаллим вогузошта шудааст. Зеро муаллиме, ки дар давоми соли таҳсил пурра дар ин ё он синф аз забони тоҷикӣ таълим додааст, дурусту мушаххас тасаввур карда метавонад, ки дар ҷараёни таълим маҳз кадом мавзӯъҳо аз тарафи шогирдонаш хуб аз бар гардидаасту нуқсони донишашон дар таълими кадом фаслҳо барояш аён шуда буд. Яъне ӯ ин ҳамаро дар маҷмӯъ тасаввур намуда, барояш ҷадвали дарсҳои такрори солонаро, бо пешниҳоди саволҳои гуногун марбут ба ҳар як мавзӯъ асосан, дар чоряки IV тартиб дода, онро дар як гӯшаи намоёни синф (ё кабинети забон ва адабиёти тоҷик) сабт карда мемонад, то ки хонандагон бо мундариҷаи он (дарсҳои такрор) шинос гардида, пеш -пеш ба такрори фаслу бобҳои барои ҳар як соат муқарраршуда омодагӣ гиранд.

Такрори охири сол ё худ солона, аслан, хусусияти обзорӣ дорад. Аз рӯи чунин хусусияташ имконият медиҳад, ки муаллим маводи гузаштаро ҳар чӣ бештар ва дар муддати кӯтоҳ такрор намояд, то ки минбаъд аз хотири хонандагон набарояд. Аз ин рӯ, ба чунин саволҳо бояд ҷавоб ҷуст: 1. Такрори маводи омӯхта-

шуда дар охири сол, алалхусус, дар синфи IX чӣ тавр ба роҳ монда мешавад? Маводи он дарсҳо, истифодаи воситаҳои аёнӣ, машқҳо, пурсиш ва супориши вазифаи хонагӣ ва ғайра чӣ гуна бояд бошад? Ин ҳама масъалаҳои муҳими ҳам такрори маводи солҳои гузашта ва ҳам ҳаминсола аст, ки бояд муаллими забони тоҷикӣ ба хубӣ донад ва тасаввур намояд.

Бояд донист, ки такрори солона ё худ такрори хотимавию ҷамъбастӣ низ мавзӯист, вале ҳар як соати чунин дарси такрор мавзӯъҳои зиёдтарро дар бар мегирад. Ба ҷуз ин, бояд донист, ки дар синфҳои V-VI-VII ва VIII маводи танҳо дар зарфи як сол омӯхташуда, вале дар синфи IX дар маҷмӯъ ҳам маводи дар ҳамин синф омӯхтаи хонандагон ва ҳам маводи дар синфҳои V-VIII андӯхтаи онҳо такрор карда мешавад. Зеро ки хонандагони ин синф хатмкунанда буда, таълими барномавии забони тоҷикӣ ҳам, асосан, дар ҳамин синф хотима меёбад. Яъне, ки такрори маводи солона дар синфи IX бояд тамоми донишҳои аз синфи V то охири ин сол -дар синфи IX ҳосилнамудаи хонандагонро фаро гирифта, ба тартиб дароварад, то ки онҳо ба ин восита ба имтиҳони хатмкунӣ аз забони тоҷикӣ омодагии комил гиранд. Алалхусус, дар ин давра, чунон ки таъкид намуда будем, мавзӯъҳое бояд такрор карда шаванд, ки ҳангоми таълими бобҳои алоҳида ба хонандагон душворие оварда буданд ва чунин мавзӯъҳо бояд ба муаллим пешакӣ маълум бошанд.

Албатта, дар соатҳои такрору ҷамъбасти маводи солона ва ё маводи дар тӯли чанд сол омӯхташуда категорияҳои гуногуни грамматикӣ бо ҳам муқоиса карда мешаванд, ки бо ин усул хонандагон то кадом андоза ба ҳамдигар алоқамандӣ доштани он категорияҳоро низ возеҳтар фаҳмида мегиранд. Масалан, муқоисаи аъзоҳои ҷумла бо ҳиссаҳои нутқ, ҷумлаҳои пайрав бо аъзоҳои ҷумла, ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо ҷумлаҳои соддаи чидааъзо, пайвандакҳои пайвасткунанда бо тобеъкунанда ва ғайра барои ҷамъбаст аҳамияти амалӣ доранд.

Ё агар муаллим таркиби калима ва калимасозиро такрор кардан бошад, бояд аз ҳиссаҳои нутқ (исм, сифат, шумора, феъл, зарф) мисолҳо орад. Зеро ки дар аснои чунин такрори хотимавӣ имконият ҳаст, ки таркибу сохти гуногуни ҳиссаҳои нутқ ва морфемаҳои ҳархелаи калимасозу шаклсоз бо ҳам муқоиса карда шаванд. Яъне бо роҳи такрори ҷамъбастӣ, ки дар ҷараёни он аз усули муқоиса ба таври фаровон истифода мебаранд, ба хонандагон муяссар мегардад, ки аффиксҳои хоси ҳар як ҳиссаи нутқро дақиқтар шинохта гиранд.

Доир ба имло ва аломатҳои китобат, махсусан, ҳамон қоида ва орфограммаҳо бояд такрор карда шаванд, ки хонандагон дар

давоми сол хато содир мекарданд. Ҳалли ин ҷиҳати кор низ ба муаллим вобаста аст, зеро ки ӯ худаш донишу малакаи шогирдонашро ба хубӣ медонад.

Дар ҷараёни такрор низ муқоисаи қоидаҳои фарққунандаи имло ва аломатҳои китобат аҳамиятнок аст. Масалан, имлои **й**-и заданок бо бандаки изофӣ, префикс бо пешоянд, суффикс бо пасоянд, калимаҳои мураккаб бо калимаҳои таркибӣ (марбут ба исм, шумора ва зарфҳои мураккабу таркибӣ), сохти феълӣ ҳол бо сифати феълӣ муқоиса карда мешаванд. Дар кор фармудани аломатҳои китобат қоидаҳои гуногуни истеъмоли вергул (дар ҷумлаҳои чидааъзо, дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеи пайвандакдор) ё дунуқта дар калимаҳои хулосакунанда, ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак, дар нутқи айнан нақлшуда) ва дигар аломатҳои китобат дар заминаи мавзӯъҳои мувофиқ такрор карда шаванд, барои такрори хотимавӣ хеле мувофиқ аст.

Дар ҷараёни такрори маводи солона истифодаи таблитсаҳои хусусияти ҷамъбасткунанда дошта, ё дар як дарс маҷмӯи таблитсаҳоеро, ки доир ба як бобу фасл тайёр карда шудаанд, истифода бурдан тавсия дода мешавад, дар сурате ки дар дарсҳои додани дониши нав истифодаи танҳо 1-2 таблитса тавсия мегардад. Аз ҷумла, таблитсае (7), ки бояд барои такрори қоидаҳои гуногуни кор фармудани дунуқта мураттаб карда шавад, чунин шаклу тартиб дошта метавонад:

Таблитсаи 7

МАВРИДҲОИ КОР ФАРМУДАНИ ДУНУҚТА	
Аз ҷумла:	***Намунаи мисолҳо***
1.Дар калимаҳои хулоса-кунанда	Дар майдончаи таҷриба-вии назди мактаб ҳар хел гул: садбарг, савсан, точи хурӯс анбӯҳ-анбӯҳ шукуфта буданд.
2. Дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак	Ҳаёти Сафар дар хатар буд: тирҳои автомати немис ба сипари пулемёт омада мезаданд.
3. Дар нутқи айнан нақлшуда	Сафар ба Ермак гуфт: «Байрақро маҳкамтар дор, шербача, ба теппа қариб расидем».

Чунон ки гуфтем, дар арафаи такрори солона муаллим бояд ҷадвали дарсҳои такроршаванда ва барои ҳар як дарс миқдори

муайяни саволҳоро пешакӣ тартиб диҳад, ки дар асоси онҳо хонандагон ба чунин дарсҳо тайёрӣ дида меоянд. Барои ин бештар саволҳое боз саволҳои ба нақшаи дарсҳои такрор ворид карда мешаванд, ки дар лаҳзаи таълими мавзӯъҳои таркибии бобҳо дар мавридаш барои санҷиши хонандагон истифода бурда шуда буданд. Вале акнун ба чунин саволҳо боз саволҳои то андозае мазмуни ҷамъбасткунӣ ва муқоисавӣ дошта илова карда мешавад. Чунончи: Дунукта дар кадом мавридҳо кор фармуда мешавад? Ҷумлаи мураккаби пайваст аз ҷумлаи соддаи чидааъзо чӣ фарқ дорад? Дар ҷумлаҳои содда вергул дар кадом мавридҳо гузошта мешавад? ва ғ.

Дар охири ҳар дарс, пас аз он ки мавзӯи муайяне ба тариқи фронталӣ такрор карда мешавад, ба хонандагон мавзӯи такрори дарси оянда эълон карда шуда, супориш дода мешавад, ки таърифу қоидаҳоро аз параграфи дахлдори китоби дарсӣ хонда, маҳз ба саволҳое, ки доир ба такрори ҳамон мавзӯъ (боб) дар ҷадвали дарсҳои такрор пешниҳод гардидаанд, ҷавоб тайёр намуда, барои шарҳи таърифу қоидаҳо мустақилона мисолҳои мувофиқро ҳам интихоб намуда оянд. Зеро аз рӯи саволҳои пешниҳодкардаи муаллим ба дарси навбатӣ тайёрӣ дида омадани талабагон яке аз ҷиҳатҳои муҳим ва барорноки кор дар дарсҳои такрори хотимавӣ ба шумор меравад.

Дар ҳар соати такрори охири сол ягон боби калон аз қабили боби «Феъл» ва ё ду-се боби ҳаҷман хурдро (масалан такрори хиссаҳои номустақили нутқро) интихоб намудан мувофиқ аст.

Дар дарсҳои такрори солона ё худ хотимавӣ истифода намудан аз таҳлили грамматикӣ яке аз воситаҳои мушаххасонидани маводи назариявии грамматикӣ – таърифу қоидаҳо аҳамияти басо калонро молик аст. Хусусан, истифодаи таҳлили грамматикии умумӣ ва омехта барои такрори якчанд мавзӯъ ва дар як вақт такрор кардани ҳодисаҳои грамматикӣ аз қисмҳои гуногуни забони тоҷикӣ, масалан, таркиби калима ва калимасозӣ бо фонетика, луғатомӯзӣ бо морфология ва орфография, синтаксис (аъзоҳои ҷумла) бо морфология (хиссаҳои нутқ) хеле мувофиқ аст. Ҳатто таҳлили грамматикии як мавзӯъ имконият медиҳад, ки дар заминаи он мавзӯъҳои дигар ҳам такрор карда шаванд. Чунончи, таҳлили ҷумлаҳои мураккаби тобеъро гирем: Пас аз муайян намудани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав сохту аъзоҳои ҳар кадоме аз ҷумлаи соддаи таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъро таҳлил кардан барои такрори хелҳои ҷумлаи содда имконият пайдо мешавад. Ин мавридҳо ҷумлаҳоеро ҳам таҳлил кардан лозим аст, ки дар сарҷумла ва ё дар таркиби ҷумлаи пайраваш аъзоҳои чида дошта

бошад, ки ба ин восита барои такрор ҷумлаҳои чидааъзо ноаён шароити мувофиқ фароҳам меояд. Масалан, чунин ҷумлаҳоро: Ҳамин ки аз ағба поёнтар фуромадем, лагерҳои пионерӣ, истироҳатгоҳҳо, қишлоқҳо ва чойхонаву нишемангоҳҳо сар шуд. (Ҷ.И.).

Ва ё шарҳи ифодаи сараъзо ё аъзоҳои пайрави ҷумла ҳангоми таҳлили мисолҳои мувофиқ ноаён боиси такрор намудани ҳиссаҳои мустақили нутқ мегардад.

Мисли ҳамин дар вақти такрори нутқи айнан нақлшуда ва аломатҳои китобати он имконият ҳаст, ки мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, ҳиссача ва нидо бо роҳи таҳлили грамматикӣ такрор карда шаванд, чунки ин ҳодисаҳои забон бештар дар нутқи айнан нақлшуда якҷоя кор фармуда мешаванд.

Ба ҳамин тариқ, такрори охири сол ё худ хотимавӣ ба шарти мувофиқи талаботҳои методӣ гузаронида шуданаш такрорест, ки дар ҷараёни он донишҳои ҳосилнамудаи хонандагон, бешубҳа, ба тартиб (система) даромада, аз ҳар ҷиҳат мустаҳкам ва зиёда аз ин, ба малакаҳои доимӣ табдил меёбанд.

§ 23. Вазифаи хонагӣ аз забони тоҷикӣ

Яке аз муваффақиятҳои ҷараёни таълим дар кори доимии омӯзгорон ба он ҳам вобаста аст, ки агар онҳо ба лаҳзаи супориши вазифаи хонагӣ ҳам эътибори ҷиддӣ диҳанд. Чунки дар ҷараёни таълим вазифаи хонагӣ яке аз қисматҳои муҳими таълими забони модарӣ маҳсуб меёбад.[124] Аз ин рӯ, методистон яке аз сабабҳои паст будани дараҷаи дониши хонандагонро вобаста ба он медонанд, ки аксар вақт омӯзгорон ба ин масъала, яъне қоидаҳои ташкилу супоридани вазифаи хонагӣ, ба қадри даркорӣ эътибор намедиҳанд.

Барои он ки усули ташкилу супоридани вазифаи хонагӣ мувофиқи талабот сурат гирад, пеш аз ҳама, ҷиҳатҳои зеринро бояд риоя намуд: вазифаи хонагӣ бояд ба кори синфӣ алоқаи зич дошта бошад, чунки он давоми кори синфист; вазифаи хонагӣ ба аҳли синф бояд фаҳмову дастрас бошад, то ки ҳар кадом дар хона мустақилона ичро карда тавонанд; ҳаҷми вазифаи хонагӣ аз ҳад зиёд набошад.

Барои вазифаи хонагӣ аз забони тоҷикӣ омӯхтани як параграф ва ичрои як машқи на он қадар калон (тахминан, аз 8 то 10 сатр дар синфҳои V-VIII ва аз 10 то 15 сатр дар синфҳои IX-XI) супорида мешавад. Баъзан ду машқро ҳам вазифаи хонагӣ

---

[124] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. с. 119.

супоридан мумкин аст, ба шарте ки барои дарси оянда мутолиаи маводи нави назариявӣ супорида нашуда бошад.

Вазифаи хонагӣ аз рӯи фаро гирифтани мазмуну мундариҷаи мавзӯъҳо вобаста ба грамматикаву орфография ва ё доир ба аломатҳои китобату инкишофи нутқ, ё худ доир ба фонетикаву лексика ва ғ. шуда метавонад.

Бояд таъкид намуд, ки ба лаҳзаи супоридани вазифаи хонагӣ ва ҳам ба тарзи санҷиши иҷрои он дар дарси навбатӣ низ диққати махсус додан лозим аст. Зарур аст, ки хонандагон вазифаи супоридашударо дақиқ фаҳмида, ба дарси навбатӣ бо тайёрии пухта оянд. Аз ин рӯ, барои ба ҷо овардани ин талабот ба масъалаҳои зерин эътибор додан лозим аст: 1. Одатан, барои вазифаи хонагӣ машқе супорида мешавад, ки агар хонандагон монандашро дар синф иҷро карда бошанд. Масалан, аз китоби дарсӣ (ё аз рӯи матну супоришҳои тайёрнамудаи муаллим) супоришҳои гуногун: рӯбардоркунии эҷодӣ (ба ҷои нуқтаҳо ҳарфи даркорӣ ва ё суффиксу префискҳои мувофиқ гузоштан, дар матни беаломат кор фармудани аломатҳои китобат, матнҳои беробтро ба низом даровардан, тағйир додани матнҳо вобаста ба талаби супоришҳои гуногуни грамматикӣ, ба хели дигар баргардонидани ҷумлаҳо, давом дода пурра намудани ҷумлаҳои нотамом), таҳлили фонетикию лексикӣ ва граммактикии матнҳо (морфологӣ ва синтаксисӣ) вобаста ба навъҳои он, инчунин, таҳлил аз ҷиҳати ҳаҷм (хусусӣ, интихобӣ, пурра, умумӣ ва омехта) дода мешаванд.

2. Барои дар хона иҷро намудан вазифаи махсусеро ҳам супориш додан мумкин аст, ки вақти зиёдтарро талаб кунад. Чунончи, ҷамъ карда омадани мисолҳо барои ягон қоида ё якчанд қоидаи имло ва аломати китобат аз асарҳои адабию бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, аз асарҳои илмии оммафаҳм ё аз китобҳои дарсии фанҳои дигар.

3. Ба хона тартиб додани таблитсаву схема (бо аломатҳои шартӣ тартиб додани тарҳи хелҳои гуногуни ҷумла: яктаркибаву дутаркиба, хулласу тафсилӣ, мураккаби пайвасту тобеъ ва ғ.) -ро ҳам вазифа додан мумкин аст. Инчунин, бо мақсади инкишоф додани нутқи хонандагон дар хона навиштани иншоҳои ҳаҷман хурд бо супоришҳои грамматикӣ, навиштани нақл аз таассуроти ягон саёҳат (экскурсия), тамошои театр, сирк, филми бадеӣ ва ғайраро вазифа супордан мумкин аст.

Барои он ки натиҷаи иҷрои машқҳо дар хотири хонандагон дуру дароз нақш бандад, барои вазифаи хонагӣ на ҳама вақт иҷрои ин ё он кори хаттӣ супорида мешавад, балки баъзан

вазифаҳо тариқи шифоҳӣ омодагӣ гирифтани шогирдон низ супорида мешаванд.

Вазифаи хонагиро ҳам аз боби дар айни ҳол омӯхтаистодаи хонандагон ва ҳам аз боби пештар омӯхташуда супоридан мумкин аст. Аз маводи ҳоло дар дарс наомӯхтаи хонандагон вазифа додан мумкин нест. Дар супоридани вазифаи хонагӣ талаби дидактикии аз осон ба душвор гузаштан ҳатман риоя карда мешавад.

Ба лаҳзаи супоридани вазифаи хонагӣ, хусусан, ба тарзи иҷрои супориши машқ диққати хонандагонро маҳз ҷалб намудан зарурат дорад, то ки усули иҷрои онро дуруст фаҳманд. Муаллим бояд пас аз қироати талаби машқ (ё ин корро хонандаи фаъол ҳам иҷро мекунад) аз худаш мисол оварда, тарзи иҷрои машқро нишон диҳад. Агар машқ ҳаҷман калон бошад, мумкин аст, ки мисоли (ё худ ҷумлаи) аввалро хонда тарзи иҷрои он шарҳ дода шавад. Ҳамчунин, усули иҷрои супориши вазифаи хонагиро аз хонандагон пурсидан, фаҳмиши онҳоро дар тарзи иҷрои машқ бо мисол санҷидан низ аҳамият дорад, то ки ҳангоми иҷрои мустақилонаи он дар хона бо мушкилот рӯ ба рӯ нашаванд.

Ба хонандагон тартиби дар хона иҷро намудани вазифаро ҳам фаҳмондан лозим аст. Онҳо ба чунин тартиби кор одат кунанд: аввал, таъриф ё қоидаҳои матлубро аз параграфи дахлдори китоб хонда фаҳманд (аз ёд ҳам кунанд), баъд, худашон ҳам баробари ба хотир гирифтани мисолҳои марбут ба он таърифу қоидаҳо мисол фикр кунанд; сипас, супориши матни машқро бо диққат хонда, ҳамзамон, усули аз тарафи муаллим (дар синф) иҷро намудани он машқро ба хотир оваранд; сонӣ, матни машқро низ бо диққат хонда, бо мазмуну мундариҷаи он шинос гардида, дар оғоз шифоҳӣ ё худ шууран, баъд хаттӣ иҷро кунанд. Ва албатта, чунин талабот дар сурате амалӣ мегардад, ки агар хонанда мазмуни маводи назариявӣ ва талаби супориши машқро дуруст фаҳмида бошад.

Ҳамчунин, хонанда бояд пас аз иҷрои машқ навиштаҳои худро бо матни китоби дарсӣ муқоиса ҳам кунад, то ки хато рӯбардор накарда бошад, санҷад, ки супоришро дуруст иҷро кардааст ё не.

Вобаста ба хели дарс вазифаи хонагиро дар охири дарс (3-4 дақиқа пеш аз занг), пас аз пурсиши вазифаи хонагӣ (агар дарси мустаҳкам намудани дониш бошад), ё ки пас аз баёни мавзӯи нав – пеш аз лаҳзаи мустаҳкамкунӣ супоридан мумкин аст. Ба ҳеҷ ваҷҳ дар супоридани вазифаи хонагӣ ба саросемагӣ роҳ додан лозим нест. Агар он дар охири дарс супорида шавад, кӯшиш бояд намуд, ки то занг 3-4 дақиқа вақт бошад. Баъзан мешавад, ки

омӯзгорон ҳангоми зада шудани занг ва ё дар танаффус вазифаро месупоранд, ки ҳам аз ҷиҳати методӣ ва ҳам психологӣ номатлуб аст. Зеро аксари хонандагон дар чунин ҳолат ба тарзи иҷрои вазифаи хонагӣ диққат намедиҳанд ва дар дарси навбатӣ низ аксар бе тайёрӣ меоянд.

Тарзи тафтиш ва санҷиши вазифаи хонагӣ, ки хеле гуногун шуда метавонад, дар ҷараёни дарс низ дар тарбия ва таълими хонандагон аҳамияти калонро молик мебошад.

Муаллим дар аввали дарс ба назди хонандагон рафта (дар байни партаҳо гашта), машқи вазифаи хонагӣ супоридашударо аз рӯи дафтари чанде аз онҳо интихобан, вале дар лаҳзаҳои ниҳоят маҳдуд бояд санҷад. Ин санҷиш вазъияти тайёрии ҳамаи талабагонро ба дарс муайян мекунад ва бо ин усули кор муаллим нуқсону камбудии шогирдонро мушаххас ба худашон мефаҳмонад.

Ниҳоят, ҳар сари чанд вақт ҳафтае ё дар ду ҳафта як маротиба муаллим дафтарҳои корӣ ё худ даврагии хонандагон (рақами 1 ё 2)-ро бо навбат ҷамъ карда гирифта, машқҳои дар синфу хона иҷрокардаи онҳоро санҷида баҳо мегузорад ва дарси дигар ҳангоми иваз намудани он дафтарҳо камбудиҳои дар онҳо ҷойдоштаро мефаҳмонад. Дар синфҳои V пурра ва дар синфи VI то оғози нимсолаи дуюм дафтарҳои хонандагонро зуд-зуд тафтиш карда истодан лозим аст. Дафтарҳои хонандагони сустхону камсаводро боз ҳам тезтар санҷида истодан зарурат дорад.

Дар маҷмӯъ ҳамаи талаботҳое, ки марбут ба вазифаи хонагии хонандагон ба ҷо оварда мешаванд, боиси он мегарданд, ки барои аз худ намудани маводи омӯхташуда фурсат ва воситаҳои корсозе ба шумор рафта, онҳоро ба тадриҷ ба иҷрои корҳои мустақилона одат мекунонанд.

§ 24. Пурсиши хонандагон аз забони тоҷикӣ

Пурсиши хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ низ аз лаҳзаҳои муҳим ба шумор меравад. Он ҳам мисли санҷиши вазифаи хонагӣ (санҷиши натиҷаи машқу супоришҳои хаттии додашуда) воситаи ҳам санҷиши дараҷаи дониши назариявию шифоҳии хонандагон ва ҳам воситаи мустаҳкам намудани ҳамон донишҳои дар дарси гузашта омӯхтаи онҳо ба шумор меравад. Пурсиш, инчунин, хонандагонро ба омӯхтани мавзӯи нав омода намуда, дарси навро бо маводи пештар омӯхтаи хонандагон алоқаманд менамояд.

Пурсиш аз корҳои хаттии санҷишӣ (диктанти санҷишӣ, нақли хаттӣ, таҳлили хаттии грамматикӣ), ки ҳамаи хонандагон ин амалҳоро баробар иҷро мекунанду ба кори ҳамаи онҳо баҳо монда мешавад, бо чунин хусусияташ фарқ мекунад, ки тавассути он дониши ҳар як хонанда ба тариқи ҷудогона (фардӣ) дар рафти дарс санҷида мешавад. Вобаста ба хели дарс (типи дарс) хусусият, мазмун ва ҳаҷми маводи мавзӯъ лаҳзаҳои пурсиш дар дарс гуногун шуда метавонад. Пурсиш дар оғози дарс – пас аз санҷиши вазифаи хонагӣ (машқу супориши хаттӣ) ё пеш аз он, ё худ дар охири дарс дар як вақт бо лаҳзаи мустаҳкамкунӣ ташкил карда мешавад, ки оид ба ин ҳама дар қисмати сохту лаҳзаҳои дарс ба тафсилтар маълумот баррасӣ гардида буд.

Барои пурсиш аз 5-7 то 15 дақиқа вақт ҷудо кардан мумкин аст. Агар мавзӯъ нав бошад, пурсишро пеш аз баёни мавзӯи нав ташкил кардан беҳтар аст, то ки синф ба фаҳмидани мавзӯи нав омодагӣ гирад. Масалан, мавзӯи дарс дар синфи VI «Шумораи тартибӣ бошад», аввал, албатта, аз хонандагон шумораи миқдорӣ ва хусусиятҳои онро (аз 2-3 нафар дар зарфи 5-7 дақиқа) пурсидан лозим аст. Чунки хусусиятҳои шумораҳои тартибӣ ба хонандагон маҳз дар заминаи дониши аз шумораҳои миқдорӣ (хусусан, шумораҳои миқдории аслӣ ва тахминӣ) азхудкардаашон фаҳмонда мешаванд. Аниқтараш, агар хонандагон ба мафҳуми шумораҳои миқдории аслию тахминӣ дуруст сарфаҳм рафта, доир ба онҳо мисолҳо оварда тавонанд, дарки мафҳуми шумораҳои тартибӣ барояшон чандон душворӣ намеорад: яъне шумораҳои тартибӣ аз шумораҳои миқдорӣ (дах, бист, 5-6, 10-15) бо иловаи суффиксҳои **-ум, -умин** (даҳум, бистум, 5-ум –6-ум, 10-ум-15-ум) сохта мешаванд.

Тарзи пурсиш аз хонанда ҳар хел мешавад: аз ҷояш, дар назди доска, дар назди мизи муаллим. Хонанда аз ҷояш дар мавриде ҷавоб медиҳад, ки ҷавоби рафиқашро, ки ба назди муаллим даъват карда шудааст, пурра намудан, ислоҳ кардан ё ба ӯ ёрӣ додан лозим бошад. Ба назди доска вақте даъват карда мешавад, ки, чизеро навишта, супоришро иҷро кардан лозим бошад. Ба назди мизи муаллим барои ҷавоби даҳонакӣ додан даъват карда мешавад. Одатан, хонанда барои ҷавоб додан бо дафтараш мебарояд, то ки аз он муаллим вазифаи хонагиро бинад, аз машқ ҳам мисолеро хонда шарҳ диҳад.

Дар рафти пурсиш саволҳо, одатан, ба ҳамаи хонандагон ба таври умумӣ (фронталӣ) дода мешаванд, ки ин диққати онҳоро якбора ба ҳар саволи додашуда ҷалб мекунад. Аз рӯи миқдори дастҳои бардошташуда ба ҳар савол муаллим шумораи ба дарс тайёр будагонро муқаррар мекунад. Баъд барои ҷавоб додан ба

савол хонандае даъват карда мешавад, ки вай бояд дар ҳамон дарс баҳо гирад. Хонандагони дигар ҷавоби ӯро ба диққат гӯш мекунанд, лозим шавад, бо иҷозати муаллим аз ҷояшон ба рафиқонашон ёрӣ медиҳанд: ҷавоби ӯро пурра менамоянд, ислоҳ мекунанд ё худ дар хусуси он савол боз фикри худро баён мекунанд.

Пас аз пурсиши якчанд хонанда боз ба таври умумӣ донишҳои талабагони дигар ҳам, ки аз ҷояшон ҷавоб медиҳанд, санҷида мешавад. Хусусан, пурсиши умумӣ дар охири лаҳзаи пурсиш хонандагонро хеле фаъол менамояд.

Хонандаи ба назди мизи муаллим даъватшуда ба савол ҷавоб дода, аз худаш мисол оварда ё аз машқи дар хона иҷро кардагиаш мисолеро шарҳ медиҳад ё мисоли муаллим гуфтагиро дар доска навишта, бурро хонда, таҳлил мекунад. Ин мисолро хонандагони дигар ҳам ба дафтарашон навишта, супоришро иҷро мекунанд. Агар хонандаи ҷавобдиҳанда дар навишти ҷумла хато кунад ё дар иҷрои супориш дармонад, шарикдарсони дигар ислоҳ мекунанд.

Хонандагон бояд ба савол бурро, мантиқан дуруст ҷавоб диҳанд. Агар онҳо фикр карда, ба пай дар пайу муттасил ҷавоб додан одат кунанд, ин амал зина ба зина баҳри инкишоф ёфтани нутқашон аҳамияти амалӣ мерасонад. Бинобар ин, ҷавоби хонандаро бо диққат гӯш кардан лозим аст, ба ӯ халал расондан лозим нест. Агар ӯ дар вақти ҷавоб додан душворӣ кашад, бояд ёрӣ расонд; калимаи шевагиро дар нутқаш истифода кунад, бояд ислоҳ намуд. Вале ба ӯ луқма додан, ба ҷои ӯ гуфтан, гапи ӯро такрор карда истодан ин ҳама хотири ӯро парешон мекунанд.

Ҳоло аксар вақт муаллимон баҳои хонандаро дар охири дарс эълон мекунанд, то ки баҳои ҳақиқии ӯ эълон карда шавад, яъне фаъолияти ӯро дар тамоми дарс вобаста ба иҷрои амалҳои гуногун ба инобат мегиранд.

Дар ин бобат бояд диққат ба он дод, ки баҳои умумии хонанда паст ё баланд нашавад. Баҳо бояд ҳаққонӣ бошад.

Пурсиш мувофиқи мақсади дарс мумкин аст, ки як ё якчанд мавзӯъ, як ё якчанд бобро дар бар гирад.

Саволи ба хонандагон дода мешудагӣ бояд дуруст бошад: оҳанги савол, тарзи савол додан, шаклу мазмунаш ва ғ. Бо саволҳои душвору муғлақ хонандагонро «қоил» кунондан лозим нест. Саволҳое, ки хонандагонро ба фикр кардан, мулоҳиза рондан водор мекунанд, баръакс, аҳамияти калон доранд.

Дар ҷараёни пурсиш бояд кӯшиш намуд, ки як ё ду-се талаба аз кори умуми аҳли синф ҷудо шуда намонанд.Масалан, як хонанда дар доска супоришеро иҷро мекунаду дар ҳамин вақт

муаллим бо саволу ҷавоб дониши хонандагони дигарро месанҷад (баъзан ба ду-се хонанда ҳамин хел супориш медиҳанд, ки аз дигарҳо ҷудо шуда мемонанд).

Ба ҳамин тариқ, ҳам лаҳзаи санҷиш (муайян намудани натиҷаи корҳои хаттии супоридашуда) ва ҳам лаҳзаи пурсиш (саволу ҷавоб аз рӯи маводи назариявии мавзӯи гузашта ё такрори бобе) дар ҷараёни дарсе, ки дар он дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон муайян карда мешавад, низ аз лаҳзаҳои корсози дарс ба шумор рафта, самаранок ташкил намудани ин ду лаҳзаи дарс аз омӯзгор донишу маҳорати баланди ҳам методӣ ва ҳам педагогиву психологиро тақозо менамояд.

АДАБИЁТ

1. Баранов М.Т, Ладыженская Т.И. и др. Методика преподавания русского языка. -М.: Просвещение, 1990.
2. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. Матбааи ВМ ҶШ.-Душанбе, 2006.
3. Каримов А. Такрори мавзӯъҳои грамматика дар синфҳои V-VIII.-Маҷал.: Мактаби советӣ, 1949, №2.
4. Львов М.Р. Словарь-справочник по методике русского языка. -М.: Просвещение, 1988.
5. Махмутов М.И. Организация проблемного обучения в школе. -М.: Просвещение, 1977.
6. Методика грамматики и орфографии в начальных классах.- М.: Просвещение, 1977.
7. Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка. -М.: Госучпедгиз, 1955.
8. Такрор намудани материали таълимӣ дар мактаб (Мактуби эзоҳӣ).- Маҷал.: Мактаби советӣ, 1959, №9
9. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. -М.: Просвещение. 1980.
10. Ҳочиев С. Масъалаҳои муҳимми таълими забони модарӣ дар синфҳои IV ва VIII.- Душанбе: Маориф, 1987.
11. Чистяков В.М. Методика преподавания русского языка в таджикской школе. - Сталинабад: Учпедгиз, 1959.
12. Юнусов И. Педагогика. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005.

БОБИ V. НАҚШАҲОИ КОРИИ МУАЛЛИМ АЗ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Кору амалиёти муаллим марбут ба таълими забони модарӣ (тоҷикӣ) чун дар ҷараёни ҳама гуна предметҳои таълим бе нақшаҳои *муайяни таълимии дорои ҷанбаҳои перспективӣ* (ояндадору дурнамо) буда ба таври бояду шояд ба роҳ монда намешавад. Барои он ки муаллим ҷараёни кори омӯзгории худро дар ҳар як синф аз оғоз то интиҳои соли таҳсил пешакӣ равшану амиқ ҳам дар маҷмӯъ ва ҳам ҷузъан тасаввур намояд, ӯ барои худ нақшаҳои корӣ тартиб медиҳад. Нақшаҳои корӣ системанокию пайдарҳамиро дар омӯзиши маводи таълимии китоби дарсӣ, алоқамандии ҳар як маводи дар айни ҳол омӯхташавандаро бо маводи омӯхташуда ва ниҳоят, мувозинати маводи ба хонандагон омӯзонида мешудагиро дар давраҳои гуногуни барномавии таълим таъмин менамоянд. Аз ин рӯ, нақшаҳои кори муаллим тарзе бояд тартиб дода шаванд, ки бояд аз рӯи фарогирии мавод (шаклҳои корӣ, амалиётҳои дар ҳар дарс ва дар тӯли соли хониш иҷро мекардагии ӯ пурмазмуну мухтасар, дақиқу мушаххас буда, дар баробари ин, аз муаллим вақту қувваи зиёди беҳударо талаб накунанд.[125]

Нақшаҳои маъмул ва ҳақиқатан ҳам, зарур дар таҷрибаи кори муаллимон а) **нақшаи солона ё календарӣ** (тақвимӣ), б) **нақшаи мавзӯӣ** ва в) **нақшаи дарсӣ** (план -конспект) ба шумор мераванд.[126] Аммо дар таҷрибаи кории, умуман, муаллимони ҷумҳурии мо дар алоҳидагӣ тартиб додани **нақшаи тақвимӣ** ва **нақшаи мавзӯӣ** ба расмият надаромадааст. Онҳо, асосан, ин ду нақшаи кориро якҷоя бо унвони **нақшаи мавзӯӣ -тақвимӣ** тартиб медиҳанд, ки дар ҷараёни кор истифодаи он қулайтар буда, хусусиятҳои он ҳар ду нақшаро фаро мегирад.

Инак, мо дар зер дар бораи тарзи тартиб додани **нақшаи мавзӯӣ -тақвимӣ** ва **план-конспекти** дарсҳо аз забони тоҷикӣ батафсил (бо пешниҳоди намунаҳо) маълумот медиҳем.

§ 25. Нақшаи мавзӯӣ –тақвимӣ

Муаллим ба соли нави таҳсил, аз ҷумла, ба дарсҳои забони тоҷикӣ тайёрӣ дида истода, пеш аз ҳама, бояд нақшаи мавзӯӣ - тақвимӣ тартиб диҳад. Аммо мураттаб сохтани нақшаи мазкур доир ба таълими ин ё он фан як чизи ҷузъиву кори саҳле набуда,

---

[125] Нигр.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. с. 130.

масъалаест, ки аз омӯзгор дақиқназарӣ, масъулияти ҷиддӣ ва маҳорату малакаи корсозро талаб мекунад. Зеро он – нақшаи мавзӯй-тақвимӣ – пас аз барномаи таълим дуввумин ҳуҷҷати омӯзгор ба шумор рафта, дар заминаи ҳам барнома ва ҳам китоби дарсӣ тартиб дода мешавад. Ва албатта, пеш аз тартиб додани чунин нақша ӯро лозим аст, ки дар нишондодҳои методӣ, кабинетҳои методӣ бо намунаи гуногуни чунин нақшаҳо шиносоӣ пайдо намояд. Азбаски он нақшаҳо намунавӣ баррасӣ шудаанд, ӯ намедонад, ки кадомашро интихоб намояд, кадоме аз онҳо нақшаи беҳтаринанд. Бояд гуфт, ки нақшаҳои намунавӣ, ба хусус, ба муаллими ҷавон дар бобати ба сомон расонидани ин ҳуҷҷати муҳим танҳо бояд роҳ нишон диҳанд. Зеро: 1. Тартиб додани нақшаи мавзӯй -тақвимӣ кори фардии ҳар як муаллим буда, бояд аз тарафи худи ӯ мустақилона тартиб дода шавад. Чунки муаллим бо ин амалаш дар оғози ҳар соли таҳсил пурра бо мазмуну мундариҷаи барномаи таълим ва китобҳои дарсӣ шинос гардида, пешакӣ то кадом дараҷа ба ҳам мувофиқат кардану накардани ин ду рукни таълимиро барои худ маълум менамояд: чунин шиносоӣ бо маводи асосии таълим кулли омӯзгоронро зарур аст.

2. Нақшаи фардии мавзӯй-тақвимии мувофиқи талаботи меъёрӣ мураттабгардида дар баробари барномаи таълим барои омӯзгори ҳар як фан чун маҳаки озмудаест, ки аз оғоз то анҷоми соли хониш барои аз рӯи принсипи ситеманокиву дар алоқамандии ҳамдигарӣ таълим додани мавзӯъҳои таркибии ҳар як фаслу боби мушаххаси китоби дарсӣ ӯро раҳнамоӣ мекунад.

3. Нақшаҳои намунавии мавзӯй -тақвимӣ, ки аз тарафи методистону омӯзгорони дараҷаи донишу маҳорату малакаи кори муаллимӣ дошта тартиб дода шудаанд, гоҳо тавассути ҳафтаномаи «Омӯзгор», маҷаллаҳои «Маърифати омӯзгор» ва «Маорифи Тоҷикистон» ҳам чоп карда мешаванд. Вале ин маънои онро надорад, ки аз чунин нақшаҳои намунавии мавзӯй-тақвимӣ ҳар як омӯзгор, маҳз, барои он ки намунавианду беҳтаринанд, нусхабардорӣ кунад. Балки аз ин нақшаҳои намунавӣ мебояд моҳиронаву эҷодкорона истифода кард.

Умуман, мураттаб сохтани нақшаи мавзӯй-тақвимӣ кори на он қадар заҳматталаб аст, ба шарте ки муаллим принсипҳо (нуктаҳои асосӣ)-и тартиб додани онро дуруст тасаввур намояду бо мундариҷаи барнома ва китоби дарсӣ хуб шинос бошад. Ҳамчунин, дар ин бобат ба инобат гирифтани донишу маҳорати худу хонандагон ва имкониятҳои базавии мактаб низ яке аз талаботҳои зарурӣ ба шумор меравад. Ниҳоят, дуруст ва аз рӯи як қолаб тартиб дода тавонистани тарҳи нақшаи мавзӯй -

тақвимӣ ҳам муҳим, ки он ҳоло иборат аз шаш қисмат аст: 1. Т\р (тартиби рақам). 2. Мавзӯъ ва мавзӯъчаҳо. 3. Миқдори соат. 4. Мӯҳлати иҷро. 5. Тавсияҳо барои такрор. 6. Эзоҳот.

Аз рӯи тартиби ҷобагузории қисматҳои мазкур нақшаи мавзӯӣ-тақвимӣ бояд чунин шакл (тарҳ)-ро доро бошад:

Т/Р	Мавзӯъ ва мавзӯъчаҳо	Миқдори соат	Мӯҳлати иҷро	Тавсияҳо барои такрор	Эзоҳот

Инак, нуктаҳои асосӣ ё худ он принсипҳое, ки ҳангоми банақшагирии фаслу бобҳои дар барнома пешниҳодшуда дар якҷоягӣ бо маводи китоби дарсии забони тоҷикӣ бояд ҳатман ба инобат гирифта шаванд, инҳоянд: 1. Мавзӯъҳои калон (бобу фаслҳо) ба мавзӯъчаҳо тақсим карда мешаванд. Дар ин бобат муаллим бояд ба ҳисоб гирад, ки хонандагон бо омӯхтани он боб (ва ё ҳар як мавзӯи таркибии он) бояд чӣ гуна донишу малака ҳосил намоянд.

2. Дар охири ҳар як боб аз миқдори соатҳои ба таълими он тавсиякардаи барнома барои такрори мавзӯъҳои омӯхташуда ва гузаронидани корҳои хаттии санҷишӣ (диктанти санҷишӣ, кори мустақилонаи санҷишӣ, нақли хаттӣ) яксоатӣ вақт ҷудо карда мешавад, агар боб калону миқдори соатҳо зиёд бошад – дусоатӣ. Аз ҷумла, барои таълими боби «Зарф» дар синфи VII барнома 12 соат муқаррар кардааст, ки аз ин миқдор дар нақшаи мавзӯӣ - тақвимӣ 1 соат, барои такрори боби «Зарф» ва 1 соат барои кори хаттӣ (диктанти санҷишӣ) ҷудо карда мешавад. Ҳамчунин, ба ҳисоб бояд гирифт, ки ҳангоми ба мавзӯъчаҳо тақсим намудани фаслу бобҳои калон соатҳо – мавзӯъҳои таълими дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб мувофиқи 34 ҳафтаи соли таҳсил дар нақша дар ҳар яку ним -ду ҳафта (яксоатӣ) ҷой дода мешаванд. Масалан, дар давраи таълими боби «Зарф» (12 соат) се маротиба гузаронидани дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб рост меояд, ки дар маҷмӯъ ин соат бо 12 соати боби мазкур 15 соатро ташкил хохад дод.

3. Маводи омӯхташудаи ҳар боб, масалан, маводи боби «Зарф» дар давраи таълими бобҳои баъдина дар синфи VII («Калима ва таъбирҳо», «Пешоянд ва пасояндҳо») дар дарсҳои аввал зуд-зуд ва баъдтар дар мавридаш зимни иҷрои машқҳои гуногун ё худ ба тариқи саволдиҳӣ такрору мустаҳкам карда мешавад. Номгӯи такрори мавзӯъҳои бобҳои пешина ва такрори мавзӯъхои таркибии боби дар айни замон омӯхташаванда дар графаи «Тавсияҳо барои такрор» нишон дода мешавад.

Басо хуб мебуд, агар мавзӯъҳои барои такрор пешниҳодшуда ба хусусияти мавзӯъҳои ҳамарӯза таълим дода мешудагӣ то андозае наздикӣ дошта бошанд. Чунончи, дар дарсе, ки дар он, умуман, дар бораи «Зарф», ҳамчун ҳиссаи нутқ, таълим дода мешавад, тавсия намудани мавзӯи «Сифат» ё худ марбут ба таълими зарфи тарзи амал тавсияи такрори феъли ҳол мантиқан дуруст мебуд.

Ҳангоми ба нақша гирифтани мавзӯъҳои барномавӣ, асосан, тартибу ҷобаҷугузории мавзӯъҳо чи аз рӯи барнома ва чи китоби дарсӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Аммо ба ҳар мавзӯи таркибии ин ё он фаслу боб мувофиқи миқдори соатҳои дар барнома муқарраршуда соати махсус ҷудо намудан имкон надорад. Дар чунин ҳолат дар нақшаи тақвимӣ мавзӯъҳоро вобаста ба ҳамон боби муайян ва аз рӯи миқдори соатҳои ба таълими он муайянкардаи барнома бояд чунон ҷо ба ҷо намуд, ки зимни таълимашон тамоми пешниҳоди барнома фаро гирифта шавад. Ва ҳоло дар зер гуфтаҳои фавқро марбут ба тарзи банақшагирии маводи барномавӣ, то ки аз тарафи омӯзгори ҷавон дақиқтар дарку эҳсос карда шавад, дар мисоли маводи назариявии боби «Зарф» (12 соат) дар синфи VII (Зарф ҳамчун ҳиссаи нутқ. Аломатҳои морфологии зарф. Умумият ва тафовути зарф аз сифат. Вазифаи зарф дар ҷумла.

Хелҳои зарф: тарзи амал, замон, макон, миқдору дараҷа, сабаб ва мақсад.

Калимасозии зарф. Сохти зарфҳо: содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ. Имлои зарфҳо.) намоиш ва шарҳ медиҳем.

Т\Р	*Мавзӯъ ва мавзӯъчаҳо*	*Миқдори соат*	*Муҳлати иҷро*	*Тавсияҳо барои такрор*	*Эзоҳот*
I	**ЗАРФ**	**12+3**			
1.	Зарф (таърифи зарф)	1		сифат	
2.	Вазифаи зарф дар ҷумла	1		феъл	
3.	Хелҳои зарф	1		Хелҳои сифат	
4.	Зарфи тарзи амал	1		Феъли ҳол	
5.	Инк. н. мурат.: «Модари ман»	1			
6.	Зарфи замон ва макон	1		Замонҳои феъл	
7.	Зарфи миқдору дараҷа	1		Дараҷаҳои сифат	
8.	Зарфи сабаб ва мақсад	1		Хелҳои зарф	
9.	Сохти зарфҳо. Зарфҳои содда ва сохта	1		Сохти сифат	
10.	Инк.н. мурат.: «Реҷаи рӯзи ман»	1			
11.	Зарфҳои мураккаб	1		Зарф. содда ва сохта	
12.	Зарфҳои таркибӣ	1		Зарф. мураккаб	
13.	Такрори боби «Зарф»	1			
14.	Диктанти санҷишӣ	1			
15.	Инк.н. мурат.: «Дӯсти ман»	1			

Чунон ки мебинем, мавзӯъҳои таркибии боби «Зарф» зимни 12 соат ба нақша гирифта шуда бошад ҳам, аммо он (нақша) дар худ на ҳамаи мавзӯъчаҳои боби мазкурро (аз қабили умумияти зарф бо сифат ва фарқи зарф аз сифат, калимасозии зарф, имлои зарф) фаро гирифтааст. Чунки вобаста ба он миқдори соати додашуда барои ҳар яке аз мавзӯъҳои таркибии боби мазкур соате бахшидан берун аз имкон аст. Маҳз ана ҳамин нукта аз ҷумлаи мушкилотест, ки ҳар доим омӯзгорон ҳини банақшагирии мавзӯъҳои таркибии фаслу бобҳо ба он рӯ ба рӯ мешаванд. Пас, мо чиҳоро дар мадди назар дошта, боби «Зарф»-ро (Ниг.: ба нақша) аз рӯи ҳамон тартибу мундариҷаи мавзӯъҳо ба нақша гирифтаем? Барои таълими он мавзӯъҳои дар қавс додашуда ба ҳамин сабаб махсус соат (барои ин имкон ҳам нест) ҷудо накардем, ки барои мазмуну мундариҷаи онҳоро вобаста ба мавзӯъҳои ба нақша воридшуда пурра таълим додан имконият ҳаст. Масалан, дар ҷараёни баёни хусусиятҳои мавзӯи аввал («Зарф»-таърифи зарф) аломатҳои морфологии зарф, фарқи зарф аз сифат, ҳангоми таълими сохти зарф тарзи сохта шудани зарфҳо (калимасозии зарф) ва имлои зарфҳо зимни мисолҳои мушаххас бояд ба хонандагон фаҳмонида шаванд. Ва лозим аст, ки чунин усулу тартиби кор ҳангоми банақшагирии тамоми фаслу бобҳои барномаи таълим чун маҳаке омӯзгоронро ҳидоят намояд.

Ба ҳамин тариқ, нақшаи мавзӯӣ-тақвимӣ тартиби дарсҳо, типҳо (хелҳо)-и дарсҳои гуногун (дарси додани дониши нав, дарси мустаҳкам намудани дониши хонандагон, дарси санҷиши донишу маҳорат ва малакаи хонандагон, хелҳои гуногуни дарси такрор -такрори аввали сол, такрори боб, такрори солона ва ғ.)-ро фаро мегирад, ки бо ҳамин тартиб мавзӯъҳо дар дафтар (журнал)-и синф қайд карда мешаванд. Рӯз (таърихи гузаронидан)-и дарсро миқдори соатҳои ҳафтаина ва ҷадвали дарс муқаррар менамоянд, ки ин мушаххас дар графаи «Мӯҳлати иҷро» нишон дода мешавад.

Нақшаи мавзӯӣ-тақвимӣ дар асоси барномаи таълим ва китоби дарсӣ тартиб дода мешавад, вале ҳуҷҷати ҳамарӯзаи муаллим -нақшаи дарс ё худ план-конспекти дарс дар заминаи ҳам барномаву китоби дарсӣ ва ҳам нақшаи мавзӯӣ -тақвимӣ тартиб дода мешавад.

§ 26. Намунаи дарсҳо
(план -конспекти намунавии дарсҳо)

Акнун, то ки масъалаи хел, сохту лаҳзаҳои дарс ва дар заминаи ҳар як лаҳзаи дарс вобаста ба хели он (дарс) чиҳо дар мадди назар буданаш аз тарафи муаллими ҷавону оянда дақиқтар тасаввур карда шавад, дар зер намунаи нақша (ё худ план-конспект) -и се хели асосии дарс: **дарси додани дониши нав, дарси мустаҳкам намудани дониш** ва **дарси санҷиши дониш ва малакаи хонандагон** (марбут ба гузаронидани диктанти санҷишӣ)-ро пешниҳод мекунем.

Аввалан, ба дарс аз ҳар ҷиҳат тайёрӣ дидани муаллим лозим аст, ки он ҳар доим аз тарафи ӯ бо масъулияти баланд ва ба таври зайл бояд анҷом ёбад:

а) муайян намудани мавзӯи дарс (аз рӯи нақшаи мавзӯӣ - тақвимӣ) ва аниқ тасаввур намудани ҳаҷму хусусиятҳои он - осон ё душвор, нав ё маълум будани он (аз рӯи барнома ва китоби дарсӣ);

б) дақиқ омӯхтани маводи китоби дарсӣ (дида баромадани таърифу қоидаҳои параграфи дахлдор, муайян намудани машқҳои дар синф ва дар хона иҷро мекардагии хонандагон, пешакӣ муқаррар кардани қисматҳои барои онҳо душвори маводи дарс, кифоякунанда будан ё набудани машқҳо);

в) доир ба таълими ин мавзӯъ (агар дастрас бошад) мутолиа кардани адабиёти илмӣ ва илмию методӣ;

г) тартиб додани нақша (план-конспект)-и дарс, ки дар он бояд нуктаҳои асосии масъалаҳои зерин инъикоси худро ёбанд: муайян кардани мақсади дарс, методу усулҳои баёни мавзӯъ, пурсиши вазифаи хонагӣ ва мустаҳкам намудани мавзӯи нав; маврид ва тарзи хулоса – таърифу қоидаҳо – баровардан аз мушоҳида ва таҳлили мисолҳо; тайёр намудани воситаҳои аёнӣ ё материали дидактикии дар ҳамон дарс истифодашаванда, ки номгӯӣ онҳо дар қисмати «Таҷҳизонидани дарс» нишон дода мешаванд; таъин намудани алоқаи таълими грамматика бо инкишофи нутқ, морфология бо синтаксис ва г.; пешакӣ муайян намудани тарзи тафтиши вазифаи хонагӣ ва пурсиши маводи назариявии дар дарси гузашта таълим додашуда; ниҳоят, аз рӯи дафтар (журнал)-и синф ному насаби хонандагоне, ки бояд дар ҳамин дарс пурсида шаванд, дар қисмати «Эълони баҳо» навишта мешавад (дар охири дарс баҳои гирифтаи онҳо ба

андак-андак шарҳ эълон карда шуда, ба рӯзномаҳояшон низ гузаронида мешавад).[127]

Чунон ки мебинем, нуктаи аввале, ки дар план – конспекти дарс (ҳамеша) сабти худро меёбад, **мақсади дарс** аст. Аммо муайян карда тавонистани мақсади ҳар як дарс вобаста ба хел (тип)-и он аз муаллим ҳар доим дақиқназариро тақозо мекунад, ки дар зер доир ба ҳамин нукта рӯшанӣ андохтанро ҷоиз медонем.

Муайян намудани мақсади дарс: Ҳар як дарси забони тоҷикӣ мақсади муайян дорад, ки онро дар нақша (план - конспект) пас аз мавзӯи дарс қайд мекунанд, ки бояд дар ҳамон дарси муайян ба ҳамон мақсади муқарраршуда ноил гардидан лозим аст. Аммо ба тариқи «Ба хонандагон фаҳмондани реша, суффикс ва префикс», «Бо мисолҳо фаҳмондани асос ва бандак», «Бо машқҳои гуногун фаҳмондани сифати феълӣ», «Дар бораи ибора маълумот додан ба хонандагон» ва амсоли ин навиштани мақсади дарс, ки аксар чунин сабтҳо дар план-конспекти ҳатто баъзе омӯзгорони собиқадор ҳам ба мушоҳида мерасанд, мақсади аниқи дарс шуда наметавонанд. Зеро ин тавр навиштани мақсади дарс басо умумӣ буда, масъалаи васеи таълими забони тоҷикро дар бар мегирад, яъне дар ҳақиқат, ҳар як мавзӯи забонро ба хонандагон фаҳмонда тавонистани муаллим шарт аст. Вале мақсад аз фаҳмонидан ва ё таълим додани ҳар як мавзӯъ иборат аз чист? Ана, ҳамин нукта ё худ ҷавоби чунин савол бояд дар қисмати мақсади дарси ҳар як мавзӯи забони тоҷикӣ инъикоси худро ёбад. Агар масъала чунин бошад, пас мақсади дарсро чӣ хел муайян кардан мумкин аст?

Мақсади дарс бояд мушаххас (конкрет) бошад, аз он дар ҳамин як дарс ба чӣ ноил шудани муаллим маълум шуда истад, ки он – муайян намудани мақсади аниқи дарс – ба хусусияти мавзӯъ, ҳалли масъалаҳои ҷудогонаи он, ба ҷиҳати тарбиявии дарс, масъалаҳои такрор дар он дарс ва ба донишу малакаҳои хонандагон, ки дар ҳамин дарс пайдо мекунанд, вобаста аст. Масалан, дар синфи V агар мавзӯи дарс «Асос ва бандак» бошад. Мақсади ин дарс чист? Агар фақат хусусияти васеи мавзӯъро ба назар гирем, умуман, чунин аст: талабагон бояд асосро аз бандак ҷудо карда тавонанд, дониши аз бандакҳо доштаашон такмил дода шавад; онҳо фаҳманд, ки асос аз ҷиҳати сохт содда ва сохта мешавад, аффиксҳои калимасоз ба асос дохил мешаванд, вале бандак дохил намешавад, асоси содда ба реша баробар аст; онро бояд донанд, ки асос нисбат ба бандак ва реша

нисбат ба суффиксу префиксҳо муайян карда мешавад; ҷиҳатҳои умумӣ ва фарқкунандаи бандакҳои феълӣ ва хабариро фаҳманд ва ғ.

Ҳар як муаллим, албатта, дар таълими ин мавзӯъ мақсадҳои дигаре ҳам дошта метавонад.

Аммо мақсади дарсро дар план-конспект ба тариқи муфассал нишон додан зарур нест (Онро худи муаллим донад, кифоя аст), балки мухтасару конкрет қайд кардан лозим аст.

Масалан ин тавр:

Мақсади дарс: «Дуруст ҷудо кардани асос ва бандак, донистани вазифаи бандакҳо, фарқ кардани асоси содда аз сохта, пешгирӣ кардани хатоҳои талабагон дар кор фармудани бандаки изофӣ».

Мисолҳои дигар:

а) **Мавзӯъ:** «Реша, суффикс, префикс»

Мақсади дарс: «Дар заминаи шарҳи мафҳумҳои реша, суффикс ва префикс ба хонандагон омӯзонидани як роҳи калимасозӣ вобаста ба таркиби калима; шарҳи масъалаи муайян карда тавонистани реша, калимаҳои ҳамреша ва зиёд намудани захираи луғавии нутқи хонандагон».

б) Мавзӯъ: «Мубтадо ва ифодаи он»

Мақсади дарс: «Ба хонандагон доир ба ифодаи мубтадо бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ маълумот додан; инкишоф додани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ; такрори маводи ҳиссаҳои нутқ».

в) Мавзӯъ: «Ҷумлаи унвонӣ»

Мақсади дарс: «Фаҳмондани маъно, сохт, оҳанги талаффуз ва мавқеи дар нутқ доштаи ҷумлаҳои унвонӣ».

Мақсади як дарси дигарро ҳам бо шарҳаш баён мекунем, то ки ин масъалаи муҳими дарс ба муаллим маълум шавад. Чунончи:

Мавзӯъ: «Мухотаб»

Мақсади дарс: «Фаҳмондани маъно ва вазифа, ифода шудан, сохт, оҳанги талаффуз, аломатҳои китобат ва ҷои мухотаб дар ҷумла; фарқ кардани мухотаб аз мубтадо».

Дар ин дарс талабагон, ғайр аз маъно ва вазифаи мухотаб, боз бояд фаҳманд, ки мухотаб аъзои ҷумла намешавад, ба саволи аъзоҳои ҷумла ҷавоб намешавад, бинобар ин, мухотабро аз аъзоҳои ҷумла бо аломатҳои китобат (вергул ё хитоб) ҷудо мекунанд, мухотаб бо оҳанги махсуси муроҷиат талаффуз карда мешавад, бо мухотаб гӯянда муносибати худро ҳам ба сомеъ ифода мекунад; мубтадо бо хабари ҷумла алоқаманд буда, бо он

дар шахсу шумора мувофиқат мекунад, вале мухотаб ин хел хусусият надорад, вай ба тамоми ҷумла мансуб аст.

Ба ҳамин тариқ, агар мақсади дарс равшан бошад, мавзӯъро чӣ хел баён кардан, дар бораи чиҳо маълумот додан, бо чӣ гуна машқҳо мавзӯъро мустаҳкам намудан, чӣ хел вазифаи хонагӣ супоридан – ҳамааш ба муаллим пешакӣ маълум мегардад. Мақсади дарс муайян бошад, муаллим аз аввал то охири дарс чӣ кор карданашро медонад. Дуруст муайян намудани мақсади дарс ба нуктаҳои зерин – хел (тип)-и дарс, мавзӯъ, дониши талабагон, қобилияту эҷодкорӣ ва ниятҳои муаллим вобастагии қавӣ дорад.

Ниҳоят, бояд таъкид намуд, ки нақша ё план-конспекти дарсро дар ду шакл – ба тариқи нақли озод (хусусан, баёни мавзӯи навро) ё ба тариқи схема (тезис) тартиб додан мумкин аст. Ва, албатта, план-конспект мувофиқи хел (тип)- и дарс ва маводи он боз ҳам мушаххастар тартиб дода мешавад.

Чунончи:

1. Дарси додани дониши нав

Дарси забони тоҷикӣ дар синфи VIII

Мавзӯъ: «Мубтадо ва ифодаи он»

Мақсади дарс: Ба хонандагон доир ба ифодаи мубтадо бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ (дар заминаи мисолҳо) маълумот додан; инкишоф додани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ; такрори маводи ҳиссаҳои нутқ.

Методи дарс: сӯҳбат, нақли муаллим, аёният, мушоҳида (таҳлили грамматикӣ).

Таҷҳизонидани дарс: китоби дарсӣ, таблитса, варақчаҳо, бӯрҳои ранга.

Равиши дарс:

I. Ташкилии дарс:

а) аз назар гузаронидани ҳолати тозагии синф;
б) ба ҷо овардани одоби мулоқот;
в) ба ҳисоб гирифтани давомоти хонандагон;
г) ба дарс тайёр намудани синф.

II. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

1. Санҷиши дониши хонандагон оид ба мавзӯи «Аъзоҳои ҷумла»:

а) Кӣ дар бораи аъзоҳои ҷумла маълумот медиҳад? Канӣ кӣ тайёр? Марҳамат...

б) Аъзои ҷумла чист?

в) Дар забони тоҷикӣ чанд аъзои ҷумла ҳаст? Онҳоро номбар кунед.

г) Аъзоҳои ҷумла ба чанд гурӯҳ ҷудо карда шудаанд? Онҳоро чӣ меноманд?

ғ) Сараъзоҳо кадомҳоянд?

д) Аъзоҳои пайрав кадомҳоянд?

е) Аъзоҳои ҷумлаҳои зеринро муайян намуда, ба зерашон бо аломатҳои шартӣ хат кашед:

1. Муаллим ба мо афсонаеро нақл кард.

2. Мирзо Турсунзода дар деҳаи Қаратоғи ноҳияи Ҳисор таваллуд шудааст.

ё) Аз худ ҷумлае гуфта, даҳонакӣ аъзоҳояшро шарҳ диҳед.

2. Ҷамъбасти дарси гузашта:...

III. Баёни мавзӯи нав:

1. Сухани муқаддимавии муаллим (эълон ва сабти мавзӯи нав ба тахтаи синф ва ба хотир овардани он маълумотҳое, ки хонандагон доир ба мубтадо ва ифодаи он дар синфи V гирифта буданд).

Чунончи:

а) Мубтадо чист? Он ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

б) Дар бораи маънои луғавии калимаи **мубтадо** чӣ медонед?

в) Мубтадо бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад?

Мисолҳо оваред.

2. Шарҳи муаллим, дар бораи он ки аз аъзоҳои ҷумла чаро аввал сараъзоҳо ва пеш аз ҳама, **мубтадо** таълим дода мешавад. Масалан, дар заминаи мушоҳидаи мисолҳои зерин: Уқоб дар байни паррандаҳо хеле баландтар парвоз мекунад. Аммо самолёт аз он ҳам баландтар парвоз мекунад. Вай воситаи нақлиёти мусофиркашонӣ ҳам ба шумор меравад.

3. Дар заминаи таҳлили мисолҳои боло баёни таърифи зерини мубтадо: «**Мубтадо** сараъзои ҷумлаест, ки амал, ҳолат ва ё аломати дар ҷумла ифодаёфта ба он тааллуқ дорад». (Шарҳи таърифи мазкур).

4. Шарҳи ифодаи мубтадо дар заминаи таблитсаи (8) зерин:

Таблитсаи 8

МУБТАДО ВА ИФОДАИ ОН	
Бо чӣ?	*Намунаи мисолҳо*
1. Бо исм	**Савсан** худро танҳо ҳис мекард. **Модар** барои ҳама азиз аст.
2. Бо ҷонишин	**Мо** калонсолонро ҳурмат мекунем. Кори осонро **ҳама** ҳам метавонад. Мисолҳои хубро **худатон** интихоб кунед.
3. Бо масдар	**Шунидан** кай бувад монанди дидан (Зарб.).
4. Бо сифат	**Муйсафед** бардам-бардам қадам мемонд. Айби худ **нодон** набинад дар ҷаҳон, Бошад андар ҷустани айби касон.
5. Бо сифати феълӣ	**Оянда** ба мо шинос менамуд. **Бинанда** ба ҳайрат меафтод.
6. Бо шумора	**Бист** ба чор бе бақия мерасад. **Ду понздаҳ** -як сӣ.

IV. Мустаҳкамкунӣ:

а) Мустақилона аз тарафи хонандагон хондани §13-и китоби дарсӣ марбут ба мавзӯи дарс (саҳ. 61).

б) Саволҳо барои санҷиши аҳли синф:

1. Мубтадо чист? Он ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

2. Мубтадо чаро сараъзои асосии ҷумла ном дорад?

3. Чаро мубтадо бештар бо исму ҷонишинҳои шахсӣ ифода меёбад?

4. Ба кадом шарт ҳиссаҳои дигари нутқ ба вазифаи мубтадо меоянд? Мисолҳо оваред.

в) **Супориш.** Иҷрои машқи 5: Ду-се ҷумлаи аввалро хонда, бо чӣ ифода ёфтани мубтадоҳоро эзоҳ диҳед. Давоми машқро навишта, ба зери мубтадо ва хабарҳо хат кашида, бо чӣ ифода ёфтани онҳоро шарҳ диҳед.

V. Супориши вазифаи хонагӣ:

Хон. сах. 64, § 13, Машқи 6 (Машқро навишта, дар ҷумлаҳо бо чӣ ифода ёфтани мубтадоҳоро муайян намудан).

VI. Эълони баҳо:*

(Баҳои ба ҳар як хонанда гузошташуда шарҳ дода шуда, ба рӯзномааш ҳам гузаронида мешавад).

Ҷамъбасти дарс...*

II. Дарси мустаҳкам намудани дониш

Дарси забони тоҷикӣ дар синфи VIII
***Мавзуъ:** «Машқҳо оид ба пайвандакҳо ва аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои чидааъзо»*

Мақсади дарс: Санҷиш ва мустаҳкам намудани дараҷаи донишу малакаи назариявӣ ва амалии хонандагон доир ба ҷумлаҳои чидааъзо ва истифодаи аломатҳои китобат дар чунин ҷумлаҳо; инкишоф додани малакаи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон.

Методи дарс: сӯҳбат (бахотироваранда), мушоҳида (таҳлили грамматикӣ).

Таҷҳизонидани дарс: китоби дарсӣ, мисолҳои интихобшуда аз адабиёти бадеӣ.

Равиши дарс:
I. Ташкилии дарс:*
II. Пурсиши вазифаи хонагӣ:

(Яъне ин хели дарс ҳам аз пурсиши вазифаи хонагӣ сар мешавад. Вале ҳадафи умумии он дар тамоми ҳамин як соат,

---

* **Эзоҳ.** Дар план -конспект ном ва насаби хонандагони дар ҳамин дарс пурсида мешудагӣ навишта мешаванд ва пеш аз эълони баҳо баҳои ҳар як хонанда дар рӯ ба рӯи ному насабаш навишта мешавад.

* **Ҷамъбасти дарс** ҳамчун як лаҳзаи дарс дар план -конспект махсус таъкид наёбад ҳам, аммо иҷрои он, яъне ҷамъбаст намудани дарс, дар ҳар дарс бояд ҳатман дар мадди назари муаллим бошад.

*Таъкид. Қисматҳои ташкили дарсро чанд муддат пас, ки ба ҷо овардани онҳо дар оғози дарс барои муаллими ҷавон ба малака табдил

чунон ки дар боло зикраш рафт, мустаҳкам намудани дараҷаи донишу малакаи хонандагон доир ба ҳамон мавзӯи дарси гузашта аст, ки дар рафти таълими он қариб аксар ба сабаби душвории мавзӯъ ва ё басо васеъ ва гуногунпаҳлӯ буданаш онро ба қадри даркорӣ аз худ накардаанд.)

I. Санҷиши дониши назариявии хонандагон бо савол ва супоришҳои зерин:

1) Дар бораи ҷумлаи чидааъзо маълумот диҳед. Канӣ, кӣ тайёр аст?

2) Чӣ гуна ҷумларо чидааъзо меноманд?

3) Тарзи талаффузи ҷумлаҳои чидааъзо чиро ба хотир меоваранд? Мисоле оварда шарҳ диҳед.

4) Аъзоҳои чидаи ҷумла бо чанд роҳ ба ҳам алоқаманд мешаванд? Он роҳҳои алоқа кадомҳоянд?

5) Канӣ, кӣ доир ба ягон роҳи алоқа дар ҷумлаҳои чидааъзо мисол гуфта метавонад? Марҳамат...

6) Агар алоқаи аъзоҳои чидаи ҷумла ба воситаи пайвандакҳо сурат гирад, он гоҳ пеш аз кадом пайвандакҳо вергул гузошта мешавад?

7) Пеш аз кадом пайвандакҳо вергул мондан лозим нест?

8) Кани кӣ ҷавобан доир ба ин ду савол (саволҳои 6 ва 7) мисолҳои мувофиқ меовард?

9) Дар охири ҷумлаҳо кадом аломатҳои китобатро кор мефармоянд?

10) Кор фармудани ин ё он аломати китобат дар охири ҷумлаҳо ба чӣ вобаста аст?

11. Санҷидани натиҷаи иҷрои машқи 7, ки вазифаи хонагӣ супорида шуда буд (Се чор нафар бо навбат мисолҳоро хонда, аъзоҳои чидаро шарҳ медиҳанд, дигарон низ натиҷаи кори худро месанҷанд ва лозим шавад, бар эзоҳи ҳамсинфашон чизе илова мекунанд ё худ камбудии ӯро ислоҳ мекунанд).

III. Мустаҳкамкунӣ:

Ин лаҳза муаллим мақсади дарси имрӯзаро, ки ба мустаҳкам намудани мавзӯи «Ҷумлаҳои чидааъзо», аниқтараш, ба масъалаи пайвандакҳо ва мавқеи аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои чидааъзо бахшида мешавад, эълон намуда, фаъолияти хонандагонро ба иҷрои машқҳои зерин ҷалб мекунад:

Машқи 1. Ҷумлаҳоро навишта, ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои даркориро гузоред. Хели пайвандакҳо ва сабаби дар байни аъзоҳои чида кор фармуда шудани аломатҳои китобатро шарҳ диҳед.

1. Ҳамон рӯз са...ёҳон якчанд мори аф...ию кӯрмор...о дас...гир карданд (А. Баҳорӣ). Оби Помир дар ширин... ва гуворой мислу монан... надорад. Ҳаво дар ин ҷо соф, тоза ва бегубор аст (Ҷ.И.) Мӯ...сафед ҳикоягӯй, таърихдон ва ширинзабон будааст (Ин ҷумлаҳо ё дар тахтаи синф навишта мешаванд, ё пешакӣ дар ватман ё худ ба воситаи кодоскоп ва эпидиоскоп намоиш дода мешаванд).

Машқи 2. Диктанти эзоҳӣ доир ба истифодаи пайвандак ва аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои зерини чидааъзаъзо: Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2006 15-солагии Рӯзи истиқлолияти худ, 2700-солагии Кӯлоб ва 6-солагии Рӯзи ҷоҳикони ҷаҳонро ҷашн гирифт. Ҳикояти Зоғ, Муш, Кабӯтар, Сангпушт ва Оҳу бағоят масали равшан ва қиссаи ширин аст (Аз «Калила ва Димна»).

Савол: Чаро дар ҷумлаи охир номҳои ҷонварон бо ҳарфи калон навишта шуданд?

Машқи 3. Муаллим латифаҳои зеринро нақл мекунаду хонандагон гӯш карда, аъзоҳои чидаашро номбар карда, пайвандак ва аломатҳои китобати дар онҳо истифода шударо шарҳ медиҳанд:

1. Аз Афандӣ пурсиданд: «Ин замин чанд ганоб бошад?»

Ӯ гуфтааст: «Ин замин ё дах таноб, ё 100 таноб. Ман хато намекунам».

2. Афандӣ ба меҳмонӣ омадааст. Мизбон пурсидааст: «Барои шумо оши палав пазам ё шӯрбо?»

Афандӣ гуфтааст: «Ду дег надоред-мӣ?»

Машқи 4. Ба хабарҳои чида аъзоҳои пайрав илова кунед.

1. Қосим навишт ва супорид. 2. Шариф ёфту бурда дод. 3. Гург дид ва гурехт.

IV. Вазифаи хонаги:

Хон. сах. 146, 153, § 24; Супориш: Шаш ҷумлаи чидааъзо нависед, ки аъзоҳои чидаро дар дутояш пайвандакҳои пайвасткунанда, дар ду ҷои дигараш пайвандакҳои хилофӣ ва дар дутои боқимондааш пайвандакҳои ҷудоӣ ба ҳам алоқаманд карда бошанд.

2. Дарси санҷиши дониш ва малакаи хонандагон

Дарси забони тоҷикӣ дар синфи VIII

Мавзӯъ: «Диктанти санҷишӣ»

Мақсади дарс: Санҷидани донишу малакаи хонандагон доир ба мавридҳои истифодаи аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои чидааъзо.

Методи дарс: Сӯҳбат ва нақл

Таҷҳизонидани дарс: Матн аз повести «Тобистон»-и П. Толис бо номи «Ишқи мошин» (130 калима)

Равиши дарс:

I. Ташкилии дарс:

а) аз назар гузаронидани ҳолати тозагии синф

б) ба ҷо овардани одоби мулоқот

в) ба ҳисоб гирифтани давомоти хонандагон

г) тақсим намудани дафтарҳои корҳои хаттии санҷишии хонандагон

ғ) ба дарс омода намудани синф

II. Баёни мазӯъ:

1. Сухани муқаддимавии муаллим (эълони мақсади дарси имрӯза ва ба доска сабт намудани номгӯи кори хаттӣ («Диктанти санҷишӣ») ва унвони матни кори хаттӣ («Ишқи мошин»).

2. Матни диктант («Ишқи мошин»)-ро як маротиба бурро, фаҳмо ва ифоданок қироат намудан.

3. Шарҳи баъзе калимаҳо аз матн (радиатор, мурват, буфер)

4. Ҷавоб додан ба баъзе саволҳои хонандагон доир ба матни диктант.

5. Дар доска бо талаби хонандагон ва ё умуман, навиштани баъзе калимаҳое, ки дар имлои онҳо (аз ҷумла, дар навишти вожаҳои **ғурриш, ким-чӣ гуна, ҷунбуҷӯл, латтапора** ва ғ.) хато содир карданашон аз гумон дур нест.

6. Дикта намудани матни диктант:

Ишқи мошин

Ҷои дигари тамошо гаражи автомашинаҳои кон буд. Дар ин ҷо ҳамеша ҷарангоси асбобҳои оҳанин, гурриши мотор ҳукмфармо буд. Бӯи равғани мошин, бӯи бензин, бӯи ишқор ва оҳан бо ким – чӣ гуна бӯйҳои тези дигар омехта шуда, як бӯи хуши аҷоиберо тақшил медоданд.

Дар гараж ҳамеша як гурӯҳ бачагон ҷунбуҷӯл карда мегаштанд. Онҳоро касе намеронд ё сарзаниш намекард. Як қисми ин бачаҳо шогирдони шофёрҳо буданд, аммо аксарияти зиёдашон на шогирд буданд ва на бо шофёрон ягон хешӣ ва

наздикӣ доштанд. Ин қисми бачагонро танҳо ишқи пурзӯри мошин ба ин ҷо гирифта меовард.

Онҳо доим тайёр буданд, ки ба ягон кори шофёрон ёрӣ расонанд: радиатори мошинро аз об пур кунанд, мурвати чархҳоро тоб дода кушоянд ё сахт кунанд, латтапораеро ба даст гирифта, мошинро аз буфераш сар карда то чарогҳои сурхи ақибаш тоза кунанд, оинавор ҷило диҳанд. (Аз повести П. Толис «Тобистон», 130 калима).

III. Мустаҳкамкунӣ:

1. Матни диктантро бори дигар чун дар аввал ифоданок қироат намудан.
2. Як-ду дақиқа ба хонандагон имконият додан, то ки матни диктантро бо мақсади ислоҳ намудани хатоҳои худ мустақилона хонда бароянд.
3. Супориши грамматикӣ: Ба зери аъзоҳои ҷумлаи «Онҳоро касе намеронд ё сарзаниш намекард» бо аломатҳои шартӣ хат кашед.
4. Назорат аз болои кори мустақилонаи хонандагон.

IV. Супориши хонагӣ

Хон. саҳ. 145 -146, 153, § 24

АДАБИЁТ

1. Лутфулоев М. Дарс. -Душанбе: Маориф, 1995.
2. Лутфуллоев М. Асосҳои ибтидоии таълими забони модарӣ. Нашри 2. Душанбе: Собириён, 2007.
3. Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка-М.: Госучпедгиз, 1955.
4. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. - М.: Просвещение, 1980.
5. Ҳоҷиев С. Масъалаҳои муҳимми таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои IV-VIII. -Душанбе: Маориф, 1987.

ТАЪЛИМИ Ф7АСЛҲОИ КУРСИ МАКТАБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

БОБИ VI. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФОНЕТИКА ВА ИМЛО

§ 27. Вазифа ва мақсади таълими фонетика

Чунон ки маълум аст, фонетика илмест, ки овозҳои нутқ ва ё системаи овозии забонро меомӯзад. Ин фан дар мактаб, аввал, ҳамчун фасли махсус, омӯхта шуда, сипас, дар рафти таълими морфология ва синтаксис ҷузъиёти он давра ба давра такрор ва мустаҳкам карда мешавад. Ҳаҷман маводи назариявии ин қисмати забон дар муқоиса бо маводи морфология ва синтаксис хеле кам буда, мувофиқи талаби барнома, дар огози соли таҳсил, дар синфи V пас аз фасли «Такрор ва ҷамъбасти маводи синфҳои I-IV»[128] таълим дода мешавад.

Аммо, сарфи назар аз маҳдудии маводаш, аз фонетика хонандагон на танҳо маълумотҳои умумии меъёриро марбут ба системаи овозии забон меомӯзанд, балки донишҳои аз ин фасл андӯхтаи онҳо барои аз худ намудани силсилаи масъалаҳои дигари забони тоҷикӣ ба онҳо ёрии амалӣ ҳам мерасонанд.

Вазифаи аввалиндараҷаи таълими фасли мазкур, яъне «Фонетика», дар мактаб иборат аз он аст, ки ба хонандагон: доир ба системаи овозии забони тоҷикӣ донишҳои ҳақиқатан илмӣ дода шавад; дар бораи овоз ва ҳарф ва фарқи онҳо аз ҳамдигар, сабабҳои мувофиқат кардан ё накардани тарзи талаффуз ва навишти овоз ва ҳарфҳо дар баъзе калимаҳо, ниҳоят, дар бораи меъёрҳои талаффузи адабӣ додани маълумотҳои дақиқ, то ки чунин маълумотҳо ба хонандагон дар рафти таълими имло ва аломатҳои китобат ёвар гардида, дар ҷараёни таълими хониши ифоданок ва ҳам омӯзиши нормаҳои талаффузи забони адабии тоҷик, ҳамчун заминаи асосӣ, маҳсуб ёбанд.[129]

Дар маҷмӯъ ҳангоми таълими фасли «Фонетика», мувофиқи талаби барнома, ба хонандагон, пеш аз ҳама, доир ба вазифаи фанни фонетика, дастгоҳи гуфтор ва вазифаҳои он, хусусиятҳои овоз ва фарқи он аз ҳарф, алфавит, овозҳои садонок ва ҳамсадо, умумият ва фарқи онҳо, ҳамсадоҳои ҷарангнок ва бечаранг, таснифоти садонок ва ҳамсадоҳо вобаста ба ҳаракати дастгоҳи

---

[128] Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. -Душанбе, 2006, с. 8-9.
[129] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 134; Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ дар мактаби миёна, с. 64.

нутқ, ётбарсарҳо ва имлои онҳо, ҳодисаҳои фонетикӣ дар гуфтор (марбут ба овозҳои д, т, ҳ), зада ва мавқеи он дар калима маълумот дода мешавад. Ва додани чунин маълумотҳо бояд ба хонандагон бештар бо роҳи амалӣ нишон додан чи аз тарафи худи омӯзгор ва чи истифода аз аёният дастрас гардонда шаванд. Вале то ин ки донишҳои амалан додашаванда аз тарафи хонандагон аз рӯи принсипи илмию бошуурона аз бар карда шаванд, гоҳо аз рӯи зарурат нисбати баъзе ҳодисаҳои фонетикӣ маълумотҳои назариявӣ додан низ зарурат дорад.[130]

§ 28. Баъзе мулоҳизаҳо доир ба масъалаҳои асосии таълими фонетика

1.Дар дарси аввал ба хонандагон доир ба асли баромад ва маънои лугавии истилоҳи **фонетика,** таърифи он, дастгоҳи гуфтор, яъне узвҳои нутқ ва вазифаҳои онҳо дар ҳосил шудани овозҳо ва (агар синф пурқувват бошад) доир ба мафҳуми овоз ва ҳарф маълумот дода мешавад. Аз ҷумла, фаҳмондан лозим аст, ки **фонетика** аз калимаи юнонии **фоне,** ки маънои овоз, садо ва нутқро ифода мекунад, гирифта шудааст. Вале **фонетика** ҳамчун илм, на илм дар бораи умуман, овозҳо, балки илм дар бораи овозҳои нутқ аст.[131] Ҳамчунин, хонандагон бояд дуруст дарк кунанд, ки ҳосил шудани ин ё он овози нутқ низ ба фаъолияту амали ин ё он узвҳои нутқ (забон, лабҳо, дандонҳо, садопарда, шуш, хирной, хекиргак, даҳон, коми болою поён, забонча, димоғ), хусусан, ба амали узвҳои фаъоли нутқ – **забон, лабҳо, садопарда, шуш, коми болою поён** ва **забонча** вобастагии қавӣ дорад. Дар ин бобат аз шарҳи муаллим бояд ба хонандагон дақиқ дастур дода шавад, ки ҳангоми ҳаракати кадоме аз ин узвҳо маҳз ин ё он овози нутқ ташаккул меёбад. Масалан, донанд, ки ҳангоми талаффузи овозҳои **б, п, м** лабҳо ба ҳам ҷафс шуда, вале дар ҷараёни талаффузи овозҳои **в** ва **ф** лаби поён ба дандонҳои боло бармехӯраду ҳангоми талаффузи овозҳои **д, т, з, с** расиши нӯги забон ба дандонҳои пеш ҳис карда мешавад ва ғ. Ҳамин тавр, масъалаи шарҳи дурусту илмии хусусият ва вазифаи дастгоҳи гуфтор ба андешае «калиди боби «**Фонетика**»-ро ба дасти шогирдон додан буда, дарки дигар мавзӯъҳои таркибии

---

[130] Ниг. Поздняков Н. С. Методика преподавания русского языка, с. 87.
[131] Ҳамон ҷо, с. 87.

марбути ин фасли забон барояшон хеле ва хеле ба осонӣ даст хоҳад дод.[132]

Ҳангоми шарҳи **овоз чисту ҳарф чист,** пеш аз ҳама, хонандагон фаҳманд, ки на ҳамаи овозҳое, ки инсон талаффуз мекунад, ба овозҳои нутқ мансубанд. Ҳамчунин, онҳо бояд донанд, ки овоз хурдтарин воҳиди нутқ буда, барои фарқ кардани маъно (ва ҳам шакл) дар калима хизмат мекунад. Ва доир ба ин нукта шогирдон дақиқ фаҳманд, ки аксар вақт иваз намудани як овоз дар калима боиси тамоман дигар шудани он калима чи аз ҷиҳати маънову ва чи шакл хоҳад гашт. Масалан, дигар шудани овозҳои аввал, охир ва ё мобайн дар калимаҳои зерин: **х**она, **ш**она, **д**она; бо**р**, бо**з**, бо**г**, бо**ч**, бо**к**; бу**д**, ба**д**, бе**д**, бо**д** ва ғ.

Хонандагон, албатта, ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ медонанд, ки овозҳоро дар навишт бо ҳарфҳо ифода мекунанд. Ва чунин таърифҳоро «Овозро мешунавем ва талаффуз мекунем», «Ҳарфро мебинем ва менависем» аксар медонанд. Аммо дар амал онҳо байни овоз ва ҳарф фарқ гузошта натавониста, дар шарҳи онҳо ба омезиш (садонокро ҳамсадо ва баръакс ҳамсадоро садонок пиндошта, миқдори садоноку ҳамсадоҳоро, хусусан, дар мавриди каму зиёд будани миқдори овоз ё ҳарф дар айни як калима) роҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, то ки чунин ҳолат рух надиҳад, аз хелҳои зерини машқҳо бояд истифода бурд: 1) Дар ҷумлаи зерин ба зери калимаҳое хат кашед, ки миқдори овоз ва ҳарфашон баробар бошанд:[133] Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ вақти аз зина баромадан ё фаромадан бо даст салом кардан мумкин нест.

2) Дар ҷумлаи зерин ба зери калимаҳое хат кашед, ки миқдори овозашон нисбат ба ҳарфҳо зиёд бошанд: Одамон ҳангоми аз сафар баргаштан бо хешовандон, дӯстон, ҳамсояҳо якдигарро ба оғӯш гирифта мебӯсанд.

3) Ба зери калимаҳое хат кашед, ки дар онҳо миқдори ҳарф нисбат ба овоз зиёдтар бошад: санъат, маъруф, машъал, таърих, масъул, маъно, ҷамъият.

Дар ҷараёни иҷрои машқҳо хонандагонро ба чунин хулоса овардан лозим аст, ки миқдоран зиёд будани овозҳо, пеш аз ҳама, дар калимаҳое ба мушоҳида гирифта мешавад, ки агар дар таркибашон *овозҳои* ётбарсар (ё, ю, я, е) бошанд. Зеро ётбарсарҳо гарчи бо як ҳарф навишта шаванд ҳам, дар талаффуз,

---

[132] Ниг.: Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ дар мактаби миёна, с. 65.

[133] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 135-136.

хусусан, сетои аввал ҳама вақт ду овозро: ё – **йо, ю-йу, я-йа,** ифода мекунанд.* **Е** дар калима дар сурати пас аз садонок (хонае, порае, омадаем, рафтаем) ва ҳангоми дар аввали калима (елим, ему хошок, Европа) омаданаш чун ётбарсарҳои дигар бо ду овоз **йэ** талаффуз карда мешавад. Ин ҳарф дар калима бо ҳамсадо ҳичои кушода (рӯзе, шаҳре, деҳе, моҳе) ва бо ду ҳамсадои дар ду тарафаш буда ҳичои бастаро (шер, дер, зер, омадем, рафтем) ташкил диҳад, на чун ётбарсар, балки ҳамчун садоноки **э** талаффуз карда мешавад. Дар чунин ҳолатҳо бояд ҳамчун садонок ба ҳисоб гирифта шавад. Ҳамчунин бояд таъкид шавад, ки садонокҳои **и** ва **й**-и задонок дар калима дар сурати пас аз садоноки дигар омадан низ чун ётбарсарҳо бо ду овоз (доира, шоира, бобои Шоҳрух, ёбой, зебой, Саной, Навой ва г.) талаффуз карда мешаванд. Яъне дар чунин калимаҳо низ миқдори овозҳо нисбат ба ҳарфҳо зиёд ба ҳисоб гирифта мешаванд.

2. Дуруст таълим додани алфавит (алифбо) ва дақиқ фаҳмонидани моҳияти ҳаматарафа аз худ намудани тартиби алфавити забони тоҷикӣ барои шогирдон дорои аҳамияти амалию ҳаётӣ хоҳад буд. Дақиқ аз худ (аз ёд) намудани алфавит аз рӯи тартиби муқарраршудааш, пеш аз ҳама, ҳангоми таълими таснифоти овозҳои нутқи забони тоҷикӣ (садонокҳо ва ҳамсадоҳо, ҳамсадоҳои ҷарангнок ва бечаранг, инчунин гурӯҳбандии овозҳои нутқ вобаста ба ҳаракати узвҳои нутқ ё худ ҷои ташкилёбиашон) яке аз заминаҳои боэътимод хоҳад гашт. Аммо чунон ки таҷриба нишон медиҳад, на ҳамаи хонандагони синфи V, алфавити забони тоҷикиро аз рӯи тартиби муқарраршуда медонанд ва номи ҳарфҳоро ҳам.

Мувофиқи талабот алфавит марбут ба тартиби ҳарфҳои дар он омада бояд аз тарафи хонандагон басо дақиқ аз худ карда шавад. Зеро бе дуруст донистани алфавит ва тартиби ҳарфҳо дар он кас, аз ҷумла хонандагон аз китобҳои луғат, чунон ки бояд, истифода бурда наметавонанд. Аз ин рӯ, ҳар як хонанда вазифадор аст, ки ҳар як ҳарфро аз рӯи тартиби ҷойгиршавиаш

---

* **Таъкид.:** Бояд гуфт, ки аксари хонандагони мактаб ва донишҷӯёни соли аввали факултаҳои филологии мактабҳои олӣ ётбарсарҳоро номбар карда ва шинохта тавонанд ҳам, аммо ба саволи «Чаро **ё, ю, я, е**-ро ётбарсар меноманд?» ҷавоби мушаххас дода наметавонанд. Аз ин ваҷҳ, ҳангоми шарҳи хусусиятҳои ётбарсарҳо омӯзгорон бояд чунин таъкид намоянд: Ин ҳарфҳо дар талаффуз ду овозро ифода мекунанд ва азбаски овози якуми ҳамаи онҳоро ҳарфи **й** (**йи** ё худ **ёт**) ташкил медиҳад, **ётбарсар ном гирифтаанд.**

дар системаи алфавит на танҳо бе хато номбар кунад, хатто кадом ҳарф пеш ё баъд аз кадом ҳарф истоданашро ҳам донад (масалан, ҳарфи **л** пас аз ҳарфи **к** ва пеш аз **м** истодаасту ҳарфи **н** пас аз **м**, ҳарфи охири алфавит **я** буда, он пас аз ҳарфи **ю** гузошта шудааст ва ғ.).

Барои он ки гуфтаҳои фавқ марбут ба тарзи ҳифзи алфавити забони тоҷикӣ амалӣ гардад, бояд хонандагон ба иҷрои амалҳои зерин сафарбар карда шаванд: 1) Ҳар як хонанда ҳарфҳоро аз рӯи тартиби муқарраршудаашон дар системаи алфавит бояд бе хато номбар карда тавонад.

2) Муаллим ё хонандае чанд ҳарфро аз ягон қисмати алфавит номбар мекунад, хонандаи дигар боз чанд ҳарфро аз идомаи он ҳарфҳои номбаршуда, хонандаи сеюм боз чанд ҳарфи дигарро ва ғ. Ин машқро дигар хел, масалан, ба тариқи аз ҳарфи охири алфавит **я** сар карда то огози ҳарфи аввали он -**а** қисм-қисм (масалан, 5-то-5-то) ё пурра номбар намудани ҳарфҳо ҳам ташкил намудан мумкин аст.

3) Яке аз машқҳои сермаҳсул дар ин бобат он аст, ки агар хонандагон бо супориши муаллим номи фанҳо, рӯзҳои ҳафтаву моҳҳо; шаҳру давлатҳо, дарёву уқёнусҳо, ном ва насаби ҳамсинфон ё худ адибонро аз рӯи алфавит ба хотир оварда нависанд. Усули дигари машқи ҳифзи алфавит низ дар таҷрибаи кори омӯзгорон ба мушоҳида мерасад: бо дархости муаллим ҳар чӣ бештар номбар намудани силсилаи калимаҳое, ки ҳарфи аввалашон **а** ё **б** ё худ **в** мебошад. Чунончи: Ашт, Абдулло, ангур, арзан, Аскар, анор, арзон, ахтар, Арманистон, асбоб, Артиши Миллӣ; Баҳром, баҳор, Баҳодур, баҳра, баодоб, баҳр, барг, барзагов, Бадахшон ва ғ. Бояд гуфт, ки ин ҳар ду усули истифодаи машқҳои номбаршуда то андозае хонандагонро дар рӯҳияи бе хато навиштан ҳам тарбия менамоянд.[134]

Таъкид бояд намуд, ки хонандагон аксар дар алфавити забони тоҷикӣ аз 35-то иборат будани ҳарфҳоро донанд ҳам, вале чӣ тавр гурӯҳбандӣ шудани онҳоро аз рӯи хусусияти овозиашон дақиқ намедонанд. Дар ин бобат диққати онҳо, пеш аз ҳама, ба чунин нукта ҷалб карда шавад. Яъне онҳо донанд, ки аз 35-ҳарфи дар алфавит буда 6-тоаш овозҳои садонок, 23-тоаш овозҳои ҳамсадо, чортоаш ётбарсар ба шумор рафта, ду ҳарфи боқимонда **-ъ** ва **й** махсус овозҳои алоҳидаро ташкил намедиҳанд.

3. Таълими садонокҳо ва ҳамсадоҳо низ аз масъалаи басо муҳими фонетика ба шумор меравад. Гап дар сари он аст, ки

---

[134] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 137.

аксар хонандагон овозҳои садонок ва ҳамсадоҳоро дар алоҳидагӣ номбар кунанд ва ё дар такриби калимаҳо онҳоро фарқ карда тавонанд ҳам, сабаби чаро садонок ва ҳамсадо номида шудани ин ду гурӯҳи овозҳои нутқро шарҳ дода наметавонанд. Ё худ 13-то будани ҳамсадоҳои ҷарангноку 10-то будани ҳамсадоҳои бечарангро донанд ҳам, ба саволи «Чаро ҷарангноку чаро бечаранг? номида шудани он ҳамсадоҳо, масалан, ба саволҳои «Чаро **б** ҳамсадои ҷарангнок асту **п** бечаранг?» аксар ҷавоб дода наметавонанд. Гумон меравад, ки сабаби бештар ба мушоҳида гирифтани ин ҳолат зиёда ба таври бояду шояд шарҳ наёфтани масъалаи мазкур на танҳо дар китобҳои дарсии мактаби миёна, балки дар китобҳои барои мактабҳои олӣ тавсияшуда низ иртибот дорад.

Марбут ба ин гуфтаҳои охир муаллимро лозим меояд, ки вобаста ба кору фаъолияти дастҷоҳи нутқ, аввалан, хусусиятҳои умумӣ ва аз ҳам фарқкунандаи садонокҳо ва ҳамсадоҳоро ба хонандагон (шояд ба тафсил бошад ҳам) фаҳмонад, то ки хусусиятҳои асоии ин ду гуруҳи овозҳои нутқро на ба тариқи механикӣ (рӯякӣ), балки аз ҷиҳати илмӣ бошуурона аз бар намоянд. Аз ин рӯ, муаллим, сараввал, «ба таври мухтасар дар бораи узвҳои нутқ ва иштироки онҳо дар ташаккули ин ду гурӯҳи асосии овозҳои нутқ... маълумот медиҳад».[135] Ҳамчунин, лозим аст, ки ин лаҳза ба хонандагон дар бораи мафҳумҳои **садо, шавшув,** ки дар заминаи онҳо овозҳои нутқ пайдо мешаванд, маълумот дода шавад. Аз шарҳи муаллим ба шогирдон бояд нуктаҳои зайл маълум шавад: он овозҳое, ки ба тавассути онҳо садонокҳо талаффуз карда мешаванд, **садо**, яъне овозҳои ҷарангосӣ ном доранд. Дар талаффузи ҳамсадоҳо бошанд **садо** ва **шавшув** (овози пасти хиширросӣ) ширкат меварзанд.

Сипас, аз шарҳи муаллим хонандагон амалан дарк кунанд, ки ҳангоми талаффузи садонокҳо, ҳавои аз даҳон бароянда ба ягон монеа (бе ба ҳам бархӯрдан ё расидану молишхӯрии узвҳои нутқ) дучор намешавад. Аз талаффузи ҳар яки онҳо танҳо як овоз шунида мешавад, «онҳо кашишнок... талаффуз карда мешаванд, оҳангдоранд, бо ёрии онҳо суруд хондан (масалан, о-о-о-о...; э-э-э-э... ва ғ.-С.Ш.) мумкин аст...».[136] Аз рӯи ҳаракати лабҳо лабӣ (о, у, ӯ) ва ғайри лабӣ (а, и,э) мешаванд. Дар ин бобат бояд шарҳ дод, ки ҳангоми талаффузи садонокҳои лабӣ – лабҳо ба пеш кашида шуда, як дараҷа ҳолати доиравиро мегиранду ҳини

---

[135] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.135.

[136] Кабулов М. Методикаи забони тоҷикӣ барои мактабҳои... с. 65.

талаффузи садонокҳои ғайрилабӣ лабҳо каме кушода шаванд ҳам, ҳаракати онҳо қариб эҳсоснашаванда мебошад.

Дар қиёс бо садонок ҳамсадо овозҳое мебошанд, ки дар ташаккули онҳо ҳам садо ва ҳам шавшув ширкат меварзанд ё худ онҳо – ҳамсадоҳо аз садо ва шавшув ташкил ёфта, ҳатман ҳангоми талаффузашон ҳавои аз даҳон бароянда ба ягон монеа дучор мешавад. Чунончи, ҳангоми талаффузи овозҳои **б, п** лабҳо ба ҳам бархӯрда, дар вақти талаффузи овозҳои **з, с** нӯги забон ба дандонҳои пеш мерасад. Ба ҷуз ин, ҳангоми аз рӯи номашон талаффуз намудани ҳар як ҳамсадо ду овоз – **бе, ве, ге, ге** ва ғ. шунида мешавад.

Маълум аст, ки ҳамсадоҳо ба ду гурӯҳ – **чарангнок** ва **бечаранг** ҷудо карда шудаанд. Хонандагон бояд аз шарҳи муаллим дарк кунанд, ки ба чунин гурӯҳҳо – **чарангнок** ва **бечаранг** ҷудо карда шудани ҳамсадоҳо вобаста ба ширкати садо ва шавшув ба вуҷуд омадааст. Ва ҳамсадоҳои ҷарангнок онҳое (шумораи онҳо 13-то: б, в, г, д, ж, з, й, л, м, н, р, ғ, ҷ) мебошанд, ки дар ташаккулашон ҳам садо ва ҳам шавшув ширкат меварзанд. Дар ташаккули ҳамсадоҳои бечаранг бошад (онҳо миқдоран 10-то: к, п, с, т, ф, х, ҳ, ч, ш, қ) танҳо овозҳои шавшув ширкат меварзанд.

Бояд гуфт, ки маҳз дарки он, ки ҳамсадоҳои ҷарангнок аз садо ва шавшув, вале бечарангҳо танҳо аз шавшув ташкил меёбад, қариб, ки ин мафҳумҳо барои аксари хонандагон мудом дастнорас мемонад. Лозим аст, ки дар ин бобат се нукта амалан шарҳ дода шавад. Чунончи: 1) Чи ҳамсадоҳои ҷарангнок ва чи бечарангро то ҳадди ақал паст талаффуз кардан лозим. Дар чунин ҳолат ҳамсадоҳои ҷарангнок аксар чун ҳамсадоҳои бечаранг (масалан, **б** чун **п, в** чун **ф, г** чун **к**) талаффуз карда мешаванд, вале ҳамсадоҳои бечаранг ҳар қадар паст талаффуз карда шаванд ҳам, дар онҳо ягон навъ тағйироти овозӣ рӯй намедиҳад. Хулоса аз гуфтаи охир ин аст, ки ҳангоми ниҳоят паст талаффуз кардани ҷарангнокҳо аз онҳо садо барҳам хӯрда, танҳо шавшув боқӣ мемонад, ки дар натиҷа аксари онҳо, ба ҷуз ҷарангнокҳои **л, м, н, р** ба яке аз овозҳои бечаранг **(б** ба **п,** д ба **т,** ҷ ба **ч ва г.)** шабоҳат пайдо мекунанд.

2) Нишонаи дигари фарқ кардани ҳамсадоҳои ҷарангнок аз бечаранг чунин аст: ду панҷаро ба ду тарафи хекиртак гузошта, бо навбат як овози ҷарангнок, як бечарангро талаффуз кардан гиред. Дар ин ҳолат шумо ҳангоми талаффузи ҳар як ҷарангнок нисбат ба талаффузи бечаранге ларзиши як андоза дақиқ эҳсосшавандаро ҳис мекунед.

3) Агар бо панҷаҳои ишорат гӯшҳоро сахттар маҳкам намуда, ҳамсадоҳои ҷарангнокро ба тарзи дар боло зикршуда талаффуз намоед, ин лаҳза ҳини талаффузи ҳар як ҷарангнок такконе ва ё зарбаеро дар таги панҷаҳо ҳис мекунед, ки ин ҳолат дар ҷараёни талаффузи бечарангҳо кариб эҳсоснашаванда аст.

Хонандагон, ҳамчунин, бояд донанд, ки ҳангоми талаффузи овозҳои бечаранг ҳаво аз даҳон бештар мебарояд. Ин нукта бо ду роҳ муқаррар карда мешавад: ё шамъи даргирифтаистода ё худ кафҳои дастро ба даҳон хеле наздик оварда, аввал, ҳамаи ҳамсадоҳои ҷарангнок, баъд, тамоми бечарангҳоро талаффуз кунед. Дар ин ҳолат, хусусан, дар ҷараёни талаффузи бечарангҳо дар кафи даст нами ё худ арақ пайдо шуда, агар дар назди даҳон шамъ нигоҳ дошта шуда бошад, аз фишори ҳавои аз даҳон бароянда, хусусан, дар вақти таллафузи бечарангҳои **п ё ф** хомӯш шудани шамъ аз гумон дур нест.*

Пас аз шарҳи фавқ марбут ба роҳҳои аз ҳам фарқ намудани ҳамсадоҳои ҷарангнок аз бечаранг, ки он ҳама хусусиятҳои ин ду гурӯҳи овозҳои нутқро намоиш медиҳанд, муаллим метавонад диққати шогирдонро, умуман, ба таснифоти овозҳои ҳамсадо аз рӯи ҳаракати лабҳо, ки лабӣ ва ғайрилабӣ (ғайрилабиҳо боз, дар навбати худ, ба шаш гурӯҳ – лабу дандонӣ, нӯгизабонӣ, миёназабонӣ, пасизабонӣ, бехизабонӣ ва халқӣ ҷудо карда шудаанд)[137] мешаванд, ҷалб мекунад. Хуб мешавад, ки ҳангоми ба ин тарз гасниф намудани ҳамсадоҳо, (аз ҷумла, ҳангоми таснифоти садонокҳо ҳам), ҳамчун аёният, аз таблитса (харитаи анатомӣ)[138] истифода бурда шавад.

Барои он ки мавзӯи «Ҳамсадоҳои ҷарангнок ва бечаранг» ба хонандагон бехтару хубтар дастрас гардад, дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ онҳоро ба иҷрои машқҳои зерин ҳам бояд водор намуд: а) дар калимаҳои додашуда бо муайян намудани ҳар як ҳамсадои ҷарангноку бечаранг шарҳ додани хусусиятҳои дигари ҳамон ҳамсадо;

б) дар калимаҳои додашуда шарҳ додани баъзе ҳодисаҳои фонетикие ки дар ҷараёни талаффузи онҳо мушоҳида карда мешавад. Масалан, пеш аз ҳамсадоҳои бечаранг т басо хира

---

* **Таъкид.** Омӯзгорро лозим аст, ки ин ҳама гуфтаҳои фавқро марбут ба роҳҳои фарқ намудани ҳамсадоҳои ҷарангнок аз бечарангҳо дар рафти баёни мавзӯи «Ҳамсадоҳои ҷарангнок ва бечаранг» амалан шарҳ диҳад.

[137] Ниг.: Хаскашев Т., Ҳомидов Р. Забони тоҷикӣ (Барои синфи V). - Самара: Фёдоров, 2000,с. 86.

[138] Ниг.: Ҳамон ҷо, с. 77; Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. с. 135.

талаффуз шудан ва ё талаффуз нашудани ҷарангноки д (баландтар, зудтар , хурдтар) ё худ бечаранг (чун **п**) талаффуз шудани ҷарангноки **б** (**иптидо** – ибтидо; **муптадо** – мубтадо), пеш аз ҷарангноки **г** ва ё бечаранги **т**-и дуюм пурра талаффуз нашудани ҳамин ҳамсадо, яъне **т** (дасттоҳ, истгоҳ пасттар, сахттар), пас аз садонок хира талаффуз шудан ё нашудани ҳамсадои бечаранги **х** (истг**ох**, хобг**ох**, ҷойгах, рӯбоҳ, ҳамроҳ) ва ниҳоят, дар охири калима пас аз ҳамсадои ҷарангноки **н** қариб пурра талаффуз нашудани ҷарангноки **д** (бала**нд**, омада**нд**, рафта**нд**, гуфта**нд** ва г.) эҳсос карда мешавад.

Доир ба ин ҳама ҳодисаҳои фонетикие, ки дар басти боло таъкид гардид, хонандагон аз шарҳи муаллим бояд фаҳманд, ки тағйир ёфтани чи ҳамсадои ҷарангнок ва чи бечаранг танҳо дар ҷараёни талаффузи калимаҳо рух медиҳанд. Аммо тарзи навишти калимаҳо, ки дар ҷараёни талаффузашон ин ё он ҳодисаи фонетикӣ эҳсос карда мешавад, аз рӯи принсипи морфологии имло баррасӣ мегардад. Зеро агар он калимаҳо аз рӯи тарзи талаффузашон навишта шаванд, маъноямон коста гардида, ба хусус, ба фаҳмидани мазмуни ҷумла ин ё он душвориеро пеш меоранд. Барои ҳамин ҳам, ҳангоми шарҳи ҳодисаҳои фонетикӣ ва таҳлили мисолҳо калимаҳоро дар ду шакл ҳам аз рӯи тарзи талаффуз (зарча, пастар, даспона, дастгирӣ, исгоҳ) ва ҳам аз рӯи имлои аслиашон (зардча, пасттар, дастпона, дастгирӣ, истгоҳ) бо ишора намудани овозҳои дар талаффуз эҳсоснашаванда дар тахтаи синф, дар ду сутун, навишта ба тариқи муқоиса шарҳ додан зарурат дорад. Ҳамчунин, аз шарҳи муаллим ба шогирдон ҳамин нукта ҳам маълум гардид, ки ҳамаи он калимаҳое, ки тарзи навишташон аз тарзи талаффузашон фарқ мекунанд, дар мавриди дигар (ба шарти аз онҳо соқит шудани решаи дуввум, ё пасванд) масалан, дар сурати ба онҳо ҳамроҳ шудани ҳиссаҳои нави калимасозу калимабанд, тарзи талаффуз ва навишташон ба ҳам мувофиқат мекунад. Чунки дар ҳолати нав ҳамон ҳамсадоҳои талаффузашон номаълум ва ҳатто талаффузнашаванда равшану бурро талаффуз карда мешаванд.

Чунончӣ: баландтар-баланд-баландӣ; зардча-зард-зардӣ; пасттар-паст -пасту баланд; иззатмандтар -иззатманд-иззатмандӣ ва г.[139]

4. **И** ва **Й** -и заданок, **У** ва **Ӯ**. Таҷрибаҳо собит менамоянд, ки аксари хонандагони мактабҳои ҷумҳурӣ ҳангоми навишти калимаҳои дорои чунин ҳарфҳо буда хато содир мекунанд. Яъне

---

[139]Ниг.: Қурбонов М. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби миёна. с. 66-67.

дар калимаҳо ба ҷои **и** й-и заданок, ба ҷои **у** ӯ ва баръакс, **й** -и заданок не **и**, ӯ не – **у** менависанд. Азбаски чунин навъи хатоҳо дар навиштаҳои аксари шогирдон ба мушоҳида мерасад, дар методикаи таълим **хатоҳои типикӣ** (маълум) ном гирифтанд. Аз ин рӯ, омӯзгоронро лозим меояд, ки дар рафти баёни мавзӯъ, ҳангоми таҳлили матну мисолҳо дар тахтаи синф ва баёни хулосаҳои мухтасар доир ба натиҷаи корҳои хаттии дар дафтарҳо иҷронамудаи онҳо диққати аҳли синф бештар ба хатоҳои типикӣ ҷалб карда шавад.

Чунон ки маълум аст, дар забони тоҷикӣ, аслан, овози **и** якто буда, он вобаста ба мавқеъ кӯтоҳу (китоб, гиреҳ, шитоб, барои, пеши) гоҳо дароз (гир, дид, зишт, оддӣ, ҷиддӣ) талаффуз карда мешавад. Аммо мушоҳидаҳо собит менамояд, ки дар аввал ва ё дар мобайни калима дароз талаффуз шудани овози **и** (имрӯз, инак, илм, пир, тир, панир) камтар назаррас буда, дар охири калимаҳо дароз талаффуз шудани он аз ҷумлаи ҳодисаҳои басо сермаҳсули забон ба шумор меравад. Ҳамзамон, ин овоз аз рӯи мавқеи дар охири калима доштааш вазифаҳои гуногуни лексикию грамматикиро (чунончи, а) ҷузъи хатмии реша: шолӣ, холӣ, бибӣ, моҳӣ; б) суффиксӣ калимасоз: баландӣ, пастӣ, меҳнатӣ, имлоӣ; в) ҷузъи дигар суффиксҳо: хонагӣ, рӯякӣ, рафтагӣ, холигӣ, замонавӣ; г) бандаки феълӣ ва хабарӣ: омадӣ - омадаӣ, хондӣ-хондаӣ ва амсоли ин) адо менамояду дар навишт барои аз **и** - и муқаррарӣ фарқ кардан ба болояш аломати нимтире (-) - ро ҳамчун рамзи дароз ё худ заданок талаффуз шуданаш мегузоранд ва ба ҳамин сабаб онро й-и заданок меноманд. Вале чун **й** - и заданок дар охири калима омадани **и-и** муқаррарӣ низ ҳодисаи сермаҳсули забон ба шумор равад ҳам, он, яъне **и**-и муқаррарӣ, шаклан танҳо як вазифа -ду калимаро ба ҳам алоқаманд намуда (гирамоҳ**и** пурфайз, зимистон**и** сербарф, шаҳр**и** Душанбе), ибора месозад, ки аз рӯи чунин вазифааш онро **бандаки изофӣ** меноманд. Ана дар чунин мавридҳо хонандагон ҳангоми аз рӯи дикта навиштан таркибу ибораву ҷумлаҳо ва ё дар вақти навиштани диктант, иншо ва нақлҳои хаттӣ дар имлои **и**-и изофат ва **й**-и заданок ба дарҳамбарҳамӣ роҳ медиҳанд, яъне ба ҷои й-и заданок изофат ва баръакс ба ҷои изофат (и) й-и заданок менависанд.

Аз ин ваҷҳ, то ки дар навиштаҳои хонандагон чунин омехтакунӣ дар имлои **и**-и изофату **й**-и заданок рух надиҳад, омӯзгоронро лозим аст, ки шогирдонро, пеш аз ҳама, ба иҷрои чунин машқҳо, ки ба тариқи муқоиса барасӣ шудаанд, сафарбар намоянд:

1)Ибораҳои изофиеро дикта ва қироат кардан лозим аст, ки ҳарфи охири ҷузъи тобеашон **ӣ**-и заданок бошад. Чунончи: кори фикрӣ, гандуми баҳорӣ, шаҳри бостонӣ, китоби бадеӣ, давраи ҷавонӣ, дафтарҳои даврагӣ, меваҳои пухтагӣ, сухани шунидани ва ғ.

2)Аввал, калимаҳои дорои ӣ-и заданок, сипас, ибораҳои изофиеро дикта бояд намуд, ки дар онҳо изофат маҳз дар охири ҳамон калимаҳо васл шуда омада бошад. Чунончи: Рӯдакӣ – Рӯдаки**и** шоир, моҳӣ – моҳи**и** шӯр, холигӣ – холигии даҳон, саҳарӣ – саҳари**и** барвақт, некӣ – неки**и** фарамӯшнаванда, тозагӣ – тозаги**и** синф, шӯхӣ – шӯхи**и** рафиқона ва ғ.

3)Матнҳоеро барои рӯбардоркунӣ пешниҳод бояд кард, ки ба ҷои нуқтаҳо гузоштани **и** ё **ӣ** -и заданокро талаб намоянд. Ин гуна матнҳоро худи муаллим ҳам тартиб дода, тавассути ба тахтаи синф навиштан ва ё худ ба воситаи кодоскоп ё эпидоскоп намоиш додан метавонад пешкаши хонандагон намояд.

Албатта, зимни қироати муаллим аз тарафи хонандагон танҳо навиштани калимаю ибораҳои дар се басти боло баррасӣ гардида нокифоя аст. Ҳамзамон, талаб бояд намуд, ки он калимаю ибораҳо ва матнҳои бо супориши грамматикӣ рӯбардор карда шударо онҳо низ чун устодашон қироат намуда, ба тарзи талаффузи **и**-и изофат ва **ӣ**-и заданок риоя намоянд. Хусусан, аз шарҳи муаллим ва ҳам аз мушоҳидаи мисолҳои дар басти дуюм овардашуда дарк намоянд, ки дар сурати дар охири калимаҳои ӣ-и заданок доштагӣ бандаки изофӣ ва ё дигар ҳиссаҳои калимасозу калимабанд омадан аломати ӣ-и заданок, яъне нимтире, навишта намешавад. Чунончи: доҳӣ -доҳии халқ, моҳӣ - моҳихӯрак, Низомӣ -Низомии Ганҷавӣ, туфлӣ -туфлича, ҳавлӣ - ҳавлиҳо -ҳавлирӯб ва ғ.

Ва албатта, онҳо бояд тақлидан ба мисолҳои дар ҳар басти боло овардашуда аз худ низ калимаву ибораҳоро фикр карда ва ё аз матни асарҳои бадеӣ ба дафтарашон навишта, бо риояи тарзи талаффузи **и** ва ӣ-и заданок қироат ҳам кунанд.

Ба ҷуз ин ҳама, чунон ки гуфтем, ӣ-и заданок вазифаи бандаки феълӣ ва хабарии шахси дуюми танҳоро (хондӣ-хондай; дидӣ -дидай) низ адо менамояд. Дар ин бобат бояд хонандагон фаҳманд, ки дар чунин ҳолат он шиддатнок ё худ заданок талаффуз карда намешавад, вале дар навишт, барои он ки он, ҳамчун бандаки феълӣ ё хабарӣ, аз бандаки изофӣ фарқ карда шавад, ба болояш ҳамон аломати нимтиреро, чун дар ӣ-и заданок, мегузоранд.

5. Аз худ намудани хусусиятҳои **у** ва **ӯ** дар ҷараёни таълим барои хонандагон баъзе душвориҳоро пеш меорад. Ин душворӣ

ҳам дар тарзи талаффуз ва ҳам дар навиштаҳои онҳо баръало мушоҳида мегардад. Яъне ба сабаби он ки овозҳои мазкурро дуруст талаффуз карда наметавонанд, дар навишти калимаҳои дорои чунин ҳарфҳо буда ба хатонависӣ (ба ҷои **у ӯ** менависанду ба ҷои **ӯ у**) роҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, онҳо аз шарҳи муаллим амалан дарк кунанд, ки дар ҷараёни гуфтор **у** кӯтоҳу **ӯ** дароз (Ин маврид муаллим бояд **у** ва **ӯ** -ро ду-се маротибагӣ: **у-ӯ, у-ӯ, у-ӯ-**гӯён ҳамчун намуна талаффуз кунад) талаффуз карда шаванд ҳам, якеро у-и кӯтоҳу дигареро у-и дароз номидан нашояд. Зеро ҳар кадоме аз инҳо дар забони тоҷикӣ овоз ё ҳуд фонемаи мустақил ба шумор рафта, хусусан, дар калимаҳои зайл ба ҷои яке дигареро истифода намудан боиси пурра тағйир ёфтани маъноӣ лугавии калима хоҳад шуд: хурд-хӯрд, бур-бӯр, сум-сӯм, гул-гӯл ва ғ.

Инчунин барои фаҳмотар шудани нуктаи мазкур ҳар яки ин калимаҳоро дар ҷумлаҳо ҳам шарҳ додан ба мақсад мувофиқтар аст.

Чунончи: 1. Бародари ман ҳоло **хурд** аст.-Ӯ ин пағоҳ шир хӯрд. 2. Гул шукуфт. - Одами **гӯл** дар ҳаёт азоб мекашад. 3. Бо **бӯр** менависанд. -Писарам, ин дарахтро **бур**.[140]

Барои он ки хонандагон дар имлои **у** ё **ӯ** ба хато роҳ надиҳанд, барояшон донистани қоидаҳои зерин низ кӯмак хоҳанд кард:

1) Агар дар охири ҳиҷои баста ҳамсадоҳои **ҳ, й (йи)** ва **ъ** (аломати сакта) бошанд, пеш аз онҳо на **у**, балки **ӯ** навишта мешавад. Чунончи: кӯҳ, нӯҳ, шукӯҳ, рӯҳ; бӯй, ҷӯй, сӯй, мӯй; мавзӯъ, шурӯъ, мӯъмин, лӯъбат, шӯъла ва ғ. Аммо ҳангоми калимасозӣ ё калимабандӣ дар ин калимаҳо ҳиҷоҳои баста ба кушода (кӯҳ-кӯҳӣ -кӯҳи баланд; шукӯҳ -шукӯҳи шаҳр) бадал шаванд ҳам, **ӯ** навишта мешавад, чунки он на ба ҳиссаи ҳамроҳшуда, балки ба решаи калима мансуб аст. Ин нуктаро метавон бо аломатҳои шартии таркиби калима низ нишон дод.

Масалан, ин тавр: кӯҳ - кӯҳӣ - кӯҳи баланд; нӯҳ- нӯҳум-нӯҳуми майда ва ғ. Аммо дар калимаҳои зерин пеш аз ҳамсадои **ҳ ӯ** не, балки **у** навиштан лозим аст, чунки дар онҳо **ҳ** ба ҳиҷои баъдина мансуб аст: муҳим–му-ҳим; муҳаббат–му–ҳаб-бат, муҳокима – му-ҳо-ки-ма ва ғ.

2) Агар дар калима ҳиҷоҳои **за, ра, ла,** бошанд, пеш аз ин ҳиҷоҳо низ **ӯ** менависанд: кӯза, мӯза, гӯра, кӯра, ҷӯра, лӯла, гӯла ва ғ.

---

[140] Ниг.: Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ дар мактаби миёна, с.

Гуфтан ҷоиз аст, ки на ҳамаи мавридҳои дар калимаҳо омадани овозҳои **у** ё **ӯ** ба ин ё он қоидае мансубанд. Муҳимаш, ҳангоми қироати матнҳо, дар калимаҳои дорои чунин овозҳо буда ба меъёри талаффузи **у** ва **ӯ** қатъӣ риоя намуда, имлои навишти он калимаҳоро бо роҳи сабташон ба дафтар ба хотир гирифтани шогирдон зарурат дорад. Масалан, чунин калимаҳоро: тӯфон, кӯшиш, кӯтоҳ, гӯшт, сӯзиш, бӯса, бӯрон, бӯғча, дӯст ва амсоли инҳоро.

Барои он ки дар тарзи талаффузи овозҳои **у** ва **ӯ** хонандагон малака пайдо кунанд, чунин машқҳоро ҳам бояд истифода бурд.*

а) тарзи талаффузи **у** ва **ӯ** - ро дар калимаҳои зерин. ки дорои ин ҳар ду овозанд, машқ кунанд: гурӯҳ, шукӯҳ, мурӯд (навъи мева), гуфтугӯ, шустушӯ, пурзӯр, пурхӯр, дурӯғ, дурӯғгӯй, дурӯя ва ғ.

б) аз рӯи тартиб қироат намудани чуфти калимаҳои зерин, ки яке дорои овози **у**, дигаре дорои **ӯ** мебошанд:

1. пул-сӯм,	8. сутун-сӯ
2. ҷул-чӯл,	9. афсун -афсӯс,
3. гул-гӯл,	10. туман-тӯтӣ
4. кул-кӯл,	11. оҳу-адӯ,
5. Шукур-Шӯҳрат,	12. буз-рӯз,
6. суруд -Сӯҳроб,	13. сулҳ-сӯҳбат.
7. шутур- шӯриш,	14. рух-шӯх

Бояд таъкид намуд, ки мисолҳои дар ин баст овардашуда танҳо барои аз худ намудани меъёри талаффузи овозҳои **у** ва **ӯ** набуда, шогирдон он мисолҳоро бояд ба дафтарашон навишта, бо супориши муаллим, чун дар ҳар ду баст, аз луғатҳо низ мисолҳои мувофиқро рӯбардор кунанд ва то ки имлои он ҳама дақиқтар дар хотирашон нигоҳ дошта шавад, он калимаҳоро дар ҷумлаҳои сохтаи худ истифода ҳам баранд. Ниҳоят, чун дар таълими имлои **и** ва **й**-**и** заданок, матнҳое ҳам барои рӯбардоркунӣ пешниҳод карда шаванд, ки ба ҷои нуқтаҳо гузоштани **у** ё **ӯ**-ро талаб намоянд.

5. **Аломати сакта** (ъ). Таълими ин мавзӯъ аз муаллим дар баробари дониши хуб маҳорату малакаи муфиди методиро талаб мекунад. Чунки ин ҳарф дар таркиби калима ду вазифаи лексикӣ: а) ҳамсадоҳои ҳалқӣ: аъло, маъно; б) вазифаи ҳиҷоҷудокунӣ: масъул, санъат)-ро адо менамояд. Аз ин хотир, агар ду вазифаи аломати сакта (ъ) дуруст фаҳмонда нашавад, хонандагон аломати сактаро чи дар калимаҳои **аъло, маъно** ва чи дар калимаҳои **масъул, санъат,** як хел, яъне ҳамчун ҳамсадои

---

* **Таъкид**. Истифодаи усули муқоиса барои ба ҷо овардани ин машқҳо низ дар мадди назар аст.

ҳалқӣ, талаффуз мекунанд. Дар ин бобат, бояд ба онҳо фаҳмонд, ки аломати сакта дар мобайн ва охири калима агар пас аз ин ё он садонокс (таърих, даъват, манбаъ) ояд, ҳамчун овози ҳалқӣ талаффуз шуда, дар сурати дар мобайни калима пас аз ҳамсадо омаданаш талаффузи он (машъал, масъала) шунида намешаваду маҳз дар ҳамин маврид вазифаи он иборат аз чудо намудани ҳисса (ҳиҷо)-и калима аст.*

Ба чуз ин, ҳамчун ҳамсадои ҳалқӣ, ё худ, ҳамчун фонемаи мустақил, хусусияти калимасозӣ дорад. Ин нуктаро ба тариқи муқоиса бо овардани калимаҳое шарҳ бояд дод, ки бо будан ё набудани ҳамин аломат дар таркибашон аз ҳамдигар чи аз рӯи шакл ва чи маъно фарқ мекунанд. Масалан: ало-аъло, шӯлашӯъла, шер-шеър, рад-раъд ва ғ.

Ҳатман навиштани аломати сакта дар калимаҳои зерин, аз қабили **инъом, масъул, санъат,** ки дар ин ҳолат ъ аломати ҳиссачудокунӣ аст, низ зарурат дорад, вагарна дар чунин калимаҳо ҳам маъно ва ҳам тарзи талаффуз нуқсони чиддӣ мебинад. Чунончи, муқоиса кунед: **инъом - ином, масъул-масул, санъат -санат** ва ғ.

Нуктаи дигареро ҳам марбут ба омӯзиши аломати сакта таъкид намудан лозим меояд, ки он ба мавриди аз охири решаи калима соқит шудани он дахл дорад. Ин ҳолат дар калимаҳое мушоҳида мешавад, ки сакта дар охири онҳо пас аз садоноке (Восеъ, маҷмӯъ, воқеъ, васеъ, толеъ, мавзӯъ) омада бошанду пас аз он (ъ) ҳарфи аввали ҳиссаи калимабанд ва ё калимасози ҳамроҳшуда садонок бошад. Яъне хонандагон аз шарҳи муаллим амалан фаҳманд, ки аломати сакта (ъ) ҳангоми калимасозиву калимабандӣ дар охири калима дар байни ду садонок (Восеъ-Восси қаҳрамон; **маҷмӯъ**-маҷмӯа, маҷмӯаи шеърҳо ва ғ.) навишта намешавад.

Агар гуфтаҳои фавқ доир ба имло ва хусусиятҳои аломати сакта дар заминаи таблитсаи (9) мазкур баррасӣ гардад, чи хуб мебуд:

---

* **Таъкид.** Бояд гуфт, ки дар аксари корҳои илмию методӣ ҳангоми ба ҳиҷоҳо тақсим намудани калима дар охири ҳиҷои аввал мондани аломати сакта (таъна, машъал) таъкид гардидааст. Дар асл, на ҳамеша чунин аст. Дар охири ҳиҷои аввал мондани ъ ба вазифаи якуми он, ки ҳамсадои ҳалқиро ифода мекунад, дахл дорад. Вале аз рӯи вазифаи дуюмаш -ҳиҷочудокунӣ он амалан на ба ҳиҷои аввал, балки ба ҳиҷои дуюм мансуб мебошад; мас-ъул, маш-ъал, ин-ъом ва ғ.Ниг.: Хаскашев Т., Хамидов Р. Забони тоҷикӣ (барои синфи V). -Самара, 2000, с. 101.

Таблитсаи 9

АЛОМАТИ САКТА (Ъ) ВА ИМЛОИ ОН	
а) навъ –нав	б) даъват -дават(?)
манъ-ман	таърих-тарих (?)
шеър-шер	маъно -мано (?)
в) санъат -санат (?)	г) Восеъ-Восеи қаҳрамон
масъул-масул (?)	маҷмӯъ -маҷмӯа, маҷмӯаи
машъал–машал (?)	шеърҳо, воқеъ – воқеа,воқеӣ

Барои он ки мавзӯи мазкур – аломати сакта ва имлои он аз тарафи хонандагон хуб аз худ карда шавад, ҳангоми мустаҳкамкунӣ ба ҳайси корҳои хаттӣ ичрои машқҳои зерин ҳам бояд дар назар дошта шавад: 1) Калима ва ибораҳои дар бастҳои а) ва г) -и таблитса додашударо истифода бурдан дар ҷумлаҳои тартибдодаи худ. Намуна: Муҳаббат **аъло** мехонад. - Ҳамсояи мо як саги ало дорад; Барои иншои хонагӣ муаллим 3 **мавзӯъ** пешниҳод кард. Мавзӯи нави дарс шавқовар буд.

2) Аз луғати имло ва ё тафсирӣ навиштани 20 калима, ки дар 10-тоаш аломати сакта ба сифати ҳамсадои ҳалқӣ омада, дар 10-тои дигар вазифаи ҳиссаҷудокуниро доро бошад.

3) Бо супориши муаллим бояд хонандагон он бист калимаро дар ҷумлаҳои тариқи даҳонӣ тартибдодаашон истифода баранд.

4) Аз луғатҳо ё аз асарҳои бадеӣ навиштани калимаҳои дорои аломати сактадор, ки аз соқит шудани он (ъ) калима пурра маънои дигар (даъво -даво) пайдо мекунад.

1. **Ҳамсадоҳои шадда (такрор).** Таърихан дар калимаҳои забони тоҷикӣ шадда ё худ паиҳам такрор омадани ҳамсадои якхела дар як калима назарнорас аст. Ин ҳодиса, асосан, дар калимаҳои аз забони арабӣ ва русии байналмилалӣ ба забони мо (тоҷикӣ) воридшуда, яъне дар калимаҳои иқтибосӣ, дида мешавад. Чунон ки таъкид меравад, ҳодисаи мазкур қоида надошта.[141] балки, пеш аз ҳама, мавҷуд будани ҳамсадоҳои шаддаро дар калимаҳо тариқи талаффуз, ки айнан дар ягон қисми калима (дар мобайн ва дар охири он) тамдид ё худ такрор меёбанд, эҳсос намудан лозим меояд. Масалан: **табассум, тараннум, муқаррар, муҳаббат, сессия,комиссия** ва ғ. Вале бояд донист, ки ба сабаби дар навишти чунин калимаҳои дорои ҳамсадоҳои шадда буда бештар хато намудани хонандагон низ ба мушоҳида гирифта мешавад, чунин навъи хатонависии онҳоро

---

[141] Ниг.: Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ..., с. 71.

низ метавон ба гурӯҳи хатоҳои типикӣ мансуб донист. Ягона роҳи бехато навиштани калимаҳои овозҳои шаддадор ҳар чӣ бештар бо чашм дидану рӯбардор кардани онҳо аз луғатҳои имлову тафсирӣ ва асарҳои бадеӣ буда, ба хусус, ҳамон калимаҳоеро, ки дар нутқи ҳамарӯзаи мо зиёда мавриди истифодаанд. Чунончи, донистани тарзи талаффуз ва имлои чунин калимаҳоро: **Музаффар, Муҳаммад, Заррина, зарра, грамматика, муаллим, мураккаб, албатта, мушаххас, таваллуд, муқаддима, аввал, арра, мутахассис, муттаҳид, муфассал, муфаттиш, муаллиф, миннат, пашша, парранда, паррондан, пилла, профессор, салла, калла, табаррук, таваккал, мунаққид** ва ғ. Барои он ки тарзи навишти чунин калимаҳо дар хотири хонандагон бимонад,бояд на фақат аз ёд кунанд, балки бо истифода аз ин калимаҳо даҳонӣ ва ҳам хаттӣ ҷумлаҳо тартиб диҳанд. Чунин тарзи фармоиш мақсаднок аст. Зеро ки дар навишти калимаҳои мазкур баъзан ҳамсадои дигарро бо ташдид менависанд. Масалан, калимаҳои таваллуд, муқаддима, муфассал, муваффақият, мубаддалро таввалуд, муққадима, муффасал, муввафақият, муббадал менависанд, ки инро пешакӣ огоҳ намудан бехтар аст. Инчунин, маълум аст, ки дар баъзе калимаҳо танҳо дар сурати ба онҳо ҳамроҳ шудани бандаки изофӣ ва ё пасванде (**фан**-фанни забон; **зид**-зидди душман; **ҳақ**-ҳаққи фарзанд; **пур** -пурра; **кал**-каллак, **маҳал**-маҳалла ва ғ.) ҳамсадои охирашон тамдид меёбад, ки истифода кардани ҳар ду тарзи навишти чунин калимаҳоро низ хонандагон дар ҷумлаҳои тартибдодаи худ машқ кунанд. Ба ин кор шиносоӣ бо матни машқи 227 ба *шогирдон кӯмак хоҳад кард.*[142]

Дар охир, низ мақсаднок мебуд, агар диққати хонандагон ҳангоми таълими ҳамсадоҳои шадда ба имлои калимаҳое ҳам ҷалб карда шавад, ки дар онҳо ду садоноки якхела (тааҷҷуб, таассуф, тааллуқ, мутаассифона ва ғ.) *пайиҳам омадаанд.*[*]

8. Ҳичо ва хелҳои он. Таълими ин мавзӯъ на он қадар мушкил аст, ба шарте ки хонандагон садонок ва ё ётбарсарҳоро дуруст шиносанду онҳоро аз ҳамсадоҳо фарқ карда тавонанд.

---

[142]Ниг.: Хаскашев Т. Ҳомидов Р. Забони тоҷикӣ (Барои синфи V).

[*] **Таъкид.**: Дар чунин калимаҳо: **айббин, баддаҳон, гаваккашон, гаппурсӣ, гарммиҷоз, дастдиҳӣ мактаббача** ва амсоли инҳо ҳамсадоҳои якхелаи пасиҳам омада овозҳои шадда ба ҳисоб намераванд. Инҳо калимаҳои мураккаб буда, тасодуфан дар решаи дуюм ҳарфи аввал бо ҳарфи охири решаи якум мувофиқат кардааст. Мушоҳида кунед: мактаббача = мактаб -бача ва ғ.

Зеро ташкили ҳиҷо ва миқдори он дар калима ба мавҷудият ва миқдори ҳамин садоноку ётбарсарҳо иртибот дорад. Яъне бе садоноку ётбарсар, умуман, калима (ба истиснои ихтисораҳо) сохтан ғайриимкон аст. Масалан: **китоб-ки-тоб; китобхона-ки-тоб-хо-на, ҳунар-ҳу-нар, ҳунарманд -ҳу-нар-манд, оила-о-и-ла, оиладор -о-и-ла-дор, кӯҳӣ -кӯ-ҳӣ, гуфтугӯй –гуф-ту-гӯ-й, якум -я-кум, дарё-дар-ё ва ғ.** Чунон ки мебинем, дар ин калимаҳо миқдори ҳиҷоҳо ё аз ду, ё аз се ё худ аз чорто иборат аст, онҳо метавонанд дар баъзе калимаҳо аз 6-7-то ҳам, чунончи, луғаттартибдиҳӣ аз 7, луғаттартибдиҳандагон аз 8 ҳиҷо зиёдтар шаванд. Вале дар ҳамаи ин мавридҳо шумораи онҳо (ҳиҷоҳо) вобаста ба он, ки дар таркиби ин ё он калимаи мушаххас чандто садонок ва ё ётбарсар мавҷуд аст. Аз ин рӯ, вобаста ба ҳамин мавзӯъ ба хонандагон бояд таъкид намуд, ки гарчи миқдоран садонок (6-то) ва ётбарсарҳо (4-го) кам бошанд ҳам, дар забони тоҷикӣ бе онҳо, пеш аз ҳама, ягон ҳиҷо ва баъд калимаеро тасаввур наметавон кард: аз ҳар гуна калима садонок ё худ ётбарсарҳо соқит карда шаванд, калима ба нестӣ расида, ба чанд ҳарфи пайиҳамомада табдил меёбаду бас. Чунончи, мушоҳида кунед: **ҳунарманд-** ҳнрмнд (?), оиладор- лдр (?) ва ғ. Бар хилофи ин, хонандагон аз мисолҳои овардаи муаллим бояд ҳис кунанд, ки садоноку ётбарсарҳо на фақат дар сохтани ҳиҷо ва ташаккули калимаҳо воситаи асосӣ ба шумор мераванд, балки баъзеи онҳо худ дар нутқи мо калимае ҳам мебошанд. Чунончи, **ӯ** -ҷонишини шахси сеюм; **ӯ**-нидо; **о**-феъли фармоиш ба маънои биё, **э**-нидо; ё-пайвандаки ҷудоӣ ва ғ.

Бояд донист, ки дуруст муайян намудани миқдори ҳиҷоҳо дар калима вобаста ба миқдори садоноку ётбарсар нишонаи як андоза зоҳирии онҳо дониста мешавад. Аммо дуруст ба ҳиссаҳо ҷудо намудану донистани ҳududи ҳар як ҳиҷо боз ҳам муҳимтар аст, ки дар рафти таълими мавзӯи мазкур ба ҳамин масъала эътибори ҷиддӣ бояд дод. Дар ин бобат, аввалан, хонандагонро тариқи шифоҳӣ ба ҳиҷоҳо (ҳиссаҳо) ҷудо намудани калимаҳо омӯхт кунонидан лозим. Албатта,дар ибтидо ҳамон калимаҳоеро аз тариқи талаффуз ба ҳиҷоҳо ҷудо намоянд, ки онҳо ба тахтаи синф навишта шуда, аз тарафи муаллим тарзи ба ҳиссаҳо ҷудо намуданашон ҳам шифоҳиву ҳам тариқи хаттӣ навиштан намоиш дода шудаанд. Сипас, талаб бояд намуд, ки онҳо мисолҳои худ (калима, ибора ва ҷумлаҳо) -ро ва ё мисолҳои дар матни машқе додашударо бо талаби муаллим, аввал, шифоҳиву баъд, хаттӣ ба ҳиҷо ҷудо намоянд. Дар назди муаллиму ҳамсинфон шифоҳӣ ба ҳиҷоҳо ҷудо намудани калимаҳо аз он ҷиҳат матлуб аст, ки хатоҳои содирнамудаашон дарҳол аз тарафи муаллим ё бо

талаби ӯ аз ҷониби ҳамсинфе ислоҳ карда мешаванд. Он гоҳ онҳо метавонанд ҳангоми ба таври хаттӣ ба ҳиҷо ҷудо кардани калимаҳои дар матн омада ба хато роҳ надиҳанд.

Донистан ва шарҳ додани хели ҳиҷо ва таркиби овозии ҳар як ҳиҷои калима низ бояд дар мадди назари тамоми аҳли синф бошад. Яъне онҳо аз чанд садоноку ётбарсар ва чанд ҳамсадо иборат будани ҳар як ҳиҷои калимаро ҳам шарҳ дода тавонанд. Чунончи: ёддоштҳо -ёд -дошт-ҳо. Ин калима аз се ҳиҷо иборат буда, дорои ду ҳиҷои баста (ёд-дошт) ва як ҳиҷои кушода (ҳо) аст.Ҳиҷои аввал аз як ётбарсару (ё) як ҳамсадо (д), ҳиҷои дуюм аз як садоноку (о) се ҳамсадо (д,ш,т) ва ҳиҷои охир аз як ҳамсадову (ҳ) як садонок (о) ташкил ёфтааст.Ҳамчунин мувофиқи мақсад мебуд, агар ҳангоми чунин таҳлили охир бо дархости муаллим интихобан овозҳои ин ё он ҳиҷои, хусусан, ҳиҷои аз ду ё се -чор овоз иборат будаи калимаеро аз рӯи ҳаракати узвҳои нутқ, яъне аз рӯи ҷои ташкилёбиашон шарҳ диҳанд. Бояд дар назар дошт, ки ба чунин тарз шарҳ дода тавонистани ҳиҷоҳои калима дар хонандагон донишу малакаи доир ба овозҳои нутқ – садонокҳо ва ҳамсадоҳо гирифтаашонро боз ҳам мустаҳкамтару қавитар хоҳад намуд.

9. Қоидаҳои аз як сатр ба сатри дигар кӯчонидани ҳисса (ҳиҷо)-и калима. Дар таълими ин мавзӯъ – «Қоидаҳои аз як сатр ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калима», асосан, ба донишҳои доир ба ҳиҷо гирифтаи хонандагон такя намудан лозим меояд. Яъне хонандагон медонанд, ки ҳангоми талаффуз калимаҳо ба ҳиссаҳо ҷудо мешаванду ҳар яке аз он ҳиссаҳо ҳиҷо ном дорад ва ниҳоят, миқдори ҳиҷо дар калима ба миқдори садонок ва ётбарсарҳо иртибот дорад. Ана ба ҳамин маълумотҳои доир ба ҳиҷо доштаи хонандагон такя намуда, дар айни баёни мавзӯи «Қоидаҳои аз як сатр ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калима», аввало, таъкид карда мешавад, ки ҳангоми аз як сатр ба сатри дигар кӯчонидани ин ё он ҳиссаи калима пуррагӣ (яклухтӣ)-и ҳиҷоҳои он ба инобат гирифта мешавад. Чунончи, ҳиссаҳои калимаҳои зерин: абрешим, офтобпараст ва нависанда-ро бо чунин тарзҳо ба сатри дигар кӯчонидан мумкин аст: **абрешим** -аб-решим, абре-шим; **офтобпараст** - оф-тобпараст, офтоб-параст, офтобпа-раст; **нависанда** -на-висанда, нави-санда, нависан-да. Яъне дар чунин калимаҳо ва амсоли инҳо ҳангоми навишт (дар сурати пур шуда истодани сатр) кас метавонад ё пас аз ҳиҷои аввал, ё пас аз ҳиҷои дуюм, ё худ пас аз ҳиҷои сеюм ҳисса (ҳиҷои) боқимондаро ба сатри дигар кӯчонад. Аз ҷумла, тарзи ба сатри дигар кӯчонидани калимаҳои зерин низ чун дар калимаҳои

абрешим, офтобпараст, нависанда сурат мегирад: автобус, автомобил, азёдшуда, бародарвор, бахшидан, баҳоначӯй, вайронкор, ватанпарвар, сухандон, хандонрӯй, мусиқишинос, сурнайчӣ, волейболбозӣ ва ғ.

Сипас, бо овардани мисолҳои дигар ба хонандагон бояд фаҳмонд, ки як ҳарф садонок ё ётбарсар дар аввал ё охири калима як ҳиҷоро **(азоб:** а-зоб; обод: **о-бод; умед:** у-мед; **якум:** я-кум; **ёрӣ:** ё-рӣ; **соя:** со-я; **ҳамсоя:** ҳам-со-я; **дарё:** дар-ё; **зебоӣ:** зе-бо-ӣ; **ҳавоӣ:** ҳа-во-ӣ; **раҳпоӣ: раҳ-по-ӣ ва ғ.)** ташкил дода бошад, он гоҳ дар сатри аввал танҳо ҳиҷои аввал навишта намешавад, ба сатри дуюм низ ҳамон ҳиҷои охир, ки аз як ҳарф иборат аст, гузаронида намешавад. Дар чунин мавридҳо калима агар танҳо аз ду ҳиҷо иборат бошад, аз рӯйи имкон пурра ё дар ҳамон сатр, вагарна бояд дар сатри баъдина навишта шавад.

Албатта, барои ба хонандагон дастрас намудани мавзӯи мазкур танҳо дар калимаҳои алоҳида нишон додани қоидаҳои ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калимаро омӯзонидан нокифоя аст.

Бояд гуфт, ки марбут ба ҳамин нуктаи охир ва умуман, дар бобати ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калима баъзан дар корҳои хаттии хонандагон нуқсонҳои зерин ҳам мушоҳида мешавад:

1) Онҳо ҳангоми ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи вожаҳои **Азим, одоб, имом, ӯмоч, ӯғурак, ёқут, дарё** ва амсоли инҳо, ки ҳиҷои аввал ё охирашонро як ҳарфи садонок ё ётбарсар ташкил медиҳад, ба хато роҳ медиҳанд, яъне бо мақсади ба сатри дигар кӯчонидани ҳисса ё ҳиҷои калимаҳои мазкур онҳоро ба таври зерин ба ҳиссаҳо ҷудо мекунанд: Аз (?) - им, од (?) -об, им (?) -ом, ӯм (?) -оч, ӯғ (?) -урак, ёқ (?) -уб, да (?) -рё ва ғ. Чунон ки мебинем, ин ҷо пурраги ё худ яклухтии ҳиҷоҳо дуруст ба инобат гирифта нашудааст, ки хонандагонро доир ба ҳамин масъала ва маҳз дар мисоли ба ҳиссаҷудокунии калимаҳои номбаршуда пешакӣ огоҳонидан лозим аст.

2) Мушоҳида мешавад, ки баъзан хонандагон як ё ду ҳарф - ҳамсадоро аз охири калима, масалан, **мард, омаданд, мерафтанд** барин вожаҳо ба сатри дигар мекӯчонанд: мар-д(?), ҳан-д(?); омада-нд(?), мерафта-нд(?).

3) Онҳо баъзан ҳангоми ҳиссаи калимаро ба сатри дигар гузаронидан ҳам дар охири сатри аввал ва ҳам дар аввали ҳиссаи кӯчонидашуда дефис (нимтире) мегузоранд.

Инак, ин ҳар се нукта, ки марбут ба қоидаҳои аз як сатр ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калима, ҳамчун нуқсонҳои ҷузъӣ, дар корҳои хаттии хонандагон таъкид гардид, гарчи ба хатоҳои

типикии онҳо тааллуқ надоранд, аммо маҳсуб ба хатоҳои дағаланд. Ҳатман пешгирӣ намудани онҳо, яъне роҳ надодан ба содир шудани чунин нуқсонҳо, вазифаи омӯзгорон аст.

Барои мустаҳкам намудани мавзӯи мазкур дар баробари тавассути саволу супориш доир ба он ҳама гуфтаҳои фавқ санҷидани дониши хонандагон боз аз онҳо ичро намудани машқҳои зеринро ҳам талаб намудан ба мақсад мувофиқ аст: 1) Пеш аз навишта ба ҳиҷоҳо ҷудо намудани матни машқе онро аввал шифоҳӣ қироат намуда, тарзи ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калимаи онро (калимае, ки ҳиҷояш на камтар аз ду-сето бошад) шарҳ диҳанд. Ба ин восита донишҳои ба ҳиҷо гирифтаи онҳо низ такрору мустаҳкам мегардад.

2) Барои он ки зуд-зуд ба мушкилоти ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калима рӯ ба рӯ шаванд, матни матлубро, масалан, чун дар нақшаи зерин, ки мувофиқи салоҳдиди муаллим метавонад аз чор-панҷ сутун иборат бошад, рӯбардор намоянд:

Зокирҷон ночор розӣ шуд, ки Олияро низ ба сайл баранд. Амаки Ҷамолбек кокулҳои духтарча-	ро бо навозиш сила карда, ваъда дод, ки ҳар дуяшон - ро худаш дар пеши ароба шинон-	да мебарад. Духтарчаву писарча шодикунон ба сӯи ароба давида рафтанд. Он ҷо па-	дари Олия- Идрис ҳар дуяшонро як-як бардошта ба пеши ароба шинонд (Ю.А.)

Чунин навъи рӯбардоркуниро барои кори хонагии хонандагон низ супориш додан ба мақсади мавзӯъ мувофиқ аст.

10. **Зада.** Агарчи ба таълими зада ҳамагӣ ду соат (дар синфи V -задаи ҳиҷогӣ ва дар синфи VIII-задаи мантиқӣ) бахшида шавад ҳам, вале дониши хонандагон доир ба ин мавзӯъ минбаъд дар ҷараёни таълими морфология, мавзӯъҳои таркибии синтаксис ҳатман такмил ҳоҳад ёфт. Пеш аз ҳама, бо таълим додани қоидаҳои гузориши задаи ҳиҷогӣ ба хонандагон тарзи дурусти талаффузи адабии калимаҳо аз синфи V сар карда омӯзонида мешавад. Муҳимияти ин масъала аз он иборат аст, ки дуруст гузошта натавонистани задаи ҳиҷогӣ ҳама вақт ба фаҳмидани маънои аслии калимаву дар матн (ҷумла) ба фаҳмидани мазмуни асосӣ халал мерасонад.[143] Ба ҳамин хотир, ба ақидаи А.В. Текучев «Кор (назорат. С.Ш.) аз болои (мавқеи. - С.Ш.) зада дар нутқи хонандагон бояд ҳамеша бурда шавад. Дар

[143] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. Қ 2.

баробари ин ба ҳиссиёти забондонӣ, шунавоӣ ва (қобилияти - С.Ш.) овоздарккунии онҳо такя намудан лозим аст...».[144] Аз ин ваҷҳ, ҳангоми таълими ин мавзӯъ дар синфи V ба хонандагон аз шарҳи муаллим бояд чунин нуктаҳо дастрас гарданд: Чунон ки аз дарсҳои гузашта медонед, калимаҳо дар вақти талаффуз ба ҳисса ё худ ҳиҷоҳо тақсим мешаванд. Дар чунин ҳолатҳо, агар бодиққат эътибор диҳеду гӯш кунед, дар калимаҳое, ки миқдори ҳиҷояшон на камтар аз 2 -то мебошанд, доим яке аз он ҳиҷоҳо нисбат ба ҳамаи ҳиҷоҳои дигар баландтар ё ки шиддатноктар талаффуз карда мешавад, яъне қувваи асосии талаффуз ё худ зада ба ҳамон ҳиссаи калима меафтад. Пас зада чист? – Шиддатноктар талаффуз карда шудани яке аз ҳиҷои калима зада номида мешавад; Чунончи: **падáр, бародáр, муаллúм, китóб, донúш, хушбáхт, баланд, ёздáҳ, дусад, киҳó, чиҳó, ҳама́, ҳамóн, ómад, мéомад, бáргашт, хондáн, навиштáн, оромона́, охиста́, дúрӯз, парéрӯз, áммо, валé, зéро, ҳарчáнд ки, фақáт, óре** ва ғ.

Хонандагон аз мушоҳидаи тарзи талаффузи муаллим бояд дақиқ гӯш андохта, ҳис кунанд, ки ҳиҷои зада гирифтагӣ на танҳо шиддатнок, балки назар ба дигар ҳиҷоҳои калима дарозтар талаффуз ҳам меёбад.[145] Инчунин, ҷои зада на дар ҳамаи ин калимаҳо (онҳо дар тахтаи синф ва ё дар ватман сабт шудаанд ва ё бо кодоскоп намоиш дода мешаванд) як хел аст, яъне он (зада) гоҳо дар ҳиҷои охир (падар, хушбахт), гоҳо дар ҳиҷои аввал (омад, меомад, аммо) ва баъзан дар ҳиҷои мобайн (парерӯз) гузошта мешавад, ё ки «меафтад».

Албатта, барои то андозае дақиқ донистани ҷои зада дар калимаҳо дарои дониши хуби морфологӣ будани хонандагон зарурат дорад. Зеро мувофиқи таъкиди забоншиносон дар исм, сифат, шумора, ҷонишин, масдар, сифати феълӣ, феъли ҳол ҷои зада ҳиҷои охир аст[146] дар феълҳои тасрифӣ дар ҳиҷои аввал, вале дар ҳиссаҳои номустақили нутқ он (зада) ҷои муайян надорад.[147] Бо вуҷуди он ки хонандагон марбут ба ҳиссаҳои нутқ маълумоти кофӣ надошта бошанд ҳам, то андозае исм, сифат ва феълҳоро, амалан бошад ҳам, аз рӯи саволҳояшон фарқ мекунанд. Пас, дар заминаи мисолҳо фаҳмонидани чунин нукта, ки зада дар исму сифат дар ҳиҷои охир, вале дар феъл дар ҳиҷои аввал гузошта мешавад, ба онҳо нуктаи дастрас хоҳад буд. Вале

---

[144] Ҳамон ҷо, с. 143.

[145]Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 95.

[146] Ниг.: Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ.-Душанбе: Маориф, 1977, с. 63-64; Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик ҷ. 1. с. 52-53.

[147] Ниг.: Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ, с. 64.

азбаски дар синфи V ба таълими зада ҳамагӣ як соат бахшида мешавад, муаллим наметавонад, ки доир ба ҷой ва мавқеӣ зада дар ҳар як ҳиссаи нутқ муфассалтар маълумот диҳад, чунки хонандагон ҳанӯз дар бораи хусусиятҳои барҷастаи ҳар як ҳисссаи нутқ маълумот нагирифтаанд. Барои ҳамин ҳам, дар ҳамин як дарси ба таълими зада (задаи ҳиҷогӣ) бахшидашаванда ба онҳо бо додани маълумотҳои умумӣ ва аввалиндараҷа иктифо намуда, минбаъд инкишоф додани донишҳои иловагӣ доир ба ин мавзӯъ дар рафти таълими калима (луғат), ба хусус, ҳангоми таълими қисматҳои алоҳидаи курси морфология, яъне ҳиссаҳои нутқ, ки қариб се сол (дар синфҳои V-VIII) идома меёбад, бояд дар мадди назари муаллим бошад.

Вале дар ҳамин дарси аввал, ба ҷуз он маълумоте, ки дар фавқ марбут ба зада ва ҷои он, умуман, дар калима баррасӣ гардид, ҳамчунин, нуктаҳои зеринро ҳам таъкид намудан зарурат дорад: 1) Хонандагон бояд донанд, ки дар сурати ба калимаҳои якҳиҷоӣ (кор, сол, дил, сурх, нур, даҳ, ман, рафт ва ғ.) ҳамроҳ омадани суффикс, префикс, ин ё он навъи бандак ва ё пасоянди -**ро** онҳо зада қабул мекунанд. Чунончи: **кор** -корга́р-бе́кор; **сол**-солҳо́-со́ли нав; **дил** -дило́-ди́ли нозук; **сурх-** сурхи́-су́рхи баланд; **нур**-нурҳо́ -Ну́ров; **даҳ**-даҳу́м-даҳи́; **ман**-ма́ни нодон -ма́нро; **рафт**-ме́рафт, ра́фтам. Ин ҷо ҳангоми шарҳи мисолҳои мазкур ва мушоҳидаи бевоситаи ҷои зада бояд хонандагон амалан дарк ва ҳис намоянд, ки дар калима пасоянди-**ро** ва бандакҳо (изофӣ, феълӣ, хабарӣ ва бандакҷонишинҳои соҳибӣ) ва суффиксҳои фамилиясоз (-ов, -ова, -ев, -евна) зада қабул намекунанд.[148]

2) Донанд, ки дар баъзе калимаҳо бо тағйир ёфтани ҷои зада маъноямон ҳам пурра тағйир меёбад. Чунончи: **сӯзо́н** (сифат)-**су́зон** (феъли сигааш амрӣ); бино́ (исм, бинои баланд) -би́но (сифат, дидаи бино); та́нҳо (ҳиссача: Танҳо як кас омад) - танҳо́ (зарф: Ман танҳо будам);[149] **бирё́н** (сифат, гӯшти бирён)-**би́рён** (феъли сигааш амрӣ); **да́ромад** (феъл) -даромо́д (исм, даромади хоҷагӣ) ва ғ.

3) Дар феълҳои тасрифӣ (омад, давид, навишт, шунид, гирифт), ки зада дар ҳиҷои аввал гузошта мешавад, дар сурати дорои префикс буданашон зада низ ба ҳамон префиксҳо гузошта мешавад, яъне дар ҳиҷои аввали онҳо. Чунончи: **о́мад** - ме́омад, ба́ромад; **да́вид**- ме́давид, на́давид; **на́вишт** - ме́навишт, бинавишт; **шу́нид** ме́шунид; **ги́рифт**-да́ргирифт, ме́гирифт ва ғ.

---

[148] Ниг.: Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ, барои мактаби миёна,с. 69; Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ, с. 64.

[149] Ниг.: Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ, с. 65.

4) Дар калимаҳои иқтибосии русию байналмилалӣ, ки дар забони мо имрӯз мавриди истифодаанду ҳамагӣ, ҳамчун ҳиссаи нутқ, ба исм мансубанд, ҷои зада чун дар исмҳои забони тоҷикӣ устувор нест. Чунончи, мушоҳида кунед: поезд, парта, самолёт, трактор, психология, синтаксис, морфология, суффикс, префикс, фонетика, грамматика, биология, зоология ва ғ.

5) Чун дар калимаҳои русию байнамилалӣ ҷои зада дар ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқи забони тоҷикӣ низ устувор нест. Чунончи: **а́ммо, вале́, зе́ро, азба́ски, модо́ме ки, ҳами́н ки, ҳа́гто, о́ре, але́, ма́гар, о́ё** ва ғ.

Бо мақсади дар хонандагон мустаҳкам намудан ва инкишоф додани маълумотҳои доир ба задаи ҳиҷогӣ гирифтаашон аз системаи машқҳои зерин бояд истифода намуд: а) дуруст талаффуз намуда, гузоштани зада танҳо дар калимаҳои гуногун, ки дар машқҳои китоб ва ё аз тарафи муаллим тариқи таблитса ва ё воситаҳои техникӣ пешниҳод шудаанд.

б) машқи талаффуз ва амалан гузоштани зада дар калимаҳои матнҳои пешниҳодкардаи муаллим. Чунин машқҳоро хонандагон метавонанд бо истифода аз луғати имло ва тафсирӣ ба ҳайси вазифа дар хона ҳам ичро намоянд. Онҳо метавонанд аз луғатҳо ҳамон калимаҳоеро ҳам ба дафтарашон нависанд, ки дар гузоштани ҷои зада дар он калимаҳо «мекалаванд», то ки дар ин бобат аз устодашон кӯмак пурсанд.

в) тартиб додани ҷумлаҳо бо истифода аз калимаҳое, ки дар онҳо бо дигар шудани ҷойи зада (сӯзон -сӯзон) маънояшон ва ё бо гирифтани префикс (омад-баромад) ҳам дар ҷойи задаву ҳам дар маънояшон тағйирот ба амал меояд.

г) калимаҳоро ба ҳиҷоҳо тақсим намуда, ба зери калимаи зада гирифтагӣ ба хатча ишора намоянд.[150]

г) гузоштани зада, аввал, дар калимаҳои духиҷогӣ, баъд, бо навбат дар калимаҳои сеҳиҷогиву чорҳиҷогӣ ва ғ.[151]

§ 29. Таҳлили фонетикӣ

Самаранок ташкил намудани таҳлили фонетикӣ ва дар ин амал дар хонандагон тарбия намудани маҳорату малака аз ҷумлаи яке аз усулҳои натиҷабахш ва мустаҳкам намудани донишҳои фонетикии онҳо дониста мешавад. Албатта, гузаронидани ҳар як навъи таҳлил, марбут ба ин ё он ҳодисаи забон система ё худ низоми худро доро мебошад, ки риояи он дар

---

[150] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 143.

[151] Ҳамонҷо, с. 144.

ҷараёни таълим ҳатмист. Хусусан, агар **таҳлили пурра** гузаронидан лозим бошад, хонандагон аз дарси аввали таълими мавзӯъҳои таркибии ҳар як фаслу боб – дар рафти ташкили **таҳлилҳои ҷузъӣ ё худ хусусӣ** бояд омода карда шаванд. Фарз кардем, ҳангоми таълими мавзӯи «Овоз ва ҳарф» бояд хонандагон дар муайян намудани овоз ва фарқи он аз ҳарф, инчунин дар муайян намудани миқдори овоз ва ҳарф дар калима малака пайдо намоянд. Дар рафти таҳлили садонокҳо ва ҳамсадоҳо бошад, дар калима чанд садоноку ҳамсадо буданашро муайян намуда, ин ду ҳодисаи забонро бо баёни баъзе аломатҳояшон шарҳ дода метавонистагӣ шаванд ва ғ.

Инак, ба тавассути таҳлилҳои хусусӣ, ки дар заминаи ҳар як соати ба мавзӯи алоҳидаи фаслу бобе, аз ҷумла, ба боби «Фонетика» бахшидашаванда гузаронида мешаванд, хонандагон ба гузаронидани таҳлили пурраи он омода мешаванд. Ташкили чунин навъи таҳлил, пеш аз ҳама, дар дарсҳои такрори боб, сониян, ҳангоми такрори чорякӣ ва такрори солона бо мақсади ҷамъбасту мустаҳкам намудани донишу малакаҳои хонандагон зарурат пайдо мекунад. Масалан, барои муайян намудан ва шарҳ додани ҳодисаҳои фонетикӣ таҳлили пурра, яъне таҳлили пурраи фонетикӣ талаб карда шавад, бояд системаи зерини амалҳо дар мадди назари ҳам муаллиму ҳам шогирдон бошад; а) миқдор ва хели ҷои зада дар калима; б) садоноку ҳамсадоҳои таркиби калима ва шарҳи хусусияти асосии ҳар яке аз онҳо вобаста ба ҳаракати лабҳо; в) миқдори овоз ва ҳарф;[152] г) вазифаи ӣ-и заданок ва аломати сакта (ъ); г) шарҳи баъзе ҳодисаҳои фонетикие, ки дар талаффуз ва навишти ин ё он калимае (агар чунин калима дар матн бошад); д) ниҳоят, шарҳи роҳҳои ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи як ё якчанд калимае махсус аз тарафи муаллим пешниҳодшуда.

Бояд гуфт, ки таҳлили пурраи фонетикӣ дар ду шакл-даҳониву хаттӣ ва вобаста ба дараҷаи донишу қобилияти хонандагони синф гузаронида мешавад. Чунончи, дар синфҳои пурқувват чунин таҳлилро айнан аз рӯи пешниҳоди бастҳои боло талаб намудан зарурат дорад. Вале дар синфҳое, ки дараҷаи фаҳмиши аксари хонандагонашон ҷавобгӯи талаботи барномавӣ набошад, шарт нест, ки ҳамон талаботҳои дар он бастҳо пешниҳодшуда аз тарафи хонандагон ба ҷо оварда шавад. Ва воқеан ҳам, чунон ки гуфтем, такмилдиҳии донишҳои фонетикии хонандагон мувофиқи талаботҳои методӣ минбаъд, масалан, дар ҷараёни таълими калима (луғат), морфология ва синтаксис ҳам

---

[152] Нигр.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. с. 145.

бояд идома ёбад. Маҳз дар ҳамин даврахо, ки бо дархости муаллим таҳлили фонетикӣ вобаста ба талаби як ё ду-се (баъзан зиёдтар) басти боло гоҳ-гоҳ гузаронида мешавад, зина ба зина хонандагон ба иҷро намудани таҳлили фонетикии пурра омодагӣ мегиранд. Он гоҳ дар давраи соатҳои такрори чорякӣ ва солона гузаронидани таҳлили пурраи фонетикӣ самараи бехтар хоҳад дод. Хусусан, ҳангоми гузаронидани таҳлилҳои лаҳзагии фонетикӣ аз усули шифоҳии он бештар истифода бурданро проф. А.В. Текучев тавсия мекунад.[153] Зеро дар чунин мавридҳо хонандагон калима ва тарзи навишти онро надида, бошуурона дар бораи талаффуз, ҷои задаи он ва мувофиқати тарзи талаффуз ва навишти он мустақилона муҳокима меронданд, ки ин усул, бешубҳа, ба мақсаду натиҷаи таълим мувофиқтар аст.

АДАБИЁТ

1. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. -Душанбе: Матбааи ВМ ҶТ, 2006.
2. Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ. -Душанбе: Маориф, 1977.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ч. I. Фонетика ва морфология. -Душанбе: Дониш, 1985.
4. Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ барои мактаби миёна, қ. I. -Душанбе: УДТ ба номи В.И. Ленин, 1985.
5. Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка. - М: Госучпедгиз, 1955.
6. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. - М.: Просвещение, 1980.
7. Хаскашев Т., Ҳомидов Р. Забони тоҷикӣ (Барои синфи V). - Самара: Фёдоров, 2002.

[153]Ниг.: Ҳамон ҷо, с. 146.

БОБИ VII. ТАЪЛИМИ КАЛИМА (ЛУҒАТ ВА ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ)

Маълум, ки дар аксари адабиёти забоншиносӣ **овоз, калима, ибора** ва **ҷумла** воҳидҳои асосии забон эътироф гардидаасту ҳар кадоме аз ин воҳидҳо дар соҳаи махсуси забоншиносӣ – овоз дар фасли фонетика, калима дар қисмати лексика (луғат), ибора ва ҷумла дар қисмати грамматика мавриди омӯзиш қарор доранд. Сарфи назар аз ин, калима ҳамчун қабати семантикӣ (маънодор)-и забон дар байни қабати поёнӣ-**(фонетика)** ва болоии забон (грамматика)[154] мақоми махсусро доро мебошад. Ин нукта ишора ба он аст, ки гарчи калима дар қиёс бо баъзе ҳодисаҳои фонетикӣ (овоз ва ҳарф) омӯхта шавад ҳам, бисёр ҳодисаҳои дигари фонетикӣ (ҳиҷо, зада, қоидаҳои ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи калима) дар заминаи калима таълим дода мешаваду сохтори ҷумларо (дар грамматика) бе калима, ки он дар ҷумла маводи бинокорӣ ба шумор меравад, наметавон тасаввур кард. Хусусан, қобилияту тобишҳои гуногуни маънозоҳиркунии калима, ки маҳз дар ҷумла ва ба воситаҳои ҷумла зиёд ифода меёбад, водор месозад, ки омӯзиши он (калима) дар мактаб минбаъд дар ҷараёни таълими грамматика (морфология ва синтаксис) низ идома ёбаду донишҳои хонандагон ҳам марбут ба ин воҳиди забон, ки дар асл, мавриди таҳқиқи лексика ё худ лугатшиносӣ (лексикология) маҳсуб меёбад, мустаҳкаму такмил дода шавад.

Умуман, калима (луғат) ё худ луғатомӯзӣ дар ҳаёти ҳар як шахс тамоми умр идома мёбад, вале дар мактаб омӯзиш ва таълими онро методистон ба чор давра ҷудо намудаанд: а) давраи омӯзиши амалии луғат дар синфҳои ибтидоӣ; б) таълими мунтазами калима (лугат) дар синфҳои V-VI;* в) омӯзиш ва такрори он дар финфҳои V-IX вобаста ба таълими қисматҳои грамматика; г) ниҳоят, дар синфҳои X-XI, ки дар ин давра калима (луғат) ҳамчун унсури асосии услубҳои нутқи забони адабӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.[155] Вале давраи асосӣ

---

[154] Ниг. Основы методики русского языка в IV-VII классах, с.76

* **Таъкид.:** Мувофиқи талаби барномаҳои солҳои охир (1994,2001,2002 ва 2006) давраи дуюми таълими омӯзиши калима (луғат) дар синфҳои V-VII ба роҳ монда шудааст.

[155] Ниг. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.148; Основы методики русского языка в V-VIII классах с.76; Сангов Қ.

ва ҳам ҳалкунандаи таълими калима (луғат) дар мактабҳои Тоҷикистон давраи дуюм (дар синфҳои V ва VII) ба шумор меравад, зеро ки дар ин давра калима ва хусусиятҳои барҷаставу меъёрӣ (нормативӣ)-и он на танҳо амалан, балки аз ҷиҳати назариявӣ низ таълим дода мешавад.

Калимаомӯзӣ ё худ мунтазам азбаркунии калимаҳо, ки тадриҷан боиси бой гардидани захираи луғавии нутқи хонандагон мегардад, дар синфҳои ибтидоӣ бе номбар намудани истилоҳоти илмиашон сурат мегирад, гарчи дар ин синфҳо онҳо бо мафҳумҳои ҷудогонаи луғат – калимахои ҳаммаъно, муқобилмаъно ва сермаъно шиносоӣ пайдо мекунанд.[156] Вале чунон ки таъкид намудем, давраи аз ҷиҳати илмию назариявӣ омӯзонида шудани лексика (луғат) дар синфҳои V-VII ба роҳ монда мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиши лексика дар синфҳои мазкур давраи асосӣ ва ҳалкунанда маҳсуб меёбад, ки мақсади таълими он ба хонандагон пешкаш намудани чунин нуктаҳоро дар бар мегирад:

а) пайдо намудани тасаввурот дар бобати умуман хусусиятҳои миқдориву сифатии таркиби луғати забони тоҷикӣ; б) додани маълумот дар бораи манбаъҳои бойшавии луғати забони тоҷикӣ чи дар гузашта ва чи дар давраи имрӯза; в) ба вуҷуд овардани фаҳмиши материалистӣ дар бобати дараҷаи устуворию бардавомии калимаҳои ҷудогонаи забони адабии тоҷик; г) васеъ намудани доништу малакаи онҳо марбут ба қабатҳои гуногунмаънои луғати забони модарӣ ва вазифаҳои услубии онҳо дар забон ва ё дар нутқи ҳамарӯзаи мо.[157]

Бояд гуфт, ки барои ноил шудан ба ҳамин мақсади зикршуда барномаи нави забони тоҷикӣ (с.2006) марбут ба таълими ин мавзӯъ дар фасли «Калима» (луғат) дар синфи V 6 соат ва дар синфи VII таҳти унвони «Калима ва фразеология (таъбирҳо)» 14 соат муқаррар намудааст, ки зимни ин соатҳо, аз ҷумла, дар синфи V дар бораи калима ва маънои луғавӣ (лексикӣ)-и он, маънои аслӣ ва маҷозии калима, калимаҳои якмаъно ва сермаъно, синоним, омоним ва антонимҳо, дар синфи VII бошад доир ба калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, калимаҳои шевагӣ ва соҳавӣ (касбӣ), таърихи баромади баъзе

Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI.-Душанбе: Маориф, 1991, с.7-8; Забони адабии ҳозираи тоҷик, қ.1.-Душанбе: Ирфон, 1973. с.17

[156]Ниг. Основы методики русского языка в V – VIII классах, с. 76

[157] Ниг. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.147; Сангов Қ. Таълими лесикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI, с.5

калимаҳо, воҳидҳои фразеологӣ (таъбирҳо), манбаҳои пайдоиш ва аҳамияти истифодаи онҳо (фразеологизмҳо) дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ маълумот дода мешавад. Ва гуфтан ҷоиз аст, ки шиносонидани хонандагон бо ҷанбаҳои муҳими лексикаи (луғат) забони тоҷикӣ на танҳо аҳамияти маърифатӣ, балки хусусияти баланди тарбиявию амалиро ҳам доро буда, тасаввуроти онҳоро марбут ба таркиби луғавии лексикаи забони тоҷикӣ афзун менамояд.[158] Ҳамчунин, дар алоқамандӣ бо грамматика, орфография ва услубҳои нутқ таълим додани лексика ва баръакси ин ҳолатро (дар заминаи лексика омӯзонидани грамматика ва услубҳои нутқро) таъмин намуда, шавқу рағбати онҳоро нисбат ба омӯзиши фанни забони (модарӣ) тоҷикӣ боз ҳам афзун намуда[159], дар онҳо машқҳои ба таври мустақилона истифода бурдан аз луғатҳои тафсирӣ[160] ва дузабонаро ба вуҷуд хоҳад овард.

Инак, бо назардошти ин ҳама масъалаҳои умумии таълими лексика (луғат), ки дар фавқ таъкид гардид, дар зер мушаххас доир ба роҳу усулҳои таълими мавзӯъҳои таркибии ин соҳаи забон баъзе фикру мулоҳизаҳоро пешниҳод намудан лозим меояд.

§30. Калима ва маънои луғавии он

Мувофиқи тартиби баррасии мавзӯъҳои барномаи синфи V марбут ба ин қисмати забон «Калима» (луғат) дар аввал ба хонандагон дар бораи **калима** ва **маънои луғавӣ** (лексикӣ)-и он маълумот додан талаб карда мешавад. Дар ин дарс додани маълумот дар бораи таърихи мафҳум ва ё истилоҳи **калима,** фарқи он аз овоз, луғат (лексика) ва **маънои луғавии калимаҳо** мақсади аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, бо мақсади аз тарафи хонандагон шуурона аз бар намудани мафҳум ва таърифи калима муаллим дар тахтаи синф бо тартиби муайян чанд овоз (ҳарф) ва калимаро (масалан, ин тавр:1.а,б, в,г,д: 2. абр, барф, воҳид, гарм, дору) навишта, талаб мекунад, ки ҳар кадом навиштаҳои ӯро қироат кунанд. Сипас, савол медиҳад:-Шумо ҳоло чиҳоро талаффуз намудед? Ҷавоб: - Аввал, овозҳоро, баъд, калимаҳоро. Муаллим: -Бале. Гӯед, ки кадоме аз инҳо мафҳум ё ҳуд маъноеро ифода кардаанд. Овозҳо ё калимаҳо? Хонандагон:- Калимаҳо. Муаллим: - Овоз чист? Хонандае: -Овоз хурдтарин

---

[158] Ниг. Текучев А.В. Ҳамон ҷо,с.147; Сангов Қ. Ҳамон ҷо,с.6.

[159] Ниг. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.147.

[160] Ниг. Сангов Қ. Таълими лексика дар синфҳои V-VI, с.6

воҳиди нутқ аст. «Овозҳоро талаффуз мекунем ва мешунавем»[161]. Муаллим: - Дуруст. Акнун шумо бояд донед, ки калима чист ва фарқи он аз овоз дар чист… Овозҳои нутқ ба ҷуз **о** (ба маънои **ой, биё**) ва **ӯ** (ҳамчун ҷонишини шахси III-и танҳо) ҳар кадом дар алоҳидагӣ маъноеро ифода намекунанд. Бар хилофи овозҳо аксар калимаҳо ин ё он мафҳум – предмете, аломате ё амалеро ифода мекунанд. Чунончи, калимаҳои **об, барф, хона** - предметҳоро, **хушрӯй, меҳрубон, ширин** – аломатҳоро, вале **нишастан, давидан, хондан** барин калимаҳо амалҳоро ифода мекунанд. Ба ҷуз ин, агар овозҳо бо як ҳарф навишта шаванд, калимаҳо аз ду овоз (об, ду, кӣ, чӣ) ва зиёда овозҳо (боғ, дашт, баҳор, баланд, сафедхок ва ғ.) ташкил ёфта, шумораи ҳарфҳояшон низ дар навишт аксар ба ҳамон миқдори овозҳояшон мувофиқат мекунад. Масалан, калимаи **абр** аз се овоз иборат буда, бо се ҳарф (**а, б, р**) навишта мешавад. Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои мазкур калимаро ин тавр таъриф кардан лозим аст:**Ду ва ё зиёда овозҳоеро, ки дар маҷмӯъ барои ифодаи ин ё он мафҳум хизмат мекунанд, калима меноманд.**

Чунон ки аз мазмуни гуфтаҳои охир бармеояд, агар муаллим барои фаҳмидани мафҳум ва таърифи **калима,** ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ, чун дар фавқ, аз методи сӯҳбати бахотироранда, ҳамчунин, аз усул (приём)-и индуктивию дедуктивӣ истифода барад, моҳияти масъала ба фаҳми хонандагон бештар дастрас хоҳад шуд.

Сипас, дар идомаи чунин усули кор хонандагон аз шарҳи муаллим бояд фаҳманд, ки калимаҳо аввалин воҳиди маънодори нутқ буда, онҳо дар ҷараёни гуфтугӯи одамон ба тавассути воситаҳои грамматикии алоқа (бандакҳо, пешояндҳо пасояндҳо ва пайвандакҳову интонатсия) ба ҳам алоқаманд гардида, таркибу ибора ва ҷумлаҳои гуногунмазмунро офарида, мубодилаи афкорро дар байни онҳо (одамон) барқарор менамоянд. Ба ифодаи дигар, калима ё худ маҷмӯи калимаҳо дар ибора ва ҷумласозӣ ҳамчун маводи бинокорӣ, воситаи аввалиндараҷа ба шумор мераванд. Ана дар ҳамин аснои гуфтор муаллимро лозим меояд, ки мафҳуми **ҳамчун маводи бинокорӣ** маҳсуб ёфтани калимаҳоро дар ҷумла, масалан, дар ҷумлаи зерин, ки пешакӣ дар ватман сабт карда шудааст, шарҳ диҳад: **Дар боғи мактаб дарахтони зардолую шафтолу ва олболую гелос гул кардаанд.**

Ин лаҳза, аввалан, муаллим таъкид мекунад, ки дар нутқи мо ҳама вақт садҳо калимаҳо, ба мисли **боғ, мактаб, дарахтон,**

---

[161] Хаскашев Т., Ҳомидов Р. Забони тоҷикӣ (Барои синфи V).- Самара, 2000, с.79

зардолу, шафтолу, олболу, гелос, гул, кардан ва ғ. арзи вуҷуд доранд, ки он ҳама дар муддати тӯлонӣ аз аҷдодонамон ба волидайнамон, чун мерос, омада расидаасту мо аз забони онҳо шунида, ҳифз намудаем. Инчунин тамоми умр мо низ аз дарси устодон, аз китобҳо ва аз ғуфтори атрофиён калимаҳои нав ба навро ёд мегирем, ки дар натиҷа забони мо ё ҳуд таркиби луғавии он аз маҷмӯи калимаҳои ҳамарӯза омӯхтаамон бой мегардад. Аммо он калимаҳои азбаршуда ҳуд ба ҳуд ва ё дар алоҳидагӣ қобилияти ифода кардани фикри пурраро доро намебошанд. Калимаҳо танҳо ҳангоми ба ҳамдигар фикреро баён кардани одамон гӯё ба ҳаракат омада, бо воситаҳои гуногуни калимабанди забон (бандакҳо, пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо ва оҳанги талаффуз) ба ҳам алоқаманд гардида, фикри том ё ҳуд ҷумларо ташкил медиҳанд. Маҳз ба воситаи ҳамин ҷумла ва маҷмӯи ҷумлаҳо одамон имконияти амиқтар фаҳмидани мақсаду мароми ҳамдигарро пайдо мекунанд. Аз ҷумла, калимаҳои ҳоло номбурдаи мо (бог, мактаб, зардолу, шафтолу, гелос, гул, кардан) дар ҷумлаи мисол овардаамон (Ин лаҳза диққати аҳли синф ба ҳамон ҷумла ҷалб карда мешавад), ҳамчун маводи тайёри ҷумласозӣ, дар маҷмӯъ бо пешоянди **дар,** пайвандакҳои **ва, -ю,** бандаки изофии - **и,** бандаки хабарии – **анд** ва ниҳоят, бо оҳанги талаффуз (интанатсия) ба ҳам алоқаманд шуда, фикри томро, яъне ҷумларо, ташкил додаанд. Вагарна бе ин гуна воситаҳои алоқа ҳамоно онҳо калимаҳои алоҳида - алоҳидае мебошанд, ки танҳо ин ё он мафҳумро ифода ва ё номбар мекунанду бас. Ва ин лаҳза, барои он ки боварии шогирдон ба ҳамин нуктаи охир зиёд шавад, яъне ба он ки, ҳақиқатан ҳам, калимаҳо дар танҳой танҳо мафҳумҳои ҷудогонаро номбар мекунанд, муаллим бояд аз онҳо талаб кунад, ки ҷумлаи мазкурро, аввал, чи тавре, ки ҳаст, баъд, пешоянду пайвандак ва бандакҳои таркиби онро партофта қироат кунанд. Ана, дар натиҷаи супориши охиринро ба ҷо овардан шогирдон пурра боварӣ ҳосил мекунанд,ки калимаҳо маҳз дар аснои ба ҳамдигар ғуфтугӯ намудани одамон бо воситаҳои гуногуни калимабанди забон ба ҳам алоқаманд гардида, дар якҷоягӣ бо ҳамон воситаи алоқа ҷумла – фикри томро меофаридаанду дар алоҳидагӣ танҳо мафҳумҳои ҷудогонаро номбар мекардаанд.

Ҳамин ки нуктаи охир ҳаллу фасли худро меёбад, муаллим бояд таъкид намояд, ки маҷмӯъ ё ҳуд ҳамаи он калимаҳое, ки дар ин ё он забон, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ, яъне дар нутқи ғуфтугӯии мардуми тоҷик, дар асарҳои илмию бадеӣ, китобҳои дарсиву рӯзнома ва мақолаҳои тоҷикӣ мавриди истифодаанд, **луғат** номида мешавад. Ва илме, ки ба омӯзиши лугати забон

машғул аст, **лексикология** (луғатшиносӣ) ном дораду шахсонеро, ки луғати забонро тартиб медиҳанд, **лексиколог** ё худ **луғатшинос** меноманд.

Китобҳои луғат, пеш аз ҳама, ду хел мешаванд: **тафсирӣ ва дузабона.** Дар луғатҳои тафсирӣ калимаҳои дар айни як забон буда бо калимаҳои як андоза фаҳмотари боз ҳамон забон (ба воситаи синониму антонимҳо ва шарҳу маънои луғавиашон) эзоҳ дода мешаванд. Дар луғатҳои дузабона бошад, калимаҳои як забон бо калимаҳои забони дигар (русӣ ба тоҷикӣ, тоҷикӣ ба русӣ, русӣ ба англисӣ, англисӣ ба русӣ ва ғ.) шарҳ дода мешаванд. Барои зуд ва самаранок истифода бурдан аз китобҳои луғат, пеш аз ҳама, дақиқ донистани алфавит (тартиби ҷобаҷогузории ҳарфҳо дар он) зарурат дорад. Зеро луғатҳо дар асоси алфавит тартиб дода мешаванд. Китобҳои луғат бошанд дар заминаи ҳазорҳо калимаҳо мураттаб карда шудаанд. Аз ҷумла, луғати «Фарҳанги забони тоҷикӣ», ки соли 1969 дар ду ҷилд ба табъ расидааст, тақрибан 45 ҳазор калимаро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, агар касе алфавитро дақиқ надонад, аз чунин луғат барои фаҳмидани маънои ин ё он калимаи душворфаҳм, фарз кардем, калимаҳои **забарҷад** (санги қиматбаҳои ба зардӣ моил) ва **кавкаб** (ситора) вақти зиёдеро сарф мекунад.

Дар охири ҳамин дарси аввал, чун баёни муаллим дар бобати луғат чисту аҳамияти он аз чӣ иборат аст, ба поён мерасад, ҳамчунин, додани маълумот дар бораи маънои луғавии калимаҳо низ зарурат дорад. Дар ин бобат бояд хонандагон фаҳманд, ки пеш аз ҳама, калимаҳо (луғат)-и ин ё он забон ба ду гурӯҳи калон – калимаҳои мустақилмаъно ва номустақил (ёридиҳандаҳо) ҷудо карда мешаванд. Калимаҳои мустақилмаъно берун аз ҷумла ин ё он маъное (мафҳуме)-ро ифода мекунанду ба ин ё он савол (**кӣ?** - падар, **чӣ?** - китоб…) ҷавоб мешаванд, аммо калимаҳои номустақил (ва, аммо, агар, чунки…) чунин хусусиятҳоро доро намебошанд. Ба ҷуз ин, калимаҳои мустақилмаъноро аз рӯи маънои луғавиашон ба се гурӯҳи калон, ки а) предметро, б) аломат ва хосияти предметро, в) амалу ҳолати предметро ифода мекунанд, ҷудо намудаанд.[162] Масалан, аз рӯи маънои луғавиашон **п р е д м е т р о** калимаҳои **мард, зан, писар, духтар, санг, кӯҳ, шамол, ҳайвон, парранда, ҳашарот, ақл, дониш, ғайрат; а л о м а т и** предметро – **сиёҳ, сафед, баланд, паст, бист, сад, оҳиста, чолокона;** вале **навиштан, хондан, давидан, кор**

---

[162]Ниг.Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.147; Основы методики русского языка в IV- VIII классах, с. 69; Санов Қ. Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI, с.9

кардан, хобидан, бедор шудан барин калимаҳо **а м а л** ва **ҳ о л а ти** предметро ифода мекунанд.

Албатта, аз рӯи маънои луғавӣ ба се гурӯҳ (предмет, аломат, амалу ҳолат) чудо намудани калимаҳои мустақилмаъно шарти аввали гурӯҳбандӣ намудани онҳо ба шумор меравад. Аммо барои маънои ҳақиқӣ ё реалии, умуман, калимаҳоро, хусусан, калимаҳои барои шогирдон номафҳумро фаҳмонидан танҳо «ин калима предметро, инаш аломатрову дигараш амалу ҳолатро мефаҳмонад»-гуфтан нокифоя аст. Шарти таълими масъалаи **маънои калима** боз он аст, ки бояд маънои луғавӣ, асли баромади калимаҳои барои шогирдон норавшану нофаҳмо шарҳ ҳам дода шаванд. Дар ин бобат, пеш аз ҳама, аз амалҳои гуногун аз қабили а) **шарҳ** додани **калима**ҳои душворфаҳм ба воситаи калимаҳои синонимӣ (**гетӣ** - ҷаҳон, дунё, олам; **кеҳ** – хурд, **меҳ** - калон, **фарҳанг** - илм, дониш луғат; **самара** - ҳосил, мева, маҳсул, натиҷа); **б)** тасвири нишонаҳои предмет (**айвон** - нишастгоҳест, ки сақфнок, аз се тараф девор дошта, як тарафаш кушода аст, пеши хона; **шоҳин** - паррандаи тезчанголи шикорӣ, ки бо вай паррандаҳои дигарро шикор мекунанд ва ғ.) ва в) аз усули таҳлили фонетикӣ (эзоҳ додани маънои фаҳмотари, махсусан, калимаҳои иқтибосии арабӣ) истифода бурдан аз ҷумлаи усулҳои сермаҳсул дониста мешавад.[163]

Зарур аст, ки доир ба тарзи истифодаи роҳи сеюм – таҳлили фонетикӣ ё худ тарзи шарҳи як силсила калимаҳои арабӣ, аз қабили **абёт, авзоъ, акбар, алфоз, амсол, анвоъ, асрор, афкор, анҳор, атфол, ашхос, амвоҷ, ашкол, аврақ, асноф, исроф, итмом, ихлос, иқдом, имдод, манзум, мансур,машриқ, мубоҳиса, мантиқ, тараҳҳум, табдил, тавсиф, тамоюл, тафрика, тасҳеҳ, тимсол, ташбеҳ** ва амсоли инҳо каме таваққуф намоем. Зеро ин ғурӯҳи калимаҳо ҳамагӣ шаклҳои сохтаи арабӣ буда, маънои луғавии на ҳамаашон ба хонандагон дастрас аст. То ки хонандагон ба маънои луғавӣ ё худ маънои ҳақиқии калимаҳои фавқ дақиқтар сарфаҳм равand, лозим аст, ки пеш аз ҳама, сохти соддаи онҳо (калимаҳо) муайян карда шаванд. Вале барои ноил шудан ба ин мақсад чанд амалро, ки онро шартан **таҳлили фонетикӣ** номидан мумкин аст, мебояд ичро намуд. Чунончи, аз калимаҳои дар аввалашон садонокҳои **а** ва **и** дошта (**анҳор, алфоз, исроф, иқдом**) танҳо садонокҳоро ва аз калимаҳои дар аввалашон ҳамсадоҳои **м** ва **т** дошта бе ҳамин ҳамсадоҳо (**м** ва **т**) – низ танҳо ҳамсадоҳои

---

[163] Ниг. Сангов Қ. Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI, с. 12-16; Қурбонов М. ва Маҳмадов М. Таълими забони тоҷикӣ дар синфи V-Душанбе: Маориф,1993,с.78-80.

боқимондаро ҷудо намуда, аз рӯи тартиби дар калима омадаашон алоҳида-алоҳида нивишта, сипас, ҳар гурӯҳи ҳамсадоҳои дар қавс бударо пайиҳам чанд маротибагӣ талаффуз намуда, сониян, дар байни онҳо як ё ду садонокро тарзе ҷой бояд дод, ки калимаи дилхоҳе пайдо шавад.[164] Агар садонокҳои дар байни ин ҳамсадоҳо гузошташуда дуруст интихоб шуда бошанд, чунон ки гуфтем, дар натиҷа ҳам шаклҳои соддаи калимаҳои мазкур пайдо мешаванду ҳам маъноашон барои аксари хонандагон фаҳмо мегардад. Инак, ҳамаи ин амалҳои болоро муаллим шифоҳӣ гуфта-гуфта, дар тахтаи синф амалан нишон ҳам медиҳад, ки дар маҷмӯъ амалҳои ба субут расонидаи ӯ ба таблитсаи (10) зерин шабоҳат пайдо мекунанд:

Таблитсаи 10

Як роҳи муайян (таҳлили фонетикӣ) намудани маънои луғавӣ (соддатар)-и калимаҳои арабӣ		
I	**II**	**III**
анҳор	**нҳр**	**наҳр (дарё)**
ашхос	**шхс**	**шахс**
авроқ	**врқ**	**варақ**
алфоз	**лфз**	**лафз**
исроф	**срф**	**сарф**
иқдом	**қдм**	**қадам**
мансур	**нср**	**наср**
мағриб	**ғрб**	**ғарб**
матлаб	**тлб**	**талаб**
табдил	**бдл**	**бадал (дигар шудан)**
тафриқа	**фрқ**	**фарқ**
тимсол	**мсл**	**мисол**

Бояд гуфт, ки ин тарз –бо усули таҳлили фонетикӣ шарҳ додани калимаҳои иқтибосии арабӣ то андозае завқи забономӯзиву луғатфаҳмии хонандагонро баланд ҳам мебардорад. Онҳо тарзи шарҳ додану сарфаҳм рафтан ба маъноҳои ҳақиқии калимаҳои арабиасоси бароятон душворфаҳмро фаҳмида, минбаъд бо супориши муаллим барои фаҳмидани асли маънои ҳамон гурӯҳи калимаҳо (атфол, амвоҷ, тасҳеҳ, ва ғ.) худашон метавонанд бо ба ҷо овардани амалҳои боло, яъне аз усули таҳлили фонетикии фавқ истифода бурда

---

[164] Ниг. Сангов Қ. Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI, с. 15-16

(баъзан бо душворӣ), худ ба фаҳмидани асли маъно ва ё аз решаи кадом калима гирифта шудани онҳоро (калимаҳоро) ноил шаванд.

§31. Маънои аслӣ ва маҷозии калима

Дар дарси навбатӣ, ки ба мавзӯи «Маънои аслӣ ва маҷозии калима» бахшида мешавад, дар маҷмӯъ низ донишу тасаввуроти хонандагон марбут ба маънои луғавии калимаҳо афзун гардонида мешавад, зимни ин дарс бояд хонандагон амалан дарк намоянд,ки як силсила калимаҳои дорои маънои луғавӣ буда, ба ҷуз маънои ҳақиқиро ифода намудан, дар ҷумла ба маънои ғайрирасмӣ ҳам меояд, яъне онҳо маъноеро ҳам ифода мекунанд, ки ба маънои аввалиашон мазмунан шабоҳат доранд. Аз ин лиҳоз, то ки ҳамин нуктаи охир ба шогирдон бехтар дастрас гардонида шавад, баёни муаллим, агар дар заминаи мисолҳои зерин. ки дар ду сутун дар қолаби ибораҳои изофӣ пешниҳод шудаанд, сурат гирад, бештар мувофиқи мақсад мебуд:

бинои сафед – бахти сафед
сандуқи оҳанин – иродаи оҳанин
оҳани сӯзон - дарди сӯзон
матои қимат – сухани қимат
зарфҳои тиллоӣ – даврахои тиллоӣ
ангури ширин – хоби ширин
ҳавои гарм – (бо) дили гарм
либоси танг – одами чашмаш танг

Ин ҷо муаллим ибораҳои додашударо аз аввал то ба охир ҷуфт-ҷуфт (якто аз сутуни рост, якто аз сутуни чап) қироат намуда, баъд, бо истифода аз методи нақл ба шарҳи масъала мегузарад. Бояд аз шарҳи муаллим хонандагон ҳис намоянд, ки ҳар як калимаи дар таркиби ибораҳои сутуни чап буда, хусусан, калимаҳои дуюм, ки аслан, сифатҳоянд, хусусият ва ё аломатҳои ҳақиқии дар предметҳо (исмҳо) мансуб бударо ифода мекунанд. масалан, дар ибораҳои **бинои сафед, оҳани сӯзон, сандуқи оҳанин** калимаҳои **сафед, сӯзон ва оҳанин** ба маънои ҳақиқиашон истифода шудаанд. Яъне калимаи **сафед** ба сафед будани ранги бино, калимаи **сӯзон** ба тафсон будани оҳан ва калимаи **оҳанин** ба он ки предмет (сандуқ) аз оҳан сохта шудааст. ишора мекунад. Аммо калимаҳои мазкур (**сафед, сӯзон, оҳанин**) дар ибораҳои **бахти сафед, дарди сӯзон ва иродаи оҳанин,** чунон ки дар ибораҳои **бинои сафед, оҳани сӯзон, сандуқи оҳанин** мушоҳида намудем, на ба маънои ҳақиқӣ ё худ аслӣ, балки мазмунан маъноҳои ғайриҳақиқиро ифода намудаанд. Яъне дар ибораи

бахти сафед калимаи **сафед** на чун дар ибораи **бинои сафед** ба ранги ҳақиқии бино, ки сафед аст, ишора мекунад. Яъне бахти инсон сафед шуда наметавонад, аммо **нек, хуш ё бад** мешавад, ки дар заминаи ҳамин мафҳумҳо дар забони мо калимаҳои **некбахт, хушбахт** ва **бадбахт** низ пайдо шудаанд.

Ҳамин тавр, дар хотимаи муҳокимаронии боло муаллим хонандагонро ба хулоса меорад, ки калимаи **сафед** дар ибораи **бахти сафед** на ранги зоҳирии предмстро, балки аз маънои аслиаш дур шуда, ботинии предмет (бахт)-ро ифода намудааст. Мисли ҳамин, дар ибораҳои **дарди сӯзон, иродаи оҳанин** калимаҳои **сӯзон** ва **оҳанин** на ба маънои аслиашон, балки ба маънои кӯчида, ё худ дуюмдараҷа омадаанд. Чунончи, калимаи **сӯзон** дар ибораи **дарди сӯзон** ба сахту ҷонкоҳ будани дард ишора мекунаду, калимаи **оҳанин** дар ибораи **иродаи оҳанин** ба мустаҳкамии эътиқоду **ирода** – эътиқоду ихлоси касе.

Инак, чун шарҳи муаллим дар бобати ба маънои ғайриҳақиқӣ ҳам истифода шудани калимаҳои **сафед, сӯзон оҳанин** дар таркиби ибораҳои **бахти сафед, дарди сӯзон** ва **иродаи оҳанин** аз рӯи тартиби фавқ хотима меёбад, метавон чунин хулоса баровард, ки он дар маҷмӯъ таърифоти калимаҳои аслӣ ва маҷозӣ ҳам дониста мешавад: Дар нутқ (ҷумла) ба маънои ҳақиқӣ истифода шудани калимаҳо **маънои аслӣ** ном дорад. Ба маънои ғайриаслӣ истифода шудани калимаҳо дар нутқ **маънои маҷозӣ** ном дорад.

Албатта, хулосаи мазкур марбут ба маънои аслӣ ва маҷозии калима дар ҳамин лаҳзаи баён ҳам бо додани саволҳои «**Маънои аслии калима чист?**» «**Маънои маҷозии калима чист?**» аз ду-се нафар пурсида шавад, ба фоидаи кор мебуд. Ва боз ҳам ба мавриди мебуд, агар хонандагон ибораҳои дигари дар он ду сутун бударо қироат намуда, ба маънои аслӣ ё маҷозӣ омадани калимаҳои таркиби онҳоро худашон бо навбат шарҳ диҳанд. Ҳамчунин, мувофиқи мақсад мебуд, агар бо истифода аз ҳар ҷуфти ибораҳои додашуда онҳо мустақилона ҷумла сохта, дар кадоме аз он ҷумлаҳо ба маънои аслӣ ё маҷозӣ истифода шудани калимаҳои таркиби овозиашон якхеларо шарҳ диҳанд. Ба ҷуз ин, ба ҷо овардани талаби машқҳои 268, 269,271-и китоби дарсӣ[165] ҷи дар синф ва чи дар хона низ боиси боз ҳам шуурона сарфаҳм рафтани хонандагон ба мафҳуми маънои **аслӣ ва маҷозии** калимаҳо хоҳад гашт. Ва ниҳоят, аз таълими натиҷадори мавзӯи «Маънои аслӣ ва маҷозии калима» бояд хонандагон дар заминаи мисолҳои мувофиқ ба хубӣ дарк кунанд, ки ба маънои маҷозӣ

---

[165] Нигр: Хасҳашев Т., Хомидов Р. Забони тоҷикӣ (Барои синфи V) с.116

истифода шудани калимаҳо, асосан, ба сифатҳо хос буда, дар забон боиси пурмазмуну таъсирбахштар гардидани нутқ (фикр) мегардиданд. Аз ин рӯ, бояд нуктаи мазкур – боиси пурмазмуну пурчило ва таъсирбахшу нишонрастар ифода гардидани фикр гавассути калимаҳои маҷозӣ бояд дар дарсҳои адабиёт низ марбут ба таълими эҷодиёти шоиру нависандагон борҳо таъкиди худро ёбад. Яъне хонандагон аз дарсҳои адабиёт ҳам дақиқ дарк кунанд, ки дар ҳамаи давру замонҳо «чи шоиру нависандагони пешина ва чи адибони муосири тоҷик... барои дилчасп баромадани воситаҳои тасвири бадеӣ аз ин унсури забонӣ – маънои маҷозии калима васеъ ва моҳирона истифода бурдаанд ва мебаранд.[166]

§32. Калимаҳои сермаъно

Таълими калимаҳои сермаъно хонандагонро бо паҳлӯҳои дигар, вале муҳими лексикаи забони тоҷикӣ шинос намуда, донишу малакаи онҳоро марбут ба тобишҳои маъноии як силсила калимаҳо, ки дар илми забоншиносӣ бо истилоҳи **сермаъноии калимаҳо** ном мебаранд, афзун хоҳад кард. То ин ки дар қиёс бо дигар ҳодисаҳои лексикӣ силсилаи махсуси лугавии забон будани калимаҳои сермаъно дастраси хонандагон гардад, лозим аст, ки омӯзиши онҳо дар муқоиса бо калимаҳои якмаъно ба роҳ монда шавад. Зеро мақсади бо усули муқоиса таълим додани ин ҳодисаи забон, агар аз як тараф, дар маҷмӯъ гуногунпаҳлӯии хусусиятҳои луғати забони тоҷикиро намоиш додан бошад, аз тарафи дигар, бо ин усул дар як вақт хусусиятҳои хоси калимаҳои якмаъно ва ҳам калимаҳои сермаъно ба хонандагон саҳеҳу равшантар муаррифӣ карда мешаванд. Аммо ҳангоми баён муаллимро лозим меояд, ки таваҷҷӯҳи хонандагонро бештар ба моҳияти калимаҳои сермаъно ҷалб созад, то ки онҳо минбаъд, ин ҳодисаи забонро бо дигар қабатҳои лексикӣ, хусусан, бо омонимҳо омехта насозанд. Аз ин рӯ, дар заминаи шарҳи мисолҳо хонандагон аз баёни муаллим фаҳманд, ки аксари калимаҳо дар забон як маъноро ё худ як мафҳумро, аммо гурӯҳи на чандон зиёди калимаҳо дар баробари як маънои аслиро ифода карданашон боз бо баъзе тобишҳои маъноӣ мафҳумҳои дигарро ҳам ифода мекунанд, ки дар натиҷа силсилаи калимаҳои ба ном **сермаъноро** ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, агар мазмуни гуфтаҳои фавқ, аввал, дар заминаи мисолҳои зерин тавзеҳ дода шаванд, беҳтар мебуд:

---

[166] Сангов Қ. Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI, с.23

а) луғат, префикс, суффикс, трактор, самолёт, поезд, дарахт, писар, духтар, ҳаммом, корд, сабзӣ, картошка, пиёз, кӯҳ, ағба ва ғ.

б) сар, миён, даст, лаб, рӯй, чашм, даҳон, порча, доира, ҳалқа, реша ва ғ.

Яъне дар мисоли калимаҳои басти а) муаллим таъкид мекунад, ки ҳар кадоми онҳо як мафҳум ё худ предметеро ифода мекунанд, ки ба мафҳум ё предметҳои дигар чунин номҳоро муносиб дидан нашояд. Чунончи, аз мафҳуми **луғат** маънӣ калимаҳо, **префиксу суффикс** воситаҳои калимасозии забон, **самолёту поезд** воситаҳои махсуси нақлиёт ва аз **ҳаммом** хонаи махсуси барои шустушӯи умумӣ сохташуда фаҳмида мешавад. Яъне ба ҷуз предмету мафҳумҳои ба ном **луғат, самолёт, поезд, ҳаммом** боз предмету мафҳумҳои дигар дар ҳаёт ё худ дар нутқи мо вучуд надоранд, ки онҳоро ҳам **луғат, самолёт, поезд ё ҳаммом** гӯён ном барем. Ана барои ҳамин ҳам калимаҳои мазкур ва амсоли онҳоро **калимаҳои якмаъно** меноманд.

Аммо калимахои дар басти б) овардашуда, аз ҷумла **сар ва даст** ба ҷуз он ки як маънои асосиро дороанд, боз ба ҳамин маъно, вале бо андаке тобишҳои дигар номи мафҳумҳои дигарро ҳам ифода мекунанд. Чунончи, калимаи **сар,** пеш аз ҳама, ба маънои сари инсон ва сари ҳама гуна махлуқоти зинда фаҳмида мешавад. Аммо нисбат ба предметҳои дигар ҳам ин калима истифода бурда мешавад. Масалан: **сари кӯҳ, сари ағба, сари дарахт, сари роҳ, сари кӯча,** ё худ аз калимаи **даст,** аввалан, даст(узв)-и инсон дар мадди назар аст. Сониян, ин калима ба худ суффикси **-а** гирифта, дар ҳамин шаклаш (даста) барои ифодаи ҷузъи пердметҳои дигар ҳам истифода гардидааст: **дастаи чойник, дастаи дар, дастаи бел.** Яъне ҳар ҷои бо даст гирифташвандаи предметҳои дигарро **даста** номидаанд.

Дар охир, аз шарҳи боло хулоса бароварда мешавад, ки калимаҳои сермаъно ҳарчанд номи маҳфумҳои дигари ҳаётиро дар забони мо ифода кунанд ҳам, онҳо то андозае ба ҳамон калимаи аввал, ки ҳақиқатан ҳам, мафҳуми дақиқеро ифода кардааст, иртибот доранд. Аниқаш, хонандагон фаҳманд, ки ба сабаби то андозае ба як предмет, ё маҳфум монандӣ доштани предметҳову мафҳумҳои дигар ба онҳо ҳам айнан номи ҳамон предмет ё мафҳуми асосӣ дода шудааст. Масалан, узви аз ҳама баланди инсонро **сар** номидаанд, ҷои аз ҳама баланди **дарахт, кӯҳ, ағбаро** ҳам бо ҳамин калима (сар) ном мебаранд. Аммо, дар асл, сари дарахт ё сари кӯҳу ағба ҳеҷ гоҳ айнан чун сари инсон тасаввур карда намешаванд. Ин нуқта ба калимаи **даст,** ки пеш аз ҳама, дасти инсонро ифода мекунад ва ба калимаҳои сермаънои дигар (миён, лаб, рӯй, чашм, даҳон, порча, доира,

ҳалқа, реша ва ғ.) низ тааллуқ дорад. Яъне дар рафти баён ва ё ҳангоми мустаҳкамкуниву пурсиши вазифа он ҳама калимаҳои сермаъноро чи аз тарафи муаллим ва чи аз тарафи хонандагон, чунон ки калимаи сермаънои **сарро** шарҳ додем, бояд ҳамон тавр тавзеҳ дода шаванд.

Албатта, дар матн дар заминаи мисолҳои мувофиқ шарҳ додани калимаҳои сермаъно ба фаҳми хонандагон моҳияти масъалаи баррасишавандаро бештар муаррифӣ менамоянд ва ин кор имконият медиҳад, то онҳо пешакӣ омада бошанд ба он, ки калимаҳои сермаъно бо вуҷуди мафҳумҳои ҷудогонаро ифода карданашон бо калимаҳои омонимӣ зоҳиран (аз ҷиҳати таркиби овозиашон) монандӣ дошта бошанд ҳам, аз онҳо фарқ мекунанд. Масалан, методист Қ. Сангов ҳамин нуқтаи охирро дар мадди назар дошта, доир ба сермаъноии калимаи **ҳалқа** мисолҳои зеринро далел оварда, ба шарҳашон пардохтааст: 1. Ба ту **ҳалқаи** тилло , ба очет куртаи шоҳӣ, ба акет як асп… мехарам (Ҷ И). 2. **Ҳалқа** бар дар зад, чу дарро баркушод… (Румӣ). 3. Абӯ Дулаф дар **ҳалқаи** талабагон қиссае мехонад (С. У)[167].

Чунон ки мебинем, дар ин ҳар се ҷумла калимаи **ҳалқа** якмаротибагӣ истифода шудааст. Ин калима дар ҷумлаи аввал ба маънои асосии худ омадааст, яъне номи асбоби ороиши занон – **гӯшвор**-ро ифода кардааст. Дар ҷумлаи дуюм бошад номи оҳани гирда-ҳалқамонанди дар дарвозаҳо насбшударо ифода мекунад, ки аз он, барои кушодану пӯшидани дарҳо истифода мебаранд. Дар ҷумлаи сеюм **ҳалқа** ишорааст ба мардуми дар як ҷой ба таври доирашакл ё худ ҳалқавор гирдомада. Яъне дар ҳалқ ҳар чизи ба ҳалқа (гӯшвор) монандро бештар бо ҳамин калима (ҳалқа) номбар кардаанд.[168] Хуллас, умумияти калимаҳои сермаъноро, аслан, монандии шаклу намуди предмету мафҳумҳои ифода мекардагиашон ба вуҷуд оварда, ҳар як гурӯҳи онҳоро дар атрофи ҳамон калимаи асосӣ, чун дар атрофи калимаи **ҳалқа** (гӯшвор) муттаҳид месозад.

Албатта, ба моҳияти сермаъноии калимаҳо сарфаҳм рафтани хонандагон танҳо ҳангоми мустаҳкамкуниву пурсиши мавзӯи мазкур муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, ба онҳо, сараввал, ба ҷо овардани талаби супоришҳои зеринро пешниҳод намудан айни муддаост: 1. Бо кадом маъноҳо (ақалан, бо-ду се маъно) ифода шудани калимаҳои сермаънои миён, **лаб, рӯй, чашм, даҳон, порча, доира, реша** ва амсоли онҳоро бо тартиб

---

[167] Ниг: Сангов Қ. Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI, с. 12

[168] Ҳамон ҷо, с. 21.

додани ибораҳо намоиш диҳанд. Дар ин бобат, хуб мешуд, ки дар таркиби ибораи якум ҳамон калимаи сермаъно оварда шавад, ки дар заминаи он сермаъноҳои дигар пайдо шудаанд. Масалан, ба таври зайл: **миёни одам, миёни замин, миёни кор** ва г. 2. Ҳар як ибораи доир ба силсилаи ин ё он калимаи сермаъно сохтаашонро дар ҷумлаҳои тартибдодаи худ истифода бурда, баъд дар он ҷумлаҳо ба кадом маъно омадани он калимаҳоро (сермаъноҳоро) шарҳ диҳанд. Вале азбаски супориши мазкур вақти зиёдеро талаб мекунад, бо мақсади сарфаи вақт хуб мешуд, ки агар хонандагони синф ба се-чор гурӯҳ тақсим карда шуда, ба ҳар гурӯҳ марбут ба силсилаи 2- 3 калимаи сермаъно , ки дар ибораҳо ҳам гурӯҳбандӣ карда шудаанд, тартиб додани ҷумлаҳо супориш дода шавад. Идомаи иҷрои супориши мазкурро метавон ба ҳайси вазифаи хонагии хонандагон супурд.

Бояд гуфт, ки дар бобати баланд бардоштани фаҳмиши хонадагон марбут ба калимаҳои якмаъноюсермаъно иҷро машқҳои пешниҳодкардаи китоби дарсӣ (хусусан, машқҳои 264 ва 267) низ корсозанд. Онҳо набояд аз мадди назар дур монанд.

§33. Синонимҳо

Таълими ин мавзӯъ, ба шарте ки дар заминаи мисолҳои барҷаставу маълумоти мушаххаси назариявӣ ва иҷрои супоришҳои системанок ба роҳ монда шавад, аз ҷумлаи яке аз мавзӯҳои шавқовар ба шумор хоҳад рафт. Барои ин, то ин ки дар рафти таълими мавзӯи мазкур шавку рағбати хонандагон ба вуҷуд оварда шавад, аз методу усулҳои гуногуни кор , ки бо мақсади таълими мавзӯъ мувофиқати бештар дошта бошанд, бояд истифода бурд. Ба назари мо, дар огози баёни мавзӯи мазкур истифода аз методи сӯҳбат мувофиқтар аст[169] , то ки дар анҷоми он мафҳум, асли баромад ва таърифи синонимҳо амалан дастраси хонандагон гардонида шавад. Ба ҳамин мақсад, муаллим пас аз эълони номи мавзӯи навбатӣ- «Синонимҳо»-дар доска калима ва таркибҳои **меҳрубон, муаллим, навиштан, ором шинед, ҳурмат карданро** пайиҳам аз боло ба поён рақам гузошта менависад, ки ҳар рӯз, хусусан, дар рафти дарс хонандагон борҳо ин калимаҳоро аз забони муаллимашон мешунаванду ҳамзамон, дар нутқ ва амалиёти худ истифода мебаранд. Ҳамин тавр, пас аз сабти калимаҳои мазкур муаллим

---

[169] .Ниг: Сангов Қ. Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI, с. 29.

ин тавр муроҷиат менамояд, то ки таваҷҷӯҳи хонандагон ба гуфтаҳои ӯ афзун гардида, ба сӯҳбат ворид шаванд.

-Бачаҳо! Ҳар рӯз ин калимаҳоро ман ба шумо чандин бор. хусусусан, дар дарс ба забон мегирам ё худ шумо ин калимаҳоро борҳо дар ҷумлаҳои сохтаатон истифода бурдаед. Аммо баъзан шакли дигари ҳамин калимаҳоро ҳам ман ё шумо дар нутқамон ва ё дар навиштаҳоямон истифода мебарем, ки маъноянашон бо ин калимаҳо якхелаву монанданд. Масалан, шумо нисбат ба сифатҳои модаратон ба ҷуз калимаи **меҳрубон** калимаҳои **азиз, ғамхор, дилсӯзро** истифода мекунед. (Ин калимаҳо низ дар қатори калимаҳои **меҳрубон** навишта машаванд). Чунончи, **модари ғамхор, модари дилсӯз** мегӯед, баъзан **модари мушфиқ** ҳам мегӯянд. Чунон ки мебинем, дар ибораҳои мазкур калимаҳои **ғамхор, дилсӯз, мушфиқ,** ҳамчун сифатҳои модар, ба калимаи **меҳрубон** ҳаммаъно ё худ якмаъно мебошанд. Канӣ, акнун шумо гӯед, мо дар нутқамон ба ҷои калимаву таркибҳои **муаллим**, **навиштан, ором нишинед, ҳурмат кардан** боз кадом калимаҳоро истифода мебарем? Канӣ,сар кардем…

Ин лаҳза хонандагон амалан ба *фаъолият шурӯъ намуда*, синонимҳои он калимаҳоро бо навбат номбар кардан мегиранду муаллим онҳоро (синонимҳоро) пайиҳам дар қатори мувофиқи калимаҳои дар доска буда навиштан мегирад, ки дар натиҷа чунин як гурӯҳҳои синонимии калимаҳо эҳё мешаванд, ки ин лаҳза шояд кӯмаки худи ӯ низ зарурат пайдо кунад:

1. **меҳрубон** – ғамхор, дилсӯз, мушфиқ, инсондӯст;
2. **муаллим** –омӯзгор, устод, тарбиятгар, мураббӣ;
3. **навиштан-** иншо кардан, сабт намудан, китобат кардан;
4. **ором шинед-** ҷим шинед, хап шинед, гӯш кунед, ғап назанед, халал нарасонед, ба хомӯшӣ риоя кунед;
5. **ҳурмат кардан-** иззат кардан, эҳтиром намудан, пос доштан; ва ғ.

Чунон, ки таъкид шуд, ин ҷо на ҳамаи калимаҳои синонимӣ марбут ба калимаҳои пешакӣ дар доска сабтшуда аз тарафи хонандагон номбар шудаанд. Масалан, **калимаҳои мушфиқ, инсондӯст,** ҳамчунин синоними **меҳрубон; тарбиятгар, мураббӣ** чун синоними **муаллим**; **сабт намудан, китобат кардан** марбут ба **навиштан; халал нарасонед, ба хомӯши риоя кунед,** доир ба **ором шинед,** ва **пос доштан** нисбат ба **ҳурмат кардан,** шояд, аз тарафи муаллим номбар шуда бошанд,чунки хонандагони синфи V алҳол аз ӯҳдаи ба хотир оварда, номбар намудани он ҳама калимаҳои

синонимӣ баромаданашон дар ғумон аст. Вале чизи муҳим он аст, ки онҳо дар мачмӯъ аз як то ду-се синоними калимаҳои дар тахтаи синф сабтшударо номбар карда тавонистаанд. Инак, муаллим дар қатори ҳар як калима синонимҳои онро, ки аз тарафи шогирдон ва худаш номбар шуда буданд, навишта , ба шарҳи асли масъала – мафҳум (асли баромад), таърифи синонимҳо ва мавқеи онҳо дар нутқ мегузарад, ки мазмунан бояд чунин сурат бигирад: - Ҳоло шумо, дар ҳақиқат, аз ӯҳдаи супориши додашуда, асосан, баромадед. Яъне шумо ба ҷуз **муаллим** боз калимаҳои **омӯзгор, устод,** ман бошам, **тарбиятгар, мураббиро;** ба ҷойи **навиштан иншо карданро,** ба ҷойи **ором шинед** шумо тарқибҳои **хап шинед, гӯш кунед, гап назанедро;** ба ҷойи **ҳурмат кардан иззат кардан, эҳтиром намуданро** номбар намудед, ки ҳамагӣ дурустанд, яъне ҳар гурӯҳи калимахои номбаркардаи шумо, дар ҳақиқат, бо ҳамин калимаҳои дар аввал навиштаамон, яъне бо калимаҳои **муаллим, навиштан, ором шинед** ва **ҳурмат кардан** ҳаммаъно ва ё якмаъно мебошанд. Чунин калимаҳоро, ки шаклашон гуногуну, вале маънояшон ба ҳам наздик ё худ монанданд, дар илми забоншиносӣ **синоним** меноманд. **Синоним** аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, ба забони тоҷикӣ айнан **ҳамном** тарҷума мешавад, ки аз он якхела, ҳаммаъно ё худ якмаъно будани калимаҳои таркиби овозиашон гуногун фаҳмида мешавад. Масалан, калимаҳои **муаллим, омӯзгор, устод, тарбиятгар, мураббӣ** –ро гирем. Тавре мебинем, тарзи навишт ва таркиби овозии чаҳор калимаи баъдина гуногунанд, вале аз рӯйи умумият ва ё якхелагии маънояшон ба калимаи **муаллим** ҳаммаъноӣ пайдо намуда, як гурӯҳи калимаҳои синонимиро ташкил додаанд, ки дар байни онҳо барои мо бештар калимаи **муаллим** маъмул аст, яъне мо дар нутқамон бештар ҳамин калимаро истифода мекунем.

Баъдан муаллим дар бораи аҳамияти синонимҳо дар нутқ, ки онҳо натиҷаи боигарии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба шумор рафта, касро аз такрори фикр (калимаҳо) нигоҳ медоранд, сухан ронда, метавонад ба иҷрои машқу супоришҳои гуногун хонандагонро сафарбар намояд. Масалан: 1. Дар навбати аввал, дар доска таблитсаеро иборат аз панҷ сутун тартиб дода, аз калимаҳои зерин: **офтоб, рӯй,зебо, соф, фикр кардан** дар ҳар сутун якто-ашро навишта, таъкид менамояд, ки ба зери ҳар кадоме аз ин калимаҳо синонимҳояшро нависанд. Барои иҷрои ин супориш дар як вақт метавон 5 нафарро ба назди доска даъват намуд, дигарон мушоҳид мешаванд. Бо навбат хонандагони дигар ҳам ба назди доска барои иҷрои супориш даъват карда мешаванд, то ки онҳо ҳам, агар тавонанд, дар ин ё он сутун синоними

калимаеро нависанд. Ниҳоят, бо баъзе кӯмакҳои муаллим таблитсаи (11) дар доска кашидаи ӯ мазмунан чунин шаклро доро хоҳад шуд:

Таблитсаи 11

офтоб	рӯй	зебо	соф	фикр кардан
хуршед, меҳр, ховар, шед	**афт, андом, башара, ораз**	**хушрӯй, нозанин, соҳибҷамол**	**шаффоф, беғубор, мусаффо, тоза**	**андеша кардан, хаёл кардан, мулоҳиза кардан**

2. Супориш дода мешавад, ки номи чанд предметро бо синонимаш нависанд, ки дар синф ба чашми ҳама менамояд ва ба мавҷудияти онҳо боварӣ ҳаст. Намуна: стол – миз; курта – пероҳан ва ғ.

3. Матнро ё ягон матни машқи китоби дарсиро хенда, дар онҳо синоними баъзе калимаҳоро гуфтан ё ҳангоми навиштани матн онҳоро бо синонимашон иваз намудан.

4. Доир ба ҳар як калимаи ба ин ё он гурӯҳи вожаҳои синонимӣ марбут буда, масалан, доир ба калимаи **муаллим** ва гурӯҳи синонимии он **омӯзгор, устод, тарбиятгар, мураббӣ** тартиб додани ҷумла. Чунин супориш барои вазифаи хонагӣ ҳам басо мақсаднок буда, аз хонандагон эҷодкориро талаб мекунад. Аммо дар хона онҳо на доир ба як гурӯҳи калимаҳои синонимӣ, балки доир ба ду-се гурӯҳи онҳо, масалан доир ба гурӯҳҳои синонимии калимаҳои **хушрӯй, соф, фикр кардан** ва амсоли инҳо ҷумлаҳо тартиб диҳанд.*

Умуман, чи тавре ки методистон таъкид мекунанд, мақсад аз таълим додани синонимҳо, ки ин масъала минбаъд ҳангоми омӯзиши ҳиссаҳои нутқ ва дар мавридҳои мувофиқ, дар ҷараёни таълими баъзе мавзӯъҳои синтаксисӣ ҳам ҳалли фасл мегардад, он аст, ки таркиби луғавии нутқи хонандагон то андозае бой гардад, то ки онҳо дар мавридҳои гуногун дар нутқи хаттиву шифоҳиашон аз силсилаи калимаҳои синонимӣ мувофиқтарашро

---

* **Таъкид.** Барои мустаҳкам намудани мавзӯи «Синонимҳо» методист Қ. Сангов дар дастури худ «Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI» (с.33-35) машқҳои дигарро ҳам пешниҳод намудааст, ки

интихоб намоянд, ҳини суханронӣ фикрашонро бе рох додан ба такрори бемавриди калима дақиқу ҷолиб баён карда тавонанд.[170]

§34. Омонимҳо

Таълими ин мавзӯъ, ҳамчун яке аз қабатҳои махсуси лексикаи забон, аз муаллим донишу маҳорати баланди илмию методӣ, вале аз хонандагон басо диққатнокиро талаб мекунад. Хусусан, аз ҷиҳати шакл ва ё таркиби овозӣ ба калимаҳои сермаъно шабоҳат доштани омонимҳо аз ҷумлаи мушкилотест, ки фарқ намудану дарк намудани хусусиятҳои махсуси ин ду ҳодисаи лексикии забон ҳангоми баёни мавзӯъ ва ҳам дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ, воқеан ҳам, аз хонандагон диққатнокиву зеҳни корсозро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, усули аз ҳама мувофиқтар дар таълими омонимҳо муқоиса буда, зимни истифода аз он мафҳуми омонимҳоро дар қиёс ҳам бо калимаҳои сермаъно ва ҳам аз рӯи зарурат бо синонимҳо дақиқтар дарк намудани хонандагон имконпазир хоҳад гашт. Ва барои ноил шудан ба ин мақсади гузошташуда, дар навбати аввал, ба хотир овардани чанд калимаи сермаъно, аз қабили **сар, порча, доира,** ки чунин калимаҳо дар рафти таълими мавзӯи «Сермаъноии калима» мавриди таҳлил қарор гирифта буданд, айни мудаост..

Бо номбар намудани калимаҳои мазкур (**сар, порча**, **доира**) муаллим «хонандагонро таъқид мекунад, ки калимаҳои сермаъно предметҳои гуногунро фаҳмонанд ҳам, дар байни он предметҳо аз ин ё он ҷиҳат умумият (дар шакл, намуд, таъинот) ба назар мерасад. Чунончи, **сар –сари одам, сари кӯҳ, сари кор, сари дарахт, сари сина, сари стол,... порча – порчаи нон, порчаи замин, порчаи шеър.**[171]

Нуктаи фавқро муаллим шарҳ дода, бояд таъкид намояд, ки чун калимаҳои сермаъно дар забони тоҷикӣ ҳамчунин як силсила калимаҳое ҳастанд, ки онҳо, хусусан, аз ҷиҳати таркиби овозиашон, яъне шакли вожагиашон, ба ҳам монанданд, вале мисли калимаҳои сермаъно на предметҳои аз рӯи шаклу намуд ва ё таъинот ба ҳамдигар наздику умумиятдоштаро, балки дар заминаи маънои луғавиашон тамоман предмет ё худ мафҳумҳои гуногунро ифода менамояд. Масалан, дар забони тоҷикӣ чандин предмет бо калимаи **чанг** номбар карда мешавад, ки он

---

[170] Ниг. Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ, с.23; Сангов Қ. Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI. с.27

[171] Сангов Қ. Таълими лексикии забони тоҷикӣ дар синфиҳои V-V1,с 37-38.

предметҳо аз рӯи шаклу намуд ба ҳам монандӣ надоранд. Чунончи, **чанг** – гард ё чанги хок; **чанг** – номи асбоби мусиқӣ, ки бо ду чӯбча навохта мешавад; **чанг** – ё худ лабчанг, ки бо лаб навохта мешавад; **чанг** – ҷузъи феълии таркибии **чанг задан** (ё чангол задан); **чанг** – панҷаи даст, ҳангоме ки шакли хамидаро мегирад ва ғ. Ҳамчунин, калимаи **хор** низ чун калимаи **чанг** чандин мафҳумро ифода мекунад: **хор**- сиҳҳои тези баъзе растаниҳоро хор меноманд: **хори янтоқ, хори дӯлона; хор** – феълии фармоиш (пушт ё дастро хоридан); **хор**-ҷузъи феълии таркибӣ: хор шудан (ба маънои беқадр шудан); **хор** – суруди аз тарафи гурӯҳе ичрошаванда ва ғ. Ҳамин тавр, калимаҳои шаклан якхелае, ки предмет ва маҳфуму маъноҳои тамоман гуногунро ифода мекунанд, **омоним** номида мешаванд. **Омоним** калимаи юнонӣ буда, таҳти мафҳуми он, калимаҳое дар мадди назаранд, ки таркиби овозиашон якхелаву маъноҳои гуногунро далолат мекунанд ва ба як ҳиссаи нутқ (асосан ба исм) мансубанд. Инак, чун нақли муаллим ба ин ҷо ки расид, таблитсаи (11) зерин ба воситаи кодоскоп ё худ дар экрани компютер ба намоиш гузошта мешавад, ки дар заминаи он ва бештар ҳамон мисолҳои овардашуда дар як вақт ду ҳодисаи забон – омонимҳо ва калимаҳои сермаъно ба тариқи муқоиса шарҳ дода мешаванд:

Таблитсаи 11.

Омонимҳо	Калимаҳои сермаъно
I. **Чанг**: 1) гард, чанги хок; 2) номи асбоби мусиқӣ, ки бо ду чӯбча навохта мешавад; 3) лабчанг, ки як навъи асбоби мусиқӣ буда, бар лаб гузошта менавозанд; 4) панҷаи даст, ҳангоме ки шакли хамидаро мегирад; панҷа ё чанги паррандаву ҳайвонот. 5) ҷузъи феълии таркибии чанг задан (чангол задан) II **Хор: 1)** сиҳҳои тези растаниҳо: хори янтоқ, хори дӯлона ва ғ 2) феълии фармоиш: пушташро хор, пояшро хор ва ғ. 3) ҷузъи феълии таркибӣ: хор шудан (ба маънои беқадр) шудан) 4) суруди аз тарафи гурӯҳе ичрошаванда – хори умумӣ	I. **Сар:** сари одам, сари кӯҳ, сари гандум, сари кор, сари хат, (сархат), сари сина ва ғ. II. **Порча:** порчаи нон, порчаи шеър, порчаи замин, III.**Реша:** решаи дарахт, решаи калима, решаи дандон, решаи авлод

Чун мафҳум ва фарқи калимаҳои омонимӣ аз рӯи таблитсаи мазкур дар муқоиса бо калимаҳои сермаъно шарҳ дода мешавад, муаллим чанд калимаи дигарро, масалан, калимаҳои **дар, боз, бар, ток, занг, феълро** навишта аз хонандагон бояд талаб кунад, ки дар забони мо ба кадом маъноҳо истифода шудани калимаҳои мазкурро шифоҳӣ шарҳ диҳанд. Ва агар ин супориш то андозае ҳалли худро ёбад, дар идомааш метавон талаб намуд, ки доир ба ин ё он маъно омадани баъзе аз калимаҳои омонимии мазкур худ дар дафтарашон чумлаҳо – мисолҳои мувофиқ тартиб диҳанд. Дар хона ҳама аз асарҳои бадеӣ ё худ рӯзномаву маҷаллаҳои мутолиа намудаашон марбут ба баъзе калимаҳои омонимӣ ду-сетогӣ мисолҳоро интихобан навишта оянд ва ғ.

§35. Антонимҳо

Таълими ин мавзӯъ нисбат ба таълими мавзӯи «Омонимҳо» ва ҳатто дар муқоиса ба таълими мавзӯи «Синонимҳо» на он қадар душвор аст. Зеро дар нутқи аксари хонандагон нисбат ба синониму омонимҳо калимаҳои антонимӣ бештар мавриди истифода мебошанд. Масалан, мушоҳидаҳо собит менамояд, ки қариб ҳар доим хонандагон дар нутқашон калимаҳои антонимии **калон- хурд, пир – ҷавон, шаб-рӯз, дур-наздик, тобистон-зимистон, омад-иаомад, хонд-нахонд, ширин-туруш, бомаза-бемаза, зебо-безеб, паст-баланд, боло-поин** ва амсоли инҳо барин антонимҳоро кор мефармоянд. Аз ин рӯ, ҳангоми дарс кӯшиш ба он бояд дод, ки хонадагон аз ҷиҳати илмӣ ҳам ба моҳияти дар нутқ доштаи антонимҳо шиносоӣ пайдо кунанд. Аз ҷумла, доир ба истилоҳи калимаи **антоним**, асли баромад ва ё этимологияи ин калима, таърифи он, ҳамчун мафҳуми лексикии забон, ҳамчунин , дар бораи «воситаи асосии пуробуранг ва дилчасп ифода гардидани нутқ ва нишонаи боигарии таркиби луғавии забони модарӣ»[172] ба шумор рафтани антонимҳо бояд маълумоти қонеъкунанда гиранд. Ва бояд зикр намуд, ки ҳамин нуқтаҳои охир асоси мақсади таълими мавзӯи «Антонимҳо»-ро ташкил медиҳанд. Барои он ки ҳамин мақсади дар пеш гузошташуда ба амал бароварда шавад, дар оғози баёни мавзӯъ ҷалб намудани диққати хонандагон ба ибораҳои зерин, ки дар як сутун аз боло ба поён дар ватман сабт шудаанд, ҷалб карда мешавад:

---

[172] Сангов Қ. Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI, с 41.

себи ширин
либоси зимистона
роҳи дур
дарёи калон
ранги сиёҳ
фасли баҳор
хонаи равшан
одами раҳмдил

Бо намоиш дода шудани ибораҳои мазкур муаллим аз хонандагон талаб мекунад, ки дар баробари ҳар яке аз ин ибораҳо танҳо бо иваз намудани калимаи дуюм ибораҳое тартиб диҳанд, ки аз рӯи мазмун ҳар яке аз онҳо (ибораҳо) бар акси ё̈ худ бар хилофи ибораи аввал бошанд. Масалан, ин тавр: ҳавлии васеъ – ҳавлии хурд; оби ифлос – оби тоза ва ғ. Албатта, пас аз мушоҳидаи чунин амал, ки аз тарафи *муаллим* ба ҷо оварда мешавад, бо боварӣ метавон гуфт, ки аксари хонандагон дар муқобили ибораҳои додашуда ибораҳоеро хоҳанд навишт, ки дар натиҷа ҷуфти ибораҳои зерин эҳё̈ хоҳад шуд:

себи ширин – себи туруш
либоси зимистона – либоси тобистона
роҳи дур – роҳи наздик
ранги сиёҳ – ранги сафед
фасли баҳор – фасли тирамоҳ
хонаи равшан – хонаи торик
одами раҳмдил – одами бераҳм

Пас аз иҷрои супориши мазкур, ки натиҷааш аз ду-се нафар пурсида мешавад, муаллим боз ба хонандагон *муроҷиат мекунад*, ки акнун дар ҳар кадоми ин ибораҳо маҳз кадом калимаҳо боиси тағйир ёфтани мазмуни тарафайн гардидаанд. Калимаҳои якум ё̈ дуюм? Албатта , аз тарафи шогирдон чунин ҷавоб садо медиҳад:- Калимаҳои дуюм. Муаллим :-Бале, дуруст гуфтед. Биёед, акнун ҳар ҷуфти онҳоро дар алоҳидагӣ менависем. Инак, дар тахтаи синф ва ҳам дар дарфтарҳои хонандагон дар ду сутун аз таркиби ибораҳои додашуда калимаҳои *антонимии зерин навишта* мешавад:

ширин –туруш
зимистон –тобистон
дур – наздик
баҳор – тирамоҳ
равшан –торик
раҳмдил – бераҳм

Ва ин лаҳза муаллим ба шарҳи асли мавзӯъ пардохта, бояд чунин нуқтаҳоро ба хонандагон пешкаш намояд:-Аслан, ин ҷуфти калимаҳо аломатҳои гуногуни айнан як ё гурӯҳи предмет, ҳодиса ё воқеаҳоро нишон медиҳанд. Чунончи, себ аз рӯи таъм ду хел: ширин (себи ширин) ё туруш (себи туруш) мешавад. Яъне калимаҳои **ширин** ва **туруш** ду аломати пурра аз ҳам фарқкунандаи предмет **себро,** яъне аломатеро, ки мазмунан дар муқобили аломати дигари ҳамон предмет мавҷуд аст, ифода мекунанд. Ё ки нисбат ба одамон аз ҷуфти калимаҳои **доно-бефаҳм, давлатманд- камбағал, ҳунарманд- беҳунар, дилсӯз-бепарво** ҳама вақт якеашонро истифода мекунанд, ки маҳз ҳамон вожа ифодакунандаи хосияту хислати онҳост. Ба таври дигар гӯем, бештар бо ҷуфти ин калимаҳо ду шахс муқоиса карда мешаванд, ки яке савори як аломату хислат асту дуввумин дорои аломату хислати дигар. Чунончи, одами доно-одами бефаҳм; одами дилсӯз-одами бепарво; одами ҳунарманд-одами беҳунар ва ғ. Ва ана ҳамин гуна калимаҳоро, ки хислату аломатҳои ба ҳам зид ё худ муқобили предмет ва воқеаву ҳодисаҳоро ифода мекунанд, дар илми забоншиносӣ **антонимҳо** меноманд. **Антоним** калимаи юнонӣ буда, таркибан аз ду реша: **анти-зид** ва **онима-ном**[173] иборат аст. Аз ин рӯ, дар забони тоҷикӣ **антонимро** ин тавр таъриф мекунанд: **Калимаҳои зидмаъно ё худ муқобилмаъноро антоним меноманд.** Аз ҷумла, ҷуфти калимаҳои **ширин – туруш, дур – наздик, сиёҳ – сафед, зимистон – тобистон, баҳор – тирамоҳ, равшан – торик, раҳмдил – бераҳм** ва амсоли инҳоро калимаҳои антонимӣ меноманд, ки ҳар ҷузъи ҷуфти ин калимаҳо ба аломати предмет, воқеа ё ҳодисае ишора мекунанд, ки он аломат айнан ба ҳамон як предмет, воқеа ё ҳодисаи дигар хос нест.

Ҳамчунин, дар идомаи шарҳи муаллим хонандагон бояд фаҳманд, ки антонимҳо чун калимаҳои синонимӣ барои барҷаставу образнок нишон додани аломатҳои предмету воқеа ва ҳодисаҳо, хислатҳои гуногуни ба ҳам зидди образу персонажҳо хизмат мекунанд. Вале як бартарии антонимҳо аз синонимҳо дар ин аст, ки онҳо (антонимҳо) дар зарбулмасалу мақолҳо ва чистонҳо ҳамчун як воситаи мӯъҷазу ҷаззоб ифода намудани предмет ё худ аломати он ҳам истифода мешаванд. Чунончи: а) Дар чистонҳо: Аз саг **паст**, аз асп **баланд(зин);** Он чист, ки як рӯяш **сиёҳу** рӯи дигараш **сафед** (шабу рӯз);б) Дар зарбулмасалу

---

[173] Нит: Ҳусейнов Х, Шукурова К. Луғати терминҳои забоншиносӣ, с.17

маколхо: **Пур** дону **кам** гӯй. Поёни шаби **сиёҳ сафед** аст. **Шикамсер** кай парвои **гурусна** дорад.[174]

Ҳангоми мустаҳкамкунии мавзӯи «Антонимҳо», ба ҷуз он ки таъриф, этимология ва аҳамияти антонимҳо дар нутқу асарҳои бадеӣ аз шогирдон пурсида мешавад, ҳамзамон, аз онҳо ба ҷо овардани талаби як силсила машқҳоро, масалан номбар намудани антоними чанд калимае (чунончи, антоними калимаҳои **духтар, саҳар, гарм, хурсанд, гирёи, омадан, бисёр, қафонокӣ** ва ғ.), ки аз тарафи муаллим номбар карда мешавад; дар матнҳои гуногун порчаҳои насриву шеърӣ муайян намуда, шарҳ додани антонимҳо; аз худ тартиб додани ҷумлаҳое, ки дорои калимаҳои антонимӣ бошанд; дар мисолҳо (ҷумлаҳо) фикран муқаррар намудани он, ки кадом калимаҳо антоним дошта метавонанд ва шарҳи шифоҳии онҳо. Масалан, чунин ҷумла дода шудааст: **Дар баҳор оби ҷӯйҳо бисёр мешавад.** Талабагон шарҳ медиҳанд:-Дар ин ҷумла калимаҳои **баҳор, об, ҷӯйҳо, бисёр** дорои антонимҳои худ мебошанд. Чунончи, антоними **баҳор** –*тирамоҳ, об*-**ях, ҷӯйҳо** – **дарёҳо** ва антоними **бисёр** калимаҳои **кам** мебошад.

Умуман, ҳар машқу супорише, ки дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ ва пурсиши вазифаи хонагӣ марбут ба санҷишу мустаҳкамкунии дониши хонандагон ба иҷро расонида мешавад, бояд дорои мақсади амиқе буда, боиси ганӣ гардидани захираи луғавии нутқ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон шуда, тавонад.

§36. Калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ

Чунон ки маълум аст, мувофиқи барномаи солҳои охир идомаи боби «Калима (луғат)» дар синфи **VII** таҳти унвони «Калима ва фразеология (таъбирҳо)»* зимни 14 соат таълим дода мешавад, ки бо истифода аз ин миқдори соатҳо ба хонандагон дар бораи калимаҳои аслан тоҷикӣ, иқтибосӣ, калимаҳои шевагӣ ва соҳавӣ (касбӣ), таърихи баромад (этимология)-и баъзе калимаҳо, воҳидҳои фразеологӣ (таъбирҳо) ва фарқи онҳо аз

---

[174] **Таъкид.** Мисолҳо доир ба чистону зарбулмасалҳо аз саҳифаи 45-и китоби Сангов Қ.-«Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI» гирифта шудааст.

* **Таъкид.** Шояд ин қисмати боби мазкур дар барномае, ки солҳои наздик ба табъ мерасад, чун дар барномаҳои то соли 1994 боз ба синфи VI интиқол дода шавад, ки чунин амал мантиқан қобили қабул хоҳад

таркибу ибораҳои озод, манбаъҳои пайдоиш ва аҳамияти онҳо, яъне таъбирҳо, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ маълумот дода шавад.

Аз ҷумла, ҳангоми таълими мавзӯи «Калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ» хонандагон бояд фаҳманд, ки таркиби луғавии забони тоҷикӣ басо бой буда, он дар маҷмӯъ ба ду қисмати асосӣ: а) калимаҳои аслан тоҷикӣ ва б) калимаҳои иқтибосӣ ҷудо карда мешавад. Калимаҳоеро аслан тоҷикӣ меноманд, ки онҳо таърихан калимаҳои худӣ буда, офаридаи худи халқи тоҷик буда, ҳамзамон, онҳо боигарии ҳақиқии забони тоҷикӣ ба шумор мераванд. Калимаҳое, ки бо сабабҳои гуногун (муносибатҳои иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодиву маданӣ) аз забони дигар ба забони мо (тоҷикӣ) ворид шудаанд, **калимаҳои иқтибосӣ** ном доранд. Калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ бештар аз забонҳои арабӣ, туркию ӯзбекӣ ворид шуда, баъдтар - аз нимаи дуюми асри **XIX** сар карда то ба имрӯз воридшавии калимаҳои русӣ-байналмилалӣ ба мушоҳида гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, барои он ки гуфтаҳои фавқ амалан дастраси шогирдон гардонида шавад, метавон аз таблитсаи (12) зерин истифода намуд:

Таблитсаи 12

КАЛИМАҲОИ АСЛАН ТОҶИКӢ ВА ИҚТИБОСӢ*

Калимаҳои аслан тоҷикӣ	**Калимаҳои иқтибосӣ**		
	Арабӣ	**Туркию ӯзбекӣ**	**Русӣ-байналмилалӣ**
об	мактаб	қишлоқ	роман
чашм	муаллим	қошуқ	опера
гӯш	таълим	қолин	аптека
забон	маъруф	қаймоқ	глобус
даҳон	тарбия	қурут	музей
модар	маърӯза	қамчин	Москва
падар	шеър	қаровул	Кремл
талх	рубоӣ	қима	бригада
тунд	ғазал	қайроқ	кино
оҳиста	даъво	бой	филм
рафтан	саҳифа	элак	ручка
хандидан	китоб	босмачӣ	перо
пурсидан	илм	қундоқ	сомолёт
омадан	маданият		танк

* **Таъкид.**: Таблитсаи мазкур бо баъзе тағйирот аз саҳ. 59 дастури Сангов Қ.-«Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VI» гирифта шудааст.

Албатта, таблитсаи мазкурро аз ҳисоби калимаҳои чи аслан тоҷикӣ ва чи иқтибосӣ беинтиҳо идома додан мумкин аст. Аммо ҳамин мисолҳои дар он овардашуда кифоя аст, ки зимни онҳо дар бораи хусусиятҳои калимаҳои аслан тоҷикӣ, сабабҳо, мавқеъ ва аҳамияти ба забони тоҷикӣ воридшавии калимаҳои иқтибосӣ ба хонандагон маълумоти то андоза қонеъкунанда дода шавад. Вале шарти баён ва ҳалли ин амал он аст, ки агар дар ҷараёни он дар баробари шарҳи этимологии калимаҳои иқтибосӣ нишона ё худ аломатҳои зоҳирӣ, ё худ фонетикии онҳо ҳам шарҳ дода шаванд. Масалан, дар аввали калимаҳои арабӣ омадани ҳиссаҳои **ма-, му,та** ва дар таркиби онҳо бештар мавҷуд будани аломати сакта (маъно, таъна, даъво, санъат, масъул) ва овозҳои ҳамсадоҳои шадда ва ё ташдиддор, чун **дд, сс, кк, ққ** (мубаддал, муҳаббат, муассиса, мураккаб, машаққат), дар таркиби калимаҳои туркию ӯзбекӣ бештар ҷой доштани ҳамсадои **қ** (қошуқ, қишлоқ, милтиқ) ва дар аввали калимаҳои русию байналмилалӣ омадани ду ҳамсадо (Кремл, бригадир, стансия) бояд аз тарафи муаллим таъкид карда шавад. Дар ин бобат, албатта, тариқи тафсир додан ва ё номбар намудани синоними тоҷикии баъзе калимаҳои иқтибосӣ барои боз ҳам дақиқтар сарфаҳм рафтан ба моҳияти масъала дарсро шавқовартар хоҳад намуд. Аз ҷумла, баъзе калимаҳои иқтибосиро бо синоними тоҷикиашон тавассути таблитсаи (13) зерин метавон ба маърази диққати хонандагон гузошт, ки ҳатто ба шарҳашон эҳтиёҷ ҳам наменамонад:

Таблитсаи 13

Калимаҳои иқтибосӣ	**Синоними тоҷикии калимаҳои иқтибосӣ**
муаллим	омӯзгор, устод
мактаб	дабистон
кӯшун	сипоҳ, лашкар
қишлоқ	деҳа
қошуқ	чумча
қаровул	посбон
илм	дониш
элак	ордбезак
тарбия	парвариш
ваҳдат	ягонагӣ
воҳид	як, якто, ягона
самар (а)	мева, бор
ҳосил	натиҷа, бор, мева

Лаҳзаи мустаҳкамкунии дарси мазкурро низ метавон шавқовару сермаҳсул ташкил намуд. Масалан, аз калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосии таблитсаи фавқ истифода намуда, ба таври мувозӣ тартиб додани ҷумлаҳо, навиштан ва номбар намудани калимаҳое, ки дар таркибашон (дар аввал, мобайн ва ё охирашон) ҳисса ва овозҳои **му, та, ият, ъ, қ** мавҷуд бошанд, ё ки овозе ташдид ёфта бошад. Барои иҷрои ин ҳама супоришҳо хонандагон метавонанд аз луғати имло ва махсусан, аз луғати дуҷилдаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (с.1969) ҳам дар синф ва ҳам дар хона истифода баранд, ки ба ин восита онҳо ба таърихи баромади калимаҳои иқтибосӣ бештару беҳтар шиносоӣ пайдо мекунанд.

§ 37. Калимаҳои шевагӣ ва соҳавӣ

Дар як ё ду дарси навбатӣ бахшида ба таълими калима (луғат) (дар синфи VII) ба хонандагон дар бораи калимаҳои шевагӣ ва соҳавӣ маълумот дода мешавад. Барои дастраси хонандагон намудани масъалаҳои мазкур, пеш аз ҳама, фаҳмонидан лозим аст, ки барои дараҷаи истеъмоли калимаҳоро дар нутқ ва назиштаҷот муайян намудан онҳоро (калимаҳоро) ба се гурӯҳ –калимаҳои **маъмул** (ё худ умумистеъмолӣ), **шевагӣ** ва **соҳавӣ** ҷудо мекунанд. Чунки намояндагони ин ё он халқу миллат, аз ҷумла, мо тоҷикон, аз калимаву ибораҳои дар таркиби луғавии забони худ мавҷуда на ҳама як хел истифода мебарем. Масалан, агар мо як силсила калимаҳо, аз қабили **падар, модар, шамол, об, ҳаво, даҳ, бист, сурх, сиёҳ, ман, ту, шумо, омадан, хӯрдан, хондан, бисёр, оҳиста** ва амсоли инҳоро ҳамарӯза дар нутқи худ ва гуфтугӯи кулли мардуми тоҷик мушоҳида мекунем, ки ин гуна калимаҳоро **калимаҳои маъмул** (ё худ умумиистеъмолӣ) меноманд. Гурӯҳи дигари калимаҳоро, аз қабили **ина** (ана), **ӯру** (он тараф), эру (ин тараф), **мерем** (меравем), **рош** (биё), **инҷанда** (дар ин ҷо), **рафтос** ё **рафсос,** (рафта истодааст), **мера** (меравӣ), **бура** (бирав) **умам** (омадам) ва ғ. танҳо дар нутқи намояндагони шеваи ин ё он маҳал истифода мешаванд, ки чунин калимаҳоро **калимаҳои шевагӣ** меноманд. Аммо силсилаи дигари калимаву ибораҳо низ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ вомехӯранд, ки онҳо танҳо ифодакунандаи мафҳумҳои ин ё он соҳаи касбу ҳунар буда, асосан, дар нутқ ва навиштаҷоти ашхоси ба ин ё он соҳаи касбу ҳунар марбут буда, ҳамарӯза мавриди истифода қарор мегиранд. Масалан, дар нутқи шумо, хонандагон, ҳар рӯз калимаҳои **бӯр,**

қалам, китоб, дафтар, муаллим, устод, танаффус, занг задан, синф, парта, доска (тахтаи синф), вале дар ҳар дарс, масалан, мо бо шумо дар дарси забони тоҷикӣ ҳар доим калимаву ибораҳои **ҳиссаи нутқ, ибора, ҷумла, исм, сифат, ҷонишин, суффикс, префикс, калимаи сохта, калимаи мурракаб, аъзои ҷумла, сараъзо, мубтадо, хабар, ҷумлаи содда, ҷумлаи мураккаб** ва амсоли инҳоро истифода мебарем. Ана ҳамин гурӯҳи сеюми калимаву ибораҳоро, ки маҳз дар нутқу навиштаҳои одамони машғули ин ё он касбу ҳунар мавриди истифодаанд, **калимаҳои соҳавӣ** меноманд. Ва чун сухани муаллим то ба ҳамин нуқтаи охир расид, таблитсаи (14) зерин дар тахтаи синф ба намоиш гузошта мешавад ё шояд ба тавассути кодоскоп намоиш дода шавад:

Таблитсаи 14

Калимаҳои маъмул ё худ умумиистеъмолӣ	**Калимаҳои шевагӣ**	**Калимаҳои соҳавӣ**
падар, модар, шамол, об, ҳаво, санг, кӯҳ, замин, сурх, сиёҳ, дах, бист, ман, ту. шумо, омадан, хондан, хӯрдан, оҳиста, бисёр, пагоҳ, бегоҳ, боло, поин, наход, наход ки, танҳо, фақат, ҳа, бале, оҳ, ӯҳ ва ғ.	ина (ана), ӯру (он тараф), эру (ин тараф), мерем (меравем), рош (биё, рафтем), инҷанда (дар ин ҷо), рафтос ё рафсос (рафта истодааст), мера (меравӣ), бура (бирав), умам (омадам), умӣ (омадӣ), чум (надонам) ва ғ.	бӯр, дафтар, китоб, муаллим, устод, танаффус, занг, занг задан, синф, парта, доска (тахтаи синф); ҳиссаи нутқ, калима, ибора, ҷумла, исм, сифат, ҷонишин, суффикс, префикс, калимаи сохта, калимаи мураккаб, аъзои ҷумла, сараъзо , мубтадо, хабар, ҷумлаи содда, ҷумлаи мураккаб ва ғ.

Инак, дар заминаи таблитсаи мазкур муаллим бо истифода аз усули муқоиса ва методи нақл (шарҳдиҳӣ) пурра бояд хонандагонро қонеъ кунонад, ки калимаҳои дар сутуни якум овардашударо барои он маъмул меноманд, ки чунин калимаҳо ва амсоли инҳоро дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон, сарфи назар аз шеваю лаҳҷаи маҳали худ, ҳамеша мардуми тоҷикзабон бе ягон маҳдудият дар нутқашон, муошарати байниҳамдигариашон истифода мекунанд. Аз ин рӯ, чунин калимаҳоро **калимаҳои умумиистеъмолӣ,** ё ки **умумихалқӣ** ҳам меноманд.

Калимаҳои сутуни дуюмро барои он шевагӣ меноманд, ки онҳо танҳо дар нутқи бошандагони ин ё он минтақа, ноҳия ё худ маҳал истифода мешаванду бас. Ҳатто дар баъзе маҳалу ноҳияҳо калимаҳое дар нутқи сокинон мавриди истифода ҳастанд, ки барои *сокинони шеваи* дигари забони тоҷикӣ тамоман бегона ва ҳатто нофаҳмо ба назар мерасанд. Калимаҳои шевагӣ, агар дар муқоиса бо калимаҳои забони адабӣ мавриди мушоҳида қарор гиранд, мебинем, ки гарчи дар бобати маънои луғавӣ тафовут надошта бошанд ҳам, вале аз рӯи шаклу сохти овози (фонетикӣ)-ашон хеле фарқ мекунанд (Ин лаҳза аз сутуни дуюм сохти фонетикии чанд калимаи шевагиро бо муодили дар забони адабӣ будааш шарҳ додан айни мудао хоҳад буд.)

Калимаҳои дар сутуни сеюм овардашуда пурра калимаҳои ба забони адабии ҳозираи тоҷик воридшудаанд. Аммо умумиистеъмолӣ набуда, дар асл, дар гуфтор ва навиштаҷоти ашхосе зиёда мавриди истифода қарор дода шудаанд, ки онҳо ба касбу ҳунаре ва ё илму санъате сару кор доранд, ки чунин калимаҳо ва амсоли онҳо маҳз барои ифодаи мафҳумҳои ҳамон соҳа хизмат мекунанд. Чунончи, шумо, хонандагон, ки ҳоло дар мактаб таҳсил мекунед, дар нутқу гуфтугӯи ҳамарӯзаатон, пеш аз ҳама, калимаҳои **бӯр, китоб, дафтар, доска, синф, занг, танаффус, дарс, дониш, муаллим** ва боз калимаҳоеро ҳам, ки дар маҷмӯъ дар фаъолияти умумии кори мактабу вазъи таълим марбутанд, истифода мебаред. Ба ҷуз ин, доир ба ҳар фан ҳангоми дарс ва ё иҷрои супоришҳои дар алоқамандӣ бо ҳамон фан гирифтаатон доим бо калимаву ибораҳое сарукор доред, ки маҳз хоси ҳамон фан ба шумор меравад. Масалан, дар дарси забон ё ҳангоми азхудкунии таърифу қоидаҳои марбути он дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ, агар бо як силсила калимаҳо, аз қабили **калима, ибора, ҷумла, ҳиссаи нутқ, исм, сифат, феъл** ва амсоли инҳоро аз забони муаллиму ҳамсинфонатон шунида, аз китоб қироат кунед, баръакс, дар дарси адабиёт калимаҳоеро мешунавед, қироат мекунед ё худ дар лаҳзаи ҷавобҳоятон истифода мебаред, ки маҳз хоси ҳамин фанни адабиётанд. Масалан, чунин калимаву таркибҳо: адабиёт, **адабиёти бадеӣ, ҳикоя, латифа, повест, роман, шеър, рубоӣ, ғазал, маснавӣ, лирика, образ, адабиётшинос** ва ғ. Барои ҳамин ҳам, чунин калимаву ибораҳоро, ки маҳз ифодакунандаи мафҳумҳои хоси ин ё он касбу ҳунар ва ё илму техникаанд, **калимаҳои соҳавӣ,** ё худ **калимаҳои истилоҳотӣ** меноманд. Вожаи **истилоҳро** дар маҷмӯи илмҳо **термин** меноманд. **Термин** калимаи лотинӣ буда, аслан, ба маънои **ҳад, ҳудуд, сарҳад, аломати ҳудудӣ** истифода мешавад. Вале дар ин

калимаҳои махсуси ифодакунандаи мафҳумҳои соҳаи касбу ҳунар ва ё илму фанни ҷудогонаро термин меноманд. Масалан, калимаву ибораҳои дар илми забоншиносӣ истифодашавандаро **терминҳои забоншиносӣ,** вале дар илми адабиётшиносӣ мавриди истифода бударо **терминҳои адабиётшиносӣ** меноманд. Аммо ҳоло ба ҷои **термин** дар забони адабии тоҷик муодили тоҷикӣ (арабӣ) –и он – калимаи **истилоҳро** бештар истифода мебаранд, ки дар ҳақиқат, бо вожаи **термин** якмаъност.

Лаҳзаи мустаҳкамкунӣ ва пурсиши вазифа доир ба мавзӯи «Калимаҳои маъмул ва соҳавӣ» бояд дар баробари такмили дониши хонандагон завқи забондониву забонфаҳмии онҳоро ҳам бедор намояд. Аз ин ваҷҳ, барои ноил шудан ба ин мақсад иҷрои чунин машқҳоро ба хонандагон мебояд супориш дод: 1. То 10 калимаи маъмулро номбар кунанд. 2. То 10-то калимаи шевагиро бо муодили дар забони адабӣ мавҷудашон дар ду сутун навишта шарҳ диҳанд.3. Аз калимаҳои дар ватман сабтшуда ё ба воситаи кодоскопу компютер намоишдодашуда дар як сутун калимаҳои маъмул ва дар сутуни дигар калимаҳои соҳавиро навишта, шифоҳӣ ба кадом соҳаи касбу ҳунар мансуб будани онҳоро шарҳ диҳанд. 4. Мувофиқи талаби нақшаи зерин дар ҳар сутун то 10 калимаи соҳавиро сабт намудан:

Калимаҳои соҳавӣ*			
Соҳаи деҳқонӣ	Соҳаи таърих	Соҳаи ҳарбӣ	Соҳаи адабиёт
каланд,…	давлат, …	танк,…	байт, …

5. Мусобиқа: Ба ду нафар (ё ба ҳар ду қатори хонандагон) супориш додан лозим, ки дар муддати ду-се дақиқа танҳо доир ба як соҳа – деҳқонӣ ё ҳарбӣ, дуредгарӣ ё бинокорӣ, математика ё физика то 20 калимаро дар дафтарашон сабт намоянд (Довар муаллим, ё ин ки яке аз қаторҳои бетараф шуда метавонад). 6. Аз матни ба ин ё ба он соҳаи кор мураттабшуда муайян намудани калимаву таркибҳои марбути ҳамон соҳаи касбу ҳунар. 7. Тартиб додани матни хурди иборат аз се-чор ҷумла доир ба як соҳа ва бо талаби муаллим аз ҳамон матни мураттабшуда шарҳ додани калимаҳои маъмул ва соҳавӣ.

---

* **Таъкид.** Супориши мазкурро метавон ба ҳайси вазифаи хонагии хонандагон ҳам супориш дод.

§38. Воҳидҳои фразеологӣ (таъбирҳо)

Маълум аст, ки воҳидҳои фразеологӣ ва ё худ таъбирҳо дар маҷмӯъ ба калимаҳои маҷозӣ аз рӯи ифодаи маъно қаробати хеле наздик доранд. Чунки воҳидҳои фразеологӣ ҳам ба монанди калимаҳои маҷозӣ дар нутқ ба маънои ғайриҳақиқӣ омада, барои пуртаъсиру пуробуранг намудани фикр дар гуфтори, хусусан, одамони як андоза таҷрибаи кору зиндагӣ дошта хизмат мекунанд. Аммо фарқи асосии воҳидҳои фразеологӣ аз калимаҳои маҷозӣ ин аст, ки инҳо, яъне воҳидҳои фразеологӣ, бисёрҷузъа мебошанд. Яъне воҳидҳои фразеологӣ на чун калимаҳои маҷозӣ аз як ҷузъ (як калима), балки ҳар кадоми онҳо на камтар аз ду ҷузъ (аз ду калима) ташкил ёфта, танҳо дар яклухтӣ ин ё он маънои маҷозӣ ё худ маънои ғайриаслиро ифода мекунанд. Масалан, дар ибораҳои **сухани ширин, иродаи оҳанин, бахти сафед** танҳо калимаҳои **ширин** (сухани хуб), **оҳанин** (иродаи мустаҳкам), **сафед** (бахти нек) ба маънои маҷозӣ омадаанд. Аммо дар таркибу ибораҳои зерин аз қабили **дасту по гум кардан, барги сабз, дар курта нағунҷидан, даст ба гиребон шудан** ва амсоли инҳо на як калима, балки ҳамаи калима ва ё ҷузъҳои дар ҳар як таркиб омада дар яклухтӣ як маънои маҷозиро ифода кардаанд, ба дарачае ки ҳамин маънои маҷозӣ ба маънои лугавии, аслаллан, яке аз калимаҳои ҳамон таркиб иртиботе надоранд.[175] Чунончи, аз маънои умумии **дасту по гум кардан саросема шудан,** аз ибораи **барги сабз тӯҳфа,** аз ифодаи **дар курта нағунҷидан аз ҳад зиёд хурсанд шудан** ва аз ибораи **даст ба гиребон шудан бо касе ҷанг кардан** ё **занозанӣ кардан** фаҳмида мешавад. Ва албатта, барои чунин маълумотро ба шогирдон дастрас намудан воситаи асосӣ дар як вақт танҳо истифода намудан аз методи аёният ва усули муқоиса ба шумор хоҳад рафт. Аз ин рӯ, барои пиёда намудани нуктаи мазкур муаллим метавонад аз таблитсаи (14) зерин истифода барад:

Таблитсаи 15

Калимаҳои маҷозӣ	Воҳидҳои фразеологӣ
бахти **сафед**	**нури чашм** (фарзанд)
дарди **сӯзон**	гули сари сабат (шахси баобрӯ)
одами **қимат**	**аз дил берун** (нодаркор, нолозим)
давраҳои **тиллои**	**дар курта нағунҷидан**
хоби **ширин**	(шодии беҳад)

[175] Ниг.: Ҳусейнов Х., Шукуров К. Луғати терминҳои забоншиносӣ, с. 34

дили **гарм** шахси **дилтанг**	**сар ба осмон расидан** (хурсанд шудан) **гардан тофтан** (кореро иҷро накардан) **тарбуз аз бағал афтондан** (ноумед шудан)

Инак, аз рӯи мисолҳои дар ҳар ду сутун овардашуда ва аз шарҳи муаллим хонандагон дар як вақт калимаҳои маҷозиро ба хотир оварда, ҳамзамон, мефаҳманд, ки дар нутқи мо на фақат калимаҳои ҷудогона, балки маҷмӯи калимаҳо – на камтар аз ду калима ё ҷузъҳои ба ҳам дар робитаи басо устувору ногусастанӣ буда, ин ё он маънои маҷозиро ифода меқардаанд, ки маҳз чунин таркибу ибораҳои устувор, ки дар маҷмӯъ бо ҳамаи ҷузъҳои таркибашон як маънои маҷозии басо пуробурангу таъсирбахши забонро офаридаанд, **воҳидҳои фразеологӣ** ё худ **таъбирҳо** номида шудаанд. Инчунин, бояд муаллим дар заминаи мисолҳо шарҳ диҳад, ки воҳидҳои фразеологӣ таркибан хеле устувор буда, бо ҳамин хусусияташон аз ибораҳои озоди синтаксисӣ фарқ мекунанд. Яъне агар ҷузъҳои ибораҳои озоди синтаксисӣ аз рӯи вазифаашон дар ҷумла бештар ба аъзоҳои ҷумла мансуб бошанд, ин хусусият барои воҳидҳои фразеологӣ тамоман бегона аст. Масалан, дар ҷумлаи мазкур – «Имсол **чорвои хоҷагӣ** аз чӯл барвақт баргашт» ҷузъҳои ибораи **чорвои хоҷагӣ** ба вазифаи ду аъзои он – ҷузъи асосӣ (чорво) ба вазифаи мубтадо, ҷузъи тобеъ (хоҷагӣ) ба вазифаи муайянкунанда омадааст, ки чунин хусусиятро воҳидҳои фразеологӣ доро намебошанд. Ба ҷуз ин, дар таркиби ибораҳои озод мо метавонем яке аз ҷузъҳоро (чорвои деҳқонон, гӯсфандони хоҷагӣ, гӯсфандони деҳқонон) озодона иваз намоем. Вале ин амалро дар бобати ибораҳои озод ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон ҷорӣ намуд. Зеро агар ибораҳои озод танҳо дар айни гуфтугӯ намудан ҳангоми эҷоди чизе (мактуб, нақл, иншо, ҳикоя, повест, роман, шеър ва ғ) ба салоҳдиду хости гӯянда ё худ иншокунанда дар ин ё он қолаби ибораозӣ офарида шаванд, ин амалро дар бобати истифодаи воҳидҳои фразеологӣ ҳаргиз нашояд кард. Чунки воҳидҳои фразеологӣ маводи тайёри забон буда, таърихан қадимианд ва онҳо таркибан басо устувору ба ҳам ноаён алоқаи зичу ногусастанӣ пайдо намудаанд, ки ҳатто ягон ҷузъашонро бо ҷузъ ё калимаи дигар иваз намудан имконият надорад. Ва агар мабодо, ягон ҷузъи ин ё он воҳиди фразеологие қасдан тағйир дода шавад ҳам, маънои маҷозиву дилхоҳи дар он буда, ба пуррагӣ барҳам мехӯрад. «Чунончи, ба ҷои **«гурги борондида»**

гурги барфдида ё жоладида, ба ҷои «**даст кӯтоҳ кардан**» по кӯтох кардан ба ҷои «**гули сари сабад**» гули сари стол ва ё шкаф, ба ҷои «**дасту по гум кардан**» сар ё чашм гум кардан гуфтан мумкин нест».[176] Ва бо ҳамин хусусияташон воҳидҳои фразеологиро, ҳамчун таркибу ибораҳои устувор, маводи тайёри забон ва дар сохтори ҷумла, ҳамчун маводи бинокорӣ, бе ягон тағйироти ҷузъиву маъноӣ истифода мебаранд. Чунончи: «1. Абдулло, ки **гурги борондида** буд, табассум карда монд. 2. Агар никор гирифтанӣ бошӣ, бояд бо ҳамаи онҳо **даст ба гиребон шавӣ**. Аммо ту бо ҳамаи онҳо **даст ба гиребон шуда наметавонӣ**, дастат кӯтоҳӣ мекунад»[177]

Пас аз баён ва ё шарҳу эзоҳи гуфтаҳои вақт бо саволҳои пешакӣ тартибдодашуда дониши назариявии хонандагон марбут ба воҳидҳои фразеологӣ санҷида шуда, мавзӯи мазкур – «Воҳидҳои фразеологӣ» ба тавассути иҷрои машқу супоришҳои гуногун мустаҳкам карда мешавад. Масалан, бо истифода аз чунин супоришҳо: 1. Аз ҷумлаҳои зерин воҳидҳои фразеологиро муайян намуда шарҳ додан: «Кориишкамба бо шунидани ин пешниҳод аз шодӣ дар пӯсташ намегунҷид (С.А.). Аввало, мевафурӯшӣ маъқул набуд, ба бозор бо гардани баста мерафтам (П.Т.). Кабиров мисли мурғи посухта ба чор тараф медавид».[178]

2. Бо истифода аз воҳидҳои фразеологии зерин ҷумлаҳо тартиб додан: **барги сабз, дасту по гум кардан, бо чормағзи пуч бағал пур кардан, даст ба гиребон шудан ва ғ.**

3. Мустақилона ба хотир овардани ягон воҳиди фразеологӣ ва онро дар ҷумлаи сохтаи худ истифода бурдан.

4. Аз асари бадеӣ ҷамъ овардани ҷумлаҳое, ки дорои ин ё он воҳиди фразеологӣ бошанд ва як ё дутои онҳоро бо дархости муаллим шарҳ додан. Ин супориши охирро ба ҳайси вазифаи хонагии хонандагон ҳам пешниҳод кардан мақсаднок мебуд.

Ҳамин тавр, таълими боби «Калима(луғат)» чи дар синфи V ва чи дар синфи VII дар маҷмӯъ кору фаъолияти басе гуногуни на танҳо хонандагон, ҳамзамон, масъулият, донишу маҳорати забоншиносӣ ва ҳам педагогиву методии муаллими забони тоҷикиро тақозо менамояд, ки дар сурати мувофиқи талаботи методиву равоншиносӣ пиёда намудани он ҳама кору фаъолият – баррасии маълумоти назариявӣ ва азхудкунии он аз тарафи хонандагон, таҳлили калима, таркиб ва ибораҳои ба луғати забони тоҷикӣ марбут, иҷрои машқу супоришҳои дар китоби

---

[176] Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ дар мактаби миёна. қ1,с.31
[177] Қурбонов М. ҳамон ҷо, с.30
[178] Ҳамон ҷо, с.34

дарсӣ буда ва супоришу талабҳои муаллим аз хонандагон вобаста ба хусусияти ҳар як мавзӯи таркибии боби мазкури забоншиносии тоҷик, ҳақиқатан ҳам, ба маънои ҳақиқӣ ва пурраш, агар ҳар кадом ба низоми муайян ва ҳам мақсаднок ба ичро расонида шаванд, бо боварии кул метавон гуфт, ки хонандагон бо қабатҳои лексикии таркиби луғати забони тоҷикӣ на танҳо шиносой пайдо мекунанд, балки асосҳои дониши меъёриро аз бар намуда, муҳаббаташон бар забони модарии худ, ки яке аз забонҳои бойи ҷаҳон маҳсуб меёбад, афзун хоҳад гашт. Ба ҷуз ин, онҳо дар ҷараёни таълими мавзӯъҳои боби мазкур («Калима») амалан тарзи истифода кардан аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ», луғати дузабона ва луғати имлоро ҳам ёд гирифта, минбаъд дар фаъолияти мустақилонаи худ бе ягон мушкили ба чунин луғатҳо мурочиат карда метавонистагӣ мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик, қ.1. Фонетика ва морфология.- Душанбе: Ирфон, 1973.
2. Каримов А. Таълими «Калима ва таъбирҳо» дар синфи V (Дастури методӣ). - Душанбе, 1974.
3. Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ дар мактаби миёна, к.1. - Душанбе:УДТ ба номи В.И. Ленин.,1985
4. Курбонов М., Маҳмадов М. Таълими забони тоҷикӣ дар синфи V.-Душанбе: Маориф.1993
5. Основы методики русского языка IV-VII классах. М.: Просвещение, 1978.
6. Сангов Қ. Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V – VI. –Душанбе: Маориф,1991
7. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. М.: Просвещение.1980
8. Хаскашев Т., Ҳамидов Р. Забони тоҷикӣ (Барои синфи V).- Самара: Федоров, 2000.
9. Ҳусейнов Х., Шукурова К. Луғати терминҳои забоншиносӣ.- Душанбе.: Маориф, 1983

БОБИ VIII. МАСЪАЛАИ УМУМИИ ТАЪЛИМИ ГРАММАТИКА

§ 39. Аҳамият ва мавқеи грамматика дар омӯзиши забони тоҷикӣ

Дар илми фалсафа таъкид мешавад, ки фанни мазкур, яъне фалсафа, «сутунмӯҳраи илмҳои ҷамъиятӣ» ба шумор меравад. Марбут ба ҳамин нукта хато намекунем, агар гӯем, ки фанни забони модарӣ (тоҷикӣ) дар мактаб низ дар байни дигар фанҳои таълимӣ чунин мақомро доро мебошад. Ва беҳуда нест, ки дар нақшаи таълими мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар байни фанҳои дар ҳар синф таълим додашаванда фанни забони модарӣ дар сархати аввал номбар мешавад. Ин нукта ишора ба он аст, ки забони модарӣ дар байни дигар фанҳо яке аз асоситарин фанни таълимӣ барои мактабиён эътироф карда мешавад. Зеро фанни мазкур -забони модарӣ дар мактабҳои ибтидоиву миёнаи давлатҳои тамоми ҷаҳон ҳамеша дорои ду хусусият аст, ки якеро бе дигаре ҳеҷ гоҳ наметавон тасаввур намуд: он, аз як тараф, агар **предмети таълим** маҳсуб ёбад, аз тарафи дигар, **воситаи таълим** ба шумор меравад. Ва ана ҳамин хусусияти дучабҳаинаи забони модариро дар мисоли забони русӣ дар мадди назар дошта, М.И.Калинин таъкид намудааст, ки илме ё ягон соҳаи фаъолияти ҷамъиятие вуҷуд надорад, ки донишу маҳорати хуби забондониро талаб накунад.[179]

Ба ҳамин тариқ, дар асоси нуктаҳои боло хулосаи аввалин ин аст,ки дар мактаб, пеш аз ҳама, ба мазмуну мундариҷа ва сифати таълими забони модарӣ, ҳамчун ба **объект** ё худ **предмети таълим,** бояд эътибори ҳаматарафа дода шавад. Ва набояд фаромӯш кард, ки объекти асосии омӯзонидани фанни забони модарӣ худи ҳамон забонест, ки аз давраи тифлӣ ба омӯхтани он шурӯъ намуда, минбаъд чи дар гуфтору муомилоти ҳамешагиамон бо одамон ва чи дар навъҳои гуногуни навиштаҷоти хеш маҳз бо истифода аз калимаву ибораҳои озоду устувори дар ҳамин забон мавҷуда фикру андешаҳои оммавию публитсистӣ, илмӣ ва илмию методии хешро рӯи коғаз оварда, дар шакли мактуб, хабару мақола, дастуру монография ва ғ. пешкаши афроди алоҳида ё худ умум мегардонем. Бале, ин ҳамон забонест, ки мо аз овони кӯдакӣ ҳарфу ҳиҷо ва калимаву ибораҳои аввалини онро аз забони модар шунидаем. Барои ҳамин ҳам, ба забоне, ки он барои як халқу миллат воситаи алоқа ва додугирифти байниҳамдигарӣ асту фарҳангу маданияти эшон

---

[179] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.8.

маҳз ба тавассути ҳамин забон муаррифӣ карда мешавад, барояш **забони модарӣ** унвон додаанд. Ҳа, ин ҳамон забонест, ки минбаъд, то ба остонаи мактаб қадам ниҳодан, ба тавассути таклид ба шеваи гуфтори калонсолон, воситаҳои ахбори овозӣ (радио, телевизон, магнитофон) қисман меъёрҳои онро аз бар менамоем. Вале барои одами маданиятнок, комилан саводноку донандаи хуби забони адабӣ гардидан зарур аст, ки донишҳои грамматикии марбут ба сохтори забон аз бар карда шаванд. Ин нукта, пеш аз ҳама, маҳз дар мактаби таҳсилоти умумӣ бо роҳи мунтазам омӯхтани курси мазкур -**грамматика**[180]-дар тӯли чанд соли хониш метавонад ба ҳар фарди дӯстдори забони модариву халқу миллати хеш даст диҳад.

Чунон ки маълум аст, ба тавассути курси мактабии забони модарии мо (тоҷикӣ) дар синфҳои V-XI аз соҳаҳои забоншиносии тоҷик ба ҷуз грамматика фонетика, калима (луғат) ва услубҳои нутқ (дар дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб) таълим дода мешавад. Аммо грамматика дар байни қисматҳои дигари дар мактаб омӯхташавандаи забони модарӣ маҳак ё худ қисмати басо муҳимтарини он дониста мешавад.[181] Зеро ба андешаи акад. А.В. Текучев, «курси мактабии грамматика ба хонандагон имкон медиҳад, ки (дар асоси донишҳои назариявии аз курси грамматика омӯхтаашон. - С.Ш.) малакаҳои нутқи шифоҳиву хаттӣ, хониши ифоданок, имло, пунктуатсия ва малакаҳои услубиро амалан аз худ намоянд».[182] Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки аз ҷиҳати назариявию амалӣ дақиқ донистани ҳодисаҳои забон, донистани асли баромад ва сарфаҳм рафтан ба маънои луғавии истилоҳот, инчунин, фонетикию лексикӣ ва дар баробари ин, марбут ба ҳар як таърифу қоида, ин ё он истилоҳ далел оварда тавонистани хонандагон боиси васеъшавии фаҳмиши умумӣ, инкишоф ёфтани тафаккури мантиқӣ, хотира ва диққатнокии онҳо ҳам хоҳад гашт.[183] Ва агар чунин нукта дар хонандагон ташаккул дода шавад, яъне агар онҳо дар ҷараёни такмили курси системаноки грамматика (маҳз дар синфи V-IX) аз ҷиҳати назариявию амалӣ қонуну қоидаҳои грамматикиро ба дараҷаи талаботи барномавии мактабӣ ҳифз намуда бошанд, далел ба он аст, ки онҳо меъёрҳои забони адабиро аз бар

---

[180] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 163.

[181] Ниг.: Дудников А,В. Методика изучения грамматики русского языка в восьмилетней школе. - М.: Просвещение, 1977, с. 14; Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 163.

[182] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школ, с.163.

[183] Ниг.: Ҳамон чо, с. 163.

намудаанд, забондону забонфаҳм шудаанд, чи дар гуфтору чи дар навиштаҷоти хеш акнун ба хатоҳои грамматикӣ (орфографӣ, пунктуатсионӣ, услубӣ) роҳ намедодагӣ шудаанд. Маҳз ҳамин нукта мақсаду вазифа ва ҳадафи асосии таълими грамматикаи забони тоҷикӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳуриамон маҳсуб меёбад.[184]

Инак, дар фавқ доир ба моҳияти фанни забони модарӣ ва қисмати грамматикаи он, ҳамчун **предмети таълим,** маълумотҳо баррасӣ шуд. Акнун дар бораи **воситаи таълим** будани фанни мазкур чиҳоро бояд донист? Чунон ки гуфтем, тарбия намудани одамони мадониву комилан саводнок ва донандагони хуби забони адабӣ ҳадафи ниҳоии таълими забони модарӣ мебошад. Аммо дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба хонандагон дар ҳар синф мувофиқи нақшаи таълим чандин фанни дигар, хусусан, фанҳои **математика, алгебра, химия, физика, геометрия** барин илмҳои дақиқ омӯзонида мешаванд, ки ҳар кадоми ин фанҳо мақсаду вазифа ва ҳадафи ниҳоии худро доро мебошанд. Фанҳои мазкур ба ҷумлаи илмҳои мураккабу душворфаҳм маҳсуб буда, аз тарафи хонандагон хубу ҳамаратафа аз бар намудани ин фанҳо, сараввал, ба вобастагии қавӣ дорад. Яъне шарти аз ҳама аввал ва зарурии азхудкунии фанҳои дигар дар мактаб ва умуман, пас аз хатми мактаби миёна ҳам, ки кас пайи омӯзишу такмили илмҳои дигар шуғл меварзад, ин аст, ки пеш аз ҳама, ӯ бо донишу малакаи хуби забондониву забонфаҳмӣ мусаллаҳ бошад, то ки ҳангоми шарҳу тавзеҳи (чи шифоҳӣ ва чи хаттӣ) масъалаҳои марбути илми мушаххас ба тавассути калимаву ибора ва ҷумлаороиву муфассалбаёнӣ аз тамоми имкониятҳои забони модарии хеш бе ягон душворӣ истифода бурда тавонад. Ва баръакс, шояд шахс илмеро басо хуб донад, баҳри инкишофу такомули он ғояҳои баландеро дар шуури хеш эҳё карда бошад, аммо дар ӯ қобилияти забондониву ифодаи озоди фикр ташаккул наёфта бошад, ӯ ҳеҷ гоҳ он ҳама ғояҳои волои худро дастраси аҳли илм гардонида наметавонад. Дар ин бобат ҳак ба ҷониби М.И. Калинин аст, ки дар яке аз суханронии таърихии хеш чунин гуфта буд: «Яке аз тавонотарин воситаи ташаккул ва инкишофи инсон дониши хуби ӯ аз забони модарист... Омӯхтани забони модарӣ кори бузургест. Аз ҳама волотарин комёбиҳои шуури инсон, амиқтарин донишҳо ва эҳсосоти олӣ дар вуҷуди одамон

---

[184] Ниг.: Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI.-Душанбе, 2006, с.3, 6.22.

мемонад, агар онҳо бо калимаҳо аниқу равшан ифода карда нашаванд».[185] Пас, зимни андешаҳои боло мебояд таъкид намуд, ки забони модарӣ дар мактаб на фақат **предмети таълим,** балки **воситаи** аз ҳама асосии азхудкунии фанҳои дигари **таълимӣ** ҳам дониста мешавад. Яъне гамоми дастовардҳои хонандагон доир ба донишҳои меъёрии аз дигар фанҳо гирифтаашон маҳз ба таълими хубу самараноки забони модарӣ, ба хусус, ба таълими грамматикаи он алоқаи мустаҳкам дорад. Зиёда аз ин, дониши хубу волои забони модарӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки забонҳои дигарро, аз ҷумла, дар мактабҳои Тоҷикистон забонҳои русӣ, англисӣ, олмониву фаронсавиро бо душвории андаке аз худ намоянд,[186] ба шарте ки устодони фанҳои мазкур дар ҷараёни таълими чунин забонҳо аз усулҳои муқоиса, шарҳдиҳии луғатҳо, пеш аз ҳама, бо ду забон (масалан, тоҷикиву русӣ) ва инчунин аз дигар маводҳои дидактикӣ самаранок истифода бурда тавонанд.

§ 40. Принсипҳои асосии таълими грамматика

Дар фасли «Принсипҳои умумидидактикии таълими забони тоҷикӣ» таъкид намуда будем, ки дар таълими забони тоҷикӣ муаллим бояд ба принсипҳои муайяни таълим такя намояд, ки онҳо дар амал санҷида шуда, натиҷаҳои ҷамъбасти илмии психологию педагогӣ бошанд. Дар ин бобат, яъне марбут ба хусусиятҳои ҳар яке аз он принсипҳо (принсипи илмӣ ва системанокӣ, принсипи алоқаи назария бо амалия, принсипи алоқаи қисматҳои гуногуни забони модарӣ, принсипи бошуурона ва фаъолияткокӣ, принсипи аёният, принсипи устуворӣ ва фаҳмо будани мавод ва ниҳоят, принсипи муносибати фардӣ бо хонандагон), доир ба мавқеъ ва мавриди истифодаи онҳо, умуман, дар таълими забони тоҷикӣ (баъзан бо овардани мисолҳои мушаххас) маълумоти асосиро баррасӣ намуда будем, ки истифодаи моҳиронаи ҳар яке аз он принсипҳо дар таълими фаслу бобҳои грамматика ҳатман сифати таълими ин соҳаи басо мухими забоншиносиро баланд хоҳад бардошт. Вале ба ҷуз принсипҳои умумидидактикӣ дар таълими забони модарӣ (тоҷикӣ), аз ҷумла, дар таълими грамматикаи он боз принсипҳое истифода бурда мешаванд, ки он принсипҳоро **принсипҳои хоси таълими забонӣ модарӣ** номидаанд. Масалан, акад. А.В. Текучев

---

[185] Хрестоматия по методике русского языка. Русский язык как предмет преподавания. -М.: Просвещение, 1982, с. 35-36.

[186] Ниг.: Основы методики русского языка в IV-VIII классах.- М.: Просвещение, 1978.9

принсипҳои зеринро ба ҳайси принсипҳои хоси таълими забони русӣ номбар намудааст:

а) дар алоқамандӣ бо инкишофи тафаккур таълим додани забон; б) дар алоқамандӣ бо хониши бурро (ифоданок) таълим додани сохти грамматикии забон; в) таълим додани грамматика дар алоқамандӣ бо инкишофи нутқ.[187]

Азбаски дар адабиёти методии таълими забони тоҷикӣ принсипҳои хоси таълими забони тоҷикӣ ҳанӯз мушаххас муайян карда нашудаанд, принсипҳои мазкурро, ки дар таълими забони тоҷикӣ ва грамматикаи он пурра татбиқшавандаанд, метавон низ ба ҳайси принсипҳои хоси забони тоҷикӣ қабул намуд. Ба ҷуз ин принсипҳо масъалаи дар алоқамандӣ бо синтаксис таълим додани морфология ва, баръакс, дар алоқамандӣ бо морфология таълим додани синтаксис, ҳамчунин, дар алоқамандӣ бо фанҳои дигар таълим додани забони тоҷикиро аз ҷумлаи принсипҳои хоси забони тоҷикӣ номидан мумкин.[188] Инчунин, дар алоқамандӣ бо таърифу қоидаҳо шарҳ додани мафҳумҳои забонро метавон яке аз ин принсипҳои басо муҳиму хоси забони модарӣ (тоҷикӣ) номид.

Акнун доир ба моҳияти истифодаи ин принсипҳои номбаршуда, ки ба ҳайси принсипҳои таълими грамматикаи забони тоҷикӣ эътироф намудем, чиҳоро бояд донист?

Марбут ба принсипи аввал: Маълум аст,ки забон ва тафаккур ҳамчун мафҳумҳои забоншиносӣ (инчунин фалсафиву психологӣ) ба ҳам алоқаи зич доранд. Аз ин рӯ, дар мактаб машғулиятҳои марбут ба ҳодисаҳои забон таҷлилшаванда ҳатман ба инкишофи тафаккури хонандагон такроне медиҳад: хусусан, онҳо дар машғулиятҳо ҳамеша бо амалиёти худ мафҳумҳои ба мантиқ алоқамандро шарҳ медиҳанд: онҳоро (мафҳумҳоро) муқоиса мекунанд, аломатҳои асосии ҳодисаҳои забонро муайян мекунанд, аз рӯи аломати он ҳодисаҳоро гурӯҳбандӣ (классификатсия) мекунанд, ҷамъбасту исбот менамоянд, таҳлил ва синтез (хулоса) мекунанд,[189] ва таърифу қоидаҳоро аз бар намуда, нисбати ин таърифу қоидаҳо аз худ мисолҳо оварда, аз маъхазҳо мисолҳоро ҷамъ мекунанд, ба тарзи талаффузи хелҳои ҷумла аз рӯи мазмун ва оҳанги талаффуз (ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ), ба задаи мантиқии ҷумлаҳо риоя мекардагӣ ва ба маъноюасли баромади истилоҳоти

---

[187] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.36.

[188] Лутфуллоев М.Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ -Душанбе: Собириён, 2007, с.10-13

[189] Ниг.: Основы методы русского языка в IV-VIII классах, с.9.

забоншиносӣ сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд ва ғайра, ки инҳо - ҳама «ба инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон мусоидат намуда, фикри онҳоро мураттаб менамояд (ва билохир. -С.Ш.) аз имконоти хатоҳои маъноии дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ рухдиҳанда огоҳӣ медиҳанд».[190] Ин аст моҳияти асосии принсипи дар алоқамандӣ бо инкишофи тафаккур таълим додани ҳодисаҳои забони тоҷикӣ. Яъне дар заминаи мисолҳои дурусту услубан солим азхудкунии ҳар як ҳодисаву мафҳум ва истилоҳоти забоншиносӣ боиси инкишофи тафаккури шогирдон мегардидааст, ки ин нукта яке аз талаботҳо ба натиҷаи таълими забони модарист.

Принсипҳои дуюм – б) дар алоқамандӣ бо хониши бурро таълим додани сохти грамматикии забон ва сеюм – в) дар алоқамандӣ бо инкошофи нутқ таълим додани грамматика дар маҷмӯъ то андозае ба ҳам наздикие доранд. Масалан, зери мафҳуми сохти грамматикии забон, пеш аз ҳама, сохту таркиби калима, сохти ҳиссаҳои нутқ, муносибат ва роҳҳои ба ҳам алоқаманд шудани онҳо, сохти ибора, роҳҳои алоқаи ҷузъҳо дар ибора, тарзи алоқа ва сохти аъзоҳои ҷумла, мафҳуми ҷумла ва хелҳои он аз рӯи мазмуну оҳанги талаффуз, хелҳои ҷумла аз ҷиҳати сохту таркиб (содда, яктаркибаву дутаркиба, хулласу тафсилӣ, мураккаби пайваст, тобеъ, омехта ва сертаркиба) фаҳмида мешавад, ки дар ҷараёни таълим пурра дар амал татбиқ намудани нуктаҳои мазкури марбут ба сохти грамматикии забони модарӣ, бешубҳа, на танҳо дар шуури хонандагон, ҳатто амалан ҳам хониши бурро ва ё талаффузи адабиро талқин ва тарбия менамоянд. Илова бар ин, шарҳи маъноилуғавию мазмун ва тобишҳои маъноиву грамматикии ин ҳама нуктаҳои номбаршуда аз тарафи муаллимони донишманди мактаб таассурот ва ҳисси забондонии шогирдонро ҳатман афзунтар намуда, рағбаташонро ба забони адабӣ, ба буррою фаҳмо гуфтугӯ кардану қироат кардан ҳидоят хоҳанд намуд.

Дигар ин, ки дар ҷараёни таълими сохт ва маънову тобишҳои ҳодисаҳои марбути грамматикӣ аз тарафи хонандагон на танҳо маҷмӯи таърифу қоидаҳо, маънову мазмуни истилоҳот ва тобишҳои маъноии дар таркиби ибора, ҷумла ва ё матн зоҳиршавандаи ин ё он ҳодисаи грамматикӣ ҳифз карда мешаванду ин ҳама ба инкишофи нутқ ва ғанӣ гардидани таркиби луғавии нутқи онҳо мусоидат мекунанд, балки дар лаҳзаҳои пурсишу мустаҳкамкунии ҳар як мавзӯи ба сохти грамматикии забон бахшидашаванда аз хонандагон мисолҳои

мувофиқ овардан ҳам талаб карда мешавад. Дар чунин мавридҳо онҳо марбут ба ҳар як ҳодисаи грамматикӣ мисолҳои мустақилона фикркардаи худро дар қолаби ибора, чумла ва баъзан матн (якчанд чумлаи ба ҳам алоқаманд) пешкаш мекунанд, ки ин қисмати фаъолияти шогирдон пурра ба инкишоф ёфтани нутқи мураттаби ҳар кадом таккоме хоҳад шуд. Вале маҳз дар дарсҳои ба ном -«Инкишофи нутқи мураттаб», ки асли мақсади он ба тавассути ташкил намудани нақлу мубоҳиса ва ё навиштани нақлу иншоҳои гуногун дар мавзӯъҳои хусусияти бадеӣ, оммавию публитсистӣ дошта, ба омӯзонидани ҳуҷҷатҳои услуби когазҳои корӣ (ариза, забонхат, маълумотнома, тавсифнома, баёнот, боваринома,эълон, қарор ва ғ.) нигаронида шуда бошад ҳам, агар дуруст мулоҳиза намоем, ин амалиётҳо низ пурра боиси дар хонандагон тарбия намудани малакаҳои сохти грамматикии нутқ хоҳанд гашт. Ба ҷуз ин, азбаски дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб дар давоми соли хониш дар ҷараёни омӯзиши фаслу бобҳои гуногуни грамматикӣ, чунончи, дар синфи V дар ҷараёни таълими бобҳои «Исм»-у «Феъл» зиёда аз 6-7 соат, дар синфи VIII дар ҷараёни таълими синтаксиси ҷумлаҳои содда дар ҳаҷми 15 соат гузаронида мешаванд, ки дар рафти ташкилу гузаронидани чунин дарсҳо муаллимони пуртаҷриба кӯшиш менамоянд, то дар гуфтору нақлу иншоҳои навиштаи хонандагон баъзе ҷузъиёти марбути грамматикаи забони модарӣ инъикоси худро ёбанд. Аниқтараш, масалан, агар дар ҷараёни таълими ҷумлаҳои соддаи яктаркиба дар синфи VIII яке аз дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб, фарз кардем, дар мавзӯи «Замин ҳам модари мост» гузаронида шавад, муаллим ба аҳли синф таъкид мекунад, то кӯшиш кунанд, ки дар иншоёшон баъзе хелҳои ҷумлаи яктаркибаро ҳам истифода намоянд. Ин ишора ба он аст, ки нутқи мураттаб (инкишофи нутқ) дар алоқамандӣ бо грамматика ва баръакс, грамматика дар алоқамандӣ бо инкишофи нутқи хонандагон таълим дода мешавад. Ин нукта маънои онро дорад, ки принсипи дар алоқамандӣ бо инкишофи нутқ таълим додани грамматика дар дарсҳои забони модарӣ ба таври ноаён, вале ҳатман иҷрошаванда аст.

Дар бобати принсипи дар алоқамандӣ бо морфология таълим додани синтаксис ва баръакс, ки ҳамчун яке аз принсипҳои хоси таълими забони модарӣ ва грамматикаи он маҳсуб меёбад, баъзе маълумотҳоро дар мавзӯи аввали курси мазкур -«Предмет, вазифа ва мақсади методикаи таълими забони тоҷикӣ» андаке маълумот баррасӣ намуда будем. Дар маҷмӯъ, мувофиқи талаботи барномаи охир (с. 2006) ва ҳам тибқи талаботҳои худи курси методикаи таълими забони модарӣ, дар

чараёни таълими забони модарӣ бояд ҳамеша дар алоқамандии ҳамдигар таълим додани қисматҳои он (фонетика, лексика, морфология, синтаксис, имло, аломатҳои китобат, услубҳои нутқ, инкишофи нутқ ва ғ.) дар мадди назари ҳамешагии муаллим бошад. Вале агар сухан маҳз дар хусуси принсипи дар алоқамандӣ таълим додани қисматҳои грамматика (морфология ва синтаксис) равад, дар ин бобат чиҳоро бояд донист?

Мо дар бобати масъалаи гузошташуда дар мадди аввал ёдовар шудани гуфтаҳои методистони машҳури рус – И.Р. Палей, А.В. Дудников, А.В. Текучевро ба таври зайл ҳамчун эпиграф, зарур мешуморем: «Морфология ва синтаксис дар таркиби грамматика ҳамчун қисматҳои баробарҳуқуқи он ворид мешаванд».[191] «Дар байни масъалаҳои назариявии методика масъалаи алоқаи байниҳамдигарии морфология ва синтаксис дар чараёни курси мактабии таълими грамматика... яке аз ҷойҳои марказиро ишғол менамояд».[192] «Ҳарчанд ки морфология ва синтаксис қисматҳои мустақилу баробарҳуқуқи грамматика маҳсуб меёбанд, ба онҳо ҳамчун (бо қисматҳои. - С.Ш.) аз ҳам билкул ҷудогона баҳо дода намешавад».[193]

Чуноне ки мебинем, ин ҳар се олими соҳаи методикаи таълими забони модарӣ, агар аз як тараф, морфология ва синтаксисро қисматҳои баробарҳуқуқи грамматика (И. Р. Палей ва А. В. Текучев) номанд, аз тарафи дигар, ба ҳам алоқаи зичу мустаҳкам доштани ин қисматҳоро (А.В. Дудников ва А. В. Текучев) таъкид ҳам намудаанд. Сипас, агар методистон ногузир будани алоқаи байни морфологияву синтаксисро таъкид намуда бошанд, мушаххасан чунин алоқамандиро доир ба кадом масъалаҳо бояд дид? Пеш аз ҳама, дар чараёни таълими масъалаҳои ин ҳар ду қисмати грамматика инкишофи нутқ, хониши бурро (тарзи дурусти талаффузи адабии калима, ибора, хелҳои ҷумла – чи соддаи хулласу тафсиливу чидааъзо ва чи хелҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаб ва ғ.) дар мадди назари ҳамешагии муаллим ва хонандагон меистад. Дуввум, ба ҳам алоқаи ногусастанӣ доштани морфология ва синтаксисро бевосита чараёни таълими забони модарӣ намоиш медиҳад, ки он дар заминаи талаботи барномаи таълим сурат мегирад. Масалан, барнома талаб мекунад, ки ҳангоми таълими ҳар як

---

[191] Палей И.Р. Очерки по методике русского языка. - М.: Просвещение, 1965, с. 44;

[192] Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с. 34.

[193] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 169.

ҳиссаи нутқ (пеш аз ҳама, ҳиссаҳои мустақили нутқ) вазифаи синтаксисии дар ҷумла доштаи он нишон дода шавад. Барои ҳамин ҳам, аз миёнаҳои дуввуми солҳои шастуми қарни гузашта сар карда дар синфи IV таълими курси муқаддимавии «Синтаксис ва аломатҳои китобат» ҷорӣ гардида буд, ки мувофиқи ворид шудани тағйиротҳо дар системаи маориф ҳамин қисмат аз соли таҳсили 1987-1988 ин ҷониб дар синфи V таълим дода мешавад, то ки барои фаҳмондани вазифаи синтаксисии ҳиссаҳои нутқ ба хонандагон ана ҳамон маълумоти мухтасари аз курси синтаксис гирифтаашон кӯмак расонад. Ба ҷуз ин, дар ҷараёни таълими ҳиссаҳои нутқ тартиб додани ҷумлаҳо бо истифода аз калимаҳои марбути ин ё он ҳиссаи нутқ, таъкиди мавридҳои гузоштани аломати вергул дар рафти таълими ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ (пайвандак, ҳиссача, нидо) ва ғ. далолат ба он аст, ки бисёр мавзӯъҳои морфология дар алоқамандӣ бо синтаксис таълим дода мешаванд. Ҳамзамон, масъалаҳои дар алоқамандӣ бо морфология таълим додани синтаксис низ кам нестанд. Чунончи, пеш аз ҳама, дар оғози соли таҳсил дар синфи VIII омӯзиши курси системаноки синтаксис пас аз такрори маводи синфҳои V-VII бо таълими ибора оғоз меёбад, ки ҳангоми баррасии, хусусан, масъалаи хелҳои ибора аз ҷиҳати гарзи ифодаи ҷузъи асосӣ ё худ калимаи тобеъкунандаашон, муаллим, асосан, ба донишҳои хуби морфологии хонандагон такя намуда, метавонад ин мавзӯъро дастраси аҳли синф гардонад. Яъне хонандагон ҳиссаҳои мустақили нутқро хубу дақиқ шинохта ва аз ҳам фарқ карда метавонистагӣ бошанд, ҳатман ба мафҳуми ибораҳои исмӣ, сифатӣ, феълӣ ва ғ. шуурона сарфаҳм рафта метавонанд.

Ё дар тамоми ҷараёни дарси аввали ба ҳар як аъзои ҷумла, бахшидашаванда, ки ҳатман масъалаи заминаи ифодаи морфологии онҳо (масалан, бо номҳои «Мубтадо ва ифодаи он», «Хабар ва ифодаи он» ва ғ.) таълим дода мешавад, ба хонандагон, пеш аз ҳама, бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтани ҳамон аъзои ҷумла (масалан, аввалан, **бо исму ҷонишин** ва пас, бо **сифат, шумора, масдар** ва **сифати феълӣ** ифода ёфтани мубтадо) дар заминаи мисолҳои барҷаста таъкид карда мешавад. Ба ҷуз ин, дар тамоми давраи таълими хелҳои ҷумлаҳои мураккаб донишҳои морфологии шогирдон доир ба пайвандак ва хелҳои он дар мадди назари муаллим ва аҳли синф меистад: яъне ҳамеша дар ҳалли пайвандакдор ё бепайвандак будани ҷумлаи мураккаб, бо кадом навъи пайвандак ба ҳам алоқаманд шудани ҷумлаҳои содда дар таркиби чунин ҷумлаҳо ва вобаста ба навъи пайвандак муайян намудани хели ҷумлаи мураккаби пайваст, хели ҷумлаи

пайрав дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ барин масъалаҳои синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб ба донишҳои доир ба пайвандакҳо андӯхтаи хонандагон такя карда мешавад. Илова бар ин ҳама, ҳангоми таҳлили ҷумлаҳо аз тарафи муаллим имлои бисёр калима, таркиб ва ибораҳои озоду устувор шарҳ дода ва ё шарҳи онҳо аз хонандагон пурсида мешавад, ки ин нукта низ дар заминаи донишҳои морфологии шогирдон сурат мегирад.

Хуллас, ин ҳама нуктаҳои дар фавқ мавриди шарҳу эзоҳ қарор додашуда исботи он аст, ки принсипи дар алоқамандӣ таълим додани қисматҳои грамматика – морфология ва синтаксис – зарурати воқеӣ доштааст. Аз ин рӯ, ба амал татбиқ намудани принсипи мазкур дар ҷараёни таълими забони модарӣ (тоҷикӣ) ногузир аст.

§ 41. Омӯхтани таърифу қоидаҳои грамматикӣ

Чунон ки маълум аст, ҳар як мафҳум ё ҳодисаи забон (фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ), дар мадди аввал, бо шарҳу тавзеҳи мисолҳои барҷаста ва ҳатман бо баровардан ё худ гуфтани таърифу қоидаҳои мантиқан мувофиқ баррасиву ҷамъбаст карда мешавад. Аз ин ваҷҳ, амали мазкур – дар алоқамандӣ бо таърифу қоидаҳои грамматикӣ маънидод намудани мафҳумҳо (истилоҳот)-и забон ва мисолҳои марбут ба он мафҳумҳоро бе ягон иштибоҳ метавон яке аз принсипҳои доимоамалкунанда дар таълими забони модарӣ номид. Ба ифодаи дигар, таърифу қоидаҳо дар ҷараёни таълими ҳар як мавзӯи нав қисмати аз ҳама муҳимтарин ба шумор рафта,[194] маҳз ба тавассути онҳо маънову вазифаи мафҳумҳои забоншиносӣ доир ба грамматика, фонетика, лексика ва ғ. вазеҳу мушаххастар шарҳ дода мешаванд: омӯхтани таърифу қоидаҳо яке аз усулҳои ташаккулёбии донишҳои забоншиносӣ дар хонандагон маҳсуб меёбад. Онҳо – таърифу қоидаҳо дар ҳар дарси додани дониши нав дар қатори масъалаҳои назариявии ҳар як мавзӯи таркибии ҳар як фасли, масалан, грамматика хулосаҳои басо умумианд, ки онҳо (таърифу қоидаҳо) дар интиҳои баёни ҳар як мавзӯъ аз тарафи муаллим, вале зимни мушоҳида ва шарҳи мисолҳо баъзан ба таври тахминӣ (бе қироат кардани параграфи дахлдори китоб) аз тарафи хонандагони лаёқатманд гуфта мешаванд. Ва тазаккур бояд дод, ки ба сабаби дар мактаб таълим дода шудани, асосан, масъалаҳои меъёрӣ (нормативӣ)-и назарияи забоншиносӣ дар

---

[194] Нигр.: Львов М.Р. Словарь -справочник по методике русского языка, с. 130, 148.

дарсҳои забони тоҷикӣ доир ба кулли мавзӯъҳои баррасишаванда ҳамеша баён ва шарҳу эзоҳи таърифу қоидаҳо дар маддӣ аввал меистад. Яъне дар мактаб омӯхтани таърифу қоидаҳои грамматикӣ, имлоӣ (орфография) ва китобат (пунктуатсия), лексикӣ ва фонетикӣ масъалаи муҳими қисми назариявии таълими забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳар як муаллими забонро лозим аст, ки худ на танҳо ба мафҳумҳои **таъриф** чист?-у **қоида чист?** саҳеҳ сарфаҳм равад, балки фарқияти онҳоро ҳам дақиқ донаду тасаввур намояд.

Бояд донист, ки грамматика (аз ҷумла, мафҳумҳои марбути фонетика ва лексика) дар асоси **таърифҳо** тартиб дода мешавад. Аммо дурустнависӣ ва мавридҳои истифодаи ин ё он аломати китобат **қоидаҳо** доранд. Бинобар ин, **таърифро** аз **қоида** бояд фарқ кард. Чунончи, мо таърифи исм, таърифи сифат, таърифи феъл, таърифи мубтадо, таърифи ҷумла (ва ё дар ҷараёни таълими фонетика таърифи овоз, таърифи ҳарф, таърифи садонок, таърифи ҳамсадо, таърифи ҳиҷо ё зада, ё худ дар рафти таълими масъалаҳои калима -лексика таърифи калима, таърифи синоним, таърифи омоним ва ғ.) мегӯем, вале бо ҳарфи калон навиштани исмҳои хос, мавриди бо шумораҳо ҳамроҳ шудани суффиксҳои **-ум ва – юм,** ба исмҳо пайваст шудани суффиксҳои ҷамъбандии **-хо, -он (-гон, – ён, – вон),** мавридҳои истифодаи аломатҳои дар дохили ҷумла истифодашаванда -вергул, ду нуқта (баён), тире ва ғ. қоидаҳо доранд.

Чунон ки таъкид намудем, ҳама гуна таърифу қоидаҳои чи марбути мафҳумҳои грамматикӣ ва чи ба имлову аломатҳои китобат дахлдошта хулосаҳои басо умумикардашуда (масалан, исм номида шудани ҳамаи калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми предмет, феъл номида шудани ҳамаи калимаҳои ифодакунандаи амалу ҳолату ҳаракат ё худ бо вергул ҷудо карда шудани тамоми мухотаб ва калимаву ибораҳои ҷумла ва ғ.) буда, омӯхтани онҳо барои инкишофи тафаккури хонандагон аҳамияти калон доранд. Бинобар ин, таърифу қоидаҳоро бояд талабагон бошуурона фаҳмида аз худ кунанд, дар хотир мустаҳкам нигоҳ доранд, дар мавриди зарурӣ ба тезӣ ва мувофиқи мақсад дар амал дар нутқи шифоҳӣ ва муҳимтараш, дар нутқи хаттии худ татбиқ карда тавонанд.

Дар ҷараёни таълими таърифу қоидаҳо хонандагонро ба сохту таркиби таърифу қоидаҳо ҳам шинос намудан лозим аст. Аз ҷумла, хонандагон бояд донанд, ки таърифҳои грамматикӣ, одатан, ҳар кадом аз се қисм - **умумӣ, асосӣ** ва **хусусӣ** иборатанд. Масалан, таърифи шумора дар китобҳои дарсии солҳои пеш ин тавр дода мешуд: **«Он ҳиссаи нутқ, ки адад, миқдори предметҳо**

ва дар вақти шумурдан тартиби онҳоро нишон медиҳад, шумора номида мешавад».[195] Дар ин таъриф ифодаи «Он ҳиссаи нутқ»- **қисми умумӣ,** «адад, миқдори предметҳо ва дар вақти шумурдан тартиби онҳоро нишон медиҳад»- **қисми асосӣ** ва «шумора номида мешавад» **қисми хусусӣ** ном дорад.

Вале лозим аст, ки ҳангоми таълим диққати хонандагон бештар ба **қисмати асосии таърифи** грамматикӣ ҷалб карда шавад. Зеро махсусият ва қисмати хусусии таърифро дақиқ дарк намудани хонандагон танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки агар ба онҳо дар заминаи мисолҳои мушаххас қисмати асосии таъриф дуруст шарҳ дода шуда бошад. Аз ин ҷиҳат, барои он ки хонандагон моҳияти қисми асосии таърифи шумораро фаҳманд, барои адади миқдори предметро фаҳмондани шумора ва дар вақти шумурдан тартиби предметҳоро нишон додани он мисолҳои мувофиқ оварда шуда, бояд ба воситаи саволҳои шумора (чанд?, чӣ қадар?, чандто?, чандум?) он мисолҳо маънидод карда шаванд, то ки қисмати хусусии таъриф низ - мафҳуми **шумора номида мешавад,** ба хонандагон дастрас гардад. Ва ҳамин тавр, агар хонандагон ба сохти як-ду таъриф шинос карда шаванд, минбаъд сохти таърифҳои дигарро ҳам бо роҳи қиёс муайян карда метавонистагӣ хоҳанд шуд.

Вале бояд ба назар гирифт, ки дар китобҳои дарсии забони тоҷикии солҳои охир қисматҳои таърифҳои грамматикӣ бо андаке дигаргунӣ пешниҳод шудаанд. Масалан, таърифи **феъл** ба таври зайл пешниҳод шудааст: **«Феъл ҳиссаи нутқест, ки амал** ва **ҳолати предметро ифода карда, ба саволҳои чӣ кор кард?, чӣ кор мекунад?, чӣ мешавад? ҷавоб мешавад».**[196]

Чунон ки мебинем, дар таърифи мазкур, аввал, қисмати хусусӣ **-феъл,** баъд қисмати умумии **таъриф-ҳиссаи нутқест** ва дар охир, қисмати асосии он-**амал ва ҳолати предметро ифода карда,** ки ба он хусусияти дигари феъл, яъне ба кадом саволҳо ҳам ҷавоб шуданаш илова гардидааст, ҷой дода шудааст. Ин усули пешниҳоди таърифҳо низ қобили қабул буда, вале муаллимро зарур аст, ки дар муайян намудани қисматҳо (умумӣ, асосӣ ва хусусӣ)-и чунин навъи таърифҳо ҳам моҳир бошаду ҳам ба хонандагон бе душворӣ шарҳ дода тавонад.

Бар хилофи таърифҳои грамматикӣ қоидаҳои имло ва аломатҳои китобат ҳар кадом иборат аз ду қисмат мешаванд: а)

---

[195] Ниёзмуҳаммадов Б., Каримов А. Забони тоҷикӣ (Барои синфҳои V VI). -Душанбе: Маориф, 1977, с. 133.

[196] Бобомуродов Ш., Сабзаев С., Набиева С. Забони тоҷикӣ (Барои синфи V). -Душанбе, 2006, с. 217.

шарти қоида ва б) **меъёр (норма)-и қоида.** Масалан, қоидаи кор фармудани аломати дунуқта (:) дар ҷумлаҳои чидааъзоро гирем: «**Агар калимаи хулосакунанда неш аз аъзоҳои чида омада бошад, пас аз он дунуқта гузошта мешавад**».[197]

Дар ин қоида қисмати аввал- «Агар калимаи хулосакунанда неш аз аъзоҳои чида омада бошад»- **шарти қоидаи** мазкур буда, қисмати дуюм -«пас аз он дунуқта гузошта мешавад» -**меъёр** ё худ нормаи он маҳсуб меёбад. Дар ин бобат, яъне дар хусуси маънидоди қисматҳои қоида, талаб карда мешавад, ки ба хонандагон **шарти он** (қоида) бо овардани мисолҳои мувофиқ фаҳмонда шавад, то ки ба меъёри он риоя карданро шуурона аз бар намоянд.

Ҳаминро ҳам бояд ба назар гирифт, ки дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ баъзан шарти қоида ва меъёри онро аз ҳам махсус ҷудо накарда, асосан, дар шакли ҷумлаи соддаи хабарӣ пешниҳод мекунанд. Чунончи: «Дар охири ҷумлаи саволӣ аломати савол гузошта мешавад». «Дар охири ҷумлаи хабарӣ аломати нуқта гузошта мешавад».[198] Дар асл, бояд оғози қоидаҳо бо калима - пайвандаки шартии **агар** гуфта (навишта) шаванд. Масалан: **Агар ҷумла саволӣ бошад, дар охири он аломати савол гузошта мешавад; Агар ҷумла хабарӣ бошад, дар охири он аломати нуқта гузошта мешавад;** ва ғ.

Чунон, ки таъкид гардида буд, гуфта шудан ё худ баровардани хулосаҳо -таърифу қоидаҳо ҷанбаи аз ҳама муҳими дарси додани дониши нав маҳсуб меёбад. Вале чунон, ки дар адабиёти методӣ таъкид мешавад, ки агар зимни саволу ҷавобҳо ва муоинаи мисолҳои таҳлилшуда худи хонандагон аз мазмуни умумии шарҳу эзоҳдиҳии муаллим доир ба айни ҳамон як мавзӯи дарс хулосаҳои пешакӣ (шояд тахминӣ ҳам бошад) бароваранд, яъне таъриф ва қоидаи «сохта»-и худро гуфта,баъдан онҳоро бо таърифу қоидаҳои дар китоби дарсӣ додашуда муқоиса намоянд, басо мувофиқи мақсад мебуд.[199]

Дар ҷараёни омӯхтани таърифу қоидаҳо, дар баробари он ки хонандагон ба сохту таркиби онҳо, яъне таърифу қоидаҳо, шинос карда мешаванд, бояд боз нуктаҳои зерин ҳам дар мадди назар бошанд:

---

[197] Аминов С. Забони тоҷикӣ (Барои синфи VIII). - (Душанбе: Собириён, 2007, с. 158.

[198] Бобомуродов Ш., Сабзаев С., Набиева С. Забони тоҷикӣ (Барои синфи V), с. 27, 30.

[199] Ниг.: Львов М.Р. Словарь -справочник по методике русского языка, с. 130, 148.

1. Тайёрии аҳли синф ба фаҳмидани таърифу қоидаҳо, ки он масъалаҳои зеринро фаро мегирад; а) таъин намудани алоқаи ин таъриф ё қоида бо дониши пештар гирифтаи хонандагон; б) маънидоди истилоҳот (терминҳо) - е ки дар таркиби он таърифу қоидаҳо мавҷуданд; в) санҷидани он, ки хонандагон маънои грамматикии ин истилоҳро чӣ хел фаҳмидаанд. Масалан, ҳангоми шарҳи таърифи исм талабагон бо ду истилоҳ - исм ва **предмет** шиносой пайдо мекунанд. Дар ин бобат, гарчи ба хонандагони синфи V маънову мафҳуми **исм** аз таърифи он фаҳмо гардад ҳам, аммо **предметро** аксари онҳо ба маънои чизу ашё мефаҳманд. Аз ин рӯ, онҳо **фикр, ақл, дониш, интизом, гайрат, гармӣ, далерӣ** барин калимаҳоро предмет намешуморанд. Ҳатто «Исм ба саволҳои кӣ? ва чӣ? ҷавоб мешавад» гуфта шавад ҳам, онҳо танҳо ашёҳоро предмет мепиндоранд. Бинобар ин, лозим аст, ки ҳангоми шарҳи таърифи исм дар қатори мисолҳои овардашуда ҳам исмҳои моддӣ (санг, кӯҳ, дарахт, муаллим, падар, талаба) бошаду ҳам исмҳои маънӣ (кӯшиш, илм, меҳнат, меҳру шафқат, фикру хаёл ва г.). Яъне ба шогирдон таъкид кардан лозим аст, ки **сангу кӯҳу дарахт** ҳам **предмет** асту, **кӯшишу илму меҳнат** ҳам. Ниҳоят, онҳо аз шарҳу таъкиди муаллим дақиқ дарк кунанд, ки дар илми грамматика ҳар он калимаеро, ки ба саволи кӣ? ё чӣ? ҷавоб мешавад, **предмет** меноманд.

2. Хонандагонро ба сохту таркиби таърифу қоидаҳо шинос намудан аст, ки дар фавқ ин масъала шарҳ дода шуд. Илова бар ин, бояд донист, ки агар таъриф ё қоида дар китоби дарсӣ дақиқу мухтасар ҳамчун қонун дода шуда бошад, хонандагон бояд онро аз ёд намоянд. Вале агар ҳаҷми он калонтар буда, характери тасвирӣ (муфассал шарҳ додашуда) дошта бошад, хонанда мазмуни онро, яъне хусусиятҳои он таърифу қоидаро, бо забони худ озодона ва албатта, бо тартиби муайян маънидод кунад, кифоя аст. Масалан, аз ёд намудани таърифи реша, суффикс ва префикс, ҳиссаҳои нутқ, аъзоҳои ҷумла ва г. шарт аст. Аммо маънидоди калимаҳои маъмул ва номаъмул, калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ, ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб барин масъалаҳо дар китобҳои дарсӣ дар шакли тасвирӣ баррасӣ шудаанд, ки маводи ин гуна параграфҳоро айнан аз ёд кардани хонандагон шарт набуда, танҳо мазмуни онҳоро бо забони худ гуфта диҳанд, кифоя аст.

3. Дар амал – бо ичрои машқу корҳои эҷодӣ, умуман, дар нутқи даҳониву хаттӣ татбиқ намудани он таърифу қоидаҳост. Яъне шарти донистани он таърифу қоидаҳо ин аст, ки бояд хонандагон онҳоро ҳангоми тартиб додан ва навишти калимаву

ибора ва ҷумлаву матн амалан татбиқ карда тавонанд. Масалан, ҳамин, ки хонанда ҳангоми пурсиш таъриф ё қоидаеро гуфт, бояд аз худ мисоле гӯяд ё мисоли муаллим пешниҳод кардагиро маънидод карда тавонад. Агар хонанда таъриф ё қоидаро гӯяду мисол оварда натавонад, маълум мешавад, ки ӯ таърифу қоидаро нафаҳмида, аз ёд кардаасту халос.[200] Аз ин лиҳоз, бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки хонандагон дар ҷараёни таълими ҳар як мавзӯи дарси додани дониши нав таърифу қоидаҳои грамматикӣ (аз ҷумла, таърифу қоидаҳои марбути фонетика ва боби «Лексика»)-ро фаҳмидаву бошуурона аз худ намоянд. Зеро чунон ки акад. А.В. Текучев таъкид намудааст: «Бо қатъиян донистани таърифу қоидаҳо хонандагон «дорои донишҳои мустаҳками грамматикӣ шуда наметавонанд».[201]

§ 42. Мундариҷаи машғулиятҳо аз грамматика

Таҳти мафҳуми мундариҷаи машғулиятҳо аз грамматика баррасии системаи донишу малакаҳои меъёрие фахмида мешавад, ки дар барномаи таълим ва китобҳои дарсии забони тоҷикӣ муқаррар карда шудаанд. Ба ифодаи дигар, мундариҷаи курси мактабии грамматикро маҷмӯи ҳамон маълумот ё худ асосҳои илмие марбут ба ду қисмати аз ҳам ҷудонашавандаи грамматика -морфология ва синтаксис -ташкил медиҳанд, ки ба дараҷаи даркорӣ дастраси хонандагон гардонида шуданашон дар онҳо ҳатман тасаввуроти нисбатан даркориеро доир ба сохти грамматикаи забони модарӣ пайдо мекунонад,[202] ки меъёри он маълумотҳои грамматикиро барномаи давлатии аз тарафи Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардашуда муайян менамояд. Аз ҷумла, ҳангоми таълими қисматҳои «Морфология» барои азхудкунии хонандагон мафҳумҳое пешниҳод гардидаанд, ки калима ё худ маҷмӯи калимаҳоро ҳамчун ҳиссаи нутқ: ҳиссаҳои мустақил (исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл ва зарф), ҳиссаҳои номустақили нутқ (пешоянд ва пасоянд, пайвандак, ҳиссача ва нидо) муаррифӣ менамоянд.[203]

---

[200] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 171.
[201] Ҳамонҷо, с. 172.
[202] Ниг.: Основы методики русского языка в IV-VIII классах, с. 11; Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 166.
[203] Ниг.: Баранов М.Т., Ладыженская и др. Методика преподавания русского языка. -М.: Просвещение, 1990 с. 132.

Дар ҷараёни таълими қисмати дуввуми грамматика - «Синтаксис» бошад омӯзиши мафҳумҳое дар мадди назаранд, ки дар назари хонандагон хусусиятҳои аввалиндараҷаи ибора ва ҷумларо дар маҷмӯъ бо далелҳои аз забони адабӣ интихобгардида (марбут ба мафҳумҳои ибора, хелҳои ибора аз ҷиҳати сохт, тарзи алоқа ва маънои луғавии ҷузъи асосиаш, ҷумла ва хелҳои он аз ҷиҳати сохту таркиб, тарзи алоқаи калимаҳо дар ҷумлаи содда ва алоқаи ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ва г.) намоиш дода мешаванд.[204] Ва бояд дар назар дошт, ки дар рафти таълими ин ҳама масъалаҳои марбут ба мафҳумҳои намоишдиҳандаи сохти грамматикаи забони тоҷикӣ ҳамеша мақсад ва вазифаи асосӣ ин аст, ки дар баробари бо асосҳои меъёрии назарияи забоншиносии тоҷик мусаллаҳ намудани хонандагон, ҳамзамон, бо талаби муаллим машқҳои зиёду дорои талабҳояшон гуногун ичро карда шаванд, то ки боиси баланд шудани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ва малакаҳои имлоиву пунктуатсионии онҳо ҳам гарданд.[205] Зеро чӣ тавре акад. А.В. Текучев таъкид намудааст, «Ташаккули маҳорату малака... дар ҷараёни ичрои машқҳои гуногуну борҳо такроршаванда... имконпазир мегардад».[206] Вале набояд фаромӯш намуд, ки маънии мафҳумҳо ва истилоҳоти забоншиносӣ на ҳама вақт дар заминаи мисолҳои мувофиқу гуфтани таърифу қоидаҳои қолабӣ, балки мафҳуми онҳо дар сурате бештар ба фаҳми хонандагон дастрас мегарданд, ки агар асле баромад ва маънои луғавии онҳо (агар истилоҳ иқтибосӣ бошад) ба забони модарӣ шарҳ дода шавад.

§ 43. Оид ба истилоҳоти грамматикӣ

Яке аз роҳҳои аз тарафи хонандагон шуурона азхуд намудани мавзӯъҳои назариявии забони тоҷикӣ - ин аст, ки агар дар ҷараёни баён мафҳумҳо ё худ истилоҳоти забоншиносии марбути ин ё он мавзӯъ низ шарҳу эзоҳ дода шаванд. Чунки «Истилоҳоти грамматикӣ чун ҳама гуна истилоҳоти илмӣ калимаҳои басо мушаххас ифодакунандаи мафҳумҳои махсус буда, бо мафҳумҳои дигар ивазнашавандаанд...».[207] Зеро ки «ҳар

---

[204]Ниг.: Ҳамон ҷо, с. 133.
[205] Ниг.: Ҳамон ҷо, с. 135.
[206] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 24.
[207] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 24.

як истилоҳи илмӣ, дар асл, қатъиян дорои як маънои муайян мебошад».[208] Аз ин рӯ, донистани асли баромад, маънои луғавӣ ва сохту таркиби ҳар як истилоҳи грамматикӣ, инчунин фонетикӣ, лексикӣ, орфографӣ, пунктуатсионӣ, услубшиносӣ ва г.) ба хонандагон барои ҳар чӣ мушаххастар фаҳмидани моҳияти мавзӯъҳо, пеш аз ҳама, таърифоти грамматикӣ, бешубҳа, ёрии амалӣ хоҳад расонд. Барои ҳамин ҳам, дар дарсҳои забони тоҷикӣ шарҳи истилоҳоти забоншиносӣ яке аз рукнҳои ҳатмии қисмати луғатомӯзӣ ва яке аз «қисматҳои ҳатмии таркибии кор доир ба инкишофи нутқи хонандагон»[209] дониста мешвад. Аз ин чиҳат, шарҳи асли баромад ва маънои луғавии бисёр истилоҳоти забоншиносии ба китобҳои дарсии забони тоҷикӣ воридшуда аз қабили **синоним, омоним, антоним, исм, феъл, сиға, мубтадо, хабар** ва амсоли инҳо дар ҷараёни баёни мавзӯъҳо ҳатмист. Барои он ки хусусан, донистани маънои лугавии худи истилоҳ аксари мавридҳо барои ҳар чӣ бехтару бештар фаҳмида аз бар намудани таърифи марбут ба ҳамон истилоҳ додашуда ба хонандагон, бешубҳа, ёрӣ мерасонад. Масалан, чунон ки маълум аст, ҷои асосии мубтадо дар ҷумла аввали он аст. Аз ин вачҳ, агар ба хонандагон фаҳмонида шавад, ки **мубтадо** калимаи арабӣ буда, синонимии калимаҳои **оғоз, ибтидо, аввал** ба шумор меравад, онҳо мафҳуми истилоҳи мазкурро дақиқтар дарк мекунанд. Зеро мафҳуми грамматикӣ - **дар аввали ҷумла** омадани мубтадо ва маънои лугавии он - **оғоз, ибтидо, аввалро** ифода намуданаш дар якҷояғӣ яке мафҳуми дигареро пурратару мушаххастар намоиш медиҳанд. Хусусан, дар синфи V-ум чунин шарҳ додани мафҳуми луғавии калимаи **мубтадо** ва ҷои мубтадо, ҳамчун сараъзо, дар ҷумла ба маҳорати ҷумласозии хонандагони ҳамин синну соли мактабӣ басо мусоидат мекунад. Зеро онҳо аксар ҷумлаҳоеро (аз қабили «Қобил талабаи аълочӣ аст. Мо ӯро ҳурмат мекунем. Ман ба шаҳр меравам. Китоб манбаи дониш аст» ва г.) мисол меоваранд, ки мубтадоҳо дар он ҷумлаҳо бештар дар аввал омадаанд.

Бояд донист, ки «истилоҳот ҳар кадом ифодакунандаи як мафҳуми илми забон буда, надонистани маънои луғавии асли баромади онҳо боиси нуқсони дониши шогирдон ва зиёда аз ин,

---

[208] Будагов Р. А. Очерки по языкознанию. -М.: Изд-во АН СССР, 1953, с. 18.

[209] Павлов В.А. Работа над лингвистическими терминами в IV-VI классах как средство развития речи учащихся (Учебное пособие к спецкурсу) - Рязань, 1987, с. 3.

сабаби қориёна аз худ намудани, хусусан, таърифоти грамматикӣ аз тарафи онон мегардад».[210] Аз ин хотир, зарурати масъаларо забоншиноси машҳури рус Р.А. Будагов эҳсос карда таъкид намудааст, ки «дақиқии дониш нисбати ин ё он ҳодисаи табиат ё ҷамъият ба дақиқ сарфаҳм рафтан ба ном ва ё истилоҳи он марбут аст».[211]

Аз ин рӯ, гуфтаҳои фавқ далолат ба он мекунанд, ки дар дарсҳои забони тоҷикӣ ташкили кор ба луғати истилоҳотӣ бояд ҳама вақт ҳангоми шарҳу маънидоди таърифу қоидаҳои грамматикӣ дар мадди назари омӯзгорон бошад.* Ҳамчунин, барои ба ҷо овардани гуфтаҳои боло, то ки ташкили кори омӯхтани луғати истилоҳоти забоншиносӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ боз ҳам самараноктар ба роҳ монда шавад, зарур аст, ки ҳар як истилоҳ: а) дар доскаи синф ба ҳарфҳои калон-калону хоно навишта шуда, дар болояш аломати зада гузошта, орфограммаи мураккаби он махсус ишора карда шавад; б) аз тарафи чанд нафар хонанда (албатта, аввал аз тарафи муаллим) бо овози баланду возеҳ ҳам ҳиҷо ба ҳиҷо ва ҳам якбора бо риояи ҷои гузошта шудани задааш (шояд тамоми синф баробар) талаффуз кунанд; в) дар дафтари луғати хонандагон бехато нависонда шавад; г) барои он ки истилоҳ дар корҳои хаттии хонандагон бехато навишта шавад, хатоҳои онҳоро дар талаффуз ва навишти ҳамон истилоҳи муайян ислоҳ карда истодан зарурат дорад, то даме ки нурра талаффуз ва тарзи дурусти он ислоҳро аз худ накунанд.[212] Масалан, хонандагон аксар вақт **суффиксро суфикис, префиксро, префикис, исмро-исим, мубтадоро мутадо, муайянкунандаро муянкунанда** талаффуз мекунанд, ки чунин нуқсонҳо ва амсоли ин бояд ҳатман саривақт пешгирӣ карда шаванд.

Ҳамзамон, бояд донист, ки дар ҷараёни дарс бар хилофи талаби барнома ва китобҳои дарсӣ ба ҷои ин ё он истилоҳи дар

---

[210] Шербоев С. Асосҳои илмию методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои соддаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VIII, с. 129.

[211] Будагов Р.А. Специфика термина. Очерки по языкознанию, с. 20.

* **Эзоҳ.:** Масъалаи шарҳ додани маънои луғавии истилоҳоти забон дар барномаи соли 1983 (с. 3) ва махсус зарурати шарҳи асли баромад ва маънои луғавии истилоҳоти иқтибосии забоншиносӣ, ки дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ворид карда шудаанд, дар поварақи «Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» (-Душанбе, 2006, с. 4») низ таъкид гардидааст.

[212] Нигр.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 176.

китобҳои дарсӣ додашуда худсарона муодилҳои дигари онро истифода намудан тавсия дода намешавад.[213]

АДАБИЁТ

1. Аминов С. Забони тоҷикӣ (Барои синфи VIII).-Душанбе: Собириён, 2007.
2. Баранов М.Т. Ладыженская Т.А. и др. Методика преподавания русского языка. -М.: Просвещение, 1990.
3. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. Душанбе: Матбааи ВМ ҶТ, 2006.
4. Бобомуродов Ш., Сабзаев С; Набиева С. Забони тоҷикӣ (Барои синфи V). -Душанбе, 2006.
5. Дудников А.В. Методика изучения грамматики русского языка в восмилетней школе.-М.: Просвещение, 1977.
6. Львов М.С. Словарь - справочник по методике русского языка. - М.: Просвещение, 1988.
7. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. Нашри 2. - Душанбе: Собириён, 2007.
8. Ниёзмуҳаммадов Б., Каримов А. Забони тоҷикӣ (Барои синфҳои V-VI).- Душанбе: Маориф, 1977.
9. Основы методики русского языка в V-VIII классах. -М.: Просвещение, 1987.
10. Палей И.Р. Очерки по методике русского языка. - М: Просвещение, 1985.
11. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. - М.: Просвещение, 1980.
12. Хрестоматия по методике русского языка. Русский язык как предмет преподавания. - М.: Просвещение, 1982.
13. Шербоев С. Асосҳои илмию методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои соддаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V ва VIII. Душанбе: Деваштич, 2006.

[213] Ҳамон ҷо, с. 175.

БОБИ IX. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ МОРФОЛОГИЯ

Дар фасли «Масъалаҳои умумии таълими грамматика» таъкид намуда будем, морфология як қисмати грамматика буда, дар мактаб масъалаҳои мавриди омӯзиши он аксар дар алоқамандӣ бо фаслҳои қисмати дуввуми грамматикӣ, яъне дар алоқамандӣ бо мавзӯъҳои таркибии фаслҳои синтаксис таълим дода мешаванд. Яъне ин ду соҳаи забон – морфология ва синтаксис – дар яклухтии том сохтори грамматикаи забони тоҷикиро муаррифӣ менамояд, ки қариб масъалаҳои якеро бе алоқаманд намудан ба масъалаҳои дигаре таълим додан ғайриимкон аст. Ба ҷуз ин дар қисми «Таҳлили грамматикӣ» таъкид намуда будем, ки ба ҳар кадоме аз ин қисматҳои грамматика, дар навбати худ, боз ба ду қисмат тақсим мешаванду аз ҷумла, қисмати аввали морфологияро «Таркиби калима ва калимасозӣ», қисмати дуюми онро «Ҳиссаҳои нутқ» ташкил медиҳанд.

Вале доир ба он, ки морфология, ҳақиқатан ҳам, аз ду қисмат иборат аст ё не, дар илми забоншиносӣ ва методикаи таълими забон ҳамрангии ақидаҳо ҳукмрон нест. Аниқтараш, масъалаи сохт ва таркиби калима, вобаста ба он, ки як ҷузъи морфология аст ва ё як соҳаи мустақили илми забоншиносист, то ҳол дақиқ муайян нашудааст. Чунончи, дар баъзе маъхазҳо ин нукта, яъне масъалаи таркиби калима ва сохти он ҳамчун як қисмати морфология[214], вале дар дигараш ҳамчун як соҳаи мустақили илми забоншиносӣ баррасӣ гардидааст.[215] Вале аз андешаҳои проф. А.В. Дудников (тарафдори гуруҳи дуюм ҳам)

---

[214] Ниг: Розенталь Д.А., Теленкова М.А. Словарь- справочник лингвистических терминов.-М.: Просвещение, 1985, с 330; Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с 103; Методические разработки по русскому языку для V-VII классов.-М.: Госучпедгиз МП РСФСР, 1956, с. 47-48; Палей И.Р. Очерки по методике русского языка, с-45; Грамматикаи забони тоҷикӣ (Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ).-Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1956, с.9-11; Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷ 1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985, с 79-89; Программаҳои забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои V-VIII. - Ирфон, 1970, с.10 ва г.

[215] Ниг: Современный русский литературный язык.-М.: Просвещение, 1988, 179-238; Баранов М.Т., Ладыженская Т.А. и др. Методика преподавания русского языка, с.130-132; Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с.56; Текучев А.В.

бармеояд, ки ӯ ба ҳам алоқаи зич доштани масъалаҳои калимасозӣ ва морфологӣ (калимасозии ҳиссаҳои нутқ)-ро дар назар дошта, тарафдори он аст, ки таълими фасли «Калимасозӣ» ва таркиби калима дар заминаи коркарди методикаи таълими морфология (калимасозии ҳиссаҳои нутқ) ба роҳ монда шавад. Аз ин рӯ, дар васоити барои омӯзгорон навиштааш масъалаи калимасозиро дар фасли «Системаи таълими грамматика дар синфҳои IV-VIII[216]» аз назар гузаронидааст. Акад. А.В. Текучев бошад таъкид намудааст, ки «Бе маҳорати дар калима муайян карда тавонистани қисматҳои таркибии он (морфемаҳо): асос ва бандак, реша, префикс ва суффикс омӯзиши ҳиссаҳои нутқ, азхудкунии қоидаҳои орфографӣ, сарфаҳм рафтан ба маънои бисёр калимаҳо ва бошуурона омӯхтани грамматика номумкин аст»[217].

Чунон ки мебинем, баъзе аз мутахассисони гурӯҳи дуввум ҳам, бо вуҷуди он ки масъалаи «Калимасозӣ ва таркиби калима»-ро соҳаи мустақили забоншиносӣ донистаанд, ба роҳ мондани таълими онро маҳз дар асоси коркарди методикаи морфология – дар алоқамандӣ бо омӯзиши сохти ҳиссаҳои нутқ (А.В. Дудников) тарафдорӣ намуда, дар чунин ақидаанд, ки ҳалли бисёр масъалаҳои морфологӣ бе донистани сохту таркиби калима (А.В. Текучев) номумкин аст. Аз ин рӯ, мураттибони барномаи нави забони тоҷикӣ дар баробари тарафдори ақидаҳои гурӯҳи аввал будан ба андешаҳои гурӯҳи дуюми олимону методистони забони русӣ такя намуда, масъалаи таълими «Калимасозӣ ва таркиби калима»-ро дар синфи V, ҳамчун як қисмати «Морфология», пешниҳод намудаанд, ки омӯзиши маводи марбути он дар китоби дарсии забони тоҷикӣ низ аз рӯи чунин пешниҳод баррасӣ гардидааст[218]. Ва мо низ масъалаи сохт ва таркиби калимаро ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи морфология ҳисобида, тарзи баррасии таълими онро дар ҳамин фасли «Методикаи таълими морфология» ба қалам хоҳем дод.

Тавре маълум аст, морфология дар мактаб ба ҷумлаи яке аз фанҳои таълимию анъанавӣ маҳсуб ёфта, бо мундариҷаи масъалаҳои фарогирандаи худ на чандон наву актуалист. Вале тағйир ёфтани мақсади таълим, пешниҳод гардидани талаботҳои

---

[216] Ниг: Дудников А.В. Методика изучение русского языка в восьмилетней школе, с 56, 39-77.

[217] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.155.

[218] Ниг: Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI, с. 7-8; Бобомуродов Ш., Сабзев С., Набиева С. Забони тоҷикӣ (Барои синфи VI). Душанбе, 2008.

нав дар бобати омӯхтани забони модарӣ, навигариҳои дар илми забоншиносӣ, психология ва дидактика ба даст овардашуда, муваффақиятҳои таҷрибаи пешқадами мактабҳо ба мазмуну мундариҷаи машғулиятҳои морфологӣ бетаъсир нахоҳад монд[219]. Аз ин рӯ, ворид шудани навигариҳо дар илмҳои номбурда ва ғанӣ гардидани таҷрибаи мактабҳо ҳатман ба мазмуну мундариҷа ва усули таълими морфология дигаргуниеро зам хоҳанд намуд, ки аз он ҳама омӯзгори забони тоҷикӣ на танҳо хабардор бошад, балки дар ҷараёни таълим истифода ҳам бурда тавонад.

Дигар ин, ки дар интихоб ва пешниҳоди мазмуну мундариҷаи маводи барнома ва китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ба чандин принсипҳои умумидидактикии таълим, аз ҷумла, ба принсипҳои илмӣ, фаҳмогӣ ва принсипи алоқаи назариявӣ бо амалия такя карда мешавад[220].

Ба омӯзгорон зарур аст, ки ҳатман дар таълими масъалаҳои ҳам морфология ва ҳам синтаксис баҳри дар амал татбиқ намудани принсипҳои мазкур ва инчунин принсипи дар алоқамандӣ бо ҳам таълим додани қисматҳои гуногуни забон бо истифода аз методҳои гуногуни таълим кӯшишҳо ба харҷ диҳанд.

Ғайр аз ин, дар синфи V ба таълими морфология шурӯъ намуда, бояд дар назар дошт, ки оид ба ин қисмати грамматика ба хонандагон дар синфҳои I-IV чӣ гуна маълумотҳо дода шудааст, то ки он маълумотҳо айнан такрор нашуда[221], балки бо андаке дигаргунӣ, вале бо мазмуни баланд таълим дода шаванд. Ҳамчунин пешниҳод мешавад, ки дар синфи V пеш аз таълими бевоситаи масъалаҳои морфология (сохт ва таркиби калима, ҳиссаҳои нутқ. – С.Ш.) ба маврид мебуд, агар ба хонандагон доир ба оддитарин масъалаҳои грамматика, ҳамчун илм, маълумоти аввалин дастрас карда шавад[222].

Ниҳоят, дар таълими, хусусан, ҳиссаҳои нутқ ба назар расидани баъзе норасоиҳо, аз қабили ба ҳам омехта намудани ҳиссаҳои нутқ бо аъзоҳои ҷумла ва дарҳол муайян карда тавонистани калимае (ҳиссаи нутқ), ки агар он аз рӯи таркиби калимаҳо дар ҷумла ба ҳиссаи дигари нутқ (хонаи баланд, баланд гап задан) гузашта бошад, дар фаъолияти хонандагон ҳодисаи

---

[219]Ниг.: Основы методики преподавания русского языка в IV-VIII классах, с.113.

[220]Ниг.: Ҳамон ҷо, с. 113.

[221]Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с 103.

[222]Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней

бебаҳс аст[223], ки чунин амалу нофаҳмиҳои хонандагонро қабл аз рух доданашон пешгирӣ намудан беҳтар аст.

Ҳамин тариқ, он ҳама фикру андешаҳои фавқ, ки марбут ба масъалаҳои умумии таълими морфология баррасӣ гардиданд, дар маҷмӯъ консепсияест, ки агар дар рафти таълими ҳамин қисмати грамматика чи аз ҷиҳати назариявию чи амалан татбиқи худро ёбанд, хонандагон ҳатман дар муайян намудани сохту таркиби калимаҳо, сарфаҳм рафтан ба маънои луғавию грамматикии ҳар як ҳиссаи нутқ, донистани аломатҳои морфологӣ ва вазифаҳои аввалиндараҷаи синтаксисии онҳо дар ҷумла маҳорат пайдо намуда, дар талаффузи ба меъёрҳои забони адабӣ мувофиқи калимаҳо (ҳиссаҳои нутқ), имлои ҳар як ҳиссаи нутқ, дар фаҳмидани тарзи алоқаи калимаҳо дар ҷумла (ҳангоми таълими пешоянду пайвандакҳо) малакаҳои амиқро пайдо хоҳанд намуд. Хусусан, бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки омӯзиши ҳар як таърифу қоида ва назарияҳои ба онҳо алоқаманди дар китобҳои дарсӣ додашуда дар заминаи мисолҳои барҷаста фаҳмонда шуда, бо ичрои машқу супоришҳои гуногун мустаҳкам ҳам карда шаванд. Он гоҳ бо боварӣ метавон гуфт, ки дар ҷараёни таълими курси системаноки синтаксис (синфҳои VIII-IX) ҳам муаллим ва ҳам хонандагон ба мушкилот басо кам рӯ ба рӯ хоҳанд шуд.

§ 44. Таркиби калима ва калимасозӣ

Зимни омӯзиши таркиби калима ҳамеша таълим додани решаа, суффикс, префикс, асос ва бандак дар мадди назар аст. Аммо масъалаи дар алоқамандӣ бо таркиби калима таълим додани калимасозӣ ё худ сохти калима аз ибтидои солҳои 70-уми асри гузашта оғоз ёфтааст[224]. Аниқтараш, то ҳамон вақт мавзӯи «Таркиби калима» дар алоҳидагӣ таълим дода мешуд. Маҳз сохти калима, ҳамчун мавзӯи махсус, ба барномаҳои то соли 1970-ум боре ҳам ворид нагардида буду таҳти таълими сохти ҳар як ҳиссаи нутқ дар маҷмӯъ сохти калимаҳо низ дар мадди назар буд. Вале мақсад аз таълими таркиби калима ҳам як навъ намоиш додани усули калимасозӣ буд, аммо ин амал андаке

---

[223] Ниг: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с 180.

[224] Ниг: Основы методики русского языка в IV-VIII классах, с.82-83, Кораблёва И.Н. Изучение составы слова и словообразования в IV-V классах. –Журн.: Русский язык в школе, №5, 1970; Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои I-X (Барои таҳсили 1969-70)-Душанбе: Ирфон, 1969. с. 64.

маҳдуд – танҳо бо роҳи муайян кардани таркиби калима (реша, суффикс, префикс, асос ва бандак)-и сохтаи тайёр сурат мегирифт. Вале дар асоси талаби барномаи нав (с. 1969) аз соли таҳсили 1969-70 то ба имрӯз масъалаи таркиби калима ва калимасозӣ пайваста дар як вақт таълим дода мешавад[225].

Дар чунин ҷараёни таълим акнун хонандагон на танҳо дар таъин намудани ҳиссаҳои маънодори калима малака пайдо мекунанд, балки тарафи дигари ин масъала – тарзи сохта шудани калимаҳоро ҳам ёд мегиранд. Яъне хонандагон на танҳо ҳиссаҳои маънодори калимаро (Ин чо ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои грамматикии ҳиссаҳои таркиби калима дар мадди назар аст) муайян карда метавонистагӣ мешаванд, балки худашон таҳти роҳбарии муаллим ба роҳҳои гуногуни калимасозӣ дар сохтани калимаҳои нав ҳам маҳорату малака пайдо мекардагӣ мешаванд. Маҳз бо чунин усули кор, ки дар хонандагон гарбия карда мешавад, онҳо маънои реша, вазифаҳои ҳиссаҳои калимасоз (суффикс, префикс) ва ҳиссаҳои калимабанд (бандакҳо)-ро дуруст мефаҳмидагӣ мешаванд.

Чунон ки аз тартиби фаслҳои дар синфи V таълимдодашавандаи барномаи таълим бармеояд, масъалаи таркиби калима ва калимасозӣ пас аз фасли луғатомӯзиву пеш аз ҳиссаҳои нутқ ҷой дода шудааст. Дар ин бобат бояд ба ҳисоб гирифт, ки масъалаҳои мазкур - калимасозӣ бо луғатомӯзӣ ва сохти ҳиссаҳои нутқ бо калимасозӣ иртиботи қавӣ доранд. Чунончи, аффиксҳо (суффиксу префиксҳо) ба решаи калима ҳамроҳ шуда, маънои онро (калимаро) тағйир медиҳанд, ба калима маънои нав илова мекунанд, яъне калимаи нав месозанд. Ин амал ба масъалаи таъин намудан ва шарҳ додани маънои калима, ки яке аз нуктаҳои муҳими луғатомӯзист, монанд аст. Аз ин ваҷҳ, калимасозӣ, пеш аз ҳама, донишӣ аз лугатомӯзӣ марбут ба маънои калима гирифтаи хонандагонро такмил медиҳад. Сониян, ин нукта, яъне бо аффсиксҳо сохта тавонистани калимаҳо, хонандагонро пешакӣ ба сарфаҳм рафтан ба дарки сохти ҳиссаҳои нутқ омода ҳам мекунад. Чунки яке аз роҳҳои сохта шудани исм, сифат, феъл ва г. бо **роҳи морфологии калимасозӣ** сурат мегирад, таҳти ин мафҳум, асосан, бо префиксу суффиксҳо сохтани калимаҳои нав дар мадди назар аст.

Ба ҷуз гуфтаҳои фавқ, марбут ба калимасозӣ боз чанд нуктаи дигарро донистани муаллим зарурат дорад. Ин нукта ба

---

[225] *Ниг: Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои* V-XI. – Душанбе, 2006, с.7-8.

интихоби суффиксҳо ва ҳам калимаҳои барои мисоловарӣ гирдоварда алоқаманд аст.

Чунон ки маълум аст, суффиксҳо калимасоз ва шаклсоз мешаванд. Аз ин рӯ, азбаски ба хонандагон маҳз усули калимасозӣ омӯзонида мешавад, дар рафти таълими калимасозӣ бояд тарзи сохта шудани калимаҳое шарҳ дода шавад, ки суффиксҳояшон, воқеан ҳам, калимасоз бошанд, яъне дар воқеъ, маънои калимаро тағйир дода бошанд. Сипас, лозим аст, ки –**гар** (коргар, заргар), - **бон** (боғбон, соябон), **-чӣ** (трактрочӣ, хизматчӣ), **-зор, сор** (гулзор, кӯҳсор), **-истон** (гулистон, Тоҷикистон) барин суффиксҳо ва –**бе-, бо-, бар-, но-, ҳам**-(беҳаё, боақл, бармаҳал, ноҳақ, ҳамкор) барин префиксҳо барои таълими калимасозӣ, дар навбати аввал, интихоб карда шаванд. Вале суффиксу префиксҳои шаклсоз аз қабили –**ҳо, -он (-гон, -ён, -вон), -тар, -тарин, ме-, на-, бӣ** – ва ғ. дар мавриди худ вобаста ба мавзӯъҳои дахлдори ҳиссаҳои нутқ таълим дода шаванд, ба мавқеъ мебуд. Аммо мабодо, дар ҷараёни таълими калимасозӣ дар машқҳои барои таҳлил пешниҳодшуда чунин суффиксҳои шаклсоз дар таркиби калимаҳо вохӯранд, ба тариқи маълумоти пешакӣ вазифаи морфологии онҳоро таъкид кардан аз фоида холӣ нахоҳад буд.

Агар барои **калимасозӣ** бевосита суффиксҳои калимасоз интихоб карда шаванд, дар рафти таълими **таркиби калима** ва таҳлили он моҳирона калимаҳое интихоб ва таҳлил карда шаванд, ки дар онҳо муайян намудани ҳиссаҳои маънодору калимасоз (пеш аз ҳама реша, суффикс ва префикс) ба осонӣ даст диҳад, яъне сохта будани он калимаҳоро бе душворӣ маънидод намудан мумкин бошад. Масалан, аз қабили чунин калимаҳоро: **хониш, дониш, бешазор, чашма, доно, ҳамсинф** ва ғ. Ва дар ин бобат бояд ба хонандагон фаҳмонд, ки ҳар як калимаи нави бо ин ё он суффикс сохташуда ба решаи худ ҳатман муносибати маъноӣ дорад. Чунончи, калимаи **ҳамсинф** бо **синф** муносибати маъноӣ дорад ва аз ин ҷиҳат ба решаву префикс (ҳам-синф) чудо мешавад, яъне калимаи сохта аст. Мисли ҳамин дар калимаҳои сохтаи **хубӣ, душворӣ, танбурӣ** ҳам муносибати маъноӣ бо решаашон (хуб, душвор, танбӯр) баръало эҳсос карда мешавад. Вале дар забони тоҷикӣ як силсила калимаҳое ҳастанд, ки таърихан сохта ё мураккаб бошанд ҳам, ҳиссаҳояшон дар забони имрӯзаи мо чунон ба ҳам зич гардидаанд, ки на ҳар кас сохта ё мураккаб будани он гуна калимаҳоро ба осонӣ дарк мекунад, ки ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, **бозор, сармо, кирдор, сафедор, ёздаҳ, гӯсфанд, гӯштин** барин калимаҳоро метавон номбар намуд. Маънидоди чунин калимаҳо ва аз қабили инҳо, агар дар дарсҳои

охиртари омӯзиши таркиби калима ва калимасозӣ, дар маҳфили забони тоҷикӣ ё дар машғулиятҳои факултативӣ баррасӣ шавад, бешубҳа, завқу рағбати забономӯзии хонандагон зиёда бедор хоҳад гашт.

Ба ҷуз масъалаҳои зикршуда ҳаминро ҳам бояд донист, ки таълими дурусти таркиби калима ва калимасозӣ барои баланд бардоштани саводи орфографии хонандагон ҳам мусоидат мекунад. Зеро яке аз принсипҳои асосии имлои забони тоҷикӣ принсипи морфологӣ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, ҳар қадар ки хонандагон дар муайян намудани таркиби калимаҳо малака пайдо намуда, бо роҳҳои гуногуни калимасозии морфологӣ (дар сохтани калимаҳои нав) шиносӣ ва маҳорат пайдо намоянд, ҳамон қадар имлои калимаҳоро аз бар менамоянд. Ва албатта, дар ин бобат барои дар имло малака пайдо намудани шогирдон иҷрои системаи машқҳои гуногуни ба ҳам алокаманд чи дар синфу чи дар хона зарурат дорад, ки ташкилу баррасии нуктаи мазкур аз ҳар ҷиҳат ба қобилияту кордонии муаллим зич иртибот дорад.

Инак, бо назардошти гуфтаҳои фавқ масъалаи таълими таркиби калима ва калимасозӣ дар мактаб бояд чӣ тавр сурат бигирад? Дар ин бобат проф. Н.С. Поздняков, ки фасли «Таркиби калима ва калимасозӣ»-ро қисмати аввали морфология меҳисобад, ин тавр таъкид намудааст: «Дар дарси аввали марбут ба морфология ба хонандагон маънии истилоҳи «морфология»-ро бояд шарҳ дод. Он (морфология.-С.Ш.) калимаи мураккаб буда, аз ду решаи калимаи юнонӣ «морфе» -шакл ва «логос» – калима гирифта шудааст, яъне морфология… - ин таълимот дар бораи калима ва шакли он мебошад»[226].

Чунон ки аз иқтибоси фавқ бармеояд, дар дарси аввал марбут ба морфология ҳатман шарҳ додани асли баромад ва маънои луғавии калимаи **морфология** ҳамчун истилоҳ зарурат доштааст, ки чунин нукта, яъне зарурати шарҳ додани мафҳумҳои ифодакунандаи истилоҳоти забоншиносӣ дар барномаи таълими забони тоҷикӣ низ ҳамчун як нуктаи муҳим баҳри бошуурона аз бар намудани назарияҳои марбути ин ё он ҳодисаи забон таъкид гардидааст.[227]

Пас аз шарҳи истилоҳи **морфология,** ҳамзамон, муаллим бояд таъкид намояд, ки **морфология** дар навбати худ аз ду қисмат иборат буда, дар қисмати аввали он масъалаи таркиби калима ва

---

[226] Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 103.

[227]Ниг: Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI .-Душанбе, 2006, с 3.

калимасозӣ ва дар қисмати дуввумаш маълумот оид ба ҳиссаҳои нутқ баррасӣ мегардад.[228]

Сипас, дар ҳамин дарси аввал ба хонандагон вобаста ба омӯзиши таркиби калима дар бораи реша, таърифи он ва калимаҳои ҳамреша маълумот додан лозим аст. Барои он ки ин мафҳумҳо ба хонандагон дастрас шаванд, дар тахтаи синф ду-се қатор калимаҳоеро сабт бояд намуд, ки дар ҳар қатор аз як реша ба воситаи суффиксҳои гуногун калимаҳои нав сохта шуда бошанд. Масалан, чунин мисолҳоро: а) **гул – ғулдон, гулзор, гулистон, гулӣ, гулхан, гулак;** б) **хок – хоксор, хокӣ, бехок, хокдон; в) кор-- корӣар, ҳамкор, бекор, корам;** ва ғ.

Пас аз хондану мушоҳидаи ҳар кадоме аз ин қатори калимаҳо муаллим диққати хонандагонро ба қатори басти аввал –а) ҷалб намуда, мефаҳмонад, ки ҳиссаи умумӣ ва асосиву маънидор дар ин гурӯҳи калимаҳо калимаи **гул** аст. Сонӣ аз хонандагон мепурсад: гӯед, ки дар қатори басти б) ҳиссаи асосиву маънидор кадом калима аст? – Калимаи **хок**. – Бале. Дар басти в) чӣ? – Дар ин баст калимаи **кор**.

Ниҳоят, пас аз чунин саволу ҷавоб муаллим дар ҷамъбаст чунин мегӯяд: Дар қатори аввали калимаҳои сабтшуда ҳиссаи асосиву маънодор калимаи **гул**, дар қатори дуввум калимаи **хор** ва дар қатори сеюм **кор** ҳиссаи умумӣ ва маънодор аст. Ана ҳамин калимаҳоро (гул, хор, кор), ки аз онҳо калимаҳои нав сохта шудаанд, **реша** меноманд. Таърифи реша чунин аст: **Ҳиссаи асосӣ ва маънодори калима реша номида мешавад** (ё худ – Он ҳиссаи калима, ки маънои асосӣ дар он аст, **реша** ном дорад). Дар чунин лаҳзаи баён аломати шартии реша – хати камонак (⌒) дар доска кашида шуда, пас ҳамин аломат ба болои решаи ҳамаи он се қатори калимаҳо низ гузошта мешавад.

Пас аз гуфтани таърифи реша муаллим боз диққати хонандагонро ба ҳамон мисолҳои дар доска сабтгардааш ҷалб намуда, мефаҳмонад, ки «Ду ва ё чанд калимае, ки решаашон як хел аст, **калимаҳои ҳамреша** номида мешаванд». Ва барои он ки таърифи мазкур аз тарафи хонандагон боз ҳам дақиқтар фаҳмида шавад, истифода аз таблитсаи (15) зерин айни муддаост, ки дар он аз ду калимаи омонимӣ – **дон** (аз донистан) ва **дон** (аз ҳосили растанӣ) калимаҳои ҳамреша сохта шудаанд:

---

[228] Нигр. Примеры [illegible]

Таблитсаи 15

Дар дарси дигар суффикс ва префиксҳо таълим дода мешаванд, ки тарзи таълимиашон ба ҳам хеле монанд аст. Зеро ҳам бо суффикс ва ҳам бо префикс калимаи нав сохта мешавад. Фарқи асосӣ дар мавриди ба реша пайваст шуданашон ба назар мерасад: яке пас ва дигаре пеш аз реша меоянд. Маҳз барои таълими суффикс дар навбати аввал бояд мисолҳое ба маърази диққати бинандагон гузошта шаванд, ки аз айни як суффикс бо решаҳои гуногун калимаҳои нав сохта шуда бошанд. Масалан, бо суффиксҳои **-чӣ** ва **-истон**: а) трактор**чӣ**, табел**чӣ**, булдозер**чӣ**, экскватор**чӣ**; б) Тоҷик**истон**, Қазоқ**истон**, гул**истон**, бог**истон**; ва г.

Муаллим пас аз сабти мисолҳои мазкур дар доска ба хонандагон муроҷиат мекунад: - Трактор чӣ маъно дорад? Яке аз хонандагон: - Мошина ё техникаест, ки бо он замин меронанд. – Касеро, ки бо трактор кор мекунад, кӣ меномем? – Тракторчӣ. – Дар ин калима кадом ҳисса маъноро тағйир додааст? - Чӣ. – Бале, ҳамин ҳисса, яъне – чӣ-ро, ки маънои калимаро тағйир додааст, суффикс меноманд. Суффиксро дар таркиби калима бо чунин аломат (⌒) ишора мекунанд.

Ин лаҳза суффикси – чӣ дар ҳамаи калимаҳои басти а) бо аломати мазкур ишора гардида, шарҳ дода мешавад, ки суффикси **-чӣ** ба решаи ҳамаи ин калимаҳо васл шуда, калимаҳои наверо сохтааст, ки он калимаҳо мафҳуми касбу кори шахсони гуногунро ифода менамоянд. Сипас, шарҳи мисолҳои басти дуввум, ки бо суффикси **-истон** сохта шудаанд, мавриди мушоҳидаи аҳли синф қарор дода шуда, мисолҳои таблитсаи (16) зерин ҳам, ки пешакӣ дар ватман (ё дар доскаи сайёр) [illegible] гардидаанд, бояд чун дар мисолҳои фавқ шарҳ дода шаванд.:

Таблитсаи 16

боақл, боинтизом босавод, бомулоҳиза	беақл, беинтизом бесавод, бемулоҳиза
бачаи босавод талабаи боинтизом	бачаи бесавод талабаи беинтизом

Муаллим, пас аз он ки хонандагон бо мундаричаи ин таблитса шинос мешаванд, бо саволҳои зайл муроҷиат мекунад: - Канӣ, бигӯед. Бачаеро, ки савод дошта бошад, чӣ мегӯем? – Босавод. – Савод надошта бошад чӣ? – Бесавод. – Ин маъноҳо дар калимаҳои босавод ва бесавод ба воситаи кадом ҳиссаҳо ифода ёфтаанд? – Бо ҳиссаҳои **бо** ва **бе**. – Бале, ин гуна ҳиссаҳоро, ки пеш аз реша омада, калимаи нав месозанд, **префикс** меноманд. Префикси **бо** – дар предмет мавҷуд будани чизе, префикси **бе** – баръакс дорои чизе набудани предметро мефаҳмонад. Префиксҳоро дар таркиби калима бо чунин аломат (‿) ишора мекунанд.

Пас аз маънидоди фавқ, ки бо усули сӯҳбат сурат гирифт, таърифи префикс гуфта шуда, таърифи суффикс низ ба хотир оварда мешавад. Ва акнун аз хонандагон, ки марбут ба таркиби калима бо мафҳум ва вазифаҳои **реша, суффикс** ва **префикс** шиносӣ пайдо намудаанд, чанд калимаи сохтаеро, аз қабили **пахтазор, кӯҳсор, оташдон, кафшергар, ношинос, бомаънӣ, боҳунар, беҳурматӣ, ҳамкорӣ** ба тахтаи синф навишта, талаб карда мешавад, ки ҳиссаҳои таркиби калимаҳои мазкурро шифоҳӣ шарҳ дода, бо аломатҳои шартӣ ҳам ишора намоянд. Агар маънидоди шифоҳии талаби боло дуруст сурат гирад, он гоҳ аломатҳои шартӣ ба болои ҳар як ҳиссаи калимаҳои додашуда ба мавқеъ гузошта хоҳанд шуд. Масалан, ин тавр: **кӯҳсор, оташдон, кафшергар, ношинос, бомаънӣ, боҳунар, беҳурматӣ, ҳамкорӣ.**

Барои таълими асос ва бандак дар доскаи синф дар ду сутун сетогӣ ибораҳоеро менависем, ки ҷузъҳояшон бо бандаки изофӣ(-и) алоқаманд шуда, ҷузъҳои тобеъкунанда дар сутуни аввал сохтаву дар сутуни дуввум содда бошанд. Чунончӣ:

гулдон-и зебо	гул-и зебо
ҳамсинф-и мо	синф-и мо
ҳамкорон-и мо	кор-и мо

Бояд гуфт, ки хонандагони синфи V бандаки изофӣ ва вазифаи иборасозии онро дар ҷараёни таълими «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» омӯхтаанд. Аз ҳамин дониши пешинаи онҳо истифода намуда, бояд таъкид намуд, ки дар ҳар ду қатор ҷузъҳои ибора бо бандаки изофӣ (-и) алоқаманд шудаанд. Ин бандак дар охири калимаҳои аввали ибораҳои мазкур васл шуда омадааст. Ана ҳамин калимаҳо ва амсоли онҳоро, ки пеш аз бандак омадаанд, **асос** меноманд. Асоси калимаро бо чунин аломат (‿) ишора мекунанд. Асоси калима метавонад аз як реша ё худ аз решаву суффиксу префикс иборат бошад. Чунончи, дар ибораҳои **гули сурх, синфи мо, фикри дуруст** ҳиссаҳои пеш аз бандак омадаро (гул, синф, фикр) танҳо решаҳо ташкил медиҳанду дар ибораҳои **гулдони зебо, ҳамсинфи мо, ҳамфикри мо** он ҳиссаҳо (гулдон, ҳамсинф, ҳамфикрӣ), ба ҷуз реша, дорои суффикс ё префикс ҳам мебошанд. Аз ин чиҳат, асоси калима ду хел: содда ва сохта мешавад. Ҳамин тавр, дар маҷмӯъ ба асоси калима се чиз – реша, суффикс ва префикс дохил мешавад. Пас, асоси калима ва бандак гуфта чиро дар назар дорем? – гӯён муаллим бо чунин саволи риторикӣ ба аҳли синф мурочиат мекунаду дарҳол ҷавоб медиҳад: «Он ҳиссаи калима, ки пеш аз бандак омадааст, асос ном дорад». Ва «Он ҳиссаи калима, ки пас аз **асос** омадааст, **бандак** номида мешавад».

Умуман, хонандагон аз маҷмӯи маълумоти фавқ бояд дақиқ фаҳманд, ки реша нисбат ба суффиксу префикс, асоси калима (чи асоси содда ва чи сохта) нисбат ба бандак муайян карда мешавад; бандак ба асос дохил намешавад. Пасоянди **–ро**, ки бе восита ба асос (китобро, хонаро) ва ё пас аз бандаки он ҳам (китобамро, хонаамро) васл шуда меояд, ба қоидаи берун аз ташкили таркиби калима маҳсуб аст, яъне он истисно аст. Чунки ба ҷуз ҳамин – ро пасояндҳои дигар (барин, катӣ, замон, замоно, ҳамон, ҳамоно ва г.) аз калимаҳои пеш аз худ омада ҷудо навишта мешаванд.

Пас аз он ки хонандагон ба мафҳуми асос (ҳиссаҳои он) ва бандак (бандаки изофӣ) шиносоӣ пайдо мекунанд, лозим аст, ки ба онҳо, мувофиқи талаби барнома, доир ба ҳамаи хели бандакҳои дар забони тоҷикӣ мавҷуда –бандаки изофӣ, бандакҳои соҳибӣ (бандакҷонишинҳо), бандакҳои феълӣ ва хабарӣ – маълумоти қонеъкунанда дода шавад. Аз ҷумла, ҳангоми таълими бандаки изофии **и** ба ду нукта бояд эътибор дод. Чунончи: 1. Мисолҳое овардан лозим, ки он бандаки изофӣ ҳам пас аз ҳамсадо ва ҳам пас аз садонок омада бошад. Бо чунин усул як ё ду овозро ифода намудани он, ки аз таълими фасли «Фонетика» бароятан маълум аст, аз нав ёдрас карда мешавад. Масалан, дар заминаи чунин мисолҳо: китоби нав,

китобҳои нав, пали шолӣ, паллаи тарозу, бузи кӯҳӣ, оҳуи тездав ва г.

2. Мисолҳое бояд интихоб шаванд, ки бандаки изофӣ пас аз **и** омада бошад. Масалан, **ҳавлии калон, бозии шавқовар, хоҷагии қишлоқ, Саъдии Шерозӣ** ва амсоли чунин мисолҳоро, то ки дар навишт аз калимаҳои аввал як **и**-ро напартоянду имлои чунин калимаҳо ҳам дар хотирашон нақш бандад*

Ҳангоми ба хонандагон муаррифӣ намудани бандакчонишинҳо, дар навбати аввал, истифодаи чунин нақша мувофиқи мақсад мебуд:



Аз рӯи нақшаи мазкур фаҳмонда мешавад, ки бандакчонишинҳо дорои се шахсу ду шумора буда, мазмунан бо чонишинҳои шахсӣ ҳамвазифаанд, яъне онҳоро иваз намуда метавонанд. Дар ин бобат боварии хонандагон зимни мисолҳои зерин, ки ба тариқи муқоиса пешниҳод шудаанд, қавӣ хоҳад шуд.

Ватанам - Ватани ман
модарам – модари ман
муаллимамон - муаллими мо
китобатон – китоби шумо
падараш – падари ӯ

Таълими ду навъи дигари бандакҳо -- феълӣ ва хабарӣ ба ҳам монандӣ дорад. Монандиашон аз он, ки ин ҳар ду хели бандакҳо дар нутқ ё матн се шахсу ду шумораро ифода мекунанд, ки ин мазмунро дар асоси таблитсахои зерин фаҳмондан осонтар аст:

---

* **Эзоҳ.** Таҷриба нишон медиҳад, ки хонандагон ҳангоми бандаки изофӣ гирифтани чунин калимаҳо (ҳавлӣ, бозӣ, Саъдӣ, Рӯдакӣ ва г.), ки бо **и**-и заданок навишта мешаванд, ҳар ду **и**, аз ҷумла бандаки изофиро нависанд ҳам, **и**-и аввалро бо задааш (Рӯдакӣи шоир, Саъдӣи Шерозӣ) менависанд. Ин ҳолатро бояд пешгирӣ намуд.

Таблитсаи 17

Тасрифи асоси замони гузаштаи феъл бо бандакҳои феълӣ			
Шахс	Шумораи танҳо	Шахс	Шумораи ҷамъ
1-ум 2юм 3юм	хонд -ам - ӣ --	1-ум 2-юм 3-юм	- ем хонд - ед - анд

Таблитсаи 18

Тасрифи асоси замони ҳозираи феъл бо бандакҳои феълӣ			
Шахс	Шумораи танҳо	Шахс	Шумораи ҷамъ
1-ум 2юм 3юм	хон -ам - ӣ - ад	1-ум 2-юм 3-юм	- ем хон - ед - ад

Таблитсаи 19

Тасрифи асоси замони гузаштаи нақлӣ бо бандакҳои хабарӣ			
Шахс	Шумораи танҳо	Шахс	Шумораи ҷамъ
1-ум 2юм 3юм	хонда - ам - ӣ - аст	1-ум 2-юм 3-юм	- ем хонда - ед - анд

Таблитсаи 20

Тасрифи ҳиссаҳои дигари нутқ бо бандакҳои хабарӣ			
Шахс	Шумораи танҳо	Шахс	Шумораи ҷамъ
1-ум 2юм 3юм	талаба -ам - ӣ - аст	1-ум 2-юм 3-юм	ем талаба - ед -анд

Дар асоси таблитсаҳои 1-уму (17) 2-юм (18) ба хонандагон фаҳмондан лозим аст, ки бандакҳои феълӣ (-ам, -ӣ, -ад; -ем, -ед, -анд) бевосита ба ҳар ду асоси феъл, ки яке асоси замони гузашта (хонд, рафт) ва дигаре асоси замони ҳозира (хон, рав) мебошанд, васл шуда меоянд, ки ин ҳолат дар таблитсаи якум дар мавриди бо асоси замони гузаштаи феъли **хондан** (хонд) пайваст шуда омадани чунин бандакҳо намоиш дода шудааст. Ин чо бояд аз тарафи муаллим таъкид гардад, ки асоси замони гузаштаи феъл дар шахси сеюми танҳо бандаки феъли –адро қабул намекунад. Чунки асоси мазкур (хонд, рафт, гуфт ва г.) худ шахси сеюмро ифода мекунад. Чунончи:

1. хондам, хондем,
2. хондӣ, хонед,
3. хонд, хонданд.

Дар таблитсаҳои 3-юму (19) 4-ум (20), пеш аз ҳама, хонандагон бо шаклҳои бандакҳои хабарӣ (-ам, -ӣ, -аст; -ем, -ед, -анд) шиносоӣ пайдо мекунанд. Сипас, аз шарҳи муаллим мефаҳманд, ки ин бандакҳо бар хилофи бандакҳои феълӣ на танҳо ба феълҳо, балки ба ҳиссаҳои дигари мустақили нутқ ҳам васл шуда меоянд. Фарқи дигари бандакҳои хабарӣ дар муқоиса бо бандакҳои феълӣ дар шахси сеюми танҳо ба назар мерасад: агар шахси сеюми танҳоро аз бандакҳои феълӣ –**ад** ифода намояд, ин вазифаро аз бандакҳои хабарӣ – **аст** ба чо меорад. Ба ҷуз ин, хонандагон аз мушоҳидаи мисолҳои таблитсаи сеюм (19) фаҳманд, ки бандакҳои хабарӣ ба феълҳои сохта, ки дорои суффикси –**а** (хонда, давида ва г.) мебошанд, васл шуда меоянд. Вале бандаки хабарии – **аст**, ки шахси сеюми танҳоро ифода мекунад, бо феълҳо (хондааст, давидааст) якҷоява аз дигар ҳиссаҳои мустақили нутқ ҷудо навишта мешавад. Чунончи: **муаллим аст, коргар аст, сурх аст, даҳсола аст, бисёр аст** ва ғ. Ин гуфтаҳо, албатта, зимни таҳлили мисолу коркарди машқҳои гуногун мустаҳкам ҳам карда мешаванд.

Дар рафти таълими калимаҳои мураккаб диққати хонандагонро, пеш аз ҳама, ба ду роҳи сохта шудани онҳо, яъне калимаҳои мураккаб, ҷалб бояд намуд: а) калимаҳои мураккабе, ки бо роҳи пайвасткунӣ сохта шудаанд: **даводав, кашокаш, гаштугузор, гуфтугӯ, шустушӯ, омадурафт**. Дар ин бобат аз шарҳи муаллим хонандагон фаҳманд, ки калимаҳои мазкур, ба сабаби он ки ҳар кадом аз ду реша иборатанд, **мураккаб** номида мешаванд. Ва дар чунин калимаҳо ду реша ба воситаи

садонокҳои пайвасткунандаи **о** ва **у** ба ҳам алоқаманд шуда, калимаҳои мураккабро офаридаанд.

б) калимаҳои мураккабе, *ки бо роҳи бевосита ба ҳам васл* шудани решаҳо сохта шудаанд. Чунончи, **китобхона, чойхона, забоншинос, китобфурӯш, либосдӯз** ва г. Ин чо бояд шарҳ дод, ки чунин калимаҳоро дар илми забоншиносӣ **калимаҳои мураккаби тобеъ** меноманд, яъне мазмунан яке аз решаҳо дар таркиби калимаҳои мазкур тобеъкунанда асту дигараш –тобеъшаванда. Масалан, дар калимаи **китобхона** калимаи **хона**, вале дар **забоншинос шинос** калимаи тобеъкунанда маҳсуб меёбанд. Зеро калимаҳои мазкур, дар асл, аз ибораҳои озод сохта шудаанд. Ва агар онҳо ба ибора баргардонда шаванд, шарҳи боло – тобеъкунанда будани калимаҳои **хона** ва **шинос** (аз шинохтан) дар таркиби калимаҳои мураккаби **китобхона** ва **забоншинос** баръало исботи худро меёбад.

Чунончи: **китобхона** – хонаи китоб

забоншинос – шиносандаи забон

Бо шарҳи мисолҳои охир акнун имконияти мувофиқ фароҳам меояд, ки муаллим ба саволи «Калимаи мураккаб чист?» ҳам ҷавоб диҳад, яъне таърифи калимаи мураккабро гӯяд: **«Калимае, ки аз ду ва ё зиёда решаҳо сохта шудааст, калимаи мураккаб ном дорад».**

Бояд таъкид намуд, ки дар ҷараёни иҷрои машқҳои гуногуни ба таркиби калима ва калимасозӣ бахшидашаванда кӯшиш намудан лозим аст, ки ин ду масъала дар якҷоягӣ ва ё дар як вақт дар мадди назари ҳам муаллим ва ҳам хонандагон бошад. Масалан, хонандагон донанд, ки калимаи **донишманд** аз ҷиҳати таркиб аз се ҳисса: реша – **дон** ва ду суффикс (-иш, -манд) иборат асту *дар якҷоягӣ ин ҳар се ҳисса асоси калимаи* **донишманд** маҳсуб меёбанд. Аз ҷиҳати сохт бошад, ин калима (донишманд) сохта буда, тарзи сохташавиаш чунин аст: *бо иловаи суффикси* – **иш** ба калима (реша)-и **дон**, аввал, калимаи **дониш**, сипас, ба он суффикси – **манд** илова гардида, калимаи **донишманд** сохта шудааст. Ба ҳамин усули боло бояд тарзи сохта шудани чанд калимаи дигар, аз қабили **ҳофаҳмӣ, нодонӣ, боақлӣ** ва амсоли чунин калимаҳо ҳам аз ҷиҳати таркибу ҳам аз ҷиҳати сохт шарҳ дода шаванд, то ки дар ин хусус – дар бобати муайян намудани таркиб ва сохти калима дар хонандагон малака пайдо шавад.

Бо префиксу суффиксҳои калимасоз мустақилона сохтани калимаҳои нав низ яке аз усулҳои самараноки кор дар таълими

калимасозӣ дониста мешавад. Масалан, тамоми хонандагони синфро ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, супориш додан лозим аст, ки гурӯҳи якум бо суффикси **–гоҳ**, гурӯҳи дуюм бо префикси **ҳам-** калима созанд. Ин амал дар тахтаи синф иҷро карда шавад, беҳтар аст. Он гоҳ аз ҳар гурӯҳ хонандагон бо навбат баромада, неш аз суффикс ё пас аз префикси номбурда калимаеро менависанд, ки дар ҳақиқат дар якҷоягӣ бо он суффикс ё префикс як калимаи наве сохта (пайдо) шавад. Агар супориши мазкур дуруст иҷро карда шавад, дар тахтаи синф таблитсаи (21) зерин пайдо хоҳад шуд.

Таблитсаи 21

Калимасозӣ бо суффикси – гоҳ ва префикси ҳам –



Ҳамчунин лозим аст, ки хонандагон на фақат таркиби калимаро бо аломатҳои шартӣ ба осонӣ ишора карда тавонанд, балки аз рӯи схемаи доир бо аломатҳои шартӣ пешниҳодкардаи муаллим мустақилона аз худ калимаҳо созанд ва ё мувофиқи талаби ҳамин схемаҳо аз матни китобҳои дарсӣ ё бадеӣ мисолҳо ҷамъ намоянд. Масалан, марбут ба схемаҳои зерини таркиби калима, ки сохти калимаро ҳам муаррифӣ менамоянд, сохтани калима ва ё ҷамъ овардани калимаҳо аз китоби дарсӣ ё ягон маъхази дигар:

 ва г.

Ниҳоят, хонандагон на танҳо дар муайян намудани сохту таркиби калима малака пайдо намоянд, инчунин, онҳоро водор кардан лозим аст, ки чунин амалро, яъне сохту таркиби калимаҳои мустақилмаъноро дар таркиби ҷумла ё худ матни алоқаманд ҳам муайян карда метавонистагӣ шаванд. Он гоҳ метавон боварӣ ҳосил намуд, ки дар ҷараёни таълими сохт ва

имлои ҳиссаҳои нутқ хонандагон мушкилиро камтар эҳсос хоҳанд кард. Ин нукта боз ишора ба он аст, ки масъалаи таълими калимасозӣ ва имло дар мактаб давраи тӯлониро фаро мегирад, вале таҳкурсии омӯзиши он бояд дар синфи V гузошта шавад. Ана ҳамин таҳкурсӣ зарур аст, ки дар синфи V ҳар чӣ мустаҳкамтар бунёди худро ёбад.

§ 45. Ҳиссаҳои нутқ

Омӯхтани ҳиссаҳои нутқ ба хонандагон барои боз ҳам беҳтар аз худ намудани меъёрҳои грамматикии нутқи адабӣ кӯмак мерасонанд[229], ба шарте ки аз ин пеш масъалаҳои марбути фонетика, калима (луғат ва луғатомӯзӣ), сохт (калимасозӣ) ва таркиби калима самаранок таълим дода шуда бошад. Дар ин бобат, чунон ки маълум аст, омӯзиши ҳар як ҳиссаи нутқ, масалан, исм аз баёни таърифи он – «Исм ҳиссаи нутқест, ки предметро мефаҳмонад» - ва шарҳу эзоҳи ҳамин таъриф оғоз меёбад. Аз ин рӯ, ба он бояд муваффақ шуд, ки хонандагон на танҳо таърифи мазкури исмро ҳифз намоянд, балки ба мафҳуми истилоҳи **предмет** дуруст сарфаҳм раванд. Яъне донанд, ки таҳти ин мафҳум чӣ дар мадди назар аст[230]: танҳо чизу ашёҳо ва ё боз дигар мафҳумҳо ҳам? «Вале ин ҳам кам аст, - мегӯяд Н.С. Поздняков. – Лозим аст, ки боз хонандагон а) дар худ малакаи дар ҳамаи ҳолатҳо дарҳол шинохтани ҳамон ҳиссаи нутқро пайдо карда бошанд; б) шакли он ҳиссаи нутқро дақиқ аз худ карда бошанд, то ки ҳангоми таҳлили морфологӣ озодона ва бе хато ба он баҳо дода тавонанд; в) вазифаи онро дар ҷумла донанд, то ки дар ҷараёни таҳлили синтаксисӣ аъзоҳои ҷумларо дуруст муайян карда тавонанд; г) қоидаҳои дурустнависии (калимаҳоро – С.Ш.) марбут ба ҳар як ҳиссаи нутқ донанд ва дар навиштаҷоти худ бе хато истифода бурда тавонанд; ғ) чӣ тавр робитаи дохилӣ доштани ҳамин ҳиссаҳои нутқро бо дигар ҳиссаҳои нутқ, имконияти ба ҳамин ҳиссаи нутқ гузаштани ҳиссаҳои дигари нутқ ва баръакс, ба дигар ҳиссаҳои нутқ гузаштани ҳамин ҳиссаи нутқро донанд»[231].

Ба ҷуз ин, лозим аст, ки ҳангоми таълими ҳиссаҳои нутқ ҳатто аз оғози дарсҳои аввал дар хонандагон усули саволгузорӣ

---

[229] Ниг: Палей И.Р. Очерки по методике русского языка, с.48.
[230] Ниг: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с.118.
[231] Ҳамон чо. с. 118.

ба ҳиссаҳои мустақили нутқ, тарзи сарфаҳм рафтан ба моҳияти маъноию семантикӣ (луғавӣ)-и ҳиссаҳои нутқ, (чунончи, ҳамеша предметро фаҳмондани исм, аломати предметро фаҳмондани сифат, амалу ҳаракати предметро нишон додани феъл ва ғайра) ва тариқи истифода аз усули муқоиса фарқ намудан ва баҳо дода тавонистан ба ин ё он ҳиссаи нутқ тарбия карда шавад[232], ки дар рафти ичрои ин ҳама ҳамеша инкишоф додани нутқи онҳо бояд дар мадди назари муаллим бошад. Ва азбаски дар ҷараёни таълими ҳиссаҳои нутқ низ (вобаста ба мавридаш) кор бо синониму антонимҳо, сермаъноӣ ва маънои аслию маҷозии калимаҳо низ идома меёбад[233], бой намудани захираи луғавии нутқи хонандагон мақсади дигари фаъолияти ҳар як омӯзгор дониста мешавад.

Ҳамин тавр, барои он ки ҳамин нуктаҳои дар фавқ зикршуда дар таълими ҳар як ҳиссаи нутқ нақши худро дошта бошанд, таҳкурсии нахустин донишҳои илмиву меъёрии хонандагон доир ба ҳиссаҳои нутқ, асосан, дар дарси аввал гузошта мешавад. Аз ин хотир, дарси аввал, ки бо унвони «Ҳиссаҳои нутқ» таълим дода мешавад, бояд бо тайёрии ҳаматарафаи муаллим чи аз ҷиҳати илмӣ ва чӣ методӣ ҳаллу фасли худро ёбад. Зеро асоси донишҳои дар ҳамин дарси аввал андӯхтаи хонандагон қариб дар бобати аз бар намудани аксари дарсҳои ба таълими ин ё он ҳиссаи нутқ бахшидашаванда, ки басо давраи тӯлониро (синфҳои V, VI, VII) фаро мегиранд, бароянон ҳамчун такягоҳи аввалин хоҳад буд[234]. Гузашта аз ин, муаллим ҳам маҳз ба донишҳои дар ҳамон дарси аввали ба шогирдон додааш такя намуда, метавонад, бахусус, таълими дарси якумӣ ба ин ё он ҳиссаи нутқ бахшидашавандаро ба таври дилхоҳ ба роҳ монад.

Инак, бо назардошти ин ҳама масъалаҳои умумии таълими ҳиссаҳои нутқ ба муаллим лозим меояд, ки ҳангоми баёни мавзӯи якуми ҳар як ҳиссаи нутқ, то ки фарқиятҳои асосиаш нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ аз тарафи хонандагон дақиқ ба хотир гирифта шавад, хусусиятҳои онро бояд ҳамеша аз се ҷиҳат:

---

[232] Ниг: Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ дар мактаби миёна, с 85-86.

[233] Ҳамон ҷо, с. 86.

[234] Обучение таджикскому языку в V классе ... М.: Просвещение, с. 74.

маънои луғавӣ, аломатҳои морфологӣ ва аз ҷиҳати вазифаи синтаксисиашон дар ҷумла[235] шарҳ диҳад.

Вале бо мафҳуми истилоҳоти мазкур (маънои луғавӣ, аломатҳои морфологӣ ва вазифаи синтаксисии он дар ҷумла), пеш аз ҳама, хонандагон дар ҳамон дарси аввал, ки бо унвони «Ҳиссаҳои нутқ» баррасӣ мегардаду зимни он дар бораи ҳиссаҳои нутқ маълумоти умумӣ дода мешавад, шиносоӣ пайдо мекунанд. Чунки маҳз дар ҳамин дарс ба хонандагон таъкид мегардад, ки ҳамаи калимаҳое, ки дар забон (нутқ) ва навиштаҷоти мо истифода бурда мешаванд, аз мавқеи илми морфология, ки ба омӯзиши шакл ва сохту таркиби калимаҳо машғул аст, бо назардошти ҳамон се хусусият, яъне маънои луғавӣ, аломатҳои морфологӣ ва вазифаи аввалиндараҷаи синтаксисиашон дар ҷумла, ба 10 гурӯҳ ҷудо карда шуда, дар маҷмӯъ ҳар яке аз ин гурӯҳҳо **ҳиссаи нутқ** ном гирифта, дар навбати худ ба ҳар кадоме аз он ҳиссаҳои нутқ барои фарқ кардан аз дигараш номи махсус ҳам дода шудааст, яъне ин тавр: **исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф, пешоянд ва пасояндҳо, ҳиссача, нидо**. Ва бояд гуфт, ки дар мактаб ҳар кадоме аз ин ҳиссаҳои нутқ, дар асл, аз рӯи чунин тартиб, яъне, аввал, **исм**, баъд, **сифат** ва ба ҳамин минвол аз ҳама охир **нидо** таълим дода мешавад.

Аммо дар ҳамон дарси аввали ба мавзӯи «Ҳиссаҳои нутқ» бахшидашаванда, пас аз он ки аз мавқеи илми морфология ба 10 гурӯҳ ва ё ҳиссаи нутқ ҷудо карда шудани тамоми калимаҳои дар забони тоҷикӣ истеъмолшаванда таъкид гардида, номҳои ҳар яки он ҳиссаҳои нутқ мушаххас номбар карда шуда, дар доска навишта мешаванд, ҳамзамон муаллим бояд мухтасар дар бораи сабаби исм, сифат ва ё феъл номида шудани чанде аз ҳиссаҳои нутқ маълумот диҳад. Масалан, шарҳи ӯ дар ин бобат метавонад чунин сурат бигирад: Ба исм, ҳамчун ҳиссаи нутқ, гурӯҳи калимаҳое мансуб дониста шудаанд, ки ба саволҳои **чӣ?, чиҳо?, кӣ?, киҳо?** ҷавоб шуда, аз рӯи маънои луғавиашон предметро мефаҳмонанд. Чунончи, китоб, дафтар, падар, модар, муаллим, кӯҳ, дарё, моҳӣ ва ғ. Мушоҳида кунед: - Кӣ? – Падар; - Киҳо? – Падарон; - Чӣ? – Дарё; - Чиҳо? – Дарёҳо; ва ғ. Ҳамаи исмҳо суффиксҳои ҷамъбандии – **ҳо** ва –**он** (-ён, - гон, - вон)-ро қабул мекунанд: кӯҳ-кӯҳҳо; муллим-муаллимон; талаба – талабагон; ва

---

[235] Ниг: Основы методики русского языка в IV-VIII классах, с. 113,

ғ. Исмҳо дар ҷумла, пеш аз ҳама, ба вазифаи мубтадо меоянд: **Китоб** манбаи дониш аст. **Модар** барои ҳама азиз аст.

Ҳамчун ҳиссаи нутқ, калимаҳое феъл номида шудаанд, ки аз рӯи маънои луғавиашон амал, ҳолат ва ҳаракати предметро мефаҳмонанд: Чунончи: **омад, рафт, омада истодааст, меояд, меравад, рафта буд ва ғ. Феълҳо ба саволҳои предмет чӣ кор кард?, предмет чӣ кор карда истодааст?, чӣ кор мекунад?, чӣ шуд?** ва ғ. ҷавоб мешаванд. Масалан: Чӣ кор кард? – Омад; - Чӣ кор карда истодааст? – Омада истодааст; Чӣ кор мекунад? - - Меравад. ва ғ. Феълҳо дар ҷумла, асосан, ба вазифаи хабар меоянд: Падарам ду сол боз дар мактаби деҳа муаллимӣ мекунад.

Аммо пешояндҳо (аз, ба, дар, барои) ва пайвандакҳо (ва, аммо, ки, агар) мисли исму феълҳо дорои маънои луғавӣ нестанд. Аз ин ҷиҳат, ин ҳиссаҳои нутқ чун исму феълҳо ба савол ҷавоб намешаванд. Вале ин ҳиссаҳои нутқ, яъне пешоянду пайвандакҳо, дар нутқ барои ба ҳам алоқаманд кардани калимаву ибора ва ҷумлаҳо хизмат менамоянд: Падар **ва** модар **ба** мо ҳамеша ғамхорӣ мекунанд. Саҳарӣ ҳаво хунук буд, **аммо** обҳо ях накарда буданд. Радио хабар дод, **ки** имрӯз ҳаво гарм мешудааст.

Муаллим дар ин се ҷумла вазифаи пайвандакҳои **ва, аммо, кӣ** ва пешоянди **ба**-ро шарҳ дода, хулосаи фикрашро бояд ин тавр баён намояд: Ҳамин тавр, ҳиссаҳои нутқ, аз ҷиҳати он ки дорои маънои луғавӣ ҳастанд ё не, аз мавқеи илми морфология боз ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд, ки якеро **ҳиссаҳои мустақил** ва гурӯҳи дигареро **ҳиссаҳои номустақил** ё худ **ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ** меноманд. Чунончи, нигаред ба ин таблитса (22):

Муаллим метавонад дар алоқамандӣ бо таблитсаи мазкур боз ҳамон гуфтаҳои фавқро марбут ба 10 гурӯҳ ё ҳиссаи нутқ ҷудо намудани калимаҳои дар нутқи мо истеъмолшаванда, сабаби ба ду гурӯҳ, яъне ба ҳиссаҳои мустақил ва номустақил, ҷудо намудани ҳиссаҳои нутқ, миқдори онҳо (6-то будани ҳиссаҳои мустақил ва 4-то будани ҳиссаҳои номустақил)-ро шарҳ дода, вобаста ба ҳар кадоме аз онҳо тариқи шифоҳӣ як ё дутоғӣ мисол ҳам оварад, ки бо ҳамин баёни мавзӯъ низ хотима меёбад. Ва албатта, агар муаллим зимни гузаришоти боло дар баёни мавзӯи «Ҳиссаҳои нутқ» фаъолият намояд, бешубҳа, метавон гуфт, ки дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ ва пурсиши вазифа марбут ба мавзӯи мазкур ба кадом саволу ифрои кадом машқҳо санҷидану мустаҳкам намудани донишу малакаи хонандагонро хуб медонаду пешакӣ тасаввур ҳам карда метавонад.

Таблитсаи 22



Ҳамин тавр, чи тавре ки дар боло қайд намудем, бояд муаллим дар ҷараёни таълими ҳар як ҳиссаи мушаххаси нутқ, ба хусус, дар соатҳои 1-2-юми дарси доир ба ҳамон ҳиссаи нутқ бахшидашаванда маҳз ба донишҳои дар ҳамин дарси аввал гирифтаи хонандагон, ки дар он дар бораи ҳиссаҳои нутқ маълумоти умумӣ дода шудааст, такя намуда, аломату хусусиятҳои асосии ҳар яке аз он ҳиссаҳои нутқро ба онҳо бо овардани мисолҳои барҷаста муаррифӣ намояд. Мо низ бо назардошти ин ҳама гуфтаҳои фавқ ва зимни такя намудан ба пешниҳодоти методистони шинохта дар зер кӯшиш менамоем, ки фикру андешаҳои фардиву маслиҳатомезонаи хешро, асосан, доир ба ҳамон қисмати мавзӯъҳои таркибии ҳиссаҳои нутқ иброз дорем, ки дар ҳақиқат, дар ҷараёни таълимашон омӯзгорон ба ин ё он мушкилие рӯ ба рӯ мешаванд.*

§ 46. Исм

Дар ҷараёни таълими боби «Исм» хонандагон бояд донанд, ки исм дар байни ҳиссаҳои нутқ ягона ҳиссаи нутқест, ки гурӯҳи аз ҳама бештари калимаҳои забонро фаро гирифтаасту дар калимасозии он низ миқдори хеле зиёди суффиксҳо ширкат меварзанд. Инчунин, донанд, ки исм таркибан мавзӯъ ва мавзӯъчаҳоеро фаро мегирад, ки аз худ намудану донистани моҳияти асосии онҳо на танҳо донишҳои забоншиносиашонро такмил медиҳанд, ҳамчунин, дар баланд бардоштани маърифати маданӣ, саводи имлоиву пунктуатсионӣ ва нутқи мураттаби шифоҳиву хаттии онҳо басо мусоидат хоҳад намуд. Ба ҷуз ин, дар рафти омӯзонидани, умуман, мавзӯъҳои марбут ба боби «Исм» аввалин шуда масъалаҳои умумии таълими ҳиссаҳои нутқ, ки дар фасли «Таълими ҳиссаҳои нутқ» таъкид гардид, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалан баррасӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, ба муаллимон зарур аст, ки дар таълими ҳар як мавзӯи боби «Исм» аз аввал то ба охир дорои маълумоти басо баланд ва дониши

---

* **Эзоҳ:** Ба сабаби маҳдуд будани ҳаҷми чопи китоб мо имконият надорем, ки доир ба таълими ҳар як мавзӯи дохилии ин ё он боб маълумот баррасӣ намоем. Умед аст, ки дар оянда марбут ба ҳар як китоби дарсии ин ё он синф дастурҳои махсуси методӣ навишта мешаванд, ки он гоҳ мушкилоти омӯзгорон дар бобати таълими фаслу бобҳои морфология ва синтаксис боз ҳам камтар хоҳад шуд.

дакики назариявию методӣ бошанд. Зеро ки танҳо самаранок таълим додани боби мазкур аз ҳар ҷиҳат баҳри хубтару беҳтар таълим додани ҳиссаҳои дигари нутқ шароити мусоидтарро метавонад фарохам оварад.

Бояд донист, ки дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ низ қариб аксари хусусиятҳои исм – ҳам аз ҷиҳати маънои лугавию семантикӣ, ҳам аз рӯи аломатҳои морфологӣ ва ҳам аз рӯи вазифаи синтаксисиаш дар ҷумла таълим дода мешаванд. Аз рӯи маънои луғавӣ предмет ва мафҳумҳои предметиро фаҳмонидани исм, аз ҷиҳати маънои грамматикӣ ё худ аломату маъноҳои морфологӣ ба гурӯҳи исмҳои шахсу ғайришахсӣ, хос ва ҷинс, моддӣ ва маънӣ, кул ва ҷузъ ҷудо шудани исмҳо, дорои суффиксҳои махсуси ҷамъбандӣ ва калимасоз будани онҳо, тамоми навъҳои калимасозӣ, аз ҷумла, ихтисораҳо (исмҳои таркибии кӯтоҳкардашуда) - ро фаро гирифтани исмҳо аз қабили хусусиятҳои хос ва барҷастаи ин гурӯҳи ҳиссаи нутқ, яъне исм, маҳсуб меёбанд, ки маҳз бо ҳамин махсусиятҳояш исм аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ карда мешавад. Бояд ин ҳама мувофиқи талаби барномаи нави таълим (2006) дар синфи V ба хонандагон омӯзонида шаванд.[236] Вале дар зер мо танҳо доир ба мавзӯи аввали исм, ки бо унвони «Исм» таълим дода мешавад, ҳамчунин доир ба имлои исмҳо, ба хусус, имлои исмҳои хос ва махсусиятҳои дарси такрори боби «Исм», ки ба назари мо, басо муҳим буда, дар ташаккули дониши забоншиносӣ, саводи имлоиву пунктуатсионӣ ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон нақши бештар хоҳанд дошт, маълумот доданро авлотар меҳисобем.

Дар рафти фаҳмондани мавзӯи аввали боби «Исм», ки бо ҳамин унвон, яъне «Исм», таълим дода мешавад, ба хонандагон бояд се мафҳум[237]- предмет ва **мафҳумҳои предметиро фаҳмонидани исм, аломатҳои морфологии исм** ва **вазифаи синтаксисии он дар ҷумла*** дар заминаи мисолҳои фаҳмову

---

[236] Ниг: Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI, с. 8.

[237] Ниг: Основы методики русского языка в IV-VIII классах, с. 118; Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 181; Обучение русскому языку в V классе, с. 81.

* **Таъкид:** Баъзан муаллимон вазифаи синтаксисии ин ё он ҳиссаи нутқ, аз ҷумла вазифаи исмро дар ҷумла ҳамчун соати махсус таълим медиҳанд, ки низ қобили қабул аст, ба шарте ки талаботи доир ба

дастрас шарҳ дода шавад. Ва ногуфта намонад, ки хонандагон доир ба исм дар синфҳои ибтидоӣ ҳам баъзе маълумотҳо гирифтаанд. Масалан, онҳо медонанд, ки исм предметро фаҳмонда, ба саволҳои **кӣ?, киҳо?** ва **чӣ?, чиҳо?** ҷавоб мешавад; марбути ин саволҳо, ҳамчун исм, **китоб, дафтар, падар, модар, қалам, бӯр** барин калимаҳоро мисол оварда маънидод мекунанд. Чунончи: Кӣ? – Падар. — Чӣ? – Китоб. ва ғ. Аммо онҳо, чунон ки аз мисолҳои овардашуда мебинем, ба ҳайси исм, асосан, предметҳои ҳақиқиро, яъне чизу чора, асбобу анҷомро мефаҳманд. Вале акнун вазифаи муаллим дар синфи V иборат аз он аст, ки предметро фаҳмонидани исмро дар ҳамин дарси аввал аз нуқтаи назари илми грамматика дар заминаи мисолҳои барҷаста васеътар шарҳ диҳад. Дар ин хусус бояд фаҳмонд, ки предмети грамматикӣ гуфта на танҳо чиз, асбобу анҷом, одамон ва паррандаву ҳайвонотро дар назар дорем, балки пеш аз ҳама, маводи забон, яъне ҳамаи он калимаҳоеро дар назар дорем, ки ба саволҳои **кӣ?, киҳо?** ва **чӣ? чиҳо?** ҷавоб мешаванд. Аз ин рӯ, на танҳо **талаба, муаллим, китоб, дафтар, санг, кӯҳ** предмет номида мешаванд, балки **фикр, ақлҳо, донишҳо, ғайрат, интизом, меҳнат** барин калимаҳоро низ ки дар тасаввури мо ҳамчун предмет вуҷуд доранд, исм меноманд. Зеро ин калимаҳо ҳам ба саволҳои исм, аслан, ба саволҳои **чӣ?, чиҳо?** ҷавоб мешаванд. Ба ҷуз ин, хонандагон медонанд, ки сифат аломати предметро мефаҳмонаду феъл амал, ҳолат ва ҳаракати онро (предметро). Аммо бояд хонандагон донанд, ки хусусан, ба гурӯҳи дуюми исмҳо, ки мо онҳоро шууран ҳамчун предмет ва ё мафҳумҳои предметӣ тасаввур менамоем, хислати ифода намудани аломат ва ҳолату ҳаракат (нотарсӣ, тарсончакӣ, тозагӣ, хурсандӣ, хафагӣ, бадбинӣ, сафедӣ), ҳолату ҳаракат (ҷаҳиш, зарба, таркиш, саёҳат, борон, раъд, зимистон, сулҳ, ҷанг, инқилоб ва ғ) низ хос мебошанд[238]. Вале сарфи назар аз он, ки ин калимаҳои дар қавс додашуда, ҳақиқатан ҳам, мафҳумҳои дорои ин ё он аломат ва ҳолату ҳаракат бударо ҳам ифода мекунанд, пеш аз ҳама, ҳамчун предмет – исм тасаввур карда шуда, ҳамчунин, танҳо ба саволҳои

ҳамон ҳиссаи нутқ гузоштаи барномаи таълим дар маҷмӯъ ба ҷо оварда шавад.

[238] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с -77.

исм (чӣ?) ҷавоб мешаванд. Чунончи, тозагии ҳамешагӣ, бадбинии беақлона; ҷаҳиши ногаҳонӣ, саёҳати якмоҳа; ва ғ.

Дар бобати аломатҳои морфологии исм лозим аст, ки пеш аз ҳама, диққати хонандагон ба ҷамъбандӣ ва ё шумора дар исм ҷалб карда шавад. Марбут ба ҳамин нукта хонандагон донанд, ки кулли исмҳо дорои ду шумора - шумораи танҳо ва ҷамъ мебошанд. Чунончи, китоб-китобҳо, кӯҳ-кӯҳҳо, одам-одам**он**, бобо-бобо**ён**, ақл-ақл**ҳо**, илм-илм**ҳо**, оҳу-оҳ**увон** ва ғ.

Муаллим дар заминаи ин мисолҳо мефаҳмонад, ки калимаҳои **китоб, кӯҳ, одам, бобо, ақл, илм, оҳу,** ҳамчун исм, ҳар кадом якто ё худ танҳо будани предметро, вале калимаҳои **китобҳо, кӯҳҳо, одамон, бобоён, ақлҳо, исмҳо, оҳувон** аз якто зиёд будани предметҳоро ифода мекунанд, ки ин мафҳум, яъне шумораи ҷамъро ифода кардани исмҳои мазкур ба воситаи ба онҳо илова шудани суффиксҳои **–ҳо** ва **–он** (-ён, -гон, -вон) ба вуҷуд оварда шудааст. Барои ҳамин ҳам, ин суффиксҳоро **суффиксҳои ҷамъбандӣ** меноманд.

Аломати дигари морфологии маҳз марбути исмҳо ин аст, ки дар калимасозии онҳо суффиксҳое, аз қабили – **чӣ, -гар, -дон, -зор, - истон, -иш, - ор** истифода мешаванд, ки монандашон дар дигар ҳиссаҳои мустақили нутқ ба мушоҳида намерасад. Суффиксҳои мазкур бо исмҳо ё ин ки бо асосҳои феъл пайваст гардида, исмҳои нав месозанд, ки инро метавон ба хонандагон аз мисолҳои дар ин ду сутун додашуда шарҳ дод:

шикор – шикорчӣ
оҳан – оҳангар
нон – нондон
пода – подабон
шӯра – шӯразор
тоҷик – Тоҷикистон
сӯзан – сӯзангарон
кӯш – кӯшиш
рафт – рафтор

Ба гурӯҳи ҷинс ва хос ҷудо карда шудани исмҳо низ яке аз аломатҳои машҳури морфологии онҳо маҳсуб меёбанд. Дар ин бобат ҳаминро бояд донист, ки аслан, хонандагон дар навишти исмҳои ҷинс, аз он ки бо ҳарфи хурд навишта мешаванд ва дар навишти исмҳои хосе, ки аз як ҷузъ ё худ аз як калима иборатанд, аз қабили Шоҳрух, Мижгона, Одина, Душанбе, Тоҷикистон,

Қаротоғ, Зарафшон, Хайбар ва амсоли инҳо қариб хато содир намекунанд. Аммо дар имлои исмҳо хоси таркибии ифодакунандаи номи давлатҳо, мактабҳои олӣ, унвонҳои фахрии характери фардидошта, органҳои олии давлатӣ, воқеаҳои сиёсиву таърихӣ, муассисаҳои фарҳангиву илмӣ, театру боғҳо онҳо ба хатоҳои зиёд роҳ медиҳанд, ки ин ҳолатро бояд пешгирӣ намуд. Барои он ки хонандагон дар имлои исмҳои хоси таркибӣ ба хатоҳо роҳ надиҳанд, таълими чунин исмҳо дар заминаи қоидаҳои дар китоби дарсии синфи V додашуда нокифоянд. Аз ин рӯ, доир ба ин масъала бояд аз қоидаҳои «Имлои забони тоҷикӣ» (с. 1998) истифода карда шавад. Хусусан, чунин таъкидҳои дар қоидаҳои имло омадаро дар заминаи мисолҳои мушаххас дастраси хонандагон намудан басо муфид мебуд: 1. Ҳар як калимаи исми хоси таркибии ифодакунандаи **номи давлатҳо** (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Демократии Исломии Афғонистон, Иёлоти Муттаҳидаи Америка), **мансабҳои олии давлатӣ** (Раиси Шӯрои Вазирон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), **унвонҳои фахрии характери шахсидошта** (Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, Корманди Шоистаи Тоҷикистон), **органҳои олии давлатию ҳизбӣ** (Шӯрои Вазирон, Сӯди Олӣ, Ҳизби Коммунистии Ҷумҳурии Тоҷикистон) **сиёсиву таърихӣ** (Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр, Шӯриши Восеъ, Коммунаи Париж) бо ҳарфи калон навишта мешаванд.

2. Калимаи якум ва исми хоси дохили таркибҳои ифодакунандаи **номҳои муассисаҳои илмӣ** (Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Академияи илмҳои Тоҷикистон, Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон), **мактабҳои олӣ** (Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино), **театрҳо** (Театри давлатии академикӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ, Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, Қасри фарҳанг ва маданияти ба номи Ҳоҷӣ Абдулазиз), **боғҳо** (Боғи истироҳатию мадании шаҳри Душанбе, Боғи ба номи С. Айнӣ) бо ҳарфҳои калон навишта мешаванд.

Дар воқеъ, шояд ин қоидаҳои имлои марбут ба исмҳои хоси таркиби танҳо ба ҳамон як ё ду соати дарси ба имлои исмҳои хос бахшидашаванда аз тарафи хонандагон пурра ҳазм карда нашаванд. Аммо масъалаи омӯзиши имло, ки дар тӯли тамоми таълими морфология (дар синфҳои V-VII), ҳатто дар даврои

таълими курси системаноки синтаксис (дар синфҳои VIII-IX) ва гузашта аз ин, дар синфҳои X-XI (ҳангоми такрори масъалаҳои асосии лексика, морфология ва синтаксис) идома меёбад. имконияти пурра ҳаст, ки қоидаҳои имлои дар ду баст боло таъкидшуда низ давра ба давра дар заминаи мисолҳои гуногун аз тарафи шогирдон ҳазми пурраи худро меёбанд.

Инчунин, дар назар бояд дошт, ки ихтисораҳо ё худ исмҳои таркибии кӯтоҳкардашуда маҳз дар алоқамандӣ бо ҳамин исмҳои хоси таркибӣ таълим дода мешаванд. Дар ин хусус, ду роҳи ихтисор намудани исмҳои хоси таркибӣ ба мушоҳида мерасад. Чунончи: 1. Аз ҳар калимаи исми хоси таркибӣ танҳо ҳарфҳои аввал гирифта мешавад.

2. Аз калимаи аввали исмҳои хоси таркибӣ ҳарфҳои якум гирифта шуда, калимаҳои охир дар шакли пурраш оварда мешавад.

Барои амалан фаҳмонидани ин ду нукта, яъне ду тарзи ихтисоркунии исмҳои хоси таркибӣ, истифодаи таблитсаи (23) зерин намунаи беҳтарин хоҳад буд.

Таблитсаи 23

т/р	Исмҳои хоси таркибӣ	Ихтисораҳо
1.	Ҷумҳурии Тоҷикистон	ҶТ
2.	Ҳизби Коммунистӣ	ҲК
3.	Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон	ДДМТ
4.	Иёлоти Муттаҳидаи Америка	ИМА
5.	Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон	ҲК Тоҷикистон
6.	Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ	ДДОТ ба ном С.Айнӣ
7.	Донишгоҳи санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода	ДСТ ба номи М. Турсунзода

Ниҳоят, дар ҳамин дарси аввали таълими боби «Исм» вазифаи синтаксисии исм дар ҷумла фаҳмонда мешавад. Дар ин бобат маълум, ки исм ба вазифаи ҳамаи аъзоҳои ҷумла меояд. Вале дар синфи V бештар дар ҷумла ба вазифаи мубтадо ва сониян, пуркунанда шуда омадани исмро ба хонандагон фаҳмондан лозим аст. Сабаби бештар ба вазифаи мубтадо омадани исмро бояд бо чунин далел, ки ҳам исм ва ҳам мубтадо предметро фаҳмонда, айнан ба саволҳои якхела (кӣ?, киҳо?, ва

чӣ?, чихо?) ҷавоб мешаванд, шарҳ дода шавад. Дар хусуси ба вазифаи пуркунанда омадани исм хонандагон бояд аз рӯи маълумоти аз курси муқаддимавии «Синтаксис ва аломатҳои китобат» (с. V) гирифтаашон донанд, ки пуркунанда, ҳамчун аъзои пайрав, предмет ва ё мафҳумҳои предметиеро ифода мекунад, ки амалу ҳаракати ҷумла ба он равона карда шудааст. Барои ҳамин ҳам, исмҳо, ҳамчун предмет, дар шакли холис, вале бештар бо гирифтани пешоянду пасоянд ба вазифаи пуркунандаҳо (бавосита ва бевосита) меоянд.

Инак, бо назардошти гуфтаҳои фавқ ва шарҳи мисолҳои зерин марбут ба вазифаҳои аввалини синтаксисии исм дар ҷумла баёни мавзӯъ («Исм») хотима меёбад: 1. Муҳаббат ба бародараш мактуб навишт. 2. Фаррух аз китоби «Шоҳнома» чанд байтро рӯбардор кард.

Сипас, дар дарсҳои дигари ба мавзӯъҳои таркибии боби «Исм» бахшидашаванда (шумора дар исм, хелҳои исм аз рӯи маъно: шахс ва ғайришахс, хос ва ҷинс, моддӣ ва маънӣ, кул ва ҷузъ, калимасозии исм – сохти исм: содда, сохта, мураккаб, таркибӣ ва имлои он) муаллимро зарур аст, ба хусус, зимни истифода аз усули муқоиса ва такя намудан ба методи аёният (таблитсаҳои мавзӯиву истилоҳотӣ) ноил ба он гардид, ки аз натиҷаи ҳар дарс донишу малакаи хонандагон доир ба хусусиятҳои исм афзунтар гардида, таркиби луғавии нутқашон чи бо истилоҳоти забоншиносӣ ва чи бо калимаву таркибҳои нави марбути исм ғанӣ ва ҳамзамон, боиси инкишофи нутқи мураттаби шифоҳиву хаттиашон ҳам гардад. Хусусан, дарси такрори боби «Исм»-ро бо омодагии дақиқи илмию методӣ ташкил намудан, ки аз муаллим донишу маҳорати баланди омӯзгориро тақозо менамояд, зарурат дорад. Дар ин дарс, дар баробари он ки аз роҳу усулҳои гуногуни таълим (таҳлили хусусӣ ва пурраи морфологии исм[239], диктанти эҷодӣ, овардани мисолҳо доир ба хелҳои исм аз рӯи маъно, муайян намудани сохти исмҳо ва г.) истифода бурда мешавад, баҳри такрор ва мустаҳкам намудани донишу малакаҳои доир ба исм гирифтаи хонандагон истифода намудан аз таблитсаҳои зерин (23,24) низ бамаврид буда, бешубҳа, барои боз ҳам самараноку хотирмон гузаштани ин дарс заминаи арзишноке ба шумор хоҳад рафт:

---

[239] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с. 102.

Таблитсаи 24



Таблитсаи 25



Лозим аст, ки ҳангоми аз рӯи мисолҳои дар таблитсаҳо буда такрор намудани боби «Исм» на фақат таърифи исму хелҳо ва сохти он, басти ба ҳар як хели исм ва сохти он мисол оварданро ҳам талаб намудан масъалаи асосӣ маҳсуб меёбад. Ба ҷуз ин, бояд хонандагон ба талаби муаллим ва матни машқҳо дар баробари муайян намудани аломати морфологӣ, хел ва сохти исмҳо дар ҷумла ба вазифаи чӣ (пеш аз ҳама, мубтадо ё пуркунанда) омадани онҳоро низ шарҳ диҳанд. Ҳамчунин, лозим ба таъкид аст, ки бо ҳамин дарси такрори боби «Исм» ҳамаи масъалаҳои марбути ин ҳиссаи гуногунҷабҳаи нутқ ба ҳеҷ вақҳ ҳаллу фасли ҳаматарафаи худро намеёбад, ҳарчанд ки дар дарси навбатӣ бо мақсади санҷиши дониш, маҳорат ва малакаи шогирдон доир ба он, ки ин ё он кори хаттии санҷишӣ (диктанти санҷишӣ, накли хаттӣ ё иншо) гирифта мешавад. Балки такрори масъалаҳои ҷудогонаи исм ба таври амалӣ (на тариқи пурсидани таърифу қоидаҳои он)[240] минбаъд дар рафти таълими сифат (бештар) ва дигар ҳиссаҳои мустақили нутқ, дар синфҳои VIII-IX, ҳангоми таълими аксари мавзӯъҳои синтаксиси ҷумлаҳои содда ва баъзе мавзӯъҳои синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷараён хоҳад гирифт. Ниҳоят, дар синфи X дар ҷараёни таълими фасли «Имлои исм ва сифат» (8 соат) имконияти басо мувофиқе ҳаст, ки дар хонандагон марбут ба имлои исмҳои гуногун, хусусан, доир ба имлои исмҳои мураккаб ва хоси таркибӣ малакаҳои амиқ тарбия карда шавад, ки ин нукта яке аз талаботҳои барномаи таълим (с. 2006) маҳсуб меёбад.[241]

§ 47. Сифат

Таълими боби «Сифат» дар мактабҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон аз оғози солҳои 90-уми асри гузашта (асри XX) ин ҷониб чун анъана на дар синфи V -пас аз боби «Исм», балки дар чоряки аввали синфи VI ба роҳ монда шудааст. Яъне то таълими ин ҳиссаи нутқ хонандагон пешакӣ дар синфи V бо хусусиятҳои боз як ҳиссаи мураккаб ва ҳам гуногунҷабҳаи нутқ – феъл шиносоӣ пайдо намудаанд. Ба ҷуз ин, хонандагон аз синфҳои ибтидоӣ доир ба сифат баъзе маълумотҳо гирифтаанд: медонанд,

---

[240] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с. 102.

[241] Ниг: Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI с. 8, 24.

ки сифат аломати предметро мефаҳмонаду ба саволҳои чӣ хел?, чӣ гуна? ҷавоб мешавад. Аз ин лиҳоз, барои муаллими дарои донишу маҳорати мукаммалу бохабар аз методу усулҳои кори омӯзгорӣ таълим додани боби «Сифат» на чандон душвор аст. Мушкилоти асосӣ аксар вақтҳо дар таълими мавзӯи «Сифатҳои аслӣ ва нисбӣ» ба мушоҳида гирифта мешавад; ё худи омӯзгорон ин мавзӯъро ба таври бояду шояд дастраси хонандагон карда метавонанд, ё ин ки дар ҳақиқат, аксари шогирдон аз ӯҳдаи дуруст дарк намудани ин мавзӯъ, ки баъзе мураккабиҳо дорад, намебароянд. Аз ин хотир, дар зер, ба ҷуз он ки доир ба таълими дарси аввали ин ҳиссаи нутқ маслиҳатҳо дода мешавад, дар бобати таълими мавзӯи «Сифатҳои аслӣ ва нисбӣ» бештар пешниҳод намудани мулоҳизаҳои шахсӣ ва ақидаҳои методистонро низ дар мадди назар дорем.

Инак, барои баёни мавзӯи якуми боби «Сифат», ки он низ ба ҳамин ном («Сифат») таълим дода мешавад, диққати хонандагон аввал ба таҳлили матн – ҷумлаҳое (албатта, онҳо низ бо андешаҳои худ дар таҳлил ширкат меварзанд) бояд ҷалб карда шавад, ки дорои бештари сифатҳо бошаду он сифатҳо хусусиятҳои асосии ҳамин ҳиссаи нутқ, яъне сифатро, дар бар гирифта бошанд[242]. Масалан, ба таҳлили матн ва ҷумлаҳои зерин:

1. Муаллима барои мо ҳам рафиқи **мӯнису сирдон**, ҳам устоди **сахтгири иззатманд**... буд. 2. Ҳар як сухан, ҳар як кори вай барои мо **ибратбахш**, **зебо** ва **ҳавасангез** буд (Б.Ф.). 3. **Лозимтарин** ва **бузургтарин** илм он аст, ки моро... хушбахт кунад. 4. **Муҳимтарин** ихтирои башар китоб аст (Раҳ.х.).

Аз ҳар кадоми ин ҷумлаҳо, ки дар тахтаи синф сабт шудаанд, ҳангоми таҳлил танҳо исм ва сифатҳо бо роҳи саволгузорӣ муайян карда, предметро фаҳмондани исмҳо ва аломати предметро муайян намудани сифатҳо, хусусан, дар ҷумлаҳои якум (рафиқи **мӯнису сирдон**, устоди **сахтгири иззатманд**), сеюм (**лозимтарин** ва **бузургтарин** илм) ва чорум (**муҳимтарин ихтироъ**) шарҳ дода мешаванд. Дар хусуси сифатҳои ҷумлаи дуюм (ибратбахш, зебо, ҳавасангез) бошад, таъкид карда мешавад, ки онҳо дар ҷумла аломати предметро муайян накарда, балки аз дорои чӣ гуна аломат будани предмет – мубтадо (ҳар як сухан, ҳар як кор) – хабар додаанд. Сипас, хулоса бароварда

---

[242] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней

мешавад, ки сифатҳо дар ҷумла, пеш аз ҳама, ба вазифаи муайянкунанда омада, инчунин, вобаста ба мавридаш ба вазифаи аъзоҳои дигари ҷумла, масалан, хабар ҳам (Ниг: ба сифатҳои ҷумлаи 2-юм) омада метавонанд.

Хусусан, ба масъалаи мафҳуми аломати предметро фаҳмондани сифатҳо, ки маҳз бо ҳамин хусусият вазифаи аввалиндараҷаашон дар ҷумла муайянкунанда шуда омадан аст, диққати хонандагонро бештар ҷалб намудан зарурат дорад. Барои он ки ҳамин нукта, яъне аломати предметро фаҳмонидани сифатҳо, то андозае ба хонандагон дақиқтар шарҳ дода шавад, аз ҷумлаҳои додашуда ҷумлаҳои 1-ум, 3-юм ва 4-умро як маротиба айнан ва маротибаи дигар бо соқит намудани сифатҳо (муайянкунандаҳо) қироат карда, таъкид бояд намуд, ки ин ҷумлаҳо дар шакли аслиашон пурмазмуну пуробурангтар мебошанд[243]. Чунин пуррагии мазмун дар ҷумлаҳои мазкур маҳз ба таввассути мавқудияти сифатҳо (муайянкунандаҳо)-и бар эзоҳи исмҳо (рафиқ-рафики **мӯнису сирдон**; **устод**-устоди **сахтгири иззатманд**; **илм-лозимтарин ва бузургтарин** илм; **ихтироъ-муҳимтарин** ихтироъ) омада имконпазир гардидааст. Ҳамчунин, аз шарҳи мисолҳои дар қавс додашуда хонандагон бояд дарк кунанд, ки сифатҳо дар вазифаи муайянкунандагиашон дар ҷумла бо муайяншавандаҳо бо ду роҳ яке ба воситаи бандаки изофӣ (рафиқи мӯнису сирдон, устоди сахтгири иззатманд) ва дигаре, ба воситаи оҳанги талаффуз (**бузургтарин** ва **лозимтарин** илм) алоқа пайдо намуда, дар яклухтӣ ибораҳои озоди синтаксисиро меофаранд. Илова бар ин ҳама, диққати хонандагонро ба сохти сифатҳои ҷумлаҳои сеюму чорум (лозимтарин, бузургтарин, муҳимтарин) ҷалб намуда, таъкид бояд намуд, ки бо суффикси **–тарин** сохта шудани як зумра сифатҳо (зебо**тарин**, доно**тарин**, баланд**тарин** ва г.) яке аз аломатҳои махсуси морфологии ҳамин ҳиссаи нутқ дониста мешавад.* Умуман, натиҷаи дарси аввали ба таълими сифат бахшидашуда чунин бошад, ки хонандагон дар ҷумлаҳои барои таҳлил пешниҳодшуда аз тариқи саволгузорӣ сифатҳоро бе душворӣ (бе омехта намудан бо ҳиссаи дигари нутқ) муайян

---

[243] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с. 103.

* Таъкид: Хусусиятҳои дигари марбут ба аломатҳои морфологии сифат ҳангоми таълими сифатҳои асливу нисбӣ ва сохти сифатҳо таъкид карда мешаванд.

карда[244], ба саволи «Дар нутқи мо сифатҳо барои чӣ хизмат мекунанд?» ба додани чунин ҷавобҳо қодир бошанд: «Сифатҳо нутқи моро пурмазмуну саҳеҳтар менамоянд. Бе истифода аз сифатҳо мо ягон предметро тасвир карда наметавонем. Ба воситаи сифатҳо дар бораи ин ё он предмет метавон бештар донем (маълумот пайдо намоем)[245]» ва ғ.

Дарси 2-юми боби «Сифат» бо унвони «Хелҳои сифат» таълим дода мешавад, ки мавзӯи мазкур, чунон ки таъкид намудем, бо баъзе нозукиҳояш на ҳамеша аз тарафи хонандагон мувофиқи талабот ҳифз карда мешавад. Умуман, мувофиқи ақидаи методистони машҳури имрӯзаи рус (Т.А. Ладыженская, М.Т. Баранов, А.А. Простенцова, Л.Ю. Комиссарова) ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани ин ё он калима танҳо аз рӯи як принсип – маънои умумии луғавии калима, аломатҳои морфологӣ ва вазифаи аввалиндараҷаи синтаксисии он дар ҷумла ва ниҳоят, тибқи таҳлили морфологие[246], ки аз дарси аввали таълими ҳар як ҳиссаи нутқ ба тариқӣ намуна муаллим нишон медиҳад, муқаррар карда мешавад, ки ин нукта дар маҷмӯъ ҳангоми дарси якуми ба таълими сифат бахшиданшуда низ бояд ба инобат гирифта шавад. Ва чунон ки таъкид намуда будем, мақсад аз натиҷаи дарси аввал ин буд, ки хонандагон дар матн сифатҳоро озодонаву шуурона муайян карда метавонистагӣ шаванд. Вале мақсад ва натиҷаи таълими мавзӯи навбатии боби «Сифат» - «Хелҳои сифат» ин аст, ки на танҳо дар хонандагон малакаи шинохтани сифатҳо, балки дар онҳо маҳорати ба кадом навъи сифат аслӣ ё нисбӣ тааллуқ доштани калимаҳо низ ташаккул дода шавад.[247] Аз ин рӯ, барои он ки ҳамин мақсади гузошташуда амалӣ гардад, бевосита ба таълими сифатҳои асливу нисбӣ на камтар аз 2-3 соат бахшидан зарурат дорад[248], ки ба ин миқдори соатҳои (20 с) ба омӯзиши ҳамин боб («Сифат») бахшидаи барномаи таълим (с. 2006) пурра мувофиқат менамояд.

Инак, барои фаҳмонидани ҷиҳатҳои умумӣ ва ҳам фарқкунандаи сифатҳои асливу нисбӣ, аввалан, метавон таблитсаи (25) зеринро ба диққати хонандагон гузошт:

---

[244] Ниг: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 184.
[245] Обучение русскому языку в V классе, с. 88.
[246] Ниг: Обучение русскому языку в V классе, с. 89.
[247] Ниг: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 138; Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 184.
[248] Ниг: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 139.

Таблитсаи 25



Дар асоси муоинаи таблитсаи мазкур муаллим таъкид менамояд, ки тамоми сифатҳо аз ҷиҳати тобишҳои маъноии худ ба ду гурӯҳ – аслӣ ва нисбӣ ҷудо карда шудаанд. Ҳамон калимаҳое сифатҳои аслӣ номида мешаванд, ки онҳо бевосита аломати ба предмети мушаххас, яъне ба исми муайян хосро ифода мекунанд. Масалан, дар ибораи **кӯҳи баланд** калимаи **баланд** бевосита сифати **кӯҳ буда**, аломати хоси он ба шумор меравад. Чунки кӯҳ баланд ҳам мешаваду паст ҳам. Дар ибораи **одами доно** калимаи **доно,** ҳамчун сифат, аломати хоси исми **одам** аст. Ҳамин тавр, сифатҳои аслӣ аломати хос ва ё аломати дар айни ҳамон предмет мавҷудбударо номбар намуда, онро аз ҷиҳати гуногун: **ранг** (сурх, сиёҳ, сафед), **бӯй** (хуш, бад), **ҳаҷм** (калон, васеъ), **таъм** (ширин, туруш), **масофа** (дур, наздик), **ҳарорат** (гарм, хунук), **қад** (баланд, паст), **аломатҳои чисмониву хислат** (пир, ҷавон, ҷасур, доно, поквиҷдон, пурзӯр, тарсончак) ва ғайра шарҳ медиҳанд. Ҳамаи сифатҳои аслӣ ба худ суффиксҳои дараҷасозӣ – **тар, - тарин** (баланд, баланд**тар**, баланд**тарин**)-ро қабул мекунанд; пеш аз чунин сифатҳо

калимаҳои зарфии **хеле, ниҳоят, бағоят, басо** ва таркиби **аз ҳама** (бағоят калон, аз ҳама калон) низ омада метавонанд*.

Сипас, диққати хонандагон ба сутуни дуюми таблитса, ки дар он мисолҳо доир ба хели дигари сифатҳо, яъне сифатҳои нисбӣ, пешниҳод шудаанд, ҷалб карда мешавад. Дар ин бобат бояд ба хонандагон маълум гардад, ки гарчи сифатҳои нисбӣ ҳам айнан ба ҳамон саволҳои сифатҳои аслӣ ҷавоб мешаванду аломату хосияти предметро аз ҷиҳатҳои гуногун шарҳ медиҳанд, вале аз рӯи тобишҳои маъноӣ ва дорои хусусиятҳои дигар буданашон аз сифатҳои аслӣ, фарқ мекунанд. Масалан, дар ибораи **мактаби шабона** калимаи **шабона** сифати мактабро номбар намуда бошад ҳам, аммо мансубияти аломати онро ба замоне ишора карда бошад, дар ибораи **духтари деҳотӣ** калимаи **деҳотӣ** ҳамчун сифат мансубияти предмет – духтарро ба макон, яъне аз деҳа будани онро таъкид кардааст. Хулоса, сифатҳои нисбӣ ҳамеша аломати предметеро ифода мекунанд, ки он аломат ба предмети муайян аз рӯи муносибат ва ё мансубият доштанаш ба предмети дигар дода шудааст. Аз ин лиҳоз, сифатҳои нисбиро вобаста ба ҳамин хусусияташон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд: 1) Сифатҳои нисбие, ки мансубияти предметро ба замон ифода мекунанд; мактаби **шабона**, гулҳои **баҳорӣ**, бозиҳои **зимистона** ва ғ.

2) Сифатҳои нисбие, ки мансубияти предметро ба макон ифода мекунанд: духтари **деҳотӣ**, шоҳтути **заминӣ**, мурғи **даштӣ** ва ғ.

3) Сифатҳои нисбие, ки аз чизе сохта шудани предметро ифода мекунанд: дари **оҳанин**, гулдони **булӯрӣ** (булӯрин) ва ғ.

4) Сифатҳои нисбие, ки таъинотро ё худ ба кӣ, ё чӣ тааллуқ доштани предметро нишон медиҳанд: либоси **бачагона**, поезди **боркашон**, туфлии **занона** ва ғ.

5) Сифатҳои нисбие, ки ба ҳолату ҳаракат ва ё сабабе мансубият доштани предметро мефаҳмонанд: одами **аспакӣ**, ризогии **зуракӣ**, сӯҳбати **пешакӣ**, дастгоҳи **чӯббурӣ**, санги **кордтезкунӣ**, арраи **оҳанбурӣ**[249] ва ғ.

Ниҳоят, бояд таъкид гардад, ки сифатҳои нисбӣ аз сифатҳои аслӣ боз аз он ҷиҳат ҳам фарқ мекунанд, ки онҳо ба худ

---

* **Таъкид:** Хусусиятҳои дигари марбут ба сифатҳои аслӣ ҳангоми таълими мавзӯи «Дараҷаҳои сифат» ба хонандагон фаҳмонида хоҳанд шуд.

[249] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматика в восьмилетней школе, с 114. Забони адабии ҳозираи тоҷик, қ 1. – Душанбе: Ирфон, 1973, с 185.

суффиксҳои дараҷасози – **тар** ва – **тарин** қабул намекунанд, чун сифатҳои аслӣ пеш аз сифатҳои нисбӣ овардани зарфҳо, аз қабили **хеле**, **ниҳоят**, **басо** ва таркиби аз ҳама мумкин нест, вагарна ифодаҳо сунъиву ғӯшхарош мешаванд. Чунончи: **мактаби шабона** – мактаби хеле (?) шабона, мактаби шабонатар (?); **духтари деҳотӣ** – духтари ниҳоят (?) деҳотӣ, духтари деҳотитар (?) ва ғ. (Албатта, ин мисолҳоро навиштани хонандагон зарурат надорад, балки танҳо барои исботи фикр тариқи даҳонӣ ба онҳо фаҳмонидан кифоя аст).

Умуман, дар таълими ҳар як мавзӯи навбатии боби «Сифат», агар муаллим бо тайёриҳои ҳаматарафа, дар заминаи истифодаи аёният мисолҳои барҷаста, системаи машқҳои гуногун, диктантҳои таълимӣ (эҷодӣ, шарҳдиҳӣ, интихобӣ) дарсҳоро ташкил карда ғузаронад, дар ниҳояти омӯзиш боби мазкур қобилияту тасаввуроти хонандагон доир ба муайян намудани аломатҳои (сифатҳои) аксари предметҳо дақиқтар гардида, ҳатман дар мавриди лозима ду-се аломату хосияти предмети мушаххасеро номбар карда метавонистагӣ хоҳанд шуд. Ба ифодаи дигар, чунон ки методист И.Р. Палей таъкид намудааст, агар дар огоз хонандагон нисбат ба сифати одам танҳо калимаи хуб[250] ё бад (одами хуб, одами бад)-ро номбар кунанд, дар дарсҳои баъдинаи таълими сифат тасаввуроташон дар бораи аломатҳои предметҳои гирду атроф, аз ҷумла, одамон ғанитар гардида, хусусан дар дарси такрори ҳамин боб бо кӯмаки андаки муаллим бояд онҳо сифатҳои дигари одамон, аз қабили **меҳрубон**, **нотарс**, **ҷасур**, **боғайрат**, **раҳмдил**, **самимӣ**, **зиндадил**, **хушсӯҳбат**, **қобилиятнок**, **донишманд**, **бомаҳорат**, **тарбиятнок**, **устувор**, **хайрхох**, **бодиққат**, **ташаббускор**[251], **пуртаҷриба**, **инсондӯст**, **ватанпарвар**, **шӯҳратманд** ва ғайраро номбар карда тавонанд. Бале, бояд чунин бошад натиҷаи ниҳонии таълими боби «Сифат» дар синфи VI.

§ 48. Шумора

Дар муқоиса бо сифат омӯзонидани боби «Шумора», ки он ҳам дар синфи VI таълим дода мешавад, дар асл, чандон душвор нест. Аз ин рӯ, дар зер нисбати баъзе масъалаҳои як андоза муҳимтари таълими боби мазкур, ки бештар ба имло ва тарзи талаффузи шумораҳо тааллуқ доранд, истода мегузарем.

---

[250] Ниг: Палей И.Р. Очерки методике русского языка, с. 53.
[251] Ниг: Ҳамон ҷо, с. 53.

Чунон ки таъкид мешавад, вазифаи асосии таълими шумора иборат аз он аст, ки бояд дар хонандагон доир ба шумора, ҳамчун ҳиссаи нутқ, тасаввуроти умумӣ ба вуҷуд оварда шуда, ҳамзамон малакаи дар нутқи шифоҳиву хаттиашон дурусту бехато истифода карда тавонистани хелҳои он (шумораҳои миқдорӣ ва тартибӣ)[252] тарбия карда шавад. Аз ин лиҳоз, барои он ки хусусиятҳои асосии шумора ба хонандагон беҳтару зудтар дастрас карда шавад, бо истифода аз методи сӯҳбат пеш аз оғози баёни мавзӯи дарси аввал («Шумора») бояд бо саволҳое ба синф муроҷиат кард, ки хонандагон ҳатман барои ҷавоб додан ба он саволҳо дар нутқ, яъне дар ҷумлаҳои сохтаи худ ин ё он хели шумораҳоро истифода баранд. Чунончи, муаллим мавзӯи нави дарс – «Шумора»-ро ба тахтаи синф сабт намуда, ҳамчунин 5 ҷумлаи саволиро бо гузаштани фосила тарзе менависад, ки пас аз ҳар кадоми онҳо барои навиштани ҷавобҳои ба ҳар савол гардондаи хонандагон имконият бошад, ки дар маҷмӯъ бо ҷавобҳои шогирдон дар тахтаи синф тахминан, чунин матн эҳё хоҳад шуд:

1. –Дар синфи шумо чанд нафар талаба таҳсил мекунад?
   –Дар синфи мо бисту панҷ нафар талаба таҳсил мекунад.
2. Аз ин миқдор хонандагон чанд нафарашон духтару чанд нафарашон писар мебошанд?
   –Аз ин миқдор 12 нафар писару 13 нафар духтар мебошанд.
3. –Ҳоло шумо дар синфи чандум мехонед?
   –Ҳоло мо дар синфи шашум мехонем.
4. Ҳар рӯз шумо чанд соат дарс мехонед?
   –Мо ҳар рӯз 5-6 соат дарс мехонем.
5. –Канӣ, ту, Мижгона, гӯй ки хонаи шумо аз мактаб чӣ қадар дур аст?
   –Хонаи мо аз мактаб 400-500 метр дур аст.

Пас аз чунин саволу ҷавоби фавқ муаллим ба хонандагон савол медиҳад, ки онҳо дар ҷавобҳояшон мутобиқи кадом калимаҳои саволӣ маҳз кадом калимаҳоро истифода намудаанд. Сипас, яъне баъди шунидани ҷавоби хонандагон ба саволҳои додашуда дар якҷоягӣ муқаррар карда мешавад, ки калимаву таркибҳои мутобиқи саволҳо истифодашуда, яъне шумораҳо дар ҷавобҳои якум, сеюм ва чорум (**бисту панҷ нафар** хонанда, дар синфи **шашум, 5-6 соат** дарс) – муайянкунанда, дар ҷавоби дуюм (… **дувоздаҳ нафар** писару **сенздаҳ нафар** духтар мебошанд) –

---

[252] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с. 129.

мубтадо, вале дар ҷавоби панҷум (**400-500 метр** дур аст) – ҳол шуда омадаанд.

Ниҳоят, муаллим ташаббусро пурра ба даст гирифта таъкид мекунад, ки калимаву таркибҳои **бисту панҷ, дувоздаҳ, сенздаҳ, шашум, панҷ-шаш, чорсад-панҷсад**-ро, шумо дар ҷавобҳоятон, мувофиқи саволҳои додашуда, хусусан, дар ҷавоб ба саволҳои **чанд?, чандум?, чӣ қадар?** истифода намудед, **шумора** меноманд. Шумораҳо аз рӯи маъно адад, миқдор ва тартиби предметро мефаҳмонанд. Аз ин рӯ, онҳо ба саволҳои **чанд?, чандум?, чӣ қадар?** ҷавоб мешаванд. Чунончи, шумораҳо дар ибораҳои **бисту панҷ нафар хонанда, дувоздаҳ нафар писар, сенздаҳ нафар духтар, панҷ-шаш соат дарс** миқдори предметҳо – **хонанда, писар, духтар, дарс**, вале дар ибораи **синфи шашум** тартиби предмет (синф)-ро ифода кардаанд. Агар шумораҳо танҳо номбар карда шаванд, масалан, **як, ду, дах, 100** ва г., онҳо танҳо ададҳои математикиро ифода мекунанд. Ва чунон ки аз мушоҳидаи мисолҳо дидем, шумораҳо чун сифатҳо дар ҷумла бештар ба вазифаи муайянкунанда, вале ба вазифаи аъзоҳои дигари он ҳам омада метавонанд. Ҳамчунин, гуфтан ҷоиз аст, ки шумораҳо ҳангоми миқдори предметҳоро ифода карданашон байни онҳо (шумораҳо) ва предметҳои таъкидшаванда бештар як силсила калимаҳо, аз қабили **нафар, сар, метр, кило, тонна, даста, қабза, банд, ҷуфт, километр (км), дона, тӯб,** ҳиссаҳои **–та, - то** ва г. (10 нафар коргар, чор сар буз, як кило орд, 5 тонна семент, як даста алаф, як банд пахол, як ҷуфт маҳсӣ, 100 км роҳ, 10-15 дона қалам, ду тӯб суф, панҷто (панҷта) китоб ва г.) истифода мешаванд, ки онҳоро **калимаҳои нумеративӣ** меноманд. Хусусияти дигари шумораҳо ин аст, ки чун исмҳо суффиксҳои ҷамъбандии **–ҳо, -он** қабул намекунанд, яъне дорои шумораи ҷамъу танҳо нестанд ва инчунин, бо суффиксҳои **–ум (-юм), -умин** (-юмин) сохта шудани шумораҳо (якум, дуюм, сиюм, шашумин, сиюмин) яке аз аломатҳои барҷастаи морфологии онҳо (шумораҳо) маҳсуб меёбад.

Дар дарси навбатӣ ва дарсҳои дигари ба таълими шумора бахшидашаванда, ки дар бораи хелҳои шумора – шумораҳои миқдорӣ (хелҳои он: аслӣ, тахминӣ, касрӣ) ва тартибӣ, фарқи ин ду гурӯҳи шумораҳо аз ҳамдигар ва сохти шумораҳо маълумот дода мешавад, ба он бояд кӯшид, ки хонандагон дар баробари озодона дар нутқашон истифода карда тавонистани ҳама гуна шумораҳо дар нутқи хаттиашон ҳам ба қоидаҳои навишти маҳз, шумораҳои миқдории тахминиву касрӣ ва ҳам шумораҳои тартибӣ (чи ҳангоми бо рақам ва чи ҳангоми бо ҳарфҳо навиштани чунин шумораҳо) риоя карда метавонистагӣ шаванд.

Хусусан, агар дарси такрори боби «Шумора» дар заминаи таблитсаҳои (26, 27) зерин, ки дар таълими хелҳои шумора ва сохти он истифода шудаанд, ба роҳ монда шавад, дониши доир ба шумораҳо гирифтаи хонандагон аз ҳар ҷиҳат мустаҳкам гардида, ба навиштани ин ё он кори хаттии санҷишӣ (диктанти санҷишӣ ё нақли хаттӣ)-и марбути ҳамин боб омодагии ҳаматарафа хоҳанд гирифт:

Таблитсаи 26



Таблитсаи 27



Чунон ки мебинем, дар асоси таблитсаҳои мазкур барои муаллими бо донишҳои забоншиносиву методӣ мусаллаҳ имконияти пурра ҳаст, ки хусусиятҳои асосии назариявӣ ва қоидаҳои ба имлову аломатҳои китобат дахлдоштаи боби «Шумора» дар заминаи саволҳои гуногун (аналитикӣ, синтетикӣ), ҳамчунин, бо истифода аз хелҳои диктанти таълимӣ (эҷодӣ, шарҳдиҳӣ ва интихобӣ), таҳлили грамматикӣ (пурра, интихобӣ, омехта) ва иҷрои супоришҳои баъзе машқҳои барои такрори боби мазкур пешниҳодкардаи китоби дарсӣ пайиҳам (системанок) такрор карда шавад.

§ 49. Ҷонишин

Азбаски дар бораи ҷонишин ҳамчун ҳиссаи нутқ хонандагон аз синфҳои ибтидоӣ ҳам баъзе маълумотҳо (доир ба ҷонишинҳои шахсӣ) гирифтаанд, мақсади таълими он дар синфи VI, ки бевосита пас аз омӯзиши боби «Шумора» ба роҳ монда мешавад, ин аст, ки аввалан бояд ҳамон маълумотҳои ибтидоии гирифтаашон такмил дода шавад. Вале дар маҷмӯъ мақсади омӯзиш ва баррасии ҷонишинҳо ҳамчун ҳиссаи нутқ дар мактаб ин ба хонандагон дастрас намудани махсусиятҳои асосии ҷонишинҳо, шинос намудани онҳо бо хусусиятҳои семантикӣ-грамматикии хелҳои ҷонишин, амалан нишон додани ҷиҳатҳои услубии дар нутқ доштаи баъзе ҷонишинҳо, дар хонандагон тарбия намудани малакаи дар нутқи хаттӣ ва шифоҳиашон дуруст истифода карда тавонистани калима ва таркибҳои ҷонишинӣ дониста мешавад[253], ки бо ин ҳама як идда мушкилоти орфографии онҳо ҳам рӯ ба осонӣ хоҳад овард.[254]

Аз ин рӯ, ба муаллим лозим аст, ки пеш аз ҳама, барои фаҳмондани хусусиятҳои асосии ҷонишин, ҳамчун ҳиссаи нутқ, ба донишҳои муқаддимавии доир ба ҷонишинҳо доштаи хонандагон такя намояд. Дар ин бобат зарурати аввалин ин аст, ки ба хонандагон хусусияти ишоракунандагӣ доштани ҷонишинҳо ба предмет ва аломати он таъкид карда шавад, яъне дар заминаи мисолҳои барҷаста ба онҳо шарҳ бояд дод, ки ба ҷонишинҳо ба мисли исму сифату шумора хусусияти номбаркунӣ

---

[253] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с. 140.

[254] Ниг: Пазой И.Р. Очерки по методике русского языка, с. 49.

(предмет, аломат, миқдор) не, балки ишора кардан ба предмет, аломат ва миқдори он хос аст.[255] Аз ин лиҳоз, барои амалӣ намудани зарурати мазкур ҷумлаҳо ва ё матнҳои махсусеро барои таҳлил интихоб намудан ҷоиз аст, ки дар мисоли онҳо ана ҳамин хусусияти ишоракунандагии ҷонишинҳо муаррифӣ карда шавад. Чунончи:

1. Диловар ҳис кард, ки Ҷаҳонгиров аз вай меранҷад...ҷавоби бурро дод: - Акои Умархон, албатта, ман хеҷ хаёле надоштам, ки ба водии Вахш...меравам. Лекин ҳоло ба шумо қавл додаам, боз мегӯям, ки ман аз дилу чон ба рафтан розӣ (Ю.А.Зам.пад., с. 15).

2. Аксар вақт кӯчаҳои шаҳри Душанберо гулҳои рангоранг зебу оро медиҳанд. Ин гуна гулҳо ҳамеша бо бӯи муаттарашон ба кас ҳаловат мебахшанд.

3. Комбинати сементи Душанбе аз соли 1960 ин ҷониб дар заминаи кони оҳаксанги Харангон кор мекунад, ки он солее ба хоҷагии халқ зиёда аз як миллион тонна семент медиҳад. Вале ин миқдор талаботи ҷумҳуриро пурра таъмин карда наметавонад (М.Х. Ганҷ.т.Т., с. 74).

Ин ҷо пас аз қироати ифоданоки матнҳо дар асоси матни аввал (1) муаллим мефаҳмонад, ки дар ҷумлаи якум ҷонишини **вай**, дар ҷумлаҳои дуюму сеюм ҷонишини **ман** ба ҷои калимаи **Диловар,** ки исм аст, истифода шуда, ишора ба он (Диловар) кардаанд. Лекин калимаи **шумо**, ки низ ҳамчун ҷонишин ба хонандагон шинос аст, дар ҷумлаи сеюм ба ҷои исм- Умархон истифода гардидааст, яъне аз мазмуни умумии ҷумла ва ин калима (шумо) исми Умархон фаҳмида мешавад. Дар ҷумлаи дуюм матни 2 таркиби **ин гуна** низ ҷонишин буда, он ба ҷои сифати **рангоранг** (гулҳои рангоранг), ки он (рангоранг) дар ҷумлаи аввали матни мазкур ҳамчун сифат чигунагии аломати гулхоро ифода ё худ ишора кардааст. Сипас, агар муаллим ҳис кунад, ки ҳангоми таҳлили матнҳои 1 ва 2 рағбати хонандагон боло гирифт, барои санҷиши фикри онҳо метавонад дар таҳлили матни 3 бевосита бо чунин савол ба аҳли синф мурочиат намояд: - Канӣ, худатон ҷавоб диҳед: Калимаи **он** дар ҷумлаи якум ва таркиби **ин миқдор** дар ҷумлаи дуюм кадом калимаву таркибҳоро иваз намудаанд? Ҷавоб бояд чунин сурат бигирад: - Калимаи **он**

---

[255] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с. 140.

дар чумлаи якум ба ҷои исми таркибии **Комбинати семеити Душанбе** истифода шудааст. Дар чумлаи дуюм таркиби **ин миқдор** шумораи **як миллион**-ро, ки дар ҷумлаи якум омадааст, иваз намудааст.

Чун таҳлили матни сеюм (шояд ин ҷо кӯмаки муаллим ҳам зарурат пайдо карда бошад) ҳам ба охир мерасад, муаллим хонандагонро аз мушоҳидаҳои калимаву ибораҳои дар ҳар се матн мавриди таҳлил қарор додашуда ба хулоса меоварад, ки ҷонишинҳо калимаҳое мебошанд, ки онҳо дар нутқ, асосан, бо мақсади такрор наёфтани калимаву таркибҳои айнан якхела истифода бурда мешаванд. Яъне онҳо дар нутқ калимаву ибораҳоеро иваз мекунанд, дар айни ҳамон чумла бори дигар истифода шуданашон ҷумларо ва ё матнро нуқсоннок менамоянд. Масалан, дар ҷумлаи «Диловар ҳис кард, ки Ҷаҳонгиров аз вай меранҷад», агар ба ҷои калимаи **вай**, ки мазмунан калимаи Диловарро иваз намудааст, боз ҳамин калимаи **Диловар** истифода гардад, ҷумлаи мазкур на танҳо мазмунан, балки услубан ҳам халал мебинад. Масалан: Диловар ҳис кард, ки Ҷаҳонгиров аз Диловар (?) меранҷад. Вале дар мавриди дуюм бо оварда шудани калимаи **вай** ба ҷои калимаи **Диловар**, ки он исм аст, ҷумла ҳам аз такрори калима (Диловар) орӣ, ҳам услубан ба меъёри гуфтори адабӣ мувофиқ мегардад. Баъзе ҳамин ҳам калима ва таркибҳои **ман, ту, вай, мо, шумо, онҳо, ин, он, ин гуна, он гуна, ин хел, он хел, ҳамин, ҳамон** ва амсоли инҳоро, ки дар ҷумла ба ҷои ин ё он ҳиссаи нутқ истифода мешаванд, **ҷонишин** меноманд. Чунон ки аз мушоҳидаву таҳлили калимаву таркибҳои дар ин матнҳо ишорашуда (вай, ман, шумо, ин гуна, он, ин миқдор) дидем, онҳо ҳамчун ҷонишин дар матни якум (ман, вай, шумо) ба ҷои исмҳо, (Диловар, Умархон), дар матни сеюм (ин гуна) ба ҷои сифат (рангоранг), вале дар матни сеюм, хусусан, таркиби **ин миқдор** ба ҷои шумора (як миллион) истифода шудаанд. Ҳамин тавр, ҷонишинҳоро бо исму сифату шумора муқоиса намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст: Агар ҳар як исм предмети муайян, ҳар як сифат аломату чигунагии предмет ва ҳар як шумора миқдори тартиби предметро ифода намояд, баръакс, ҷонишинҳо он предмет, аломат ва миқдору тартиби онҳоро номбар накарда,

танҳо иваз менамояд ва ё ба ҳамон предмет, аломат ва миқдору тартиби он ишора менамоянд[256].

Пас аз он ки баёни муаллим бо нуктаи фавқ хотима меёбад, хонандагон аз параграфи дахлдори китоби дарсӣ маълумоти умумӣ дар бораи ҷонишин, аз ҷумла, таърифи асосии онро қироат намуда, ба ҷавоби саволҳо ва иҷрои супоришҳои зерин, ки аз тарафи муаллим дода мешаванд, бояд омодагӣ бигиранд: 1. Ҷонишин чист? 2. Ҳоло шумо кадом калимаҳоро медонед, ки *онҳоро ҷонишин меноманд?* 3. Ҷонишин аз дигар ҳиссаҳои нутқ – аз исм, сифат ва шумора чӣ фарқ дорад? 4. Ҷонишинҳо дар нутқ барои чӣ хизмат мекунанд? Ҳар кадом дутогӣ ҷумла нависед, ки дар ҷумлаи дуюматон ҷонишине ягон ҳиссаи нутқи дар ҷумлаи якум истифода кардаатонро иваз намуда бошад. Аз худ шифоҳӣ ҷумлаҳое гӯед, дар онҳо аз як то ду-сетой ҷонишинҳои зерин: **у, мо, ту, шумо, онҳо, ин гуна, он гуна, ин хел, он хел, ҳамин, ҳамон** истифода шуда бошанд.*

Ниҳоят, дар ҷамъбаст таъкид намудан лозим аст, ки чун ҷонишин ба ҷои исм, сифат, шумора меояд, дар ҷумла ҳам айнан вазифаи ҳамин ҳиссаҳои нутқро адо менамояд, ки дарси навбатӣ ба ҳамин масъала, яъне ба мавзӯи «Вазифаи ҷонишин дар ҷумла» бахшида мешавад.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки дар дарси навбатӣ ва ба хусус дарсҳои баъд аз он ба таълими хелҳои ҷонишин (ҷонишинҳои шахсӣ, саволӣ, ишоратӣ, таъинӣ, номуайянӣ, манфӣ, нафсӣ-таъкидӣ, бандакҷонишинҳо ва ё бандакҳои соҳибӣ) ва сохти он бахшидашаванда *дониши назариявию амалии* хонандагон зина ба зина такмилу инкишоф хоҳад ёфт. Аммо дар дарси такрори боби «Ҷонишин», хусусан, дар заминаи таблитсаи (28) зерин, «Хелҳои ҷонишин» ки ҳамчун таблитсаи истилоҳотӣ мураттаб гардидааст, метавон мазмуну мундариҷаи тамоми мавзӯъҳои таркибии марбути боби мазкурро такрору мустаҳкам намуд:

---

[256] Ниг: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 145. Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе. с. 141.

* **Таъкид:** Ин ҷо бо мақсади ҳавасманд намудани хонандагон шарт гузоштан лозим аст, ки ҷумлаҳои беҳтарини онҳо дар тахтаи синф навишта шуда, дар якҷоягӣ таҳлил карда хоҳанд шуд.



Таблитсаи 28

Дар вокеъ, агар дар дарси такрори боби «Ҷонишин» муаллими донишманду соҳибтаҷриба *зимни таблитсаи мазкур* саволу ҷавоб гузаронида, ҳамзамон хонандагонро ба иҷрои супоришҳои гуногун (дар ҷумлаҳои худ истифода кардани ин ё он хели ҷонишин, муайян намудани хел ва вазифаи ҷонишинҳо дар ҷумлаҳои аз худ тартибдода дар ҳар сутуни таблитса шарҳ додани сохт ва имлои ҷонишинҳо, хусусан, имлои баъзе ҷонишинҳои саволӣ, таъинӣ, номуайянӣ, манфӣ ва ғ.) ҷалб намояд, дониши доир ба ҷонишинҳо андӯхтаи хонандагон аз ҳар ҷиҳат ба система даромада, боз ҳам мустаҳкамтар хоҳад шуд.

§ 50 Феъл

Феъл чун дар дигар забонҳо яке аз ҳиссаҳои калонтарин ва мураккабу таркибан гуногунмавзӯи забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ба таълими он (феълҳои тасрифӣ. – С.Ш.) дар маҷмӯъ бо шаклҳои тасрифнашавандааш (масдар, сифати феълӣ, ва феъли ҳол) барнома 36 соат муқаррар карда шудааст, ки ин рақам баробари соатҳои таълимии исму (16 с) сифат (20 с) аст. Мақсад аз ин миқдор зиёд муқаррар намудани соатҳои таълимии феъл (ҳатто баъзе коршиносон ва омӯзгорони донишманду собиқадор чунин миқдори соати ба таълими феъл бахшидашавандаро кам мепиндоранд) дар барнома иборат аз он аст, ки агар дар заминаи ҳамин миқдори соатҳо маводи доир ба омӯзиши, умуман, феълҳо пешниҳодкардаи барнома ба хонандагон мувофиқи талаботи меъёрӣ дастрас гардонида шавад, барояшон азхудкунии *масъалаҳои асосии синтаксиси* ҷумлаҳои содда бештар даст дода, ҳамзамон, як идда хатоҳои имлоии онҳо, ки дар навишти шаклҳои феълӣ содир мекунанд, низ пешгирӣ карда мешаванд[257]. Аз ин лиҳоз, барои ноил шудан ба *ҳамин мақсад, пеш аз ҳама, ба донишҳои қаблии хонандагон*, ки дар синфҳои ибтидоӣ (таърифи феъл, аҳамияти феълҳо, тарзи саволгузорӣ ба феълҳо, замонҳои феъл, феълҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно) доир ба феъл гирифтаанд[258], такя намудан то андозае ба азхудкунии хусусиятҳои дигари ҳанӯз ба онҳо номаълуми ин фасли мураккаби морфология мусоидат хоҳад кард[259]. Дар ин бобат, албатта, ба ҳисоб бояд гирифт, ки

---

[257] Ниг: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 186.

[258] Ниг: Барномаи синфҳои ибтидоӣ (I-IV). – Душанбе: Матбуот, 2001, с. 17-20.

[259] Ниг: Поздняков Н.С. *Методика преподавания русского языка*, с. 146; Текучёв А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 180-187.

донишҳои пешинаи доир ба феълҳо гирифтаи хонандагон басо мукаддимавӣ ва маҳдуд буда, ба хусус, мавқеи дар ҷумла доштани ин ҳиссаи нутқро барояшон дақиқ намоиш дода наметавонанд: хонандагон ба феълҳо савол дода, замони онҳоро, умуман, муайян карда тавонанд ҳам, ҳамаи феълҳоро дар заминаи талаботи барнома ва маълумоти дар китобҳои дарсии забони тоҷикии синфҳои ибтидоӣ додашуда ҳамчун ифодакунандаи танҳо ҳаракати ашёҳо (предметҳо. - С.Ш.) мепиндоранду бас; таърифи феъл низ басо маҳдуд пешниҳод гардидаасту дар хусуси тобишҳои маъноии замонҳои феъл ба онҳо маълумоте дода намешавад. Вале акнун дар синфи V онҳо, хусусан, зимни таърифи пурраи феъл мефаҳманд, ки феълҳо на танҳо ҳаракати предмет, балки амалу ҳолати онро ҳам ифода менамояд, ҳангоми шиносоӣ бо шаклҳои гуногуни замонҳои феъл, аз ҷумла, шиносоӣ бо шаклҳои замони гузаштаи он дарк мекунанд, ки ҳар як шакли феълӣ ғайр аз маънои асосӣ тобиши махсусеро ҳам ба мазмуни умумии ҷумла ё худ фикри гуфташуда зам менамудааст. Ба ҷуз ин, дар заминаи маводи дидактикӣ бори аввал дар бораи асосҳои феъл, масдар, тасрифи феълҳо (бо бандакҳои феъливу хабарӣ), намудҳои феъл (мутлақ ва давомдор), феълҳои монда ва гузаранда, сиғаҳои феъл, сохти феълҳо, ки ин ҳама дар синфи V таълим дода мешавад, воқеан ҳам, донишҳои хонандагонро марбут ба феъл афзун хоҳанд кард. Хусусан, шумора, замон ва сиғахои феъл бояд хонандагонро ба чунин хулоса оварад, ки феъл дар ҷумла яке аз воситаҳои аввалиндараҷаи ифодаи хабардиҳӣ ва ё ифодакунандаи фикри том махсуб ёфта, бо ҳамин хусусияташ вазифаи аввалиндараҷаи он (феъл) дар ҷумла хабар шуда омадан аст. Барои ҳамин ҳам, дар синфи V ҳангоми такрори феъл дар аввали соли таҳсил ва дар дарси якуми ба таълими феъл бахшидашаванда, ки низ дар аввал маълумоти аз синфҳои ибтидоӣ гирифтаи хонандагон марбут ба хусусиятҳои феъл (бештар таърифи феъл, замонҳо ва тарзи саволгузорӣ ба феълҳо) натиҷаи хубтар хоҳад дод. Масалан, дар дарси аввал, тариқи шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ сурат мегирад, зиёда истифода кардан аз таҳлили грамматикии омехта (морфологӣ бо синтаксисӣ) натиҷаи хубтар хоҳад дод. Масалан, дарси аввал, ки бо номи «Феъл» баррасӣ шуда, дар заминаи он таърифи феъл, баъзе аломатҳои морфологӣ, шахсу шумора дар феъл ва вазифаи он (феъл) дар ҷумла маълумот додан дар мадди назар аст, пас аз панҷ-шаш дақиқаи саволу ҷавоб бо мақсади

Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе. с.155.

таърифи нурраи феълро гуфтан ба маърази аҳли синф бояд матнеро аз қабили матни дар зер овардашуда пешниҳод намуд, ки аз таҳлили маънои луғавии феълҳои дар он буда, ҳам нуктаҳои асосии таърифи феъл бо андаке шарҳи муаллим, барҳало, ба назари шогирдон равшан гардаду ҳам вазифаи асосии он (феъл) дар ҷумла: Рӯзи дигар геологҳо аз пайи кори худ **рафтанд**. Аҳмадака барои меваи хуҷ чидан ба болодасти рӯд **равона буд**. Сиҳатамак ба таъмири пойафзол **машғул шуд**. Илҳом худро ба чӣ кор машғул карданашро **намедонист** (Б.Ф. Як рӯз не, с.76).

Аз шарҳи муаллим, пеш аз ҳама, хонандагон бояд фаҳманд, ки калимаҳои ишорашуда дар ҷумлаҳои якуму дуюм (рафтанд, равона буд) ҳаракати предметҳо (геологҳо, Аҳмадака)-ро, дар ҷумлаи сеюм (машғул шуд) амали предмет (Аҳмадака)-ро, вале дар ҷумлаи чорум (намедонист) ҳолати предмет (Илҳом)-ро дар худ инъикос кардаанд, ки ин ҳама амал, холат ва ҳаракатро ифода кардан, асосан, хоси феъл буда, чунин маъно – ҳамчун ифодагари маънои луғавии он (феъл) будан дар таърифаш ҳам таъкид гардидааст. Чунончи: «Феъл ҳиссаи нутқест, ки амал, ҳолат ва ҳаракати предметро мефаҳмонад». Аз ин рӯ, феълҳо ба саволҳои **предмет чӣ кор кард?**, **чӣ кор карда истодааст?**, **чӣ шуд?**, **чӣ мешавад?**, **чӣ хоҳад кард?** ва ғ. ҷавоб мешаванд. Ба ҷуз ин, ҳамаи феълҳои мазкур дар ин ҷумлаҳо ба вазифаи хабар омада, фикри томро ташкил додаанд.

Сипас, матне шифоҳӣ қироат карда мешавад, то ки аҳли синф гӯш карда, аз ҷумлаҳо феълҳо, бар шарҳи кадом предмет (исм) омадан, аз рӯи маъно чиро ифода кардан ва ба кадом саволҳо ҷавоб додани онҳоро шарҳ диҳанд. Масалан, аз чунин матн: Онҳо….ба ҷониби кӯҳи баланд равон гаштанд. Барф меборид. Пардаи тӯрмонанди он атрофро аз назарҳо пинҳон мекард… Шамол бошиддат ба рӯи онҳо зарраҳои барфи сардро мезад, ки ҳар яке монанди шишапора чашму рӯй ва гӯшҳоро ҷиз-ҷиз месӯзонд. Дар бағалкӯҳҳо шамол сокит мегашту туман атрофро мепечонд. (Б.Ф, Як рӯз не, с.25).

Пас аз он ки ҳамаи феълҳо (равон гаштанд, меборид, пинҳон мекард, мезад, месӯзонд, сокит мегашт, мепечонд) аз матни боло номбар шуда, талабҳои дигар ҳам ба ҷо оварда мешаванд, бо мақсади мустаҳкамкунии дониш, шояд, муаллим талаб кунад, ки акнун худи хонандагон он феълҳоро айнан истифода карда (ва ё бо тағйир додани шахсу шумораашон) худашон ҳам якто ҷумла созанд. Тахминан, ҷумлаҳои фикркардаи онҳо дар чунин шаклҳо баррасӣ мешаванд, ки онҳоро пеш-пеш хонандае ба тахтаи синф навиштан мегирад: 1. Мошинҳо **равон гаштанд**. 2. Ҳоло борон **борида истодааст**. 3. Дар

вақти бозии «Рустшавакон» ҳар кас ба ҷое **пинҳон мешавад**. 4. Кит душманашро бо думаш **мезанад**. 5. Ҳезумҳои хушк тез **месӯхтанд**. 6. Тафси ҳаво хеле **сокит гашт**. 7. Гулфурӯш гулҳоро бо коғазҳои шаффоф **мепечонд**.

Баъдан, муаллим талаб мекунад, ки кадоме аз феълҳо дар ин ҷумлаҳо амал, ё ки ҳолат ва кадомашон ҳаракати предметро ифода кардаанд.

Ҷавоб: - Дар ҷумлаи якум феъл таркиби **равон гаштанд** буда, аз рӯи маъно ҳаракати предмет (мошинҳо)-ро ифода кардааст. Дар ҷумлаи дуюм **борида истодааст** феъл буда, ҳолати предмет (борон)-ро ифода кардааст. Феълҳо дар ҷумлаҳои сеюм (пинҳон мешавад), панҷум (месӯхтанд) ва шашум (сокит гашт) низ ҳолати предметҳо (ҳар кас, ҳезумчаҳо, тафс)-ро ифода кардаанд. Аммо феълҳои **мезанад, мепечонд** дар ҷумлаҳои чоруму ҳафтум на ҳолату ҳаракат, балки амалеро иҷро кардани предметҳо (кит, гулфурӯш)-ро фаҳмондаанд.

Дар охир, шояд талаб карда шавад, ки хонандагон ба ҳар кадоме аз ин феълҳо савол гузошта, мансубияти онҳо ба шахсу шумора ва замонҳо, бо андаке кӯмаки муаллим ҳам, шарҳ диҳанд. Дар мачмӯъ ҷавоб ба ин супориш бояд чунин сурат бигирад: Феълҳои **равон гаштанд** ба саволи **чӣ кор карданд?**, **борида истодааст** ба саволи **чӣ кор карда истодааст?**, **пинҳон мешавад** ба саволи **чӣ мешавад?**, **месӯхтанд, мепечонд**, ба саволи **чӣ кор мекард?**, феъли **пинҳон мешавад** ба саволи **чӣ мешавад?**, ва **сокит гашт** ба саволи **чӣ шуд?** ҷавоб мешаванд. Аз феълҳои номбаршуда **равон гаштанд, месӯхтанду мепечонд, сокит гашт** замони гузаштаро, феъли **борида истодааст**, замони ҳозираи давомдор ва феълҳои **мезанад, пинҳон мешавад** замони ҳозира – ояндаро ифода мекунанд.

Аз чиҳати мансубияташон ба шахсу шумора феълҳои мазкурро ин тавр бояд шарҳ дод: Феълҳои **равон гаштанд, месӯхтанд** шахси сеюми шумораи ҷамъро дар замони гузашта, **борида истодааст** шахси сеюми шумораи танҳоро дар замони ҳозира, феълҳои **пинҳон мешавад, мезанад** шахси сеюми танҳоро дар замони ҳозираву оянда мефаҳмонанд.

Боз муҳим аст, ки бо мақсади дар хонандагон ташаккул додани маҳорати аз рӯи маъно (амал, ҳолат ва ҳаракат) ва шахсу шумора ба гурӯҳҳо ҷудо карда тавонистан як силсила феълҳо қироат карда шаванд ва ё намоиш дода шаванд, то ки бо навбат кадом шахсу шумора ва чиро ифода кардани ҳар як феълро бо роҳи саволгузорӣ шарҳ диҳанд. Масалан, чунин феълҳоро: **омадан, гирифтанд, мехонад, навишт, нигоҳ кард, хандид,**

нишастанд, гуфта истодааст, меравад, зиқ шуд, бурид, шунав, фаҳмид, мебинад, баромад, давид, хоҳад рафт, хоҳад хонд ва ғ.

Намунаи ин супориш бояд бо тартиби зайл ба субут расад: Омаданд. - чӣ кор карданд? **Омаданд**, ҳамчун феъл, аз рӯи маъно ҳаракати предметро ифода карда, мазмунан шахси сеюми ҷамъро дар замони гузашта мефаҳмонад ва ғ.

Ниҳоят, пас аз иҷрои супориши фавқ муаллим аз маҷмӯи маълумотҳои додашуда бо чунин хулосаҳо мавзӯи дарси аввалро ҷамъбаст менамояд: 1. Феълҳо калимаҳое мебошанд, ки аз рӯи маъно амал, ҳолат ва ҳаракати предметҳоро мефаҳмонанд. 2. Феълҳо ба саволҳои **предмет чӣ кор кард?, чӣ шуд?, чӣ кор карда истодааст?, чӣ хоҳад шуд?, чӣ хоҳад кард?** ва ғ. ҷавоб мешаванд. 3. Феълҳо дорои се замон буда, дар замонҳои гуногун (гузашта, ҳозира ва оянда) ба вуқӯъ омадани кору ҳаракат ва ё воқеаву ҳодисаҳои ба ин ё он предмет алоқамандро дар худ инъикос мекунанд. 4. Феълҳо дар ҷумла, асосан, ба вазифаи хабар омада, барои ифодаи фикри том хизмат мекунанд. 5. Феълҳо дорои се шахс ва ду шумора мебошанд.

Инчунин, лозим ба таъкид аст, ки бо тайёрии ҳаматарафа ташкил намудану гузаронидани ҳар як мавзӯи дарси ба таълими феълҳо бахшидашаванда бояд зина ба зина хонандагонро ба хулоса оварад, ки шохсутуни асосии нутқи шифоҳиву хаттии мо ҳамеша феълҳо буданд, ҳастанд ва минбаъд ҳам мешаванд. Чунки бе истифодаи феълҳо (феълҳои тасрифӣ), ки вазифаи асосиашон дар ҷумла хабар шуда омадан аст, бо боварии кул метавон гуфт, ки томияти фикр дар зиёда аз 85-90 фоизи нутқи (ҷумлаҳои) мо ғайриимкон мегардад. Ба ҷуз ин, дар рафти таълими ҳар як мавзӯи боби «Феъл» аз таъкидҳои доимии муаллим, чунон ки дар огоз ҳам зикраш рафт, бояд хонандагон дарк намуда истанд, ки маҳз донишҳои дақиқи доир ба ҳамин боб андӯхта ба онҳо имкон медиҳад, ки омӯзиши бисёр масъалаҳои муҳими синтаксиси ҷумлаҳои соддаву мураккаб бароямон осонтар ва зиёда аз ин, шавқовартар гардад. Хусусан, барои таълими ҳаматарафаи асосҳои феъл, намудҳо (мутлақ ва давомдор), замонҳо ва ба хусус, шаклҳои замони гузашта ва ҳозираи феълҳо, инчунин, сиғаҳои феъл тайёрии ҷиддии муаллим зарурати беҳад дорад. Чунки маҳз тобишҳои гуногуни маъноии феълҳо дар ҷумла ба тавассути мазмуну мундариҷаи масъалаҳои мазкури феълҳо ифода меёбанд, ки аз тарафи хонандагон мувофиқи талаботи меъёрӣ аз худ карда шуданашон, бешубҳа, боиси ташаккули нутқи муассири онҳо хоҳад гардид.

Дар бобати масъалаҳои номбаршуда, пеш аз ҳама, зарур аст, ки таълими мавзӯи «Ду асоси феъл» дар заминаи мисолҳои басо

боэътимоду иҷрои машқҳои талабашон гуногун ба роҳ монда шавад. Ин нукта, ба андешаи мо, аз он ҷиҳат зарурати беҳад дорад, ки маҳз бо донистани мафҳуми асосҳои феъл ба хонандагон ҳифзи тасрифи феълҳо (асосҳои феъл) чи бо бандҳои феъливу хабарӣ, шаклҳои гуногуни замонҳои феъл, хусусан, шаклҳои феъли замони гузашта ва чи сарфаҳм рафтан ба тарзи сохта шудану фарқияти маъноии шаклҳои тасрифнашавандаи феъл (масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол) бештар муяссар хоҳад гашт. Масалан, ҳангоми таълими мавзӯи «Масдар» муаллим басо ба осонӣ мефаҳмонад, ки он шакли якуми феълҳои тарифнашаванда буда, аз асоси замони гузаштаи феъл (хонд, рафт, омад ва г.) бо иловаи суффикси **-ан** (хондан, рафтан, омадан) сохта шуда, чун феълҳои тасрифӣ дорои шахс, шумора, замон ва сиға намебошад. Ҳамчунин, фаҳмондани он ки бо ҳамин асоси замони гузаштаи феъл ду шакли сифати феълии замони гузашта: а) бо иловаи суффикси **–а**: суханҳои **гуфта**, марди **кордида;** б) бо суффикси **–агӣ**: гулҳои шукуфт**агӣ**; одами **дидагӣ** ва шакли якуми феъли ҳол (бо суффикси **–а**: китобро **хонда**, ба касе **нигариста**) сохта мешаванд, барои хонандагон чандон душворӣ нахоҳад овард. Ба ҷуз ин, аз худ шудани шаклҳои масдари ба хонандагон имконияти комил медиҳад, ки ба тарзи сохта шудани сифати феълии замони оянда зуд сарфаҳм раванд, яъне ин шакли сифати феълӣ аз масдар (хондан, гуфтан, пурсидан) бо иловаи суффикси **–ӣ** (хонданӣ, гуфтанӣ, пурсиданӣ; чизҳои **хӯрданӣ**, гапҳои **гуфтанӣ**, хоҳиши **пурсиданӣ**) сохта мешавад. Донистани асоси замони ҳозираи феъл, ки он шахси 2-юми танҳоро (дав, гӯй, хон) мефаҳмонад, ба хонандагон имкон медиҳад, ки зуд ба тарзи эҳё шудани сифати феъли замони ҳозира, ки аз ҳамин асоси феъл бо иловаи суффикси **–он** (-ён) (давон, гӯён, сурудхонон) сохта мешавад ва ҳам ба мафҳуми сиғаи амрӣ (хон-хонед, рав-равед, кор кун – кор кунед) зудтару бошуурона сарфаҳм раванд ва г.

Инак, дар маҷмӯъ агар дар таълими ҳар як дарси боби «Феъл» муаллим аз методу усулҳои дилхоҳ, маводи дидактикии барҷаста ва аз ин ё он хели диктанти таълимӣ ба мавқеъ истифода карда, мавзӯъро бо забони буррову фасеҳ баррасӣ намояд, бешубҳа метавон гуфт, ки хонандагон аз оғоз то ибтидо ба аксари масъалаҳои ҳамин боби мураккаби грамматика низ сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд. Хусусан, дар дарси ҷамъбасти такрори ин боб, агар дар заминаи таблитсаи (29) зерин сурат гирад, дониши хонандагон боз ҳам мустаҳкамтар хоҳад шуд:

Таблитсаи 29



Чунон ки мебинем, дар асоси таблитсаи ҷомеи мазкур имконияти пурра ҳаст, ки ба ҷуз шаклҳои тасрифнашаванда, аксари мавзӯъҳо ва ё хусусиятҳои барҷастаи феъл –асосҳои феъл, шахсу шумора, намуд, хел ва сохти феъл, ҳатто замонҳо ва сиғаҳои он такрор карда шавад. Ба ҷуз ин, бо кӯмаки андаки муаллим хонандагон ба таблитсаи «Асосҳои феъл» такя намуда метавонанд тарзи сохта шудани шаклҳои тасрифнашавандаи феъл, пеш аз ҳама, масдарро ба хотир оваранд. Албатта, дар ин дарси такрор бахотироварии масъалаҳои номбаршудаи феъл танҳо бо гуфтани таърифу қоидаҳо ва шарҳи мисолҳои дар таблитса буда хотима намеёбад. Ҳамчунин, лозим аст, ки хонандагон бо талаби муаллим бояд дар маҷмӯъ ба ҳар як мавзӯи таркибии феъл – асосҳо, шахсу шумора, замонҳо, сиғаҳо, хел ва намуду сохти феълҳо аз худ ҳам мисолҳо оварда, ҳамзамон, аз машқҳои китоби дарсӣ, ки пешакӣ аз тарафи муаллим интихоб шудаанд, хусусиятҳои марбути феълро шарҳ диҳанд.

§ 56. Чанд сухан дар бораи таълими сифати феълӣ ва феъли ҳол

Воқеан ҳам, баррасии назария ё худ дастраси хонандагон намудани ин ду шакли тасрифнашавандаи феъл дар синфи 6, ки доир ба роҳҳои сохташавиашон дар фавқ маълумот додем, дар тӯли ҳар соли хониш на танҳо шогирдонро, балки аксари омӯзгоронро хам ба мушкилоте рӯ ба рӯ мекунад. Хусусан, пас аз чанде аз таълими сифати феълӣ нагузашта, хонандагон ҳангоми таҳлили морфологии ҷумла аксар сифатҳои феълиро, ҳамчун сифат, маънидод мекунанд. Ва ё шакли якуми феъли ҳол (хонда, гирифта)-ро аз шакли якуми сифати феълӣ (омада,шунида), ки ин ҳар ду шакл ҳам аз асоси замони гузаштаи феъл (омад, хандид) бо илова кардани суффикси –а (омада, хандида) сохта мешаванд, аксар ба ҳам омехта мекунанд. Аз ин лиҳоз, мо яке аз роҳҳои раҳоӣ аз ин мушкилотро дар он мебинем, ки агар таълими ин ду шакли феълӣ дар заминаи истифода аз усули муқоиса ба роҳ монда шавад. Ба ин нукта ҳоло тартиби ҷобаҷогузории маводи барномавӣ (с.2006) ҳам мусоидат мекунад. Зеро ҳоло дар синфи 6 феъли ҳол на чун мувофиқи пешниҳоди барномаҳои солҳои 1994, 2001, 2002 дар огози соли таҳсил пеш аз боби «Сифат», балки мутобиқи талаби барномаи соли 2006 пас аз фасли «Сифати феълӣ» таълим дода мешавад, ки дар ин бобат мураттибон, асосан, принсипи аз содда ба мураккаб рафтанро ба инобат гирифтаанд. Аз ин ҷиҳат, дар барнома (с. 2006) аз рӯи чунин тартиб пешниҳод шудани маводи фаслу бобҳо («Сифат»,

«Сифати феълӣ», «Феъли ҳол»)[260] пурра имкон медиҳад, ки дарсҳои аввали ба сифати феълӣ бахшидашаванда дар муқоиса бо сифату феъли ҳол бо сифати феълӣ таълим дода шаванд, ки мантиқан ҳам мақсаднок аст. Барои ҳамин ҳам, мо, пеш аз ҳама, бо мақсади роҳи самараноки таълими дарси якуми сифати феълро ба роҳ мондан, ки бо ҳамин ном («Сифати феълӣ») баррасӣ мешавад, аз мисолҳои зерин истифода намуданро, ки дар ду сутун дода шудаанд, авлотар медонем.

суханҳои дилкаш – суханҳои шунида
меҳмони шаҳрӣ – меҳмони омада
таомҳои болаззат – таомҳои пухтагӣ
гулҳои рангоранг – гулҳои шукуфтагӣ
меваҳои тирамоҳӣ – меваҳои хӯрданӣ

Чунон ки аз таъкиди дар фавқ омада маълум гардид, дарси аввали ба мавзӯи «Сифати феълӣ» бахшидашаванда пас аз таълими боби «Сифат» сурат мегирад. Аз ин рӯ, пас аз лаҳзаи такрори хусусиятҳои барҷастаи сифат, ҳамчун хиссаи нутқ, муаллим мавзӯи нав – «Сифати феълӣ»-ро эълон намуда, диққати хонандагонро ба мисолҳои фавқ, ки пешакӣ дар ватман ва ё дар доскаи сайёр дар ду сутун баррасӣ шудаанд, ҷалб сохта метавонад бо чунин мазмун фикрашро идома диҳад: - Бачаҳо, мо дар тӯли 4-5 ҳафтаи гузашта дар дарсҳои забони тоҷикӣ танҳо дар бораи сифат ва хусусиятҳои он маълумот додем. Ва имрӯз шумо дар бораи ин ҳиссаи нутқ бисёр чизҳоро медонед: таърифи сифатро, хелҳои сифат-сифатҳои аслӣ ва нисбиро, дараҷаҳо ва сохти сифатро. Аз ҷумла, медонед, ки сифатҳо ҳамеша бар эзоҳи исм (предметҳо) омада, ба он бештар ба воситаи бандаки изофӣ алоқаманд мешаванду ба саволҳои **чӣ хел?, чӣ гуна?, кадом?** Лекин дар синфи **5** мо бо шумо боз ду ҳиссаи нутқ –исм ва феълро омӯхта будем. Хусусан, бо таълими боби «Феъл» ва дарсҳои такрори солона соли таҳсилро дар синфи 5 ҷамъбаст намуда будем. Акнун мо аз ҳамин соат сар карда чанд дарсамонро ба таълими шакли дуюми феълҳои тасрифнашаванда, ки **сифати феълӣ** ном гирифтаанд, мебахшем. Вале оё медонед, ки чаро ин шакли феълӣ чунин ном, яъне сифати феълӣ ном гирифтааст? Ҳам сифату ҳам феъл. Чаро ин тавр?...

Албатта, ин саволҳо дар маҷмӯъ танҳо як саволи риторикӣ буда, маҳз ба хотири ҷалб намудани диққати аҳли синф ба ҳамин

[260] Ниг: Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI, с.10.

ҷиҳати басо нозук ва ё мураккаби масъалаи сифати феълӣ бояд дода шаванд. Ва дар чунин лаҳза, ки аксар ҷавоби ин саволро ҷустуҷӯ мекунанд, муаллим меафзояд: - Барои он ин шакли феълӣ **сифати феълӣ** ном гирифтааст, ки дар он хусусиятҳои ҳамин ду ҳиссаи нутқ, яъне ҳам феълу ҳам сифатро метавон мушоҳида намуд. Ана (ба мисолҳои дар доска буда ишора карда), нигаред ба мисолҳои ин ҳар ду сутун. Чунон ки мебинед, мисолҳо дар ҳар ду сутун дар қолаби ибораҳои изофӣ (суханҳои дилкаш, меҳмони шаҳрӣ, суханҳои шунида, меҳмони омада ва ғ.) оварда шудаанд, ки ҷузъҳои асосиашонро исмҳо (суханҳо, меҳмон ва ғ.) ташкил додаанд. Аммо ҷузъҳои тобеъро дар ибораҳои сутуни чап сифатҳо, вале дар ибораҳои сутуни рост калимаҳои **шунида, омада, пухтагӣ, шукуфтагӣ, хӯрданӣ** ташкил медиҳанд, ки чунин калимаҳоро **сифати феълӣ** меноманд. Тавре мебинем, ин калимаҳо низ чун сифатҳо бар эзоҳи исмҳо (ё худ предметҳо) омада, ба онҳо, яъне ба исмҳо, ба воситаи бандаки изофӣ алоқаманд шудаанд. Дигар ин, ки сифатҳои феълӣ ҳам ба мисли сифатҳо ба саволҳои сифат ҷавоб мешаванд. Чунончи, дар ибораи **суханҳои шунида** калимаи **шунида** ба саволи **чӣ гуна?** ҷавоб мешавад. – Чӣ хел суханҳо? Ҷавоб: - Суханҳои **шунида**. Ҳамин тавр, чун калимаи **шунида** калимаҳои **омада, пухтагӣ, шукуфтагӣ, хӯрданӣ** дар таркиби ибораҳои **меҳмони омада, таомҳои пухтагӣ, гулҳои шукуфтагӣ, меваҳои хӯрданӣ** ба саволҳои сифат – **чӣ хел? ё чӣ гуна?** ҷавоб мешаванд. Яъне монандии сифатҳои феълӣ ба сифатҳо, асосан, аз ду ҷиҳат дар мадди назар аст: а) бар эзоҳи исм омада, чун сифат ба он ба воситаи бандаки изофӣ алоқаманд мешаванд; б) мисли сифат ба саволҳои **чӣ хел?, чӣ гуна?** ҷавоб мешаванд.

Акнун бояд донем, ки аз рӯи кадом хусусиятҳо калимаҳои мазкур, яъне **шунида, омада, пухтагӣ, шукуфтагӣ, хӯрданӣ,** ба феълҳо шабоҳат доранд? Бояд донист, ки аз ҷиҳати сохт ҳамаи ин калимаҳо сохта буда, решаи ҳамаашонро асоси замони гузаштаи феъл – **шунид, омад, пухт, шукуфт, хӯрд** ташкил медиҳад. Сониян, ин калимаҳо чун феълҳо ин ё он замонро, масалан, калимаҳои **шунида, омада, пухтагӣ, шукуфтагӣ** замони гузашта, вале **хӯрданӣ** замони ояндаи феълро ифода карда, мисли феълҳо гузаранда (шунида, хӯрданӣ) ва монда (давида) мешаванд. Ниҳоят, ин калимаҳо аломати ба ин ё он ҳолату ҳаракат алоқаманд будаи предмет – исмҳоро ифода мекунанд. Чунончи, агар калимаҳои **шунида** ва **пухтагӣ** ҳолати предметҳо – **суханҳо, таомҳоро** ифода кунанд, калимаи **омада** ҳаракати предмет – меҳмонро мефаҳмонад.

Ҳамин тавр, калимаҳои **шунида, омада, пухтагӣ, шукуфтагӣ, хурданӣ,** ки дар таркиби ибораҳои номбурда бар эзоҳи исмҳо омадаанд, ба хусусиятҳои ду ҳиссаи нутқ, яъне ҳам ба сифату ҳам ба феъл молик буда, аз рӯи дорои чунин хусусиятҳо буданашон ин гуна калимаҳо ва амсоли инҳоро **сифати феълӣ** меноманд.

Ана, дар хамин лаҳза, ки мафҳуми сифати феълӣ як андоза ба хонандагон дастрас мешавад, муаллим метавонад ба шарҳи роҳҳои сохта шудани шаклҳои сифати феълӣ, сипас, бо мақсади мустаҳкамкунии мавзӯъ онҳоро ба ичрои машқу супоришҳои гуногун ва саволу ҷавоб омода созад.

Тавре таъкид намудем, феъли ҳол ҳам аз қабили мавзӯъҳоест, ки дар таълим баъзе душвориҳоро пеш меоварад. Ин мавзӯъро ҳам хонандагон кам мефаҳманд, фаҳманд ҳам, шакли якуми феъли ҳолро (хонда, шукуфта) бо шакли якуми сифати феълӣ (хонда, шукуфта) ба сабаби айнияти якхела доштанашон аз ҳама фарқ намекунанд. Барои ҳамин ҳам, дар оғози баёни таълими дарси аввали ба мавзӯи «Феъли ҳол» бахшидашаванда аз мисолҳои зерин, ки пешакӣ дар доскаи сайёр дар ду сутун баррасӣ гардидаанд, истифода бурдан мувофиқи мақсад мебуд:

суханҳои **шунида** – суханҳоро **шунида**
меҳмони **омада** – меҳмон **омада**
таомҳои **пухтагӣ** – таомҳоро **пухта**
гулҳои **шукуфтагӣ** – гулҳо **шукуфта**
меваҳои **хӯрданӣ** – меваҳоро **хӯрда**

Чунон ки мебинем, калимаҳо ва ҳатто ибораҳои сутуни чап дар ин мисолҳо ба хонандагон шиносанд. Дар воқеъ, хонандагон ҳам дарҳол ҳис мекунанд, ки муаллим ибораҳои дар сутуни чап бударо барои дар муқоиса бо сифат шарҳ додани сифати феълӣ ба ҳайси мисолҳо намоиш дода буд.

Инак, ҳамин ки хонандагон мисолҳои дар сутунҳо бударо аз назар гузаронида, барои фаҳмидани мавзӯи нав, яъне «Феъли ҳол» омодагӣ мегиранд, муаллим ба шарҳи мавзӯъ, гахминан, ин тавр шурӯъ мекунад: - Имрӯз мо ба шумо дар бораи хусусиятҳо ва роҳҳои сохта шудани шакли дигари феълҳои тасрифнашаванда, ки **феъли ҳол** ном дорад, маълумот медиҳем. Вале, пеш аз он ки ба моҳияти феъли ҳол сарфаҳм равем, мо бояд мухтасар хусусиятҳои сифати феълиро ба хотир орем. Канӣ гӯед:

–Сифати феълӣ ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

–Сифати феълӣ ба саволҳои **чӣ хел?, чӣ гуна?, кадом?** ҷавоб мешавад.

–Ба ин саволҳо боз кадом ҳиссаи нутқ ҷавоб мешавад?
–Ба ин саволҳо, пеш аз ҳама, сифат ҷавоб мешавад.
–Сифати феълӣ бар эзоҳи кадом ҳиссаи нутқ меояд?
–Бар эзоҳи исм?
–Сифати феълӣ чӣ тавр ба исмҳо алоқаманд мешаванд?
–Ба воситаи бандаки изофӣ.
–Сифати феълӣ дар ҷумла бештар ба вазифаи чӣ меоянд?
–Бештар ба вазифаи муайянкунанда.
–Бале, ҳамаи ҷавобҳоятон дуруст. Акнун, биёед, ин мисолҳоро (ба мисолҳои дар доскаи сайёр буда ишора карда) аз назар гузаронем.

Чӣ тавре мебинед, мисолҳо ё худ ибораҳои сутуни чап ба шумо шинос буда, калимаҳои дар он ишорашуда, ҳамчун сифати феълӣ, бар эзоҳи исмҳо омада, ба воситаи бандаки изофӣ ба онҳо (исмҳо) алоқаманд гардидаанд. Вале калимаҳои ишорашуда дар сутуни рост, гарчи айнан ҳамон калимаҳои ишорашудаи мисолҳои сутуни чап бошанд ҳам, чун сифатҳои феълӣ ба калимаҳои пеш аз худ омада на тобеъ, балки ҳамин калимаҳоро (суханҳоро, меҳмон, таомҳоро, гулҳо, меваҳоро) ба худ тобеъ намуда, дар яклухтӣ қолаби хели дигари ибораҳоро, ки дар забоншиносӣ **ибораҳои феълӣ** меноманд, ташкил додаанд. Дар чунин ибораҳо, яъне ибораҳои феълӣ, алоқаи ҷузъҳо ё ба воситаи пешоянду пасояндҳо, ё ки ба тавассути интонатсия – оҳанги талаффуз сурат мегирад. Чунин ибораҳо низ мисли ибораҳои исмӣ дар нутқи мо ҳангоми гуфтугӯ ва навишт офарида мешаванд. Вале бояд донист, ки ҷузъи асосии ибораҳои феълӣ дар ҷумла бештар ба хабар тобеъ гардида. онро аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ медиҳанд. Масалан, дар ҷумлаи «Гулҳо шукуфта атрофро зебо карда буданд», калимаи **шукуфта** ба хабари ҷумла, ки таркиби **зебо карда буданд** мебошад, тобеъ буда, сабаб ва ё ҳолати зебо шудани атрофро ифода кардааст. Чунончи: - Гулҳо чӣ кор карда буданд? – Зебо карда буданд. – Чиро? – Атрофро. – Чӣ тавр? – Шукуфта.

Инак, ҳамин гуна калимаҳо, ки чун **шукуфта, омада, пухта, шунида, хӯрда** ва амсоли инҳо дар ҷумла тарзу сабабҳои гуногуни иҷро шудани амал, ҳолат ва ҳаракати хабари ҷумларо мефаҳмонанд, **феъли ҳол** меноманд.

Ҳамин тавр, чун лаҳзаи баён ба ҳамин нуктаи фавқ мерасад, муаллим таърифи дар китоби дарсӣ будаи феъли ҳолро ҳам гуфта, пас метавонад ба роҳҳои сохта шудани феъли ҳол (шаклҳои он) низ шурӯъ намояд, ки доир ба ин масъала мо низ дар оғоз каме ишора намуда будем. Ва албатта, таълими дигар мавзӯъҳои ба феъли ҳол алоқаманд – шаклҳои мутлақ ва

давомдор, замонҳо ва вазифаи феъли ҳол дар ҷумла низ аз муаллим тайёрӣ ва масъулияти баландро металабад.

Бояд гуфт, ки дарсҳои ба такрори сифати феълӣ ва феъли ҳол бахшидашавандаро мебояд бо тайёрии пухта, вале шавқовартар ташкил кард: Ҳусусиятҳои барҷастаи ба ин шаклҳои феълӣ марбутро дар панҷ-шаш дақиқаи аввал тариқи саволдиҳӣ муайян намуда, бештар хонандагонро ба ичрои корҳои хаттӣ (ичрои талаби машқҳои китоби дарсӣ, супоришҳои гуногуни муаллим), ки баҳри мустаҳкамкунии донишҳои хонандагон, хусусан, барои шинохтан ва аз ҳам фарқ намудани сифати феълӣ аз феъли ҳол ва баръакс мусоидат кунанд, сафарбар намудан яке аз усулҳои дилхоҳ дониста мешавад.

§ 52. Зарф

Аз ҳиссаҳои мустақили нутқ дар синфи VII танҳо зарф омӯзонида мешавад, ки барои таълими он барнома 12 соат муқаррар кардааст. Ва бояд гуфт, ки доир ба хусусиятҳои ин ҳиссаи нутқ хонандагон бори аввал *шиносой* пайдо мекунанд, гарчанде ки зимни таҳлили морфологӣ ва ҳангоми таълими курси муқаддимавии «Синтаксис ва аломатҳои китобат» дар синфи 5 баъзан калимаҳои зарфӣ аз тариқи саволгузорӣ бештар аз тарафи муаллим бе ягон шарҳи зиёдатӣ, ҳамчун зарф, таъкид мегардиданд.

Маълум аст, ки зарфҳо аз рӯи маънои умумии луғавиашон **аломати амал** ва **аломати аломат**ро бо тобишҳои гуногун ифода карда, маҳз аз рӯи чунин хусусият, яъне доро будан ба тобишҳои гуногун, ба панҷ гурӯҳ: **тарзи амал, замон, макон, миқдору дараҷа, сабаб ва мақсад** чудо карда шудаанд. Вобаста ба ин дар адабиёти методӣ ҳангоми таълими хелҳои зарф зиёда ба масъалаи зарфҳои миқдору дараҷа ва сабабу мақсад, инчунин, дар маҷмӯъ ба имлои зарфҳо бештар ҷалб намудани диққату фаъолияти хонандагон талаб карда мешавад[261]. Вале пеш аз ҳама, дар дарси якуми ба боби «Зарф» бахшидашаванда, ки таърифи зарф ва аломатҳои морфологӣ ва шояд, вазифаи синтаксисии зарф ҳам (дар синфҳои пурқувват. – С.Ш.) таълим дода мешавад, бояд кӯшиш намуд, ки ба хонандагон мафҳуми **аломати амал** ва **аломати аломат**ро фаҳмонидани зарфҳо дақиқ дастрас шавад. Аз ин рӯ, барои ноил шудан ба ин нукта баёни мавзӯро бо истифода аз усули дедуктивӣ, яъне аз гуфтани таърифи зарф оғоз намуда,

---

[261] Ниг: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 166, 167.

бо мақсади шарҳи он – таърифи зарф – диққати аҳли синфро ба мисолҳои зерин бояд ҷалб намуд:

беҳад тафсидан – **беҳад** зебо
ниҳоят монда шудан – **ниҳоят** баланд
бағоят давидан – **бағоят** шӯх
басо хандидан – **басо** оҳиста
андак нишастан - **андак** оромона
хеле фикр кардан - **хеле** калонгирона

Муаллим пас аз як маротиба қироат намудани мисолҳои зерин, ки дар ду сутун дар қолаби ибораҳо оварда шудаанд, таъкид мекунад, ки дар таркиби ибораҳои мазкур ҳамаи калимаҳои ишорашуда зарф буда, ҳамагӣ ба як савол – ба саволи **чӣ қадар?** ҷавоб мешаванд. Масалан, ҷуфти якуми ибораҳо (беҳад тафсидан – беҳад зебо) ба тариқи зайл таҳлил карда мешаванд: Дар ибораи **беҳад тафсидан** ҷузъи асосӣ феъли **тафсидан** буда, калимаи **беҳад** ҷузъи тобеи он аст. Аз ин лиҳоз, ба ҷузъҳои ибораи мазкур гузоштани чунин саволҳо ҷоиз аст: - Чӣ кор кардан? – **Тафсидан**, феъл аст. -Чӣ қадар тафсидан? –Беҳад. Ин калима зарф буда, аломати ба амалу ҳолати феъл алоқамандро ифода кардааст. Вале дар ибораи **беҳад зебо** ҷузъи асосӣ сифат, яъне калимаи **зебо** буда, бар эзоҳи он низ ҳамин калимаи **беҳад**, ки зарф аст, омадааст. Акнун дар ин ибора зарфи **беҳад** на аломати амалу ҳолат, балки аломати аломатро, аниқтараш, сифатро, ки ифодакунандаи ин ё он аломат аст, фаҳмонидааст. Ба ҳамин тариқ, зарфҳо ҳангоми бар эзоҳи феълҳо ё худ хабари ҷумла омадан аз рӯи маъно аломати амалу ҳолати ҳаракатро, вале дар мавриди бар эзоҳи сифатҳо (беҳад **зебо**, ниҳоят **баланд**, бағоят **шӯх**) ё худ зарфҳо (басо **оҳиста**, андак **оромона**, хеле **калонгирона**) омадан аломати аломатро мефаҳмонанд.

Баъдан, чун бо услуби фавқ ҷуфтҳои дигари ибораҳои додашуда ҳам мавриди шарҳу эзоҳ (қисман аз тарафи хонандагон ҳам) қарор дода мешаванд. Сипас, метавон матн ва ҷумлаҳои алоҳидаро аз қабили ҷумлаҳои зайл (аз тариқи экрани компютер ва ё доскаи сайёр) барои муқаррар намудани хусусиятҳои маъноии зарфҳо ва вазифаи онҳо дар ҷумла ба диққати хонандагон гузошт, ки ҳар кадом дорои на камтар аз ду зарф бошанд:

1. **Имсол** ду бор зимистон шуд: **аввал** зимистон аз вақти муқаррарияш **пештар** омад, **якбораву ногаҳон** омад (У.К.). 2. Дастони Акбар **тезтару тезтар** ҳаракат мекунанд, овози софаш **бештару бештар** шира мегирад (У.К.). 3. Дилаш **бисёр** – раҳмгин

ва табиаташ **бисёр** – нозук (У.К.). 4. Қофилаи ӯ бо тамоми ҳашамату дабдаба… **дара ба дара, ағба ба ағба** мегашт (У.К.). 5. Вай бисёр хуб ҳис мекард ва возеҳ мефаҳмид (У.К).

Бояд дар заминаи таҳлили калимаҳои зарфии ин ҷумлаҳо ҷавоби дурусти хонандагон ин тавр ҷамъбасти худро ёбад: Дар ин ҷумлаҳо зарфҳои **имсол, аввал, пештар, якбораву ногаҳон, тезтару тезтар, бештару бештар, дара ба дара, ағба ба ағба** аломати амалу ҳолату ҳаракати феълҳо (хабар)-ро, вале зарфи **бисёр** дар ҷумлаҳои сеюм (бисёр – раҳмгин, бисёр - нозук) ва чорум (бисёр хуб) аломати аломатро ифода кардааанду дар маҷмӯъ ҳамаи ин зарфҳо дар ҷумлаҳои мазкур ба вазифаи ин ё он хели ҳол омадаанд.

Инак, чунин амалҳои дар фавқ баррасигардида бояд зимни таълими ҳар як хели зарф ва ҳатто дар ҷараёни таълими сохти зарфҳо бояд дар мадди назари доимии ҳам муаллим ва ҳам хонандагон қарор дошта бошад. Хусусан, чунон ки дар оғоз ҳам таъкид шуда буд, ҳини таълими сохти зарфҳо ҷалб намудани диққати асосии синф ба имлои зарфҳои таркибиву мураккаб, ки дар навиштаҳои хонандагон хатоҳои зиёде ба назар мерасад, бештар зарурат дорад. Ҳангоми мустаҳкамкунӣ – саволу ҷавоб ва иҷрои супоришу талаби машқҳои китоби дарсӣ, мувофиқи талаби барнома, ба он бояд ноил шуд, ки хонандагон на танҳо дар матнҳои гуногун зарфҳо ва хелҳои онҳоро муайян карда метавонистагӣ шаванд, балки онҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳии худ ба мавқеъ истифода ҳам карда тавонанд. Дар баробари фарқи зарфро аз сифат донистан, ҳамчунин, донанд, ки як силсила сифатҳо вобаста ба мавқеи дар матн доштаашон хусусиятҳои зарфӣ пайдо намуда, чун зарфҳо аломати амалу ҳолат – хабари ҷумларо ифода мекунанд. Масалан, агар дар ибораҳои **бинои баланд, кори хуб, рафтори бошуурона,** калимаҳои **хуб, бошуурона, ҳамчун сифат,** аломати предметҳо (исмҳо)-ро ифода кунанд, дар таркиби ибораҳои феълии **баланд хандидан, хуб хондан, бошуурона рафтор кардан** ин калимаҳо хусусияти зарфӣ гирифта, аломати бо амалу ҳолат алоқамандро фаҳмондаанд. Махсусан, ба дарси такрори боби «Зарф» бо тайёрии пухта омодагӣ гирифтани ҳам муаллим ва ҳам хонандагон бояд ҷиддӣ бошад. Зеро миқдори соатҳои ба ин боб муқарраркардаи барнома (12 соат) имкон медиҳад, ки доир ба ин боб ягон кори хаттии санҷишӣ ҳам гирифта шавад. Пас, дар дарси такрори боби «Зарф» ба ҷуз саволу ҷавобу иҷрои супоришҳои гуногун (таҳлили пурраи зарфҳо, дар ҷумлаҳои сохтаи худ истифода намудани ин ё он хели зарф, дар ҷумлаҳои гуфтаи муаллим аз худ ворид сохтани зарфҳо ва г.) аз рӯи чунин

таблитсаи (30) истилохотӣ, ҳам ки дар маҷмӯъ хелҳои зарфро фаро гирифтааст, санҷидани паҳлӯҳои гуногуни дониши доир ба зарфҳо азхудкардаи хонандагон натиҷаи хуб хоҳад дод.

Таблитсаи 30



§ 53. Ҳиссаҳои номустақили нутқ

Ташкили дарсҳои ба ҳиссаҳои номустақил ё худ ёридиҳандаи нутқ бахшидашаванда (дар синфи VII) низ аз муаллим масъулиятнокии баландро талаб менамояд. Бояд ҳар як дарси, хусусан, дарсҳои ба таълими пешоянду пайвандакҳо бахшида мешудагӣ ҷолибтару шавқовар ташкил карда шавад. Зеро аз синфҳои ибтидоӣ (с. III-IV) ба хонандагон, баъзе пешояндҳо, асосан, пешояндҳои аслӣ (аз, ба, дар, бе, бо, барои, то), пасоянди – **ро**, инчунин, пайвандаки **ва** шинос буда, аксар дар матн пешоянд будани, ба хусус, калимаҳои **аз, ба, дар**, пайвандак будани **ва**-ро дарҳол медонанду мешиносанд ва ҳатто амалан дар ҷумлаҳои худ истифода буданро ҳам. Аз ин ваҷҳ, мақсади таълими ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ дар синфи VII иборат аз он аст, ки донишҳои пешинаи хонандагон дар ин бобат боз ҳам мустаҳкамтар, ҳамзамон, он донишҳо марбут ба хусусиятҳои морфологиву вазифаи онҳо, яъне ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, инкишоф дода шаванд.[262]

Зиёда аз ин, мувофиқи талаби барнома (с. 2006), ба хонандагон доир ба тобишҳои маъноии ҳиссаҳои ёридиҳандаи

---

[262] Нигр: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с. 210.

нутқ додани маълумоти меъёрӣ таъкид гардидааст[263], ки ин нукта низ яке аз масъалаҳои мубрам дар ҷараёни таълими онҳо маҳсуб меёбад. Ва ин нуктаҳо, яъне мақсадҳои асосии дар фавқ зикршудаи таълими ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ ба хонандагон дар ҳамон як дарси аввал, ки ба ин гурӯҳи ҳиссаҳои нутқ маълумоти умумӣ баррасӣ мегардад, бояд ҳатман таъкид карда шавад, то ки онҳо пешакӣ масъулияти баландро нисбат ба масъалаи мавриди назар эҳсос намоянд.

§54. Пешоянд ва пасояндҳо

Чунон ки гуфтем, доир ба пешоянду пасояндҳо ва вазифаи онҳо дар таркиби ибора ва ҷумла хонандагон ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ (с.III-IV) амалан шиносоӣ пайдо намудаанд. Акнун он маълумотҳо дар синфи VII бояд ҷамъбаст ва инкишоф дода шаванд. Чунончи, дар бораи мафҳуми хел, сохту вазифа ва тобишҳои маънои пешояндҳо ва инчунин дар заминаи маводи дидактикӣ доир ба фарқи онҳо аз префиксҳо, аз ҷумла, фарқи пешояндҳои **ба, бо, бе, бар, дар, то** аз префиксҳои **ба-, ба-, бо-, бе-, бар-, дар-, то-,** ки ба ҳам чун калимаҳои омонимӣ шабоҳат доранд[264], бори аввал ба хонандагон маълумот дода мешавад. Хусусан, аз дарси аввал фаҳмондан лозим аст, ки пешояндҳо, асосан, пеш аз исму ҷонишин ва аз шаклҳои тасрифнашавандаи феъл бештар бо масдар (ба хона, аз шаҳр, ба шумо, аз ҳама, ба хондан, ба шунидан ва ғ.) омада, алоқаи онҳоро бо ин ё он амали дар ҷумла инъикосшаванда (бо феълҳо ва хабарҳо) таъмин месозанд, ки дар натиҷа ё қолаби ибораҳои гуногун, хусусан, ибораҳои феълӣ, ба вуҷуд меоянд, ё ин ки томияти фикр дар ҷумла имконпазир мегардад. Чунончӣ: **ба хона** рафтан. **Ба хона** рафт; **аз шаҳр** омадан – **Аз шаҳр** омад; **ба шумо гуфтан – Ба шумо** гуфт; **аз ҳама** пурсидан – **Аз ҳама** пурсид; **ба хондан** шавқ доштан – **Ба хондан** шавқ дошт; **ба шунидан** омода шудан – **Ба шунидан** омода шуд; ва ғ. Барои он ки нуктаи мазкур аз тарафи хонандагон бошууронатар дарк карда шавад, супориш додан лозим, ки бигузор, онҳо дар навбати аввал дар қолаби мисолҳои дар фавқ додашуда бо иваз кардани як ё ду калима (ё пешояндро, ё калимаи бо пешоянд омада ва ё феъл ё хабарро) мисолҳои худро тартиб диҳанд. Дар ин бобат, албатта, нишон додани намунаи ичрои супориш аз тарафи муаллим зарурат дорад. Чунончи: а) **ба хона рафтан**: ба шаҳр рафтан, аз шаҳр рафтан, ба

---

[263] Ниг: Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI, с. 12-13.

[264] Ниг: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. с. 193

шаҳр омадан, аз шаҳр омадан; б) **ба хона рафт:** аз хона омад, аз мактаб омад, ба мактаб рафт ва ғ. Сипас супориш додан лозим, ки фарз кардем, ба ҷои нуқтаҳо дар мисолҳои зайл (даҳонӣ қироат карда мешаванд ё ба воситаи экрани кодоскоп ё компютер намоиш дода мешавад) калимаҳои лозимаро гузошта, тахминан қолаби ибораҳои пешояндиро барқарор созанд: 1) аз .... паррондан, дар ... давидан, аз ... нигоҳ кардан, аз ... баромадан, аз ... фаҳмидан, то ... рафтан, то ... интизор шудан, дар назди ... истодан, бе ... пешвоз гирфтан, барои ... кор кардан, ба назди ... рафтан, аз ... ҷӯшидан, дар ... гузоштан, дар ... печондан, дар болои ... нишастан, дар рӯи ... гузоштан, ба ... дакка хӯрдан, бо ... баҳс кардан, дар бораи ... орзу кардан; 2) курта барои ..., порчае аз ..., хона барои ..., ҷой барои ..., мактуб ба ..., роҳ ба ..., бозӣ дар ..., биное дар ..., одаме аз..; 3) аз ... дур, аз ... касал, барои ... фоиданок, барои ... муҳим, аз ... зихна, аз .... накӯкор, то ... накӯкор, ба ... монанд, аз ... мехрубон[265], ва ғ.

Намуна: аз .... парондан – аз тӯп парондан; курта барои ... – курта барои кӯдакон, аз ... дур – аз шаҳр дур ва ғ.

Албатта, ичрои супориши боло вақти зиёдеро мегирад, лекин натиҷаи ичрояш самараи нек хоҳад дод. Аз ин ваҷҳ, муаллим метавонад идомаи ичрои ин корро, ҳамчун вазифаи хонагӣ, низ супориш диҳад. Илова бар ин, ба хонандагон метавон супориш дод, ки аз худ 5-6 тогӣ ҷумлаҳое навишта оянд, ки дар ҳар кадом аз ҳамин ибораҳои сохтаашон як-дутогӣ истифода шуда бошанд.

Чунон ки гуфтем, ба хонандагон шарҳ додани тобишҳои маъноии пайвандакҳо, ки аслан, чунин хусусияти онҳо дар таркиби ибораву ҷумлаҳо зоҳир мешавад, низ аз ҷумлаи маълумотҳои нав маҳсуб мешавад. Ин нукта бояд ҳангоми дар алоҳидагӣ таълим додани вазифаи ҳар як пешоянди аслӣ ва миқдори он соатҳое, ки ба таълими пешояндҳои таркибии номии изофӣ (ба пеши, дар назди, аз хусуси, дар вақти, ба сабаби, ба мақсади...) ва беизофа (баъд аз, пеш аз, бахшида ба, назар ба) бахшида мешаванд, дар мадди назари ҳам муаллим ва ҳам хонандагон бошад. Ва азбаски дар алоқамандӣ бо пешояндҳо пасояндҳо ҳам таълим дода мешаванд, лозим аст, ки умумият ва фарқияти ин гурӯҳи калимаҳо, ки миқдоран хеле каманд (асосан, инҳоянд: **-ро, боз, ин ҷониб, замон, замоно, ҳамон, ҳамоно, шуда, катӣ, қатӣ:** китоб**ро** хондан, дирӯз **боз** интизор шудан, як моҳ **ин**

---

[265] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с-211.

ҷониб серкор будан, дидан **замон** шинохтан, гуфтан **ҳамон** ба хотир овардан, муаллим **шуда** кор кардан, падарам **катӣ** ва ғ.) бояд дар муқоиса бо пешояндҳо, хусусан, аз мавқеи ҷояшон дар таркиби ибора ва ҷумла, фаҳмонда шавад ва ҳамзамон, маънидоди тобишҳои маъноии онҳо, яъне пасояндҳо, ки ба маънои ибораву мазмуни ҷумлаҳо зам мекунанд, на бояд фаромуш гардад.

§ 55. Пайвандакҳо

Маълумоти хонандагон доир ба пайвандакҳо назар ба пешояндҳо, ки аз синфҳои ибтидоӣ гирифтаанд, маҳдудтар аст. Чунон ки гуфтем, ба онҳо аз синфҳои ибтидоӣ (с. III-IV) аксари пешояндҳои аслӣ (ба, бо, бе, то, дар, барои), вале аз пайвандакҳо танҳо пайвандаки **ва** шинос асту бас. Аз ин рӯ, вазифа ва мақсади таълими «Пайвандакҳо» дар синфи VII ва иборат аз он аст, ки на танҳо худи мафҳуми пайвандакҳо, балки дар заминаи маводи хуби дидактикӣ вазифа, хел (пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда), сохт, имло ва тобишҳои маъноии онҳо маълумотҳои мушаххас дода шавад. Хусусан, умумияту фарқият ва мақоми дар сохтори ҷумла доштаи чи пайвандакҳои пайвасткунанда ва чи тобеъкунандаро бо овардани мисолҳои барҷаста намоиш додан аҳамияти амалиро доро хоҳад буд[266]. Барои ҳамин ҳам, ҳангоми таълими мавзӯи аввал лозим аст, ки пас аз андаке маълумот додан дар бораи мафҳуми пайвандак ва хелҳои он диққати хонандагон ба мушоҳидаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобее ҷалб карда шавад, ки дар онҳо яке аз ҷумлаҳои соддаашон чидааъзо ҳам бошад[267]. Чунончи:

1. Рӯзноманигорӣ ба Бобо Насриддинов имконият дод, ки...ҷаҳонбинии сиёсии худро васеъ намояд ва дар таҳлилу арзёбии воқеиву ҳодисаҳо ростгӯву поквиҷдон бошад. (Б.Н.)

2. Поезди навбатӣ расида қарор гирифту дар перрон мавҷи мусофирону пешвозгирандагон аз нав ба ҷӯш омад (Б.Н.).

Ҳангоми таҳлили ҷумлаҳои мазкур, ки дар муайян намудани вазифаи пайвандакҳои дар онҳо буда хонандагон ҳам ширкат меварзанд, аз шарҳу хулосаи муаллим шогирдон бояд фаҳманд, ки дар ҷумлаи якум пайвандаки **ки** ду ҷумлаи содда, вале пайвандакҳои **ва**, **-у** аъзоҳои чидаро (васеъ намояд ва поквиҷдон бошад, таҳлилу арзёбӣ, воқеаву ҳодисаҳо, ростгӯву

---

[266] Ниг: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с.195.

[267] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней

поквичдон) ба ҳам алоқаманд кардаанд. Дар ҷумлаи дуюм бошад пайвандаки –у ду маротиба истифода шуда, якумаш ду ҷумлаи соддаро, дуюмаш аъзои чидда (мусофирону пешвозгирандагон)-ро ба ҳам алоқаманд намудааст.

Ҳамин тавр, аз таҳлили ҷумлаҳои номбурда, ки дар онҳо вазифаи пайвандакҳои дар таркибашон буда муайян карда шудаанд, хулоса бароварда мешавад, ки пайвандак ҳиссаи ёридиҳандаи нутқест, ки дар ҷумла барои ба ҳам алоқаманд намудани аъзоҳои чида ва қисматҳои ҷумлаи мураккаб, яъне ҷумлаҳои соддаи таркиби он, хизмат мекунад.[268]

Пас аз шарҳу маънидоди вазифаи пайвандакҳо дар ҷумлаҳои фавқ бояд муаллим бо мақсади санҷидани хонандагон боз чанд ҷумлаи пешакӣ интихоб намудаашро дикта намояд, то ки пайвандакҳо ва вазифаи дар он ҷумлаҳо доштаи онҳоро мустақилона муқаррар намояд. Масалан, чунин ҷумлаҳоро: 1.Онҳо мерафтанду мерафтанд, **аммо** на чароғе менамуд, на манзил (Б.Ф.). 2. Илҳом гоҳ-гоҳ ба сӯи оҳуҳо менигаристу шитоб мекард, **то ки** зудтар ба тори кӯҳ барояд (Б.Ф.). 3. Вай аз адолату одамгарӣ, доноию хоксории роҳбарони пештара гап мезад (Б.Ф.). 4. Ҳама фикр мекарданд, **ки** он марди пурҳиммат бо чӣ ният дах соли раso бемузду миннат кор карда бошад (Б.Ф.).

Бояд таъкид намуд, ки миқдори соатҳои ба боби «Пайвандакҳо» ҷудонамудаи барнома (9 с.) пурра имконият медиҳад, ки ба таълими ҳар як гурӯҳи пайвандакҳо, яъне ҳам ба таълими пайвандакҳои пайвасткунанда ва ҳам ба таълими пайвандакҳои тобеъкунанда на камтар аз 3-соатӣ бахшида шавад, яъне он миқдори соатҳо ба муаллим пурра имкон медиҳад, ки вазифаи ҳар ду гурӯҳи пайвандакҳо, умумият ва фарқи онҳо аз ҳамдигар, хусусият ва хелҳои пайвандакҳои пайвасткунанда (пайиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ), тобишҳои маъноии пайвандакҳои тобеъкунанда (сабаб, макон, хилоф ва шарту мақсади ичро шудани амали сарҷумларо ифода кардани онҳо) дар заминаи мисолҳои барҷаста шарҳу эзоҳ дода шуда, бо ичрои супоришҳои гуногун аз тарафи хонандагон ичрошаванда мустаҳкам карда шавад. Аз баёни муаллим ва мушоҳидаи мисолҳои интихобкардаи ӯ хонандагон бояд дақиқ фаҳманд, ки пайвандакҳои пайвасткунанда дар таркиби ҷумлаҳои содда аъзоҳои чида ва дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ҷумлаҳои соддаи онро ба ҳам алоқаманд мекунанд, ки чунин навъи алоқаро **алоқаи пайваст** меноманд. Дар алоқаи пайваст чи

---

[268] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с.214.

аъзоҳои чида ва чи ҷумлаҳои содда баробарҳуқуқ мебошанд. Баробарҳуқуқии аъзоҳои чида ба ҳамин маъно. ки **оно**, яъне аъзоҳои чида, ба як савол ҷавоб меҷаванду асосан, ба як ҳиссаи нутқ мансубанд. Вале баробарҳуқуқии ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаб чунин аст, ки аз онҳо яке ба дигаре тобеъ намебошад. Аз ин рӯ, пас аз ҳар кадоме аз ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мазкур аломати нуқта гузошта, ҷумлаи баъдинаро бо ҳарфи калон навиштан мумкин аст. Чунончи: Оҳувон дар як мижа задан нопадид гаштанд. Илҳом боз дар ин барфистон яккаю танҳо монд. – Оҳувон дар як мижа задан нопадид гаштанду Илҳом боз дар ин барфистон яккаву танҳо монд.

Ниҳоят, хонандагон бояд фаҳманд, ки агар дар ҷумлаи мураккаб алоқаи ҷумлаҳои содда ба тавассути пайвандакҳои пайвасткунанда сурат гирифта бошад, чунин ҷумлаҳоро **ҷумлаи мураккаби пайваст** меноманд. Аз ин лиҳоз, ҷумлаҳои мураккаби пайваст, вобаста ба хели пайвандакҳои пайвасткунанда ба се гурӯҳ – пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ ҷудо карда шудаанд.

Сипас, аз дарси аввали ба таълими пайвандакҳои тобеъкунанда (ки, агар, чунки, вақте ки, зеро ки ва ғ.) бахшидашаванда хонандагон боянд фаҳманд, ки чунин пайвандакҳо бар хилофи пайвандакҳои пайвасткунанда дар таркиби ҷумла фақат як вазифа доранд: онҳо танҳо ду ҷумлаи соддаро ба ҳам алоқаманд мекунанд, ки мазмунан яке аз он ҷумлаҳо ба дигаре тобеъ мебошад. Ва аз ин сабаб. ҷумлаи тобеъро дар таркиби чунин ҷумлаҳои мураккаб **ҷумлаи тобеъшаванда** меноманду дигарашро **тобеъкунанда.** Ҷумлаи тобеъшаванда ҷумлаи тобеъкунандаро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад. Аз рӯи чунин хусусияташ ҷумлаи тобеъшавандаро дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб **ҷумлаи эзоҳдиҳанда**, вале ҷумлаи тобеъкунандаро **эзоҳшаванда** меноманд. Аммо дар маҷмӯъ чунин ҷумлаҳои мураккабро, ки алоқаи ҷумлаҳои соддаашон бо роҳи тобеъкунӣ сурат гирифтааст, **ҷумлаи мураккаби тобеъ** меноманд. Инчунин, дар бораи ҷумлаҳои муракаби тобеъ хонандагон дар синфи 7 ҳаминро ҳам фаҳманд, ки пайвандакҳо (тобеъкунанда), асосан, дар таркиби ҷумлаҳои тобеъшаванда, аниқтараш, дар аввали чунин ҷумлаҳо меоянд. Ниҳоят, таъкид намудани ҷои ҷумлаи тобеъкунанда дар таркиби ҷумлаҳои мазкур аҳамияти амалиро дорост: аз таҳлил ва мушоҳидаи мисолҳои аз тарафи муаллим интихобшуда хонандагон бояд ба таври аёнӣ бинанд, ки чунин ҷумлаҳо, яъне ҷумлаҳои тобеъшаванда, вобаста ба тарзи ифодаи фикр бештар пас аз ҷумлаи тобеъкунанда ва камтар пеш

аз он омада метавонанд*. Ҷумлаи тобеъшаванда дар навишт ҳамеша аз ҷумлаи тобеъкунанда ба аломати вергул ҷудо карда мешавад. Чунончи: Гаштирӯзӣ онҳо ба дараи боғе расиданд, ки саросар сабзу хуррам ва обошор буд (Б.Ф.).

Инак, ҳамаи маълумотҳое, ки доир ба назарияи пайвандакҳо ба хонандагон дода мешаванд, бояд дар заминаи мисолҳои боварибахш баррасӣ гарданд. Ҳамчунин, хонандагонро бо мақсади мустаҳкамкунии донишҳои доир бо пайвандакҳо гирифтаашон ба иҷрои супоришҳое дар ҷумлаҳои сохтаи худ истифода намудани ин ё он хели пайвандак, дар матн ба ҷои нуқтаҳо гузоштани пайвандакҳои мувофиқ, дар матн шинохтани хели пайвандакҳо ва муайян намудани вазифа ва сохти онҳо, дар матн иваз намудани як пайвандак бо дигараш ва г.) водор сохтан лозим аст, ки натиҷаи он супоришҳо баҳри баланд бардоштани дараҷаи саводнокӣ, инкишофи нутқи мураттаби шифоҳиву хаттии онҳо, ба хусус, дар синфи 9 дар ҷараёни омӯзиши хусусиятҳои ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ заминаи боэътимод шуда тавонад.

§ 56. Ҳиссачаҳо

Чунонки дар адабиёти методӣ таъкид мешавад, ҳиссачаҳо ба гурӯҳи ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ дохил шаванд ҳам, дар байни онҳо махсусиятҳои худро доро мебошанд[269]. Пеш аз ҳама, онҳо чун пешоянду пайвандакҳо дар нутқ на ҳамчун воситаи алоқаи калима (аъзоҳои чидаи ҷумла) ва ҷумлаҳо, балки барои ба яке аз аъзоҳои ҷумла ва ё ба мазмуни умумии ҷумла бахшидани ин ё он тобиши маъноӣ хизмат мекунанд. Аммо вобаста ба тобишҳои маъноияшон ҳиссачаҳо ба гурӯҳҳое ҷудо карда шудаанд, ки ҳар кадоме аз он гурӯҳҳо аз рӯи вазифаҳои худ дар нутқ (ҷумла) хеле ва хеле аз ҳам фарқ мекунанд, ки ҳамин

---

* **Таъкид.** Дар бораи он ки ҷумлаҳои тобеъшаванда, яъне ҷумлаҳои пайрав, дар мобайни ҷумлаи тобеъкунанда (сарҷумла) ҳам меоянд, мисол овардан шарт нест. Дар ин бобат хонандагон дар синфи 9, ҳангоми таълими ҷумлаҳои мураккаби тобеъ маълумот хоҳанд гирифт. Ҳамчунин, дар бораи ба сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ҷудо намудани ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ маълумот додан на дар синфи 7 марбут ба таълими пайвандакҳо, балки дар синфи 9 низ вобаста ба таълими ҷумлаҳои мураккаби тобеъ талаб карда мешавад.

[269] Ниг: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с. 217. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 196.

хусусияти ҳиссачаҳо дар ҷараёни таълимашон боиси мушкилот гардида, дар ин бобат ба хато роҳ додан баъзан дар шарҳу баёни муаллимон ҳам эҳсос мешавад. Масалан, фарқ накардани ҳиссачаи саволии чӣ? (рафтед чӣ?, гуфтед чӣ?) аз ҷонишини саволии чӣ? (Чӣ гуфтед? Чӣ харидед?, ҳиссачаҳои амрӣ (модалӣ)- и **бинед, равед, биё, мон, бигузор** (Биё, аз баҳри ин кор гузар. Мон, аз пайи ин корҳо нагард.) аз феълҳои амрии **бинед, равед, биё, мон, бигузор** (Рафта ӯро бинед. Китобро дар ҷояш мон), ки хусусияти омонимӣ доранд, дар вақти таҳлили муаллимон низ ба мушоҳида гирифта мешавад ва г. Ҳамчунин, дақиқ нафаҳмидани мавридҳои гузоштани аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои дорои ин ё он хели ҳиссачаҳо буда аз ҷумлаи далелҳои бебаҳс маҳсуб меёбанд. Аз ин ҷиҳат, ба хонандагон дар бораи мафҳуми ҳиссачаҳо ва хелҳои он (саволӣ, тасдиқӣ, инкорӣ, таъкидӣ, маҳдудӣ, ишоратӣ, ва қувватдиҳандаву)* бештар (дар як ду соати аввал) ва албатта танҳо дар заминаи мисолҳои барҷаставу боварибахш маълумот додан талаб карда мешавад[270]. Аниқтараш, пас аз таҳлили мисолҳо, ки дар ҳар яке вазифа ва тобишҳои маъноии ҳиссачаҳо шарҳи худро меёбанд, бо роҳи ҷамъбасткунии хусусиятҳо, аз ҷумла, таърифи ҳиссача ҳам гуфта мешавад, ки ин талаботи асосии усули индуктивии таълим маҳсуб меёбад. Ба ҷуз ин, аз шарҳи муаллим, ки дар асоси далелҳои забонӣ (маводи дидактикӣ) хусусиятҳои ҳиссачаҳо баррасӣ мегарданд, хонандагон бояд дарк кунанд, ки ҳиссачаҳо дар таркиби ҷумла тобишҳои маъноии худро ё дар алоқамандӣ ба яке аз аъзоҳои он, ё ин ки марбут ба мазмуни умумии ҷумла зоҳир мекунанд. Чунончи: 1. Одами меҳрубон буд Шоғадо. **На танҳо** ба одамон, балки ба ҷонварҳо **низ** меҳрубон буд. 2. **Хайр**, ҳамин тавр бошад, таомули хешу таборро кунетон (У.К.).

Чунон ки мебинем, дар мисоли аввал ҳиссачаи **на танҳо** бо таркиби **бо одамон**, ҳиссачаи **низ** бо таркиби **ба ҷонварҳо** омада, аз рӯи тобиши маъноияшон аввалӣ (на танҳо) маҳдудиятро, дуввумӣ (низ) мафҳуми тобиши таъкидӣдоштаро ифода кардааст. Аммо дар мисоли дуввум ҳиссачаи **хайр** ба мазмуни умумии ҷумла – фикри гуфташуда – тобиш ва ё мафҳуми ризоият ва ё қаноатмандии гӯяндаро зам намудааст.

---

* **Таъкид**: ҳангоми мураттаб сохтани барномаи нави таълими забони тоҷикӣ (с.2006) дар боби «Ҳиссача» аз хелҳои он ҳиссачаҳои ишоратӣ саҳван номбар нашудаанд, ки дар нашри ояндаи он ба инобат гирифта хоҳад шуд.

[270] Ниг: Таджиев А.В. Методика русского языка в средней школе. с. 196.

Ниҳоят, дар заминаи шарҳи маводи марбут ба ҳиссачаҳо интихобгардида, аз ҷумла, мисолҳои дар зер додашуда хонандагон бояд фаҳманд, ки ин гурӯҳи ёридиҳандаҳо низ чун дигар ҳиссаҳои нутқ вобаста ба тобишҳои маъноии дар нутқ доштаашон низ ба гурӯҳҳо, пеш аз ҳама, ба хелҳои зерин: **саволӣ, тасдиқӣ, инкорӣ, ишоратӣ, таъкидӣ ва маҳдудӣ** ҷудо карда шудаанд:

1. **Доир ба ҳиссачаҳои саволӣ:** 1) **Магар** шумо намедонед, рафиқ Алимардонов? (Ҳ.Н.). 2) Оё бе айнак ба шумо хат хондан мушкил аст? (Ҳ.Н.)

2. **Доир ба ҳиссачаҳои тасдиқӣ:** 1) – Шумо барои харидани ҳезум ба Давронов пул дода будед? – **Ҳа**, дода будам (Ҳ.Н.) 2) **Хайр, майлаш**, дар бюро гап мезанем! – гуфта аз ҷо бархост Урунов (Ю.А.).

3. **Доир ба ҳиссачаҳои инкорӣ**: 1) – Давронов магар бо ин пул ҳезум нахаридааст? – **Не**, ҳезум нахаридааст (Ҳ.Н.) 2) – Боз ягон чиз даркор? – **Не**, ҳеҷ чиз даркор **не**, - гуфт Баҳром (У.К.).

4. **Доир ба ҳиссачаҳои ишоратӣ:** 1) **Ана**, мо омадем. – Хуб кардӣ, ки омадӣ, хуш омадӣ (У.К.). 2) – **Ана**, гапу **мана**, гап! – хитоб кард Урунов (Ю.А.).

5. **Доир ба ҳиссачаҳои таъкидӣ:** 1) Мӯйсафед **ҳатто** мича **ҳам** назад (Ҳ.Н.). 2) – Марҳамат, тарафҳои мо **ҳам** меомадед-**дия** (У.К.).

6. **Доир ба ҳиссачаҳои маҳдудӣ**: 1) Пас, **фақат** мо айбдор, вай гуноҳе надорад? (У.К.). 2) Дар хона **танҳо** хешовандон монданд (С.А.)

Муаллим, пас аз он ки хели ҳиссачаҳоро дар заминаи мисолҳои мазкур шарҳ медиҳад, ҳамчунин, метавонад таъкид созад, ки дар нутқи гуфтугӯӣ, ҳамчунин, як силсила калимаҳое ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо ҳам мансуб ба ҳиссачаҳо буда, дар гуфтор бештар тобишҳои тахминиву қатъият (мабодо, эҳтимол, рафту, раванд, албатта, бешубҳа, ҳақиқатан ҳам, дар ҳақиқат), даъват ва хурсандиву орзумандӣ (биё, мон, канӣ, хайрият, кошкӣ, марҳамат), қиёсу амр (гӯё, бинед, бигузор, равед, раведе) ва ғайраро ифода мекунад. Чанд мисол: 1 – **Бинед**, ҳанӯз ҳам чӣ гуна мансабдорон ҳастанд! (Ҳ.Н.). 2. **Канӣ**, мӯйсафед, як хонда дех (Ҳ.Н.). 3. – **Бигузор,** ҳар гуна фикрҳои хом ба сару дилашон наояд (У.К.). 4. – **Марҳамат**, тарафҳои мо ҳам меомадед-дия (У.К.). 5) **Хайрият**, баробари ришатон ҷоғатонро канда нагирифтааст (Ю.А.) ва ғ.

Агар дар баробари шарҳи хели ҳиссачаҳо зимни мисолҳои фавқ таблитсаи (31) истилоҳотии зерин ҳам, ки дар маҷмӯъ хел ва

шаклҳои асосии ҳиссачаҳоро дар бар гирифтааст, ба маърази диққати синф гузошта шавад, басо бамавқеъ мебуд:

Таблитсаи 31

Ҳиссача ва хелҳои он	
Хелҳои ҳиссача	Намунаи мисолҳо
1. Саволӣ	оё, наход ки, магар, -чӣ, -мӣ, -а
2. Тасдиқӣ	ҳа, (ҳо), бале, оре, майлаш, хуб…
3. Инкорӣ	не, на
4. Ишоратӣ	ана, мана, ҳу, ҳо
5. Таъкидӣ	охир, -дия, -ку, -куя, ҳатто, ҳатто ки, ҳам, низ, боз, зинҳор
6. Маҳдудӣ	фақат, танҳо, маҳз
7. Ҳиссачаҳои ифодакунандаи тобишҳои тахминиву қатъият, даъват ва хурсандиву орзумандӣ, қиёсу амр ва г.	мабодо, эҳтимол, рафту, раваду, албатта, бешубҳа, дар ҳақиқат, биё, мон, канӣ, хайрият, хушбахтона, кошки, марҳамат, гӯё, бинед, бигузор, равед, ва г.

Азбаски доир ба ҳар хели ҳиссачаҳо пешакӣ дар тахтаи синф на камтар аз дутогӣ мисолҳо мавриди таҳлил қарор гирифта буданд, пас аз нусхабардор намудани таблитсаи мазкур бо талаби муаллим бояд хонандагон ба он нигариста, аз худ доир ба ҳар як гурӯҳи ҳиссачаҳо як-дутогӣ мисол (аввал шифоҳӣ ва баъд хаттӣ) гуфта, ҳамзамон, ба кадом гурӯҳ мансуб будани ҳиссачаҳои дар ҷумлаҳои худ истифоданамудаашонро шарҳ ҳам диҳанд. Ба ғайр аз ин, аз рӯи таблитсаи мазкур пурра имкон ҳаст, ки сохти ҳиссачаҳо (**содда**: оё, бале, наход, фақат, -ку, мӣ, ана, мана…; **таркибӣ:** ҳатто ки, наход ки, аз афташ, ҳу ана…) ва аз ҳама муҳимаш, мавриди истеъмоли аломатҳои китобат (вергул ва дефис) дар навишти онҳо объекти такрору ёдоварӣ қарор дода шавад. Дар ин бобат ҳатто бо овардани мисолҳои кӯтоҳ имконияти пурра ҳаст, ки дар охири калимаҳо бо дефис навишта шудани ҳиссачаҳои **–ку, -дия, мӣ, -а**, (гуфтам-ку, омадед-дия, -мешавад-мӣ?, хондед-а), бо аломати вергул ҷудо намудани ҳиссачаҳои тасдиқӣ (**ҳа, оре, бале, майлаш хуб**), инкорӣ (**не, на**), ишоратии **ана, мана**, таъкидии **охир**, ва аз гурӯҳи махсуси ҳиссачаҳо – калимаҳои модалӣ (**мабодо, эҳтимол, албатта,**

бешубҳа, дар ҳақиқат, биё, мон, хайрият, марҳамат, бинед, бигзор, равед ва г.) таъкид карда шавад.

Бояд таъкид намуд, ки дар дарси такрори ҳиссачаҳо низ истифода кардани таблитсаи мазкур аҳамияти амалиро доро мебошад. Илова бар ин, дар дарси такрор бо талаби муаллим иҷрои талаби як силсила супоришҳо, аз қабили аз матнҳои гуногун мустақилона шинохта шарҳ додани хели ҳиссачаҳо, аз худ ба матн (ҷумлаҳо)-и пешниҳодкардаи муаллим ворид намудани ягон хели ҳиссача гузаронидани диктанти шарҳдиҳӣ, дикданти озод (аз матни дикташуда навиштани танҳо ҷумлаҳои ҳиссачадор) ва ғайра имкон медиҳанд, ки боби «Ҳиссача», ҳамчун ҳиссаи нутқ, басо бошуурона мустаҳкам карда шавад.

§ 59 Нидо

Нидо дар барномаи таълим ва ҳам китоби дарсӣ аз рӯи тартиби ҷой дода шуданаш охирин ҳиссаи нутқест, ки бо он омӯзиши курси системаноки морфология (дар синфҳои V-VII) хотима меёбад. Инчунин, сарфи назар аз он ки нидоҳо ҳамчун гурӯҳи махсуси калимаҳо (таркиб, ибора ва ҳатто ҷумлаҳо: Худо ёрат! Бало бар пасаш!)[271], асосан, дар гуфтори шифоҳӣ ва пеш аз ҳама, барои ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷон ва майлҳои иродавии одамон хизмат мекунанд, аз тарафи забоншиносону методистон ҳамчун ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ эътироф шудаанд[272*]. Аз ин ру, муаллимро лозим аст, ки ҳангоми таълими нидо ба масъалаҳои зерин диққати хонандагонро ҷалб намояд: а) мафҳуми нидо, ҳамчун ҳиссаи нутқ (таърифи нидо); б) хелҳо ва сохти нидоҳо, манбаъҳои пайдоиши нидоҳо; в) имлои нидо, аломатҳои китобат дар истеъмоли нидо; г) вазифаи нидо дар ҷумла.

---

[271]Ниг: А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с. 227.

[272]Ниг: Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, қ.1. Фонетика ва морфология, с. 336; Баранов М.Т. Ладыженская Т.А. и др. Методика преподавания русского языка, с. 336.

* **Таъкид**: Аз ин лиҳоз, «нидо ба гурӯҳи ҳиссачаҳои нутқ дохил намешавад», он аз ҳиссаҳои номустақили нутқ бо махсусиятҳои худ фарқ мекунад гуфтан мантиқан нодуруст аст. Зеро он, агар аз ҳиссаҳои дигари нутқ бо махсусиятҳои худ фарқ намекард, ҳамчун ҳиссаи алоҳидаи нутқ эътироф ҳам намегардад.

Барои фаҳмонидани мафҳуми нидо, ҳамчун ҳиссаи нутқ, маслиҳат дода мешавад, ки ба диққати хонандагон чанд мисоли дорои нидоҳои гуногун бударо, ки пешакӣ дар ватман ва ё доскаи сайёр сабт шудааст, пешниҳод кардан лозим, то ки онҳо пас аз ифоданок қироат намудани мисолҳои додашуда, аввал, хусусияти калимаҳои ифодакунандаи ҳиссиёту ҳаяҷонрову баъд, калимаҳои бо майлу хоҳиш ё иродаи шахс гуфташударо номбар карда шарҳ диҳанд[273]. Тахминан, чунин мисолҳоро пешниҳод кардан ба мавқеъ мебуд:

1. **Урре**, - гуфт Ҷӯра, (Ҷ.И.) 2. – **Ё тавба**! Нотарсии ин бачаро бинед-а! (Ҷ.И.). 3. **Ҳой**, афандӣ, неши занбур дору аст (Ю.А.). 4. **Ассалому алайкум**, рафиқ агроном (Ю.А.) 5. **Раҳмат**, ман бо шумо баҳс накардаам? (Ҷ.И.). 6. - Кӯзаашро бо санг задаанд. – **Вой**, кӣ задааст? (Ҷ.И.). 7. **Ҳой**, Аҳмад, наход ман туро беоб монам-а? (Б.Ф.). 8. **Оббо**, Мерган Салимович, ба шумо гап зада ҳам намешудааст (Б.Ф.).

Хонандагон дар ҳар кадоми ин чумлаҳо (шояд бо кӯмак ва ё луқмадиҳии муаллим) калимаҳои ифодакунандаи ҳиссиёту ҳаяҷон ва ё бо иродаи шахс гуфташударо муайян намуда, дар маҷмӯъ ба хулоса меоянд, ки дар мисолҳои мазкур, агар калимаҳои **урре** (ура), **ё тавба, вой, оббо** ҳиссиёту ҳаяҷони шахсро нисбат ба воқеаву ҳодисаҳое, ки ғайричашмдошт дар пеши назари ӯ рух додаст ва ё аз забони касе шунидааст, ифода кунанд, ифодаҳои **ҳой, ассалому алайкум, раҳмат**, вожаҳое мебошанд, ки шахс онҳоро нисбати предмет ва воқеаҳову ҳаводиси атроф бо каме мулоҳизаву хулосабарорӣ, аниқтараш, як андоза шуурона истифода кардааст. Масалан, бо мақсади ҷалб намудани диққати шахс кас метавонад номи ӯро нагирифта, ҳой гӯяд, барои ба ҷо овардани эҳтироми ӯ **ассалом** (ассалому алайкум) ва ё барои ифодаи миннатдории худ аз касе вожаи **раҳмат** (ташаккур)-ро дар гуфтораш истифода кунад. Муаллим бошад, дар охир наиҷаи шарҳи хонанадагонро ҷамъбаст намуда, таъкид менамояд, ки ин ҳама калимаҳоеро, ки шумо ҳоло шарҳ додед, дар илми забоншиносӣ **нидо** номида шудаанд. Аз ин рӯ, нидоро чунин таъриф мекунанд: «Он ҳиссаи нутқ, ки барои ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷони гуногун хизмат мекунад, нидо ном дорад»[274].

---

[273] Ниг: Дудников А.В. Изуения грамматики в восьмилетней школе, с 226.

[274] Аминов С. Забони модарӣ (Барои синфи 7). – Душанбе, Сарпараст, 2002, с-170.

Чунонки ки проф. Дудников А.В. таъкид мекунад, бо мақсади боварӣ ҳосил намудан ба он, ки оё ҳонандагон ба мафҳуми нидо ва ду хусусияти он а) ҳиссиёту ҳаячон ва б) майлу иродаи шахсро фаҳмонидани нидоҳо сарфаҳм рафтаанд ё на, бояд боз як силсила мисолҳоро пешниҳод намояд, то ки онҳо, аввал, ҷумлаҳои дорои нидоҳои гурӯҳи якум – басти а)-ро, баъд, ҷумлаҳои дорои нидоҳои басти дуввум –б)-ро, яъне нидоҳои ба майлу иродаи шахс марбутро навишта, сониян, шарҳ диҳанд. Масалан, аз мисолҳои амсоли зерин:

1. **Салом**, Шодӣ! Аз район акнун омадӣ? (Ҷ.И.) 2. **Аҷаб**, - гуфта монд Холмирзо (Ҷ.И.). 3. Рашидов ба вагон даромад. – **Хайр**, Рашидов! – **Хайр**, Ҳабибулин! (Ҷ.И.) 4. **Боракалло**! Ана, ин гапи дигар! (Ю.А.) 5. **Илоҳо**, ба ту…. насиб кунад (Ю.А.). 6. **Вах**, ҷонум дар ҷонут садқа, додар! (Ю.А.). 7. **Хм**, аҷиб! Ана, мулоҳизаю мана, мулоҳиза (Б.Ф.). 8. **Эҳ**, чи хел Имронро нағз медид! (Б.Ф.). 9. **Оббо**, сабил-е! (Б.Ф.) 10. Муҳаммадҷон як нафаси кашол кашид: - **Уф**… Чӣ пухтӣ, занак? (Ҷ.И.).

Бояд таъкид намуд, ки ҳонандагон супориши муаллимро дар заминаи мисолҳои мазкур ба ҷо оварда, ҳамзамон, аз мушоҳидаи маҷмӯи он ҳама мисолҳои марбут ба нидоҳо овардашуда бояд хулоса ҳам бароварда бошанд, ки нидоҳо аксар дар аввали ҷумла ва дар нутқи гуфтугӯӣ истифода мегарданду дар навишт аз дигар аъзоҳои ҷумла бо вергул ҷудо карда мешудаанд. Таъкиди ин нукта, албатта, аз назари муаллим низ набояд дур монда бошад.

Баъдан, барои шарҳи хелҳои нидо (дар дарси дуввум) муаллим такя ба дониши аз дарси гузашта доир ба нидо ирифтаи хонандагон намуда таъкид мекунад, ки тамоми нидоҳо аз рӯи вазифаи дар нутқ (ҷумла) доштаашон, чунон ки медонед, ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд: а) Нидоҳои ифодакунандаи ҳиссиёту ҳаячон; б) Нидоҳои ба иродаву хоҳиши шахс вобаста буда, ки мазмунан чун сигаи амрии феъл амру фармонро дар бар мегиранд. Сониян, таъкид бояд намуд, ки ҳар гурӯҳи ин нидоҳо дар навбати худ вобаста ба тобишҳои маъноии дар нутқ доштаашон боз ба зергурӯҳҳо ҷудо карда шудаанд.

Дар ҳамин лаҳзаи баён, агар диққати хонандагон ба ҷадвалитсаи (32) зерин ҷалб карда шуда, шарҳи баъдинаи муаллим аз рӯи он сурат бигирад, натиҷаи пурсамаре хоҳад дод:

Таблитсаи 32



Муаллим пас аз шарҳ додани гурӯҳ ва зергурӯҳҳои нидо, ки зимни шарҳи худ бояд шифоҳӣ ҳам мисолҳо оварад, диққати хонандагонро маҳз дар асоси мисолҳои таблитсаи мазкур метавонад ба таври аёнӣ ба сохт ва ҳамчунин, имлои нидоҳо ҳам ҷалб намояд. Аз ҷумла, бояд фаҳмонд, ки нидоҳо аз ҷиҳати сохт **аслӣ, такрор** ва **таркибӣ** мешаванд. Нидоҳои аслӣ иборат аз як садонок (э, о, и, ӯ), аз як садоноку як ҳамсадо (эҳ, ӯх, ҳу, оҳ, аҳ, ӯй, эй), аз садоноку ҳамсадо ва садонок (ӯхӯ, эҳа, эҳе...), аз садоноку ду ҳамсадо ва садонок (оббо, ӯббо...) танҳо аз ҳамсадоҳо (ҳм..., дрр) ва ғайра ташкил меёбанд.

Нидоҳои зерин маҳсуб ба нидоҳои такроранд: ҳай-ҳай, ту-ту-ту, бах-бах, бех-бех ва г[275]. Нидоҳои таркибиро ҳамонҳое ташкил медиҳанд, ки аз ду нидо таркиб ёфтаанд. Чунончи, **ё тавба, э дареғ, э вой** ва г. Ва ҷуз ин, чӣ хуб мебуд, агар доир ба ҳар кадоме аз зергурӯҳҳои нидоҳо хонандагон, аввал, шифоҳӣ чандтогӣ мисолҳо гуфта, баъд, ба дафтарҳояшон ҳам навишта, ба имло ва аломатҳои китобатии нидоҳо диққат диҳанд. Чунин супоришро метавон ба ҳайси вазифаи хонагӣ ҳам супурд. Дар ин бобат хонандагон бояд вазифадор карда шаванд, ки дар хона доир ба нидоҳои дар ҳар зергурӯҳ овардашуда аз худ ва ё аз асарҳои бадеӣ на камтар аз ду-сетоӣ мисол навишта оянд, ки дар ҳар ду мавриди ҳам онҳо амали бошууронаеро марбут ба мавзӯи мавриди назар, яъне, нидоҳо, ичро хоҳанд кард. Ниҳоят, таблитсаи мазкурро метавон дар дарси такрори боби «Нидо» ҳам самаранок истифода бурд. Ҳамчунин, дар ин дарси такрор, ба ҷуз он ки аз рӯи мисолҳои пешакӣ интихобшуда таҳлили пурраи нидоҳо гузаронида мешавад, гирифтани диктантҳои таълимии

[275] Ниг: Аминов С. Забони модарӣ (Барои синфи 7), с. 176.

интихобӣ ва эҷодию шарҳдиҳӣ низ зарурат дорад, ба шарте ки дар дарси навбатӣ гирифтани диктанти санҷишӣ ҳам ба нақша дароварда шуда бошад. Диктантҳои таълимӣ барои омода шудани хонандагон дар бехато навиштани диктанти санҷишӣ заминаи боэътимоде хоҳанд буд.

АДАБИЁТ

1. Аминов С. Забони модарӣ (Барои синфи 7). – Душанбе: Сарпараст, 2002.
2. Баранов М.Т., Ладыженская Т.А., и др. Методика преподавания русского языка. – М.: Просвещение, 1990.
3. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11.-Душанбе: Матбааи ВМ ҶТ, 2006.
4. Бобомуродов М., Сабзаев С., Набиева С. Забони тоҷикӣ (Барои синфи 5). - Душанбе, 2008.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷ 1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985.
6. Грамматикаи забони тоҷикӣ (Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ).- Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1956.
7. Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе. – М.: Просвещение, 1977.
8. Кораблёва И.Н. Изучения состава слова и словообразования в 4-5 классах. – Журн.: Русский язык в школе, 1970, № 15.
9. Курбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ дар мактаби миёна, қ 1. – Душанбе: ДДТ ба номи В.И. Ленин, 1985.
10. Методика разработки по русскому языку для 5-7 классов: - М.: Госучпедгиз МП РСФСР, 1956.
11. Обучение русскому языку в 5-ом классе. –М.: Просвещение, 2003.
12. Основы методики преподавания русского языка в 4-8 классах. –М.: Просвещение, 1987.
13. Палей И.Р. Очерки по методике русского языка. – М.: Просвещение, 1965.
14. Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка. – М.: Просвещение, 1955.
15. Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 1-10 (Барномаи соли таҳсили 1969-70). – Душанбе: Ирфон, 1969.
16. Программаҳои забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-8.- Душанбе: Ирфон, 1970.
17. Розенталь Д.А., Теленкова М.А. Словарь-справочник лингвистических терминов.-М.: Просвещение, 1985.
18. Современный русский литературный язык.-М.: Просвещение, 1988.
19. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе.-М.: Просвещение, 1980.

Боби X.
МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ СИНТАКСИС

Синтаксис, ҳамчун қисмати дуюми грамматика, саравval, таълимот дар бораи ҷумла аст, ки ин воҳиди забон, яъне ҷумла, дар ҷараёни нутқ воситаи асосӣ ва хурдтарин робитаи (алоқаи) байни одамон ба шумор меравад[276]. Дар баробари ин, синтаксис илмест, ки дар он, ба ҷуз ҷумла, аз охирҳои солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-уми асри XX хусусиятҳои гуногуни ибора низ (дар забоншиносии тоҷик) мавриди омӯзиш қарор дорад[277]. Бинобар ҳамин ҳам, дар барнома ва китобҳои дарсии синтаксиси забони тоҷикии мактабӣ дар муқоиса бо таълими, умуман, ҷумла (ҷумлаҳои содда ва мураккаб, алоқаи калимаҳо дар ҷумла, таълими сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла) ба масъалаи таълими ибора низ эътибори зарурӣ дода шудааст. Ва аз ҳамин лиҳоз, мегӯянд: «Синтаксис илмест, ки ибора ва ҷумларо меомӯзад».

Бояд гуфт, ки вобаста бо фарогирии масъалаҳои фавқ зимни мақсади асосии синтаксис дар мактаб, ки он ба мақсади таълими морфология шабоҳат дорад, ду нукта: а) инкишоф додани мустақилияти тафаккури абстрактии хонандагон ва б) дар онҳо тарбия намудани нутқи шифоҳиву хаттии бошуурона ва мавзуну дуруст дар мадди назар аст. Барои ноил шудан ба мақсадҳои мазкур лозим аст, ки:

1. Дар хонандагон доир ба қоидаҳои асосии алоқаи калимаҳо дар ҷумла ва ҳам алоқаи байниҳамдигарии ҷумлаҳо тасаввурот ва ё фаҳмиши дақиқу мустаҳкам тарбия карда шавад, ки амалӣ шудани ин нукта ба маҳорати муаллим ва маводи китоби дарсӣ алоқаи зич дорад.

2. Шарҳ додани муносибатҳои маъноии қисматҳо (калима, таркиб ва ибораҳо)-и таркибии ҷумлаҳои содда ва ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб, ки ба ин нукта, асосан, ба тавассути гузаронидани хелҳои гуногуни таҳлили грамматикӣ ноил шудан мумкин аст.

3. Дар хонандагон бошуурона фаҳмидан ва истифода карда тавонистани хелҳои гуногуни алоқаи синтаксии калимаҳо чи дар нутқи шифоҳӣ ва чи дар нутқи хаттиашон (ҳамзамон дар нутқи

---

[276]Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языки в средней школе, с. 201.
[277] Ниг.: Шербоев С. Асосҳои илмию методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои соддаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V ва VIII, с. 16.

хаттӣ ба мавриди кор фармудани аломатҳои китобат) тарбия карда шавад, ки ба ин иҷрои талаби машқҳои гуногун ва супоришҳое, ки аз тарафи хонандагон вобаста ба қоидаҳои омӯхташуда мустақилона (аз худ тартиб додани ҷумлаҳо ва матнҳои гуногун) ба субут мерасонанд, мусоидат хоҳад кард[278].

Хуллас, мақсади ниҳоии таълими синтаксис дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ иборат аз он аст, ки бояд хонандагон на фақат донишҳои марбут ба қонунҳои синтаксисиро аз бар намоянд, ҳамчунин, онҳоро дар нутқи мустақилонаи худ ӯҳдабароёна истифода карда метавонистагӣ шаванд.

Бояд ёдовар шавем, ки таълими системаноки курси синтаксис, ки дар синфҳои VIII-X баррасӣ мешавад, асосан, идомаи курси муқаддимавии «Синтаксис (нахв) ва аломатҳои китобат» аст, ки он ба хонандагон дар синфи V дар ҳаҷми 14 соат таълим дода шудааст. Ба ҷуз ин, доир ба ҷумла ва сараъзоҳои ҷумла ба хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ ҳам пешакӣ баъзе маълумотҳои назариявию амалӣ дода шудааст. Аз ин ваҷҳ, вазифа ва мақсади дигари таълими системаноки синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфи VIII ва баъдан, дар синфи IX ин аст, ки ҳамон донишу малакаи муқаддимавии пешинаи хонандагон мустаҳкамтар ва илова бар ин, он донишҳо дар заминаи такя намудан ба равияи ҷиддии тадқиқоти масъалаҳои забоншиносӣ, ки аз оғози солҳои 60-уми асри XX то ба имрӯз ба номи равияи **сохторию маъной** (структурно –семантический) маъмулу эътирофшуда маҳсуб меёбад, бо маълумотҳои нав такмилу инкишоф дода шаванд.

§ 58. Ибора

Омӯзиши курси системаноки синтаксис дар синфи VIII чун дар синфи V, ки дар ин синф курси муқаддимавии он («Синтаксис ва аломатҳои китобат») баррасӣ гардида буд, низ бо таълими ибора оғоз меёбад. Аз ин лиҳоз, асоси муваффақиятҳо дар машғулиятҳои курси мазкури мактабӣ, пеш аз ҳама, дар ҷараёни омӯзиши курси синтаксиси ҷумлаҳои содда ба натиҷаҳои самараноки таълими ибора иртибот дорад. Ва аҳамияту мақоми таълими ибораро дар синфи VIII дарк карда, набояд фаромӯш кард, ки хонандагон ҳанӯз аз давраи таълими курси муқаддимавии синтаксис дар синфи V доир ба ибора, аз ҷумла

[278] Нигр.: Поздняков А.В. Методика преподавания русского языка, с. 222.

доир ба мафҳуми **ибора**, фарқи ибора аз калима, ҷузъҳои ибора (ҷузъи асосӣ ва тобеъ) – калимаи тобеъкунанда ва тобеъшаванда дар он, тариқи саволгузорӣ муайян намудани ҷузъҳои ибора ва ниҳоят, роҷеъ ба воситаҳои грамматикии алоқаи ҷузъҳои ибора (ҳамчунин, дар бораи дуҷузъа ва бисёрҷузъа шуда тавонистани ибора) маълумот гирифтаанд[279]. Ва ҳамин маълумоти аз таълими курси муқаддимавии синтаксис доир ба ибора гирифтаи хонандагон, албатта, зимни омӯзиши курси системаноки морфология дар синфҳои V-VI-VII баъзан бо роҳи махсусан ёдоваршавӣ (гузориши саволҳо) ва гоҳе дар ҷараёни таҳлили ҷумлаҳо марбут ба ин ё он ҳиссаи нутқ мавриди такрор сурат мегирад, ки ин яке аз талаботҳои барномаи таълим ва ҳам яке аз принсипҳои умумидидактикии таълими забони модарӣ (принсипи дар алоқамандӣ таълим додани қисматҳои гуногуни забон) маҳсуб меёбад. Барои ҳамин ҳам, лозим аст, ки дар синфи VIII ҳамон маълумоти доир ба ибора гирифташуда дар хонандагон боз бо роҳи шарҳи масъалаҳои дигари марбут ба он: а) фарқи ибора аз таркиб ва ҷумла; б) алоқаи калимаҳо дар ибора (изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ)*; в) маънои лугавию грамматикии ибора*; г) хелҳои асосии ибора аз рӯи маъно вобаста ба тарзи ифодаи ҷузъи асосиаш (асосан, дар бораи ибораҳои исмӣ ва феълӣ) инкишоф дода мешавад. Ба замми ин, таърифи ибора (таърифи нисбатан муфассалу мураккабтари он) баррасӣ гардида, бо усули сӯҳбат доир ба фарқи ибора аз калима маълумоти васеътар дода хоҳад шуд, ки доир ба ин масъала хонандагон ҳанӯз аз синфи V каме маълумот гирифтаанд. Аз ин хотир, баёни мавзӯи дарси аввалро («Ибора») бо истифода аз методи сӯҳбати донишдиҳанда ташкил намудан мувофиқи мақсад аст. Пас, дар ин бобат бо мақсади санҷидани донишу

---

[279]Ниг.: Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. - Душанбе, 2007, с. 14; Шербоев С. Асосҳои илмию методии таълими синтаксии ҷумлаҳои соддаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VIII, с. 178.

* **Таъкид**: Дар синфи V дар бораи танҳо бо бандаки изофӣ, пешояндӣ пасоянд ва интонатсия алоқаманд шудани ҷузъҳо дар ибора маълумот дода мешавад. Аммо дар бораи истилоҳоти забоншиносии чунин алоқа, ки бо номҳои **алоқаи изофӣ, алоқаи вобастагӣ** (пешояндию пасояндӣ) ва **алоқаи ҳамроҳӣ** маъмуланд, чизе гуфта намешавад.

* **Таъкид:** Дар бораи маънои лугавӣ ва грамматикии ибора ба хонандагон гарчи дар синфи V маълумот дода шуда бошад ҳам, он

малакаи пешинаи хонандагон, ки аз синфи V гирифтаанд, бояд бо чунин саволу супоришҳо мурочиат карда шавад:

1. Ибора чист? 2. Доир ба ибора чӣ медонед? 3. Асосан, ҳар кадом ибора аз чанд ҷузъ ё калима ташкил меёбад? Он ҷузъҳо чӣ ном доранд? 4. Ибора аз калима чӣ фарқ дорад? 5. Ҷузъҳои ибора бо кадом воситаҳо ба ҳам алоқаманд мешаванд? 6. Хели алоқаи ҷузъҳо дар ибора чӣ ном дорад? Алоқаи тобеъ ё пайваст? 7. Доир ба ибора аз худ мисолҳо оваред? 8. Муайян кунед, ки дар ибораҳои зерин ҷузъҳо чӣ тавр (ба воситаи чӣ) ба ҳам алоқаманд гардидаанд: **китоби талаба, муаллими чавони мактаб, беҳтарин коргари заводи хишт, мактуб навиштан, ба кӯҳ баромадан, баланд гап задан, касеро пурсидан.**

Инчунин, вобаста ба супориши охир мумкин аст, боз чунин талаб гузошт, то ки хонандагон ба тавассути саволгузорӣ ҷузъи тобеъкунанда ва тобеъшавандаи ибораҳои мазкурро муайян карда, аз рӯи миқдори ҷузъҳояшон он ибораҳоро ба гурӯҳи дуҷузъа (дукалимагӣ) ва бисёрҷузъа ҷудо намоянд.

Инак, пас аз ҳалли чунин саволу супоришҳо, ки баъзан кӯмаки муаллим ҳам зарурат пайдо мекунад, лозим аст, ки муаллим ҷавобҳои хонандагонро қасдан муфассалтар ҷамъбаст карда, сонӣ диққати онҳоро ба аз худ намудани маълумотҳои нав доир ба ибора ҷалб намояд.

Бояд таъкид намуд, ки такрори мавод ва ҷамъбасти муфассали донишҳои хонандагон доир ба ибора аҳамияти калони амалӣ дорад. Ин, аз як тараф, имкон медиҳад, ки боварии аҳли синф ба дониши худ қавитар шавад ва аз тарафи дигар, чунин эзоҳи муфассал барои ҳамон хонандагоне ҳам зарур аст, ки дар муддати зиёда аз дуним сол тасаввуроташон дар бораи ибора суст шудааст ба барқарор кардани он аз худ кардани масъалаҳои нави назарияи ибора бароянд душвор хоҳад шуд. Аз ҷумла, чунин таъкидҳои муаллим басо ба мавриду нишонрас хоҳад буд: Шумо ҳоло, асосан, донишҳои дар синфи V доир ба ибора гирифтаатонро марбут ба саволу супоришҳои додашуда ба хотир оварда, маро қаноатманд намудед. Дар ҷавобҳоятон дуруст қайд кардед, ки ибора, пеш аз ҳама, аз ду калимаи маънодор ташкил ёфта, аз рӯи маънои луғавиаш чун калима **предмет, аломат** ва **амал**ро ифода намояд ҳам, аммо ин мафҳумҳоро нисбат ба калима дақиқтару равшантар намоиш медиҳад. Масалан, мо калимаҳои ҷудогонаро, аз қабили **дарахт, баланд, навиштан** номбар намуда, танҳо дар бораи предмет (дарахт), аломат (баланд) ва амал (навиштан) тасаввурот пайдо

мекунсму бас. Лекин дар алоҳидагӣ аз калимаҳои мазкур дар бораи чӣ гуна будани он дарахт, аломату амали чӣ будани мафҳумҳои **баланду навиштан** ба фикри қатъӣ омада наметавонем. Чунки ин калимаҳо ҳар кадом маъноеро хеле умумӣ ифода намудаанд. Аммо ин калимаҳо ба худ эзоҳдиҳанда қабул карда, дар шакли **дарахти себ, ниҳоят баланд, мактуб навиштан** қолаби ибораро ташкил диҳанд, он гоҳ тасаввуроти мо дар бораи мафҳумҳои мазкур дақиқу равшантар мегардад. Яъне чӣ ном доштани предмет (дарахт), чӣ гуна будани дараҷаи аломат (баланд) ва навъи амал (навиштан) аниқ мешавад, ки ин калимаҳо дар танҳоӣ дорои чунин хусусиятҳо шуда наметавонанд. Пас, *хулосаи мо дар бораи фарқи ибора аз калима* чунин мешавад: Ибораҳо бар хилофи калимаҳо мафҳумҳоро дақиқу равшантар ифода мекунанд.

Ба ҷуз ин, муаллим таъкид мекунад, ки хонандагон аз ӯҳдаи муайян намудани ҷузъҳои ибора, яъне калимаи тобеъкунанда ва тобеъшаванда дар он, миқдори ҷузъҳо дар ибора (ибораҳои дуҷузъа: **китоби талаба, мактуб навиштан**; ибораҳои бисёрҷузъа: **муаллими ҷавони мактаб, беҳтарин коргари заводи хишт**) дуруст баромадаанд. Хусусан, ду роҳи муайян намудани ҷузъҳои ибораяке бо усули саволдиҳӣ, дигаре аз рӯи воситаҳои алоқаи ҷузъҳо (бандаки изофӣ, пешоянду пасоянд ва интонатсия) дар хотирашон хуб нигоҳ дошта шудааст. Яъне онҳо медонанд, ки ҳангоми бори аввал ба ибора савол гузоштан ҷузъи тобеъкунанда ва бори дуввум савол додан ҷузъи тобеъшавандаи он муайян карда мешавад. Масалан, ба ибораи **одами омадагӣ** чунин саволҳо дода мешавад: - Кадом **одам**? – Одами **омадагӣ**. **Омадагӣ** калимаи тобеъшаванда аст. –Кӣ омадагӣ? –Одам. **Одам**-калимаи тобеъкунанда аст. Яъне дар ибораи мазкур – **одами омадагӣ**- калимаи **омадагӣ** чӣ гуна будани калимаи **одам**ро, ҳамчун тобеъшаванда, эзоҳ додааст. Дигар ин, ки дар ибораи мазкур ҷузъҳо ба воситаи бандаки изофӣ (-и) алоқаманд шудаанд. Мо дар ин бобат гуфта будем, ки агар дар ибора ҷузъҳо бо бандаки изофӣ алоқаманд шаванд, дар ин ҳолат ҷузъи асосӣ ҳамеша изофатро ба худ қабул намуда, пеш аз ҷузъи тобеъ (**одами** омадагӣ) меояд.

Ҳамин тавр, дар ибораи **одами омадагӣ** ҷузъи асосии калимаи **одам** ва тобеъкунанда калимаи **омадагӣ** буда, алоқаи он ба ҷузъи тобеъ ба воситаи бандаки изофӣ сурат гирифтааст.

Муаллим ҷавобҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, дар охир таъкид мекунад, ки акнун аз имрӯз сар карда ба онҳо дар

бораи хусусиятҳои дигари ибора маълумот дода мешавад. Аз ҷумла, дар ҳамин дарс онҳо бо таърифи дигар, вале дақиқтари ибора шиносоӣ пайдо намуда, ба ҷуз он ки дар бораи фарқи ибора аз калима (дар синфи V) дониш гирифтаанд, ҳамчунин, бо истифода аз усули муқоиса ба онҳо дар бораи фарқи ибора аз таркиб ва ҷумла, дар бораи хелҳои алоқа дар ибора, ки бо номи алоқаи **изофӣ, вобастагӣ** ва **ҳамроҳӣ** эътироф шудаанд, дар бораи хелҳои ибора аз рӯи тарзи ифодаи ҷузъи асосии он маълумот дода шуда, ҳамчунин, дониши аз синфи V доир ба маънои луғавӣ ва грамматикии ибора гирифтаи онҳо зимни мисолҳои барҷаста боз ҳам такмил дода хоҳад шуд.

Инак, пас аз таъкиди мақсади таълими ибора дар синфи VIII пеш аз шарҳи мисолҳо тавсия карда мешавад, ки дар оғоз таърифи дақиқтари ибора, ки дар китоби дарсии синфи VIII ба тариқи зайл дода шудааст, гуфта шавад: «**Ду ва ё зиёда калимаҳои мустақил, ки яке ба дигаре тобеъ шуда, як мафҳуми конкретро ифода мекунанд, ибора номида мешаванд**»[280*].

Чунон ки мебинем, дар таърифи мазкур ду хусусияти асосии ибора: а) бо роҳи тобеъкунӣ ба вуҷуд омадани алоқаи калимаҳо (ҷузъҳо) дар он ва б) мафҳуми конкрет ва ё мушаххасро ифода кардани он (ибора) таъкид гардидааст. Ана, ҳамин ду нукта бояд ба тариқи истифода аз усули муқоиса зимни мисолҳои зерини пешакӣ интихобшуда (ба воситаи ***кодоскоп*** ё компютер), ки ба диққати хонандагон намоиш дода мешавад, бояд шарҳи муфассали худро ёбад:

Падар ва писар	падари писар
сарҳо ва гандум	сарҳои гандум
муҳаббат ва ҳаёт	муҳаббат ба ҳаёт

Инак, муаллим ба шарҳи хусусиятҳои алоқаи калимаҳо дар ибора оғоз намуда, пеш аз ҳама, бояд таъкид намояд, ки умуман, алоқаи калимаҳо дар ҷумла ду хел мешавад: **пайваст** ва **тобеъ**. Дар алоқаи пайваст калимаҳо баробарҳуқуқ буда, дар ҷумла ба як аъзои он (ё ба яке аз сараъзоҳо, ё ин ки ба яке аз аъзоҳои

---

[280] Рустамов Ш., Каримов А., Аминов С. Забони тоҷикӣ (Барои синфи VII). –Душанбе: Маориф, 1985, с. 15.

* **Таъкид**: Таърифи мазкури иборарo мо аз он таърифе, ки дар нашри охири китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи VIII (с. 2007) баррасӣ гардидааст авлотар меҳисобем.

пайрав) мансуб мешаванду ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда (ва, -у, аммо, вале…) ба ҳам алоқаманд шуда, ба як савол (чунончи, дар таркиби **падар ва писар**: -Кӣ? –Падар. –Кӣ? -Писар) ҷавоб мешаванд. Масалан, ҷумлаи «**Падар ва писар** маслиҳат мекарданд» ин тавр таҳлил карда мешавад: -Киҳо маслиҳат мекарданд? –Падар ва писар (мубтадо). –Падар ва писар чӣ кор мекарданд? – Маслиҳат мекарданд (хабар). Чунон ки мебинем, дар ин ҷумла алоқаи калимаҳои **падар** ва **писар** ба воситаи пайвандаки **ва** ба вуҷуд омадааст, ки чунин алоқаро **алоқаи пайваст** меноманд. Хулоса ин, ки калимаҳо дар алоқаи пайваст дар ҷумла ба вазифаи як аъзои он меоянд, чунон ки таркиби **падар** ва **писар** ба вазифаи як аъзои он, яъне мубтадо, омадааст. Вале алоқаи тобеи калимаҳо дар ибора ва ҷумла бар хилофи алоқаи пайваст дигаргунатар сурат мегирад: а) дар алоқаи тобеъ чи дар ибора ва чи дар ҷумла як калима ба калимаи дигар тобеъ мешавад, ки дар ин маврид воситаҳои алоқа ё **бандаки изофӣ**, ё яке аз пешоянд (пасоянд), ё ки танҳо интонатсия (оҳанги ҷалаффуз) маҳсуб меёбад; б) чун дар алоқаи пайваст калимаҳо (ҷузъҳо) дар ибора на ба як аъзои ҷумла, балки ба аъзоҳои ҷудогонаи он мансуб мешаванд. Чунончи, ҷузъҳои ибораи **сарҳои гандум** дар ҷумлаи «**Сарҳои гандум** ҳам шудаанд», аз он ки ба кадом аъзои он мансубанд, ин тавр муайян карда мешавад: -Чиҳо ҳам шудаанд? - Сарҳо (мубтадо). –Сарҳои чӣ? –Гандум (муайянкунанда). Чунон ки мебинем, аз ҷузъҳои ибораи **сарҳои гандум** дар ин ҷумла ҷузъи тобеъкунандааш (сарҳо) ба вазифаи мубтадову, ҷузъи тобеъшавандааш (гандум) ба вазифаи муайянкунанда омадааст, ки чунин хусусият дар алоқаи пайвасти калимаҳо дида намешавад.

Муаллим дар ҳамин лаҳзаи баён, ки сухан дар бораи алоқаи тобеъ дар ибора ва фарқи он аз алоқаи пайваст рафт, ба хонандагон метавонад таъкид созад, ки алоқаи тобеву пайваст на танҳо дар байни калимаҳои дохили ҷумлаҳои содда, балки байни ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб низ сурат мегирад, вале маълумотро дар ин бобат дар синфи IX ҳангоми таълими ҷумлаҳои мураккаб хоҳанд гирифт. Сипас, муаллим ба масъалаи **мафҳуми конкрет**ро фаҳмонидани ибора, ки баррасӣ гардида буд, мухтасар истода, диққати хонандагонро боз пайиҳам ба ду масъала: а) фарқи ибора аз таркиб ва б) фарқи ибора аз ҷумла ҷалб месозад, ки мо дар бобати шарҳи масъалаи аввал, яъне фарқи ибора аз таркиб, аз таблитсаи (33) зерин истифода намуданро бамаврид медонем.

Таблитсаи 33

т/р	ЧИРО ТАРКИБ МЕНОМАНД?	НАМУНАИ МИСОЛҲО
1.	Алоқаи як калимаи мустақилмаъноро бо пешоянд ё пасоянд	**ба** саҳро, **аз** хона, **дар** мактаб, падрам **катӣ**, **чун** оина, лола **барин**…
2.	Алоқаи як ҳиссаи мустақилмаъноро бо феъли ёридиҳанда	хатм кардан, сар кардан, розӣ шудан, гуфта шудан, шарм доштан, гӯш кардан…
3.	Алоқаи ду ҳиссаи мустақилмаъноии нутқро бо пайвандакҳои пайвастқунанда	хурду калон, марду зан, шаҳр ва деҳа, китоб ё дафтар, падар ва писар, шому саҳар…

Муаллим аз рӯи таблитсаи мазкур мафҳуми **таркиб чист** ва фарқи онро аз ибора ва баръакс, шарҳ дода, сониян, диққати хонандагонро ба масъалаи фарқи ибора аз ҷумла ҷалб мекунад, ки шарҳи мазкур, тахминан, бо чунин мазмун баррасӣ хоҳад шуд, яъне хонандагон фаҳманд, ки: ибора бар хилофи ҷумла на хусусияти маълумотдиҳӣ (хабаррасонӣ), балки, чунон ки дар фавқ таъкид шуд, хусусияти номбаркунии мафҳумҳо (предмет, аломат ва амалу ҳаракат)-ро доро мебошад. Вале дар ҷумла ҳамеша фикри баохиррасида ифода гардида, дар он дар бораи ба охир расидан ё нарасидан, ё худ давомнокии амал, ҳолат ва ҳаракати предмету ҳодисаҳо маълумот дода мешавад. Аз ин рӯ, аз он, яъне ҷумла, ба хусус, хабари он мафҳумҳои **шахс, шумора, замон** ва **сиға** фаҳмида мешавад, ки ин гуна хусусиятҳо низ ба ибора хос нест. Зиёда аз ин, ба тавассути ҷумла алоқаи гуфтугӯии байни одамон ё худ аъзоёни ҷамъият барқарор карда мешавад, вале чунин вазифаро ибора танҳо дар ҷумла ва ба воситаи ҷумла адо мекунаду бас.

Дар дарси навбатӣ, ки аз рӯи нақша дар бораи алоқаи калимаҳо дар ибора ва сохти ибора маълумот дода мешавад, саравval, дар лаҳзаи баён истифода бурдан аз таблитсаи (34) зеринро тавсия мекунем:

Таблитсаи 34

АЛОҚАИ КАЛИМАҲО ДАР ИБОРА		
Алоқаи изофӣ	**Алоқаи вобастагӣ (пешояндию пасояндӣ)**	**Алоқаи ҳамроҳӣ**
аъзои маҳфил, дашти беоб, кӯдаки ширмак, мизи корӣ, пухтани меваҳо, омадани меҳмонони хориҷӣ	меҳнатро дӯст доштан, шиша барин шаффоф, бо дӯстон нишастан, аз чӯб сохтан, мактабро хатм кардан, муҳаббат ба халқу Ватан	қалам тарошидан, хурдтарин дарё, оҳиста рафтан, ниҳоят калон, чизе нагуфтан, ором нишаста навиштан

Дар заминаи мисолҳои таблитсаи мазкур сабаби **алоқаи изофӣ** (аъзои маҳфил), **алоқаи вобастагӣ** (шиша барин шаффоф, бо дӯстон нишастан) ва **алоқаи ҳамроҳӣ** (қалам тарошидан) номида шудани хелҳои алоқаро дар ибора шарҳ дода, муаллим марбут ба сохти ибораҳо таъкид мекунад, ки ибора агар танҳо аз ду калимаи мустақилмаъно (аъзои маҳфил, қалам тарошидан) ташкил ёфта бошад, **ибораи содда** ва агар аз се ё зиёда аз ин (омадани меҳмонони хориҷӣ, муҳаббат ба халқу Ватан) ташкил ёфта бошад, **ибораи мураккаб** номида мешавад.

Дар дарси навбатӣ, ки дар бораи хелҳои ибора (асосан, дар бораи ибораҳои исмӣ ва феълӣ)* аз рӯи тарзи ифодаи ҷузъи асосии он маълумот баррасӣ карда мешавад, бояд хонандагон, сараввал, аз шарҳи муаллим фаҳманд, ки ибораҳо аз рӯи он, ки ҷузъи асосиашон, яъне калимаи тобеъкунандаашон, бо чӣ ё худ бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтааст, шаш хел мешаванд: исмӣ, сифатӣ, шуморагӣ, ҷонишинӣ, феълӣ ва зарфӣ. Чунончи, агар ҷузъи асосии ибора бо исм (**китоби** бадеӣ, **модари** муаллим) ифода ёфта бошад, **ибораи исмӣ**, вале он (ҷузъи асосӣ) бо феъл (китобро **дӯст доштан**, сангеро **бардоштан**) ифода шуда бошад, **ибораи феълӣ** номида мешавад. Ин маъниро гуфта, агар таблитсаи (35) зерин ба тавассути кодоскоп ва ё компютер намоиш дода шавад, шарҳи масъала барои муаллиму дарки он аз тарафи хонандагон зиёда ба осонӣ даст хоҳад дод.

---

* **Таъкид**: Мувофиқи талаби барнома ба хонандагон, асосан, дар бораи ибораҳои исмиву феълӣ маълумот дода мешавад. Аммо муаллим метавонад, аз ҳисоби соатҳои сарфакардааш дар заминаи мисолҳои барҷаста дар бораи хелҳои дигари ибора ҳам муфассалтар маълумотро

Таблитсаи 35

ХЕЛҲОИ ИБОРА АЗ РӮИ МАЪНО- ТАРЗИ ИФОДАИ ҶУЗЪИ АСОСӢ	
Хелҳои ибора	Намунаи мисолҳо
1. Ибораҳои исмӣ	модари Мижгона, талабаи хушхат, калонтарин шаҳр, ҳамкорӣ бо хорича
2. Ибораҳои сифатӣ	сурхи баланд, зарди паст, хеле хурд, бисёр нозук, шиша барин шаффоф
3. Ибораҳои шуморагӣ	сади расо, 23-юми феврал, аз шаш як, аз пеш чорум, якуми сентябр
4.Ибораҳои ҷонишинӣ	ҳамаи шумо, баъзеи онҳо, чанде аз аскарон, мани муаллим, ҳар кадоми онҳо
5. Ибораҳои зарфӣ	фардои фирӯз, имрӯзи мо, андак ҷасурона, каме онсӯтар, даҳ маротиба кам
6. Ибораҳои феълӣ: а) масдарӣ б) сифати феълӣ в) феълиҳолӣ	 дидани шумо, шабона хондан, шуморо дидан, шуморо дидагӣ, (бачаи) шеър хондагӣ, (китоби) аз замин бардошта, андаке сурх шуда, гапзанон бо ҳама

Аз рӯи ин таблитса хонандагон бояд фаҳманд, ки ба вазифаи ҷузъи асосии ибораҳои феълӣ на феълҳои тасрифӣ, балки феълҳои тасрифнашаванда меоянд. Аз ин ҷиҳат, ибораҳои феълӣ вобаста ба хели феълҳои тасрифнашаванда се хел - **масдарӣ, сифати феълӣ** ва **феълиҳолӣ**- мешаванд. Ҳамчунин, таблитсаи мазкур имкон медиҳад, ки ҳамаи масъалаҳои марбут ба ибора, ки ҳам дар синфи V ва ҳам дар синфи VIII баррасӣ гардида буд, ба тадриҷ такрор ҳам карда шавад. Таблитсаи мазкурро дар яке аз дарсҳои такрори солона, ки ба фасли «Ибора» бахшида мешавад, низ метавон истифода кард.

§ 59 Ҷумла

Дар системаи мафҳумҳои синтаксии дар мактаб таълим дода мешудагӣ мавзӯи «Ҷумла», бешубҳа, мавқеи муҳимтарро ишғол менамояд. Барои ҳамин ҳам, дар ҷараёни машғулиятҳои, умуман, ба таълими ҷумла бахшидашаванда бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки барои намоиш додани табиат ва ё хусусиятҳои барҷастаи он (ҷумла) на танҳо аз диди илми забоншиносӣ, балки бо истифода аз методикаи умумиву хусусӣ, аз ҷиҳатҳои гуногун, масалан, аз рӯи ифодаи мақсад, аз ҷиҳати сохт ба он, яъне ба ҷумла, баҳо дода, дар ҳамин ҷараён тобишу муносибатҳои

маъноияш ҳам муайян карда шавад. Чунин амал дар омӯзиши хусусиятҳои ҷумла барои он зарурат дорад, ки хонандагон хосиятҳои асосии онро шуурона дарк намоянд. Чунон ки маълум аст, омӯзиши ҷумла дар мактаб се давраро дар бар мегирад: а) давраи амалан таълим додани он дар синфи III-IV; б) нисбатан аз ҷиҳати назариявию амалӣ омӯхтани он дар синфи V ҳангоми таълими курси муқаддимавии синтаксис; в) дар синфҳои VIII-IX дар заминаи маълумотҳои то андоза амиқтари назариявию амалӣ таълим додани он ҳангоми омӯзиши курси системаноки синтаксиси забони тоҷикӣ аст, ки ин давраи асосӣ маҳсуб ёфта, балки ба таври бояду шояд дастраси хонандагон гардонидани ҷанбаҳои ин рукн ва ё воҳиди нутқ аз муаллим басо маҳорати баланди педагогиву методӣ ва донишҳои амиқи забоншиносӣ доштанро талаб менамояд.

Ҳамин тавр, бо назардошти гуфтаҳои фавқ хонандагон дар синфи VIII дар ҳамон дарси аввали ба таълими мавзӯи «Ҷумла» бахшидашаванда бояд вазифаи аввалиндараҷаи ҷумла – дорои хусусияти ахборотӣ (хабардиҳӣ) будани онро, ки ин нукта аз синфи V андаке барояшон дастрас аст, бори дигар дақиқтар дарк намояд. Онҳо бояд ба саволи «Ҷумла дар нутқ (гуфтор) барои чӣ лозим аст?» барояшон ҷавоб ёбанд. Дар ин бобат бояд фаҳманд, ки одамон ба воситаи ҷумлаҳо гуфтугӯ мекунанд, ба ҳамдигар чизеро мефаҳмонанд, аз ҳамдигар чизеро мепурсанд, ба ичрои амале ҳамдигарро водор мекунанд. Онҳо бояд донанд, ки ҳар шахс, ҳангоме ки ҷумлае гӯяд ё иншо кунад, ба воситаи он ҳатман ин ё он мақсади худро баён мекунад[281], ки он ё ба тариқи расондани хабару пурсише ва ё ба таври амру хитобе сурат мегирад. Инчунин, дар ҳамин дарси аввал ба хотир овардани фарқиятҳои асосии ҷумла аз ибора мавриди басо муносибе фароҳам меояд: яъне бояд таъкид кард, ки агар ибора аз рӯи маънои луғавиаш предмет, аломат ва амалро ифода кунад, ҷумла барои ба амал омадани мулоқоту гуфтугӯ дар байни одамон, ки бо роҳи хабаррасонӣ, саволдиҳӣ ва водоркунӣ рух медиҳад, хизмат менамояд. Ниҳоят, муҳим он аст, ки дар ҷараёни таълими хусусиятҳои умумии ҷумла, ба вижа, аз рафти таълими ҷумла марбут ба мақсади баён (хабарӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ) хонандагон ба тарзи талаффузи меъёрии хелҳои ҷумла малакаи дақиқ пайдо намуда, дар нутқи хаттиашон аломатҳои китобати охири ҷумлаҳо ва тире дар байни сараъзоҳои онро бошуурона гузошта метавонистагӣ шаванд.

---

281 Ниг.: Озерская В.П. Изучение морфологии на синтаксической основе. –М.: Просвещение, 1978, с. 277.

Инак, дар синфи VIII ба таълими мавзӯи «Ҷумла» оғоз намуда, лозим аст, ки пеш аз ҳама, диққати хонандагон ба аломатҳои зерини он (ҷумла) ҷалб карда шавад: а) ҷумла аз алоқамандии гурӯҳи калимаҳо ташкил меёбад; калимаҳои алоҳида (ҷудогона) низ ҷумла шуда метавонанд; б) ҷумла фикри тамомшударо ифода мекунад; в) ҷумла дорои оҳанги баохиррасида мебошад.

Бояд гуфт, ки ба хонандагон, асосан, ин аломатҳои номбаршудаи ҷумла, аз синфи V шинос мебошанд, ба ҷуз як аломати он, яъне ҷумла шуда тавонистани калимаи ҷудогона. Вале аз он ки дар синфи VIII таърифи нисбатан пурратари ҷумла баррасӣ мегардад, такрори ҳамон маълумот ё худ аломатҳои ҷумла дар ин синф зарурат пайдо мекунад. Аз ин рӯ, дар навбати аввал ба ҳайси мушоҳида матне, ки дорои на камтар аз се-чор ҷумла бошад, пешниҳод карда мешавад. Чунончи: **Ду сол гузашт. Фирдавсӣ ҳамоно дар Табаристон мезист. Аз ватанаш, хешонаш хату хабар набуд. Аз вай ҳам ба онҳо хабаре намерасид** (С.У. Фирдавсӣ, с.260).

Хонандагон бо супориши муаллим матни мазкурро ифоданок қироат намуда, шарҳ медиҳанд, ки ин матн аз чор ҷумла иборат буда, ҳар кадоме аз гурӯҳи калимаҳои бо роҳҳои гуногун ба ҳам алоқа пайдо кардагӣ ташкил ёфтаанд. Сипас, ба саволи «Ҷумла чист?» бояд хонандагон таърифи зеринро гӯянд, ки ҳанӯз дар синфи V аз бар намуда буданд: «**Гурӯҳи калимаҳои ба ҳам алоқаманд, ки фикри томро ифода мекунанд, ҷумла номида мешавад**» (Албатта, таърифи мазкури ҷумла аз чанд нафар пурсида мешаванд). Муаллим аз ҷавобҳои шогирдон қаноат ҳосил намуда, бо чунин саволи риторикӣ «Оё шумо медонед, ки як калима ҳам ҷумла мешавад?» мурочиат намуда, таъкид мекунад: -Бале, як калима ҳам ҷумла шуда метавонад, ба шарте ки он фикри тамомшударо ифода намояд. Масалан:

а) Тирамоҳ. Саҳарии барвақт. Шоири саҳархез (Фирдавсӣ, - С.Ш.) дар чорбоғ... танҳо гардиш мекунад (С.У. Фирдавсӣ, с. 183).

б) –Бобоҷон, кай меравем?- пурсид Гев аз ин суханони бобояш ба вақд омада.

–Ҳозир.

–Ҳамаамон?

–Ҳа, ҳамаамон (Ҷ.О.).

Ин ҷо муаллим ҳангоми қироати матни аввал бояд калимаи **тирамоҳ** ва ибораи **саҳарии барвақт**ро тарзе ва бо оҳанги махсус талаффуз намояд, ки ҳар кадом чун ҷумла, яъне оҳанги баохиррасии фикр дар онҳо, баръало тасаввур карда шаванд.

Матни дуюмро низ ифоданок қироат намуда, бояд шарҳ диҳад, ки дар ин матн низ калимаҳои **ҳозир** ва **ҳамамон** фикри тамомшударо ифода кардаанд, яъне ба ҷумла будани онҳо шубҳае ҳам нест. Зеро ки ин калимаҳо дар алоқамандӣ, хусусан, бо ҷумлаи аввал чунин имконият, яъне дорои фикри том шуданро пайдо намудаанд.

Хуллас, аз мушоҳидаи таҳлили ҳар ду матн бояд хулоса бароварда шавад, ки чунин калима – ҷумлаҳо, асосан, дар нутқи монологию тасвирии нависанда ва бештар дар нутқи диалогӣ ба мушоҳида гирифта мешавад. Ва пас аз ин гуфтани таърифи зерини нисбатан пурраи ҷумла, ки дар китоби дарсӣ оварда шудааст, хеле ба маврид хоҳад буд: «**Гурӯҳи калимаҳои бо ҳам алоқаманд ва ҷудогонае, ки фикри томро ифода мекунанд, ҷумла номида мешаванд**»

Дар ҳамин лаҳзаи баён муаллим метавонад боз як фарқи ҷумларо нисбат ба ибора шарҳ диҳад, ки ин ба масъалаи алоқаи калимаҳо дар ҷумла иртибот дорад. Дар ин хусус бояд фаҳмонд, ки чун дар ибора калимаҳо дар ҷумла низ ба ҳам алоқаманд мешаванд. Агар алоқаи ҷузъҳои ибора бо роҳи тобеъкунӣ сурат гирифта, ба се навъ (изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ) ҷудо карда шуда бошад, чунин алоқаи калимаҳо дар ҷумла пеш аз ҳама бо ду роҳ- тобеъкунӣ ва пайвасткунӣ ба вуҷуд меояд. Яъне дар ҷумла ду навъи алоқа дида мешавад: тобеъ ва пайваст. Алоқаи тобеъи калимаҳо дар навбати худ чор хел мешаванд: **мувофиқат, изофӣ, вобастагӣ** ва **ҳамроҳӣ**. Алоқаи мувофиқат дар байни сараъзоҳои ҷумла- мубтадо ва хабар ба вуҷуд меояд. Мувофиқи талаби ин навъи алоқа хабар ба мубтадо тобеъ буда, бо он (мубтадо) аз рӯи шахсу шумора мувофиқат мекунад. Чунончи: Тирамоҳ омад. Меваҳо пухтанд.

Чунон ки мебинем, дар ин мисолҳо мубтадоҳо шахси танҳоро ифода мекунанду хабарҳо (омад, пухтанд) низ дар ҳамин шахсу шумора омада ба мубтадоҳои худ мувофиқат кардаанд. Ҳамин тавр, аз рӯи шахсу шумора ба ҳам алоқа пайдо кардани мубтадо ва хабарро **алоқаи мувофиқат** меноманд.

Муаллим фикрашро дар бораи алоқаи калимаҳо дар ҷумла идома дода таъкид мекунад, ки хелҳои дигари алоқаи тобеи калимаҳо дар ҷумла (изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ) айнан ба алоқаи ҷузъҳо дар ибора шабоҳат дорад. Фарқ ҳамин, ки алоқаи вобастагиву ҳамроҳӣ бештар дар байни аъзоҳои пайрави ҷумла (пуркунандаву холҳо) ва хабар сурат мегирад. Яъне пуркунандаву холҳо ё ба худ пешояндu пасоянд қабул намуда ва ё танҳо аз рӯи маъно ба тавассути оҳанги таллафуз ба хабарҳо тобеъ шуда меоянд. Алоқаи изофии калимаҳо бошад, дар ҷумла

мставонад дар байни аъзоҳои он -байни мубтадову муайянкунанда, пуркунандаву муайянкунанда, ҳолу муайянкунанда ва ҳатто хабару муайянкунанда сурат бигирад. Чунончи, ҳамин гуфтаҳоро дар мисоли мазкур аз назар мегузаронем:

Маслиҳати Раъно ба Малика писанд омад.* (Ш.Ҳ.)

Чунон ки мебинем, ин ҷумла чор аъзо -мубтадо (маслиҳат), хабар (писанд омад), муайянкунанда (Раъно) ва пуркунанда (ба Малика) мавҷуд буда, байни мубтадову хабар (Маслиҳат писанд омад) алоқаи мувофиқат, байни мубтадову муайянкунанда (маслиҳати Раъно) алоқаи изофӣ ва байни пуркунандаву хабар (ба Малика писанд омад) алоқаи вобастагӣ ба вуҷуд омадааст.

Сипас, дар бораи алоқаи пайваст бояд муаллим таъкид кунад, ки чунин алоқа дар ҷумла дар байни аъзохои чидаи он ва зиёда ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда сурат мегирад. Масалан, дар ҷумлаи «Раъно ва Малика ҳамсинфанд» мубтадо (Раъно ва Малика) чида шуда омадааст, ки алоқаи онҳоро пайвандаки пайвасткунандаи **ва** таъмин намудааст.*

Албатта, барои мустаҳкамкунии донишҳои хонандагон доир ба мавзӯи «Ҷумла» чи дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ ва чи пурсиши вазифаи хонагӣ (дар дарси навбатӣ) ба ҷуз саволу ҷавоб, ҳамчунин, онҳо ба иҷрои супоришҳои гуногун, ба монанди а) аз калимаҳои додашуда сохтани ҷумлаҳо; б) аз матнҳои пароканда сохтани матни солим; в) дар матнҳои беаломат муайян намудани ҳудуди ҷумлаҳо; г) ҷумлаи танҳо аз сараъзоҳо иборат бударо ба калима ё иборае тафсил додан; ғ) тартиб додани матн дар ҳаҷми на камтар аз ду-се ҷумла ва ғ. равона карда мешаванд, ки иҷрои ин ҳама на танҳо дар хонандагон малакаи шуурона тартиб додани ҷумла (матнҳо)-ро инкишоф медиҳанд, балки дар ташаккули нутқи мураттаби онҳо мусоидат хоҳанд кард.

---

* **Эзоҳ.:** Майли ҳаракати тирчаҳо (← ё →) чӣ ба чӣ тобеъ буданро ифода мекунад. Масалан, тирачае, ки хабару мубтадоро (Маслиҳат писанд омад) ба ҳам пайвастаст, чунин маъно дорад,ки хабар ба мубтадо тобеъ аст.

* **Таъкид.:** Ин ҷо муаллим барои вақтро кашол надодан таъкид мекунад, ки оид ба масъалаи алоқаи пайваст дар ҷумла ҳангоми таълими ҷумлаҳои нидоӣ,эзоҳ,боз фикрҳои нав гуфта хоҳад шуд.

§ 60. Хелҳои ҷумла аз рӯи мақсади баён

Хонандагон доир ба хелҳои ҷумла аз рӯи мақсади баён ва оҳанги талаффуз, ки ба гурӯҳҳои хабарӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ ҷудо карда шудаанд, аз курси муқаддимавии синтаксис, ки дар синфи V таълим дода шудааст, шиносанд, яъне доир ба ин фасли синтаксис як андоза тасаввурот доранд. Чунончи, медонанд, ки ба воситаи ҷумлаҳои хабарӣ (ҳикоягӣ) дар бораи чизе, воқеаву ҳодисае хабар дода мешавад, ба воситаи ҷумлаҳои саволӣ аз касе чизе пурсида мешавад, ба воситаи ҷумлаҳои амрӣ амру фармон ва ё хоҳише ба ҷо оварда мешавад, ба воситаи ҷумлаҳои хитобӣ ҳиссиёту ҳаяҷони баланд ва ё изтиробангезе ифода карда мешаванд. Ва хонандагон таърифҳои як андоза соддатари чунин навъи ҷумлаҳоро бо овардани мисолҳои меъёрӣ гуфта ҳам метавонанд. Аммо аз ҷиҳати илмӣ доир ба тарзи оҳанги талаффузи чунин ҷумлаҳо ба онҳо маълумоте дастрас карда нашудааст, ки ин нукта бояд дар асоси талаби барномаи синфи VIII ба онҳо дастрас карда шавад. Инчунин, хонандагон доир ба ҷумлаҳои саволӣ ҷумлаҳоеро мисол меоваранд, ки оҳанги пурсиш дар онҳо танҳо ба воситаи ҷонишинҳои саволӣ ифода ёфтаанду бас. Ба ҷуз ин, ба хонандагон усули ба ҷумлаҳои саволӣ табдил додани ҷумлаҳои ҳикоягӣ, амрӣ ва хитобӣ низ ҳанӯз дастрас нест, ки ин нукта бояд дар синфи VIII дар алоқамандӣ бо масъалаи задаи мантиқӣ ҳалли худро ёбад.

Инак, бо назардошти нуктаҳои фавқ дар огоз дониши пешинаи хонандагонро, ба хусус, доир ба хели ҷумлаҳои содда марбут ба оҳанги талаффузу мақсади баён санҷида, бояд таъкид карда шавад, ки акнун аз ҳамин дарс сар карда доир ба хусусиятҳои чунин хели ҷумлаҳои забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар бораи тарзи талаффузи онҳо, роҳҳои дигари ифодаи пурсиш дар ҷумлаҳои саволӣ ва ниҳоят дар бораи тарзи ба ҷумлаҳои саволӣ табдил додани ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва амириву хитобӣ низ маълумот хоҳанд гирифт.

Лозим ба таъкид аст, ки бо вуҷуди асоси маълумотҳоро доир ба ҷамлаҳои ҳикоягиву саволӣ ва амриву хитобӣ доро будани хонандагон , мо дар синфи VIII ба ин масъала бахшидани на камтар аз ду соати таълимиро тавсия мекунем. Дар дарси аввал, ки маълумот додан дар бораи ҷумлаҳои ҳикоягиву саволӣ дар мадди назар аст, пеш аз баёни мавзӯъ барои мушоҳида, тахминан, чунин ду гурӯҳи ҷумлаҳо (тавассути таблитса ё экрани кодоскоп) намоиш дода мешавад, ки ҳар кадом аз 3-4 ҷумлаи ба ҳам алоқаманд (матн)-ро фаро гирифта бошад. Чунончи:

а) Бахорон буд. Борон буд. Раъд гулдуррос мезад. Ҳеҷ кас садои тирро намешунавид.(Ҷ.О).

б) Кӣ ба Асо телефон кард? Вай барои чӣ ба клуб меояд? Шумо Низомиддин Афандӣ? Чаро овозатон хаста? Касал шудед? Шамол хӯрдед? (Ҷ.И.)

Муаллим, пеш аз ифоданок қироат намудани ин ду матн хонандагонро таъкид мекунад, ки ҳама ба тарзи хондани ӯ ва оҳанги талаффуз дар ҳар як ҷумла диққат диҳанд. Ва ӯ, аввал, ҳар як ҷумлаи басти аввалро ифоданок қироат намуда, аз хонандагон талаб мекунад, ки онҳо низ он ҷумлаҳоро тақлидкорона ба устодашон талаффуз кунанд. Сипас, хулоса бароварда мешавад, ки оҳанги талаффуз дар аввали ҷумлаҳои хабарӣ баланд шуда, дар охир паст мешавад: Чунончи:

Баҳорон буд. Борон буд. Раъд гулдуррос мезад. Ҳеҷ кас садои тирро намешунавид.

Муаллим дар болои ҳар як ҷумла (хабарӣ)-и басти аввал баланд шудан ва дар охир паст шудани овозро бо тирчаҳо ишора намуда, таъкид мекунад, ки акнун ҳама ба тарзи оҳанги талаффузи басти дуюми ҷумлаҳо, ки ҳоло ӯ қироат мекунад, низ диққат диҳанд, зеро ки баъд онҳо ҳама ҳар яке аз он ҷумлаҳоро бояд мисли ӯ қироат кунанд. Ва пас аз иҷрои амали мазкур, ки аз тарафи устоду шогирдон ба ҷо оварда мешавад, муаллим чунин хулоса мебарорад: Дар ҷумлаҳои саволӣ ҳам пастубаландшавии оҳанги талаффуз эҳсос карда мешавад. Асосан, баландшавии овоз дар ҳамон калимаҳои чунин ҷумлаҳо ҳис карда мешавад, ки оҳанги пурсиш ё худ саволдиҳӣ маҳз ба воситаи онҳо ифода карда мешавад. Он калимаҳо аксар ҷонишинҳои саволӣ (кӣ?, чӣ?, киҳо?, чиҳо?, чаро?, чанд?, чандум?) мебошад, ки инро шумо медонед. Чунон ки мебинед, дар ин матн (басти дуюм) оҳанги савол дар ҷумлаи якум ба воситаи ҷонишини саволии **ки**?, дар ҷумлаи дуюм ба ҷонишини **чӣ** ва дар ҷумлаи чорум ба ҷонишини **чиро**? ифода карда шудааст. Инчунин, айнан чунин вазифаро, яъне оҳанги пурсишро, дар ҷумлаҳои саволӣ чун ҷонишинҳои саволӣ ҳиссачаҳои саволии **оё, наход, наход ки, магар, мӣ** адо менамояд. Масалан, баъзан одамон ба ҳамдигар ин тавр мурочиат мекунанд: **Наход** ин шумо бошед? **Оё** хунук хӯрдед? Фаҳмидед-**мӣ**?

Пас аз шарҳи ҷумлаҳои саволии мазкур, ки дар онҳо оҳанги пурсиш ба воситаи ҳиссачаҳои саволӣ ифода гардидааст, таъкид карда мешавад, ки дар нутқи мо боз як усули ифодаи пурсиш ё

худ саволдихӣ мушоҳида карда шавад, ки он на ба воситаи калимаҳои саволӣ (ҷонишин ва хиссачаҳои саволӣ), балки танҳо ба воситаи оҳанги талаффуз, аниқтараш, ба воситаи гузоштани задаи махсус ба ҳамон калима (ва ё қисмат)-и ҷумла, ки маҳз мақсади асосии гӯянда ба тавассути он ифода карда мешавад. Ва он задаи махсусро дар илми забоншиносӣ **задаи мантиқӣ** меноманд. Аз ҷумла, дар ҳамин басти дуюм дар охири ҷумлаҳои «Шумо Низомиддин Афандӣ? Касал шудед? Шамол хӯрдед?» аломати савол гузошта шудааст, ҳарчанд ки дар таркибашон ягон калимаи саволӣ дида намешавад. Аммо лозим аст, ки ҳангоми қироат хонанда ҷунин ҷумлаҳоро бо оҳанги ҷумлаи саволӣ талаффуз кунад. Диққат кунед: Шумо Низомиддин **Афандӣ?** Касал шудед? Шамол хӯрдед? Инак, чунон ки мебинед, мо дар ин ҷумлаҳо калимаҳои **Афандӣ**, **касал** ва **шамолро** бо гузоштани задаи махсус тавре талаффуз намудем, ки дар иртибот ба ҳамин усули талаффуз ҷумлаҳои мазкур дорои оҳанги пурсиш гардида, ба саволӣ табдил ёфтанд, ки ин ба тавассути истифодаи тарзи махсуси талаффуз ё худ задаи мантиқӣ сурат гирифт.

Сипас, шарҳи худро дар бораи махсусияти задаи мантиқи муаллим идома дода, бояд таъкид кунад, ки ба воситаи моҳирона истифода карда тавонистани задаи мантиқӣ, пеш аз ҳама, ҷумлаҳои хабарӣ ба саволӣ табдил дода мешаванд. Чунончи, ҷумлаи «Дар истгоҳ мардум интизор буданд» хабари буда, бо гузоштани задаи мантиқии дорои оҳанги саволӣ ба хабари (интизор будед) он (ҷумла) ба ҷумлаи саволӣ табдил меёбад: Дар чунин маврид оҳанги талаффуз дар аввал паст буда, дар охир баланд мешавад. Масалан: Дар истгоҳ мардум **интизор буданд?**

Пас аз он ки ин ҷумлаҳоро як ду нафар хонанда ҳам бо оҳанги савол қироат мекунад, хуб мешавад, ки боз чанд ҷумлаи дигар (ҷумлаҳои кӯтоҳу на чандон тафсилӣ) дикта карда шавад, то ки хонандагон навишта, сипас, бо истифода аз задаи мантиқӣ онҳоро чун ҷумлаҳои саволӣ талаффуз намояд. Масалан, аз қабили чунин ҷумлаҳоро:

1. Азим ба саҳни ҳавлӣ баромад (Б.Ф.).
2. Илҳом ва Норӣ лаҳзае истоданд (Б.Ф.).
3. Занги дар Азимро ба худ овард (Б.Ф.).
4. Табассум аз чеҳраи Абдулло нопадид гашт (Б.Ф.).

Ин ҷо дар навбати аввал хуб мешавад, ки барои ба саволӣ табдил додани ҷумлаҳои мазкур задаи мантиқии саволӣ ба хабарҳо (баромад, истоданд, ба худ овард, нопадид гашт) гузошта шавад. Чунончи : Азим ба саҳни ҳавлӣ **баромад**? Илҳом ва Норӣ лаҳзае **истоданд**? ва г.

Ҳамзамон марбут ба задаи мантиқӣ донанд, ки бо воситаи он дар ҷумла бештар тобишҳои гуногуни маъноӣ ифода карда мешавад. Ҳатто дар як ҷумла ҳар гоҳ бе тағйир додани ҷои задаи мантиқӣ, ин ё он тобиши маъноиро метавон эҳё намуд. Чунончи:

1. **Азим** ба саҳни ҳавлӣ баромад.
2. Азим **ба саҳни ҳавлӣ** баромад.
3. Азим ба саҳни ҳавлӣ **баромад.**

Аз рӯи тарзи гузошта шудани задаи мантиқӣ дар ин се ҷумла, ки таркиби луғавии якхеларо доро мебошанд, шарҳи муаллим бояд чунин сурат бигирад: Задаи мантиқӣ дар ҷумлаи аввал ба калимаи **Азим** гузошта шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки ба саҳни ҳавлӣ танҳо Азим баромадааст. Аз мазмуни ҷумлаи дуюм ва задаи мантиқии он, ки ба таркиби **ба саҳни ҳавлӣ** гузошта шудааст, бармеояд, ки Азим маҳз ба **саҳни ҳавлӣ** баромадааст, на ба дигар ҷо. Аз мазмуни умумии ҷумлаи саввум ва ҷои задаи мантиқии он фаҳмида мешавад, ки Азим танҳо як амал – **баромаданро** иҷро кардааст бас.

Пас аз бо чунин мазмун шарҳ додани тобишҳои маъноии ҷумлаҳои фавқ, ки ки ҳамагӣ ба тавассути дигар шудани ҷои задаи мантиқӣ дар айни як ҷумлаи -«Азим ба саҳни ҳавлӣ баромад-»-ба мушоҳида гирифта шуд, бо мақсади мустаҳкамкунии дониши хонандагон доир ба ҳамин нуқта мефармояд, ки онҳо ҳам бо дигар намудани ҷои задаи мантиқӣ дорои чӣ гуна тобишҳои маъноӣ гардиданро дар ҷумлаҳои дигар (Илҳом ва Норӣ лаҳзае истоданд. Занги дар Азимро ба худ овард. Табассум аз чеҳраи Абдулло нопадид гашт) низ шарҳ диҳанд.

Баёни мавзӯи дарси навбатиро , ки ба таълими ҷумлаҳои амрӣ ва хитобӣ бахшида мешавад, бо истифода аз таблитсаи (36) зерин ифтитоҳ бахшидан мувофиқи мақсад дониста мешавад:

Таблитсаи 36

Ҷумлаҳои амрӣ	Ҷумлаҳои хитобӣ
1.Ту имрӯз ба назди ман биё. 2. Аз худ қалонро ҳурмат кун. 3.Ҳамаатон ин китобро хонед. 4. Дар ҳаёт ба касе бадӣ накун.	1.Зинда бод дӯстии халқҳо! 2. Давлати ҷонпарвар аст, сӯҳбати омӯзгор!(Саъдӣ) 3. Офарин, ба пахтакорони тоҷик! 4. Шин! Ту бояд камтар дам гирӣ!

Азбаски ба хонандагон ҳанӯз дар синфи V дар чаҳорчӯбаи таълими курси муқадимавии синтаксис дар бораи ин навъи ҷумлаҳо низ баъзе маълумотҳо дастрас гардонида шудааст,

муаллим диққати аҳли синфро ба мисолҳои дар таблитса додашуда ҷалб намуда, метавонад чунин муроҷиат кунад: Мо ба шумо дар бораи ҷумлаҳои амрӣ ва хитобӣ ҳанӯз дар синфи V маълумот дода будем. Шумо бояд дар хотир дошта бошед, ки ба воситаи истифода аз ҷумлаҳои амрӣ гӯянда ба шахсҳои дуюми танҳову ҷамъ муроҷиат карда, онҳоро ба иҷрои коре амру фармон медиҳад ва ё хоҳишу илтимос менамояд. Ба воситаи ҷумлаҳои хитобӣ бошад, мо ҳамеша ҳиссиёту ҳаяҷони баланди худро вобаста ба воқеаву ҳодисае ифода мекунем. (Ин лаҳза барои муқоиса аз ҳар сутун як-дутогӣ ҷумлаҳо қироат карда мешавад). Акнун мо ҳоло ба шумо дар бораи хусусияти дигари ин гурӯҳи ҷумлаҳо маълумот медиҳем, пеш аз ҳама, дар бораи тарзи оҳанги талаффузи чунин ҷумлаҳо. Шумо бояд донед, ки оҳанги талаффузи ҷумлаҳои амрӣ мӯътадил буда, онҳо чун ҷумлаҳои хабарӣ талаффуз карда мешаванд. Ана, диққат кунед, ҳоло ман қироат мекунам (Ин лаҳза муаллим аз сутуни чапи таблитса ҷумлаҳоро оромона ва ҳам мисли оҳанги ҷумлаҳои ҳикоягӣ қироат мекунад): Ту имрӯз ба назди ман биё. Аз худ калонро ҳурмат кунед…

–Аммо – таъкид мекунад муаллим,-оҳанги талаффузи ҷумлаҳои хитобӣ аз тарзи талаффузи ҷумлаҳои амрӣ тамоман фарқ мекунад: Дар ин гурӯҳи ҷумлаҳо аз аввал то ба охир ҳар як калимаву ибора бо овози баланду ҷарангосӣ ё худ бо гузоштани задаи махсуси мантиқӣ талаффуз карда мешавад. Чунончи: Зинда бод дӯсти́и ҳалқхо́! Давла́ти ҷонпарва́р аст сӯҳба́ти омӯзго́р!... Аз ин рӯ, азбаски қариб дар талаффузи ҳар як калимаи ҷумлаҳои мазкур мафҳуми хитоб кардан эҳсос мегардад, ҳангоми навишт дар охири чунин ҷумлаҳо аломати хитоб (!) гузошта мешавад. Инчунин, аз оҳанги ҷумлаҳои хитобӣ истифода карда, ҷумлаҳои амрӣ ва ҳатто ҳикоягиву саволиро ҳам мо метавонем, ба ҷумлаҳои хитобӣ табдил диҳем. Масалан, **ҷумлаҳои амриро:** Ту имрӯз ба назди ман биё:-Ту имрӯз ба назди ма́н биё́!; Дар ҳаёт ба касе бадӣ макун.-Дар ҳаёт ба каса́ бадӣ ма́кун!

ё ки **ҷумлаҳои ҳикоягиро:** Ман туро гуфтам.-Ман ту́ро гуфтам!; Мардум дар истгоҳ интизоранд.-Мардум дар истгоҳ интизо́ранд!

ё ин ки **ҷумлаҳои саволиро:** Фаҳмидед? Сад бор гуфтам, ҳоло ҳам нафаҳмидед?-Фа́ҳмидед?!-Са́д бор гу́фтам, ҳоло ҳам нафа́ҳмидед?!

Бояд гуфт, ки он ҳама маълумотҳои нави доир ба хусусиятҳои ҷумлаҳои хабарӣ, саволӣ ва амриву хитобӣ ба хонандагон додашуда ҳатман ба супоришу машқҳои дар китоби

дарсӣ пешниҳодшуда, ҳамчунин, ба ҷо овардани талаби машқу супоришҳои дигар, аз қабили доир ба ҳар як хели онҳо аз худ мисол гуфта тавонистан, айнан як ҷумлаи хабариро бе ворид кардани калимаву таркибе бо оҳанги саволиву хитобӣ ҳам талаффуз кардан, ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ ва амриро бо оҳанги хитобӣ қироат кардан, махсус хондани матнҳои иборат аз се-чор ҷумла бо истифода кардани ду-се навъи чунин ҷумлаҳо (хабарӣ, саволӣ, амрӣ ё худ хабарӣ, саволӣ, хитобӣ ва ғ.), муайян намудани хели ҷумлаҳое, ки аз магнитофон садо медиҳад, ва ғ., ки бо дархости муаллим ба иҷро расонда мешаванд, ҳатман боиси мутаҳкамшавии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон марбут ба хели ҷумлаҳои мавриди назар (хабарӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ) хоҳанд шуд.

§61. Сараъзоҳои ҷумла

Дар бораи аъзоҳои ҷумла ва таснифоти онҳо хонандагон маълумоти аввалинро дар синфи V ҳангоми таълими курси муқаддимавии синтаксис гирифтаанд. Яъне онҳо медонанд, ки ҷумла дорои 5 аъзо (мубтадо, хабар, пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол) буда, онҳо яъне аъзоҳои ҷумла, аз рӯи вазифа, тарзи алоқа ва мавқеи дар сохтори ҷумла доштаашон ба ду гурӯҳ **сараъзо** –асоси грамматикии ҷумла ва **аъзои пайрав**[282] ҷудо карда шудаанду ба гурӯҳи сараъзоҳо **мубтадо** ва **хабар,** вале ба гурӯҳи аъзои пайрав **пуркунанда, муайянкунанда** ва **ҳол** мансуб дониста шудаанд.

Умуман, лозим ба таъкид аст, ки дар ҷараёни таълими аъзоҳои ҷумла чи дар синфи V ва чи дар синфи VIII бояд хонандагон тасаввуроти амиқу шуурона ҷавоб додан, пеш аз ҳама, ба саволи зерин: «Барои чӣ аз сараъзоҳои ҷумла мубтадо ва хабар **сараъзову** аъзоҳои дигари он (пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол) **аъзои пайрав** номида шудаанд?» ба вуҷуд оварда шавад. Дар ин бобат бояд хонандагон аз шарҳи муаллим фаҳмида бошанд, ки **мубтадо ва хабарро барои он сараъзо** меноманд, ки маҳз онҳо **асоси ҷумларо** ташкил дода, фикри том, яъне фикри ба охиррасидаро ташаккул медиҳанд. Вале дар муқоиса бо сараъзоҳо пуркунанда, муайянкунанда ва ҳолро барои он **аъзои пайрав** меноманд, ки онҳо дар ташаккули ҷумла ширкат

---

[282] Ниг: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 208; Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с.-237.

намеварзанд ва аз ҳамин ҷиҳат аз сараъзоҳо фарқ мекунанд.[283] Аммо дар навбати худ маъноҳои грамматикию мантиқии аъзоҳои пайрав барои пурраву равшантар намудани сараъзоҳо – асоси ҷумла низ хизмат мекунад. Яъне барои он ки фикр равшану фаҳмотар ба шунаванда (хонанда) дастрас карда шавад, гӯянда (нависанда) наметавонад, ки дар нутқаш (ҷумлабандиҳояш) танҳо аз ҷумлаҳои хуллас истифода барад. Балки, баръакс, то ки фикраш ба дараҷаи даркорӣ ба шунаванда фаҳмову равшан дастрас гардад , ӯ аз ҷумлаҳои тафсилӣ ҳам, ки маҳз ба тавассути аъзоҳои пайрав чунин хусусиятро доро мешаванд, истифода мебарад. Хуллас, ана ҳамин масъала ё худ сабаби сараъзо ва ё асоси ҷумла ном гирифтани мубтадо ва хабар, аъзои пайрави ҷумла номида шудани пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол на танҳо дар синфи V ҳангоми таълими курси муқаддимавии синтаксис, балки дар синфи V111, яъне дар ҷараёни курси системаноки синтаксис бояд дар мадди назари аҳли синф қарор бигирад.

Ҳамин тавр, бо назардошти гуфтаҳои фавқ дар синфи V111 ба таълими сараъзоҳо шурӯъ намуда, сараввал, лозим меояд, ки дониши хонандагон доир ба роҳҳои ифодаи морфологии мубтадо ва хабар такмил дода шаваду, сониян, дар бораи таркиб (сохт)-и онҳо – мубтадо ва хабарҳои соддаву таркибӣ, хелҳои хабар – хабарҳои феълӣ ва номӣ, ҷои мубтадо ва хабар дар ҷумла, мувофиқати хабар бо мубтадо ва ниҳоят, дар бораи тире дар байни мубтадо ва хабар, ки доир ба омӯзиши ин ҳама барнома 5 соат муқаррар кардааст, маълумотҳо баррасӣ карда шавад.

Бояд таъкид намуд, ки дастраси хонандагон гардонидани маълумот дар бораи роҳҳои ифодаи морфологии сараъзоҳо ва масъалаи тире дар байни мубтадо ва хабар ба муаллим истифода намудан аз таблитсаҳои мавзӯии бо мисолҳои барҷаста муҷаҳҳаз кардашуда ва хусусан, дар таълими мавзӯи «Тире дар байни мубтадо ва хабар» истифодаи таблитсаи мавзӯии дорои мисолҳои дар муқоиса мураттабгардида имконияти бештару натиҷадор хоҳад овард. Ва бояд ёдовар шавем, ки доир ба ифодаи мубтадо ва хабар ба хонандагон маълумоти аввалин дар синфи V дода шудааст. Масалан, онҳо, дар бораи он ки мубтадо, пеш аз ҳама, бо исму ҷонишинҳои шахсӣ ва нахуст, бо феълҳо ифода ёфтани хабар тасаввурот доранд. Акнун дар синфи V111 лозим аст, ки ба хонандагон дар бораи бо сифат, шумора, масдар, сифати феълӣ ҳам ифода ёфтани онҳо, яъне мубтадо ва

---

[283] Ниг: Основы методики русского языка в IV-VIII классах,с.142

хабар, маълумот дода шавад. Вале чунон ки гуфтем, барои шарҳи дурусти нуктаҳои мазкур истифодаи таблитсаи мавзӯӣ имконияти бештарро фароҳам меоварад. Аз ҷумла, барои фаҳмонидани мавзӯи «Мубтадо ва ифодаи он» ба ёрии муаллим истифода бурдан аз таблитсаи (37) зеринро пешниҳод мекунем:

Таблитсаи 37

МУБТАДО ВА ИФОДАИ ОН	
Бо чӣ?	**Намунаи мисолҳо**
1.Бо исм	**Савсан** худро танҳо ҳис мекунад. **Одамон** бо шитоб гузашта мерафтанд.
2.Бо ҷонишин	**Ман** боварӣ дорам, ки ту одами дуруст мешавӣ. **Худатон** ҳам медонед. Ҳар кас дар зиндагӣ бояд мустақил бошад. Кори осонро **ҳама** ҳам метавонад. Ба шумо **кӣ** хабар кард?
3.Бо сифат	**Муйсафед** як кӯзачаи пур аз сиркоро дод.
4. Бо шумора	**Нодон** ба кори худ ҳайрон. **Бисту панҷ** ба панҷ бе каср мерасад. **Ду понздах** – як сӣ.
5. Бо масдар	**Омадан** бо иродат, **рафтан** бо иҷозат. **Давидан** барои саломатӣ фоида дорад.
6.Бо сифати феълӣ	**Оянда** баромада ба кат нишаст. **Бинанда** онро як чӯби оддӣ гумон кард.

Ба таблитсаи мазкур диққати хонандагонро ҷалб намуда, муаллим ба шарҳи ифодаи мубтадо мегузарад, ки мухтасаран чунин бояд сурат бигирад: Тавре мебинед, дар ин таблитса, сараввал, барои бо исму ҷонишинҳо ифода ёфтани мубтадо мисолҳо оварда шудааст. Зеро ба шумо ҳанӯз аз давраи дар синфи V таҳсил карданатон фаҳмонда шуда буд, ки мубтадо , пеш аз ҳама, бо чунин ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад. Ин нуктаро ҳангоми таълими вазифаи исм (cV) ва ҷонишинҳо дар ҷумла (cV1) ҳам фаҳмонда будем. Сабаби асосии, қаблан, бо исм ва ҷонишинҳои шахсӣ ифода ёфтани мубтадо бо ҳамин далел шарҳ дода шуда буд, ки исму ҷоншинҳои шахсӣ предметро ифода карда, ба саволҳои якхела- кӣ?, киҳо?, чӣ?, чиҳо? ҷавоб мешаванд. Мубтадо ҳам дар ҷумла предметест, ки сухан дар бораи он мераваду ба ҳамин саволҳо (кӣ?, киҳо?, чӣ ?, чиҳо?) ҷавоб мешавад. Аз ин хотир ва азбаски аз ҳиссаҳои нутқ танҳо исм ва ҷонишинҳои шахсӣ предметро (исм) ифода ва номбар

(ҷонишинҳои шахсӣ) мекунанд, мубтадо ҳам, пеш аз ҳама, маҳз бо ҳамин ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад, ки мантиқан дуруст аст.

Дар ҳамин лаҳзаи баён муаллим мисолҳоро доир ба ифодаи мубтадо бо исму ҷонишинҳо шарҳ дода, таъкид месозад, ки ба вазифаи мубтадо хелҳои дигари ҷонишинҳо – саволӣ, нафсӣ,таъинӣ ҳам омада метавонад ва ин гуфтаро зимни мисолҳои таблитса шарҳ дода, нисбати бо ҳиссаҳои дигари нутқ – бо сифат, шумора, масдар ва сифати феълӣ ҳам ифода ёфтани мубтадо *нақли худро идома медиҳад.* Дар ин бобат таъкид менамояд, ки ҳиссаҳои мазкури нутқ дар ҷумла хусусияти предметӣ пайдо намуда, метавонанд ба вазифаи мубтадо ҳам *оянд.* Аз ин лиҳоз, чун ба вазифаи мубтадо меоянд, ҳиссаҳои мазкури номбаршуда, яъне сифату шумора ва масдару сифати феълӣ, ки хелҳои феълҳои тасрифнашавандаанд, на ба саволҳои аслии худ, балки ба саволҳои мубтадо ҷавоб мешаванд (Ин лаҳза муаллим мисолҳоро як-як дар бораи бо сифату шумора ва масдару сифати феълӣ ифода ёфтани мубтадо шарҳ медиҳад).

Дар лаҳзаи мустаҳкамкунии дарси мазкур, ба ҷуз он ки хонандагон ба иҷрои супоришҳои хаттӣ равона карда мешаванд, ҳамзамон бояд аз онҳо ҷавоб додан ба саволҳои зерин ҳам ҳатман дар мадди назар бошад:

1. Мубтадо чист? (Ба ин савол хонандагон бо гуфтани таърифи нави мубтадо, ки дар китоби синфи V111 дода шудааст, ҷавоб медиҳанд?

2. **Мубтадо** калимаи кадом забон аст ва он чӣ маънӣ дорад?

3. Чаро мубтадо бештар бо исму ҷонишинҳои шахсӣ ифода меёбад?

4. Барои чӣ мубтадо ва хабарро асоси ҷумла *меноманд?*

5. Ба кадом шарт ҳиссаҳои дигари нутқ ба вазифаи мубтадо меояд?

Таълими ифодаи хабар дар алоқамандӣ ба хелҳои он-хабарҳои номӣ ва феълӣ – ба роҳ монда мешавад, ки барои шарҳи ин масъала мо ба ёрии муаллим истифода намудан аз таблитсаҳои (38, 39) зеринро пешниҳод мекунем:

Таблитсаи 38

ХАБАРҲОИ ФЕЪЛИ ВА ИФОДАИ ОН	
Бо чӣ?	**Намунаи мисолҳо**
1. Бо феълҳои тасрифӣ	Ба шаҳри мо хориҷиён **омаданд.** Ман шуморо **нашинохта истодаам.** Тоҳирҷони Заргар то бегоҳ **кор мекард.** Ману Ҳайрат ба тарафи шаҳр **равон гардидем.**

2. Бо сифати феълӣ	Хонандагон ба тамошо **рафтанианд.** Мо як деҳаи махсус **сохтанӣ.**
3. Бо феъли ҳоли замони гузашта	Ӯ ин китобро кайҳо **хонда.** Консерт **сар шуда,** ҳамаро ором намуд

Таблитсаи 39

ХАБАРҲОИ НОМӢ ВА ИФОДАИ ОН	
Бо чӣ?	**Намунаи мисолҳо**
1. Бо исм	Пойтахти Ватани мо **Душанбе аст.**
2. Бо сифат	Замин – **сахт,** осмон – **баланд.**
3. Бо шумора	Меҳмонон **панҷ нафаранд.** Соат – **дах.**
4. Бо ҷонишин	Раиси колхоз **шумоед** на ман.
5. Бо зарф	Гап – **бисёру** таҷриба – **кам.**
6. Бо масдар	Мақсадам **хондан аст.** Сафар кардан – **ҷаҳон дидан.**
7. Бо сифати феълӣ	Ҳамаи дӯконҳо **кушодагӣ буданд.** Дар клуб ҳама – **ҷамъ шудагӣ.**

Чун дар бораи ифодаи мубтадо, чунон ки гуфтем, хонандагон дар бораи тарзи ифодаи хабар, пеш аз ҳама, бо феъл ифода ёфтани он маълумот доранд, ки чунин маълумот ба онҳо дар синфи V ҳангоми таълими курси мухтасари синтаксис дода шудааст. Инак, дар синфи VIII он маълумот дар заминаи хелҳои хабар, ки аз рӯи маъно ва тарзи ифодаи морфологиашон ба ду гурӯҳ – феълӣ ва номӣ ҷудо карда шудаанд, такмил дода мешавад. Умуман, барои фаҳмондан ва ё шарҳи ин ду гурӯҳи хабарҳо ба сабаби маҳдудии соатҳои ба таълими хабар бахшидашуда (3 соат) ҳамагӣ як соат бахшидан лозим меояд, ки аз он баёни мавзӯъро, хусусан, дар гӯли 15-20 дақиқа дастраси хонандагон гардонидан кори на чандон осон аст. Барои ҳамин ҳам, дар лаҳзаи баёни мавзӯи мазкур, ки таркибан ду мавзӯъро дар бар мегирад, истифодаи таблитсаҳои фавқ то андозае ба омӯзгор имконият медиҳанд, ки дар ҳамон мӯҳлати муқараршуда аз ӯҳдаи ҳалли масъалаҳои асосии мавриди назар баромада тавонад.

Ҳамин тавр, зимни андешаҳои фавқ муаллим мавзӯи навбатии таълими хабарро бо номи «Хабарҳои феълӣ ва номӣ» эълон намуда, пеш аз он ки он таблитсаҳоро ба намоиш гузорад, ба синф, тахминан, ин тавр муроҷиат мекунад: Мо дар дарси гузашта дар бораи хабар, ҳамчун сараъзои, маълумот дода, доир бо умумият ва фарқияти он аз мубтадо, ки сараъзои дигари

ҷумла аст, маълумот дода будем. Хусусан, таъкид намуда будем, ки гарчи хабар дар ҷумла мантиқан тобеи мубтадо мебошад, аъзои аз ҳама асосии ҷумла ба шумор меравад. Чунки бе он дар алоҳидагӣ ҳеҷ ҷумларо тартиб додан, ҳеҷ як фикри томро ифода кардан ғайриимкон аст. Дар ин бобат мо метавонем аз ҳар гуна ҷумлаи дутаркиба хабарро соқит намуда ба ҳақиқати гуфтаи мазкур бовариамонро изҳор намоем. Чунончи: Ман китоб **харидам** – Ман китоб… (?) Мо ба деҳқонон **ёри медиҳем-.** Мо ба деҳқонон…(?). Чунон ки мебинем, ҷумлаҳои мазкур бо соқит карда шудани хабарҳояшон (харидам, ёрӣ медиҳем) пурра мавҷудияти худро ҳамчун ифодакунандаи фикри том барҳам додаанд, ки имрӯз дорои чунин хусусият ва аломатҳои дигар будани хабарҳоро шумо низ бо мисолҳо шарҳу эзоҳ додед. Ба ҷуз ин , мо дар дарси гузашта дар бораи ифодаи хабарҳо бо овардани чанд мисол маълумоти мухтасар дода, таъкид намуда будем, ки хабарҳо аз рӯи маъно ва тарзи ифодаи морфологиашон ба ду гурӯҳ – **феълӣ** ва **номӣ** ҷудо карда шудаанд. Акнун имрӯз мо дар бораи хабарҳои феълӣ ва номӣ, ҳамчунин, роҳҳои ифодаи ин гурӯҳҳои хабар маълумот медиҳем. Яъне номи мавзӯи имрӯзаи мо «Хабарҳои феълӣ ва номӣ» буда, кӯшиш мекунем, ки ба шумо дар заминаи мисолҳо мафҳуми ин ду гурӯҳи хабарҳо ва фарқияти аз ҳам доштаи онҳоро шарҳу эзоҳ диҳем. Хулоса, дар иртибот ба ҳамин мавзӯъ шумо бояд ба чунин саволҳо ҷавоб дода тавонед:

1.Чӣ гуна хабарҳоро феълӣ меноманд ва онҳо (хабарҳои феълӣ) бо чӣ, яъне бо кадом ҳиссаи нутқ ифода меёбанд?

2. Хабарҳо дар кадом мавриҳ номӣ мешаванд ва онҳо бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбанд.

Инак, дар бобати ҷавоб ба саволи аввал бояд донист, ки хабарҳо дар сурате феълӣ номида мешаванд ва чӣ тавре аз номашон ҳам маълум аст, агар бевосита бо феълҳои гасрифии соддаву сохта ва таркибии феъливу номӣ ифода ёфта бошанд, ки дар ин бобат, яъне дар бобати сохти феълҳо ба шумо ҳанӯз дар синфи V маълумот дода шуда буд. Аз феълҳои тасрифнашаванда ба вазифаи хабарҳои феълӣ омадани *сифати феълии замони* оянда (хондӣ, рафтӣ) ва феъли ҳоли замони гузашта (омада, рафта), ки ба ҷуз ифода кардани шахсу шумора, дорои аломатҳои дигари морфологии феъл – сиға, замон, намуд мебошанд, омада метавонанд.

Ана дар ҳамин лаҳзаи баён шароити мусоид фароҳам мерасад, ки муаллим хабарҳои феълӣ ва роҳҳои ифодаёбии онҳоро аз рӯи таблитсаи аввал як-як маънидод кунад. Сониян, чунин нуқтаҳо диққати хонандагонро марбут ба хабарҳои номӣ ва тарзи ифодашавии онҳо бояд ҷалб намояд: Хабарҳои номӣ гуфта, хабарҳоеро меноманд, ки бо ҳиссаҳои номии нутқ- исм, *сифат, шумора, ҷонишин, инчунин бо зарф ва аз феълҳои* тасрифнашаванда бо масдар ва сифати феълии замони гузашта (омадагӣ, рафтагӣ) ифода ёфтаанд.

Ин лаҳза бо ҳар кадоме аз ҳиссаҳои нутқи номбурда ифода ёфтани хабарҳои номӣ аз рӯи таблитсаи дуюм як-як маънидод карда шуда, дар охир бояд таъкид гардад, ки як фарқи аз ҳама муҳими хабари номӣ аз хабарҳои феълӣ дар ин аст, ки онҳо (хабарҳои номӣ) бе бандакҳои хабарӣ ва феълҳои ёридиҳанда (буд, мебошад, ҳаст) ҳам омада метавонанд, ки дар ин ҳолат ба томияти фикр, яъне ҷумла, ягон халал намерасад. Фақат ҳаминро бояд донист, ки дар чунин мавридҳо, яъне дар мавриди бе бандакҳои ёридиҳанда омадани хабарҳоии номӣ дар навишт байни мубтадову хабар аломати тире гузошта мешавад*. Инак, биёед мисолҳоро мушоҳида мекунем.

Ин лаҳза муаллим диққати хонандагонро ба баъзе мисолҳои дар таблитсаи (39) дуюм додашуда, ки байни мубтадову хабарашон аломати тире гузошта шудааст, ҷалб намуда, баъд ин масъаларо, яъне мавридҳои дар байни мубтадо ва хабар гузошта шудани аломати тиреро, аз рӯи таблитсаи (40) зерин, ки дар ин бобат мисолҳо ба тариқи муқоиса пешниҳод шуданд, бояд як ба як шарҳ дихад:

---

*__Таъкид__: Баъзе аз муттахасисон танҳо дар мавриди ифода ёфтани ҳар ду сараъзо бо исм, бо шумора ё бо масдар байни мубтадову хабари номӣ гузоштани тиреро тарафдорӣ мекунанд. Дар ин бобат, барои он ки гуногунфикрӣ рух надиҳад, мо тарафдори онем, ки дар байни мубтадову хабарҳои номии бе бандаку феълҳои ёридиҳанда омада ҳамеша аломати тире гузошта шавад. Дар ин бора нигг.: Вопросы преподования русского языка в восьмилетней школе.- М.: Учпедгиз, 1963.с 86; Ҳусейнов Х. Қоидаҳои асосии истеъмоли аломатҳои китобӣ дар забони тоҷик- Душанбе: Ирфон, 1966 , с 43, Ҳусейнов Х. Пунктуатсияи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Маориф, 1977, с 23, Ҳоҷаев Д., Кабиров Ш. Синтаксис ва пунктуатсия .-Душанбе: Маориф, 1991,с.19-20.

Таблитсаи 40

Тире дар байни мубтадо ва хабар	
Тире гузошта намешавад	**Тире гузошта мешавад**
1. Камол мухбир аст. 2. Ман коргар ҳастам 3. Бодоми кӯҳӣ талх мебошад. 4. Бақияи пул чил сомонӣ аст. 5. Аз ҳамин рӯз раис шумоед. 6. Ҳоло дар саҳро кор бисёр мебошад. 7. Ман ин китобро хондагиам. 8. Вазифаи мо хондан аст.	1. Камол –мухбир. 2. Ман – коргар. 3. Бодоми кӯҳӣ – талх. 4. Бақияи пул – чил сомонӣ. 5.Аз ҳамин рӯз раис – шумо. 6. Ҳоло дар саҳро кор – бисёр. 7. Ман ин китобро – хондагӣ. 8.Вазифаи мо – хондан.

Аз рӯи мисолҳои таблитсаи мазкур муаллим бори дигар таъкид мекунад, ки аз охири хабарҳои номӣ ҳамеша соқит карда шудани бандакҳои феълӣ ва феълҳои ёридиҳанда (асосан, ёридиҳандаҳои **буд, мешавад, ҳаст)** имконпазир аст, чунки ҷумла аз чунин амал нуқсон намеёбад, яъне пуррагии фикр дар ин ҳолат ҳам нигоҳ дошта мешавад.

Вале дар нивишти чунин ҷумлаҳо гузоштани тире байни мубтадову хабар аз ҳамин ҷиҳат ҳам зарурат дорад, ки маҳз ба тавассути он фосилаи талаффуз риоя гардида ба ин васила муассирияти фикр ҳам андаке меафзояд. Воқсан ҳам, баррасии маълумот дар бораи роҳҳои ифодаи сараъзоҳо, хусусан хелҳои хабарӣ (феълӣ ва номӣ) ва тарзи ифодаи онҳо, шарҳи фарқияти хабарҳои номӣ аз феълӣ ва баръакс, инчунин, масъалаи мавриди гузориши тире дар байни мубтадову хабар аз ҷумлаи махсусиятҳои асосии таълими ҳамин аъзоҳои ҷумла маҳсуб ёфта дурусту илман ба фаҳми шогирдон расонида тавонистан аз омӯзгор донишу масъулияти баланд талаб мекунад. Мо гумони комил дорем, ки муаллим, агар аз ӯҳдаи ба хонандагон баррасӣ намуда тавонистани масъалаҳои дигари ба таълими сараъзоҳо марбут буда (сараъзоҳо аз ҷиҳати сохту таркиб ва ҷои онҳо дар ҷумла)-ро қариб бе ягон душвории зиёдатӣ аз худ хоҳанд кард*.

---

*Таъкид. Барои дарёфти маълумоти муфассал оид ба роҳу усулҳои таълими ибора ҷумлаҳои содда (хабарӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ) ва саръзоҳои ҷумла нит.: Шербоев С. Асосоҳои илмию методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои соддаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V ва VIII, с. 152-250.

§ 62. Аъзоҳои пайрави ҷумла

Дар бораи мафҳум ва хелҳои аъзоҳои пайрави ҷумла низ ба хонандагон ҳангоми таълими курси «Синтаксис ва аломатҳои китобат» дар синфи V маълумотҳои асосӣ дода шудааст. Масалан, дар ин синфҳо ба хонандагон дар бобати, пеш аз ҳама, бо сифат ифода ёфта, бар эзоҳи ҳамаи аъзоҳои ҷумла омадани муайянкунандаҳо, бо исму ҷонишинҳо ифода ёфтани пуркунандуву бо зарфҳо ифода ёфтани ҳолҳо, инчунин дар хусуси, ҳамчун эзоҳдиҳанда, асосан, тобеи хабари ҷумла шуда омадани пуркунандаву ҳолҳо маълумот дастрас карда шуда, он донишҳо минбаъд зимни таълими курси системаноки морфология дар синфҳои V-VII – ҳангоми гузаронидани такрори лаҳзагӣ, умуман, марбут ба аъзоҳои ҷумла, шояд, такрору, мустаҳкам карда шуда бошад, ки ин нуктаро барномаи таълимӣ талаб мекунад ва ба ҳар як омӯзгор ҳам бояд маълум бошад. Аз ин хотир, дар синфи VIII зарур аст, ки хелҳои аъзоҳои пайрав ва хусусиятҳои асосии онҳоро зимни саволу ҷавоб бо овардани ду - се мисоли барҷаста такрор намуда, диққати хонандагонро дар ин бобат ба ҳамон масъалаҳои ҳанӯз баррасинашудаи аъзоҳои пайрав ҷалб карда шаванд, ки он масъалаҳо бояд дар синфи V111 мазмуну мундариҷаи асосии таълимро марбут ба ҳамин мавзӯи мавриди назар , яъне аъзоҳои пайрави ҷумла, ташкил диҳанд.[284]

Бояд гуфт, ки дар қатори ҳамон масъалаҳое, ки дар синфи V111 марбут ба аъзоҳои **пайрав** бояд таълим дода шаванд. асосан, нуктаҳои зерин мансубанд: а) хелҳои пуркунанда (бавосита ва бевосита ва роҳҳои ифодаи он); б) хелҳои ҳол (замон, макон, миқдору дараҷа, тарзи амал, сабаб ва мақсад, шарт ва хилоф) ва заминаҳои морфологии ифодаи ҳолҳо; в) хелҳои муайянкунанда (изофӣ ва беизофа) ва тарзи ифодашавии он; г) баёния ва фарқи он аз муайянкунанда; е) ҷои аъзоҳои пайрав дар ҷумла

§ 63. Пуркунанда

Ба мақсади таълим додани пуркунанда ба нуктаҳои зерин бояд эътибор дод: 1) дониши пешинаи хонандагонро ба воситаи саволу ҷавоб муайян ё худ тасаввуроти онҳоро аз нав дойр ба мавзӯи мазкур (албатта, бо иловаҳои муаллим) барқарор намуда, ҷумлаҳое бояд дар маърази мушоҳида ва таҳлил қарор дода

---

[284]Ниг. Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе.с.244-245.

шаванд, ки дар онҳо пуркунандаҳо ба саволҳои **киро?** , **чиро?, ба чӣ? , ба кӣ?, бо чӣ?, аз кӣ?, аз чӣ?, дар кӣ?, дар чӣ?** ҷавоб шаванду на танҳо бо исму ҷонишин, балки бо шумораву масдар ҳам ифода ёфта бошанд. Чунончи: 1.Падарам **бо дӯсташ** сӯҳбат мекард. 2. Мо дар рӯзи иди занон **муаллимаро** табрик намудем. 3. Маллима имрӯз **дар хондани** китоб маро таъриф кард. 4. Мунира **дар давидан** пешсаф шуд. 5.**Аз даҳ панҷро** гирем ҷанд бокӣ мемонад?

2) Сониян, ҷумлаҳое бояд таҳлил карда шаванд, ки мубтадоҳояшон ба саволи **кӣ?** вале пуркунандаҳо ба саволи **чи?** ҷавоб шаванд. вагарна дар сурати ба саволҳои якхела ҷавоб шудани ҳам мубтадову ҳам пуркунанда ба хатоҳо роҳ додани хонандагон, яъне пуркунандаро мубтадову мубтадоро пуркунанда пиндоштани онҳо аз гумон дур нахоҳад буд. Мисолҳо: 1. Имрӯз ба ман хаткашон **мактуб** оварда. 2. Падарам барои ман ду **китоб** оварда. 3. Модарам имрӯз **нон** пухт. 4. Мижгона се **бародар** ва як **хоҳар** дорад.

Муаллим, пас аз он ки ин ду гурӯҳи мисолҳо аз тарафи хонандагон таҳлил карда шуда, ба кадом саволҳо ҷавоб шудан ва бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтани пуркунандаҳо муқаррар карда мешаванд, таъкид мекунад: Ҳамин тавр, ҳар он калимаву таркибе, ки ба саволҳои **киро?, чиро?, ба кӣ?, ба чӣ?, аз кӣ?, аз чӣ?, дар кӣ?, дар чӣ?** ҷавоб мешаванд, **пуркунанда** номида мешаванд. Пуркунандаҳо, инчунин, ба саволҳои **кӣ? чӣ?** ҳам ҷавоб мешаванд, ки чунин пуркунандаҳо ҳамеша дар паҳлӯи хабари ҷумла меоянд. Чунончи, дар ҷумлаи «Собир якто **сагча** дорад» калимаи **сагча,** ҳамчун пуркунанда, ба саволи **чӣ** ? ҷавоб шуда, дар паҳлӯи хабар (дорад) омадааст, ки дар чунин ҳолат омадани он мувофиқи меъёри ҷумласозӣ аст. Инак,боз чанд мисоли дигар: 1) Модарам ба бибиям **китоб** хонд. 2) Шарифа аз дарё **об овард.** 3) Гулбарг **падару модари** обрӯманд дорад.

Пас аз шарҳи мисолҳои мазкур, ки дар онҳо пуркунандаҳо ба саволҳои **кӣ?** ва **чӣ?** ҳам ҷавоб шудаанд, хамзамон, муаллим диққати хонандагонро аз нав ба пуркунандаҳои аз ҳар ҷумла муқарраршуда ҷалб намуда, як-як бо чӣ, яъне бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтани онҳоро таъқид менамояд, ки пуркунандаҳо, ба ҷуз бо исму ҷонишинҳо, ҳамчунин, ба шумораву масдар ҳам ифода меёбанд. Ва дар ҳамин лаҳзаи баён таърифи дар китоби дарсӣ додашудаи пуркунанда ва бори дигар ба кадом саволҳо ҷавоб шудани онро зикр намуда, бояд хонандагонро ба чунин хулоса оварда, ки «пуркунандаҳо аз рӯи тобиши маъно» ва тарзи воситаҳои алоқаи грамматикиашон ду хел- бавосита ва бевосита

мешаванд.[285] Пуркунандаҳои бавосита ва бевоситаро, пеш аз ҳама, аз рӯи бо кадом воситаи грамматикӣ омаданашон аз ҳам фарқ бояд кард. Чунончи, ҳамаи пуркунандаҳои бавосита бо ин ё он пешоянд як таркибро ташкил дода (ба шумо, аз падараш, дар бораи хондан, ба панҷ, аз дӯстам ва ғ) маҳз ба воситаи ҳамон пешояндҳо бештар ба хабари ҷумла алоқаманд мешаванд. Чунончи: 1.Ҷавоби саволро **аз падарам** пурсидам . 2. Мо **дар бораи хондан** сӯҳбат кардем. 3. Ман **аз дӯстам** миннатдорам.

Ин ҷо, барои он ки, дар ҳақиқат, ба тавассути пешояндҳо ба хабари ҷумла алоқаманд гардидани пуркунандаҳои бавосита исбот карда шавад, фармудан лозим аст, ки ҷумлаҳои мазкурро, аввал, чуноне ки ҳаст ва баъд пешояндҳои бо пуркунандаҳо омадаро соқит карда қироат кунанд. Масалан, ин тавр: Ман **аз дустонам** миннатдорам. – Ман дӯстонам(?) миннатдорам. Чунон ки мебинем, дар мавриди дуюм бо соқит шудани пешоянди **аз** алоқаи калима-пуркунанда (дӯстонам) аз хабар канда шуда, ҷумла ҳам халалдор гардид.

Баъд, дар хусуси пуркунандаҳои бевосита гуфта мешавад, ки ин гуна пуркунандаҳо ҳамеша тобеи хабарҳо буда, ҳамин тобеият ё худ алоқаи онҳо, ё танҳо ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ, ё худ бо роҳи ба онҳо ҳамроҳ шуда омадани пасоянди-**ро** сурат мегирад: Чунончӣ: 1.Деҳқонон ҳар рӯз ба бозор **мева** меоранд. 2. Дар деҳот мардум **ангуру анҷирро** хушк мекунанд. 3. Мо бо супориши муаллим аз «Шоҳнома» **шеърҳоро** аз ёд кардем.

Албатта, дониши пешина (аз синфи V) ва дар ин соат доир ба пуркунандаҳои бавосита ва бевосита гирифтаи хонандагон дар дасрҳои баъдина бо роҳи бахшидани соатҳои махсус такмил дода мешаванд. Масалан, таърифи ҳар кадоме аз ин хелҳои пуркунанда гуфта шуда, роҳҳои ифодаи морфологиашон зимни мисолҳои барҷаста мушаххастар фаҳмонда шуда, тобишҳои маъноияшон низ ҷо-ҷо шарҳу эзоҳ дода мешаванд. Хусусан, тобишҳои маъноии пуркунандаҳои бевоситаро дар ду мавриди ифодаёбиашон – а) ҳангоми бе пасоянду ва б) мавриди бо пасоянди – ро омаданашон шарҳ додан зарурат дорад. Ниҳоят, барои таҳлили хелҳои пуркунанда мисолҳоеро ҳам интихоб намудан лозим аст, ки дар онҳо бар эзоҳи мубтадо ва пуркунандаҳо муайянкунандаҳо низ омада бошанд. Яъне муайянкунандаҳои дар таркиби пуркунандаҳо омадаро ҳам шарҳ

---

[285]Ниг.: Гарммтикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, қ 11.-Душанбе; Дониш, 1986, с 256.

додан бо ҳамин мақсад аст, ки хонандагон пешакӣ ба омӯхтани муайянкунандаҳо, ки мувофиқи талаби барномаи нав[286] (2006) аз ҳама охир, ҳатто пас аз ҳол таълим дода мешавад, як навъ пешакӣ омодагӣ мегиранд. Масалан,дар ин бобат, тахминан, таҳлил намудани чунин ҷумлаҳо бояд дар мадди назар бошанд:

1. Ӯ **аз имтиҳони дохилшавӣ** сарбаландона гузашт (Тоҷи сари дӯстон, с.19).

2. **Марди хирадманд** бояд **ба гапи душман** илтифот накунад (Калила ва Димна, с 145).

§ 64. Ҳол

Ба таълими ҳол ва хелҳои он нисбат ба таълими дигар аъзоҳои пайрави ҷумла (пуркунанда ва муайянкунанда) бештар ҷудо намудани вақт зарурат дорад. Аниқтараш, аз 13 соати ба омӯзиши аъзоҳои пайрави ҷумла ҷудо намудаи барнома (с.2006) на камтар аз 6 соаташро ба таълими он (ҳол) бахшидан лозим меояд. Аз ин миқдори соат ҳатман як соати аввалро бо мақсади дар бораи ҳол маълумоти умумӣ додан таҳти унвони «Ҳол ва хелҳои он» таълим додан зарурат дорад, то ки дар ҷараёни ҳамин соат ҳам тасаввуроти хонандагон доир ба мавзӯи « Ҳол», ки аз синфи V бардоштаанд, аз нав дақиқтар барқарор гардида, ҳам дониши умумии онҳо, хусусан, дар маҷмӯъ доир ба хелҳои ҳол такмил дода шавад. Дар ин бобат, барои он ки аз оғози таълими боби «Ҳол» натиҷаҳои дилхоҳ ба даст ояд, лозим аст, ки ҳамон дарси аввал дар алоқамандӣ ба ягон воқеаву ҳодисаҳои ҳаётӣ таълим дода шавад. Барои ин кор пешакӣ хонандагонро бояд огоҳ намуд, ки амал дар макону замоне рӯй медиҳад, бо тарзе иҷро мешавад, вуқуи он мақсад ва сабабе дорад. Ин вазифаро, яъне нишон додани макону замон, тарзи иҷро ва сабабу мақсади ба вуҷуд омадани амалу ҳаракатро аз аъзоҳои пайрав ҳол иҷро менамояд. Ин нуқтаро гуфта, сипас бояд матне, ки пешакӣ дар ватман ё доскаи сайёр сабт гардидааст, барои мушоҳида ба намоиш гузошта шавад, ки дар он ҳар хел ҳол барчаста акс ёфта бошад. Масалан, порчаи дар зер овардашуда ба ин мақсади дарси аввал мувофиқ аст: Вай он шаб **то кафидани чашми рӯз дар кӯҳсор** монд. **Пас аз нишастани** моҳ вай пайроҳаро гум кард ва бероҳ шуд. **Дар камарҳои** маҳуфи торик, **миёни пистазору**

[286]Ниг.:Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI, с 15

харсангҳо... сарсону саргардон гашт. **Ногоҳ дар сароби Яхсу болои як теппаи** рафидамонанд чароғ ва хиргаҳҳои сафеди геологҳоро дида монду гӯё **ба дунё аз нав** таваллуд шуд. **Дилаш аз шодиву сурур** ба тапиш омад (Шодӣ, кӯҳ ҳам ба кӯҳ мерасад, с 43)

Тарзи иҷрои супориши фавқ марбут ба матни мазкур бояд чунин сурат бигирад: Муаллим ҳар як ҷумларо қироат карда, пас ҳар як ҳоли дар он бударо бо хабари ҷумла номбар карда, аз хонандагон мепурсад, ки калимаву таркибҳои пеш аз хабар омада ба кадом савол ҷавоб мешаванд ва онҳо аз рӯи маъно чиро ифода мекунанд: замонро, маконро, сабабу мақсадро ё тарзи иҷро шудани амалу ҳаракати ҷумларо? Масалан, пас аз қироати ҷумлаи аввал таъкид мекунад: Ҳоло ман бо хабари ин ҷумла, ки бо феъли **мондан** (монд) ифода гардидааст, калимаву таркибҳоеро номбар мекунам. Шумо саросема нашуда, фикр карда ҷавоб диҳед, ки он калимаву таркибҳои пеш аз хабар омада ба кадом савол ҷавоб мешаванд ва аз рӯи маъно чиро ифода кардаанд: замону макони иҷро шудани амалро ё худ сабабу мақсади иҷро шудани онро?

Инак, қироати муаллим ва ҷавобҳои хонандагон, тахминан, чунин хоҳад буд: **Муаллим**:-Он шаб монд? **Хонанда**:-Кай монд? **Он шаб** замонро ифода кардааст. **Муаллим:** – То кафидани чашми рӯз монд. **Хонанда**: То кай монд? **То кафидани чашми рӯз** низ замонро ифода кардааст. **Муаллим**- Дар кӯҳсор монд. **Хонанда**:-Дар куҷо монд? **Дар кӯҳсор** макони вуқӯи амалро ифода кардааст.

Ҳамин тавр, муаллим, аз ҷумлаҳои дигар ҳам калимаву таркибҳои ба вазифаи ҳолҳо (пас аз нишастани моҳ, дар камарҳои миёни пистазору харсангҳо, сарсону саргардон, ногоҳ, дар сароби Яхсу, болои як теппа, ба дунё, аз нав, аз шодиву сурур) омадаро номбар мекунаду хонандагон ба кадом савол ҷавоб шудан ва аз рӯи семантика чиро ифода намудани онҳоро шарҳ медиҳанд, ки ин лаҳза баъзан кӯмаки ӯ низ зарурат пайдо мекунанд. Дар охир, пас аз анҷоми таҳлили ситаксисии матни мазкур, ки ҳадафи асосӣ дуруст савол гузоштан ба калимаву таркибҳои махсус номбаркардаи муаллим ва ҳамзамон, шарҳи маънои семантикии онҳо буд, муаллим бар шарҳи мақсади ниҳоии амал ё худ супориши ҳоло иҷрошуда шурӯъ намуда, ба аҳли синф ин тавр мурочиат мекунад: Мо ҳоло ҳангоми таҳлили ҷумлаҳои матни мазкур, асосан, ба калима ва таркибу ибораҳое сарукор доштем, ки ҳамчун аъзои пайрави ҷумла ба онҳо

гузоштани саволҳои **кай?, то кай?, дар куҷо? ,чӣ тавр?, аз чи сабаб?** лозим омад. Инак, ҳамон аъзои пайрави ҷумларо, ки ба саволҳои куҷо?, дар куҷо?, кай?, аз кай?, то кай?, чаро?, аз чӣ сабаб?, барои чӣ?, ба чӣ мақсад?, чӣ тавр?, чӣ тарз?, чанд?, чӣ қадар?, ба кадом шарт? ва амсоли инҳо ҷавоб мешавад, **ҳол** меноманд. Аз ин рӯ, ҳол чунин таъриф карда мешавад: «Аъзои пайрави ҷумлае, ки тарз, замон, макон, сабабу мақсад ва ҳолатҳои дигари воқеъ шудани амалро мефаҳмонад, ҳол номида мешавад»[287]. Ҳолҳо дар ҷумла бештар ба хабар тобеъ буда, онро аз ягон ҷиҳат шарҳ медиҳанду аз рӯи маъно ба гурӯҳҳои зерин: **замон, макон, миқдору дараҷа, гарзи амал, сабаб ва мақсад, хилоф ва шарт, ҷудо карда** шудаанд.

Чун шарҳи муаллим бо номбаркунии хелҳои зарф ба итмом мерасад, агар таблитсаи истилоҳотии (41) зерин ба диққати хонандагон пешкаш гардад, басо муҳим мебуд:

Таблитсаи 41

ҲОЛ ВА САВОЛҲОИ ОН	
Хелҳои ҳол	**Ба кадом саволҳо ҷаваб мешавад**
1. Ҳоли макон	куҷо?, дар куҷо?, ба куҷо?, аз куҷо? ва г.
2. Ҳоли замон	кай?, аз кай?, то кай?, кай боз?
3. Ҳоли миқдору дараҷа	чанд?, чӣ қадар?, чӣ андоза?, ба чӣ андоза?
4.Ҳоли тарзи амал	чӣ тавр?, чӣ тарз?, чӣ тариқ?
5.Ҳоли сабаб	чаро?, аз чӣ сабаб?, барои чӣ?
6. Ҳоли мақсад	барои чӣ?, бо кадом мақсад?, ба чӣ мақсад?
7. Ҳоли шарт	ба кадом шарт?
8.Ҳоли хилоф	бо вуҷуди чӣ?, бар хилофи чӣ?

Муҳимияти таблитсаи мазкур дар ин аст, ки хонандагон дар як вақт на танҳо ба хелҳои ҳол, балки бо тартиби ҷайгиршавии ҳиссаҳои нутқ (исм, сифатӣ тартиби ҷобаҷогузорӣ ва ба кадом саволҳо ҷавоб шудани ҳар кадоме аз хелҳои ҳол шиносоӣ пайдо мекунанд.

---

[287] Аминов С. Забони тоҷикӣ (Барои синфи V111) –Душанбе: Собириён, 2007,с 94

Ҳамин тавр, муаллим зимни таблитсаи боло хонандагонро бо хел ва саволҳои ҳолҳо ба таври аёнӣ шинос намуда, таъкид мекунад, ки заминаи морфологӣ ва ё ифодашавии ҳолҳо низ ҳиссаҳои мустақили нутқ махсуб ёфта, онҳо, пеш аз ҳама, бо хелҳои зарф , масалан, ҳоли макону замон ба зарфҳои макону замон, ҳоли сабабу мақсад бо зарфҳои сабабу мақсад ифода меёбанд. Чунончи: 1. Гулҳои баҳорӣ **ҳар ҷо-ҳар ҷо** (зарфи макон) шукуфта буданд. 2. Ҳаво **дируз** (зарфи замон) гарм шуда буд. 3. Марди ношинос **бисёр** (зарфи миқдору дараҷа) камгап буд. 4.Ҷавон **чолокона** (зарфи тарзи амал) ба асп савор шуд. 5. Гулрӯ ба тақлиди дугонааш **ноилоҷ** (зарфи сабаб) розӣ шуд. 6. Муаллим **қасдан** (зарфи мақсад) китобро баланд мехонд, то ки хонандагон тарзи хонданро ёд гиранд.

Муаллим пас аз шарҳи мисолҳои мазкур таъкид мекунад, ки инчунин, исму сифатҳо, шумораву ҷонишинҳо, масдар, феъли ҳол бо пешояндҳои гуногун ва пасояндҳои **барин , замон, (замоно), ҳамон (ҳамоно)** таркибҳои гуногуни синтаксисиро (баъзан бе пешоянду пасоянд ҳам) ташкил намуда, ба вазифаи ин ё он навъи ҳолҳо омада метавонанд. Инак, дар ин бобат мисолҳоро аз таблитсаи (42) зерин мушоҳида мекунем (Ин лаҳза таблитсаи мазкур, ки тарҳаш пешакӣ дар компютер мураттаб карда шудааст, намоиш дода мешавад):

* **Таъкид.:** Хуб мешавад, ки агар ҳолҳои дар матни ҷумлаҳо буда аз тариқи компютер бо ранги сурх пешниҳод гарданд.

Муаллим ҳар як мисолро аз таблитсаи мазкур доир ба роҳҳои ифодаёбии ҳолҳо дар маҷмӯъ шарҳ дода таъкид мекунад, ки ин масъала дар дарсҳои баъдина, ки махсус ба хелҳои ин аъзои пайрави ҷумла бахшида мешаванд, боз диқиқтар шарҳ дода мешавад. Сониян, ба ҷуз он ки бо талаби муаллим хонандагон ба саволҳо ҷавоб додаву аз худ доир ба ифодаи ҳолҳо, хусусан, пеш аз ҳама, дар бобати бо зарфҳо ифода ёфтани онҳо мисолҳо оварда таҳлил мекунанд, хуб мебуд, ба ҳайси вазифаи хонагӣ супориш дода шавад, ки ҳар кадом дар хона гарҳи таблитсаи мазкурро кашида, доир ба ҳар хели ҳолҳо, ақаллан, то ду ҷумла навишта оянд.

Таблитсаи 42

Мисолхо дар бо хелхои хол*

Хели чамин	Хели макон	Хели миқдору зарфи	Хели тарзи амал	Хели сабаб ва мақсад	Хели шарт	Хели хилоф
1. Ҳайвоҳо хӯрок тайёр нашудаанд. 2. Ҳамин ки барномаи мераванд. 3. **Тирамоҳ шудан** ҳамон борониро сар шуд.	1. Дар синфхои Шарикаи шаронт литар шуд. 2. Дар мактаб бо назорат шахри гуфторина а шуд.	1. Чанон бол кафе хобуш мон 2. Аз сухпхои рафиқаш Анвар як литра хурсанд шуд.	1. Фирӯза бо овози паст, бо ҳаячон, ҳаяҷон аз ҷои худ хеле хурсанд шуд. 2. Бобоям ҳуит ба девор ва рӯ ба пиюла менишаст.	1. Барои гуфтор рафтан бушиш мекунам. 2. Дар рӯи ин хурсанд ҳам мераксиданд.	1. Ман туро нолида рафта наметавонистам. 2. Суханро нагуфта, насиҳатамро мегӯ.	1.Ҳамсинф ояд ва тайёранам диҳад директор хуб кор кардаст. 2. Бемор бо вуҷуди тарсиш хона меларзид.

Ба ҳамин тариқ, агар дар дарсҳои минбаъда, ки дар ҳар кадоми он ду хели холро таълим додан лозим меояд, дар заминаи мисолҳои барчаста, ба хусус, аз тариқи истифода аз таблитсаҳои мавзуӣ бошӣ муаллим сурат бигирад, гумони комил аст, ки

хонандагон роҳҳои ифода, тобишҳои маъноии ҳар як хели ҳол ва ниҳоят, мақоми ҳолҳоро дар нутқ (чи дар нутқи шифоҳӣ ва чи таҳрирӣ) шуурона сарфаҳм хоҳанд рафт. Ба ҷуз ин, агар дар дарси такроре, ки пас аз таълими мавзӯи «Муайянкунанда», умуман, ба такрори аъзоҳои пайрав бахшида мешаванд, марбут ба такрори ҳолҳо аз рӯи ду таблитсаи дар фавқ овардашуда саволу ҷавоб намуда, мисоловарӣ ҳам талаб карда шавад, дониши хонандагон доир ба ин фасли бисёрмавзӯи аъзоҳои пайрав (ҳол) на танҳо мустаҳкам, балки хеле ба низом хоҳад даромад.

§65. Муайянкунанда

Маълумоти аввалинро хонандагон дар бораи муайянкунанда, ҳамчун аъзои пайрави ҷумла, низ чун дар бораи дигар аъзоҳои пайрав дар синфи V – аз ҷараёни таълими курси муқаддимавии синтаксис гирифтаанд. Дар ин синф, агар талаби машқҳоро истисно кунем, асосан, бо сифат ва ҷонишини ишоратӣ ифода ёфтани муайянкунанда аз тарафи муаллифон таъкид гардидаасту бас. Акнун дар синфи VIII дониши хонандагон дар бобати бо ҳиссаҳои дигари нутқ ифода ёфтани муайянкунанда такмил дода шуда, ҳамзамон, бори аввал дар бораи хелҳои он – муайянкунандаҳои изофӣ ва беизофа маълумот доданро барнома талаб мекунад.

Дар рафти таълими дарси аввал ба фаҳми хонандагон расондан лозим аст, ки муайянкунанда, ҳамчун аъзои пайрав, ҳамеша дар ҷумла бар эзоҳи предмет (исм) омада, онро аз ягон ҷиҳат шарҳ медиҳад. Аз ин рӯ, муайянкунанда ба эзоҳи ҳамаи аъзоҳои ҷумла – чи сараъзоҳо ва чи аъзоҳои пайрав омада метавонад*. Ва азбаски муайянкунанда аъзои шарҳу эзоҳдиҳанда маҳсуб ёбад, он мантиқан аъзои тобеъшавандаи ҷумла ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми таҳлили ҷумла ҳама вақт кӯшидан лозим аст, ки аз муайяншаванда ба он, яъне ба муайянкунанда, савол гузошта, инчунин, ба кадом аъзои ҷумла – ба сараъзоҳо ва ё ба кадом аъзои пайрави он тобеъ буданаш низ таъин карда шавад. Ба ҷуз ин, азбаски ба таълими муайянкунанда ба сабаби маҳдудии соатҳои таълимии, умуман, ба аъзоҳои пайрави ҷумла

---

* **Таъкид.:** Маҳз ана ҳамин нуқтаи охир – бар эзоҳи ҳамаи аъзоҳои ҷумла омадани муайянкунандаро ба инобат гирифта, дар барномаи соли 2006 муратибон таълими онро дар синфи V111 баъд аз ҳол пешниҳод кардаанд, ки мантиқан дуруст аст.

муқаррар намудани барнома (13 соат) ҳамагӣ бахшидани се соат дар мадди назар аст, ки дарси аввали ба таълими он бахшидашавандаро басе масъулиятшиносона ва бо назардошти ҳалли масъалаҳои зерин: санҷиши дониши нешинаи хонандагон доир ба муайянкунанда, маълумот доир ба ифодаи муайянкунанда ва дар ҳамин замина баёни таърифи амиқтари он ва ниҳоят маълумоти умумӣ додан дар бораи хелҳои муайянкунандаро баррасӣ намудан лозим меояд.

Инак, бо назардошти гуфтаҳои фавқ пас аз саволу ҷавоби пешакие, ки дониши доир ба муайянкунанда доштаи хонандагон санҷида мешавад, барои мушоҳида ва таҳлил мисолҳоеро бояд ба маърази диққати аҳли синф гузошт, ки муайянкунандаҳо, пеш аз ҳама, бар эзоҳи ҳамаи аъзоҳои ҷумла омада бошанд. Чунончи: Одами **хуб**, ҳаққо, ки дар ҳама ҷо ангуштнамои **хосу ом** аст.... Орифӣ ҳам муаллими **наѓз** аст, ҳам марди **шариф.** Гоҳи дар кӯчаҳои **деҳа** қадам заданаш бисёр касон... бо меҳр менигаранд. Қомати **баланд**, чеҳраи **базебу** лабони **ҷаззоби мехрангез** ва абрувони **сиёҳи пайваста** ӯро боз ҳам дилкашу ба дидаҳо азиз нишон медоданд.

Мегӯянд, ки ҳеҷ кас овози **баланду** ҳарфи **носазои** ӯро нашунидааст... Шиносҷояш ӯро **хушбахттарин** мард мегуфтанд ва занҳо низ завҷаашро **фирӯзтарин** занони **деҳа** мешумориданд...(Б.Н. Сабза дамидан гирад, с.79).

Хонандагон аз мушоҳида ва шарҳи муаллим мефаҳманд, ки муайянкунандаҳо дар ҷумлаи аввал калима – сифатҳои **хуб** ва **хосу ом** буда, яке (хуб) бар эзоҳи мубтадо (одам) ва дигаре (хосу ом) бар эзоҳи хабари номӣ (ангуштнамо) омадааст. Дар ҷумлаи дуюм муайянкунанда калима - исми **деҳа** буда, ҳоли макон (дар кӯчаҳо)-ро шарҳ додааст. Дар ҷумлаи сеюм бошад, муайянкунандаҳои бо сифатҳо (баланд, базеб, ҷаззоби мехрангез, сиёҳи пайваста) ифода ёфта, мубтадоҳои чидаи ҷумла (қомати **баланд**, чеҳраи **базеб,** лабони **ҷаззоби мехрангез,** абрувони **сиёҳи пайваста**)-ро аз ягон ҷиҳат шарҳ додаанд. Дар ҷумлаи чорум муайянкунанда бо сифатҳо (баланд, носазо) ифода ёфта, пуркунандаҳои бевосита (овози **баланд,** ҳарфи **носазо**)-ро шарҳ додаанд. Ниҳоят, дар ҷумлаи охир муайянкунандаҳо сифатҳои **хушбахттарин, фирӯзтарин** буда, пуркунандаҳои бевоситаи пас аз худ омада (мард, занон)-ро эзоҳ додаанд.

Сипас, муаллим таъкид мекунад, ки агар муайянкунандаҳо дар 5 ҷумлаи аввал бо муайяншавандаҳои худ ба тавассути бандаки изофӣ алоқаманд шуда бошанд, дар ҷумлаи охир онҳо ба воситаи интонатсия, яъне оҳанги талаффуз, ба муайяншавандаи худ алоқманд гардидаанд, ки тавре ба шумо аз

ҷараёни таълими ибора ва алоқаи калимаҳо дар ҷумла маълум аст, ин ду роҳи алоқаи калимаҳо мансуб ба алоқаи тобеъ буда, якеро – аввалиро **алоқаи изофӣ** ва дуввумиро, тарзи ба тавассути интонатсия алоқа пайдо намудани калимаҳоро **алоқаи ҳамроҳӣ** меноманд. Ҳамин тавр, аз он ки як гурӯҳ муайянкунандаҳо ба воситаи бандаки изофӣ ва гурӯҳи дигар танҳо бо воситаи оҳанги талаффуз ба муайяншавандаи худ алоқаманд, ё худ тобеъ мешаванд, онҳо, яъне муайянкунандаҳо, ба ду гурӯҳ –муайянкунандаи изофӣ ва муайянкунандаи беизофа ҷудо карда шудаанд, ки дар ин хусус дар дарси оянда маълумоти муфассал хоҳед гирифт. Ба ҷуз ин, дар ҳамин дарси аввал ба таври умумӣ бояд таъкид намуд, ки муайянкунандаҳо на танҳо бо сифатҳо. балки бо исму шумора, ҷонишин, масдар ва сифати феълӣ низ ифода меёбанд. Чунончи, модари **Шариф**, китоби **талаба,** синфи **ҳаштум, панҷ дона** китоб, дӯсти **ман, ҳамон** хонанда, гулҳои **шукуфта,** суханҳои **санҷида** ва ғ.

Мумкин аст, бо номбар намудани ибораҳои мазкур аз тарафи муаллим ва ё бо талаби ӯ аз тарафи хонандагон бо истифода аз ҳар кадоми ибораҳои фавқ (модари Шариф...) як ё дутогӣ ҷумла ҳам мисол оварда шуда, дар маҷмӯъ бо чӣ ифода ёфтани муайянкунандаҳои таркиби он ибораҳо ва хели онҳо аз рӯи тарзи алоқаашон (изофӣ ё беизофа) шарҳ ҳам дода шавад, ки ин амал, ҳамчун заминаи бехтари ба дарси навбатӣ омода намудани шогирдон, мақсуб хоҳад ёфт.

Бояд гуфт, ки дар асоси тақсимоти пешакии соатҳои ба таълими муайянкунанда (3 соат) муқарраркардаи мо дарси дуюмро ба мавзӯи «Майянкунандаи изофӣ ва беизофа», вале дарси сеюмро ба омӯзиши баёнияҳо, ҳамчун як навъи муайянкунандаҳо, бахшидан мувофиқ меояд.

Дар рафти таълими дарси дуюми фасли муайянкунанда , ки заминааш аллакай дар фасли аввали он гузошта шудааст, дар бораи муайянкунандаҳои изофа ва хелҳои он (сифатӣ ва соҳибӣ), муайянкунандаҳои беизофа ва хелҳои он (сифатӣ, ададӣ, ҷонишинӣ), ҳамчунин, дар маҷмӯъ дар бораи роҳҳои ифодашавии ин ду гурӯҳи муайянкунандаҳо маълумот дода хоҳад шуд, ки таълими ин ҳама дар асоси мисолҳои барҷастаи интихобкардаи муаллим ва иҷрои супоришҳои аз тарафи ӯ пешниҳод мешудагӣ чандон душвориеро пеш нахоҳад овард. Аммо марбут ба дарси сеюм, ки ба масъалаи барои хонандагон тамоман нав, яъне ба мавзӯи «Баёния», бахшида мешавад, таъкид намудани баъзе нуктаҳоро лозим медонем.

Чунон ки маълум аст, баёния низ ҳамчун як навъи муайянкунанда, предметро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад, аммо на

ба сифату соҳибияте доро будани он предметро (қалами **ранға,** китоби **хондашуда,** синфи **ҳаштум,** падари **Бунафша,** сухани **муаллим**), балки номи дигари ба он предмет додашударо изофа мекунад. Аз ин лиҳоз, барои он ки ана ҳамин нозукии масъала, яъне номи дигари предметро ифода кардани баёнияҳо аз тарафи хонандагон шуурона дарк карда шавад, сифатҳои калимаҳои **деҳа, шаҳр, дарё, уқёнус, кӯҳ**-ро номбар кунанд. Муаллим бошад (шояд хонандае) мисолҳои дурусти ҳар як хонандаро (ба ин кор, албатта, кӯмаки ӯ низ зарурат пайдо мекунад) ба тахтаи синф навиштан гирад. Чунончи: деҳаи **хурд,** деҳаи **дурдаст,** шаҳри **зебо,** шаҳри **сераҳолӣ,** дарёи **шӯх,** дарёи **калон,** уқёнуси **калон,** уқёнуси **калонтарин,** кӯҳи баланд, кӯҳи **зебоманзара** ва ғ.

Пас аз иҷрои супориши мазкур, ҳамчунин, талаб карда мешавад, ки акнун хонандагон номҳои предметҳои мазкур (деҳа, шаҳр, дарё, уқёнус, кӯҳ)-ро номбар намоянд, ки натиҷаи талаби мазкур, тахминан ин тавр ба субут хоҳад расид: деҳаи **Панҷрӯд,** деҳаи **Чорбоғ,** шаҳри **Душанбе,** шаҳри Панҷакент, дарёи **Вахш,** дарёи **Зарафшон,** уқёнуси **Ором,** уқёнуси **Атлантика,** кӯҳи **Қаратоғ,** кӯҳи **Тиёншон** ва ғ.

Ба ҷуз ин, барои он ки хонандагон боз ҳам амиқтар ба фаҳмидани моҳияти баёнияҳо омодагӣ бигиранд, муаллим метавонад талаб кунад,ки онҳо аввал номи якчанд касбу кор ва унвонҳоро номбар карда, баъд он номҳоро бо муайяншавандаашон, яъне бо предметашон, нависанд.[288] Натиҷаи супориши мазкур, тахминан, ба таври зайл анҷом хоҳад ёфт: **деҳқон, ронанда, муаллим, мураббӣ, духтур, шоир, забоншинос, генерал;** Шарифи **деҳқон**, **деҳқон** Шариф, **ронанда** Расулов, Расулови **ронанда**, Шодиеви **муаллим**, **муаллими** Шодиев; **мураббӣ** Аҳмадов, Аҳмадови **мураббӣ**; **духтур** Абдураҳмонов, Абдураҳмонови **духтур**; **шоир** Турсунзода, Турсунзодаи **шоир**; **забоншинос** Ғаффоров, Ғаффорови **забоншинос**; **генрал** Раҳимов, Раҳимови **генерал**; ва ғ.

Инак, ҳамин ки супориши охир ба таври фавқ баррасӣ меғардад, муаллим ташаббусро ба даст гирифта, ба шарҳи мавзӯъ, яъне хусусияти баёнияҳо, метавонад бо чунин мазмун оғоз намояд: Шумо дар ду дарси гузашта доир ба хусусиятҳои муайянкунанда маълумот гирифтед. Аз он дарсҳо ба шумо маълум шуд, ки муайянкунандаҳо дар ҷумла ҳамеша бар эзоҳи калима-предмете омада, онро аз ягон ҷиҳат: ранг, бӯй, хислат, соҳибият, миқдору тартиб эзоҳ дода, бо ҳамин калима, ки ин ё он

---

[288]Ниг.: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней

аъзои ҷумла – сараъзо ё аъзои пайрав аст, алоқаашон, асосан, бо ду роҳ – бо алоқаи изофӣ ва ҳамроҳӣ сурат мегирад. Акнун дар бораи мавзӯи имрӯзаи мо, ки «Баёния» ном дорад , чиҳоро бояд шумо донед? Баёнияҳо ҳам мисли муайянкунандаҳо предметро муайян мекунанд, вале на рангу бӯй ва ё соҳиби чизе будани онро, балки номи дигари онро номбар мекунанд. Чунончи, **шаҳр, уқёнус, дарё, кӯҳ,** ҳамчунин предмет,номҳои умумии предметҳоро бо номҳои махсусашон, масалан ин тавр: **шаҳри Душанбе, дарёи Вахш, уқёнуси Ором, кӯҳи Боботоғ** гуфта шаванд, он гоҳ на мафҳуми умумиро, балки мафҳумҳои мушаххасро ифода мекунанд. Ё худ шояд дар як деҳа ё кӯча чанд нафар **Фаррух** ном дошта бошанду дар ҷое байни ду ё чанд нафар дар бораи яке аз онҳо сухан равад, барои фарқ кунондан, ки он кадом Фаррух аст, гӯянда чиро истифода мебарад? Албатта, пеш аз ҳама, номи касби ӯро, ки муаллим ё духтур аст. Яъне ӯ **Фаррухи муаллим ё духтур Фаррух** гӯён Фаррухи дар мадди назар доштаи худро ба шунаванда мешиносонад. Ҳамин тавр, ҳамин гуна калимаҳое, ки номи дигари предметҳоро ба таври мушаххас ифода мекунанд, **баёния** меноманд. Баёнияҳо дар нутқи мо калимаҳои ниҳоят зарур буда, барои дақиқу нишонрас муаррифӣ намудани предметҳо хизмат мекунанд. Ба воситаи баёнияҳо, пеш аз ҳама, номи касбу кори одамон, унвонҳои гуногун, номи миллатҳо (Қодири тоҷик, Миколаи украинӣ) ва сониян, номи газетаву маҷаллаҳо, асарҳои илмиву бадеӣ, кӯчаҳо, номҳои географӣ (шаҳр, давлат, кӯҳ,уқёнусу дарё) номҳои колхозу савхозҳоро низ ифода мекунанд. Баёнияҳо низ чун муайянкунандаҳо ба калима-предмет ва ё муайянкунандаҳои худ бо ду роҳи алоқа – изофӣ ва беизофа (алоқаи ҳамроҳӣ) тобеъ шуда меоянд. Масалан, Фаррухи муаллим, муаллим Фаррух, Неъмати танкист, танкист Неъмат ва г.

Пас аз баёни фавқ, ки зимни он асоси маълумотҳо доир ба баёния таъкид шудааст, муаллим бо дилпурӣ метавонад талаб кунад, ки хонандагон доир бо хелҳои гуногуни баёнияҳо аввал дар қолаби ибораҳо (духтур Абдураҳмонов) ва баъд дар ҷумлаҳо (Духтур Абдураҳмонов касби худро хуб медонад.) аз худ ба дафтарашон мисолҳо навишта шарҳ ҳам диҳанд. Вале ҳангоми таҳлили мисолҳо, ба хусус, ҷумлаҳо лозим аст, ки бар эзоҳи кадом аъзои ҷумла – сараъзоҳо (мубтадо ё хабар) ва кадом аъзои пайрав омадани баёнияҳо бояд ҳамеша дар мадди назар бошад. Яъне дар баробари таҳлили баёнияҳо таҳлили умумии аъзоҳои ҷумла низ мавқеъ дошта бошад. Ин нукта, махсусан, дар дарси такрори умуман,ба аъзоҳои ҷумла бахшидашаванда аз оғоз то интиҳои дарс бояд меҳвари асосиро ташкил диҳад.

§66. Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба

Маълумоти аввалин доир ба мафҳуми ҷумлаҳои соддаи яктаркиба ба хонандагон дар синфи V ҳангоми омӯзонидани курси муқаддимавии синтаксис баррасӣ гардида бошад ҳам, он вақт ба онҳо доир ба хелҳо, сохтор ва семантикаи махсуси ин гуна ҷумлаҳо чизе гуфта нашудааст. Инак, мувофиқи талаби барномаи синфи VIII, мебояд донишу малакаи хонандагон дар заминаи ҳамон донишҳои ибтидоӣ нисбат ба хел, сохтор ва маъноҳои семантикии чунин ҷумлаҳо такмил дода шавад.

Чунон ки маълум аст, ҷумлаҳои соддаи яктаркиба аз ҷиҳати сохту маъноҳои семантикаашон панҷ хел: муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс, бешакл ва унвонӣ буда, дар адабиёти методӣ дар навбати худ онҳо вобаста ба мавҷудияти сараъзоҳо боз ба ду гурӯҳ – а) гурӯҳи ҷумлаҳои яктаркибаи сараъзояшон хабар ва б) ҷумлаҳои яктаркибаи сараъзояшон мубтадо – ҷудо карда шудаанду ба гурӯҳи аввал чор хели онҳо (муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс ва бешахс) ва ба гурӯҳи дуввум танҳо ҷумлаҳои унвониро нисбат додаанд[289]. Ва бояд гуфт, ки барои хотирмон гардидани ҳар як хели ҷумлаҳои мазкур танҳо истифода бурдан аз усули муқоиса натиҷаи дилхоҳ дода метавонад.[290] Барои ин хуб мебуд, агар дар ҳар дарс ду навъи ҷумлаи яктаркиба (ҷумлаи муайянхашс дар муқоиса бо ҷумлаи дутаркиба, ҷумлаи номуайяншахс дар муқоиса бо ҷумлаи умумишахс ва г.) таълим дода шавад.

Аз ин рӯ, дарси аввал ба таълими ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс бахшида мешавад, ки хусусиятҳои он бояд дар муқоиса бо ҷумлаи дутаркиба намоиш дода шавад. Бо ҳамин мақсад дар тахтаи синф дар ду сутун ҷумлаҳои зеринро барои мушоҳида ва таҳлил метавон пешниҳод намуд.

1. Ман ду соат китоб хондам.	1. Ду соат китоб хондам.
2. Мо пагоҳ ба саёҳат меравем.	2. Пагоҳ ба саёҳат меравем.
3. Ту ҳоло чандсола мебоӣ?	3. Ҳоло чандсола мебошӣ?
4. Шумо ин китобро хонадагистед?	4. Ин китобро хондагистед?

---

[289]Ниг.: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с.251-285; Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе , с.211-214.

[290]Ниг.: Озеракая В.П. Система работы по синтаксису и пунктуации в V-VIII классах, с.93

Аз муқоисаи мисолҳои ҳар ду сутун хонандагон бояд ба хулоса оянд, ки фарқи ҷумлаҳои сутуни 2-юм аз ҷумлаҳои сутуни аввал ин аст, ки аз ҷумлаҳои ин сутун (сутуни дуюм) танҳо мубтадоҳо соқит карда шудаанд. Вале мазмуни умумии ҷумлаҳо дар ин қатор ба мазмуни ҷумлаҳои сутуни аввал пурра монанд буда, тамоман халал наёфтааст. Дар ин хусус муаллим мефаҳмонад, ки ҷумлаҳои дар сутуни аввал овардашуда ҳар кадом дорои ҳар ду сараъзо, яъне дорои ҳам мубтадову ҳам хабаранд. Аз ин рӯ, чунин ҷумлаҳоро ҷумлаҳои **дутаркибаи муайяншахс** меноманд. Аммо ба сабаби надоштани мубтадо ҷумлаҳои сутуни дуюмро ҷумлаҳои яктаркиба меноманд. Яъне агар дар ҷумлаи содда ҳар ду сараъзо мавҷуд бошад, он **дутаркиба** ва агар дар он аз сараъзоҳо танҳо яктоаш оварда шуда бошад, **яктаркиба** меноманд. Аниқтараш, яктаркиба ва ё дутаркиба будани ҷумлаи содда танҳо ба мавҷудияти сараъзоҳо марбут аст. Аммо ҷумлаҳои сутуни дуюмро ҳам мо чун ҷумлаҳои сутуни аввал муайяншахс меномем. Чунки ин ҷумлаҳо дорои мубтадо ва ё шахси муайяне набошанд ҳам, шахси онҳоро аз рӯи бандакҳои феъливу хабарии ба хабарҳо омада метавон ба осонӣ муайян намуд. Масалан, дар ҷумлаи «Ду соат китоб хондам» аз бандаки феълии бо хабари он (хондам) омада баръало фаҳмидан мумкин аст, ки он ба шахси якуми танҳо,ки бо ҷонишини **ман** баробар аст, ишора кардааст. Яъне дар ин ҷумла, агар мубтадоро баркарор кардан зарурат дошта бошад, танҳо ҷонишини шахсии **ман**ро ба ҳайси мубтадо овардан мумкин асту бас. Ҳамин тавр, ҳамаи ҷумлаҳои сутуни дуюмро **яктаркибаи муайяншахс** меноманд.

Инак, дар ҳамин лаҳзаи баён муаллим таъкид мекунад, ки вале на ҳамаи ҷумлаҳои яктаркибаро ҷумлаи муайяншахс номидан мумкин аст. Ин гурӯҳи ҷумлаҳоро, яъне ҷумлаҳои яктаркибаро дар навбати худ аз рӯи сохту маъно бо номҳои зерин ба панҷ гурӯҳ ҷудо намудаанд: муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс, бешахс ва унвонӣ. Чунон ки мебинед, мо ҳоло аз ин хелҳои ҷумлаҳои актаркиба ба шумо дар бораи **ҷумлаҳои муайяншахс** маълумот додем.

Дар дарси навбатӣ ба хонандагон,мувофиқи нақша,бояд дар бораи ҷумлаҳои номуайяншахс ва умумишахс маълумот баррасӣ гардад, ки агар ин дарс бевосита аз мушоҳида ва таҳлили мисолҳои таблитсаи (43) зерин оғоз ёбад, натиҷаи хуб хоҳад дод:

Таблитсаи 43

Ҷумлаҳои номуайяншахс	Ҷумлаҳои умумишахс
1. Шуморо ба идора даъват мекунанд. 2. Ҳавлиро рӯфтаанд. 3. Кӯчаҳои шаҳрро оро додаанд. 4. Уштурро бо кафлес об намедиҳанд.	1. Аз худ калонро ҳурмат кун. 2. Ба тозагӣ риоя намоед. 3. Кори имрӯзаро ба фардо нагузор. 4. Бо одами тарсончак ба шикор марав.

Пас аз он ки муаллим ба баёни мавзӯъ огоз кунад,бо талаби ӯ хонандагон бояд ҷумлаҳои дар ин ду сутуни таблитса додашударо ҳар кадом оромона қироат намуда, бо дарки мазмуни ҳар як ҷумлаи дар он сабтшуда худ ба чунин хулоса оянд: Чаро ҷумлаҳои сутуни аввал **номуайяншахсу** ҷумлаҳои сутуни дувум **умумишахс** ном гирифтаанд?

Сарфи назар аз он ки ҷавоби хонанадагон дар кадом шаклу мазмун сурат мегирад, сониян, муаллим худ ташаббусро ба дас гирифта, тахминан, ба чунин мазмун масъаларо бояд шарҳ диҳад: Агар шумо дуруст эътибор дода бошед, хабари ҷумлаҳои сутуни якум (даъват мекунанд, рӯфтаанд, оро додаанд, намедиҳанд) ҳамагӣ бо феълҳои шахси сеюми ҷамъ ифода шудаанд. Ва мазмунан ин ҷумлаҳо аз забони шахсе гуфта шудаанд, ки худи он шахс воқеаву ҳодисаи дар ҳамин ҷумлаҳо тасвиршударо ба чашми худ надидааст, яъне ӯ шоҳиди ҳамон ҳодисаву воқеаҳо нест. Масалан, кас бо шиору плакатҳо оро дода шудани кӯчаҳои шаҳрро бо чашми худ дида, ба яке аз ҳамсӯҳбатонаш «Кӯчаи шаҳрро оро додаанд» гӯён хабар медиҳад, вале ӯ намедонад, ки кӣ ё киҳо ва ё аз тарафи чанд кас кӯчаҳои шаҳр оро дода шудааст. Бинобар ҳамин, дар чунин ҳолатҳо кас ғайри хоҳиши худ нисбати чунин предмету ҳодисо ги дидааш ҷумлаеҳоро дар нутқаш истифода мебарад,ки ҳатман хабари онҳо бо феълҳои шахси сеюми ҷамъ ифода меёбанд, ки маҳз чунин ҷумлаҳоро, ки аз рӯи хабарашон шахс - ичрокунандаи амалу ҳаракат, яъне мубтадо, дақиқ муайян карда намешаванд, **номуайяншахс** меноманд. Ва бояд донист,ки ҷумлаҳои номуайяншахс дар гуфтугӯи халқӣ бештар дар шакли мақолу зарбулмасалҳо ба мушоҳида гирифта мешаванд Чунончи: Уштурро бо кафлес об намедиҳанд. Чӯчаро дар тирамоҳ мешуморанд.Мардумро ба гуфтор шиносанд. Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд; ва г.

Чунон ки мебинем, чунин ҷумлаҳо басо муассиру таъсирбахш ва дорои мазмунҳои баланди фикру ахлоқи тарбиявӣ ҳам мебошанд.

Сипас, муаллим диққати хонандагонро ба ҷумлаҳои сутуни дуюм ҷалб намуда, таъкид мекунад, ки бар хилофи ҷумлаҳои сутуни аввал дар ин сутун хабари ҷумлаҳо (ҳурмат кун,риоя намоед, магузор, марав) бо сиғаи амрӣ – феълҳои шахси дуюми танҳо ва ҷамъ ифода гардидаанд. Ба назар чунин мерасад, ки дар чунин ҷумлаҳо муайян намудани иҷрокунандаи амал – мубтадо осон аст. Масалан, ин тавр: **Аз худ калонро ҳурмат кун.- Ту аз худ калонро ҳурмат кун.** Аммо дар ин ҷумла ва ҷумлаҳои дигари дар ҳамин сутун овардашуда мақсади асосӣ на муқаррар намудани мубтадоҳоро талаб мекунад, балки талаб мекунад, ки диққати асосӣ бояд ба мазмуни умумии чунин ҷумлаҳо нигаронида шавад. Яъне агар ба мазмуни умумии ин ҷумлаҳо диққатназарона нигарем, мебинем, ки он мазмунҳо гарчи, дар асл, ба шахсҳои дуюми танҳову ҷамъ нигаронида шуда бошанд ҳам, аммо мантиқан ба ҳамаи шахсҳо дахл доранд. Яъне «Аз худ калонро ҳурмат кун» гуфтан на танҳо ба шахси дуюми танҳо, балки ҳамчун шиор ва ё панде ба ҳама дахл дорад: бояд ҳама аз худ калонро ҳурмат кунад. Инак, чунин ҷумлаҳо, аз қабили «Ба тозагӣ риоя намоед», «Кори имрӯзаро ба фардо нагузор», «Бо одами тарсончак ба шикор марав» ва ё амсоли инҳоро **ҷумлаҳои умумишахс** меноманд, ки шаклан ба шахси дуюми танҳо ва ё ҷамъ гуфта шуда бошанд ҳам, мазмунан ба ҳамаи шахсҳо – шахсҳои I-II ва III-и танҳову ҷамъ баробар дахл доранд. Ва чунон ки мушоҳида намудем, ҷумлаҳои умумишахс низ бештар дар қолаби мазмунҳои панду ахлоқӣ гуфта шудаанд ва чунин ҷумлаҳоро мо дар гуфтугӯи халқӣ, хусусан, дар гуфтори калонсолон зуд-зуд мушоҳида мекунем.Ва агар шумо ҳам аз чунин ҷумлаҳои умумишахс дар нутқи худ ҳар доим, вале ба мавриди истифода баред, қадру қимати гуфторатон барои мусоҳибатон басо волотар хоҳад гашт.

Ҳангоми таълими ҷумлаҳои бешахс метавон мафҳуми чунин ҷумлаҳоро дар муқоиса бо ҷумлаҳои муайяншахс шарҳ дод. Барои ин низ дар ду сутун ҷумлаҳоро ба тариқи зайл дар тахтаи синф бояд навишт:

1.Имрӯз китоб хондам.	1. Имрӯз китоб бояд хонд.
2. Ба кор барвақт меравам.	2. Ба кор барвақт бояд рафт.
3. Асли воқеаро аз падарам мепурсам.	3.Асли воқеаро аз падарам пурсидан лозим.

4. Дӯстонро ҳамеша эҳтиром мекунам.	4. Дӯстонро ҳамеша эҳтиром кардан даркор аст.

Азбаски хонандагон дар бораи хусусиятҳои асосии ҷумлаи муайяншахс маълумот гирифтаанд, бо талаби муаллим шарҳ медиҳанд, ки ҷумлаҳои дар сутуни аввал додашуда якторкибаи муайяншахсанд, аз он ки мубтадоҳоро дар чунин ҷумлаҳо аз рӯи бандакҳои феълии бо хабари онҳо омада (хондам, меравам, мекунам, эҳтиром мекунам) ба осонӣ муайян кардан имкон дорад. Аммо дар шарҳи хели ҷумлаҳои сутуни дуюм, ки якторкибаи бешахсанд, оҷиз мемонанд. Ин вазифа ба зимаи муаллим вогузошта мешавад. Аз ин рӯ, бояд таъкид намуд, ки аз мазмуни умумӣ ва хабари ҷумлаҳои мазкур (бояд хонд, бояд рафт, пурсидан лозим, эҳтиром кардан даркор аст), гарчи зарурати иҷрои амалу ҳаракате эҳсос шавад ҳам, аммо кас дақиқ тасаввур карда наметавонад, ки он хабарҳо кадом шахсу шумораро ифода мекунанд. Инак, чунин ҷумлаҳои якторкибаеро, ки аз хабарашон ҳам иҷрокунандаи амал ё худ шахси асосӣ тасаввур карда намешавад, **бешахс** меноманд.

Сониян, лозим аст, ки диққати хонандагон ба тарзи ифодаи хабари ҷумлаҳои бешахс ҳам ҷалб карда шавад, ки ин нукта аҳамияти амалиро доро хоҳад буд. Дар ин бобат ба хонандагон бояд фаҳмонд, ки хабари ҷумлаҳои бешахс бо ду роҳ ифода меёбад: Яке аз асоси замони гузаштаи феъл (хонд, рафт) бо иловаи ёридиҳандаи феълии **будан** (дар шакли **бояд**) ифода меёбад. Чунончи: бояд хонд, бояд рафт, бояд гуфт; Китобро **бояд хонд.** Ба кор **бояд рафт;** ва г. Дигаре аз масдар бо иловаи ёридиҳандаҳои феълии **лозим, даркор, зарур** ва бандаки хабарии **аст.** Чунончи: *хондан лозим, рафтан зарур аст, эҳтиром кардан* даркор аст; Дӯстонро **эҳтиром кардан даркор аст;** ва г.

Дар идомаи ҳамин дарси сеюм хонандагон бояд дар бораи ҷумлаҳои унвонӣ ҳам маълумот гиранд.Барои шарҳи моҳияти ин гурӯҳи ҷумлаҳо мисолҳои зеринро, ки пешакӣ дар доскаи сайёр (ё дар ватман) сабт карда шудаанд, ба диққати хонандагон пешниҳод карда мешавад:

а) Бегоҳӣ. Атроф оҳиста-оҳиста торик шуда, кӯчаҳо камодам мегардид.

б) Нисфирӯзӣ. Офтоб заминро сахт метасфонд.

в) Шаб. Дар осмон ситораҳо чашмакзанӣ мекарданд.

Муаллим, ба ҷуз он ки хонандагон якборӣ ҷумлаҳои мазкурро мехонанд, махсус аз се нафар хонанда талаб мекунад, ки ҳар кадом як басти ин мисолҳоро бо овози баланд қироат кунанд. Вале мутассифона, борҳо таҷриба нишон медиҳад, ки

хонандагон ҷумлаҳои унвониро (Бегоҳӣ. Нисфирӯзӣ. Шаб.), ки дар ин мисолҳо ҳамагӣ бо як калима ифода ёфтаанд, якбора ба ҷумлаҳои баъдина ҳамроҳ карда мехонанд. Масалан ин тавр:

а) **Бегоҳӣ** атроф оҳиста-оҳиста торик шуда, кӯчаҳо камодам мегардид.

б) **Нисфирӯзӣ** офтоб заминро сахт метасфонд.

в) **Шаб** дар осмон ситораҳо чашмакзанӣ мекарданд; ва ғ. Ана ҳамин нуқсони хониши онҳоро ба асос гирифта, ба аҳли синф бояд ин тавр муроҷиат намуд: Мо ба шумо гуфта будем, ки ҷумлаҳои яктаркиба аз ҷиҳати сохту маъноашон ба панҷ гурӯҳ ҷудо карда шудаанд, ки алҳол шумо дар бораи чор хели ин гуна ҷумлаҳо, яъне дар бораи ҷумлаҳои муайяншахс, номуайяншахс,умумишахс ва ҷанде пеш дар ҳамин дарс дар бораи ҷумлаи бешахс ҳам маълумот гирифтед. Ҳоло бошад мо дар бораи навъи панҷуми чунин ҷумлаҳо, ки **унвонӣ** меноманд, маълумот медиҳем. Ҷумлаҳои унвонӣ,чунон ки аз номашон ҳам бармеояд, унвонро, яъне номи предмет, воқеа ва ҳодисаҳоро ифода мекунанд ё худ номбар мекунанд. Яъне ҷумлаҳои унвонӣ танҳо ба хусусияти номбаркунии предмету воқеа ва ҳодисаҳо молик буда, вале дар бораи он ҳама маълумот намедиҳанд. Аз ин ру, ҷумлаҳои унвонӣ аксар бо як калима ифода меёбанд ва аксари мавридҳо дар матнҳо (матни асарҳои бадеиву публитсистӣ) дар аввали абзатс (сархат) оварда мешаванд. Яъне сархати он матнҳо, асосан, бо ҳамин ҷумлаҳои унвонӣ ибтидо мегиранд. Барои ҳамин ҳам, ҳангоми хондани матнҳои дорои ҷумлаҳои унвонӣ ба тарзи қироати ҷумлаҳои унвонӣ эътибори ҷиддӣ бояд дод. Аниқаш, ҷумлаҳои унвонӣ бо оҳанги махсус, ки молики фикри том бошад, бояд талаффуз карда шаванд. Боз ҳам, аниқтараш, ин ки пас аз бо оҳанги махсус талаффуз намудани ҷумлаҳои унвонӣ як исти муваққатӣ ҳам зарурат дорад. Маҳз ҳамин лаҳзаи муваққатии исти хонанда шунавандаро маҷбур месозад, ки он ҷумлаҳои яккалимагиро, ҳақиқатан ҳам чун ҷумла ва зиёда аз ин, ҳамчун ҷумлаҳои муассир дарк намояд. Инак, эътибор диҳед, мисолҳои қироаткардаи шуморо ҳоло ман қироат мекунам:

а) **Бегоҳӣ**...* Атроф оҳиста-оҳиста торик шуда, кӯчаҳо камодам мегардид.

б) **Нисфирӯзӣ**... Офтоб заминро сахт метасфонд.

в) **Шаб**... Дар осмон ситораҳо чашмакзанӣ мекарданд.

---

* **Эзоҳ.:** Аломати сенуқта (...) ин ҷо қасдан - бо мақсади нишон додани исти муваққатӣ гузошта шудааст.

Пас аз ин, таъкид мегардад, ки ҷумлаҳои унвонӣ ҳеҷ гоҳ дар алоҳидагӣ вуҷуд дошта наметавонанд. Онҳо ҳамеша пеш аз ҷумлае оварда мешаванд, ки он ҷумла то андозае мафҳуми ҷумлаҳои унвониро аз ягон ҷиҳат муайян месозанд. Чунончи, дар басти аввал пас аз ҷумлаи унвонии «Бегоҳӣ» оварда шудани ҷумлаи «Атроф оҳиста-оҳиста торик шуда, кӯчаҳо камодам мегардид» ба чунин мазмун фаҳмида мешавад: Бегоҳӣ буд. Атроф оҳиста-оҳиста торик шуда, кӯчаҳо камодам мегардид; ва ғ.

Сониян, бояд таъкид гардад, ки баъзан ҷумлаҳои унвонӣ дар қолаби ибораи изофӣ ҳам вомехӯранд. Чунончи: **Саҳрои васеи Дон.** Офтоби саратон заминро оташвор метафсонад (Ф.Н).

Бояд гуфт, ки дар ҳар дарси ба таълими ҷумлаҳои яктаркиба оид гардида ҳатман аз тариқи саволу ҷавоб ва иҷрои супоришҳои гуногун, машқҳои китоби дарсӣ ва ҳам машқҳое, ки аз тарафи муаллим пешниҳод мегарданд, дониши хонандагон мустаҳкам карда мешаванд, ки ба ҷо овардани ин ҳамаро мо ба дӯши худи омӯзгорон вомегузорем, бо чунин ният, ки онҳо аз ӯҳдаи иҷрои амалҳои номбурда ҳатман мебароянд.

§67. Ҷумлаҳои чидааъзо

Маълумоти аввалин дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо ба хонандагон дар синфи V дар рафти таълими курси муқаддимавии «Синтаксис (нав) ва аломатҳои китобат» дода шудааст. Онҳо дар синфи V доир ба мафҳуми ин навъи ҷумлаҳо дар заминаи мушоҳида ва таҳлили як қатор мисолҳо то андозае тасаввурот пайдо намуда бошанд ҳам, дар асл, бо ҷумлаҳои чидааъзое сарукор доштанд, ки аъзоҳои чидаашон ба тавассути пайвандакҳои пайваскунандаи пайиҳами **ва, -ӯ (-ю)** алоқаманд гардиданд. Акнун дар синфи VIII он донишу тасаввуроти доир ба ҷумлаҳои чидааъзо андӯхтаи хонандагон бояд марбут ба хусусиятҳои дигари масъалаи мазкур бо баррасии як силсилаи маълумотҳои нав, масалан, дар бораи оҳанги талаффузи аъзоҳои чида, роҳҳои алоқаи аъзоҳои чида ба тавассути танҳо интонатсия, интонатсияву пайвандакҳо, ҷуфт-ҷуфт чида шуда омадани ин ё он аъзои ҷумла, калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо ва мавқеи, умуман, аломатҳои китобат (вергул, баён, тире) дар ҷумлаҳои чидааъзо такмил дода мешаванд*.

---

* **Таъкид.**: Дар таълифи баррасии нуқтаҳои методӣ марбут ба таълими ҷумлаҳои чидааъзо, асосан, ба китоби праф. Озерская В.П- « Система

Мувофиқи дастури методистон таълими ҷумлаҳои чидааъзо дар синфи VIII бояд аз такрори маълумотҳои пешинаи дар синфи V гирифтаи хонандагон оғоз ёбад.[291] Пас аз саволу ҷавоб муаллим ба хонандагон таъкид мекунад, ки акнун онҳо аз ин дарс сар карда дар бораи хусусиятҳои дигари ҷумлаҳои чидааъзо маълумот хоҳанд гирифт. Ин лаҳза таблитсаи (44) зерин, ки дар ватмин (ё доскаи сайёр) мураттаб гардидааст, ба маърази диққати хонандагон гузошта мешавад.

Таблитсаи 44

ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО	
Аъзоҳои чида	**Намуна ва мисолҳо**
1. Мубтадои чида	1.**Рӯбоҳу сангпушту мӯрча** заминро шудгор карда шуданд (Аз «Афсонаи халқӣ»). 2. **Мактабхонӣ, дарстайёркунӣ** ва **омӯзиш** ҳам меҳнат аст.
2. **Хабари чида**	1.Ӯ **маҷлисоро, ғапзан, суханвар, ҳозирҷавоб, ширинсухан ва хандонрӯ** буд (Ҷ. И.). 2. Ӯ замин **мехарид,** осиёб **мехарид,** сарой **мехарид,** пул **қарз медод ва** пул **мегирифт** (Ҷ.И).
3. **Пуркунандаи чида**	1.Одам гоҳи ҳанда **хастагӣ, ғаму андӯҳ ва ташвишҳои зиндагиро** ба тамом аз ёд мебарад.
4. **Ҳоли чида**	1. **Дар чойхона** ва **дӯконҳо** шамъҳои калон месӯхт (С.А). 2. Ӯ аз **дашту биёбон, кӯҳу кӯтал, деҳу дарёҳо** гузашт ва ба шаҳре расид (аз «Афсонаҳо»).
5. Муайянкунандаи чида	1. Шоҳин ба назари ман як одами **миёнақад, лоғарбадан, миёнариш ва чашму абрӯсиёҳ** буд (С.А). 2. Яҳёҳӯча як одами **баландқомат, камғӯшт, сафедрӯй ва миёнариш** буд (С. А).

роботы по синтаксису и пунктуации в V-VIII классах» (-М.: Просвещение, 1964, с 102-110) такя карда шуд.

[291] Нит.: Озерская В. П. Система работы по синтаксису и пунктуации в V-VIII классах с. 103; Дудников В, П Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с.256-257.

Мисолҳои дар таблитса бударо, пас аз он ки як нафар хонанда ифоданок (шояд нодурст ҳам бошад) қироат мекунад, худи муаллим ҳам мувофиқи талабот қироат намуда, ба шарҳи мавзӯъ шурӯъ мекунад, ки мазмунан бояд чунин бошад: Мо ҳоло бо ҷумлаҳои чидааъзо сарукор дорем, ки шумо низ он чӣ дар бораи чунин ҷумлаҳо, ки аз синфи V омӯхта будед, ҳоло ба хотир оваред, дуруст ҳам шарҳ додед. Чунончи, шумо дуруст гуфтед, ки аъзоҳои чидаи ҷумла баробарҳуқуқ буда ба як савол ҷавоб мешаванд. Онҳо, асосан, бо як ҳиссаи нутқ ифода меёбанд. Чун муайянкунандаву муайяншаванда аз яке ба дигаре савол дода намешавад[292]. Аз ҷумла соқит шудани яке аъзоҳои чидаи он ба мазмун умуман он (ҷумла) нуқсоне намерасад. Акнун дар асоси мисолҳои таблитсаи мазкур ба шумо дар бораи тарзи оҳанги талаффуз, роҳҳои ба ҳам алоқаманд шудани аъзоҳои чида дар чунин ҷумлаҳо ва мафҳумҳои истифодаи аломати вергул дар онҳо маълумот хоҳем дод. Инак, диққат кунед: Тарзи талаффузи аъзоҳои чида оҳанги шумур, масалан, **як, ду, се, чор,** гуфта шумурданро ба хотир меоранд, яъне ба оҳанги шумур шабоҳат дорад. Чунончи... (Ин вақт аз қатори мисолҳои доир ба мубтадо ва хабарҳои чида пешниҳодшуда муаллим ҷумлаҳои якумро бояд тарзе қироат кунад, ки ҳақиқатан ҳам, аз оҳанги талаффузи аъзои чидаи онҳо – мубтадо ва хабарҳои чида хонандагон оҳанги шумурро эҳсос кунанд). Пас аз қироати он ду ҷумлаи мазкур муаллим таъкид мекунад, ки дар ҷумла ҳамаи аъзоҳои он – чи сараъзо ва аъзоҳои пайрав – чида шуда метавонад ва ин лаҳза доир ба чида шудани ҳар як аъзои ҷумла аз мисолҳои дар таблитса буда яктогӣ ҷумларо бо риояи оҳанги талаффузи аъзоҳои чидаашон қироат намуда, аз тариқи саволгузорӣ исбот менамояд, ки аъзои чида, дар ҳақиқат, яке аз сараъзоҳо ва ё аъзоҳои пайрав мебошанд. Пас аз ин, диққати хонандагон дар маҷмӯъ ба тарзи алоқаи аъзоҳои чида ҷалб карда мешаванд, ки дар ин бобат шарҳи муаллим ба тариқи зерин сурат хоҳад гирифт. Шумо бояд донед, ки аъзоҳои чидаи ҷумла ба ҳам бо роҳҳои гуногун алоқаманд мешаванд.Чунончи:

1. Ҳар як аъзои чида ба дигаре ба воситаи пайвандаки пайвасткунанда алоқаманд мегардад. (Ин лаҳза аз қатори мубтадоҳои чида ҷумлаи аввал хонда шарҳ дода мешавад).

2. Агар аъзои чидаи ҷумла аз дуто зиёд бошад, он гоҳ пайвандак пеш аз аъзои чидаи охир оварда шуда, аъзоҳои

---

[292] Нигг.: Озерская В.П Система работы по синтаксису и пунктуации в V-V111, с 104.

пешина дар навишт аз ҳам бо вергул ҷудо карда мешаванд (Ин ҷаҳза аз қатори мубтадоҳои чида ҷумлаи дуюм ва ҳар ду ҷумлаи дар қатори хабарҳои чида овардашуда шарҳ дода шаванд, кифоя аст).

3. Баъзан аъзоҳои чидаи ҷумла бо ҳам бештар бо пайвандакҳои пайиҳам ҷуфт-ҷуфт алоқаманд мегардад. Дар ин маврид ҷуфти якум аз ҷуфти дигари чунин аъзоҳои чида бо аломати вергул ҷудо карда мешаванд. (Дар ин бобат ҷумлаи дуюм аз қатори ҳолҳои чида қироат карда шарҳ дода мешавад).

Пас аз шарҳу баёни марбут ба тарзи алоқаи аъзоҳои чида додаи муаллим бо талаби ӯ ҷумлаҳои дигар таблитса низ аз тарафи хонандагон бояд қироат карда шуда, ҳам аз ҷиҳати оҳанги талаффуз ва ҳам аз рӯи тарзи алоқаманд гардидани аъзоҳои чидаашон шарҳи худро ёбанд. Барои ин ки ин амал бе нуқсон иҷро шавад, муаллим метавонад, талаб кунад, ки шогирдон, аввал, ҷумлаҳои ӯ эзоҳдодаро шарҳ дода, баъд ба шарҳи мисолҳои дигари ҷумла нардозанд.

Мувофиқи нақшаи корӣ дарси дуюм ба мустаҳкамкунии ҳамин дарси аввал (ба воситаи саволу ҷавоб ва иҷрои машқу супоришҳои гуногун) бахшида мешаванд. Вале дар дарси саввум мавзӯи «Калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо» мавриди омӯзиш қарор дода мешавад, доир ба ин мавзӯъ хонандагон бори аввал маълумот хоҳанд гирифт. Дар ин бобат, барои он ки мафҳуми **калимаҳои хулосакунанда** ва зарурати истифодаи онҳо дар нутқ аз тарафи хонандагон бошуурона дарк карда шавад, мувофиқи маслиҳати проф. В. П Озерская, муаллим бояд барои шарҳи масъала бо чунин мазмун ба шогирдонаш муроҷиат кунад: Оё шумо медонед, ки дар нутқи мо калимаҳое ҳастанд, ки номи предметҳои ҷудогонаро ба таври умумӣ ифода мекунанд?- Канӣ, бигӯед, **гунҷишк, товус, калхот, кабӯтар, кабкро** бо як калима чӣ меномем? Хонандагон :-**Парранда.** Муаллим :-**Истакон, табақча, кострулро** чӣ? Хонандагон:-Зарф, Муаллим: Мо мегӯем, ҳайвоноти хонагӣ. Канӣ, номбар кунед, чиҳоро **ҳайвоноти хонагӣ** меноманд?* Хонандагон: **-Гов, асп, хар, гусфанд, буз, саг**, ва г. Муаллим :-Дуруст. Акнун бигӯед, чиҳоро **ҳайвоноти дарранда** меноманд. Хонандагон :-**Гург, хирс, рӯбоҳ, шер, паланг** ва г. Муаллим:- Акнун гӯед, ки кадом предметҳоро **нақлиёт** меноманд? Хонандагон:- **мошин, автобус, самолёт, вертолёт** ва г. Муаллим:- **Курта, костюм, шим, рӯймол, чемперро** бо як калима чӣ мегӯянд? Хонандагон: **-Либос**.

---

* **Таъкид.**: Барои ҷавоб додан ба ин савол метавон чандин хонандагонро

Ҳамин тавр, иҷрои машқҳои фавқ ва амсоли онҳо марбут ба интихоби калимаҳои ифодакунандаи номҳои умумии чандин предмет, яъне интихоби калимаи хулосакунанда, барои предметҳои ҷудогона ва баръакс, номбар намудани предметҳои ҷудогонае доир ба ин ё он калима ё ибораи хулосакунанда то андозае пешакӣ хонандагонро барои сарфаҳм рафтан ба маҳфуми **калимаҳои хулосакунанда** омада месозад.

Инак, ба ҳамин омодагии пешакии хонандагон муаллим такя намуда, таъкид мекунад, ки он калимаҳоеро (баъзан ибораҳо ҳам), ки дар нутқ (шифоҳӣ ва хаттӣ) номи умумии чандин предметро дар бар мегиранд, дар илми забоншиносӣ **калимҳои хулосакунанда** меноманд. Калимаҳои хулосакунанда ана дар ҳамин ҷумлаҳои чидааъзо истифода карда мешаванд. Онҳо (калимаҳои хулосакунанда) дар чунин ҷумлаҳо ё пеш аз аъзоҳои чида ва ё пас аз аъзоҳои чида омада, барои ба таври умумӣ ҷамъбаст ва ё худ хулоса намудани ҳамин аъзоҳои чида хизмат мекунанд.

Чунончи:

1. Мо дар боғамон **ниҳолҳои гуногун**: зардолу, гелос, себ, олу ва шафтолу шинондем. 2. Дар ин ҷо аз кӯраҳо… дудҳои **ранг ба ранг:** сабз, зард, бунафш ва сиёҳ фавора мезаданд. (С.У): 3. Шариф, Маҳмуд, Муқим-**ҳар се** … ба идораи шӯрои ҷамоа равон шуданд (Ҷ.И). 4. Болотар…, дар қисмати сари ҷар **ду дарёи шодоби кӯҳистон:** Сурхоб ва Хингов ба ҳам меомезанд (Ш.Ҳ). 5. Ба як лаълӣ **се хел себ**: хубонӣ, яхак ва табақшикан оварда (Ш.Ҳ.) 6. Он рӯзҳо дар радио, матбуот, театрҳо- **дар ҳама ҷои Москва** тавсифи санъати тоҷик ва арбобони номдори он мерафт (А.Д.). 7. –Не ман, танҳо не, балки **ҳамаи мо:** Ҳошим Корвон, Зубайда, Ғоибамак, Раҳим, Ҳасанҷон ва бисёр касони дигар ҳам (С.У).

Муаллим ин ҳама мисолҳоро як-як ифоданок қироат карда, ҳангоми шарҳи калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо бояд диққати хонандагонро, пеш аз ҳама ба нуқтаҳои зерин ҷалб намояд:

1. Калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо бештар пеш аз аъзоҳои чида (Ниг: ҷумлаҳои 1,2, 4,5,6) ва камтар пас аз онҳо, яъне пас аз аъзоҳои чидаи ҷумла (Ниг.: ҷумлаҳои 3,4,) меоянд.

2. Агар калимаҳои хулосакунанда пеш аз аъзоҳои чидаи ҷумла оянд, ҳангоми бо овози баланд қироат намудани ҷумла задаи мантиқӣ ба онҳо меафтад, яъне дар ин навъ ҷумлаҳо калимаҳои хулосакунанда шиддатноктар талаффуз карда мешаванд. (Ин лаҳза барои исботи нуктаи мазкур мувофиқи меъёри талаффуз қироат кардани ду ҷумлаи аввал басанда аст).

3. Агар калимаҳои хулосакунанда пеш аз аъзоҳои чида (Ниг.: ба ҷумлаҳои 1,2,4,5,6) омада бошанд, он гоҳ пас аз онҳо ё худ пеш аз аъзоҳои чида дар навишт аломати баён(:) мегузоранд.

4. Ва агар калимаҳои хулосакунанда пас аз аъзоҳои чидаи ҷумла оянд, он гоҳ пеш аз онҳо ва ё пас аъзоҳои чида аломати гире гузошта мешавад (Ниг.: ба ҷумлаҳои 3,4).

Муаллим ҳар як қоидаи дар фавқ овардашударо талқин ва дар заминаи такя ба мисолҳо фаҳмонда, бо мақсади мустаҳкамкунии мавзӯъ хонандагонро барои ба ҷо овардани талаби машқҳои китоби дарсӣ, ки марбут ба калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо маводи даркориро фаро гирифтааст, сафарбар намуда, ҳамзамон, таърифи калимаҳои хулосакунанда ва қоидаҳои ба он алоқамандро пурсида, ба ҳайси вазифаи хонагӣ ичрои машқи 6 (саҳ. 160) –ро супориш диҳад, басо мувофиқи мақсад мебуд.

§ 68. Калима ва ибораҳое, ки аъзои ҷумла нестанд

Чун дар дигар забонҳо дар таркиби ҷумлаҳои забони тоҷикӣ ба ҷуз сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав калима ва ибораҳое мушоҳида мешаванд, ки бо ягон роҳи алоқа – чи бо усули алоқаи пайваст ва чи бо усули алоқаи тобеъ –бо ин ё он аъзои ҷумла вобастагие надошта, танҳо ба мазмуни умумии ҷумла ва ё ба яке аз аъзоҳои он як навъ тобиши маъноиро зам менамоянд. Он гуна калима ва ибораҳоро дар илми забоншиносӣ **мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ ва аъзоҳои истисноӣ** меноманд[293], ки дар мактаб таълим дода шудани чунин калимаву ибораҳо низ аҳамияти амалиро доро буда, ҳамзамон, ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагон бемусоидат нахоҳад монд.

Мухотаб. Маълумоти аввалин ва ҳатто даркориро дар бораи мухотаб хонандагон аз синфи V ҳангоми омӯзиши курси муқаддимавии синтаксис гирифтаанд ва масъалаи таълими ин мавзӯъ дар адабиёти методӣ як андоза ҳалли худро ёфтааст.[294] Акнун ҳамон донишҳои дар синфи V доир ба мухотаб гирифтаи хонандагонро, ки зимни таълими масъалаҳои морфология низ маврид ба маврид такрор карда шудааст, дар синфи V бо

---

[293]Ниг.: Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик к.2, Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои содда,. с.343; Озерская В.П. Система работы по синтаксису и пунктуации в V-VIII классах, с.138-161; Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе.с.260-266,

[294]Ниг.: Қубонов М. Таълими забони тоҷикӣ дар синфи V.-Душанбе: 1993,с.43-45.

баррасии маълумотҳои нав такмил додан зарурат дорад. Аз ин рӯ, зимни саволҳои гуногун (1. Мухотаб чист?, 2. **Мухотаб** калимаи кадом забон аст ва синоними дигари он чист? 3. Дар нутқ мухотаб барои чӣ истифода мешавад? 4. Мухотаб дар кадом қисматҳои ҷумла меояд? 5. Мухотаб дар навишт чӣ тавр ҷудо карда мешавад? ва г.) ва таҳлили як – ду ҷумлаи доир ба мухотаб овардашуда санҷидани дониши хонандагон таъкидҳои зерини муаллим баҳри боз ҳам устувортар гардидан ва инкишоф ёфтани дониши шогирдон марбут ба мавзӯи «Мухотаб» хоҳад гашт: Шумо ҳоло ба аксари саволҳои додаи ман ҷавоби дуруст додед: Маънои **муроҷиат**ро доштани мухотаб, ҷои мухотаб дар ҷумла ва мавридҳои истифодаи вергулро марбут ба ҷои омадани мухотаб дар ҷумла шарҳ дода, мисолҳо ҳам овардед. Вале акнун боз чиҳоро дар бораи мухотаб донистани шумо лозим аст? Бояд донист, ки пеш аз ҳама, бо воситаи мухотаб ба одамон мурочиат мекунем. Аз ин рӯ, мухотабҳо бештар дар нутқи гуфтугӯӣ ё худ диалогӣ ва дар асарҳои бадеӣ – дар лаҳзаҳое, ки нависанда гуфтугӯи қаҳрамону персонажҳои асарро тасвир мекунад, истифода карда мешавад. Чунончи:

1.–Шакаргул, шумо чи хел зани хушбахтед! – бо ҳасад гуфт Зеварой.

– Шумо ҳам акнун менолед? – гуфт Шакаргул (Ю.А.)

2.– Шинос шавед, **Пӯлод Қодиров,** Холи ворухӣ ана ҳамин кас мешаванд, – муаррифӣ кард Маҳками Мухтор.

- Амакамро надида бошам ҳам, мешиносам,–Пӯлод даст ба Хол дароз ва беихтиёр лабханд кард (Р.Ҷ.) .

3. – Салом, **оча,** – баробар ду овоз баромад.

- Салом, **нури дидагонам.** Аз раҳпоӣ кӯки чашмонам канда шуд.(Б.Н.)

4. – **Рафиқ Урунов,** ман гоҳо баъзе рафторҳои шуморо дида, ниҳоят дар тааҷҷуб мемонам.

– **Рафиқ Фадеев,** ҳозир гап дар бораи ман намеравад! (Ю.А.)

5. –**Рафиқон!** – гуфт вай. – **Рафиқ Саидҷон, рафиқ Шодӣ, рафиқ Аҳмадҷон** ва **духтури азизам, дӯстам Лопухов!...** Ҳар ҷо ки набошем, мо фарзанди як оилаи бузург мебошем… Бинобар он, **дӯстони азизам,** моро масофа аз ҳам ҷудо намекунад.(Ҷ.И.)

6. Баъд аз соате (Ҳотам.-С.Ш.) сар бардошта гуфт: – Эй **ҷавон**, шаҳри ту дар куҷост?

Писари бузургвор гуфт:

– Эй азиз, аз ин ҷой то ба шаҳри ман се рӯза роҳ ҳаст (Сарг.Ҳотам.с.93)

Муаллим дар заминаи такя намудан ба матнҳои мазкур, ки бояд аз тариқи кадоскоп ё экрани компютер намоиш дода шаванд, таъкид мекунад, ки дар ҳамаи ин мисолҳо мухотабҳо танҳо бо исмҳои шахс ва ҳиссаҳои дигари нутқи ба исми шахсе табдилёфта ифода ёфтаанд. Дигар ин, ки дар ин мисолҳо мухотабҳо дар қисматҳои гуногуни ҷумлаҳо – дар аввал (пеш аз ҳама, дар матни 1 ва 4-ум) ва мобайн (дар матни 2 ва ҷумлаи охири матни 5-ум) ва ё дар охири он (дар матни 3-юм) оварда шудаанд, ки дар ҳамаи ин ҳолатҳо онҳо, яъне мухотабҳо, бо вергул ҷудо карда шудаанд. Аз ҷумла, дар мобайни ҷумла мухотаб аз ду тараф бо вергул ҷудо карда шудааст, ки инро ва ҳолатҳои дигари бо вергул ҷудо карда шудани мухотабро набояд фаромӯш кард. Ба ҷуз ин, дар ҳамаи мавридҳо, яъне марбут ба ҷои омаданаш дар ҷумла мухотаб ба худ оҳанги муроҷиатиро доро мебошад. Вале оҳанги муроҷиати мухотаб баръало дақиқтару равшантар, асосан, дар аввали ҷумла эҳсос гардида, ин хусусияти он дар мобайн ва охири ҷумла як андоза суст гардад. Аз ин рӯ, маҳз дар аввали ҷумла шиддатнок талаффуз шудани мухотабҳоро ба инобат гирифта, аксар пас аз онҳо аломати хитоб гузошта, идомаи ҷумлаҳоро ба ҳарфи калон менависанд. Ҳамчунин, агар дар аввали ҷумла пауза, яъне исти гуянда, пас аз талаффузи мухотаб як андоза кашолёфта бошад, дар ҳолати дар мобайн ва охири ҷумла омадани он (мухотаб) чунин пауза хеле кӯтоҳ эҳсос карда мешавад.

Муаллим, албатта, бо зикри ҳар як нуктаи фавқ диққати хонандагонро як-як ба ҷумлаҳои дар боло овардашуда, ки барои мушоҳида ва таҳлил интихоб намудааст, ҷалб намуда, ҳадафи асосиро аёнӣ ҳам шарҳ медиҳад. Сипас, барои такмили дониш ва тасаввуроти хонандагон доир ба хусусиятҳои мухотаб таъкид мекунад, ки дар адабиёти бадеӣ адибон мухотабҳоро на танҳо барои муроҷиат кардан ба одамон, балки ба предметҳои ғайри шахс ва ҳатто барои муроҷиат кардан ба предметҳои беҷон низ истифода кардаанд, ки дар чунин мавридҳо таъсирнокии сухан бо чунин мухотабҳо бештару беҳтар ҳис карда мешавад. Чунончи:

1. Видоъ, **эй даштҳо, эй лолазорон!**
   Видоъ, **эй наҳру** ҷӯйҳои Зарафшон! (М.Т.)
2. **Ватан, Ватан!**
   Ватан, Ватан!
   Дар ин ҷаҳон ягона меҳрубони ман туӣ,
   Чӣ ҷои ин сухан, ки худ ҷаҳони ман туӣ (А.Лоҳутӣ)

Чунон ки методистон таъкид мекунанд, дар лаҳзаи мустаҳкамкунии мавзӯи «Мухотаб» дар синфи VIII, ба ҷуз он ки аз хонандагон доир ба мавридҳои гуногуни дар ҷумла омадани мухотаб овардани мисолҳо ва шарҳи масъалаҳои доир ба он баёншуда талаб карда мешавад, лозим аст, ки онҳо боз ба иҷрои ду супориши дигар ҳам сафарбар карда шаванд: яке бо талаби муаллим дар айни ҳамон ҷумла тафсил додани мухотабҳое, ки бо як калима ифода ёфтаанд. Масалан, дар ҷумлаҳои зерин: Сабзина! Мо туро ба муносибати зодрӯзат табрик мекунем. 2. Духтурҷон, як фишори хуни маро санҷед! 3. Шумо, азизам, бе ин ҳам инсони иззатманд ҳастед.

Намуна: Бародар, ман аз шумо як умр миннатдор ҳастам.- Бародари азиз (бародари азизу меҳрубон, бародари бо дилу ҷон баробар), ман аз шумо як умр миннатдор ҳастам.

Дигар ин, ки хонандагон дар айни як ҷумла дар ҷойҳои гуногун (дар аввал, дар мобайн ва дар охир) оварда тавонистани мухотабро, масалан, пеш аз ҳама, дар ҳамон чор ҷумлаи дар фавқ додашуда машқ кунанд. Намуна: Муродҷон, ту имрӯз ба дарс хеле дер омадӣ.-Ту, Муродҷон, имрӯз ба дарс хеле дер омадӣ.-Ту имрӯз ба дарс хеле дер омадӣ, Муродҷон.

Ин ду навъи машқро метавон ба ҳайси вазифаи хонагии хонандагон ҳам супурд. Яъне таъкид бояд кард, ки онҳо аз асарҳои бадеӣ 3-4 ҷумлаи ,мухотабашон бо як калима ифодаёфтаро интихоб намуда, сипас, дар барбари тағйир додани ҷои мухотабҳо дар ҳамон ҷумлаҳо онҳоро, яъне мухотабҳоро ба тафсили ҳам баргардонанд.

Калима ва ибораҳои туфайлӣ. Мавзӯи мазкур барои хонандагони синфи VIII ғамоман нав аст. Аз ин ҷиҳат, дар рафти таълими ин масъала, яъне калима ва ибораҳои туфайлӣ, масъулияти бештарро эҳсос намудани муаллим талаб карда мешавад. Аз ҷумла, ҳалли вазифаву масъалаҳои зерин бояд дар мадди назари ӯ бошад: а) шарҳ додани мафҳуми ба номи **калима ва ибораҳои туфайлӣ** (ҳамчунин, ҷумлаҳои туфайлӣ) ва зимни мисолҳо фаҳмонидани тобишҳои маъноии чунин калима, ибора ва ҷумлаҳо; б) дар хонандагон ташаккул дода тавонистани малакаҳо дар бобати чи дар нутқи гуфтугӯӣ ва чи дар нутқи хаттии худ ба мавриди истифода карда тавонистани калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ[295]; в) дар хонандагон ташаккул додани малакаи фарқ карда тавонистани калимаҳои туфайлӣ аз аъзоҳои ба онҳо шабоҳатдоштаи ҷумла ба инчунин дар навишт ба

---

[295] Ниг.: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетной

тавассути аломатҳои китобат чудо карда тавонистани калима ба ибораҳои мазкур[296].

Бояд дар назар дошт, ки дар чумла яке аз роҳҳои бештар ворид гардидани тобишҳои гуногуни маъноӣ, ки маҳз ба тавассути онҳо (тобишҳои маъноӣ) чӣ гуна муносибат доштани гӯянда нисбат ба фикри гуфташуда зуҳур меёбад, зиёда ба истифода гардидани ин ё он хели калимаву ибораҳои туфайлӣ вобастагии қавӣ дорад. Аз ин лиҳоз, дар навбати аввал, то ки хонандагон ба мафҳуми калима ва ибораҳои туфайлӣ ба таври айёнӣ ҳам шиносоӣ пайдо намоянд, аз мисолҳои зерин, ки дар ду сутун бояд пешниҳод шаванд, истифода бурдан ба мақсади дарс мувофиқтар аст:

1. Ин китобро хондам. – **Дар ҳақиқат,** ин китобро хондам.
2. Имрӯз барадарам аз шаҳр меояд. – **Эҳтимол,** имрӯз барадарам аз шаҳр меояд.
3. Ҳаво имрӯз ҳам гарм шуд. – **Хушбахтона,** ҳаво имрӯз ҳам гарм шуд.
4. Пагоҳ борон меборидааст. – **Мувофиқи хабари радио,** пагоҳ борон меборидааст.
5. Ӯ имсол донишҷӯ шуд. – **Хулоса**, ӯ имсол донишҷӯ шуд.

Ҳамин ки хонандагон чуфти мисолҳои дар сутунҳо додашударо хонда, як андоза мазмуни якхела доштани онҳоро эҳсос мекунанд, муаллим таъкид мекунад, ки фарқи чумлаҳои дар сутуни дуюм овардашуда аз чумлаҳои сутуни аввал ин аст, ки дар онҳо, яъне дар чумлаҳои сутуни дуюм, калима ва таркибҳои **дар ҳақиқат, эҳтимол, хушбахтона, мувофиқи хабари радио, хулоса** ворид карда шудаанд. Аммо мазмуни умумии мисолҳои дар ҳар ду сутун буда, дар асл, як хел аст. Сарфи назар аз ин, дар чумлаҳои сутуни дуюм ба чуз мазмуни умумӣ маҳз ба сабаби ворид карда шудани калимаву таркибҳои номбаршуда (дар ҳақиқат, эҳтимол, хушбахтона, мувофиқи хабари радио хулоса) илова гардидани як навъ тобишҳои гуногуни маъноӣ эҳсос карда мешавад. Чунончи, дар чумлаи «Ин китобро хондам» танҳо як хабари муқаррарӣ ифода шудааст бас. Вале дар чумлаи «**Дар ҳақиқат**, ин китобро хондам» хабар на ба тариқи муқаррарӣ, балки чиддиву боварибахш ифода гардидааст, ки дорои чунин тобиши маъноӣ гардидани чумлаи мазкур маҳз ба туфайли ба он ворид шудани таркби **дар ҳақиқат** сурат гирифтааст. Аммо

---

[296] Ниг.: Озерская В.П. Система работы по синтаксису и пунктуации в V-VIII классах.с.156

ҷумлаи дуюми сутуни дасти чап-«**Эҳтимол**, имрӯз бародарам аз шаҳр меояд» фикри гуфташуда ба сабаби ба он ворид гардидани калимаи **эҳтимол** то андозае амалу ҳолати ба таври тахминӣ иҷрошавандаро фаро гирифтааст. Дар ҷумлаи сеюм-«**Хушбахтона**, имрӯз ҳам ҳаво гарм шуд» гӯянда як андоза қаноатманд ва хурсанд будани худро аз амалу ҳолати такроршуда, яъне аз бори дигар гарм шудани ҳаво, изҳор намудааст, ки чунин тобиши маъноӣ гирифтани ҷумлаи мазкур, асосан, ба калимаи **хушбахтона** марбут аст. Дар ҷумлаи чорум-«**Мувофиқи хабари радио**, пагоҳ борон меборидааст» гуфтани гӯянда ишора ба он аст, ки ӯ хабари пагоҳ боридани боронро аз радио шунидааст, ки ба ин нукта дар ҳамин ҷумла истифода гардидани ибораи **мувофиқи хабари радио** мувофиқа мекунад. Аммо калимаи **хулоса** дар ҷумлаи охир-«**Хулоса**, ӯ имсол дорнишҷӯ шуд» нисбат ба фикри гуфташуда мазмуни ҷамъбаст, хулоса ва ё ба ҳадди ниҳоӣ расидани амалу ҳолатеро ишора намудааст.

Ҳамин тавр, чунин калима ва ибораҳоеро, ки ба мазмуни асосии ҷумла ин ё он тобиши маъноии иловагиро зам мекунанд, **калима ва ибораҳои туфайлӣ** меноманд. **Туфайлӣ** номида шудани чунин калимаву ибораҳо бо ҳамин маъно, ки онҳо, яъне калима ва ибораҳои туфайлӣ, ин ё он аъзои соҳибҳуқуқи ҷумла нестанд, ба онҳо яз ягон аъзои ҷумла ва, баръакс, аз инҳо ба яке аз аъзоҳои ҷумла савол дода намешавад. Аз ин лиҳоз, мисли он ки ҳар кадоме аз аъзоҳои ҷумла ба саволе ҷавоб мешаванд, калима ва ибораҳои туфайлӣ ба ягон савол ҷавоб намешаванд. Аз ин рӯ, аз ҳар кадом ҷумла, агар дорои ин ё он калима ё ибораҳои туфайлӣ бошад, соқит карда шудани чунин калимаву ибораҳо ба мазмуни асосии фикри гуфташуда нуқсоне ворид намешаванд.

Пас аз шарҳи боло, ҳамзамон, муаллим таъкид мекунад, ки калима ва ибораҳои туфайлӣ дар ҳамаи услубҳои нутқ – услуби бадеӣ, услуби илмӣ, услуби оммавӣ-публитсистӣ ва услуби коргузорӣ истифода шуда, онҳо дар маҷмӯъ вобаста ба тобишҳои дар нутқ ворид мекардагиашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шудаанд:

а) Калима ва ибораҳои туфайлие, ки мафҳуми ғаму андӯҳ, афсӯс хӯрдан ва шодию хурсандиро ифода мекунанд, инҳоанд: **афсӯс, бадбахтона, мутаассифона, ҳайфо, дареғо, ҳайфо ки, хайрият, хушбахтона, ба бахти мо** ва ғ. Мисолҳо: 1. **Хушбахтона**, кӯдакро табибон наҷот доданд. 2. **Мутаассифона**, он рӯз кори мо омад накард.

б) Калима ва ибораҳое, ки боварибахш ва қатъӣ гуфта шудани фикреро далолат мекунанд: **албатта, бешубҳа, дар**

ҳақиқат, дар воқеъ, бегумон, воқеанҳам ва ғ. Масалан: 1. **Воқеан,** аз райони собиқ Сангвор чанд қишлоқ муҳоҷир шудааст (Ш.Ҳ). 2. **Албатта**, ҳамаи, чӯпонҳо ин тавр худсар нестанд (Ш.Ҳ).

в) Калима ва ибораҳое, ки эҳтимол ва гумону нобоварирро ифода мекунанд: **эҳтимол, мумкин, ба гумонам, аҷаб нест, тахминан, шояд, аз афти кор, аз афташ, яқин** ва ғ. Чунончи: 1) **Аз афташ,** ман ба кори шумоён халал расонидам (С.У). 2) Ба шумо, **эҳтимол**, тезтар рафтан лозим будагист?

в) Калима ва ибораҳои туфайлие, ки сарчашмаи фикр ва ё ба кӣ тааллуқ доштани онро ифода мекунанд: **мувофиқи гуфти шумо, ба фикри ман, назар ба қавли падарам, чи хеле ки аз газета хондед, чӣ тавре ба мо хабар доданд** ва ғ.; Мисолҳо: 1. **Назар ба гуфти обуҳавосанҷон,** боронгарӣ чанд рӯз идома меёфтааст. 2. **Чӣ хеле, ки аз газета хондед,** дар рӯзҳои хунуки сахт баъзе дарёҳои Тоҷикистон ях бастаанд.

г) Калима ва ибораҳои туфайлие, ки тартиби баёни фикрро ифода мекунанд: **якум, дуюм, баъд, сонӣ, аввалан, сониян, ниҳоят, аз як тараф, аз тарафи дигар** ва ғ.; Масалан: 1. Дар рӯзҳои тайёрӣ ба имтиҳонот мо, **аз як тараф**, китоб мехонем, **аз тарафи дигар**, бо ҳам саволу ҷавоб ҳам мекардем. 2.**Якум,** вай одами содда нест, **дуюм,** аз баҳс наметарсад («Садои Шарқ»)

д) Калима ва ибораҳои туфайлие, ки ҷамъбаст ва хулоса намудани фикрро ифода мекунанд. г) Масалан, чунин калима ва ибораҳо: **хулоса, хуллас, хулласи калон, ҳамин тавр, ҳамин тариқ, инак, ниҳоят,** ва ғ.; Чунончи: 1. **Ҳамин тариқ,** рӯзҳову моҳҳо мегузаштанду аз он рӯз умед, аз он рӯзи дигар дарак набуд (Ю.А.) 2. **Оқибат,** кӯчарафторӣ рӯзе касро радди маърака мекунад.

е) Калима ва ибораҳои туфайлие, ки дар нутқ барои таъқиди фикр, ҷудо кардани далелҳои асосӣ ва қувват бахшидан ба фикри пешини истифода мешаванд. Чунончи: **хусусан, масалан, чунончи, асосан, алалхусус, ба монанди, ба мисли, яъне, ба ибораи дигар, инчунин, ҳамчунин** ва ғ.;[297] Мисолҳо: **1)Масалан,** С. Айнӣ ҳам шоир ва ҳам нависанда буд. 2. Бисёр нависандагони тоҷик, **хусусан,** Садриддин Айнӣ ва Баҳром Фирӯз эҷодиёти худро аз шеърнависӣ оғоз намудаанд.

ё) Ниҳоят, калима ва ибораҳои туфайлие, ки дар нутқ барои ҷалб намудани диққати шунаванда ва ё бовар кунондани он ба

---

[297] Нигг.: Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, қ 2. с. 36

ҳақиқате истифода мешаванд:[298] Масалан, чунин калимаву таркибҳо: **медонед, мефаҳмед, мебахшед, бовар кунед, мебинед, дидед, фаҳмидед** ва г.; **Мисолҳо: 1. Бубахшед**, ман дар хусуси пахта пурсиданӣ (Ю.А.) 2. **Мебахшед,** чаноб, шумо чанд сол доред? (Ю.А.)

Албатта, чунин таснифоти фавқро вобаста ба хел ва тобишҳои маъноии калима ва ибораҳои *тафайлӣ* дар таблитса чой додан ва ё дар тахтаи синф навиштан имкон надорад. Аз ин рӯ, муаллим дар ин бобат хел ва ё гурӯҳҳои калима ва ибораҳои туфайлиро бо ҳамон калимаву ибораҳои ифодакунандаи ба ҳар гурӯҳ марбут бударо шифоҳӣ номбар намуда, танҳо доир ба ҳар яке аз он гурӯҳҳо як-дутогӣ мисолро дар тахтаи синф навишта ва ё пешакӣ дар ватман чун дар шакли таблитса сабт кардааст, ба таври аёнӣ шарҳ диҳад, кифоя аст*. Аз ҷумла, ҳамон таблитса (45), ки доир ба хелҳои калима ва ибораҳои туфайлӣ тартиб додан мумкин аст, тахминан, чунин шаклро доро буда метавонад:

Таблитсаи 45

ХЕЛҲОИ КАЛИМА ВА ИБОРАҲО (ҶУМЛАҲО) - И ТУФАЙЛӢ	
Калима ва ибораҳои туфайлӣ тобишҳои маъноии зеринро ифода мекунанд	**Намунаҳои мисолҳо**
а) ғаму андӯҳ, афсӯс хӯрдан ва шодию хурсандиро	1. **Мутаассифона,** он рӯз кори мо омад накард. 2. **Хушбахтона,** кӯдакро табибон наҷот доданд.
б) боварибахш ва қатъӣ будани фикрро	1. **Вокеан,** аз райони собиқ Сангвор чанд қишлоқ муҳоҷир шудааст (Ш.Ҳ.) 2. **Албатта,** ҳамаи чӯпонҳо ин тавр худсар нестанд (Ш.Ҳ.)

---

[298]Ниг.: Дудников В. П., Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с 263.

* **Таъкид**: Додани маълумоти умумӣ, баррасии хелҳо ва тобишҳои маъноии калима ва ибораҳои туфайлӣ на дар як дарс, балки дар ду дарси аввал бояд таълим дода шаванд. Дарси сеюм пурра ба такрору мустаҳкамкунии мавзӯъ бахшида мешавад.

в) эҳтимол ва гумону нобоварио	1. **Аз афташ,** ман ба кори шумоён халал расонидам (С.У.) 2. Ба шумо, **эҳтимол,** тезтар рафтан лозим будагист?
г) сарчашмаи фирк ва ё ба кӣ тааллуқ доштани онро	1. **Назар ба гуфти обуҳавосанҷон,** боронгарӣ чанд рӯз идома меёфтааст. 2. **Чи хеле ки аз радио хабар додаанд,** дар рӯзҳои хунукии сахт баъзе дарёҳои Тоҷикистон ях бастаанд.
ғ) тартиби баёни фикрро	**Якум ин,** ки нӯҳ кас аз Зариф норозӣ. **Дуюм ин,** ки се тонна қоқи дар анбор бударо бе иҷозат..фурӯхт. **Сеюмаш,** боз зӯртар (А.Ш.).
д) ҷамъбаст ва хулосаи фикрро	1. Ҳамин тариқа,...аз он рӯзҳои зафар дарак набуд (Ю.А.). 2. **Оқибат,** қаҷрафторӣ рӯзе касро радди маърака мекунад.
е) барои таъкиди фикр, далели асосӣ ва қувват бахшидан ба фикри пешина	1. **Масалан, С.Айнӣ** ҳам шоир ва ҳам нависанда буд. 2. Баъзе нависандагони тоҷик, хусусан, С.Айнӣ ва Баҳром Фирӯз эҷодиёти худро аз шеърнависӣ оғоз кардаанд.
ё) барои ҷалб намудани диққат ва бовар кунонидани шунаванда ба ҳақиқате	1. Бубахшед, ман дар хусуси пахта пурсиданӣ (Ю.А.). 2. Медонед, дар дунё зиёда аз 2500 забон вуҷуд доштааст.

Инак, муаллим дар асоси такя намудан ба мисолҳои таблитсаи мазкур хелҳо ва тобишҳои маъноии калима ва ибораҳо ё худ воҳидҳои туфайлиро маънидод намуда, таъкид мекунад, ки онҳо бештар дар аввал, ҳамчунин, дар мобайни ҷумла омада метавонанд. Дар ҳар ду маврид ҳам воҳидҳои туфайлӣ бо вергул (дар мобайни ҷумла аз ду тараф) ҷудо карда мешаванд. Ҳамчунин бояд таъқид гардад, ки воҳидҳои тафайлӣ аз ҷиҳати таркиб на танҳо бо калима (албатта, масалан, ниҳоят), таркиб (ба қавле, ба фикрам, аз афташ) ва ибораҳо (хулосаи калон, ба ибораи дигар, ҳамин тавр) ифода меёбанд, балки баъзан дар гуфтори мо дар шакли ҷумлаҳо ҳам (медонед,

мебахшед чӣ тавре фаҳмидед, тавре ки аз радио шунидед) арзи вуҷуд доранд, ки онро мо ҳоло дар мисолҳои таблитсаи мазкур (Ниг.: ба мисолҳои марбут ба бастҳои 2 ва 3) мушоҳида намудем.

Дар лаҳзаҳои мустаҳкамкунии ду дарси аввал ва дарси охир, ки ҳамчун типи дарси мустаҳкам намудани донишҳои хонандагон доир ба мавзӯи воҳидҳо (калима ва ибораҳо)-туфайлӣ бахшида мешавад, методистон ба ҷуз ба ҷо овардани талаби машқҳои китоби дарсӣ бо супориши муаллим ба иҷрои супоришҳои зерин ҳам сафарбар намудани хонандагонро судманд донистаанд:

1. Таҳлил намудани ҷумлаҳое, ки дорои воҳидҳои тафайлии ифодакунандаи тобишҳои гуногуни маъноӣ мебошанд.

2. Ба хотир гирифтани калима ва таркибҳое, ки дар ҷумла ҳамеша ба вазифаи ин ё он хели воҳиди туфайлӣ (албатта, дар ҳақиқат, чунончи, масалан ва ғ.) меояд.

3. Дар ҷумлаҳои аз тарафи муаллим дикташуда ба маврид кор фармудани воҳидҳои туфайлии мувофиқ.

4. Ба таври мусовӣ тартиб додани ҷуфти ҷумлаҳое, ки як калимаи мушаххасе дар яке ба вазифаи ягон аъзои он омада бошаду дар дигаре ба ҳайси воҳиди туфайлӣ. Чунончи: а) **Тахмини** (мубтадо) шумо дуруст баромад. – **Тахмин** (воҳидҳои туфайлӣ) ӯ маро мешиносад. б) Мо хушбахтона (ҳоли тарз) зиндагӣ мекунем. – **Хушбахтона,** (воҳидҳои туфайлӣ) зиндагии мо хуб аст; ва ғ.

5. Бо истифода аз воҳидҳои туфайлӣ аз худ мустақилона тартиб додани ҷумлаҳо.

6. Дар ҷумлаҳои додашуда иваз намудани воҳиди туфайлӣ бо яке аз синонимҳои он[299] ва ё умуман, иваз намудани он воҳиди туфайлӣ бо ягон воҳиди туфайлии тобиши дигари маъноӣ доштагӣ.

Аъзоҳои истисноии ҷумла. Дар илми забоншиносӣ аъзоҳои истисноии ҷумларо аз ҷиҳати умумият ва фарқияти маъно боз ба ду гурӯҳ: а) баёнияи истисноӣ (иловагӣ) ва б) калима, ибора ва ҷумлаҳои иловагии эзоҳдиҳанда (ё худ воҳидҳои эзоҳӣ) ҷудо намудаанд[300], ки дар мактаб – дар синфи VIII таълими ин

---

[299]Ниг.: Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с.264: Озерская В.П. Система работы по синтаксису и пунктуации в V-VIII классах, с. 157-159.

[300]Ниг.: Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис.-Душанбе: Ирфон, 1970,с.176; Грамматикаи забни ҳозираи тоҷик,к2,с.343.

масъала басо душвор, вале зарурати маҳз дорад. Душвории таълими мавзӯи мазкур-«Аъзоҳои истиноии ҷумла» дар он аст, ки барои хонандагони синфи VIII тамоман нав аст, ҳамчунин, шарҳи хелҳои таркибии мавзӯи мазкур, ба сабаби он ки аз рӯи вазифаашон дар ҷумла як андоза айният ҳам доранд, ҳатто барои омӯзгорон ҳам аксар душворӣ пеш меорад. Ба ҷуз ин, дар бобати бо аломатҳои китобат ҷудо намудани аъзоҳои истисноии ҷумла дар байни адибону олимон ҳамфикрии умумӣ дида намешавад. Аммо, азбаски дар нутқи мо, китобҳои бадеиву илмӣ истифода шудани чунин калима, ибора ва ҷумлаҳо ба мушоҳида мерасанду дар илми забоншиносӣ дар маҷмӯъ бо истилоҳи **аъзоҳои иловагии ҷумла** ва ё **аъзоҳои истисноии ҷумла** ҳам эътироф намудаанд, зарурати дар мактаб таълим додани мавӯи мазкурро ба миён овардааст. Ғайр аз ин, таъкид мешавад, ки дурусту ба маврид истифода карда тавонистани аъзоҳои истисноӣ нутқи хонандагонро услубан ҳам ғанӣ, хусусан, ифоданокии нутқи онҳоро то андозае таъмин хоҳад кард. Аз ин лиҳоз, таълими аъзоҳои истисноии ҷумла, ба ақидаи проф. Озерская В.П., пеш аз ҳама, дар назди муаллим иҷрои ду вазифаро мегузорад: а) дар хонандагон ба вуҷуд овардани малакаи дуруст тартиб дода тавонистани ҷумлаҳои дорои аъзоҳои истисноӣ буда, то ки дар гуфторашон ҳам ба маврид истифода карда тавонанд; б) дар онҳо тарбия намудани малакаи ба маврид ва дуруст гузошта тавонистани аломатҳои китобат дар навиштн чунин ҷумлаҳо[301] (яъне дар навишт бо аломатҳои китобат дуруст ҷудо карда тавонистани аъзоҳои истисноии ҷумла). Аз ин ҷиҳат, мувофиқи таъкиди методисти мазкур, дар ҳар як мисол (ҷумла)-и доир ба аъзоҳои истисноӣ мавриди таҳлил қарордодашуда на танҳо дорои чӣ гуна хусусият будани аъзои иловагӣ, яъне аъзои истисноии таркиби он, балки сабаби чаро ва чӣ тавр ҷудо карда шудани ҳамон аъзои иловагӣ ҳам бояд шарҳ дода шавад.[302]

Ҳамин тавр, гуфтаҳои фавқро доир ба масъалаҳои асосии таълими аъзоҳои истисноии ҷумла дар мадди назар дошта хуб мешавад, ки дар лаҳзаи баёни дарси аввал дарҳол диққати хонандагон ба мушоҳида ва таҳлили таблитсаи (46) зерин ҷалб карда шавад:

---

[301] Нигр.: Озерская В.П. Система работы по синактсису и пунктуации в V-VIII классах,с.139

[302] Ҳамон ҷо, с.139

Таблитсаи 46

АЪЗОҲОИ ИСТИСНОИИ ҶУМЛА ВА ХЕЛҲОИ ОН	
Баёнияи истисной	**Аъзоҳои истисноии эзоҳи**
1. Мирзо Турсунзода-**Шоири халқии Тоҷикистон** дар васфи сулҳу дӯстӣ шеърҳои бисёре офаридааст. 2.Ин латифаро ба онҳо, **ба муштоқони афсона,** ҳикоя кардам («Садои шарқ») 3.Онҳо шаб, **соати чоряк кам дувоздаҳ,** ба кӯҳони ин ағба расида, қарор гирифтанд (Б.Ф.). 4. Дар ду тарафи дара, **аз зиҳи дарё то фарози кӯҳ,** ёнаҳои суфамонанд ба назар мерасиданд. (Ш.Ҳ.) 5. Дар он тарафи дарё, **дар тарафи рости он,** роҳи Заҳматобод монанди як роҳи сафеди печдарпеч менамояд.(С.А.)	1.Шаҳри Турсунзода (Ин шаҳрро пеш Регар меномиданд) ба маркази саноати вазнин табдил ёфтааст. 2.Чашмони гӯсфандии ором (Шояд осори шамол хӯрдагӣ буд) ва андаке пилкҳояш хунбаста дошт (Ҳ.Ш.). 3.Мероси адабие, ки ба мо аз Восифӣ бозмондааст. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (воқеаҳои нафиси бадеъ) ном китоби ӯст. (С.А.) 4.Саидакбар аз шаҳр ояд (**Ин кас дар Бухоро бо акои ман мехонд**) ӯ хушхат аст, дар пеши ӯ машқ хоҳӣ кард. (С.А.)

Муаллим, пас аз он ки хонандагон бо мазмуни ҷумлаҳои дар ҳар ду сутуни таблитса овардашуда шиносоӣ пайдо мекунанд, диққати хонандагонро ба он равона мекунад, ки онҳо дар чанд дарси гузашта бо мухотаб, калима ва ибораҳои туфайлӣ, ҳамчун бо аъзоҳои иловагии ҷумла, шиносоӣ пайдо намуда, ба хулоса омада буданд, ки онҳо, яъне мухотабу калимаҳо (ибораҳо)-и туфайлӣ, аъзои ҷумла нестанд, аз ин рӯ, чун аъзоҳои ҷумла ба савол ҷавоб намешаванд. Вазифаи мухотаб дар нутқ (ҷумла) ин аст, ки барои ҷалб намудани диққати предмете, ки гуфтор ва ҳам диққати гӯянда маҳз ба он равона карда шудааст вазифаи калима ва ибораҳои туфайлӣ бошад ба мазмуни умумии нутқ бахшидани ин ё он тобиши маъноӣ аст бас.

Ин лаҳза, ки ду мавзӯи гузашта-«Мухотаб» ва «Калима ва ибораҳои туфайлӣ» мухтасар ёдовар мешавад, муаллим таъкид менамояд, ки аъзоҳои истисноӣ низ дар ҷумла чун мухотабу калимаҳои туфайлӣ як навъ калима, ибора ва ҳатто ҷумлаҳои иловагӣ маҳсуб меёбанд, вале аз рӯи вазифаи дар таркиби ҷумла доштаашон аз мухотабу калимаҳои туфайлӣ фарқ мекунанд.

Аъзоҳои истисноии ҷумла на чун мухотаб барои ҷалб намудани диққати предмет ё худ шахсе ва на чун калимаву ибораҳои туфайлӣ ба мазмуни умумии ҷумла ин ё он тобиши маъноиро (бо катъияту боварӣ ва ё тахмини гуфта шудани фикро) ворид месозанд, балки пеш аз ҳама, барои аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ додани мазмуни умумии ҷумла хизмат мекунанд. Масалан, дар ҷумлаи (Ин ҷумла ба тахтаи синф навишта мешавад) «Рӯдакӣ дар ноҳияи Панҷакент, **дар деҳаи Панҷрӯд,** таваллуд шудааст» ибораи **деҳаи Панҷрӯд** аъзои истисноӣ буда, маҳз дар кучо дар кадом қисмат ва ё деҳаи Панҷакент таваллуд шудани Рӯдакиро мушаххасан таъкид кардааст. Яъне ба шарҳи ҳоли макони ҷумлаи мазкур боз ҳоли макони дигар ворид гардида макони таввалуди Рӯдакиро боз ҳам дақиқтар муаррифӣ намудааст, ки чунин калима ва ибораҳоеро, ки ба шарҳи дақиқтари ин ё он аъзои ҷумла истифода мешаванд, **аъзои истисноӣ** меноманд.

Дар ҳамин лаҳзаи баён, ки дар мисоли таҳлили ҷумлаи фавқ ба хонандагон як андоза мафҳуми **аъзои истисноӣ** муаррифӣ мегардад, таърифи зерини аъзоҳои истисноӣ, ки дар китоби дарсӣ дода шудааст, бояд аз тарафи муаллим гуфта шавад: **«Калима ва ибораҳое, ки ба аъзоҳои ҷумла илова ва алоқаманд гашта, маънои онро равшану возеҳ шарҳ медиҳанд, аъзоҳои истисноӣ ном доранд»**.[303]

Бо гуфтани таърифи мазкур муаллим диққати аҳли синфро ба таблитсаи дар фавқ овардашуда ҷалб намуда, таъкид менамояд, ки аъзоҳои истисноии ҷумла, чунон ки дар таблитса ҳам мебинед, дар маҷмӯъ аз рӯи вазифаи дар таркиби ҷумла доштаашон ба ду гурӯҳ – а) **баёнияи истисноӣ** ва б) **аъзоҳои истисноии иловагӣ** ҷудо карда шудаанд. **Баёнияи истисноӣ** калима ва иборае мебошад, ки ҳамеша бар эзоҳи ягон сараъзо ва ё аъзои пайрави ҷумла омада, онро аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ медиҳад ва ҳамзамон, синоними ҳамон аъзои асосии ҷумла мебошанд. Аз ин ҷиҳат, ба кадом саволе, ки аъзои асосии ҷумла ҷавоб шавад, баёнияи истисноӣ низ ба ҳамон савол ҷавоб мешавад. Чунончи, дар ҷумлаи якум ибораи **шоири халқии Тоҷикистон** бар эзоҳи мубтадо (Мирзо Турсунзода) омада, шахсияти Мирзо Турсунзодаро дақиқтар намудааст. Дигар ин, ки баёнияи истисноӣ, ҳамчун муродифи аъзои асосӣ, ҷои аъзои асосиро дар ҷумла иваз карда метавонад. Ё худ он аъзои асосиро соқит намоем, ба ҷумла нуқсон намерасад. Инак, ҳоло диққат диҳед, ман, аввал, ҷумлаи мазкурро мехонам, баъд ҷои аъзои истисноиро бо аъзои асосии ҷумла иваз намуда, сипас, аъзои

асосии ҷумларо партофта мехонам, шумо бошед нағзтар, мушоҳида кунед. Чунончи: Мирзо Турсунзода, **Шоири халқии Тоикистон,** дар васфи сулҳӯ дӯстӣ шеърҳои бисёре офаридааст.- **Шоири халқии Тоҷикистон**-Мирзо Турсунзонда дар васфи сулҳу дӯстӣ шеърҳои бисёре офаридааст. **Шоири халқии Тоҷикистон** дар васфи сулҳу дӯстӣ шеърҳои бисёре офаридааст.

Пас аз шарҳи мухтасари баъзе ҷузъиёти аъзои истисноӣ, ки шояд дар асоси дар ин се шакл қироат намудани ҷумлаи мазкур ба миён омада бошад, муаллим диққати аҳли синфро ба шарҳи баёнияҳои истисноии дар ҷумлаҳои дигари дар ҳамин сутуни таблитса овардашуда ҷалб намуда, таъкид месозад, ки дар ҷумлаи дуввум ибораи **соати чоряк кам дувоздах,** ҳамчун баёнияи истисноӣ, ба эзоҳи ҳоли замон, ки бо исми **шаб** ифода ёфтааст, омадаасту дар ҷумлаҳои сеюму чорум низ баёнияҳои истисноии **аз зиҳи дарё то фарози кӯҳҳо** ва **аз тарафи рости он** низ бар эзоҳи ҳолҳо, вале ҳолҳои макон – **дар ду тарафи дара, дар он тарафи дарё** омада, маҳалу макони воқеъ гардидани амалҳо – хабарҳои ҷумларо возеҳ намудаанд.

Сипас, муаллим диққати хонандагонро ба мисолҳои сутуни дуюми таблитса, ки доир ба аъзоҳои истисноии эзоҳи пешниҳод гардидаанд, ҷалб намуда, меафзояд, ки аъзоҳои истисноии эзоҳӣ низ ба мисли баёнияҳои истисноӣ зиёда бар эзоҳи ягон аъзои ҷумла меоянд. Вале аъзоҳои истисноии эзоҳӣ монанди баёнияҳои истисноӣ синоними ҳамон аъзои асосии ҷумла шуда наметавонанд, аз ин рӯ, ба саволе ҷавоб намешаванду ҷояшонро бо аъзои асосии ҷумла иваз намунад низ имкон надорад. Агар чунин ҳолат, яъне иваз намудани ҷои аъзои истисноӣ бо аъзои асосии ҷумла, ба таври сунъӣ ба ҷо оварда шавад, ҷумла нуқсони ҷиддӣ дида, махсусияти асосии он аз байн меравад. Аз ҷумла, дар мисоли аввал ҷумлаи «Ин шаҳрро пеш Регар меномиданд» бар эзоҳи мубтадои бо исм (шаҳр) ифодаёфтаи ҷумлаи асосӣ омадааст. Муҳимаш ин, ки ҷумлаи мазкур, ҳамчун аъзо – ҷумлаи истисноӣ, дар таркиби ҷумлаи асосӣ омада, таъкид намудааст, ки номи пешинаи шаҳри Турсунзода **Регар** будааст. Аммо чунон ки гуфтем, хусусиятҳои дигаре, ки ба баёнияҳои истисноӣ хос мебошанд, ба аъзои истисноии эзоҳӣ мансуб нестанд. Барои ҳамин ҳам, аъзои истисноии ҷумла ҳамеша дар қавсайн гирифта мешавад.

Баъдан, диққати хонандагон ба ҷумлаҳои дигари сутуни таблитсаи мазкур ҷалб карда шуда, аъзои истисноии эзоҳи будани ибораи **воқеаҳои нафиси бадеъ** (дар ҷумлаи сеюм), ҷумлаҳои «Шояд осори шамолхӯрдагӣ буд» (дар мисоли дуюм)

ва «Ин кас дар Бухоро бо акои ман хондагӣ» (дар мисоли чорум) зимни далеловарии муаллим шарҳ дода мешаванд.

Ниҳоят, пас аз шарҳу эзоҳи ин ҳама маълумотҳои фавқ марбут ба аъзоҳои ҷумла ва хелҳои он - баёнияи истисноӣ ва аъзоҳои истисноии эзоҳӣ, ки асосан, дар заминаи мисолҳои дар габлитса додашуда сурат мегиранд, аз тарафи муаллим, дар навбати аввал, чанд ҷумлаи дорои аъзоҳои истисноӣ буда бояд дикта карда шаванд, то ки хонандагон ба дафтари худ он ҷумлаҳоро навишта, сипас, хели аъзоҳои истисноӣ ва бар эзоҳи қадом аъзои ҷумла омадани онҳоро мустақилона шарҳ диҳанд. Дарси навбатиро, ки ҳамчун дарси мустаҳкам намудани дониш, пурра ба саволу ҷавоб, бештар ба таҳлили ҷумлаҳои дорои ин ё он хели аъзои истисноӣ буда ва шарҳи аломатҳои китобат дар чунин ҷумлаҳо бахшида мешавад, бояд тарзе ташкил намуд, ки хонандагон на танҳо ба мафҳуми **аъзоҳои истисноӣ** ва хелҳои он дақиқтар сарфаҳм мерафтагӣ шаванд, балки аз худ мисолҳо гуфта, дар шарҳу эзоҳи хели аъзоҳои истисноӣ ва аломатҳои китобати онҳо малакаи амалӣ ҳам пайдо намоянд.

§ 69. Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда

Бо таълими фасли «Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда» омӯзиши курси синтаксиси ҷумлаҳои содда дар синфи V111 хотима меёбад. Мавзӯи мазкур низ барои хонандагони синфи V111 нав набуда, доир ба он дар ҷараёни таълими курси муқаддимавии синтаксис дар синфи V бароямон баъзе маълумотҳо дастрас гардонида шудааст. Яъне барои онҳо мафҳуми **нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда пешакӣ** шинос буда, ба хусус, дар бобати пас аз ва пеш аз сухани гӯянда (адиб) омадани нутқи айнан нақлшуда ва дар чунин мавридҳо ҳангоми навишт кадом аломатҳои китобатро истифода намудан дар заминаи мисолҳои мушаххас амалан нишон дода, дар рафти иҷрои талаби машқҳои китоби дарсӣ ва мисолҳои аз худ гуфтаи онҳо таҳлилу мустаҳкам карда шудааст. Аз ин лиҳоз, гарчи ба таълими мавзӯи мазкур барнома (с.2006) ҳамагӣ 3 соат муқаррар намуда бошад ҳам, самаранок ва мақсаднок истифода карда тавонистани ҳамин миқдори соатҳо ҳам пурра имконият медиҳад, ки масъалаҳои дигари ҳанӯз ба хонандагон дастрас нагардидаи ин қисмати синтаксис (аз қабили дар байни нутқи айнан нақлшуда, хусусан, дар ҷои буридашудаи чунин нутқ ҳангоми навишт вобаста ба мазмун ва оҳанги талаффуз кор фармудани аломатҳои китобати мувофиқи талабот) ба таври

бояду шояд ҳаллу фасли худро ёбанд. Ҳамзамон, дар синфи V , ба хонандагон дар бораи диалог-муколама, ҳамчун шакли дигари нутқи диалогӣ ва мавриди пас аз ва пеш аз сухани гӯянда оварда шудани он низ маълумот баррасӣ карда шудааст. Инак, дар синфи VIII бояд он маълумоти доир ба нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда, ҳамчунин, доир ба диалог аз худ намудаи хонандагон бояд такмил дода шавад, ки дар ин бобат ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардидани муаллим, пеш аз ҳама, вобаста ба он аст, ки тайёрии пешаки шогирдон ба ин дарс чи гуна аст. Дар ин бобат, то ки масъала ҳалли дилхоҳи худро ёбад, пас аз эълони мавзӯъ – «Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда» ва сабти он дар тахтаи синф айнан як ҷумла, ки дар се шакл дар ватман сабт шудааст (ва ё ба воситаи кодаскоп ё экрани компютер), намоиш дода мешавад: Чунончи:

1. Муаллим гуфт: «Пагоҳ ба тамошои музей меравем»
2. «Пагоҳ ба тамошои музей меравем», – гуфт муаллим.
3. «Пагоҳ, – гуфт муаллим, – ба тамошои музей меравем»

Ҳамин ки хонандагон мисолҳои додашударо мушоҳида ва қироат мекунанд, муаллим бо чунин мазмун ба баёни мавзӯъ шурӯъ мекунанд, ки қисман санҷиши дониши пешинаи хонандагонро низ фаро гирифтааст: Мавзӯи имрӯзаи мо, чунин ки эълон намудем, «Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда» аст, ки дар бораи ин мавзӯъ ба шумо дар синф V ҳам маълумот дода шуда буд. Канӣ, кӣ ба хотир оварда метавонад:? Нутқи каси дигарро мо бо чанд роҳ ба дигарон ё худ ба шунаванда баён мекунем? **Хонанда:** – Бо ду роҳ. **Муаллим:** – Дуруст. Бо кадом роҳҳо? **Хонанда:** – Яке, бо роҳи айнан гуфтани нутқи шахси дигар. Дигаре, бо роҳи мазмунан оварда шудани гуфтаи он шахс. **Муаллим:** – Дуруст. Канӣ, ба мисолҳо нигоҳ карда, гӯед, ки кадом қисмати ин ҷумлаҳо сухани гӯянда ва кадомаш нутқи айнан нақлшуда аст ва он бо кадом аломат ҷудо карда шудааст? **Хонанда:** – Дар ҳамаи ин се ҷумла қисмати «Муаллим гуфт» ё худ «гуфт муаллим» сухани гӯянда буда, «Пагоҳ ба тамошои музей меравем» нутқи айнан нақлшуда аст, ки бо аломати нохунак ҷудо карда шудааст. Яъне нутқи айнан нақлшуда дар навишт ҳамеша дар нохунак гирифта мешаванд.

Муаллим: – Бале акнун канӣ, дурусттар мулоҳиза карда ҷавоб диҳед: Аз ин се мавриде, ки мо айнан як ҷумларо дар шаклҳои гуногун сабт намудем, кадомҳояш ба шумо шиносанд? **Хонанда:** – Мавриди якум ва дуюм. **Муаллим**: – Дуруст. Канӣ, кӣ шарҳ медиҳад? **Хонанда:** – Дар мавриди якум нутқи айнан

нақлшуда пас аз сухани гӯянда оварда шудааст. **Хонандаи дигар:** – Дар ҳолати дуюм нутқи айнан нақлшуда пеш аз сухани гӯянда оварда шудааст. **Муаллим:** – Тамоман дуруст. Канӣ, шарҳ диҳед: Дар сурати пас аз ва ё пеш аз сухани гӯянда оварда шудани нутқи айнан нақлшуда дар навишт гузоштани кадом аломатҳо талаб карда мешудааст? **Хонанда:** – Агар нутқи айнан нақлшуда пас аз сухани гӯянда ояд, пас аз он – сухани гӯянда – аломати баён гузошта шуда, худи он, яъне нутқи айнан нақлшуда, дар нохунак гирифта мешавад. **Хонандаи дигар:** – Дар сурати пеш аз сухани гӯянда оварда шудани нутқи айнан нақлшуда пас аз он аломати вергул ва тире гузошта мешавад*.

Пас аз шунидани ҷавобҳои ба саволҳо гардондаи хонандагон муаллим таъкид мекунад, ки сухани гӯянда на фақат пеш аз ё пас аз нутқи айнан нақлшуда оварда мешавад, балки ҳолатҳои дар байни нутқи айнан нақлшуда ҳам оварда шудани он мушоҳида мегардад. Масалан, мо ин ҳолатро дар мисоли сеюм мушоҳида мекунем. Чунон ки мебинем, нутқи айнан нақлшуда дар чунин ҳолат дар навишт аз ду тараф бо аломатҳои вергул ва тире ҷудо карда шудааст.

Сониян, шарҳу баёни мавзӯъро муаллим идома дода, диққати хонандагонро ба шаклҳои дигари нутқи айнан нақлшуда, ки мазмунан дар шакли ҷумлаҳои саволиву хитобӣ ҳам ифода шудаанд, ҷалб менамояд. Дар ин бобат ӯ таъкид мекунад, ки агар нутқи айнан нақлшуда мазмунан саволӣ ё хитобӣ бошад, он гоҳ дар охир чунин ҷумлаҳо, аввал, аломати савол ё хитоб гузошта шуда, баъд , бо нохунак пӯшида мешавад. Чунончи:

1. Муаллим аз мо пурсид: «Кӣ дар таътили тобистона ба лагер меравад?»

2. Нотиқ дар охири баромадаш гуфт: «Зинда бод дӯстии халқҳо!»

Аммо, – таъкид мекунад муаллим,– агар дар чунин ҳолатҳо нутқи айнан нақлшуда пеш аз сухани гӯянда оварда шавад, он гоҳ дар навишти пас аз он ва пеш аз сухани гӯянда на аломати вергул ва тире, балки танҳо тире гузошта мешавад. Масалан, ин тавр:!.

1 «Кӣ дар тобистон ба лагер меравад?» – пурсид муаллим.

---

* **Таъкид**,: Шояд дар афти чунин саволҷавоб ба сабаби гузаштани вақти тӯлонӣ хонандагон ба баъзе саволҳо ҷавоб дода натавонанд. Он гоҳ кӯмаки муаллим низ бо шогирдон зарурат пайдо хоҳад кард.

2. «Зидда бод дӯстии халққо!» -гуфт дар охир баромадаш нотиқ.

Баъдан, муаллим таъқид мекунад, ки агар дар ҷои буридашудаи нутқи айнан нақлшуда гузоштани аломати нуқта, савол ё хитоб талаб карда шуда, боз овардани сухани гӯянда ҳам зарурат дошта бошад, дар чунин ҳолатҳо дар навишт пас аз сухани гӯянда аломати нуқта ва тире гузошта шуда, идомаи нутқи айнан нақлшуда бо ҳарфи калон навишта мешавад. Чунончи: 1.«Кӣ дар таътили тобистона ба лагер меравад?- пурсид муаллим. – Хоҳишмандон аз пагоҳ сар карда дар ин бобат ба номи директор ариза нависанд».

2. « Зинда бод дӯстии халққо! – гуфт нотиқ дар охир. – Дӯстӣ қувваи бузурги халқи олам аст!»

Муаллим пас аз шарҳи дар ҳолатҳои гуногун оварда шудани сухани гӯяндаву нутқи айнан нақлшуда ва мавридҳои кор фармудани аломатҳои китобат дар навишти чунин ҳодисаҳои забонӣ таъқид мекунад, ки нутқи диалогӣ* ва ё гуфтугӯи байниҳамдигарии одамон низ навъи дигари нутқи айнан нақлшуда маҳсуб меёбад. Аз ин навъи нутқ адибон дар асарҳои бадеӣ ба таври фаровон истифода мебаранд. Фарқи асосӣ дар навишти ин ду навъи нутқ – нутқи айнан нақлшуда ва нутқи диалогӣ ганҳо ин аст, ки аввалӣ ҳамеша дар нохунак гирифта мешаванду, дуюмӣ, яъне нутқ диалогӣ – не. Аммо дар навишт барои фарқ намудан пеш аз сухан ва ё гуфтаи ҳар як мусоҳиб аломати тире гузашта мешавад. Вале аломатҳои дигаре, ки пас аз ё пеш аз сухани гӯянда (ва ё дар мавриди дар мобайни ҷумлаҳои диалогӣ оварда шудани сухани гӯянда) гузошта мешаванд, бо аломатҳои китобати дар нутқи айна нақлшуда истифода мешудагӣ куллан шабоҳат доранд, яъне айнан як хел мебошад. Чунончи:*

1. Ман тоқат накарда, боз як савол додам:

– Шеърҳои вайро дар хотир доред?

Муйсафед… гуфт:

- Албатта , бисёр не, каме дар хотир дорам (Ҳ.Н)

---

* **Таъкид.:** Муаллим метавонад пас аз шарҳи охири доир ба нутқи айнан нақлшуда додааш ба мустаҳкамкунӣ оғоз намуда, дарси навбатиро пурра ба таълими диалог бахшад.

* **Таъкид.:** Мисолҳои дар зер овардашуда бо мақсади сарфаи вақт шрҳи пешакӣ дар вамтан ё тахтаи сайёр навишта шаванд ва ё дар барномаи компютер бо мақсадӣ ба восититаи дар экрани он наомиш додан сабт шуда бошад

2. – Шомансур, ин қадар бисёр ғам нахӯр,– гуфт Ислом. – Душворӣ ба сари мард меояд.
– Ман аз боиси худам ғам намехӯрам,– гуфт Шомансур.–Лекин мардум ғап мекунанд (У.К)

Ин ҷо муаллим, барои он ки вақт сарфа шавад, метавонад чи ҷумлаҳои бо нутқи айнан гуфташуда ва чи ҷумлаҳои диалогиро нанавишта, шифоҳӣ қироат намуда, танҳо схемаи онҳоро дар тахтаи синф намоиш диҳад. Вале барои иҷрои чунин амал лозим аст. ки хонандагон пешакӣ бо аломатҳои шартии ифодакунандаи нутқи айнан нақлшуда шинос карда шаванд. Масалан, ин тавр:

а) [С. Г.] = сухани гӯянда (муаллиф);

б) [//////////] = нутқи айнан нақлшуда (ё худ нутқи диалогӣ)

Масалан, схемаи се ҷумлаи аввалро дар чунин шаклҳо пешниҳод намудан мумкин аст:

1. [С. Г.] : «[//////////]».

2. «[//////////]», – [С. Г.].

3. «[//////////], – [С. Г.], – [//////////]».

Ё ки схемаи ҷумлаҳои диалогии дар фавқ овардашударо дар чунин шаклҳо метавон намоиш дод:

1. [С. Г.] : 2.–[//////////], – [С. Г.] – [//////////].

– [//////////] ? – [//////////], – [С. Г.], – [//////////].

[С. Г.]:

– [//////////].

Муаллим шарҳи мавзӯъро идома дода, диққати хонандагонро ба тарзи дигари ифодаи нутқи айнан нақлшуда, яъне ба нутқи мазмунан нақлшуда ҷалб намуда, таъқид мекунад, ки сухани каси дигарро на танҳо айнан, балки мазмунан ҳам гуфтан мумкин аст. Дар ин бобат шарти аввал ин аст, ки гарчи ҳангоми гуфтор шакли баъзе калимаву ибораҳои шахси дигар тағйир

ёбад ҳам, аммо мазмуни асосии гуфтаҳои он шахс бояд ба шунаванда дуруст барррасӣ карда шавад. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи методистон, барои дақиқтар фаҳмондани хусусият ва ё мафҳуми нутқи мазмунан нақлшуда аввало лозим аст, ки дар якҷоягии аҳли синф як ду ҷумлаи дорои нутқи айнан нақлшуда буда ба нутқ мазмунан табдил дода шавад[304]. Чунончи:

1. Директор дар ҷамъомади пагоҳирӯзӣ эълон кард: «Пагоҳ ба мактаби мо театри сайёри лухтак меояд».

2. Сарвожатий гуфт: «Нархи ҳар як чипта барои тамошои театр 30 дирам аст».

3. «Пагоҳ ҳама барои ба театр даромадан бо либосҳои боз ҳам озодатар биёед»,-таъқид намуд роҳбари синфамон.

Муаллим таъқид мекунад, ки аз ин се мисоли навишташуда дар дутоаш нутқи айнан нақлшуда пас аз сухани гӯянда оварда шудааст дар мисоли охир пеш аз он. Мо ҳоло нутқи айнан нақлшударо дар ин мисолҳо ба мазмунан бармегардонем. Ҳаминро шумо бояд донед, ки ҳангоми ба нуқти мазмунан нақлшуда табдил додани нутқи айнан нақлшуда, ки ҳар ду дар маҷмӯъ ду ҷумлаи мустақил маҳсуб меёбанд, ба як ҷумлаи мураккаби тобеъ табдил меёбанд. Дар чунин маврид сухани гӯянда (муаллиф) ҳамчун сарҷумла ва нутқи айнан нақлшуда, ки ба нутқи мазмунан нақлшуда табдил меёбад, ба воситаи пайвандаки тобеъкунандаи **ки** ба он алоқаманд мегадад. Инак, ман ҳоло дар ин се мисол (ба ҷумлаҳои дар доска навишташуда ишора намуда) нутқи айнан нақлшударо ба мазмунан нақлшуда табдил медиҳам, шумо бошед дар ин бобат хулосаатонро дар охир мегӯед.

1. Директор дар ҷамъомад эълон кард, ки пагоҳ ба мактаби мо театри сайёри лухтак меомадааст.

2 Сарвотатий гуфт, ки нархи ҳар як чипта барои тамошои ба театр 30 дирам будааст.

3. Роҳбари синфамон таъқид намуд, ки пагоҳ ҳама барои ба театр даромадан бо либосҳои боз ҳам озодатар биёем.

Хонандагон ҷумлаҳои мазкурро муоина намуда (албатта, бо кӯмаки муаллим низ бояд ба хулоса оянд, ки дар ҳақиқат, ҳини ба нутқи мазмумунан табдил додани нутқи айнан нақлшуда чанд тағйирот ба вуҷуд меомадааст: Чунончи:

---

[304] Ниг.: Озерская В,П. Система работы по синтаксису и пунктуатции вV-V111 класаах, с 161; Дудников А.В Методика изучения грамматики в восьмилетней школе,с 277.

1. Ҳар ду ҷумла – сухани гӯянда ва нутқи ба мазмунан нақлшуда табдил ёфтаи нутқи айнан нақлшуда ба ҳам пайваст гардида, як ҷумлаи мураккаби тобеъро ташкил медоданд.

2. Алоқаи нутқи мазмунан нақлшуда, ҳамчун ҷумлаи пайрав ба сухани гӯянда ё худ сарҷумла танҳо ба воситаи пайвандаки тобеъкунандаи **ки** сурат мегирифтааст.

3. Ҳангоми ба нутқи мазмунан нақлшуда баргардонидани нутқи айнан нақлшуда тағйирот, асосан, дар феълҳо ба мушоҳида гирифта мешудааст.

4. Сухани гӯянда, ки агар дар мобайн ва ё дар охири нутқи айнан нақлшуда оварда шуда бошад, дар мавриди ба нутқи мазмунан нақлшуда багардонидани нутқи айнан нақл шуда низ ҳамчун сарҷумла дар аввали ҷумла оварда мешудааст.

Дар маҷмӯъ бо шарҳу хулосаҳои охир масъалаҳои доир ба таълими нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда, ки бояд дар синфи VIII дастраси хонандагон мегардиданд, поён меёбанд. Акнун аз рӯи нақшаи пешакии муаллим дар лаҳзаи мустаҳкамкунии дарси дуюм ва пурра дар дарси сеюм хонандагон бояд ба иҷрои машқу супоришҳое ҳидоят карда шаванд, ки дар натиҷаи ба таври дилхоҳ ба ҷо овардани талаботи онҳо ҳам дар шарҳи мафҳуми нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда, ҳам дар овардани мисолҳо марбути нутқ айнан нақлшудаву нутқи диалогӣ, ҳам дар бобати бо нутқ мазмунан нақлшуда баргардонидани ин ду навъи нутқ ва ниҳоят, ҳангоми навишт дар бобати ба мавқеъ истифода намудани аломатҳои китобат дар онҳо, яъне чи дар нутқи айнан нақлшуда, ва чи дар нутқи диалогӣ фаҳмиши амиқ пайдо карда тавонанд. Масалан, ба иҷрои чунин машқҳо:

1. Ифоданок хондани порчаҳои диалогӣ аз асарҳои бадеии дар кабинети забон ва адабиёт буда ва қироати матнҳои дорои нутқи айнан нақлшуда бо супориши муаллим .

2. Аз худ тартиб додани нутқи диалогӣ ва мазмунин нақлшуда, ки баъд аломатҳои китобати дар онҳо истифодашуда бояд шарҳ дода шаванд.

3. Бо аломатҳои шартӣ тартиб додани схемаи нутқи айнан нақлшуда ва баръакс аз рӯи чунин схемаҳо тартиб додани нутқи айнан нақлшуда ва ё нутқи диалогӣ.

§ 70. Ҷумлаҳои мураккаб

Чун бештари масъалаҳои синтаксисӣ дар мактаб ҷумлаи мураккаб низ дар ду давра ба хонандагон таълим дода мешавад. Яке дар синфи V – ҳангоми омӯзиши курси мухтасар ва ё

муқаддимавии синтаксис ва дигаре дар синфи 1Х, яъне дар ҷараёни таълими системаноки курси мазкур (синтаксис). Ва чунон ки методист А.В Дудников таъқид мекунад, масъалаи таълими курси системаноки синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб бояд дар заминаи равияи ба ном **сохторию семантикӣ** (структурно-семантический) сурат бигирад, ки дар асоси равияи мазкур ҷумлаҳои мараккаб ба ду гурӯҳ- пайваст ва тобеъ ва дар ҳамин ҷараён ин типи ҷумлаҳо боз ба гурӯҳҳои пайвандакдор ва бепайвандак ҷудо карда мешаванд[305].

Бо назардошти нуқтаи фавқ, ҳамчунин, аз тарафи ҳар як омӯзгор дар бобати дақиқ донистани мақсад ва вазифаи таълим додани ҷумлаҳои мураккаб бояд масъалаҳои зерин ҳам дар мадди назар бошад:

а) муайян намудани мафҳуми умумии ҷумлаи мураккаб ва хелҳои асосии он;

б) дақиқ дастрас намудани махсусиятҳои сохти семантикии ҳар кадоме аз ин гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб ба хонандагон;

в) дар хонандагон ташаккул додани малакаҳои дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ шууронаву ба мавриd истифода кардани хелҳои ҷумлаи мураккаб;

г) аз бар кунонидани қоидаҳои истифодаи аломатҳои китобат дар сохтор ва ё дар байни ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб[306].

Хусусан, дар ду дарси аввал, ки мувофиқи талаби барнома, дар бораи ҷумлаҳои мураккаб маълумоти умумӣ тақозо карда мешавад, пеш аз ҳама, ҷиҳатҳои услубан аз ҳам фарқ доштани ҷумлаҳои соддаву мураккаб шарҳу эзоҳ дода мешавад. Зеро маҳз ҳамин нуқта имкон медиҳад, ки диққати хонандагон ба омӯзиши масъалаҳои нави ин қисмати синтаксис ҷалб гардида, дар онҳо хоҳиши чи дар гуфтору чи дар навишт дурусту ба мавқеъ истифода карда тавонистани воситаҳои мазкури забон ба вуҷуд оварда шавад[307]. Ва барои он ки моҳияти нуқтаи мазкур, яъне ҷиҳатҳои услубан аз ҳам фарқ доштани ҷумлаҳои соддаву мураккаб дар назар ва шуури хонандагон намоиш дода шавад,

---

305 Ниг.: Дудников А,В Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с.281

306 Ниг.: ДудниковА.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе, с 281; Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с215

307 Ниг.: Озерская В,П Система работы по синтаксису и пунктуации V-V111 классах, с 110.

мо лозим медонем, ки диққати хонандагон, аввал, ба хусусиятҳои услубии ду-се ҷумлаҳои содда ва сониян, ба ҷумлаҳои мураккабе, ки айнан аз ҷуфти ҳамон ҷумлаҳои содда тартиб дода шудаанд, ҷалб карда шуда, дар ҳамин ҷараён фарқият ва умумияти ин ду хели ҷумлаҳо шарҳ дода шавад. Аз ин рӯ, барои он ки ҳамин мақсади гузошташуда то андозае дақиқтар баррасӣ гардад, аз рӯи таблитсаи (47) зерин шарҳ додани масъалаҳои мавриди назарро авлотар медонем.

Таблитсаи 47

Хелҳои ҷумла аз рӯи сохт	
Ҷумлаи содда	**Ҷумлаи мураккаб**
а) Карнайҳо… баланд садо медиҳанд. Дар майдон раққосаҳо пайдо мешаванд (Ҳ.Н.)	а) Карнайҳо боланд садо медиҳанд ва дар майдон раққосаҳо пайдо мешаванд.
б) Вай ҷангалбони ҳамин минтақа будааст. Касирбобо ном дошт. (Ҳ.Ш.)	б) Вай ҷангалбони ҳамин минтақа будаасту Касирбобо ном дошт.
в) Асали Тавилдара ба ҳазор дард даво аст. Онро … ба санаторияҳои махсуси табобатӣ мебаранд (Ҳ.Ш.)	в) Асали Тавилдара ба ҳазор дард даво аст, онро ба санаторияҳои махусуси табобатӣ мебаранд.

Азбаски хонандагон дар бораи ҷумлаҳои содда (бештар) ва ҷумлаҳои мураккаб то андозае маълумоти пешакӣ доранд, ба супориши муаллим диққаташон ҳангоми мушоҳида ва қироати мисолҳои дар сутунҳо додашуда бояд ба мазмун ва оҳанги талаффузи ҳам ҷумлаҳои содда ва ҳам ҷумлаҳои мураккаб равона карда шавад. Онҳо аз мушоҳида ва қироати мисолҳои ҳар ду сутун (албатта, бо кӯмаки андаки муаллим) ба хулоса оянд, ки ҷумлаҳои соддаи дар сутуни аввал додашуда ҳамагӣ ҳикоягӣ буда, оҳанги талаффуз дар оғози ҳар кадом баланд шуда, дар интиҳо паст мешаванду дар ҳар кадом як фикри тому баохирраси да ифода ёфтааст. Вале бар хилофи ҷумлаҳои сутуни аввал ҷумлаҳои сутуни дуюм ҳар кадом аз ду ҷумлаи содда ташкил ёфтаанд, ки алоқаи он ҷумлаҳои содда дар ду ҷумлаи аввал бо пайвандакҳои **ва, -у,** дар ҷумла сеюм бошад, бо пайвандаки **азбаски** ба вуҷуд омадааст. Акнун дар ин ҷумлаҳо, ки ҳар кадом аз ду ҷумлаи содда таркиб ёфтаанд, оҳанги талаффуз на пас аз ҷумлаи соддаи якум, балки дар охири ҷумлаи дуюм паст мешавад. Яъне гарчи оҳанги талаффуз дар оғози ҷумлаи аввал баланд шавад ҳам, пастшавии он дар охири ҷумлаи

дуюм эҳсос мегардад. Ба ифодаи дигар, ҳар ду ҷумлаи соддаи дар таркиби ҷумлаҳои мазкур буда мазмунан ва ҳам аз рӯи оҳанги якхелаи талаффуз як мазмуну мақсади умумӣ ва як фикри пурра, ё худ тому ба охиррасидаро ифода мекунанд. Вале азбаски чунин ҷумлаҳо таркибан аз ду ҷумлаи содда ташаккул ёфтаанд, дар қиёс бо ҷумлаҳои содда **ҷумлаи мураккаб** номида мешаванд. Аммо фарқи аввал дар байни ин ду навъи ҷумлаҳо ин аст, ки ҷумлаҳои содда дорои як асоси грамматикӣ (як мубтадову як хабар ва ё яке аз ин сараъзоҳо) мешаванду ҷумлаҳои мураккаб дорои на камтар аз ду асоси грамматикӣ мебошанд. Чунончи, ҳар кадоме аз ду ҷумлаи мураккаби сутуни дуюми таблитса аз ҷуфти ҷумлаҳои соддаи дутаркиба ташкил ёфтаанд, яъне ҳар кадом дорои ду асоси пурраи грамматикӣ мебошанд. Вале дар ин сутун ҷумлаи охир дорои ду асоси грамматикӣ бошад ҳам, ҷумлаи соддаи якумаш (Асал даво аст) дутаркиба асту дуюмаш (Онро…. мебаранд) соддаи яктаркибаи номуайяншахс.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ҳангоми шарҳи хусусиятҳои ҷумлаи мураккаб бояд ба масъалаи аз рӯи маънову мазмун ба ҳам алоқаманд шудани ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳо бештар диққати хонандагон ҷалб карда шавад, то ки нуқтаи мазкурро онҳо бошууронаву дақиқ дарк намоянд. Инро, пеш аз ҳама, дар мисоли ҷумлаҳои соддаи таркиби ҳамон ҷумлаҳои мураккаби таблитсаи боло таъқид намудан айни муддаост. Дар ин бобат ташаббусро худи муаллим ба даст гирифта таъқид мекунад, ки аз ҷуфти ҷумлаҳои содда (ва ё аз якчандтои онҳо) дар сурате сохтани ҷумлаҳои мураккаб имконпазир мегардад, ки агар он ҷумлаҳои содда аз рӯи маъно мазмунан аз ягон ҷиҳат ба ҳам иртиботе дошта бошанд. Аз ин лиҳоз, аз ҳар ду ҷуфти ҷумлаҳои содда (сутуни аввали таблитса) ташаккул ёфтани ҷумлаҳои мураккаб (дар сутуни дуюм) танҳо дар заминаи мантиқан ба ҳам мувофиқат кардани маънову мазмуни яке ба дигаре сурат гирифтааст. Чунончи, ҳамин шарти ташаккули ҷумлаи мураккаб аз ду ҷумлаи содда дар **ҷумлаи аввал** басо барҷаста мушоҳида мешавад. Яъне ин тавр: бо баланд шудани садои карнайҳо (ҷумлаи соддаи якум- «Карнайҳо баланд садо медиҳанд») раққосаҳо дар майдон пайдо шудаанд (ҷумлаи соддаи дуюм- «Дар майдон раққосаҳо пайдо мешаванд»), яъне ба сабаби баланд шудани садои карнайҳо ва ё мусиқие раққосаҳо дар майдон пайдо шудаанд, ё худ ба рақс даромадаанд. Ва ё савол медиҳем, ки «Чаро раққосаҳо дар майдон пайдо шудаанд?» Ҷавоби ин савол чӣ мешавад?: Чунки садои карнайҳо баланд шуд ва ё мусиқие садо дода, раққосаҳоро ба рақс даъват кардааст. **Дар ҷумлаи мураккаби** дуюм бошад, дар маҷмӯъ сухан

дар бораи ҷангалбон будани **вай** (ҷумлаи соддаи якум) ва Қамарбобо будани номи ӯ (ҷумлаи соддаи дуюм меравад. Дигархелтар гӯем, дар ҷумлаи соддаи якуми ин ҷумлаи мураккаб вазифаи шахси номаълум, яъне ҷангалбон будани **вай** таъқид гардида, дар ҷумлаи соддаи дуюми он чӣ ном доштан ё худ **Касирбобо** ном дошатани ҷангалбони минтақа дақиқ карда шудааст. **Дар ҷумлаи мураккаби сеюм бошад** алоқаи ҷумлаҳои соддаи таркибаш боз ҳам қавитар аст: дар ҳар дуи он ҷумлаҳо сухан дар бораи асал меравад — дар аввалӣ дар хусуси даво ва ё шифобахш будани асали Тавилдараву дар дуввумӣ дар хусуси дар санаторияҳо махсус, яъне дар табобатхона ҳам махсус истифода шудани он сухан рафтааст. Ба ҷуз ин, алоқаи ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мазкур нисбат ба алоқаи ҷумлаҳои соддаи ду ҷумлаи аввал қавитар аст, ки сабаби рух додани чунин ҳолат ба пайвандаки гобеъкунандаи **азбаски** иртибот дорад. Аз ин лиҳоз, агар мо пайвандаки **азбаски**-ро соқит накарда, ҳар кадом ҷумлаи соддаи таркиби онро алоҳида навишта, баъд талаффуз кунем, канда шудани алоқаи мантиқии ҳар ду ҷумлаи содда ва зиёда аз ин, нотамому ноқис будани ҷумлаи соддаи аввал баръало эҳсос карда мешавад. Чунончи: Азбаски асали Тавилдара ба ҳазор дард даво аст.(?) Онро ба санаторияҳои махсуси табобатӣ мебаранд.

Аммо, таъқид мекунад муаллим, чун ҷуфти ҷумлаҳои соддаи сутуни якум, на ҳамеша аз ҳама гуна ҷумлаҳои ҷуфти пайиҳам омада тартиб додани ҷумлаи мураккаб имконпазир аст. Масалан, ба ин ҷумлаҳо диққат диҳед:

а) Рӯзи дигар Баҳром ба кор баромад. Таҳҳонаи институт нимравшану нимторик аст (Урун. Кӯҳзод. Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим, с 76.).

б) Дар осмон тӯда-тӯда абрҳои қарс барин сафед ҳалқа зада меистоданд. Замин аз борони шабона намнок буд (Ҳодӣ Шариф. Кӯҳ ҳам ба кӯҳ мерасад, с79).

Чунончи ки мебинед, гарчи ин ҷумлаҳои содда дар матни асарҳои ду адиб пайиҳам омаданду дар ҳар кадом фикри томе ифода ёфтааст, аз ин ҷуфти ҷумлаҳои содда бо айни нигоҳ доштани мазмуни аслиашон тартиб додани ҷумлаи мураккаб ғайриимкон аст, чунки мантиқан дорои мавзӯъ ва мазмуни махсус будани ҳар кадоме аз ин ҷумлаҳои содда имкон намедиҳад, ки аз ҳар ҷуфти онҳо як ҷумлаи муркаб офарида шавад. Дар сурати аз онҳо қасдан тартиб додани ҷумлаи мураккаб мо дар мазмуну мундариҷаи чунин «ҷумлаҳои мураккаб» ҳатман як навъ беработӣ ва ё ба таври сунъи офарида шудани онҳоро баръало ҳис менамоем. Чунончи:

а) Рӯзи дигар Баҳром ба кор баромад ва таҳҳонаи институт нимравшану нимторик аст (?)

б) Дар осмон тӯда-тӯда абрҳои қарс барин сафед ҳалқа зада меистоданд ва замин аз борони шабона намнок буд (?)

Бо шарҳи масъалаи охир, яъне аз шарҳи он ки танҳо ҷумлаҳои саддаи аз ҷиҳати маъною мазмун аз ягон ҷиҳат ба ҳам алоқамаид имкони ташкил додани ҷумлаҳои мураккабро фароҳам меоваранд, лаҳзаи гуфтани таърифи ҷумлаи мураккаб ҳам айни муддао мегардад, ки он чунин аст: **«Ҷумлае, ки аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои соддаи таркиб ёфта, аз ҷиҳати маъно ва интонатсия ягона аст, ҷумлаи мураккаб номида мешавад».** Яъне, таъқид мекунад муаллим, ҳамон ҷумлае мураккаб номида мешавад, ки таркибан аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои содда ташкил ёфтааст он ҷумлаҳои содда дар маҷмӯъ маъно ва интонатсия ё худ оҳанги талаффузи ягонаро доро мебошанд.

Муаллим пас аз шарҳи масъалаҳои фавқ ва ниҳоят, шарҳи таърифи ҷумлаи мураккаб ба мустаҳкамкунии мавзӯъ гузашта дар охир ба хонандагон ба ҳайси вазифаи хонагӣ, агар супориш диҳад, ки айнан тарҳи таблитсаи дар фавқ нешниҳодшударо ба дафтарашон кашида дар сутуни якумӣ ду – се ҷуфт ҷумлаҳои содда ва аз ҳамон ҷуфти ҷумлаҳо дар сутуни дуюм ҷумлаҳои мураккаб тартиб дода, ба шарҳашон омадагӣ бигиранд, мувофиқи мақсад мебуд, ки дар заминаи иҷрои чунин супориш эҷодкорӣ ва мустақилияти шогирдон баръало намудор хоҳад гашт.

Дарси дуюм, ки идомаи додани маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаб аст, пас аз лаҳзаи ташкилӣ метавон бо баёни мавзӯи нав оғоз намуд. Ин дарс ба масъалаи воситаи алоқаи ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаи мураккаб ва дар ҳамин замина ба ду гурӯҳ – **пайваст** ва **тобеъ** – ҷудо карда шудани онҳо, яъне ҷумлаҳои мураккаб, бахшида мешаванд. Бо ҳамин мақсад пеш аз оғози баёни мавзӯъ лозим аст, ки аз мавзӯи «Пайвандакҳо», таъриф, хелҳо ва вазифаи пайвандакҳо дар ҷумла ва ё умуман, дар нутқ ба хотир оварда шавад. Хонандагон чун пайвандакҳоро аз рӯи вазифаи грамматикиашон бо пайвасткунандаву тобеъкунанда ҷудо намуда, доир ба ҳар гурӯҳ 5-6-тогӣ, хусусан, пайвандакҳои **ва, -у, аммо, вале, ё, ё…ё, ки, чунки, зеро, зеро ки, азбаски, агар** (ин лаҳза шояд муаллим ҳам кӯмак намояд)-ро номбар намуда, дар ҷумлаҳо ҳам мисол меоваранд, муаллим ҷавобҳои онҳоро идома дода, таъкид мекунад: Чунон ки шумо медонед, пайвандакҳои пайвасткунанда дар дохили ҷумла ду вазифа доранд. Онҳо дар таркиби ҷумлаҳои содда аъзоҳои чида, вале дар дохили ҷумлаҳои мураккаб

ҷумлаҳои соддаи таркибии онҳоро ба ҳам алоқаманд мекунанд. Пайвандакҳои тобеъкунанда бар хилофи пайвандакҳои пайвасткунанда танҳо як вазифа доранд-онҳо ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккабро ба ҳам алоқаманд мекунанду бас. Инак, ҷумлаҳои мураккаб, аз рӯи он ки ҷумлаҳои соддаи таркибашон бо пайвандакҳои тобеъкунанда, ё пайвасткунанда ба ҳам алоқа пайдо мекунанд, ба ду гурӯҳи калон – ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷудо карда шудаанд. Аз ин рӯ, дар таблитсаи мо (Боз ҳамон таблитса ба намоиш гузошта мешавад) ду ҷумлаи аввали сутуни дуюм, ки ҷумлаҳои соддаи таркибашон бо пайвандакҳои пайвасткунандаи **ва, -у** ба ҳам алоқаманд гардидаанд, **ҷумлаи мураккаби пайваст** номида шуда, ҷумлаҳои сеюм **мураккаби тобеъ** шуморида мешавад. Зеро ки ҷумлаҳои соддаи таркиби он бо пайвандаки тобеъкунандаи **азбаски** ба ҳам алоқаманд шудаанд.

Пас аз шарҳи охир, дар маҷмӯъ бояд таъкид кард, ки дар таркиби ҷумлаи мураккаб, гo ки алоқаи қавии ҷумлаҳои содда барқарор бошад, дар баробари аз ҷиҳати мазмуну маъно, оҳанги талаффузи якхела ба ҳам мувофиқат кардан истифодаи ба мавриди пайвандакҳо ин ду ҷиҳатро зиёд тақвият дода, боиси боз ҳам мустаҳкамтар гардидани алоқаи маъноию интонатсионии онҳо хоҳад гардид. Яъне алоқаи ҳақиқии ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро се чиз: маънову мазмуни ҷумлаҳои содда, якрангии оҳанги талаффуз ва ба мавриди истифода гардидани ин ё он навъи пайвандакҳо ба вуҷуд меоварад. Ба хусус. пайвандакҳо аломати зоҳирии хели ҷумлаҳои мураккаб маҳсуб меёбанд. Яъне агар алоқаи ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаи мураккаб аз тариқи яке аз пайвандакҳои пайвасткунанда сурат гирифта бошад, он ҷумлаи мураккабро – **мураккаби пайваст** ва баръакс чунин алоқа ба воситаи пайвандаки тобеъкунандае ба миён омада бошад, **мураккаби тобеъ** бояд номид.

Ин лаҳза, хуб мешавад, ки шифоҳӣ ва ё тариқи сабт намудани ду ҷумлаи мураккаб дар доска (яке мураккаби пайвасту дигаре мураккаби тобеъ), пеш аз ҳама, ба тавассути хели пайвандакҳо ба гурӯҳҳои пайвасту тобеъ ҷудо карда шудани ҷумлаҳои мураккаб бори дигар таъкид гардида, баровардани хулосаҳои зерин ҳам, ки умумият ва фарқияти аввалиндараҷаи ин ду гурӯҳи ҷумлаҳои мураккабро муаррифӣ менамоянд, на бояд аз мадди назари аҳли синф дур бимонад:

Чунончи, **умумияти** ин ду гурӯҳи ҷумлаҳо дар ин аст ки: а) чи гурӯҳи якум ва чи гурӯҳи дуюм дар маҷмӯ ҷумлаҳои мураккаб номида мешаванд; б) дар ҳар ду гурӯҳ ҷумлаҳои содда, пеш аз

ҳама, аз рӯи маънову мазмун ва оҳанги талаффузи ягона ба ҳам алоқаманд гардидаанд; в) дар ҳар ду гурӯҳ алоқаи ҷумлаҳои содда бештар ба тавассути пайвандакҳо сурат мегирад; г) ҷумлаҳои содда дар ҳар ду гурӯҳи ҷумлаҳо (ба ҷуз дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам) ба воситаи аломати вергул ҷудо карда мешаванд.

Фарқияти асосӣ, пеш аз ҳама, дар байни ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ ин аст, ки ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳоро дар гурӯҳи аввал (мураккаби пайваст) пайвандакҳои пайвасткунанда, дар гурӯҳи дуввум (мураккаби тобеъ) пайвандакҳои тобеъкунанда ба ҳам алоқаманд месозанд. Дигар ин, ки мустақилияти ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст бештар буда, онҳо баробарҳуқуқ мебошанд. Бевосита пас аз ҳар кадом ҷумлаи содда (пас аз ҷумлаи соддаи якум) нуқта гузошта, ҷумлаи дигарро бо ҳарфи калон нависед ҳам, маънои умумии ҷумлаҳо нуқсон намеёбад. Ин амалро нисбати ҷумлаҳои соддаи ҷумлаи мураккаби тобеъ кардан боиси нуқсон ёфтани ҳам сохт ва ҳам мазмуни асосӣ хоҳад гашт[308], хусусан, нотамомии фикр дар яке аз ҷумлаҳои содда эҳсос хоҳад шуд. Чунончи, ҷумлаи сеюми таблитсаро мушоҳида кунед: Азбаски асали Тавилдара ба ҳазор дард даво аст.(?) Онро ба санаторияҳои махсуси табобатӣ мебаранд.

Нуқтаи охирро шарҳ дода, муаллим таъкид мекунад, ки дар бораи хусусиятҳои дигари ин ду гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб дар дарсҳои баъдина маълумотҳои боз ҳам мушаххастар дода мешавад.

Ниҳоят, дар заминаи як ду мисоли дигар, масалан, бо сабти ҷумлаҳои зерин: «Мирзо ҷавони боақлу фаросат буд, вай ҳар чизи дидаашро ба тарзи ҷиддӣ...шарҳ медод(Ҳ.Н.)» ва «Бердиев Давлатовро озод бардошта, андаке ларзонд, қабургаҳои ӯ қисиррос заданд. (Ҳ.Ш.)» ба хонандагон фаҳмондан лозим аст, ки ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб на ҳамеша ба воситаи пайвандакҳо бо ҳам алоқаманд мешаванд, балки мавридҳои бе воситаи пайвандакҳо ҳам ба алоқаманд гардидани онҳо, яъне ҷумлаҳои содда, ба мушоҳида гирифта мешаванд. Дар чунин маврид воситаи алоқаи ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро ҳангоми қироат наздикии муносибати маъноии он ҷумлаҳои содда ва бештар оҳанги талаффузи ягона, ки дар ибтидои ҷумлаи соддаи якум баланд гардида, дар анҷоми ҷумлаи дуюм паст мешавад, ташкил медиҳад.

---

[308] Ниг.: Озеркая В.П. Система работи по синтаксису и пунктуации в V-VIII классах, с. 113

Ин лаҳза диққати хонандагон ба тарзи қироати он ду ҷумлаи фавқ ҷалб карда шуда, зимни таҳлил шарҳ дода мешавад, ки ҳар кадоме аз ин ҷумлаҳо дар таркиби худ дорои дутогӣ ҷумлаи содда буда, алоқаи ҷумлаҳои соддашон, асосан, ба воситаи оҳанги талаффуз ба вуҷуд омадааст дар навишт онҳо, яъне ҷумлаҳои содда, бо аломатҳои китобат (вергул, тире, баён) ҷудо карда мешаванд.

Бо шарҳи нуқтаи охир хулоса бароварда мешавад, ки ҷумлаҳои мураккаб вобаста ба тарзи алоқаи ҷумлаҳои соддаи таркибашон пайвандакдор ва бепайвандак мешаванд.*

Бо шарҳу тавзеҳи охир баёни мавзӯъ, яъне додани маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаб, ки ин масъала аз дарси гузашта оғоз ёфта буд, ба итмом расида, ба лаҳзаи мустаҳкамкунӣ шурӯъ карда мешавад. Ва азбаски дар ин дарс ба сабаби маҳдудияти баёни мавзӯъ барои мустаҳкамкунӣ бештар мондани вақт аз гумон дур нест, он вақти боқимондаро самаранок бояд истифода намуд. Ин лаҳза пас аз бо додани саволҳое, ки зимни онҳо аз тарафи хонандагон таърифи ҷумлаии мураккаб, воситаҳои асосии ҷумлаҳои соддаи таркиби он, фарқи ҷумлаи мураккаб аз ҷумлаи содда, сабаби хусусан, дар асоси хели пайвандакҳои дар байни ҷумлаҳои содда омада ба ду гурӯҳ – **мураккаби пайваст ва тобеъ** ҷудо карда шудани ҷумлаҳои мураккаб баррасӣ мегардад, бештар ичро намудани машқу супоришҳои ба мавзӯъ алоқаманд зарурат дорад.

§ 71. Ҷумлаи мураккаби пайваст

Ба фасли «Ҷумлаи мураккаби пайваст» барнома (2006) 5 соат муқаррар намудааст, ки зимни ин соатҳо танҳо се дарси аввали онро ба масъалаи дар муқоиса бо ҷумлаҳои соддаи чидааъзо таълим додани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва хелҳои ин гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб вобаста ба тобишҳои маъноии пайвандакҳои пайваскунанда (пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ), соати чорумро ба такрору мустаҳкамкунии фасли мазкур ва соати охирро ба гирифани ягон навъи кори хаттии санҷишӣ (диктант ё нақли хаттӣ) бахшидан пурра имконпазир аст. Асосан, вазифаи ниҳоӣ зимни истифодаи ӯҳдабароёнаи ин соатҳои ба таълими

---

* **Таъкид.** *Ин лаҳза ба хонандагон фаҳмондан лозим, ки онҳо дар бораи истифодаи хелҳои гуногуни аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак баъдтар, ҳангоме ки ин навъи ҷумлаҳо махсус таълим дода мешаванд, маълумоти муфассал хоҳанд гирифт.*

ҷумлаҳои мураккаби пайваст бахшидашаванда ин аст, ки ба хонандагон мафҳум ва махсусиятҳои грамматикии ҷумлаҳои мураккаби пайваст вобаста ба тобишҳои маъноии ҷумлаҳои соддаи таркибашон, ки чунин тобишҳо, хусусан, дар заминаи истифодаи хелҳои гуногуни пайвандакҳои пайвасткунанда бештар эҳсос мешаванд, шарҳу эзоҳ дода шуда, дар ҳамин ҷараён дар онҳо тарбия намудани малакаи истифодаи хелҳои ин гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб бо риояи оҳанги талаффуз дар гуфтор ва ба мавриди кор фармуда тавонистани аломатҳои китобат дар навишти ҷумлаҳои мазкур, тарбия карда шавад.[309] Аз ин рӯ, бевосита ба таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст шурӯъ намуда, хуб мешавад, ки дар аввал умумият ва фарқияти онҳо дар муқоиса бо ҷумлаҳои соддаи чидааъзо шарҳ дода шавад. Барои ноил шудан ба ҳамин мақсад бояд дар тахтаи синф (барои сарфаи вақт пешакӣ дар ватман ё дар тахтаи сайёр) чун дар таблитсаи (48) дар ду сутун дар яке ҷумлаҳои соддаи чидааъзо ва дар дигаре ҷумлаҳои мураккаби пайвастро навишта ба мушоҳидаи аҳли синф гузошта шавад, ба шарте ки чи дар ҷумлаҳои чидааъзо аъзоҳои чида ва чи дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст ҷумлаҳои содда бо хелҳои гуногуни пайвандакҳои пайвасткунанда ба ҳам алоқаманд гардида бошанд. Чунончи:

Таблитсаи 48

Ҷумлаҳои чидааъзо	**Ҷумлаҳои мураккаби пайваст**
а) 1. Аноргул ва Гулизор тӯшаи роҳ тайёр карданд. 2. Ҷавон саросемавору ошуфтаҳол фарёд зад.	а) 1. Табиат талби тараб мезаду майсазорон… аз хушиҳои зиндагӣ мужда медод (Б.Н.). 2. Малика шармгинона табассум кард ва рухсораҳояш лола барин сурх гашт. (Ҳ.Ш.)
б) 1. Баҳори имсола бар-вақт, вале камбориш омад. 2. Полвон аз сухани бобо хафа нашуда, балки табас-сум карда хест (С.У.).	б) Баҳром аз рӯи инсоф… ҷавоб медод, вале вай лаб накафонида табассум кард.(У.К.)
в) 1. Ҳамсояҳо… ба вай ҳар рӯз нону чой ё ҷурғот меовар-данд (С.У.)	в) 1. Шумоён сухани маро нағз нафаҳмидетон, ё ин ки худам нағз фаҳмонда натавонистам.

[309] Нигр.: Озеркая В.П. Система работи по синтаксису и пунктуации в V-VIII классах.с.113

2. Ниёз кучое бозй мекунад, ё назди Сабзина рафтааст. (Сорбон)	2. Барои дарстайёркунй ё ман ба хонаи рафиқам мерафтам, ё ӯ ба хонаи мо меомад.

Пас аз мушоҳида ва қироати ҷумлаҳои ҳар ду сутуни таблиста буда бо талаби муаллим бояд хоначдагон пайвандакҳои пайвасткунандаро аввал дар маҷмӯъ ва баъд аз рӯи хелҳояш номбар намуда, умуман, вазифаи онҳоро дар нутқ бо овардани мисолҳои худй ё худ дар асоси мисолҳои дар таблитса сабтшуда шарҳ диҳанд, ки ин лаҳза муаллим мушоҳида мекунад, ки шогирдонаш то кадом андоза талаботи мазкури ӯро ба ҷо меоваранд. Вале сарфи назар аз ин, ба назари мо хуб мешавад, ки муаллим бо мақсади боз хеле мустаҳкам намудани дониши пешинаи хонандагон қасдан баъзе масъалаҳоро такрор намуда, дар яклухтй бо он масъалаҳо масъалаи мавриди назар – умумият ва фарқияти ҷумлаҳои мураккаби пайвастро аз ҷумлаҳои чидааъзо дар заминаи мисолҳои таблитсаи мазкур муфассалтар шарҳ диҳад. Аз ин лиҳоз, пас аз мушоҳидаи натиҷаи ҷавобҳои хонандагон ӯ таъкид мекунад, ки пайвандакҳои пайвасткунанда чи дар таркиби ҷумлаҳои чидааъзо ва чи дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст, дар асл, вазифаи ягонаро адо менамоянд: онҳо дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби чидааъзо калимаву таркибҳои ба вазифаи як аъзои ҷумла омадаро, дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ҷумлаҳои соддаеро, ки аз онҳо як ҷумлаи мураккаб ташаккул ёфтааст, ба ҳам алоқаманд мекунанд, ки он аъзои чида ва ин ҷумлаҳои содда нисбати якдигар баробарҳуқуқ мебошанд. Баробарҳуқуқии аъзоҳои чида дар ҷумлаҳои чидааъзо аз ин ҷост, ки онҳо ба як савол ҷавоб мешаванду бештар бо як ҳиссаи нутқ ифода меёбанд. Масалан, дар ҷумлаи «Аноргул ва Гулизор тӯшаи роҳ тайёр карданд» мутбадо калимаҳои **Аноргул** ва **Гулизор** буда, ҳамзамон, аъзоҳои чидаи ҷумла маҳсуб меёбанд, ки ҳар ду ҳам бо исм ифода ёфтаанд. Аз ин рӯ, ба ин ҳар ду мубтадо саволи ягона гузошта мешавад: -Кӣ? – Аноргул? – Кӣ? – Гулизор?. Ё ин гавр: – Киҳо? тайёр карданд? – Аноргул ва Гулизор.

Сипас, ба тариқи боло аъзоҳои чида дар ҷумлаҳои баъдина ҳам шарҳ дода шуда, дар охир таъкид карда мешавад, ки дар ин ду ҷумлаи аввал -басти а) аъзои чида (Аноргул **ва** Гулизор; саросемаву ошуфтаҳол)-ро пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳами **ва, -у,** дар ду ҷумлаи басти б) аъзоҳои чида (барвақт, **вале** камбориш; хафа нашуд, **балки** табассум карда хест)-ро пайвандакҳои хилофии **вале, балки** ва дар ҷумлаҳои басти в) аъзоҳои чида (чой ё чурғот: бозй мекунад, ё рафтааст)-ро

пайвандаки хилофии ё ба ҳам алоқаманд намудаанд. Ва чунон ки муқаррар намудем, дар ҳамаи ин ҷумлаҳо яъзоҳои чида танҳо ба яке аз саволҳои ба ин ё он аъзои ҷумла мансуб буда ҷавоб мешудаанд. Яъзоҳои чида дар сурати бо пайвандакҳои хилофӣ ва ҷудоӣ ба ҳам алоқаманд шудан аз ҳам ба воситаи вергул (Ин аломат пеш аз пайвандакҳои мазкур гузошта мешавад) ҷудо карда мешаванд.*

Ин лаҳза диққати хонандагонро пурра ба мисолҳои сутуни дуввуми таблитса, яъне ба ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ҷалб карда, бояд таъкид гардад, ки бар хилофи аъзоҳои чида, ки онҳо ҳамчун аъзои баробарҳуқуқи ҷумла ба як савол ҷавоб мешаванд. Баробарҳуқуқии ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ин ҷост, ки ҳар кадоми онҳо ҷумлаи мустақил маҳсуб меёбанд. Ва мустақилияти ҷумлаҳои соддаро дар таркиби ҷумлаҳои мазкур аз рӯи ҷунин як аломат, яъне аз он ки дар навишт пас аз ҳар кадом аломати нуқта гузоштан мумкин аст, метавон исбот намуд. (Ин лаҳза муаллим тариқи шифоҳӣ ҳар як ҷумлаи соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро аз сутуни дуюм бо соқит намудни пайвандакҳо, бояд тавре қироат намояд, ки воқеан ҳам, дар навишт пас аз ҳар кадоми онҳо гузошта шудани аломати нуқтаро хонандагон баръало тасаввур намоянд).

Ҳамчунин, хонандагон аз шарҳи муаллим дақиқ фаҳманд, ки пайвандакҳои пайвасткунанда дар алоқаманд намудани ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз руи маъно айнан ҳамон вазифаеро адо менамоянд, ки онро дар таркиби ҷумлаҳои чидааъзо ҳам ба ҷо меоваранд. Яъне агар пайвандакҳои пайвасткунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо аз рӯи маъно ва дар ҷараёни як амалу ҳаракат муносибати пайиҳамой, хилофӣ ва ҷудоӣ доштаи азоҳои ҷумларо ифода кунад, айнан ҳамин вазифаро дар ҷараёни ба ҳам алоқаманд намудани ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст низ ичро менамоянд. Фарқ дар ин бобат ин аст, ки онҳо – пайвандакҳои пайвасткунанда – вазифаи мазкурро дар ҷумлаҳои чидааъзо дар байни аъзоҳои чида, вале дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар баҳампайвандии ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳо ба ӯҳда доранд. Ва аз ин ваҷҳ, вобаста ба маъноӣ грамматикӣ ва вазифаи пайвандакҳои пайвасткунанда чун аъзоҳои чидаи ҷумла (пайиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ) ҷумлаҳои мураккаби пайвастро низ

---

* **Таъкид:** Ин ҷо ба хотир оварда мешавад, ки ба ҷуз хабарҳои чида, дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла танҳо дар сурати ду бор оварда шудани пайвандаки ё (ё...,ё) пеш аз ё-и дуввум гузоштани аломати вергул (ё чой, ё ҷурғот; ё ман, ё шумо) лозим аст.

забоншиносон ба се гурӯҳ –ҷумлаҳои мураккаби пайвасти а) **пайиҳам**, б) **хилофӣ** ва в) **ҷудоӣ** тақсим намудаанд.

Ба зикри нуктаи охир ҷумлаҳои мураккаби дар ҳар се баст (а,б,в) додашуда қироат гардида, танҳо ҳамин нукта бояд таъкид гардад, ки онҳо, яъне ҷумлаҳои мураккаби пайваст, маҳз ба сабаби ҷумлаҳои соддаи таркибашонро ба ҳам алоқманд намудани ин ё он навъи пайвандакҳои пайвасткунанда – **пайиҳам** (ва,-у), **хилофӣ** (вале), **ҷудоӣ** (ё…ё, ё ин ки) – ба се гурӯҳ ҷудо карда шудаанд. Ва пас аз таъкиди ҷумлаи мазкур диққати хонандагон пурра ба шарҳи хусусиятҳои ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам ҷалб карда мешавад.

Муаллим ба ҷумлаҳои басти а) ишора намуда, таъкид мекунад, ки ин ду ҷумла **мураккаби пайвасти пайиҳам** номида мешаванд. Барои чӣ? Барои он ки аввалан, ҷумлаҳои соддаи таркибашон ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам ба ҳам алоқаманд шудаанд, яъне дар ҷумлаи аввал бо пайвандаки **–у** , дар ҷумлаи дуюмаш бо пайвандаки **ва.** Сониян, барои он **ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам** меноманд, ки хабарҳои дар таркиби ҷумлаҳои соддаи онҳо буда, ҳамеша амал ё ҳолату ҳаракати дар як вақт ва ё пайиҳам ба вуҷуд омадаро ифода мекунанд. Чунончи, дар ҷумлаи аввал-«Табиат табли тараб мезаду майсазорон аз хушиҳои зиндагӣ мужда медод» хабари ҷумлаи якум – талб мезад ва хабари ҷумлаи дуюм - **мужда медод** амалу ҳолати дар як вақт, масалан дар фасли баҳор рухдодаро дар худ инъикос кардаанд. Вале дар ҷумлаи дуюм – «Малика шармгинона табассум кард ва рухсораҳояш лола барин сурх гаштанд» хабари ҳар ду ҷумла амалу ҳолатеро ифода намудаанд, ки на дар як вақт балки пасиҳам зуҳур намудаанд. Аниқаш, амалу ҳолати дар хабари ҷумлаи якум (табассум кард) пеш аз вуҷуи амалу ҳолати дар хабари дуюм (сурх гаштанд) ифодаёфта ба вуҷуд омадааст. Яъне пас аз шармгинона табассум кардан рӯи Малика сурх гаштааст.

Ҳамин тавр, ба тарике ки хусусиятҳои асосии ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳамро шарҳ додем, дар дарси дуюм ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофӣ ва дар дарси сеюм ҷумлаи мураккаби пайвасти ҷудоӣ ҳам дар заминаи мисолҳои мувофиқ бояд шарҳ дода шаванд. Аз ҷумла, дар рафти баёни хусусиятҳои махсуси ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ, сараввал, диққати хонандагон бояд ба мазмуни хилофӣ ва ё зидди якдигар доштаи ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳо ҷалб карда шавад. Аз ин вақҳ, дар оғоз ба хонандагон бо чунин таъкид ва саволи риторикӣ бояд мурочиат намуд: Ин ҷумла (ба мисоли басти **б**-и таблитса ишора намуда) мураккаби пайвасти хилофӣ аст. Чаро

ин ҷумла **мураккаби пайвасти хилофӣ** номида мешавад? Аввалан ин, ки ҷумлаҳои соддаи таркиби онро пайвандаки хилофии **вале** ба ҳам алоқаманд намудааст. Дигар ин, ки ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаи мазкур мазмунан хилофи якдигар мебошанд. Ин чиз, яъне мазмунан хилофи ҳамдигар будани ҷумлаҳои соддаи таркиби он, хусусан, дар амалу ҳаракати хабарҳои он (**ҷавоб медод,** вале **табассум кард**) ифода ёфтааст, яъне Баҳром ба ҷои ҷавоб додан ба саволи **вай** (**вай** - мубтадои ҷумлаи дуюм) табассум кардааст, ҷумлаҳои соддаи таркиби он, хусусан , дар мазмуни амалу ҳаракати хабарҳои он **(ҷавоб медод,** вале **табасум мекард) и**фода ёфтааст, яъне Баҳром ба ҷои ҷавоб додан ба савол **(вай** – мубтадои ҷумлаи дуюм) табассум кардааст.

Дар дарси сеюм, ки хели дигари ҷумлаҳои мураккаби пайваст-**ҷумлаи мураккаби пайвасти ҷудоӣ,** таълим дода мешавад, низ зарур аст, ки диққати хонандагон ба мафҳуми чунин ҷумлаҳо ва маҳз ба мазмун ва тобишҳои маъноии ҷумлаҳои соддаи таркибашон ва албатта, ба тобишҳои маъноии хабари онҳо ҷалб карда шавад. Таъкид карда мешавад, ки ба чуз он ки ҷумлаҳои содда дар таркиби чунин ҷумлаҳои мараккаби ба тавассути пайвандакҳои пайвасткунандаи ҷудоӣ ба ҳам алоқаманд мегардаду ба ҳамин сабаб онҳо **ҷумлаи мураккаби пайвасти ҷудоӣ** ном гирифтаанд, ба амалу ҳаракати ифода мекардагии хабари ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳо ҳам бояд эътибор дод. Дар ин бобат бояд донист, ки хабарҳои ҷумлаҳои содда дар таркиби чунин ҷумлаҳои муракаб ду амалу ҳолатеро дар худ инъикос менамояд, ки аз он ду ё якеаш ба вуҷуд меояд, ё ин ки он амалу ҳаракат бо навбат ҳамдигарро иваз мекунанд. Масалан, (ба ҷумлаҳои басти **в** ишоро намуда) аз амалу ҳаракати дар хабарҳои дар ҷумлаи якум ифодаёфта (нафаҳмидетон, ё ин ки фаҳмонда натавонистам) баръало дарк намудан мумкин аст, ки танҳо яке аз онҳо ба вуҷуд омадааст. Аммо аз мазмуну тобишҳои маъноии хабарҳо дар ҷумлаи дуюм (мерафтам, ё меомад) низ бе ягон душворӣ фаҳмидан мумкин аст, ки он амалҳо бо навбат такроршавандаанд. Яъне аз ду рафиқ барои дарстайёркунӣ гоҳо яке ба хонаи дигаре,гоҳо дигаре ба хонаи яке мерафтааст.

Албатта, дар интиҳои баёни ин ҳар се дарси ба фасли ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва хелҳои он (пайвасти пайиҳам, пайвасти хилофӣ ва пайвасти ҷудоӣ) бахшидашуда ва ниҳоят, дар дарси такрори фасли мазкур фаъолияти хонандагон ба саволу ҷавоб, иҷрои машқҳои китоби дарсӣ ва он супоришҳое, ки аз тарафи муаллим ҳам пешниҳод мегардад, ҷалб карда мешаванд. Масалан, муаллим чунин супоришҳоро, ки боиси рӯ

ба эҷодкорӣ овардани онҳо хоҳанд шуд, метавонад пешкаш намояд:

1. Аз ҷуфти ҷумлаҳои содда (дар ҳар се дарси аввал) тартиб додани ин ё он хели ҷумлаи мураккаби пайваст. Ин ҷо бояд таъкид гардад, ки хонандагон пас аз иҷрои супориши асосӣ ба зери сараъзоҳо хат кашида, ломатҳои китобати таркиби онҳоро шифоҳӣ шарҳ диҳанд.

2. Аз тарафи муаллим як ҷумлаи содда дикта карда мешавад, хонандагон онро навишта, идома дода, яъне ба он ҷумлаи дигарерро илова намуда, бояд ба яке аз хелҳои ҷумлаи мураккаби пайваст табдил диҳанд. Намуна: Китоб манбаи дониш аст. – Китоб манбаи дониш аст ва онро ҳама бояд муккадас шуморад.

3. Ҷумлаи соддаи чидааъзоро ба ҷумлаи мураккаб баргардонидан. Чунончӣ: Ман шабона ҳам дарс тайёр мекунам ва телевизор тамошо мекунам. – Ман шабона дарс тайёр мекунаму бародари хурдиам телевизор тамошо мекунад.

4. Яке ва ё ҳар ду ҷумлаи соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвастро бо ворид сохтани калимаву таркибҳои нав ба чидааъзо табдил додан. Чунончи: 1. Соат дах шуд, аммо аз раис дарак набуд. – Соат дах шуд, аммо аз раису бригадир дарак набуд; 2. Муаллим ба синф даромаду мо интизори супориши ӯ шудем. – Муаллим ба синф даромаду салом дод ва мо ба саволу супоришҳои ӯ интизор шудем.

5. Аз китобҳо ва рӯзномаҳои гуногун мустақилона ва интихобан навишта гирифтани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва баъд шарҳ додани хел ва аломатҳои китобати дар онҳо истифодашуда.

6. Аз худ ва ё аз рӯи расм тартиб додани нақли мухтасаре, ки дар матни он ин ё он хели ҷумлаи мураккаби пайваст низ истифода шуда бошад[310].

§72. Ҷумлаи мураккаби тобеъ

Ба ақидаи методистон, мисли он ки ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар муқоиса бо ҷумлаҳои соддаи чидааъзо таълим дода шуданд, омӯзиши самароноки масъалаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар сурате имконпазир аст, ки агар дар дарси аввал хусусиятҳои хоси он дар муқоиса бо ҷумлаи мураккаби пайваст

---

[310] **Ниг.:** ОзерскаяВ.П. Система работы по синтаксису ин пунктуатции V-V111 классах, с. 155-116.

таълим дода шавад[311]. Аз ин рӯ, чун дар таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст боз дар таблитсае (дар ватман ё доскаи сайёр) дар ду сутун – дар яке ҷумлаҳои мураккаби пайваст, дар дигаре ҷумлаҳои мураккаби тобеъро, чун дар таблитсаи (49) поён сабт намуда, ба муоинаи хонандагон гузоштан лозим аст, то ки мисолҳоро (ҷумлаҳои дар ду сутун сабтшударо, қироат ва муқоиса намуда худашон ҳам ба баёни мулоҳиза ва хулосаҳои шахсӣ (Бигзор, андешаҳои баъзе нодуруст бошад ҳам) пешакӣ омодагӣ бигиранд.

Таблитсаи 49

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст	**Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ**
1. Оҳувон дар як мижа задан нопадид гардиданду Илҳом боз дар ин барфистон яккаю танҳо монд.(Б.Ф.) 2.Ҷиран (навъи асп.- С.Ш.) пайдо шуд, вале бобо оромӣ надошт. (Сорбон). 3. Албатта, гапро бисёртар Назир мезад, аммо Амонқул якто-нимто ҳикояту латифаҳо мегуфт (С.У.)	1. Одамоне, ки дар кӯҳ ҳаёт ба сар мебаранд, бақувваттар мешудаанд.(Ҳ.Ш.) 2. Дар ин айём раҳгузарс нест, ки волои ин зебоии сеҳрангез нашавад. (Ҳ.Ш.) 3. Дар вақте ки мо ба он ҷо расидем, дар ҷуи осиё об набуд. (С.У.) 4. Агар шумо пеш нигоҳ карда рафтан гиред, баногоҳ ин оби дурахшон… аз назаратон пинҳон мешавад. (С.У.)*

Азбаски хонандагон бо хусусиятҳои асосии ҷумлаи мураккаби пайваст дар чор дарси гузашта шиносоӣ пайдо кардаанд, дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав – «Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаби тобеъ» аз муоинаи мисолҳои дар таблитсаи мазкур буда ба хулосаҳои зерин омада метавонанд: ҷумлаҳо дар ҳар ду сутуни таблитса мураккаб мебошанд, чунки ҳар кадоме аз ин ҷумлаҳо таркибан аз ду ҷумлаи содда ташкил ёфтааст; ҷумлаҳои сутуни якум мураккаби пайваст мебошанд,

---

311 Ниг.: Тукучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с 221; Дудниокв А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе,с281.

* **Таъкид.:** Мисолҳои сеюм ва чоруми сутуни мазкури таблитса аз сах .61 ва70-и «Маҷмуаи машқҳо аз синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби забони точикӣ»- мураттибан Косимова М. Н., Камолиддинов Б.(-Душанбе, 1981) итихоб карда шудааст.

зеро ки ҷумлаҳои соддаи таркибашон ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда ба ҳам алоқаманд гардиданд; вале ҷумлаҳои дар сутуни дуюм додашуда ба гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мансубанд; ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст баробарҳуқуқанд, яъне яке ба дигаре вобастагӣ надоранду аз яке ба дигаре савол дода намешавад, аз ин рӯ, пас аз ҳар як ҷумлаи соддаи чунин ҷумлаҳои мураккаб бо соқит намудани пайвандакҳо аломати нуқта монем ҳам, нуқсоне эҳсос карда намешавад.

Ин лаҳза ҳар кадоме метавонанд гуфтаи охирро амалан дар заминаи мисолҳои сутуни якуми таблитса исбот намоянд. Ва дар анҷоми ин амали шогирдон бояд муаллим ташаббусро ба даст гирифта, ба шарҳи хусусиятҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ пардозад, ки он, тахминан, дорои чунин мазмун шуда метавонад: Ба ҷуз он ки ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайвандакҳои тобеъкунанда алоқаманд мешаванд, ин гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб дар қиёс бо ҷумлаҳои мураккаби пайваст дорои чунин хусусиятҳои фарқкунанда ҳам мебошанд:

1. Ҷумлаҳои содда дар таркиби ин гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб чун дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст баробарҳуқуқ нестанд ва аз ин рӯ, пас аз ҳар кадоми онҳо чун дар охири ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст аломати нуқта гузоштан нашояд. Агар ин кор қасдан ба ҷо оварда шавад ҳам, ноқисии фикр ё худ нотамомии он дар яке аз он ҷумлаҳо баръало ҳис карда мешавад. Масалан, мушоҳида кунед: а) Одамоне, ки дар кӯҳ ҳаёт ба сар мебаранд, боқувваттар мешудаанд. - Одамон боқувваттар мешудаанд. Дар кӯҳ ҳаёт ба сар мебаранд (?) б)Дар ин айём роҳгузаре нест, ки волаи ин зебоии сеҳрангез нашавад.-Дар ин айём роҳгузаре нест. Волаи ин зебоии сеҳрангез нашавад(?)

2. Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ яке аз ҷумлаҳои содда мазмунан ба ҷумлаи дигар тобеъ буда, онро аз ягон ҷиҳат – аломату хусусият, замону макон, тарзи иҷро шудани амалу ҳаракат ва ғ. шарҳу эзоҳ медиҳад. Яъне дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ яке аз ҷумлаҳо тобеъкунанда ва дигаре тобеъшаванда буда, ҷумлаи тобеъшаванда тобеъкунандаро аз ягон ҷиҳат шарҳ медиҳад. Аз ин рӯ, дар таркиби чунин ҷумлаҳои мураккаб ҷумлаи тобеъкунандаро асосӣ ё **сарҷумла** ва тобеъшавандаро **ҷумлаи пайрав** меноманд. Дар ин бобат яке аз аломатҳои зоҳирии фарқ кардани сарҷумла аз ҷумлаи пайрав ва баръакси ин амал он аст, ки пайвандакҳои тобеъкунанда аксар пеш аз ҷумлаи пайрав оварда мешаванд. Аз ҷумла, дар ҳар чор мисоли сутуни дуюми таблитсаи мазкур ин нуқта баръало эҳсос

карда мешавад. Яъне дар мисолҳои мазкур ҷумлаҳои зерин: «Дар кӯҳ ҳаёт ба сар мебаранд. Волаи ин зебоии сеҳрангез нашавад. Мо ба он ҷо расидем. Шумо пеш нигоҳ карда рафтан гиред» ҷумлаи пайраванд, ки ҳақиқатан ҳам, пеш аз ҳар кадоме ин ё он навъи пайвандаки тобеъкунанда (ки, дар вақте ки, агар) оварда шудааст. Вале ҷумлаҳои дигар – «Одамон боқувватар мешудаанд. Дар ин айём роҳгузаре нест. Дар ҷӯи осиё об набуд. Баногоҳ ин оби дурахшон аз назаратон пинҳон мешавад», дар таркиби ин чор ҷумлаи мураккаб ҳамчун сарҷумла ба ҳисоб гирифта мешаванд.

3. Аз он ки ҷумлаҳои пайрав сарҷумларо, умуман ва ё яке аз аъзоҳои онро аз ягон ҷиҳат шарҳ медиҳанд, аз рӯи муносибатҳои маъноияшон ба панҷ гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: ҷумлаи пайрави мубтадо, ҷумлаи пайрави хабар, ҷумлаи пайрави пуркунанда, ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва ҷумлаи пайрави ҳол ва хелҳои он, яъне чунон ки аъзоҳои ҷумла панҷтоанд, ҷумлаи пайрав низ дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба панҷ гурӯҳ ҷудо карда шудаанд, ки дар бораи ҳар яке аз ин хелҳои ҷумлаи пайрав дар дарсҳои баъдина зимни соатҳои махсус маълумот хоҳем дод.

4. Барои муайян нумудани хели ҷумлаи пайрав аз сарҷумла ба ҷумлаи пайрав саволи мувофиқ додан зарурат дорад. Агар савол дуруст гузошта шаваду ҷавоби савол мазмунан ба саволи додашуда мувофиқат кунад, он гоҳ ба хулосае бояд омад, ки ҷумлаи пайрав чӣ номида шавад. Масалан, дар мисоли (ба мисоли аввали сутуни дуюми таблитса ишора карда) «Одамоне, ки дар кӯҳ ҳаёт ба сар мебаранд, боқувваттар мешудаанд» ҷумлаи **«Одамон боқувваттар мешудаанд»** сарҷумла буда, аз он ба ҷумлаи пайрав – «**Дар кӯҳ ҳаёт ба сар мебаранд»** чунин савол додан мумкин аст: - Кадом **одамон** боқувваттар мешудаанд? Ҷавоби ин савол чунин аст: - Одамоне, ки дар кӯҳ ҳаёт ба сар мебаранд.

Чунон ки мебинем, дар ҷумлаи мураккаби мазкур ҷумлаи пайрав – «Дар кӯҳ ҳаёт ба сар мебаранд» буда, он мубтадои сарҷумларо, ки бо исм (одамон) ифода ёфтааст, эзоҳ додааст. Аз ин рӯ, саволи гузошташуда (кадом?) ба он дуруст аст. Ва чунон ки медонед, ба ин савол аз аъзоҳои ҷумла муайянкунанда ҷавоб мешавад. Аммо дар ҷумлаи мазкур ба ин савол на муайянкунанда балки ҷумлаи пайрав «Дар кӯҳ ҳаёт ба сар мебаранд»-ҷавоб шудааст. Барои ҳамин ҳам, ин ҷумла мутобиқи саволи гузошта **ҷумлаи пайрави муайянкунанда** номида мешавад. Вале дар ҷумлаи «Дар вақте ки мо ба он ҷо расидем, дар ҷӯи осиё об набуд» ҷумлаи пайрав-«Дар вақте ки мо ба он ҷо расидем» на бар

эзоҳи яке аз аъзоҳои сарҷумла-«Дар ҷуи осиё об набуд», балки нурра бар эзоҳи он омадааст. Аз ин рӯ, барои муайян кардани хели ҷумлаи пайрав ба он аз сарҷумла- «Дар ҷуи осиё об набуд» чунин савол медиҳем: – Кай? Ҷавоб: – Дар вақте ки мо ба он ҷо расидем. Саволи додашуда дуруст буда, аз аъзоҳои ҷумла ба ин савол (кай) ҳоли замон ҷавоб мешавад. Пас, ҷумлаи пайрави мазкур, ки ба ин савол ҷавоб шудааст, **ҷумлаи пайрави ҳол** аст.

Ҳамин тавр, аз муҳокимаи боло чунин хулосаҳои умумӣ бармеояд:

а) барои муайян кардани хели ҷумлаи пайрав аз сарҷумла ба он дуруст гузошта тавонистани савол зарурат надорад;

б) дар асоси мазмуни саволи додашуда, ки он ҳоси кадом аъзои ҷумла аст, хели ҷумлаи пайрав муайян карда мешавад, яъне агар ҷумлаи пайрав ба саволҳои **кадом?, чи хел?** ҷавоб шавад, он ҷумлаи пайрави муайянкунанда номида мешаваду ба саволҳои **кай?, кай боз?** ҷавоб шавад, пайрави ҳоли замон меноманд ва ғ.

в) ҷумлаи пайрав ё бар эзоҳи яке аз аъзоҳои сарҷумла ё худ бар эзоҳи тамоми сарҷумла меомадааст. Чунончи,ҷумлаҳои пайрав дар ду мисоли аввал бар эзоҳи мубтадои сарҷумлаҳо (одам, раҳгузар) омадаанду дар ду мисоли баъдина – ҷумлаҳои 3-4-ум – бар эзоҳи тамоми сарҷумла (Ин нукта, албатта, бояд шарҳ дода шавад).

3. Ниҳоят, дар ҳамин дарси аввал лозим меояд, ки дар бораи ҷои ҷумлаи пайрав дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ низ як маълумоти умумӣ дода шавад. Дар ин бобат мухтасар таъкид бояд намуд, ки ҷумлаи пайрав дар таркиби ҷумлаи мураккаб устувор нест. Он вобаста ба сохту мазмуни ҷумлаоромии гӯянда ва ё нависанда пас аз ё пеш аз сарҷумла ва гоҳо дар мобайни он ҳам оварда мешавад. Чунончи, дар мисоли дуюми сутуни рости таблитса ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла, дар мисолҳои 3-4- ум пеш аз сарҷумла ва дар мисоли аввал дар мобайни сарҷумла оварда шудааст.

Дар ҳамин лаҳзаи баён бо мақсади мавриди истифодаи аломатҳои китобатро дар ҷумлаи мураккаби тобеи пайвандакдор шарҳ додан бояд таъкид карда шавад, ки дар сурати пас аз ё худ пеш аз сарҷумла омадани ҷумлаи пайрав дар навишт сарҷумла аз ҷумлаи пайрав (ба мисолҳои 2-3-4-ум ишора карда) ба воситаи вергул, вале дар сурати дар байни сарҷумла оварда шудани ҷумлаи пайрав (мисоли аввалро нишон дода) он аз ду тараф бо вергул ҷудо карда мешавад.

Бояд гуфт, ки ҳангоми омӯзиши хелҳои ҷумлаи пайрав (пайрави мубтадо, хабар, пуркунанда, муайянкунанда, ҳол ва хелҳои он) ба инобат гирифтани он, ки таълими

ёбад, яъне аз рӯи анъана аз шарҳу эзоҳи хусусиятҳои ҷумлаи пайрави мубтадо оғоз ёфта, бо таълими ҷумлаҳои пайрави ҳол интиҳо ёбад, ё ин ки ин қолабро тағйир додан лозим аст? Дар воқеъ, қолаби анъанавии тартиби таълими ҷумлаҳои пайрав ба талаботи меъёрӣ чандон ҷавобгӯ нест. Гап дар сари он аст, ки мувофиқи пешниҳоди барномаҳои то соли 2006 истифодашаванда ҳамеша аз хелҳои ҷумлаи пайрав, аввал, пайрави мубтадо, баъд, пайрави хабар ва сониян, ҷумлаҳои пайрави пуркунанда, муайянкунанда, ҳол ва хелҳои он дар тӯли 20 соат таълим дода мешуданд, ки дар дарсҳои интиҳоии боби мазкур бо супориши муаллим, агар хонандагон доир ба ҷумлаҳои пайрави пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол тасаввуроти худро аз ҷиҳати назариявӣ баён намуда, мисолҳои мувофиқ ҳам оварда тавонанд, вале аксар доир ба ҷумлаҳои пайрави мубтадову хабар намоиш дода метавонанд, балки ҷумлаҳои пайрави мубтадову хабар на фақат дониши назариявӣ доштани худро намоиш дода наметавонанд, балки ҷумлаҳоро ҳам ба ҳайси мисол оварда наметавонанд. Яъне гап дар сари он аст, ки назарияи ҷумлаҳои пайрави мубтадову хабар як андоза мураккаб ва ҳам теъдоди ин навъи ҷумлаҳои пайрав чи дар нутқи шифоҳӣ ва чи дар нутқи хаттии мо дар муқоиса бо хели дигари ҷумлаҳои пайрав нисбатан кам истифода карда мешаванд. Инак, чунин мушкилотро ба инобат гирифта таълими ин навъи ҷумлаҳои пайравро, гарчи дар солҳои 50-ум ба роҳ монда шуда бошад ҳам[312], кайҳост, ки аз барномаи мактабҳои Россия соқит намудаанд ва дар адбиёти методии чандин даҳсолаи охир нисбати таълими ҷумлаҳои пайрави мазкур чизе гуфта нашудааст[313].

Сарфи назар аз гуфтаҳои фавқ, ҳаминро ҳам бояд тазаккур дод, ки дар адабиёти методии рус дар мавриди тартиби таълими ҷумлаҳои пайрав андешаҳои мухталиф баррасӣ гардидааст[314]. Вале проф. Н.С. Поздняков таъкид кардааст, ки дар бобати тартиби таълими ҷумлаҳои пайрав ҳамон принсип қобили қабул аст, ки агар дар баррасии масъалаи мавриди назар теъдоди истеъмоли хели ҷумлаҳои пайрав дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ба эътибор гирифта шавад. Яъне дар навбати аввал ҳамон хели ҷумлаҳои пайрав бояд таълим дода шаванд, ки истеъмолашон

---

[312]Ниг.: Методическая разработи по русскому языку дляV-V111 классов (Пособие для учителей под редакций С.Г.Бархудорова)- М.: Гос.учтпедчиз МП РСФСР,195,с417.

[313] Ниг.:Дуднико А.В. Методика изучиния по русского языка в средней школе. Обучение русского языку в 1Х классе.-М.: Просвещение,2004; ва г.

дар аксари услубҳои нутқ, хусусан, услубҳои бадеӣ, илмӣ, оммавию публитсистӣ ва хатто дар услуби қоғазҳои кор (ҳуҷҷатнигорӣ) бештар назаррас бошад[315]. Аз ин рӯ, ҳоло дар охирин барномаи нави забони тоҷикӣ ба инобат гирифта шудани нуқтаи мазкур иқдоми навест. Яъне акнун қолаби пешинаи тартиби омӯзиши хели ҷумлаҳои пайрав, ки дар фавқ номбар намудем, шикаста шуда, тартиби нави таълими он ба тариқи зайл пешниҳод гардидааст: а) ҷумлаи пайрави пуркунанда; б) ҷумлаи пайрави муайянкунанда; в) ҷумлаи пайрави мубтадо; г) ҷумлаи пайрави хабар; ғ) ҷумлаи пайрави ҳол ва хелҳои он[316], ки дар охирин китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои IX низ ҳамин тартиби баррасии ҷумлаҳои пайрав низ ба инобат гирифта шудааст[317] . Ва чунон ки мебинем, акнун аз хели ҷумлаҳои пайрав дар аввал на пайравҳои мубтадову хабар, балки ин ду мавзӯъ пас аз ҷумлаҳои пайрави пуркунандаву муайянкунанд таълим дода мешаванд, ки ин тадбир мантиқан дуруст буда, ба андешаҳои дар фавқ зикршуда, хусусан, дар бобати ба инобат гирифтани теъдоди истеъмоли хелҳои ҷумлаи пайрав чи дар нутқи шифоҳӣ ва чи дар нутқи хаттӣ мувофиқат менамоянд. Дигар ин, ки зимни ин тариқа иваз намудани тартиби таълими хели ҷумлаҳои пайрав дар барнома принсипи таълими тадриҷан аз маълум ба номаълум ё худ аз содда ба мураккаб гузаштан ба инобат гирфтан шудааст.

Ба ҳамин тариқ, бо назардошти гуфтаҳои фавқ марбут ба масъалаҳои умумӣ ва ҳам системаноки таълими хели ҷумлаҳои пайрав дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва бо вуҷуди он ки тартиби таълими онҳо дар барнома (с.2006) ва охирин китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи XI (с.2007) як хел тағйир дода шудааст, ҳамчунин, бо ба эътибор гирифтани мушкилоти марбут ба таълими умуман, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба назар расанда нақшаи машғулиятҳои боби мазкурро бояд тарзе тартиб дод, ки зимни он ичро ва таҳлили машқҳо бештар дар мадди назар бошанд ва зиёда аз ин, вақти асосӣ ба ҳамон нуқтаҳои таълими ин боб сарф гардад, ки аз бар намуданашон ҳар доим барои хонандагон бо мушкилие даст медоданд[318]. Ҳамчунин дар ҷараёни таълими ҳар як хели ҷумлаи пайрав бояд кӯшиш намуд, ки дар мадди аввал хусусиятҳои хоси грамматикӣ ва дар

---

[315]Ниг.: Ҳамон ҷо, с 258

[316] Барномаи забони тоҷикӣ баро синфҳои V-IX-Душанбе,

[317] Хоҷаев Д. Зикриёев Ф, Муллохонов А.Забони тоҷикӣ (барои синфи IX)- Душанбе: Собириён, 2007

[318]Ниг.:Поздняков А.В Методика преподования русского языка, с 25

баробари ин, тобишҳои услубии ҳар кадоми онҳо дар заминаи мисолҳои барҷаста шарҳу эзоҳи худро ёфта, то адозае фарқияти асосиашон дар қиёс бо ҷумлаҳои пайрави дигар (масалан,аз рӯи саволҳояшон, аз рӯи хели пайвандакҳое, ки онҳоро ба сарҷумла тобеъ мекунанд, аз рӯи ҷояшон дар таркиби ҷумлаи мураккаб, аз ҷиҳати теъдоди истеъмолашон чи дар нутқи шифоҳӣ ва чи дар нутқи таҳрирӣ ва ғ)[319] муқаррар ва намоиш дода шавад. Ниҳоят , дар ҷараёни таълими ҳар як хели ҷумлаи пайрав, хусусан, дар вақти таҳлил ҳамеша бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки бар шарҳу эзоҳи чӣ омадани ҷумлаҳои пайрав таъқид карда шавад, яъне таъқид карда шавад, ки дар айни ҳол ҷумлаи пайрави дар мадди назар буда бар эзоҳи, умуман, сарҷумла ва ё бар эзоҳи яке аз аъзоҳои он омадааст. Муҳимияти даст додани амали мазкур ба хонандагон ин аст, ки боиси ва ё яке аз роҳҳои дар онҳо ташаккул ёфтани тафаккури мантиқиашон гардида, зиёда аз ин боиси дақиқтар сарфаҳм рафтанашон ба он вазифаҳои ҷумлаҳои пайрав хоҳад гашт, ки чунин вазифаҳоро онҳо, яъне ҷумлаҳои пайрав, дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ба ҷо меоваранд.

Чунон чи маълум аст, дар ҳар дарси додани дониши нав ва ба хусус дар дарси такрори фаслу бобе ба ҷуз саволҷавоб, ки зимни он донишҳои асосию назариявии аз ҳамин фаслу боб гирифтани хонандагон санҷида мешавад, бо мақсади амалан ҳам санҷидан ва мустаҳкам намудани он донишу маҳорати назариявӣ ба иҷрои машқу супоришҳо ҳам водор карда мешаванд. Аз ҷумла, дар лаҳзаҳои мустаҳкамкуниву пурсиши вазифаи хонагӣ, дар ҷараёни дарси додани дониши нав , дар дарси такрори бевositаи фасли «Ҷумлаи мураккаби тобеъ» (инчунин «Ҷумлаи мураккаби пайваст») сафарбар намудани хонандагон ба иҷрои машқу супоришҳои зерин на танҳо боиси мустаҳкамшавии дониши онҳо, балки натиҷаи анҷоми хуби ҳар яке аз он машқу супоришот барои дар онҳо такмилу мукаммалтар гардонидани малакаҳои нутқи мураттаб ва ба хусус, дар навишторашон боиси ба мавқеъ ва шуурона истифода карда тавонистани аломатҳои китобат дар таркиби ин ҳар ду гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб (пайваст ва тобеъ) хоҳад гашт:

1.Аз машқе,ки дар он хелҳои гуногуни ҷумлаи мураккаб (пайваст ва тобеъ) дода шудааст, муайян намудани хели ҷумлаи мураккаб: агар мураккаби пайваст бошад, хели он (пайвасти пайиҳам, ҳилофӣ ё ҷудоӣ буданаш), тобеъ бошад, сарҷумла ва хели ҷумлаи пайравашро шарҳ додан.

---

[319] Ниг.: Текучев А.В.Методика русского языка в средней школе. с.224

2. Аз ҷуфти ҷумлаҳои соддаи додашуда тартиб додани ин ё он хели ҷумлаи мураккаб (пайваст ва тобеъ).

Намуна: Шаб торик ва ором буд. Дар фазо ягон порчаи абре дар назар наменамуд (Ҳ.Н): Шаб торик ва ором буду дар фазо ягон порчаи абре дар назар наменамуд; Вақте ки шаб торик ва ором буд, дар фазо ягон порчаи абре дар назар наменамуд; ва ғ.

3.Ба ҷумлаҳои соддаи додашуда ҷумлаҳои соддаи дигарро илова намуда тартиб додани ин ё он хели ҷумлаи мураккаб. Намуна: Муаллими варзиш маро ба варзишгоҳ бурд: Муаллими варзиш моро ба варзишгоҳ бурд ва мо дар он ҷо машқҳои гуногунро иҷро кардем; Муаллими вазрзиш моро ба варзишгоҳ бурд, то ки мо машқҳои гуонгунро иҷро намоем; Вақте ки муаллими варзиш моро ба варзишгоҳ бурд, мо дар он ҷо машқҳои гуногунро иҷро кардем; ва ғ.

4. Бо истифода аз пайвандакҳои пайвасткунандаву тобеъкунанда, ки аз тарафи муаллим ҳомбар карда шудааст, тартиб додани ҷумлаҳои мураккаб.

5. Мувофиқи мазмуни ҷумлаҳои соддаи додашуда, ки дар таркибашон ин ё он хели пайвандак махсус илова карда шудааст, ҷумлаи дигареро илова карда, тартиб додани ҷумлаи мураккаби пайваст ё тобеъ.

Намуна: а) Мактубро ба бародарам ман навиштаам, **аммо**…: Мактубро ба бародарам ман навиштаам,аммо онро ба қуттии мактубҳо падарам бурда партофт.

б) **Агар** фасли баҳор барвақт ояд…: Агар фасли баҳор барвақт ояд, киштукор ҳам барвақт сар мешавад; Агар фасли баҳор барвақт ояд, меваҳои баҳорӣ ҳам барвақт мепазанд; ва ғ.

6. Баргардонидани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба ҷумлаҳои соддаи тафсилӣ.

Намуна: а) Моддаҳое, ки иштиҳо меоваранд, дар шаҳтут фаровон мебошанд (Ҳ, Ш). –Маддаҳои иштиовар дар шоҳтут фаровон мебошанд;

б) Илҳом…. Шитоб мекард, то ки зудтар ба тори кӯҳ барояд (Б.Ф).-Илҳом барои зудтар ба тори кӯҳ баромадан шитоб мекард; ва ғ.

7. Бо супориши муаллим дар нақлу иншоҳои хурд, ки дар синф ва ё дар хона навишта мешаванд, ба мавриди истифода карда тавонистани хелҳои ҷумлаи мураккаб (пайваст ё тобеъ); ва ғ.

§73. Ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак

Ин мавзӯъ барои хонандагони синфи IX низ нав буда, таълим додани он барои муаллим ва аз бар намуданаш барои

шогирдон на чандон ба осонӣ даст медихад. Зеро чунон ки таъқид намуда будем, яке аз нишонаҳои зоҳирии ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор ин ба хели пайвандакҳои дар таркибашон буда алоқаманд аст. Яъне аз он ки ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаб бо яке аз хелҳои пайвандакҳои пайвасткунанда ба ҳам алоқаманд шуда бошанд, дарҳол хонандагон он ҷумларо **мураккаби пайваст** ва агар чунин алоқа бо яке аз пайвандакҳои тобеъкунанда сурат гирифта бошад, ҳатто бе ягон мулоҳизаи ҷидди онро **мураккаби тобеъ** меноманд.Вале ҳоло ки дар ҷараёни таълими фасли мазкур, аниқтараш, дар тӯли 3 соат ба хонандагон дар бораи ҷумлаҳои мураккабе маълумот дода мешавад, ки аз он нишонаи зоҳирӣ ё худ аломати раҳнамо, ки ягон хели пайвандак маҳсуб меёфт, нишоне несту вале на танҳо ҷумлаи мураккаб буданашон, балки кадом хели ҷумлаи мураккаб (пайваст ё тобеъ) будан, агар мураккаби пайваст бошанд, хеле онҳо (пайиҳам, хилофӣ ё ҷудоӣ) ва агар мураккаби тобеъ бошанд, сарҷумла ва хели ҷумлаҳои пайравашонро муайян намудан лозим меояд. Акнун ҳангоми таълими ин мавзӯъ ба хонандагон лозим меояд, ки на ба аёният, балки танҳо такя ба тафаккури абстрактии худ намуда, ба омӯзиш ва таҳлили ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак рӯ оваранд[320]. Аммо сарфи назар аз мушкилоти номбаршуда, таълим додани ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак дар мактаб зарурати ҳатмӣ дошта, натиҷаи дилхоҳи он бештар аҳамияти амалиро (дар бобати инкишофи тафаккури мантиқӣ, ба хусус, барои такмили нутқи муроҷтаб ва малакаҳои пунктуатсионии хонандагон) доро хоҳад буд. Чунки чи дар нутқи шифоҳӣ ва чи дар нутқи хаттӣ, аз ҷумла дар услубҳои бадеӣ ва илмиву публитсистӣ, дар қиёс бо ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор камтар бошад ҳам, ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак мавқеи хоса доранд.[321]

Инак, зимни ба инобат гирифтани гуфтаҳои фавқ ба таълими ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак шурӯъ намуда, ба хонандагон бояд таъқид намуд ,ки акнун дар ташаккули ҷумлаҳои мазкур ба сабаби ширкат надоштани пайвандакҳо вазифаи интонатсия ва алоқаи маъноии дар байни қисмҳои чунин ҷумлаҳои мураккаб буда бартарии бештар пайдо

---

[320] Ниг.:Поздняков Н.С Методика преподавания русского языка, с 259

[321] Ниг.: Обучения русскому языку в IX-ом классе..с 49

менамоянд[322], ки чунин интонатсия ва алоқаи маъноиро бояд шуурона дарк ва эҳсос намуд. Вале алоқаи маъноии ногусастанӣ доштани ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби бепайвандакро дақиқ эҳсос намудан, пеш аз ҳама, ба оҳанги умумии талаффузи ҳар кадоме аз онҳо марбут аст. Пас, дар ҷараёни баёни ҳар як мавзӯи таркибии фасли мазкур ва лаҳзаи мустаҳкамкуниву пурсиш кӯшиш бояд намуд, ки диққати хонандагон бештар ба оҳанги талаффузи чунин ҷумлаҳои мураккаб ҷалб гардида, ҳамзамон худашон низ дар талаффузи меъёрии ин гуна ҷумлаҳо бевосита малакаҳои дилхоҳ ҳосил намоянд. Зеро маҳз ба тавассути оҳанги талаффуз ба ҳам алоқаи зич доштани ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳо ҳис карда мешаваду дар навишташон ба ин ё аломати китобатие (вергул, баён ва тире), ки дар байни ҷумлаҳои соддаи таркибашон гузошта мешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар ҷараёни таълими ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак дар як вақт тарзи оҳанги талаффузи онҳо, ки бавуҷудорандаи алоқаи маъноии байни ҷумлаҳои соддаи таркибашон маҳсуб меёбад ва дар иртибот ба ҳамин дар навишти чунин ҷумлаҳо дар кадом мавриди кор фармудани кадом аломати китобат – вергул, баён ё тире таълим дода шавад. Дар ин маврид ва албатта, пеш аз ҳама, ба чӣ гуна талаффуз намудани ин ё он хели ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак барои хонандагон бояд худи муаллим намуна бошад. Яъне хонандагон тарзи талаффузи ҳар як ҷумлаи мураккаби бепайвандакро, ки мавриди таҳлил қарор дода мешавад, зимни тақлидкорӣ ба муаллими худ аз бар менамоянду вале мавриди гузошта шудани аломати китобатро дар чунин ҷумлаҳо аз маводи китоби дарсӣ, ки тафсирашон ҳангоми баёни мавзӯъ боз ҳам аз забони муаллим шунидаанд, аз худ менамоянд. Аз ҷумла, дар дарси аввали ба таълими ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак бахшидашаванда диққати хонандагонро ба тарзи талаффузи ин се гурӯҳи ҷумлаҳо, ки барои сарфаи вақт пешакӣ дар доскаи сайёр ва ё дар ватман (Шояд бо кодоскоп ё ба воситаи экрани компютер намоиш дода шавад) навишта шудаанд, ҷалб карда мешавад:

а) 1. Ҳаво хунук, барфи чиллаи зимистон ҷадала карда меомад, шамол наъра мекашид (Р,Ҷ)

2. Восеъ каме гӯштгу равған харида овард, соҳиби ҳуҷра хомшӯрбо пухт (С. А).

---

322 Ниг.: Озерская В. П Система работы по синтаксису и пунктуатции в V-V111 классах, с 134.

3. Офтоб фурӯ рафт, аз Аёз дарак нест (Сорбон).

б) 1. Васеъ ҳайрон шуда фикр кард: он кадом кӯлобӣ будааст (С.У.)

2. Шибари чашма боз ҳам ҳузновар буд: хукҳои ёбой... онро шудгор карда буданд (Ҳ.М).

3. Аноргул ва Гулизор тӯшаи роҳ тайёр карданд: кулчаҳои чавин бастанд, талқон кӯфтанд (С.У)

в) 1. Аз гунчишк тарсӣ – арзан накор.

2. То оббоз набошӣ – ба об надаро.

3. Ҳангоми гули дарахтон ҳаво хунук нашуд – мева фаровон шуд.

4. Ҳаво сахт гарм буд – ҳама арақшор шудем.

5. Д арро задам – девор кафид

Муаллим ҷумлаҳои дар ҳамаи бастҳо (а,б,в) овардашударо бояд тарзе қироат кунад, ки аз тарзи талаффузи ҳар яке аз ин ҷумлаҳо як навъ оҳанги шумур эҳсос карда шавад. Ин нуқтаро талқин намуда, ҳамчунин, бояд таъкид намуд, ки ҳангоми навишт дар байни ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак аломатҳои гуногуни китобат (вергул, баён ва тире) гузошта мешаваду вале дар кадом маврид дар таркиби чунин ҷумлаҳои мураккаб гузоштани ин ё он аломати китобати дилхоҳ ба қоидаҳои махсус иртибот дорад. Чунончи, хонандагон бояд донанд, ки дар ин гуна ҷумлаҳои мураккаб аломати вергул дар сурате гузошта мешавад, ки агар амалу ҳаракати хабари ҷумлаҳои соддаи онҳо дар як вақт (ниг.: ба мисоли якуми басти а) ва ё пайиҳам (Ниг.: ба мисоли дуюм ва сеюми ҳамин баст) рух дода бошанд.

Ин лаҳза нуқтаи охир бо шарҳ додани ҳабари мисолҳои басти мазкур анҷом ёфта, ҳамзамон ба хонандагон таъкид гардад, ки аслан, аломати вергул дар ҷумлаҳои мураккаби бепайвандаке гузошта мешавад, ки онҳо мазмунан ба ҷумлаҳои мураккаби пайваст шабоҳат доранд. Барои исботи ин гуфта метавон ҳангоми аз нав қироат кардани мисолҳои аввали басти **а)** байни ҷумлаҳои соддаи онҳо мувофиқи маънои умумашон пайвандаки дилхоҳе гузошта шавад. Чунончи: Ҳаво хунук, барфи чиллаи зимистон ҷадала карда меомад, шамол наъра мекашид. - Ҳаво хунук ва барфи чиллаи зимистон ҷадала карда меомаду шамол наъра мекашид.

Ҳамин гавр, аз он ки ҷумлаҳои дигари басти якум низ бо овардани пайвандаке дар байни ҷумлаҳояшон шифоҳӣ қироат карда мешаванд, хонандагон дарк мекунанд, ки дар байни ҷумлаҳои соддаи мисоли дуюм гузоштани пайвандаки

пайвасткунандаи пайиҳами **ва (-у)** ва дар ҷумлаи сеюм гузоштани пайвандаки хилофие (аммо, вале, лекин) пурра имконпазир аст.

Сипас, дар мавриди гузоштани аломати баён дар байни ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак чунин таъкиди пешакии муаллим зарурат пайдо мекунад: Мо гуфтем,ки аломати вергул дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак дар сурате гузошта мешавад, ки агар аз мазмуни хабари ҷумлаҳои соддаи таркибашон амалу ҳолат ва ҳаракати яквақтаина ва ё паиҳам ба вуқуъ омадагӣ эҳсос гардаду дар байни он ҷумлаҳои содда гузошатани ин ё он хели пайвандаки пайвасткунанда имконпазир бошад. Вале аломати баён дар байни ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак дар сурате талаб карда мешавад, ки **а**) агар ҷумлаи дуюм ҷумлаи якумро (ниг.: ба мисоли якуми басти **б**) аз ягон ҷиҳат пурра кунад: **а**) агар ҷумлаи дуюм сабаби ба вуқуъ омадани (ё наомадани)-и амалу ҳаракати дар ҷумлаи якум ифодаёфтаро (Ниг.: ба мисоли дуюми басти мазкур) ва ё **в)** агар ҷумлаи дуюм ҷумлаи якумро аз ягон ҷиҳат шарҳ диҳад. Аз рӯи ин аломатаҳо чунин ҷумлаҳои мураккаб мазмунан ба хели ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда (ҷумлаи якум) ё ба ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави ҳоли сабаб (ҷумлаи дуюм), ё худ ба ҷумлаи мураккаби тобеъи ҷумлаи пайрави муайянкунанда шабоҳат доранд. Ва бояд гуфт, ки дар вақти қироати чунин ҷумлаҳои мураккаб оҳанги талаффуз дар охири ҷумлаи аввал паст гардида, ист (пауза)-и на чандон кӯтоҳи шунавандаро огоҳкунандае ба вуҷуд омада. гӯё сабаби он дар мазмуни ҷумлаи дуюм шарҳу эзоҳи худро меёбад (Ин лаҳза барои исботи ҳамин қоидаи гуфташуда бори дигар ҳар як ҷумлаи сутуни дуюм қироат карда мешавад, то ки хонандагон ба ҳақиқати қоидаи гуфташуда эътимод пайдо намоянду, дар тарзи талаффузи чунин ҷумлаҳо – малакаҳои аввалин).

Дар қиёс бо ҷумлаҳои мураккаби бепайвандаке, ки байни ҷумлаҳои соддаашон аломати баён гузошта мешавад, аломати тире дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак дар сурате гузошта мешавад, ки агар ҷумлаи соддаи дуюм дар таркиби онҳо шарти иҷро шудани амалу ҳолати ҷумлаи аввалро (Ниг.: ба мисолҳои якум ва дуюми басти **в**) ифода кунад; агар ҷумлаи соддаи дуюм натиҷаи амалу ҳолати дар ҷумлаи аввал ифодаёфтаро (Ниг.: ба мисолҳои сеюм ва чоруми басти мазкур) дар худ ифода кунад, ё худ агар ҷумлаи дуюм мазмунан хилофи ҷумлаи якум (Ниг.: ба мисоли панҷуми ҳамин баст) бошад.

Дар бобати тарзи талаффузи ин гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак чунин таъкиди бамавриди муаллим ҳатман зарур

аст. Яъне хонандагон аз тарзи талаффузи ин гурӯҳи ҷумлаҳо бояд баръало дарк намоянд, ки ҷумлаҳои соддаи якум дар таркиби чунин ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак як андоза бошаддат талаффуз карда шуда, ҷумлаҳои соддаи дуюмашон бо паузаи андаке тӯлонӣ, вале бо оҳанги на чандон баланде, ки дар интиҳо боз ҳам пасттар мегардад, талаффуз карда мешаванд.[323]

Дар ҷараёни мустаҳкамкунӣ ва пурсиши вазифаи хонагӣ марбут ба таълими ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак ба ҷуз иҷрои машқу супоришҳои китоби дарсӣ муаллим метавонад боз дар назди хонандагон талабҳои зеринро ҳам гузорад:

1. Қироати ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак бо риояи оҳанги талаффузашон ва пасон шарҳ додани тобишҳои маъноии ҷумлаҳои соддаи таркибашон ва сабаби гузошта шудани ин ё он аломати дар онҳо истифодашуда.[324]

2. Аз ҷуфти ҷумлаҳои содда тартиб додани ҷумлаҳои бепайвандак, то ки пас аз иҷрои талаби мазкур бо риояи меъёри талаффузи хели чунин ҷумлаҳо сабаби аломати китобати дар онҳо истифодашуда ҳам шарҳ дода шавад.

3. Таҳлидан ба мисолҳои дар синф мавриди таҳлил қарор додашуда аз фикри худ ҳам тартиб додани чунин ҷумлаҳо (бигузор, чунин ҷумлаҳо ба мисолҳои таҳлилшуда то андозае қаробат дошта бошанд).

4. Ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеи пайвандакдорро ба ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак табдил дода тавонистан. Барои иҷрои ин супориш ба маърази диққати хонандагон, дар навбати аввал, бояд ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам, хилофӣ ва аз ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаҳои дорои пайрави пуркунанда, ҳоли шарт, ҳоли сабаб, ҳоли хилоф буда интихоб карда шавад, беҳтар аст. Зеро маҳз навъҳои ҷумлаҳои мураккаби номбурдаро ба ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак баргадонидан зиёда имконпазир аст; ва ғ.

§74. Ҷумлаҳои мураккаби омехта ва сертаркиб

(маълумоти умумӣ)

Омӯзиши маводи назариявии ин ҳар ду масъалаи забоншиносӣ – ҷумлаҳои мураккаби омехта ва ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб низ барои хонандагони синфи IX нав буда,

---

[323] Нигр.: Озерская В.П. Система работы по синтаксису и пунктуации в V-VIII классах, с. 136

[324] Нигр.: Ҳамон ҷо, с. 136.

ҳамзамон аз ҷумлаи масъалаҳои мураккаби синтаксиси на танҳо забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад.[325] Аммо самараноку бо натиҷаҳои дилхоҳ таълим додани ин ду мавзӯъ пурра имконпазир аст, ба шарте ки хонандагон дар ҷараёни омӯзиши, умуман, боби «Ҷумлаҳои мураккаб» бо хусусиятҳои асосии ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ шуурона сарфаҳм рафта, дар овардани мисолҳои дилхоҳ ва таҳлили онҳо маҳорату малакаи меъёриро дар худ парварида бошанд, ба шарте ки ҳангоми таълими ин мавзӯъҳои барои хонандагон нав – «Ҷумлаҳои мураккаби омехта ва сертаркиб» аз таблитсаҳои бо мисолҳои барҷастаи хусусияти муқоисакунандагӣ дошта истифода карда шаванд. Чунончи, дар таълими ҷумлаҳои мураккаби омехта аз таблитсаи (50) зерин истифода кардан мувофиқи мақсад дониста мешавад:

Таблитсаи 50

Хелҳои ҷумлаҳои мураккаб		
Ҷумлаҳои мураккаби пайваст	**Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ**	**Ҷумлаҳои мураккаби омехта**
1. Оби зулоли чашма ширғарм буд ва дар рӯи он буғи тунук нарм-нарм печ мезад (А.Н.) 2. Вай сухани худро шоирона сар карданӣ буд, аммо ягон калимаи зебо ба ёдаш наомад.(Р.Ҷ.)	1. Дар ин айём роҳгузаре нест, волаи ин зебоии сеҳрангез нашавад (Ҳ.Ш.) 2. Касирбобо гуфта буд, ки баъд аз кӯчида рафтани одамон кӯҳсор аз бекасӣ ҳуштак кашида монд. (Ҳ.Ш.)	1. Субҳ наздик шуд, аммо ҳанӯз абри сиёҳе, ки … кӯҳистони тоҷикро фаро гирифтааст, ба сафед шудани рӯз роҳ намедод.(С.А.) 2. Дар он ҷо Восеъ аз ӯ хоҳиш кард, ки … ба аспони вай ҷаву беда диҳад ва худаш ба Сариосиё равон шуд. (С.У.)

Муаллим диққати хонандагонро ба мисолҳои ҳар се сутуни таблитса ҷалб намуда, бояд чунин савол диҳад: – Аз ин се хели ҷумлаҳо ба шумо кадомашон номаълум аст? Ҷавоб: – Ҷумлаи мураккаби омехта.– Шумо дар бораи ҷумлаи мураккаби пайваст ва ҷумлаи мураккаби тобеъ чиҳоро медонед? Албатта, дар ҷавоб ба ин савол хонандагон аз худ шифоҳӣ мисол оварда, аз рӯи гобишҳои маъноии ҷумлаҳои соддаи таркибашон ба се гурӯҳ

---

[325] Ниг.: Алексич А.П. Методика организации педегогического процесса на уроках русского языка .-М: Госучпедгиз МП РСФСР, 1959,с.109; Обучения русского языка в IX классах.с. 51.

(пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ) ҷудо карда шудани ҷумлаҳои мураккаби пайвастро, ҳамзамон, барбарҳуқуқ будани ҷумлаҳои соддаи таркиби онҳоро, аз сараъзо ва ҷумлаҳои пайрав иборат будани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, хелҳои ҷумлаҳои пайрави бар эзоҳи сарҷумлаҳо ояндаро, тарзи муайян намудани хели он ҷумлаҳои пайравро дар маҷмӯъ бо овардани чанд мисол (ҳатто бо овардани мисолҳои дар хотирашон нақшбаста ҳам) шарҳу эзоҳ медиҳанд, ки чунин лаҳзаи ҷавоб ба он саволи додашуда, ки аз ҷиҳати ҳаҷм – дар бар гирифтани масъалаҳо – ҳамчунин саволи **синтетикӣ**, маҳсуб меёбад, на камтар аз 10-12 дақиқаро фаро хоҳад гирифт.

Инак, дар анҷоми ҷавоби хонандагон ба саволи додашуда муаллим диққати аҳли синфро ба мисолҳои сутуни сеюми таблитса ҷалб намуда, қасдан таъкид мекунад, ки дар ҳақиқат, ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои соддаи баробарҳуқуқ ташкил меёбанду онҳо (ҷумлаҳои содда) бештар бо пайвандакҳои пайвасткунанду ва гоҳо бевосита ба воситаи оҳанги талаффуз ба ҳам алоқаманд мешаванд, ки хели алоқаи ҷумлаҳои соддаи таркиби чунин ҷумлаҳои мураккабро **пайваст**, вале азбаски яке аз ҷумлаҳои содда дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ба дигаре тобеъ асту ин алоқа бештар ба тавассути пайвандакҳои тобеъкунанда ва баъзан танҳо ба воситаи интонатсия ва наздикии мазмуни ҷумлаҳои соддаи таркибашон ба вуқӯъ меоянд, чунин ҷумлаҳо **мураккаби тобеъ** ва алоқаи ҷумлаҳои соддаи таркибашонро **алоқаи тобеъ** меноманд, ки дар ин бобат ҷавобҳои шумо низ қонеъкунанда буданд. Пас саволе меояд: Чӣ гуна ҷумла **ҷумлаи мураккаби омехта** номида мешавад? **Ҷумлаи мураккаби омехта** гуфта чунин ҷумлаҳоро меноманд, ки ҷумлаи соддаи таркибашон на камтар аз се то буда, агар он ҷумлаҳои содда ҳам бо пайвандакҳои пайвасткунанда (масалан, ҷумлаи соддаи якуму дуюм) ҳам ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунанда (ҷумлаи дуюму сеюм) ба ҳам алоқаманд шуда бошанд. Яъне, ҷумлаи мураккабе, ки алоқаи байни ҷумлаҳои соддаи таркиби он ҳам бо роҳи пайвасткунӣ ва ҳам бо роҳи тобеъкунӣ сурат гирифтааст, **ҷумлаи мураккаби омехта** номида мешавад. Чунончи, мисоли якум таркибан аз се ҷумла иборат буда, алоқаи ҷумлаи якум-«Субҳ наздик шуд» ба ҷумлаи дуюм –«Ҳанӯз абри сиёҳе ба сафед шудани рӯз роҳ намедод» ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи **аммо** ба амал омадааст. Вале ҷумлаи сеюм-«Кӯҳистони тоҷикро фаро гирифтааст» ҳамчун ҷумлаи пайрави муайянкунанда бар эзоҳи исми сарҷумла (ҷумлаи дуюм) **абр**, ки мубтадои он (сарҷумла) мебошад, омада, ба он, яъне ба сарҷумла, ба тавассути пайвандаки тобеъкунандаи **ки** алоқаманд гардидааст. Аз ин лиҳоз, ҷумлаи мураккаби мазкурро ва амсоли ин барин

ҷумлаҳоро, ки алоқаи ҷумлаи таркибашон ҳам бо роҳи пайвасткунӣ ва ҳам бо роҳи тобеъкунӣ сурат гирифтааст, **ҷумлаи мураккаби омехта** меноманд. Аз ҷумла, дар мисоли дуюм, ки аз се ҷумлаи содда таркиб ёфтааст, низ алоқаи ҷумлаҳои соддааш бо ду роҳ – байни ҷумлаи якум ва дуюм – «Дар он ҷо Восеъ аз ӯ хоҳиш кард, ки ба аспони ӯ ҳам ҷаву беда андозад» – алоқаи тобеъ буда, воситаи алоқаашон пайвандаки тобеъкунандаи **ки** аст ва байни ҷумлаҳои дуюму сеюм- «ба аспони вай ҳам ҷаву беда андозад ва худаш шитобон ба Сариосиё равон шуд»-алоқаи пайваст буда, ин алоқа ба воситаи пайвандаки пайвасткунандаи **ва** сурат гирифтааст, яъне ин навъи алоқаро дар ин ҷумла низ **алоқаи омехта** ва худи ҷумлаи мазкурро **ҷумлаи мураккаби омехта** меноманд.

Барои аёнӣ шарҳу эзоҳ додани хусусиятҳои маъноию грамматикии ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб лозим аст, ки дарҳол диққати хонандагон ба мисолҳои дар се сутун сабтшудаи таблитсаи (51) мазкур (мумкин аст, ки чунин талбитса ба воситаи кодоскоп ва ё экрани компютер намоиш дода шавад) ҷалб карда шавад:

Таблитсаи 51

Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб		
а) бо ҷумлаҳои пайрави чида	**б) бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа (ё худ пайдарпай)**	**в) бо ҷумлаҳои пайрави ҳархела**
1. Ҳар ҷо ки кор бошад ва хар ҷо ки моро талаб кунанд, ба ҳамон ҷо меравем 2. Ана ҳамин вақт маълум гардид, ки дар хонаи Исфандиёр кафлес нест, коса нест, чумча нест (У.К.)	1. Онҳо медиданд, ки дар кӯчаҳои шаҳр... баъзеҳо кӯшкҳое месозанд, ки ҷилояшон чашмро хира мекунад (Н.И.). 2. Ҷавон ҳис мекард, ки гуфтаҳояш ба гӯши Ибод кора мешуданд, зеро эҳсоси ноҷуриву бекарорӣ аз рангу рӯяш аён буд. (Н.И.).	1. Агар... ин гуна ҳавас дошта бошед, аз ман ба шумо насиҳати оқилона ҳамин аст, ки ин савдоро аз сари худ дур кунед. (С.А). 2. Вақте ки ман машқи аввалини худро ба падарам нишон додам, ӯ таҳсин кард, чунки дар он хатои намоёне набуд. (С.А.).

Чун хонандагон бо мундариҷаи таблитса – қисматҳо ва мисолҳои дар он сабтгардида шиносоии пешакӣ пайдо мекунанд, муаллим ба синф муроҷита мекунад: -Мо аз моҳи сентябр то ба имрӯз, асосан, ба омӯзиш ҷумлаҳои мураккаб машғул будем. Аниқаш, то ба имрӯз дар маҷмӯъ шумо доир ба чанд гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб маълумот гирифтед. Канӣ, кӣ номбар

мекунад? Ин гурӯҳҳои ҷумлаҳои мураккаб дар илми забоншиносӣ бо кадом истилоҳот ном гирифта шудаанд? Ҷавоб: -Мо дар давоми таҳсил, яъне аз моҳи сентябр то ба имрӯз, асосан, доир ба се гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб маълумот гирифтем. Дар илми забоншиносӣ гурӯҳи аввал бо истилоҳи **ҷумлаҳои мураккаби пайваст,** гурӯҳи дуюм бо номи **ҷумлаҳои мураккаби тобеъ** ва гурӯҳи сеюм бо номи **ҷумлаҳои мураккаби омехта** номбар шудаанд.

Муаллим: – Дуруст. Боварӣ ҳаст, ки инчунин шумо аз рӯи муносибатҳои маъноии ба ҳам доштаи ҷумлаҳои соддаашон боз ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо шудани, хусусан, ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъро ҳам медонед. Акнун дар ин дарс мо шуморо бо навъи махсуси ҷумлаҳои мураккаби тобеъ шинос менамоем. Чунон ки медонед, мо ба шумо дар чандин дарси гузашта дар бораи хели дигари ҷумлаҳои мураккаби тобеъ маълумот додем, ки ҳар кадом таркибан аз як сарҷумла ва як ҷумлаи пайрав иборат буданд. Акнун имрӯз шумо дар бораи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ маълумот хоҳед гирифт, ки дар таркибашон ҷумлаи пайрав аз якто зиёд аст, ки дар илми забоншиносӣ ба ин навъи ҷумлаҳо истилоҳи **ҷумлаҳои мураккаби тобеъи сертаркиб**ро мувофиқ донистаанд. Ва чунон ки аз мундариҷаи таблитсаи мазкур пешакӣ мушоҳида намудед, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб дар навбати худ боз ба се гурӯҳ ҷудо карда шудаанд: а) ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави чида; б) ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаи пайрави дараҷа (ё худ пайдарпай); в) ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаи пайрави ҳархела.

Аз ҷумла, мисолҳои дар сутуни якум овардашуда ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертарибе мансубанд, ки дар таркиби ҳар кадоме бар эзоҳи як сарҷумла ду ҷумлаи пайрави якхела оварда шудаанд. Чунончи, дар мисоли якум сарҷумла **«Ба ҳамон ҷо меравем»** буда, ҳар ду ҷумлаи пеш аз он овардашуда пайрави замон мебошанд. Ба ин ҷумлаҳо аз сарҷумла бо саволи «Ба кучо?» муроҷиат карда мешавад, ки ҷавоби ин савол чунин аст: -Ҳар ҷо ки кор бошад ва ҳар ҷо ки моро талаб кунанд.

Хулоса, агар дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бар эзоҳи як сарҷумла ду ё якчанд ҷумлаи пайрави якхела (масалан, ду ҷумлаи пайрави хабар, ё ду ҷумлаи пайрави мубтадо оянд) чунин ҷумларо **ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ҷумлаҳои пайрави чида** меноманд.

Агар дар таркиби чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ҷумлаи пайрави якум бар эзоҳи сарҷумла, вале ҷумлаи пайрави дуюм бар эзоҳи ҷумлаи пайрави аввал ва ҳамин тавр

ҷумлаҳои пайрави дигар пай дар пай бар эзоҳи ҳамдигар омада бошанд, ин навъи ҷумлаи мураккаб **ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ҷумлаҳои пайраваш дараҷа** (ё худ **пайдарпай)** номида мешавад. Чунончи, дар мисоли якум (Онҳо медиданд) сарҷумла буда, бар эзоҳи он ҷумлаи «Дар кӯчаҳои шаҳр баъзеҳо кӯшкҳо месозанд», ки пайрави пуркунанда мебошад, омада хабари сарҷумларо пурра кардааст. Яъне ин тавр: – Онҳо чиро медиданд? Ҷавоб: – Инро, ки дар кӯчаҳои шаҳр баъзеҳо кӯшкҳо месозанд. Вале ҷумлаи пайрави дуюм – «Ҷилояшон чашмро хира мекард» пайрави муайянкунанда буда, он бар эзоҳи пуркунандаи ҷумлаи пайрави якум, ки бо исм (кӯшкҳо) ифода ёфтааст, омадааст. Ба ифодаи дигар, дар мисоли мазкур ҷумлаи дуюм нисбат ба сарҷумла ҷумлаи пайрав асту нисбат ба ҷумлаи пайрави дуюм сарҷумла маҳсуб меёбад, зеро он ҳам ба худ ҷумлаеро тобеъ намудааст. Дар маҷмӯъ мисоли мазкур ҳамчун **ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ҷумлаи пайраваш дараҷа** маънидод мешавад.

Инак, ба мисоли аввали сутуни сеюми таблитса диққат диҳед. Дар ин мисол ҷумлаи «Аз ман ба шумо насиҳати оқилона ҳамин аст» сарҷумла буда, аз он аввал чунин савол дода мешавад: – Ба кадом шарт? Ҷавоб: – Агар ин гуна ҳавас дошта бошед. Чунон ки эҳсос мекунем, ҷумлаи мазкур пайрави шарт аст. Ва боз аз сарҷумла чунин савол додан мумкин аст: - Аз ман ба шумо насиҳати оқилона чӣ аст? Ҷавоб: – Ин аст, ки ин савдоро аз сари худ дур кунед. Яъне ҷумлаи пайрави мазкур – «Ин савдоро аз сари худ дур кунед» – асосан, ба саволи «Чӣ аст?» ҷавоб шуд ва чӣ тавре медонед, ба ин савол ҷумлаҳои пайрави хабар ҷавоб шуда, хабари бо ҷонишини ишоратӣ ифодаёфтаи сарҷумларо эзоҳ медиҳад. Аз ҷумла, дар мисоли мазкур хабари сарҷумла боҷонишини ишорати **ҳамин** ва бандаки хабарии **аст** ифода ёфтааст. Аз ин рӯ, ба пайрави мубтадо будани ҷумлаи соддаи сеюм ягон ҷои шубҳа нест. Ҳамин тавр, ҷумлаи таҳлилкардаи мо дорои як сараъзо буда, онро ду ҷумлаи пайрави гуногун: яке - ҷумлаи пайрави шарт(ҷумлаи якум) дигаре-ҷумлаи пайрави хабар (ҷумлаи сеюм) шарҳ додаанд, ки чунин ҷумларо дар маҷмӯъ **ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ҷумлаҳои пайраваш ҳархела** меноманд.

Пас аз шарҳи ҷумлаи аввали ҳар се сутуни таблитса хонандагон бояд бо талаби муаллим мисолҳои дувуми дар он сутунҳо додашударо мустақилона муоина намуда, аввал, сарҷумла, баъд, ҷумлаи пайрав ва хелҳои онҳоро муқаррар карда, хулосаи охирин бароваранд. Агар талаби гузошташуда дуруст (шояд кӯмаки андаки муаллим низ зарурат пайдо карда

бошад) ба ҷо оварда шавад, натиҷаи умумии он чунин сурат хоҳад гирифт:

а) Мисоли дуюм дар сутуни аввал аз сарҷумла –«Ана ҳамин вақт маълум гардид»-ва се ҷумлаи пайрави мубтадо-«**Дар хонаи Исфандиёр кафлес нест, коса нест, чумча нест**» иборат буда, ба ин ҳар се ҷумлаи пайрав аз сарҷумла чунин савол дода мешавад:-Чӣ маълум гардид?

б) Мисоли дуюм дар сутуни дуюми таблитса аз сарҷумла – «Ҷавон ҳис мекард», як ҷумлаи пайрави пуркунанда-«Гуфтаҳоям ба гӯши Ибод кора мекунанд.»-ки ба эзоҳи он омадааст ва як ҷумлаи пайрави сабаб-«Зеро эҳсоси ноҷӯриву бекарорӣ аз рангу рӯяш аён буд» бар эзоҳи тамоми ҷумлаи пайрави дуюм омадааст.

в) Мисоли дуввуми сутуни сеюми таблитса дорои сарҷумла – «Ӯ таҳсин кард» ва ду ҷумлаи пайрав –яке, ҷумлаи пайрави замон - «Вақте ки ман машқи аввалини худро ба падарам нишон додам» ва дигаре ҷумлаи пайрави сабаб - «Чунки дар он хатои намоёне набуд» буда, ҳар ду ҷумлаи пайрав сарҷумларо аз ҷиҳатҳои гуногун эзоҳ додаанд.

Хулоса, ҳар се мисоли дуюми дар сутунҳо овардашуда мансуб ба ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб буда, яке (дар сутуни якум) ба ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибаи ҷумлаҳои пайраваш чида, дигаре (дар сутуни дуюм) ба ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ҷумлаҳои пайраваш дараҷа ва ҷумлаи охирин (дар сутуни сеюм) ба ҷумлаи мураккаби тобеи ҷумлаҳои пайравашон ҳархела таалуқ доранд.

Ҳангоми мустаҳкамкунии ин ду мавзӯъ – «Ҷумлаҳои мураккаби омехта» ва «Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб» мантиқан дуруст мебуд, дар навбати аввал, агар хонандагон тақлидан бо мисолҳои дар лаҳзаи баёни мавзӯъ мавриди таҳлил қарорёфта ҷумлаҳо тартиб диҳанд. Барои вазифаи хонагӣ бошад супориши машқи 145-и китоби дарсӣ ба мақсад мувофиқ аст.

АДАБИЁТ

1. Алексич А.П. Методика организации педагогического процесса на уроках русского языка. - М.: Госучпедгиз МП РСФСР, 1957.
2. Аминов С. Забони тоҷикӣ (Барои синфи VIII) - Душанбе: Собириён, 2007.
3. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. -Душанбе: Матбааи ВМ ҶТ, 2006.
4. Вопросы преподавания русского языка в восьмилетней школе. - М.: Учпедгиз, 1963.

5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, қ.2. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои содда. - Душанбе: Дониш.1986.
6. Дудников А.В. Методика изучения грамматики в восьмилетней школе.- М.: Просвещение,1977.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис.-Душанбе: Ирфон,1970
8. Маъсуми Н. Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ, қ.2. (Барои синфҳои III-IV-и омӯзишгоҳҳои педагогии ғоибона). – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1949.
9. Маликов Ғ. Дах дарси ҷумлаҳои содда дар синфи VII.//Дар маҷм.: Маҷмуаи мақолаҳои илмию методӣ оид ба таълими забон ва адабиёти тоҷик.-Душанбе, 1973.
10. Маликов Ғ. Таълими ҳол дар синфи VII.// Дар маҷм.: Материалҳо оид ба забони адабии ҳозираи тоҷик,ҷ.90. Серияи филологӣ – Душанбе, 1974.
11. Қурбонов М., Маҳмадов М. Таълими забони тоҷикӣ дар синфи V.- Душанбе: Маориф, 1993.
12. Методическое разработки по русскому языку для V-VIII классов (Пособие для учителей под редакцией С.Г.Бархурдарова).-М.: Госучпедгиз МП РСФСР, 1956.
13. Обучения русскому языку в IX классе.-М.:Просвещение, 2004.
14. Озерская В.П. Система работы по синтаксису и пунктуации в V-VIII классах. – М.: Просвещение, 1964.
15. Озерская В.П. Изучение морфологии на синтаксической основе. - М.: Просвещение, 1978.
16. Основы методи русского языка в средней школе - М.: Просвещение, 1987
17. Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка. - М.:Госучпедгиз, 1955.
18. Рустамов Ш., Каримов А., Аминов С. Забони тоҷикӣ (Барои синфи VII). - Душанбе: Маориф. 1985.
19. Текучёв А.В. Методика русского языка в средней школе.- М.:Просвещение, 1980.
20. Хоҷаев Д., Зикриёев Ф., Муллохонов А. Забони тоҷикӣ (Барои синфи IX) - Душанбе: Собириён, 2007.
21. Хоҷаев Д., Кабиров Ш. Синтаксис ва пунктуация. - Душанбе: Маориф, 1991.
22. Ҳусейнов Х. Қоидаи асосии истеъмоли аломатҳои китобат дар забони тоҷик. –Душанбе: Ирфон, 1966.
23. Ҳусейнов Х. Пунктуацияи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Маориф, 1977.
24. Шербоев С. Асосҳои илмию методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VIII. - Душанбе: Деваштич, 2006.

БОБИ XI. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ИМЛО

Дар тамоми давраи омӯзиши забони тоҷикӣ дар мактаб дар қатори кулли мавзӯъҳои омӯхташаванда таълими имло яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳамешагии он маҳсуб меёбад. Сарфи назар аз он, ки имло, асосан, дар ҷараёни таълими морфология (таркиби калима, калимасозӣ ва ҳиссаҳои нутқ) баррасӣ мегардад, дар ҷараёни таълими фонетика ва калима (луғат), ҳамчунин, дар рафти таълими шарҳи масъалаҳои синтаксисӣ низ ҳаргиз истисно намешавад. Зеро чунон ки проф. Н.С. Поздняков таъкид кардааст, мақсад аз дурустнависиро аз худ намудани хонандагон на аз барои он аст, ки диктантро бехато нависанд, балки фикру андешаҳои худро тариқи хаттӣ босаводонаву аниқ ифода карда тавонанд, то ки онҳоро ба осонӣ ва зуд ҳар як хонанда фаҳмида тавонад.[326] Ба ҳамин мазмун методисти дигари рус акад. А.В. Текучев таъкид кардааст, ки мақсади машғулиятҳои орфографӣ (имлоӣ) дар мактаб иборат аз он аст, ки хонандагон мувофиқи талаботи имло, дурустнависиро на танҳо дар навиштаҷоти фикри мустақилонаи худ, балки ҳангоми навишти матни аз тарафи касе хондашуда ҳам риоя намоянд.[327] Аз ин ваҷҳ, барои ноил шудан ба мақсадҳои мазкур, пеш аз ҳама, лозим аст, ки ҳангоми таълими масъалаҳои марбути имло бояд принсипҳои он (фонетикӣ, морфологӣ ва таърихӣ-анъанавӣ) дар мадди назар бошад. Дар ин бобат бояд дар назар дошт, ки қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ чун дар забони русӣ бештар ба **принсипи морфологӣ** [328] такя мекунад.

Бояд гуфт, ки хатоҳои имлоии хонандагон вобаста ба хусусиятҳояшон гуногун буда, онҳоро дар маҷмӯъ ба гурӯҳи **хатоҳои дағал** ва **саҳл** ҷудо намудан мумкин аст. Хусусан, барҳам задани баъзеи онҳо, ки дар корҳои хаттии хонандагон зуд-зуд мушоҳида мешаванд, аз муаллимон меҳнату маҳорати методӣ, истифодаи усулҳо ва машқҳои гуногунро талаб менамоянд аз хонандагон матонат ва вақти зиёдро. Вале чунон ки проф. Н.С. Поздняков огоҳонидааст, парвариданн малакаҳои имлоӣ барои хонандагон аҳамияти калони амалӣ ва ҷамъиятиро доро хоҳад

---

[326] Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 175 – 176.

[327] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 232.

[328] Ҳамон ҷо, с. 232; Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 182.

буд. Лозим аст, ки ҳамин нукта ба ҳар як хонанда талқин карда шавад. Зеро фахмидани дорои аҳамияти ҳаётӣ будани имло (дурустнависӣ) ба хонандагон қувваи иловагӣ мебахшад ва онҳо мушкилоти дар ин роҳ бударо зуд ва ба осонӣ барҳам хоҳанд зад.[329]

Чунон ки аз мушоҳидаҳо дар таҷрибаи кории муаллимон бармеояд, хатоҳои имлоии хонандагон бештар дар имлои **и** ва **й**-и заданок, овозҳои **у** ва **ӯ**, дар имлои овозҳои **б, п,** д, т дар калимаҳо пас аз ин ё он ҳамсадо, имлои калимаҳои овозҳои ташдиддор, калимаҳои мураккабу таркибӣ, дар гузаронидани ҳиҷои калима ба сатри дигар ва ғ. рух медиҳанд, ки аслан, чунин хатоҳо ба ҷумлаи хатоҳои типикӣ ё худ маъмулу паҳншудаи хонандагон дониста мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки сабабҳои содир шудани хатоҳои имлоии хонанда гуногунанд. Чунончи: а) қоидаро намедонад; б) қоидаро медонад, аммо дар амал татбиқ карда наметавонад; в) маънои калимаи навиштаистодаашро намефаҳмад; г) саросемаю парешонҳол аст; д) калимаҳоро нодуруст талаффуз мекунад ва ҳамон тавр менависад; ва ғ.

Гуфтан ҷоиз аст, ки аз тарафи методистони рус баҳри барҳам додани хатоҳои имлоӣ ва ҳам типикии хонандагон принсипҳои оқилонаи малакаҳои азхудкунии имло ё худ дурусту бехатонависии калимаву таркибҳо муқаррар карда шудаанд, вале ба назари мо, яке аз асоситарини онҳо **принсипи бошуурона ба роҳ мондани таълими имло** ба шумор меравад[330], ки тафсири он аз тарафи акад. А.В. Текучев ба таври зайл омадааст: «Навиштаҷоти бошуурона он аст, ки ҳангоми иҷрои он талаба барои дуруст ба рӯи коғаз овардани мазмун фикре, ки бояд ба хонанда расонда шавад (дар як вақт – С.Ш.), ҳам барои интихоби калимаҳову пайдарҳамии фикр ҳангоми баёни далелҳо ва ҳам барои саҳеҳу дақиқии ҳар он чизи менавиштагиаш кӯшиш мекунад. Ҳамчунин, навиштаҷоти бошуурона оне номида мешавад, ки ҳангоми иншои он хонанда диққати асосиро на ба мазмуни навиштаҳояш, балки аз нуқтаи назари талаботи умумии қабулшуда ба дурустии тарзи навишти хат (имлои калимаҳо. – С.Ш.) равона сохта… дар сурати дар худ эҳсос намудани нобоварие (дар навишти имлои калимае.

---

[329] Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка. с. 176.
[330] Ниг.: Ҳамон ҷо, с. 181.

– С.Ш.) ба қоидаҳои имло мурочиат менамояд, то ки навишти мувофиқ интихоб карда шавад»[331]

Аммо таълими имло ва бошуурона аз бар намудани ҳар як нуктаи ба нозукии ҷои навишти калимаву таркибҳо таалluқдоштаро аз бар намудан ё худ ба хотир гирифтан танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки агар ҳар он нуктаи ба имло дахлдор дар асоси **қоидае** ва зиёда аз ин дар заминаи мисолҳои барҷаста баррасӣ гардида бошад. Барои ин, пеш аз ҳама, талаб карда мешавад, ки қоидаҳо бояд мухтасар, фаҳмову боварибахш ва осону хотирмон мураттаб шуда бошанд.[332] Шарти дигари зуд ташаккул ёфтани малакаҳои имлоӣ дар хонандагон ба қувваи босира ё худ бинишу ҳаракати дастони ҳар яки онон ҳам вобастагии қавӣ дорад, ки ин нукта хулосаи умумии психологҳову педагогҳост.[333] Ниҳоят, барои азхудкунии имло ё худ тарбияи малакаҳои имлоӣ дар хонандагон, сараввал, ба интихоби маводи (масолеҳи) барои таҳлил ва таълими имло интихобшуда ва баъдан, ба ҳолати нишасти онҳо ҳангоми навишт, сифат ва ҳолати воситаҳои таълим, аз қабили ручкаву перо, дафтар, тозагии муҳити синф, бӯрҳои гуногун – ҳама гаъсири мусбати худро хоҳанд расонд.[334]

Аммо акад. А.В. Текучев дар бобати шартҳои асосии аз бар намудани малакаҳои имлоӣ бартарии аввалро дар навиштаҷоти одамоне мебинад, ки агар онҳо қоидаҳои имлоро хуб аз худ карда бошанду амалан ҳам ба маврид истифода карда метавонанд. Дар ин бобат ӯ чунин нуқтаи назар дорад: «Одами, дар ҳақиқат, босавод аз одами дорои маълумоти системанок набуда бо он ҳам фарқ мекунад, ки ӯ дар ҳамаи лаҳзаҳо (ҳангоми навишт. – С.Ш.) ба тавассути донишҳои грамматикиву имлоии хеш худро идора карда метавонад».[335]

Инак, чунон ки таъкид гардида буд, азхудкунии имлои калима ва таркибҳои гуногун, сараввал, дар заминаи шарҳи

---

[331] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 235-236.

[332] Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 185.

[333] Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 187. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 242.

[334] Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 188, 190.

[335] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 239-240.

имлои мисолҳои барҷастае, ки аз тарафи муаллим барои баёни мавзӯи нав (ҳангоми таълими фаслу бобҳои морфология, инчунин фонетика ва лексика) интихоб намудааст ва албатта дар ҷараёни иҷрои машқу супоришҳое, ки бо талаби ӯ хонандагон ба субут мерасонанд, ба роҳ монда мешавад. Дар бобати иҷрои машқу супоришҳои имлоӣ ҳаминро гуфтан ҷоиз аст, ки ҳама гуна хелу намудҳои онҳо, асосан, аз синфи V сар карда метавонанд дар ҳамаи синфҳои баъдина маврид ба маврид, вале дар синфҳои болоӣ аз рӯи зарурат, дар маркази диққати муаллиму хонандагон қарор дошта бошанд. Мақсади ниҳоии чунин машқу супоришҳои имлоӣ дар маҷмӯъ ин аст, ки хонандагон тадриҷан бояд корҳои хаттии мусаҳҳилонаву эҷодии худро босаводона иншо карда метавонистагӣ шаванд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади дар хонандагон ташаккул додани тарзи дурустнависии калима ва таркибҳое, ки ҳангоми навишт дар имлои онҳо ба хатогиҳои гуногун роҳ доданашон аксар масъалаи бебаҳс аст, иҷро намудани талаби машқу супоришҳои зеринро ба роҳ мондан боиси тадриҷан дар онҳо тарбия ёфтани малакаҳои имлоӣ, аз ҷумла, дар навишти калимаву таркибҳои имлояшон душвор ҳам пайдо хоҳад шуд. Чунончи: 1.**Рӯбардоркунӣ** (калима, таркиб, ибора, ҷумла, ва матн), ки дар навбати худ ду хел - **оддӣ** ва **эҷодӣ** мешавад. Хусусан, **рубардоркунии оддӣ** бештар дар синфҳои ибтидоӣ гузаронда мешавад. Он як навъи машқи ба тавассути қувваи биноӣ огоҳкунандаи хонандагон бо мақсади ба хатонависӣ роҳ надоданашон ҳангоми иншои ҳама гуна калима ва орфограммаҳо* буда, ба тавассути он дар онҳо бодиққатӣ, серҳаракатии панҷаҳои даст ва қувваи ҳофизаи чашмашон инкишоф дода мешавад. Яъне агар чашмони хонандагон шаклу намуди ҳар як калимаи рӯбардор мекардагиашонро бо тамоми ҷузъиёти дар таркибаш буда (овозу ҳарфҳо, бо ҳарфи калон ё хурд навишта шудан, ҷудо ё якҷоя навишта шудан, ташдиддор будан ё набудан ва ғ.)-ро дақиқу равшан дида тавонанд, он калима дар хотирашон бо ҳамон шаклу сохташ нақш баста, дар сурати талаффузи онро аз

---

* **Эзоҳ: Орфограмма** ҳамон қисмати калима аст, ки маҳз дар навишти ҳамон қисмат хато содир намудани хонандагон (ё худ, умуман, шахс) аз гумон дур нест.Ниг.: Львов М.Р. Словарь- справочник по методике русского языка. – М.: Просвещение, 1988, с. 130 – 131.

забони шахси дигар (муаллим) шунидан гумони комил аст, ки аксар бехато менавистагӣ мешаванд.

Рӯбардоркунии оддӣ, яъне матнро бе ягон тағйирдиҳӣ рӯбардор кардан, ҳамчун машқ, дар таҷрибаи муаллимони синфҳои V – VI нисбати баланд бардоштани фаъолияти дурустнависии хонандагоне ҳам истифода мешавад, ки на танҳо дар навишти орфограммаҳо, ҳатто дар навишти баъзан калимаҳои оддӣ ҳам ба хато роҳ медиҳанд. Дар ин бобат ҳатто, барои он ки минбаъд хонанда дар навиштани калимаҳо ба хато роҳ надиҳад, нроф. Ф.И. Буслаев чанд бор рӯбардор намудани айни як матнро ҳам тавсия намудааст.[336]

Бар хилофи рӯбардоркунии оддӣ ҳангоми **рӯбардоркунии эҷодӣ** масъулиятшиносии хонанда бештар талаб карда мешавад. Дар ин маврид бодиққатӣ ва фаъолияти бошууронаи хонанда зиёда дар мадди аввал меистад: бояд хонандагон ҳангоми рӯбардоркунии ҳар гуна воҳидҳои забон (калима, таркиб, ибора, ҷумла ва матн), мувофиқи талаби машқ ва сунориши додаи муаллим, аз худ ба он воҳидҳо тағйироте (калимаҳои соддаро ба сохта ва калимаҳои мураккабро ба таркибӣ баргардондан, иваз намудани ин ё он ҷузъи таркибҳо, бехато навиштани калимаҳои нодуруст навишташуда, ба ибораи мураккаб табдил додани ибораҳои содда, ба тафсилӣ баргардондани ҷумлаҳои хуллас, сохтани ҷумлаҳои мураккаб аз ҷуфти ҷумлаҳои содда, табдил додани ҷумлаи мураккаби пайваст ба ҷумлаи мураккаби тобеъ ва баръакс, навиштани мазмуни мухтасари матн ва ғ.) ворид намоянд, ки ҳатман ичрои чунин машқу супоришҳо баҳри ба кор даровардани фаъолияти гуногунҷабҳаи ҳар як хонанда таккони умедбахше гардида, зина ба зина, мувофиқи талаботи меъёрӣ, ичро гардидани ҳар кадоме аз баҳри баланд бардоштани на танҳо малакаҳои имлоии хонандагон, балки дар инкишоф додани нутқи мураттаби ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттии хонандагон мусоидат хоҳанд кард.*

2. **Супоришҳои имлоӣ** (орфографӣ). Бо талаби машқҳои китоби дарсӣ ё худ супоришҳои муаллим марбут ба орфограмм-

---

336 Ниг.: Буслаев Ф.И. О преподавании отечественного языка, 1867, с. 184.

* **Таъкид** Дар бораи рӯбардоркунии эҷодӣ ҳамчунин нигаред: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 253 - 255.

маҳои омӯхташаванда (имлои **у** ва **ӯ**, **и** ва **ӣ**-и заданок, калимаҳои овозҳои ташдиддор, номҳои хоси таркибӣ, мавридҳои дар нохунак навиштани исмҳои хос, марбут ба мавридҳои бо калима якҷоя ё ҷудо навиштани морфемаҳои **ба, бо, дар, то , боз, бар** ва ғ.) аз худ навиштан ва ё ҷамъоварӣ намудану шарҳ додани мисолҳое, ки аз матнҳои гуногуни бадеӣ ва илмию публисистӣ интихоб карда шудаанд.

3. **Таҳлили орфографӣ.** Чунин таҳлил бештар дар ҷараёни таълими грамматика (бештар дар ҷараёни таълими морфология) ва дар алоқамандӣ бо ҳамин усули машқ[337] бо мақсади мустаҳкам намудани малакаҳои хонандагон дар ҷараёни шинохти сохту таркиби калима, ибора, ҷумла, матн ва ниҳоят бо мақсади муқаррар намудани орфограммаҳои дар ин воҳидҳои забон мавҷуда ташкил карда мешавад: дар ҷараёни таҳлил ба зери орфограммаҳо хат кашида шуда, сабаби ҳамон тарзи навишти онҳо дар асоси қоидае таъкид карда мешавад ва агар ба қоидае дахлдор набошад, таъкид карда мешавад, то ки тарзи навишти он калима (бо усули ду-се бор такроран талаффуз кардану навиштан ба дафтар) дақиқ ба хотир гирифта шавад.

4. **Кор бо луғати имло** (орфографӣ). Бо луғати имло (ҳамчунин, луғатҳои тафсириву дузабона) кор кардан ё худ аз он истифода бурда тавонистанро ба хонандагон, ақаллан, аз синфи V ёд додан лозим аст. Аз ин луғат онҳо бо супориши муаллим доир ба орфограммаҳои мавриди назар (чи дар синф ва чи дар хона, агар чунин луғат мавҷуд бошад) мисолҳои мувофикро интихобан ба дафтарашон менависанду тарзи навишти онҳоро ба хотир мегиранд ва худ дар мавриди зарурӣ бо мақсади бехато навиштани калимаҳое, ки дар тариқи дурусту бехато навиштанашон шубҳа доранд, муроҷиат хоҳанд кард.

5. **Хониши буррову ифоданок.** Аксари методистон дар баланд бардоштани малакаҳои имлоии хонандагон мақоми махсус доштани хониши буррову ифоданокро таъкид намудаанд: агар дар хонанда малакаи буррову ифоданок ва ҳам фаҳмидаву бехато қироат кардани ҳар гуна матн (калима, таркибу ибораҳо, хели ҷумлаҳои гуногун ва ниҳоят, матни ба ҳам алоқаманд) тарбия

---

[337] Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 191. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 246.

ёфта бошад, чунин хонанда навиштаҷоти худро, хусусан, навишти калимаҳои дорои ин ё он орфограмма бударо босаводона ё худ бехато баррасӣ карда метавонад. Аз ин хотир, яке аз вазифаҳои муқаддаси муаллимон ин аст, ки дар қалби шогирдон ҳар чӣ бештар меҳри хондан (хондани асарҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо) ва дар ҷомеа аҳамияти оммавию ҳаётӣ доштани онро барои ҳар як шахс на танҳо талқин намоянд, балки дар ин роҳ ба натиҷаҳои дилхоҳ ҳам ноил шуда тавонанд. Дар ин бобат ҳақ ба ҷониби проф. Н.С. Поздняков аст, ки ӯ инкишофи қобилияти зеҳнии хонандагонро ба хониши ҳамешагӣ ва маданияти қироати онҳо марбут дониста, таъкид намудааст, ки маҳз онҳо малакаҳои орфографиро ҳам ба вуҷуд оварда метавонанд.[338] Ниҳоят, набояд фаромӯш кард, ки барои хонанда дар бобати хониши буррову ифоданок ҳамеша намунаи ибрат, пеш аз ҳама, муаллим мебошаду бас.

Ҳаминро ҳам донистан лозим аст, ки системаи машқҳои дар фавқ зикршуда бояд тавре ба иҷро расонда шаванд, ки натиҷаи ҳар кадоме тадриҷан барои баланд бардоштани маҳорату малакаҳои имлоии хонандагон мусоидат намуда, нақши онҳо, хусусан, дар иншои корҳои мустақилона ва ё эҷодкоронаашон ҳам эҳсос карда шавад. Аз ин ваҷҳ, боз яке аз намудҳои машқе, ки зимни, мувофиқи талаботи методиву меъёрӣ, ташкил намудан ва гузаронидани он ҳам дар хонандагон малакаҳои имлоиро дар навишти орфограммаҳои гуногун ташаккул медиҳаду ҳам сатҳи донишу малакаҳои имлоии онҳоро муайян менамояд, **диктант** ва хелҳои он маҳсуб меёбад, ки дар зер фасли навбатии кор ба ҳамин масъала бахшида мешавад.

§ 75. Диктант* ва хелҳои он

Диктант – ин аз забони шахси дигар, масалан, муаллим шунида истода, навиштани матни пурра (ё худ калима, таркиб,

---

[338]Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 191.

* **Диктант** аз калимаи юнонии dictate диктейт гирифта шуда, дар забони тоҷикӣ маъноӣ бо овози баланд тарзе **дикта** ё худ **талаффуз кардани** чизе (калима, ибора ва ҷумлае. – С.Ш.) –ро, ки шунаванда навишта тавонад, ифода мекунад.Ниг.: Словарь иностранных слов. –М. Русский язык, 1984, с. 168.

ибора ва ҷумла) мебошад[339]. Он ҳамчун як навъи машқи имлоӣ дар мактаб аз синфҳои ибтидоӣ сар карда, то давраи хатми мактаби таҳсилоти умумии миёна бо мақсади омӯзонидану таълим додани орфограммаҳои гуногун, мустаҳкам намудани он донишу малакаҳои орфографӣ ва ниҳоят, санҷиши натиҷаҳои донишу малакаҳои доир ба имло (ҳамчунин, малакаҳои доир ба истифодаи аломатҳои китобат- пунктуатсия), яъне орфография гирифтаи хонандагон таъсис дода, ё худ гузаронда мешавад. Аз ин рӯ, диктант аз рӯи мазмун, мақсад ва вазифаҳои гузаронда шуданаш, пеш аз ҳама, ба ду гурӯҳ - **таълимӣ** ва **санҷишӣ** ва дар навбати худ **диктанти таълимӣ** боз ба хелҳои зерин ҷудо карда шудааст: огоҳӣ, луғат, интихобӣ, эҷодӣ, эзоҳӣ (шарҳдиҳӣ) ва диктанти «худамро месанҷам».[340]

Таъкид бояд намуд, ки мақсаду вазифаи ҳамаи диктантҳо (Ниг. ба сархати фавқ) қариб як хел буда, асосан, ба мустаҳкам кунондан ва ё санҷидани дониш ва маҳорату малакаҳои, умуман, аз забон ҳосилнамудаи хонандагон нигаронида шудаанд. Диктант ба ифодаи дигар, як навъ машқи мустақилона (ва ҳам эҷодкорона)-и хонандагон аст, ки онҳо ба тавассути он дониш, маҳорат ва малакаи худро месанҷанду намоиш медиҳанд. Барои ҳамин ҳам, ҳар як хели диктант на танҳо мувофиқи мавзӯъ, балки мутобиқи синну сол ва лаёқати донишҳосилкунии хонандагон гузаронида мешавад, ки ҳамзамон дар ин бобат талаб карда мешавад, ки ташкил ва баррасии ҳар як хели диктантро (аз ҷумла, усули ташкил ва гузарондани нақли хаттиву иншоро ҳам) бояд худи муаллими забон ва адабиёт дақиқ донаду равшан тасаввур намояд. Ба ҳамин хотир, мо дар зер тафсири ҳар кадоме аз хелҳои диктантро ҳам пешниҳод менамоем.

---

[339] Ниг.: Ожегов С.И. *Словарь* русского языка – М.: Русский язык, 1984, с.142.

[340] Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 196 -202; Чистяков В.М. Методика преподавания русского языка в таджикской школе, с. 263 -268; Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 255-270; Тағоев Ш., Мирзоев А. Маҷмӯаи диктант ва нақли хаттӣ.-Душанбе, Маориф, 1989, с. 5-18.

§ 76. Диктантҳои таълимӣ

1. Диктанти огоҳӣ. Чунон ки аз номаш бармеояд, пеш аз гузарондани чунин диктант, то ин ки хонандагон ҳаҷми қироати матни дикташаванда дар навиштани баъзе калимаву таркибҳо ба хато роҳ надиҳанд, пешакӣ огоҳонида мешаванд, яъне диққати аҳли синф маҳз ба ҳамон таркибу калимаҳо ҷалб карда мешавад, ки дар навишташон хато содир кардани онҳо аз эҳтимол дур нест.

Чунин навъи диктант, яъне диктанти огоҳӣ, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва тарзи гузаронида шуданаш ду хел мешавад: **таъкидӣ** ва **биноӣ**. Диктанти таъкидӣ ду тарзи гузаронидан дорад: [341]

а) Аз матни диктант ҳар як ҷумла қироат ва дарҳол аз он орфограммаҳо, яъне калимаҳои тарзи навишташон ё худ имлояшон барои хонандагон душвор шарҳ дода ва ё таъкид карда мешавад. Фарз кардем, ки дар ҷумла **муаллим**, **муваффақият**, **диққат** барин калимаҳо бошанд, муаллим таъкид мекунад, ки дар таркиби калимаи **муаллим** дар як ҷо ду ҳарфи л (лл), дар калимаи **муваффақият** ду **ф** (фф) ва дар **диққат** ду **қ** (ққ) навишта мешавад. Пас аз ин ҷумла мувофиқи талабот дикта карда мешаваду хонандагон онро аз забони муаллим шунида, хусусан, тарзи навишти калимаҳои махсус таъкидшударо ба хотир оварда, менависанд. Ва бо ҳамин тарзи боло ҳар ҷумлаи баъдинаи матни диктанти мазкур аввал, қироат, сониян, орфограммаҳояш шарҳ дода шуда, баъд дикта карда мешавад, то ки аз тарафи хонандагон навишта шавад.

Гуфтан ҷоиз аст, ин навъи диктант бештар дар синфҳои ибтидоӣ ва бо мақсади инкишоф додани хотираи хонандагон дар тӯли аз 5-6 то 10-15 дақиқа гузаронида мешавад.

б) Тарзи дуюми гузаронидани диктанти огоҳии таъкидӣ, аслан, ба навъи якуми он шабоҳат дорад. Фарқи асосӣ дар он аст, ки акнун орфограммаҳо на дар ҳар ҷумла алоҳида-алоҳида, балки дар маҷмӯъ шарҳ дода мешаванд. Яъне, аввал, матни диктант пурра қироат карда шуда, баъд имлои калимаҳои дорои орфограммаҳои гуногун шарҳ дода шуда, сонӣ, матн ҷумла ба ҷумла дикта карда мешавад. Акнун ба хонандагон лозим аст, ки

---

[341]Ниг.: Чистяков В.М. Методика преподавания русского языка в таджикской школе, с. 264- 265

дар лаҳзаи иншои чунин диктант орфограммаҳои дар чандин ҷумла (се-чор ҷумлаи на чандон тафсилӣ) таъкидкардашударо ба хотир оварда, нависанд.

Гузаронидани чунин навъи диктант, яъне хели дуюми диктанти огоҳии таъкидӣ, зиёда дар синфҳои V-VII ҳангоми таълими мавзӯъҳои таркибии фаслҳои «Фонетика», «Калима» (луғат) ва фаслу бобҳои «Морфология» тавсия дода мешавад.

Диктанти биноӣ низ бо мақсади дар хонандагон инкишоф додани **хотира** гузаронида мешавад. Аммо дар лаҳзаи ташкилу гузаронидани хели мазкури диктант **қувваи биноӣ** (босира)-и хонандагон чун дар лаҳзаи рӯбардоркунии озод низ баҳри ба хотир гирифтани орфограммаҳо мақоми махсусро доро буда метавонад.

Тарзи ташкил ва гузаронидани диктанти биноӣ чунин аст: Матни диктант пешакӣ ба тахтаи синф навишта мешавад. Муаллим пеш аз қироат намудани он тарзи навишти ҳар як калимаву таркиби дорои ин ё он орфограмма бударо таъкид намуда, қоидаҳои ба баъзеи он орфограммаҳо хосбударо хотиррасон мекунад ва ё аз хонандагон мепурсад. Ва пас аз он ки хонандагон зимни таҳлилу шарҳи муаллим ва мушоҳидаи шахсии худ, ки ба дурусту бехато навиштани орфограммаҳои дар мадди назар буда дар худ боварӣ ҳосил менамоянд, муаллим болои матни мазкурро бо пардае пӯшида, айнан ҳамон матнро аз дафтари худ (ва ё аз китобе, ки он матнро интихоб намудааст) дикта менамояд. Ва чун матни диктант ба охир мерасад, боз парда аз рӯи доска бардошта мешавад, то ки хонандагон диктанти навиштаи худро бо матни тахтаи синф муқоиса намуда, дуруст ё нодуруст навишта шудани орфограммаҳои дар мадди назар бударо санҷанд ва албатта, хатоҳои ҷойдоштаро ислоҳ кунанд, ки ин кор ҳам амали бошуурона хоҳад буд.

Тарзи дигар ва ҳам бо сарфакоронаи вақт гузарондани диктанти биноӣ чунин аст: Хонандагон бо супориши муаллим матни машқеро, ки ӯ пешакӣ аз китоби дарсӣ интихоб намудааст, бо диққат мутолиа намуда, худ ва ё бо таъкиди муаллим орфограммаҳои дар он мавҷударо ба мушоҳида гирифта, баъзе қоидаҳои дахлдорро ба хотир меоранд ва ё аз забони муаллим шунида, сониян, китобҳоро мепӯшанду ҳангоми айни ҳамин матнро ҷумла ба ҷумла дикта кардани муаллим менависанду боз аз дигар китобҳоро кушода, матни навиштаи худро бо матни китоби дарсӣ муқоиса мекунанд.

Дар маҷмӯъ, азбаски пеш аз навиштани ин хели диктант хонандагон матни онро мебинанду қироат намуда, орфограммаҳои асосиро ба хотир гирифта, ба иншои дурусти онҳо боварии қаблӣ пайдо мекунанд, ба чунин диктант **диктанти биной** номгузорӣ карда шудааст.

2. **Диктанти интихобӣ**. Дар қиёс бо диктантҳои дигар ҳангоми гузаронидани диктанти интихобӣ аз хонанда навиштани тамоми матн (калима, таркибу ибора ва ё ҷумлаҳои гуногун) талаб карда намешавад: хонандагон бо супориши муаллим аз матни дикташаванда танҳо калима, ибора ва ё ҷумлаҳоеро менависанд, ки дорои орфограммаҳои дар соати охир ва ё чанд вақт пеш омӯхташуда бошанд. Чунончи, аз маҷмӯи калимаҳои дикташаванда интихобан навиштани танҳо калимаҳое, ки овози у ё ӯ ё худ ҳам у ва ҳам ӯ доранд, аз қабили: гул, гӯл, кул, кӯл, сум, сӯм, бур, бӯр, булӯр, дурӯғ, дурӯя, дӯхгудӯз, кӯпрук, кулӯла, кулух ва ғ.

Аз ин навъи диктант барои дониши умумии назариявию амалии хонандагонро санҷидан ҳам истифода намудан мувофиқи мақсад дониста мешавад. Чунончи, аз матни дикташаванда бо супориши муаллим навиштани танҳо калимаҳои синонимию антоним, танҳо калимаҳои содда ё мураккаб, ё танҳо ҷумлаҳои яктаркиба ё дутаркиба, танҳо яке аз хели ҷумлаҳои яктаркиба, танҳо ҷумлаҳои хабарӣ (саволӣ ва ё амрӣ), танҳо ҷумлаҳои дорои хабарҳои феълӣ ё номӣ буда, танҳо яке аз хелҳои ҷумлаи мураккаби пайваст, ҷумлаи мураккаби тобеъ танҳо бо яке аз хели ҷумлаҳои пайрав (масалан, бо ҷумлаи пайрави пуркунанда) ва ғ. ба хусусияти диктанти интихобӣ пурра мувофиқат мекунанд.

Диктанти интихобӣ як навъ машқи таълимиест, ки ҳангоми ба ҷо овардани талаботи он фаъолияти гуногунҷабҳаи қобилияти фикрии ҳар як хонанда – донишу маҳорату малакаи аз забони модарӣ андӯхтаи ӯ ҳамзамон, бо қобилиятҳои психологияш (хотира, диққат, ирода) бо як хисси масъулиятшиносӣ ба кор даровардa мешаванд.

3. **Диктанти озод** – навъест аз кори хаттии мустақилонаи хонандагон, ки аз рӯи тарзи ба ичро расонда шуданаш то андозае ба нақли хаттӣ шабоҳат дорад ва аз ин лиҳоз, баҳри баланд бардоштани нутқи мураттаби онҳо мусоидат ҳам менамояд.

Тарзи гузаронидани диктанти озод чунин аст: муаллим матне, ки аз се-чор сархат иборат буда, аз ҷиҳати мазмуну мундарича, тарзи баён ва фаро гирифтани миқдори муайяни

дар лаҳзаи иншои чунин диктант орфограммаҳои дар чандин чумла (се-чор чумлаи на чандон тафсилӣ) таъкидкардашударо ба хотир оварда, нависанд.

Гузаронидани чунин навъи диктант, яъне хели дуюми диктанти огоҳии таъкидӣ, зиёда дар синфҳои V-VII ҳангоми таълими мавзӯъҳои таркибии фаслҳои «Фонетика», «Калима» (луғат) ва фаслу бобҳои «Морфология» тавсия дода мешавад.

Диктанти биной низ бо мақсади дар хонандагон инкишоф додани **хотира** гузаронида мешавад. Аммо дар лаҳзаи ташкилу гузаронидани хели мазкури диктант **қувваи биной** (босира)-и хонандагон чун дар лаҳзаи рӯбардоркунии озод низ баҳри ба хотир гирифтани орфограммаҳо мақоми махсусро доро буда метавонад.

Тарзи ташкил ва гузаронидани диктанти биной чунин аст: Матни диктант пешакӣ ба тахтаи синф навишта мешавад. Муаллим пеш аз қироат намудани он тарзи навишти ҳар як калимаву таркиби дорои ин ё он орфограмма бударо таъкид намуда, қоидаҳои ба баъзеи он орфограммаҳо хосбударо хотиррасон мекунад ва ё аз хонандагон мепурсад. Ва пас аз он ки хонандагон зимни таҳлилу шарҳи муаллим ва мушоҳидаи шахсии худ, ки ба дурусту бехато навиштани орфограммаҳои дар мадди назар буда дар худ боварӣ ҳосил менамоянд, муаллим болои матни мазкурро бо пардае пӯшида, айнан ҳамон матнро аз дафтари худ (ва ё аз китобе, ки он матнро интихоб намудааст) дикта менамояд. Ва чун матни диктант ба охир мерасад, боз парда аз рӯи доска бардошта мешавад, то ки хонандагон диктанти навиштаи худро бо матни тахтаи синф муқоиса намуда, дуруст ё нодуруст навишта шудани орфограммаҳои дар мадди назар бударо санҷанд ва албатта, хатоҳои ҷойдоштаро ислоҳ кунанд, ки ин кор ҳам амали бошуурона хоҳад буд.

Тарзи дигар ва ҳам бо сарфакоронаи вақт гузарондани диктанти биной чунин аст: Хонандагон бо супориши муаллим матни машқеро, ки ӯ пешакӣ аз китоби дарсӣ интихоб намудааст, бо диққат мутолиа намуда, худ ва ё бо таъкиди муаллим орфограммаҳои дар он мавҷударо ба мушоҳида гирифта, баъзе қоидаҳои дахлдорро ба хотир меоранд ва ё аз забони муаллим шунида, сониян, китобҳоро мепӯшанду ҳангоми айни ҳамин матнро чумла ба чумла дикта кардани муаллим менависанду боз аз дигар китобҳоро кушода, матни навиштаи худро бо матни китоби дарсӣ муқоиса мекунанд.

Дар маҷмӯъ, азбаски пеш аз навиштани ин хели диктант хонандагон матни онро мебинанду қироат намуда, орфограммаҳои асосиро ба хотир гирифта, ба иншои дурусти онҳо боварии қаблӣ пайдо мекунанд, ба чунин диктант **диктанти биной** номгузорӣ карда шудааст.

2. **Диктанти интихобӣ**. Дар қиёс бо диктантҳои дигар ҳангоми гузаронидани диктанти интихобӣ аз хонанда навиштани тамоми матн (калима, таркибу ибора ва ё ҷумлаҳои гуногун) талаб карда намешавад: хонандагон бо супориши муаллим аз матни дикташаванда танҳо калима, ибора ва ё ҷумлаҳоеро менависанд, ки дорои орфограммаҳои дар соати охир ва ё чанд вақт пеш омӯхташуда бошанд. Чунончи, аз маҷмӯи калимаҳои дикташаванда интихобан навиштани танҳо калимаҳое, ки овози у ё ӯ ё худ ҳам у ва ҳам ӯ доранд, аз қабили: гул, гӯл, кул, кӯл, сум, сӯм, бур, бӯр, булӯр, дурӯғ, дурӯя, дӯхтудӯз, кӯпрук, кулӯла, кулӯх ва ғ.

Аз ин навъи диктант барои дониши умумии назариявию амалии хонандагонро санҷидан ҳам истифода намудан мувофиқи мақсад дониста мешавад. Чунончи, аз матни дикташаванда бо супориши муаллим навиштани танҳо калимаҳои синонимию антоним, танҳо калимаҳои содда ё мураккаб, ё танҳо ҷумлаҳои яктаркиба ё дутаркиба, танҳо яке аз хели ҷумлаҳои яктаркиба, танҳо ҷумлаҳои хабарӣ (саволӣ ва ё амрӣ), танҳо ҷумлаҳои дорои хабарҳои феълӣ ё номӣ буда, танҳо яке аз хелҳои ҷумлаи мураккаби пайваст, ҷумлаи мураккаби тобеъ танҳо бо яке аз хели ҷумлаҳои пайрав (масалан, бо ҷумлаи пайрави пуркунанда) ва ғ. ба хусусияти диктанти интихобӣ пурра мувофиқат мекунанд.

Диктанти интихобӣ як навъ машқи таълимиест, ки ҳангоми ба ҷо овардани талаботи он фаъолияти гуногунҷабҳаи қобилияти фикрии ҳар як хонанда – донишу маҳорату малакаи аз забони модарӣ андӯхтаи ӯ ҳамзамон, бо қобилиятҳои психологияш (хотира, диққат, ирода) бо як ҳисси масъулиятшиносӣ ба кор даровардa мешаванд.

3. **Диктанти озод** – навъест аз кори хаттии мустақилонаи хонандагон, ки аз рӯи тарзи ба ичро расонда шуданаш то андозае ба нақли хаттӣ шабоҳат дорад ва аз ин лиҳоз, баҳри баланд бардоштани нутқи мураттаби онҳо мусоидат ҳам менамояд.

Тарзи гузаронидани диктанти озод чунин аст: муаллим матне, ки аз се-чор сархат иборат буда, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, тарзи баён ва фаро гирифтани миқдори муайяни

орфограммаҳои омӯхташуда ҷавобгӯи меъёри талабот ва синну соли хонандагон бошад, пешакӣ аз китоби бадеӣ (мумкин аз услуби публисистӣ бошад) интихоб намуда, дар синф он матнро аввал буррову ифоданок қироат мекунад. Баъд бо талаби ӯ мазмуни матни қироатшударо хонандае (шояд як-ду нафари онҳо) нақл мекунаду баъзе орфограммаҳо таъкид карда шуда, сониян, матн абзатс ба абзатс дикта карда мешавад.

Ҳар як **абзатс** танҳо як маротиба дикта карда шуда, пас аз он то яку ним- ду дақиқа таваққуф карда мешавад, то ки аз он абзатс танҳо мазмуни асосӣ, шояд бо зиёд шудан ё кам шудани миқдори ҷумлаҳо ва ё иваз шудани баъзе калимаву таркибҳо аз тарафи ҳар як хонанда мувофиқи қобилияташ рӯи коғаз оварда шавад. Абзатсҳои дигар низ ба ҳамин тарзи боло дикта карда шуда, аз тарафи хонандагон навишта мешаванд. Дар маҷмӯъ шарти гузаронидани дикганти мазкур ин аст, ки бояд мазмуни асосии абзатсҳои дикташуда дар кори ҳар хонанда инъикоси худро ёфта бошад. Аз ин рӯ, ҳангоми тафтиши натиҷаи чунин диктант на танҳо ба дараҷаи саводнокии хонандагон, балки ба мазмуни матни сохтаи онҳо низ баҳо дода мешавад.

Ҳамин тавр, аз он ки аз матни дикташаванда хонандагон танҳо мазмуну мундариҷаи чизи фаҳмидагиашонро менависанд, чунин диктант **диктанти озод** номида шуда, вале аз он ки пас аз дикта ва ё қироати ҳар абзатс баъд мазмуни онро ба хотир оварда менависанд, диктанти мазкур ба нақли хаттӣ то андозае монандӣ дорад. Барои баррасии чунин диктант, ки асосан дар синфҳои V-VI гузаронида мешавад, аз 15 то 20 дақиқа чудо намудани вақтро методистон тавсия медиҳанд.

4. **Диктанти эҷодӣ.** Диктанти эҷодиро ҳам метавон як навъ омодагирии хонандагон ба навиштани нақли хаттӣ номид. Аз ин рӯ, мувофиқи талаботи меъёрӣ ташкил намудану гузаронидани диктанти мазкур яке аз воситаҳои инкишоф додани нутқи мураттаби хонандагон ба шумор меравад, ҳарчанд, ки вазифаи аввалиндараҷаи он дар хонандагон мустаҳкам намудани малакаҳои орфограммаҳои омӯхташуда маҳсуб меёбад.

Аслан. ду тарзи гузаронидани диктанти эҷодӣ маъмул аст: а) Муаллим ба тахтаи синф орфограммаҳо - калимаҳои ба як ҳиссаи нутқ мансуббударо, масалан, зарфҳои **пасфардо, якзайл, бекилу қол, аз сари нав, базудӣ, дукаратӣ, бечуну чаро, каму беш, болопоин, пагоҳ-бегоҳ, пареруз, парер шаб (парешаб), перорсол**-ро ки

медиҳанд, навишта, талаб мекунад, ки ҷумлаҳое тартиб диҳанд, то ки калимаҳои мазкур (шояд дар як ҷумла ду-сетои ин калимаҳо мавриди истифода қарор ёбад) истифода шуда бошанд.

б) Муаллим якчанд калима ва таркибҳоро тарзе интихоб менамояд, ки онҳоро ҳангоми иншо кардан маҳз доир ба як мавзӯъ истифода бурдан мумкин бошад. Масалан, дар тахтаи синф **баҳор, гулҳои рангоранг, ҳавои форам, фароштурук, булбулакон, садои дилчасп, бӯи муаттар** барин ифодаҳоро навишта, аз шогирдон талаб мекунад, ки дар мавзӯи «Баҳор» нақли хурде нависанд, ки иборат аз 5-6 ҷумла бошад. Инчунин бо калимаву таркибҳои махсус интихобнамудаи муаллим дар дигар мавзӯъҳо («Модар», «Иди Наврӯз», «Тирамоҳ», «Меваҷундорӣ») низ гузаронидани чунин навъи диктантро ташкил кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, ҳангоми бо усули аввал навиштани диктанти эҷодӣ, агар хонандагон дар тартиб додани ҷумлаҳои алоҳида бо орфограммаҳои дахлдор машқ кунанд, дар лаҳзаи бо тарзи дуюм таъсис додани он ба тартиб додани матнҳои алоқаманд, ки на камтар аз 5-6 ҷумларо фаро бигирад, машғул мешаванд.

5. **Диктанти шарҳдиҳӣ** (эзоҳӣ). Ин навъи диктант мазмунан ва аз рӯи тарзи гузаронида шуданаш ба диктанти огоҳии таъкидӣ як андоза шабоҳат дорад. Шабоҳат доштанаш ба ҳамин маъно, ки дар ҷараёни гузаронидани диктанти мазкур низ чун дар лаҳзаи ташкили диктанти таъкидӣ орфограммаҳо шарҳ дода мешаванд. Вале фарқи асосӣ дар ин аст, ки орфограммаҳо дар ҷараёни таъсиси диктанти таъкидӣ пеш аз дикта намудани матн (бештар аз тарафи муаллим) таъкид карда мешавад, аммо дар рафти диктанти шарҳдиҳӣ ё худ эзоҳӣ калимаҳои ба ин ё он орфограммаи омӯхташуда пас аз дикта ва ё навишта шудани матн на аз тарафи муаллим, балки аз тарафи хонандагон шарҳ дода мешавад. Дар ҳолатҳои ниҳоӣ, яъне дар мавриди аз ӯҳдаи шарҳи орфограммае набаромадани аҳли синф, албатта, кӯмаки муаллим зарурат пайдо мекунад.

6. **Диктанти «худамро месанҷам».** Мақсади асосии гузаронидани диктанти мазкур иборат аз он аст, ки ба тавассути он бояд дар хонандагон малакаи худназораткунӣ аз болои навиштаҳояшон ташаккул дода шавад. Аниқтараш, ин аст, ки ба хонандагон иҷозат дода мешавад, ки пас аз навиштани матни диктант барои боварӣ ҳосил намудан имлои калима ва таркибҳоеро аз муаллим пурсанд, ки оё бе хато навиштаанд, ё ки

хато, аммо на тарзи навишти ҳар гуна калимаҳои маъмулу шаклу таркиби овозиашон ба аксар дастрасро. Яъне хонандагон мекӯшанд, ки иштибоҳоти марбут ба матни диктанти навишташуда доштаи худро ба воситаи савол додан ба муаллим барҳам диҳанд. Ҳини чунин саволдиҳӣ, агар нодуруст навишта шудани калимаву таркибе (шояд бисёртар ҳам бошад) аз тарафи муаллим таъкид гардад, хонанда онро ислоҳ намуда, ба зераш (он чо, ки ислоҳ ворид кардааст) як хатчаи рост ва агар калимаву таркиби навиштааш дурусту бехато бошад, ба зери онҳо бо ду хатчаи рост ишора мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки дар лаҳзаи гузаронидани диктанти «худамро месанҷам» хонандагони бештар саволҳои бамаврид додагӣ ҳавасманд гардонда мешаванд, вале ислоҳоти воридгардида ба ин навъи диктант ба баҳои ба он мегузоштаи муаллим таъсир намекунад. Зеро хонанда ба матни диктанти худ бо кӯмаки муаллим ислоҳот ворид карда бошад ҳам, ӯ ин амалро бошуурона ба чо овардааст.

7. **Диктанти луғат.** Ин навъи диктантро метавон ҳам ба диктанти шунавой ва ҳам ба диктанти биной нисбат дод.[342] Дар қиёс бо навъҳои дигари диктантҳои таълимӣ фарқи диктанти луғат ин аст, ки ҳангоми истифода аз он на чумлаву матне, балки калимаҳои дорои ин ё он орфограмма буда, ё худ калимаҳое, ки имлояшон барои хонандагон ҳамеша душвориеро пеш меоранд, дикта карда мешаванд, ё ин ки ба тахтаи синф навишта мешаванд, то ки хонандагон тарзи навишти онҳоро дақиқ дида, ба дафтар ва ё ба дафтарчаи луғати худ рӯбардор намоянд. Барои ҳамин ҳам, ин хели диктантро вобаста ба тарзи баррасӣ карда шуданаш ба ду навъи дигари диктант - **шунавой** ва **биной** низ мансуб медонанд. Диктанти мазкурро метавон бо усули диктанти огоҳии таъкидӣ, бо усули диктанти шарҳдиҳӣ ва баъзан бо усули диктанти санҷишӣ гузаронд.

Бояд гуфт, ки диктанти луғат ҳамеша бо мақсади баланд бардоштани малакаҳои илмию бой намудани таркиби луғавии нутқи хонандагон гузаронида шуда, мӯҳлати гузаронидани он дар қиёс бо хели дигари диктантҳои таълимӣ вақти зиёдро (на зиёда аз 5-6 дақиқаро) намегирад. Ҳамчунин, бояд дар назар дошт, ки луғатомӯзии хонандагон дар мактаб давраи тӯлониро – аз синфи I

---

[342]Ниг.: Львов М.Р. Словарь - справочник по методике русского языка, с.

сар карда то давраи хатмкунии онҳоро фаро мегирад. Агар дар синфҳои ибтидоӣ луғатомӯзии хонандагон бештар характери *амалиро доро бошад, дар синфҳои болоӣ*, хусусан V-VII он, яъне омӯзиши луғат, аз ҷиҳати назариявию амалӣ ба роҳ монда мешавад. Дар синфҳои баъдина бошад луғатҳои омӯхташаванда, хусусан ҳамонҳое, ки дорои ягон орфограммае бошанд, дар асоси қоидаҳо ва агар истисно аз қоидае бошанд, дар заминаи танҳо ба хотиргирии имлояшон аз бар кунонда мешаванд.

Диктанти луғат бештар дар охири дарс гузаронида мешавад. Барои чунин диктантро гузарондан муаллим пешакӣ вобаста ба омодагӣ ва дараҷаи фаҳмиши хонандагон миқдори муайяни калимаҳое (барои синфи V – 15-20 калима, барои синфи VI – 20-25, барои синфи VII – 25-30, барои синфи VIII 30-35, ва барои синфи IX – 35 -40 калима)-ро, ки дорои орфограммаҳои гуногун бошанд, ё ин ки маънои луғавиашон барои аксари хонандагон дастрас набошад, интихоб мекунад.

Тарзи гузарондани *диктанти луғат*, чунон ки гуфтем, ду навъ мешавад: а) пеш аз дикта намудан орфограммаҳои асосӣ аз тарафи муаллим таъкид карда мешавад, ё ин ки пас аз дикта шудани матн хонандагон (бештар фаъолон) *орфограммаҳои* мавҷударо шарҳ медиҳанд; б) қисман калимаҳо аз тарафи муаллим, калимаҳои дигар таҳти диктаи муаллим аз тарафи хонандае. Дар ин сурат агар хонанда дар навишт ё шарҳи калимае хато содир кунад ва ё ба душворие рӯ ба рӯ шавад, хонандаи дигар даъват карда мешавад, то ки ӯ хатои ҳамсинфи худро ислоҳ намуда, навиштану шарҳ додани калимаҳои дигарро идома диҳад. Пас дар ҳолати дуюм, яъне дар мавриди иншои *диктанти луғат* дар тахтаи синф, ки ичрои онро аҳли синф муоина мекунанд, мумкин аст, ки аз хонандагон барои то ба охир анҷом додани кор боз чанд нафари дигар ба назди тахтаи синф даъват карда шаванд.

Ба ҳайси диктанти луғат калимаҳое ҳам интихоб мешаванд, ки дар истифодаи онҳо хонандагон ҳангоми навиштани нақли хаттӣ, иншо ва ё ҳангоми иҷрои машқу супоришҳои дигар ба хатоҳои гуногун роҳ додаанд. Аз ин лиҳоз, басо мақсаднок мебуд, ақаллан, аз оғози синфи V сар карда ҳар як хонанда барои худ дафтари махсуси ҷамъоварии луғатҳои гуногунро таъсис диҳад.

§ 77. Диктанти санҷишӣ

Диктанти мазкурро баъзан дар адабиёти методӣ **шунавоӣ** меноманд. Чунки ҳангоми гузаронидани он хонандагон мазмуну мундариҷаи матн ва таркиби овозии ҳар як калимаву таркибҳои дар он матн бударо, пеш аз ҳама, бо қувваи шунавоии худ эҳсос мекунанд. Яъне дар мадди аввал сифати босаводонаву бехато навиштани матни диктанти санҷишӣ ба дараҷаи инкишофи қувваи шунавоии гӯши онҳо вобастагӣ дорад.

Санҷишӣ ном гирифтани диктанти мазкур ба ҳамин маъно, ки ба тавассути мувофиқи меъёрҳои талабот гузаронида шудани он ҳамеша донишҳои орфографӣ ё имлоӣ (ҳамчунин, пунктуатсионӣ)-и доир ба як фасл ё боб, ё ин ки доир ба якчанд фаслу боб андӯхтаи хонандагон санҷида мешавад. Барои ҳамин ҳам, диктанти мазкур дар анҷоми боби калоне, ё худ ду-се фаслу боби нисбатан хурд, дар охири ҳар як чоряк ва ниҳоят, дар охири соли таҳсил, ҳамчун кори санҷиши ҷамъбасти донишҳои имлоӣ (ҳамчунин малакаҳои - пунктуатсионӣ)-и хонандагон, гузаронида мешавад.

Бартарии дигари диктанти санҷишӣ, пеш аз ҳама, дар қиёс бо диктантҳои таълимӣ ин аст, ки ҳамеша барои гузаронидани он як соат аз ҳисоби ҳамон фаслу боб ва ё аз миқдори соатҳои такрори солона (дар оғози соли таҳсил аз ҳисоби сарфаи соати такрори аввали сол) бахшида мешаваду ҳангоми гузаронидани он, пеш аз дикта намудани матн, ба истиснои таъкиди тарзи навишти як-ду калимаи имлоянок душвор ва ё шарҳи маънои луғавии як ё ду калимаи барои аксари хонандагон номафҳум дигар шарҳу эзоҳи зиёдатӣ вуҷуд дошта наметавонад, зеро баръакси ҳол байни диктанти мазкур ва диктантҳои таълимӣ фарқ гузошган душвор мешавад.

Матни диктанти санҷишӣ, ки он мувофиқи орфограммаҳои боби омӯхтаи хонандагон интихоб карда шудааст, аз тарафи муаллим, дар сурате, ки аҳли синф пурра ба қавле «хӯшу гӯш» шуда ба ӯ менигаранд, буррову ифоданок, ба тавре ки маъно ва тарзи талаффузи ҳар як калимаву таркиб барои ҳар як хонанда дастрас бошад, қироат карда мешавад. Сониян, пас аз шарҳу таъкиди имло ва маънои луғавии баъзе калимаҳо (Ниг.: ба сархати боло) матни диктант дикта карда мешавад, ки он ба таври зайл сурат мегирад: Ҳар як ҷумла қироат ва баъд аз он дикта карда мешавад. **Дикта кардан** чунин маъно дорад, ки бояд ҳар як

ҷумла на бо саросемагӣ, миёнахел – на бо овози баланду паст ва бо риояти пауза (оҳанги ист)-и дар байни қисматҳои он, яъне ҷумла, талаб карда мешудагӣ, хонда шавад. Ин лаҳза, яъне дар лаҳзаи дикта намудани матни диктант, ҳар як ҷумла, агар кӯтоҳтар бошад, як маротиба ва агар каме тафсилӣ бошад, то се маротиба бо фосилаи муайян қироат карда мешавад. Вале дар сурати як андоза тафсилӣ будани ҷумла он ба қисматҳо (Он қисматҳо бояд пеш аз оғози диктант бо аломатҳо муқаррар карда шуда бошад) тақсим карда шуда, ҳар яки он бояд бо фосилаи муайян як ё думаротибагӣ низ талаффуз карда шавад.

Ҳангоми дикта намудан дар як ҷои муайяни синф, ки овоз ба ҳама як хел рафта расад, истодан лозим, яъне дар ин ҳолат ба ин тарафу он тараф қадам мондани муаллим боиси парешон гардидани диққати хонандагон мешавад ва ба яке аз хонандагони сустнавис низ «Чаро суст менависӣ?», «Боз қафо мондӣ?» гуфта муроҷиат кардан ҳам нодуруст буда, ба навишти дигарон халал мерасонад ва ҳатто баъзеҳоро шояд асабонӣ ҳам созад. Бехтараш, ҳангоми дикта намудани матн муаллим бояд яке аз хонандагони то андозае оҳиста менавиштагиро барои худ меъёр интихоб намояд.[343] Яъне бинад, ки ҷумла ё қисмати дикташуда аз тарафи ҳамон хонанда ҳам навишта шуд, метавонад ҷумла ё қисмати дигари ҳамон ҷумларо дикта намояд ва ҳамин тавр, ин усули кор бояд то ба итмом расидани матни диктант идома ёбад.

Бояд таъкид намуд, ки диктанти санҷишӣ бештар дар заминаи матни яклухте, ки дорои на камтар аз ду-се сархат бошад, гузаронда мешавад. Аммо диктанти мазкурро дар заминаи ҷумлаҳои ҷудогона ҳам, ки аз китобу маҷалла ва рӯзномаҳо (ҳафтаномаҳо) баргузида шудаанду ҳар як дорои орфограммаи махсус бошанд, гузаронида мешавад.[344]

Пас аз навишта шудани ҳар як матни диктанти санҷишӣ, он – матни диктант бори дигар, бо суръати андаке сусттар, вале буррову ифоданок қироат карда мешавад, то ки хонандагон имкон ёфта, (агар бошад) хатоҳои содирнамудаашонро ислоҳ намоянд. Баъзе методистон боз таъкид мекунанд, ки агар пас аз анҷоми ҳамаи талаботи диктант барои мустақилона аз назар гузаронидани матни диктант ба хонандагон як-ду дақиқа вақт

---

[343] Нигр.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 197.

[344] Нигр.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 257.

дода шавад, бехтар аст, ки ин нуктаро мо низ чонибдорӣ мекунем.

Баъзан диктантҳои санҷишӣ бо супориши гарамматикӣ (аз ҷумла бо супориши фонетикиву лексикӣ ҳам) гузаронида мешавад. Фарз кардем, агар диктант марбут бо ҷумлаҳои мураккаб гузаронида шуда бошад, супориш додан лозим аст, ба зери ҷумлаҳои мураккаби пайваст хати рост ва ба зери ҷумлаҳои мураккаби тобеъ хати мавҷнок кашанд.*

Диктанти санҷишӣ яке аз воситаҳои ёрирасони таълим аст, ки ҳангоми гузаронида шуданаш ҳар як хонанда бо тамоми масъулият донишҳои назариявӣ ва имлоию пунктуатсионии худро пеши назар оварда, баҳри бехато ба ҳалам додани матни дикташаванда мекӯшад ва муаллим ҳам маҳз ба тавассути гузаронидани диктанти мазкур бо фаъолияти донишандӯзӣ ва саводнокии шогирдон дақиқ шиносой пайдо намуда, минбаъд дар заминаи ҳар як диктанти гирифташуда реҷаи кори худро дар таълими забони тоҷикӣ такмил медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Бусляев Ф.И. О преподавании отечественного языка. -М., 1844.
2. Львов М.Р. Словарь-справочник по методике русского языка. М.: Просвещение, 1988.
3. Ожегов С.И. Словарь русского языка.-М.: Русский язык, 1984.
4. Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка. – М.: Госучпедгиз, 1955.
5. Словарь иностранных слов. – М.: Русский язык, 1990.
6. Таҷоев Ш., Мирзоев А. Маҷмӯаи диктант ва накли хаттӣ. – Душанбе: Маориф, 1989.
7. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. – М.: Прсвещение, 1980.
8. Чистяков В.М. Методика преподавания русского языка в таджикской школе. – Сталинабад: Учпедгиз МП Тадж. ССР, 1959.

---

* **Таъкид:** Дар бораи миқдори калимаҳои диктанти санҷишӣ дар ҳар синф, тарзи баҳогузорӣ ва баҳисобгирии хатоҳои дар матни диктант содиршуда ниг.: Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-VI.- Душанбе, 2006, с. 33 – 36.

БОБИ XII. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ (ПУНКТУАТСИЯ)*

Яке аз вазифаҳои таълими забони модарӣ, аз ҷумла, забони тоҷикӣ, дар мактаб ин аст, ки дар баробари дар хонандагон парваридани ҳиссиёти забондониву забонфаҳмӣ, аз ҷиҳати назариявию амалӣ сарфаҳм рафтан ба мафҳумҳои забоншиносӣ ва рукнҳои асосии он, бояд онҳоро дар заминаи қоидаҳо ва мисолҳои барҷастаи ба ҳамон қоидаҳо иртиботи қавидошта бо донишу малакаҳои пунктуатсионӣ, яъне мавридҳои дар нутқи хаттӣ истифода карда тавонистани аломатҳои китобат (нуқта, савол, хитоб, вергул, тире, баён, нохунак, қавс, мӯлнуқта, - ҷамъ 10 аломат) низ мусаллаҳ намояд. Зеро тавре акад. А. В. Текучев таъкид намудааст, «Дорои саводи пунктуатсионӣ будан, ба маънои васеаш, яке аз аломатҳои шахси маълумотнок аст».[345] Аз ин лиҳоз, ба хонандагон додани донишу малакаҳои пунктуатсионӣ ё худ тарбия намудани онҳо дар рӯҳияи сарфаҳм рафтан ба ҳатмӣ будан ва моҳияти истифода кардани аломатҳои китобат дар ҳама гуна навиштаҳо зарурати беҳад дошта, бароҳшон, бешубҳа, аҳамияти амаливу ҳаётиро доро хоҳад буд. Ва барои он ки зарурати ҳатмӣ будани аломатҳои китобатро дар бобати дақиқ ба қалам додани мазмуну мундариҷаи фикр, хондан ва фаҳмидани чизи навишташуда хонандагон эҳсос кунанд, пеш аз ҳама, метавон ба онҳо чанд матни бе истифодаи аломатҳои китобат ба чоп расидаро пешниҳод намуд: пӯшида нест, ки дар ин ҳолат набудани ҳадди байни ҷумлаҳо ва қисматҳои онҳо ба хонанда имкон намедиҳад, ки дарҳол ба мазмуни чизи навишташуда сарфаҳм равад. Хусусан, ҳангоми бо овози баланд хондани чунин матнҳо кас на танҳо буррову ифоданок қироат кардан, ҳатто ҷои гузориши задаи мантиқӣ ва

---

* **Эзоҳ. Пунктуатсия**, аслан, аз калимаи лотинии **punctum**, - **нуқта** гирифта шуда, ҳоло таҳти ин мафҳум маҷмӯи қоидаҳои дар навиштаҷот истифода карда тавонистани аломатҳои китобат фаҳмида мешавад. Дар ин бобат нигр.: Словарь иностранных слов. – М.: Русский язык, 1979, с. 420; Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М.: Русский язык, 1984, с. 548.

[345] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 288.

бо кадом тарзи интонатсия талаффуз намудани ҷумлаҳо, ки маҳз ба тавассути чунин амалҳо фаҳмидани мазмуну мундариҷаи матни хондашуда имконпазир мегардад, аксар ба ӯ, аз ҷумла, барои хонандагон ҳам дастнорас мегардад.[346] Аз ин хотир, лозим аст, ки моҳияту зарурати ана ҳамин гуфтаҳои фавқ марбут ба мақоми дар нутқи хаттӣ доштаи аломатҳои китобат ба хонандагон амалан талқин карда шавад. Он гоҳ бо боварӣ метавон гуфт, ки мақсаду сабаби истифода ва вазифаҳои гуногуни ҳар як аломати китобатро хонандагон дар заминаи мисолҳои барҷаста аз худ намуда, минбаъд худашон низ аз он аломатҳои китобат дар навиштаҳои худ бамаврид ва бошуурона истифода бурда метавонистагӣ мешаванд.

Чунон ки аз хулосаи фикри дар фавқ гуфташуда бармеояд, аломатҳои китобат дар ҷумлаву матн (Агар ба маврид истифода гардида бошанд) на танҳо барои ифоданоку бурро қироат намудани навиштаҷот, балки барои ифодаи тобишҳои гуногуни маъноие, ки ба тавассути онҳо, яъне аломатҳои китобат, ба ҷумла ва қисматҳои ҷумлаву матн медиҳанд, хизмат мекунанд. Масалан, гузоштани аломати вергул, нуқтавергул, гире, баён дар байни қисмҳо (ҷумлаҳои содда)-и ҷумлаи мураккаби бепайвандак, сараввал, барои робитаи ин қисмҳо хизмат карда, дар айни ҳол, воситаи нишон додани муносибатҳои маъноии байни он қисмҳо ҳам маҳсуб меёбанд. Ё худ гузоштани аломатҳои нуқта, савол ва хитоб дар охири ҷумлаҳо, ки аломатҳои мазкур аксар ҳанӯз пеш аз қироат намудан ба тавассути биниш тариқи хондани ҳар як ҷумларо дар шуури кас талқин мекунанд, моро маҷбур месозанд, ки онҳоро – ҷумлаҳоро бо оҳанги махсус: ё хабарӣ, ё саволӣ, ё худ хитобӣ баррасӣ намоем. Аз ин ҷиҳат, метавон гуфт, ки аломатҳои китобат ягона воситаи асосӣ ва ё эҳёкунандаи муносибатҳои маъноӣ дар матнҳои хаттӣ маҳсуб меёбанд, ки чунин муносибатҳоро бо ёрии воситаҳои грамматикию лексикӣ ҳам ифода кардан ғайриимкон аст. Аммо бояд таъкид намуд, ки дар ҷумла барои барҷастатар намоиш додани тобишҳои маъноии аломатҳои китобат, вазифа

---

346 Ниг.: Ҳамон ҷо, с. 287.

ва мақоми оҳанги талаффуз (*интонатсия*) ҳам кам нест. Ба ифодаи дигар, пунктуатсия бо интонатсия алоқаи зич дошта, вазифаи ҳар дуро дар ҷумла, ки барои ифодаи тобишҳои гуногуни маъноӣ (интонатсия – дар нутқи шифоҳӣ, пунктуатсия – дар нутқи хаттӣ) хизмат мекунанд, эҳсос намудани хонандагон шарт ва зарур аст.

Зарурат ба таъкид аст, ки дар нутқи хаттии мо, яъне дар забони тоҷикӣ, пайдоиш ва истифода гардидани аломатҳои китобати гуногунро маҳз ба тавассути дар забони мо (с. 1940) қабул гардидани алфавит (*алифбо*)-и кириллии* забони русӣ иртибот дорад. Яъне, бо қабул шудани алифбои забони русӣ дар нутқи хаттии мо аломатҳои китобати дар забони русӣ мавриди истифода буда низ ба ҳукми анъана даромадааст. Аз ин лиҳоз, принсипҳои пунктуатсионие, ки имрӯз дар нутқи хаттии мо ҳукмрон аст, дар асл, ҳамонҳоеанд, ки дар нутқи хаттии забони русӣ низ риоя мешаванд.

Дар маҷмӯъ дар муқаррар намудани принсипҳои пунктуатсионӣ дар байни олимони забоншинос ва методистони забони русӣ дар аввалҳо ҳамфикрӣ ба назар намерасидааст.[347] Аниқтараш, пайиҳам дар муайян намудани принсипҳои пунктуатсионӣ дар нутқи хаттии забони русӣ се равия ба вуҷуд омадааст, ки онҳоро бо истилоҳоти **интонатсионӣ**, **грамматикӣ** (*синтаксисӣ*) ва **мантиқӣ** (ё худ маъноӣ) ном бурдаанд.[348] Пайравони равияи якум дар чунин ақида буданд, ки гуё дар матн истифода намудани аломатҳои китобатро ба хонандагон танҳо дар заминаи интонатсия, яъне оҳанги талаффуз, омӯзондан имконпазир аст. Пайравони равияи дуюм принсипи интонатсиониро, ки гурӯҳи аввал дар гузориши аломатҳои китобат меъёри асосӣ меҳисобиданд, пурра инкор намуда,

---

* **Эзоҳ. Кирилӣ**-номи яке аз алифбои славянии қадим аст, ки баъдтар асоси алфавити забони русӣ гардидааст. Дар ин бора ниг.: Ожегов С.И. Словарь русского языка, с.236

[347] Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 274;
Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 288.

[348] Ниг.: Ҳамон ҷо, с. 288.

мегуфтанд, ки дар бобати мавридҳои истифодаи аломатҳои китобат ба синтаксис ё худ ба сохти синтаксисии нутқ (ҷумла) такя намудан беҳтар аст.[349] Вале пайравони гурӯҳи сеюм бо сарварии проф. С.И. Абакумов аввалин шуда исбот намуданд, ки дар кор фармудани аломатҳои китобат такя намудан ба **принсипи мантиқӣ** (маъной)-ю **синтаксисӣ** нисбат ба он ду принсипи номбаршуда авлотар буда, дар навбати худ он принсипи интонатсиниро ҳам фаро мегирад. Акнун дар асоси пиринсипи мазкур ҳангоми истифодаи дурусти ин ё он аломати китобат дар ҷумла ё матн ҳам мазмуну маънои нутқ (ҷумла) ва ҳам сохти синтаксисии ҷумла ба асос гирифта мешуду вале дар мавриҳои ҷудогона *принсипи интонатсионӣ* ҳам.[350]

Воқеан ҳам, истифодаи ҳама гуна аломатҳои китобат дар ҷумла (матн) дар иртибот ба маъно ва сохти синтаксисии он имконпазир мегардад. Чунончи: а) истифодаи аломатҳои нуқта, савол, хитоб ба мазмуни ҷумла вобаста буда, б) баён, қавс, тире, нохунак - ба сохти синтаксисии ҷумла, в) баён, қавс, тире, нохунак ҳам ба маънову мазмуни ҷумла ва ҳам ба сохти синтаксии он алоқаи қавӣ дорад. Аз ин лиҳоз, хулосаи амиқ ин аст, ки барои дурусту ба мавриди кор фармудани аломатҳои китобат донистани сохти синтаксисии ҷумла ва муносибатҳои маъноии байни қисматҳои он аҳамияти алон дорад.

Инак, ана ҳамин нуктаҳои дар фавқ омадаро дар мадди назар дошта, тибқи иҷрои талаби машқу супоришҳои гуногун баҳри барҳам задани хатоҳои пунктуатсионии хонандагон лозим аст, ки кӯшиши ҳамешагӣ ба харҷ дода шавад. Аслан, хатоҳои пунктуатсионии хонандагон гуногун буда, вале аз тарафи методистон дар маҷмӯъ дар чор баст гурӯҳбандӣ карда шудааст. Чунончи: 1. Нагузоштани аломатҳои даркорие, ки барои ҳатман ҷудо намудани ин ё он қисмати ҷумла ва ифодаи тобиши маъноии махсусе зарурат дорад;

---

[349] Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 274;

[350] Ниг.: Ҳамон ҷо, с. 274; Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 289.

2. Надониста гузоштани як аломат ба ҷои аломати дигар. Ин типи хатоҳо бештар дар сурати ба ҳам омехта намудани вазифаи як аломати китобат бо дигараш ё худ аз рӯи надонистани қоидаҳои истифодаи аломати китобате, ки дар айни ҳол дар ҳамон қисмати ҷумлаи мушаххас бояд истифода шавад;

3. Гузоштани вергулҳои зиёдатӣ (ё худ аломати китобате, ки дар ҳамон мисол, умуман, зарурат надорад), ки аксар ба сабаби пайрави ист шудани хонандагон рух медиҳад. Яъне онҳо ҳангоми матн ва ҷумлаҳои алоҳидаро дикта намудани муаллим, дар ҳар ҷое, ки паузаро ҳис кунанд, вергул мегузоранд;[351]

4.Қисман кор нафармудани аломати китобате. Масалан, ҷумлаи пайрави муайянкунандаро, ки дар мобайни сарҷумла омадааст, танҳо аз як тараф – пеш аз пайвандаки **ки** вергул мегузоранду халос. Ҳамин ҳолат дар гузоришн аломати вергул дар байни аъзоҳои чида низ бисёр мушоҳида карда мешавад;

5. Ниҳоят, чунон ки проф. Н.С. Поздняков таъкид намудааст, хатоҳои пунктуатсионии хонандагон ба сабаби дар ин хусус номунтазам кор бурдани муаллимон низ рух медиҳад,[352] ё худ аз он ки дар мубориза алайҳи хатоҳои пунктуатсионии шогирдон баъзан омӯзгорон ба сабаби дуруст надонистани қоидаҳои пунктуатсияи маъмул худ ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

Тазаккур бояд дод, ки сабабҳои рух додани хатоҳои хонандагон дар истифодаи аломатҳои китобат ба омилҳои гуногун вобастаанд. Пеш аз ҳама, он ҳама бастҳоеро, ки дар фавқ ҳамчун хели умумӣ (типикӣ)-и хатоҳои пунктуатсионӣ номбар намудем, ҳамзамон, метавонем, онҳоро ба ҳайси бархе аз сабабҳои рухдиҳии чунин хатоҳо, яъне хатоҳои пунктуатсионӣ , дар корҳои хаттии хонандагон ба қалам диҳем. Ба ҷуз ин, акад. А.В Текучев дар бобати сабабҳои содиршавии хатоҳои пунктуатсионӣ дар корҳои хаттии хонандагон омилҳоеро ҳам таъкид намудааст, ки мантиқан қобили қабуланд. Чунончи: а)

---

[351] Ниг.: Фирсов Г.П. Об изучении синтаксиса и пунктуации в школе.- М.: Изд.АПН РСФСР, 1961, с. 159.

[352] Ниг.: Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 283;

нисбат ба таълими имло ба таълими пунктуатсия дертар шурӯъ намудани омӯзгорон дар мактаб.[353] Дар воқеъ, дар синфҳои ибтидоии мактаби миёна бештар хонандагон ба омӯзиши имлои калимаҳо ҳидоят карда мешаванд. Ба маънои томаш, пунктуатсия дар синфи V, вале он ҳам дар давраи таълими курси муқаддимавии «Синтаксис ва аломатҳои китобат» ҳамагӣ дар тӯли 14 соат таълим дода шуда, баъдан то ба давраи таълими системаноки синтаксис (дар синфҳои VIII – IX), ки дар ин муддат, асосан, курси морфология таълим дода мешавад, таълими пунктуатсия дар аксари мактабҳо ниҳоят суст ба роҳ монда мешавад, ё ки ин масъала қариб, ки аз мадди назари таълим дур мемонад: ҳангоми таълими, хусусан, ҳиссаҳои мустақили нутқ муаллимон, асосан, хонандагонро ба ичрои машқу супоришҳои орфографӣ равона мекунанду бас;

б) саросемавор таълим додани мавридҳои гузориши баъзе аломатҳои китобат дар ҷумла: доир ба як мавриди истифодаи аломати китобат аксар муаллимон бо як-ду мисоле, ки худашон оварда шарҳ медиҳанд, қаноат намуда, натиҷаи онро, ки хонандагон чӣ тавр фаҳмидаанду қабул намудаанд, намесанҷанд;

в) матни китобро буррову ифоданок қироат карда натавонистан ё тарзи талаффузи калимаву ибораҳои аз матни кори хаттӣ қироат ва ё дикташавандаро, ки аз тарафи муаллим баррасӣ мегардад, дақиқу дуруст шунида, ё худ эҳсос карда натавонистани хонандагон, ҳамчунин, аз тарафи онҳо баъзан эҳсос накардани оҳанги талаффуз ва ҳатто сарфаҳм нарафтани баъзе ба мазмуни ҷумлаву матни хондашуда – ҳама боиси ба хатоҳои пунктуатсионӣ роҳ додани онҳо мегарданд.

Ниҳоят, набудани дастури муайяни давлатӣ, марбут ба мавридҳои истифодаи аломатҳои китобат дар нутқи хаттии забони тоҷикӣ, ё худ то ҳол вуҷуд надоштани коркарди методии аз тарафи аҳли маориф эътирофшуда доир ба ҳаллу фасли ин нукта низ метавонад яке аз сабабҳои асосии суст ба роҳ мондани таълими пунктуатсия дар мактаб гардад. Ҳастанд дастурҳо ва мақолаҳои методие, ки дар онҳо муаллифон махсус ва ё вобаста

---

[353] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 291.

ба мавриде доир ба гузоштани, умуман, ё худ ин ё он аломати китобат дар ҷумлае, матне ҳарф мезананд. Аммо мутаассифона, фикрҳои он мутахассисон дар мавриди гузориши ин ё он аломат на ҳамеша ба ҳам мувофиқат мекунанд.

Бо вуҷуди ин ҳама сабабҳо, ки боиси рух додани хатоҳои гуногуни пунктуатсионӣ дар нутқ ва ё корҳои хаттии хонандагон гардидаанду минбаъд ҳам мушоҳида шудани он хатоҳо дар навиштаҷоти онҳо ҳақиқати бебаҳс хоҳад буд, дар ин бобат, хусусан, барои барҳам додани хатоҳои маъмулу паҳншудаи ба аломатҳои китобат дахлдори хонандагон чораҳои муфид андешидани муаллимон зарурат дорад.

Чунон ки гуфтем, бояд омӯхтани пунктуатсия дар тамоми даврaҳои таҳсили хонандагон дар мактаб вобаста ба ҳамаи он қисматҳои забоншиносӣ, ки таълим дода мешаванд, идома ёбад. Аммо он - пунктуатсия, асосан, дар алоқамандӣ бо синтаксис, яъне вобаста ба омӯзиши мавзӯъҳое, ки зимни таълимашон мавриди истифодаи ин ё он аломати китобат ҳам барраси мегардад, таълим дода мешавад. Ин нуктаро, яъне алоқамандии пунктуатсияро бо синтаксис метавон зимни муоинаи ҷадвалҳои (52) зерин дақиқ дарк намуд, ки истифодаи он дар дарсҳои такрори солонаву хусусияти ҷамъбасткунандагӣ дошта низ мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Ҷадвалҳои 52

	МАВРИДҲОИ ИСТИФОДАИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ	
Т/р	**Вобаста ба кадом мавзӯъҳо?**	**Кадом аломат**
1.	Ҷумла (ҳикояги саволӣ, хитобӣ)	нуқта, савол, хитоб
2.	Мубтадо ва хабари номӣ	тире
3.	Баёния	вергул, тире
4.	Ҷумлаи чидааъзо	вергул
5.	Калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидаъзо	вергул, тире, баён
6.	Мухотаб	вергул, хитоб
7.	Калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ	вергул
8.		
9.	Калима- ҷумлаҳои **ҳа, не**	вергул, хитоб

БОБИ XIII. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ НУТҚИ МУРАТТАБ

Чунон ки маълум аст, яке аз вазифаҳои мактаб тайёр намудани одамони маданӣ, комилан саводнок ва донандагони забони адабӣ буда,[354] дар ҳалли ин вазифа мавқеи таълими забони модарӣ (тоҷикӣ) дар қиёс бо ҳамаи фанҳои дигари таълимӣ волотар мебошад. Дар ин бобат ҳаминро ҳам бояд ба инобат гирифт, ки мақсад аз таълими забони модарӣ, аз ҷумла, таълими забони тоҷикӣ маънои ба хонандагон омӯзондан ё худ ёд додани забони тоҷикиро надорад. Зеро онҳо то ба мактаб қадам гузоштан забони модарии худро амалан аз модар, аз аҳли байти худ ва одамони гирду атроф омӯхтаанду ҳатто нутқи баъзеашон то андозае инкишофёфта мебошад. Аммо дар мактаб вазифаи корҳои таълиму тарбиявии муаллимон ин аст, ки нутқи хонандагон давра ба давра такмилу инкишоф дода шуда,[355] дар онҳо малакаи мураттаббаёнӣ чи дар нутқи шифоҳӣ ва чи дар нутқи хаттиашон тарбия карда шавад. Хато намекунем, агар гуем, ки вазифаи мазкур дар тамоми даврaҳои таълими забони модарӣ дар мактаб, яъне дар ҳама гуна дарсҳо (фонетикӣ, лексикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ) ҳамеша дар мадди назари омӯзгорони забони модарӣ мебошад.[356] Лекин аз солҳои 70-уми асри гузашта сар карда дар барномаҳои таълими забони тоҷикии синфҳои IV-VIII (V-IX) фасли махсусе бо номи «Нутқи мураттаб» ворид карда шудааст, ки маҳз дар заминаи мавзӯъҳои дар ҳамин фасл пешниҳодгардида мувофиқи талабот ташкил намудани дарсҳо имконияти ҳар чӣ бештар дар хонандагон инкишоф додани малакаҳои нутқи мураттаб имконпазир гардид, ки

---

[354] Нигр.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 297.
[355] Нигр.: Баранов М.Т.. Ладыженская Т.А. и др. Методика преподавания русского языка, с. 228.
[356] Нигр.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 298; Қурбонов М. Инкишофи нутқ дар дарсҳои забони модарӣ. – Душанбе: Маориф, 1978, с. 3.

донистану сарфаҳм рафтан ба махсусият ва роҳу усулҳои ташкилу гузаронидани чунин дарсҳо барои ҳар як муаллим зарурат дорад. Чунончи, мақсад аз аз ташкилу гузаронидани дарсҳои ба ном **инкишофи нутқи мураттаб**, асосан, дар хонандагон такмил додани маҳорату малакаи мураттаб, яъне системаноку пайдарпай сухан кардан ва бе хатову мувофиқи меъёри забони адабӣ навишта тавонистан аст. Яъне ҳадаф аз ташкили ин дарсҳо, пеш аз ҳама, дар хонандагон мувофиқи талаботи орфоэпияи забони адабии ҳозираи тоҷик ташаккул додани нутқи шифоҳӣ ва ё санъати суханварӣ ва сониян, дар ҳамин замина онҳоро дар рӯҳияи бе хатову босаводона навиштан, то ки ҷавобгӯи талаботи қоидаҳои орфографияи эътирофшуда ва пунктуатсияи маъмул бошад, тарбия кардан аст.

Инак, мазмуни гуфтаҳои фавқро ба асос гирифта, мафҳуми **нутқи мураттабро** метавон ин тавр шарҳ дод: **Нутқи мураттаб** ин мувофиқи меъёрҳои орфоэпияву орфографияи (ҳамчунин пунктуатсия) забони адабии ҳозираи тоҷик ба тарзи ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ озодона баён карда тавонистани фикр – андешаву мулоҳизаҳо ва ё хаёлоти фардӣ аст. Маҳз ҳамин нукта вазифаи аввалиндараҷаи дарси инкишофи нутқи мураттаб маҳсуб меёбад. Яъне ба тавассути ташкили чунин дарсҳо муаллим бояд ба он муваффақ шавад, ки нутқи мураттаб, пеш аз ҳама дар ҳар дарс то андозае дар шогирдон инкишоф ёбад.

Дарси инкишофи нутқи мураттабро аз дарсҳои муқаррарие, ки зимни онҳо таърифу қоидаҳои грамматикӣ, фонетикӣ, лексикӣ ва орфографию пунктуатсия дар заминаи калима, ибора ва ҷумлаҳои интихобшуда таълим дода мешаванд, фарқ бояд намуд. Албатта, ба хонандагон дар алоқамандӣ бо мисолҳои мувофиқи аз услубҳои гуногуни забони адабии хаттӣ гирдоварда таълим додани ҳодисаҳои забон – назария, пеш аз ҳама, таърифу қоидаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ барои инкишофи нутқи шифоҳиву хаттӣ, ба хусус, тафаккури мантиқии онҳо манбаи асосӣ ҳисоб меёбад. Аммо ҳар як таърифу қоидаи дар асоси чанд мисоли махсус интихобшуда танҳо нишонаи аз ҷиҳати назарияви забондон будани хонандагонро далолат мекунаду бас. Чунки

забондонӣ маҳдуд ва соҳавӣ буда, танҳо дар мавридҳои зарурӣ дар синфу аудиторияҳои гуногун барои ҷавоб додан ба саволу супоришҳое, ки марбут ба масъалаҳои гуногуни грамматика (ҳамчунин доир ба фонетика, лексика, орфография, аломатҳои китобат ва ғ.) аз тарафи муаллим ё худ фардҳои дигар дода мешаванд, лозим аст. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар хонандагон нутқи шифоҳиву хаттии универсалӣ ё худ ҳаматарафа инкишофёфта тарбия карда шавад. Яъне онҳо ҳангоми муошират бо ҳамаи ашхоси касбу корашон гуногун мувофиқи меъёрҳои забони адабии имрӯзаи тоҷик муттасилу пайдарпай, фаҳмову саҳеҳ, ифоданок ё худ буррову нишонрас гуфтугӯ карда тавонанд, тарзи баёнашон дар нутқи хаттӣ низ дар заминаи талаботи меъёрҳои забони адабӣ, вале бо риояи қоидаҳои қабулшудаи имлову мавридҳои маъмули истифодаи аломатҳои китобат сурат гирифта бошад. Барои ҳамин ҳам, мавзӯъҳои дарси инкишофи мураттабро на баррасии таърифу қоидаҳо аз тарафи муаллим ва ё аз хонандагон пурсидани, масалан, таърифи ҳиссаҳои нутқу аъзоҳои ҷумла ва ё қоидаҳои имлову аломатҳои китобат ва ғайра ташкил медиҳанд, балки онҳо масъалаҳои ба кору фаъолияти касбию ҳунарии одамон, тасвири воқеаву ҳодисаҳои табиат, ҳаёти олами ҳайвоноту наботот алоқамандро фаро мегиранд. Аз ин рӯ, дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб аз рӯи мазмуну мундариҷаашон доир ба ҳамаи услубҳои зерини забони адабӣ - гуфтугӯӣ, оммавӣ (публитсистӣ) ва коргузорӣ (ё худ услуби коғазҳои кор) таъсис дода мешаванд, ки ин яке аз талаботҳои фасли «Нутқи мураттаб»-и барномаи нави такмилёфтаи забони тоҷикӣ (с. 2006) маҳсуб меёбад. Фасли мазкур талаб мекунад, ки ба тавассути ба хонандагон маълумот додан дар бораи хели услубҳои нутқ, хусусиятҳои бартарӣ ва фарқкунандагии ҳар кадоме аз услубҳои нутқ дар асоси овардани намунаҳо оид ба ҳар услуб ва талаб намудан аз хонандагон, то ки доир ба ин ё он услуб аз китоб ва маҷаллаву рӯзномаҳо намунае интихоб намояд, ё ки аз худ эҷодкорона доир ба услубе намунае ҳоварандӣ, ки иҷрои ин амалҳо хонандагонро ба интихоби матни мувофиқ ва ё сохтани матнҳои гуногун ҳидоят менамоянд.

Аз ӯҳдаи тартиб додани матнҳои марбут ба ин ё он услуби нутқ баромадани хонанда ҳамчун дастоварди беҳтарини таълими забони модарӣ маҳсуб ёфта, вале бештар ин амал ба тавассути ташкилу гузаронидани дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб даст дода метавонад. Аз ин рӯ, вобаста ба услубҳои нутқ аз синфи V сар карда таълим додани хусусиятҳои матн ва ба матнсозӣ ҳидоят намудани хонандагонро тарафдорӣ намудан аз лиҳози мантиқ мебуд.[357]

Ба тарзи ташкилу гузаронидани дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб ҳам эътибори ҷиддӣ бояд дод. Чунин машғулиятҳоро бояд тарзе ташкил намуд, ки ҳар як дарси он ба амалӣ гардидани маълумотҳои назариявии оид ба ин ё он мафҳумҳои забон, ки хонандагон аз дарсҳои пешина аз худ намудаанд, мусоидат намояд. Хусусан, дар чунин дарсҳо бояд хонандагон ҳар чӣ бештар ба навиштани корҳои хаттӣ (*нақлу иншоҳои гуногун*) сафарбар карда шаванд, аммо ташкили нақли шифоҳии ин ё он мавзуи мавриди баҳс (масалан, доир ба мавзӯъҳои «Модари ман», «Касби дӯстдоштаи ман», «Қаҳрамони дӯстдоштаи ман», «Мактаби мо», «Дар устохонаи мактаб», «Қадри нон», «Иди модарон», «Накукорӣ чист?», «Дӯстӣ чист?», «Забони модарии мо», «Забон донӣ - ҷаҳон донӣ», «Як рӯзи (ё лаҳзаи) фаромушнашавандаи ҳаёти ман» ва ғ.) низ дар мадди назари омӯзгор бошад. Хуб мешуд, агар хонандагон баъзан фикрашонро доир ба мавзӯи нақл ё иншо шифоҳӣ баён намуда, баъд хаттӣ ба қалам диҳанд. Аз ин лиҳоз, мавзӯъҳои навбатии чунин дарсҳо ҳатман дар ҳамон дарси марбут ба инкишофи нутқи мураттаб бахшидашуда эълон карда мешавад, то ки мувофиқи дастури муаллим хонандагон ё дар хона хаттӣ иҷро кунанд, ё худ мавод ҷустуҷӯ намуда (ба ин кор волидон ҳам бояд кумак кунанд), барои дар синф дар ҳузури ҳамсинфон нақл кардан ё хаттӣ навиштан пешакӣ омодагӣ гиранд.

---

[357]Ниг.: Аминов С. Матн ва таълими он дар мактаб. – Душанбе: Матбааи ВМ ҶТ, с. 2002, с. 67.

забондонӣ маҳдуд ва соҳавӣ буда, танҳо дар мавридҳои зарурӣ дар синфу аудиторияҳои гуногун барои ҷавоб додан ба саволу супоришҳое, ки марбут ба масъалаҳои гуногуни грамматика (ҳамчунин доир ба фонетика, лексика, орфография, аломатҳои китобат ва ғ.) аз тарафи муаллим ё худ фардҳои дигар дода мешаванд, лозим аст. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар хонандагон нутқи шифоҳиву хаттии универсалӣ ё худ ҳаматарафа инкишофёфта тарбия карда шавад. Яъне онҳо ҳангоми муошират бо ҳамаи ашхоси касбу корашон гуногун мувофиқи меъёрҳои забони адабии имрӯзаи тоҷик муттасилу пайдарпай, фаҳмову саҳеҳ, ифоданок ё худ буррову нишонрас гуфтугӯ карда тавонанд, тарзи баёнашон дар нутқи хаттӣ низ дар заминаи талаботи меъёрҳои забони адабӣ, вале бо риояи қоидаҳои қабулшудаи имлову мавридҳои маъмули истифодаи аломатҳои китобат сурат гирифта бошад. Барои ҳамин ҳам, мавзӯъҳои дарси инкишофи мураттабро на баррасии таърифу қоидаҳо аз тарафи муаллим ва ё аз хонандагон пурсидани, масалан, таърифи ҳиссаҳои нутқу аъзоҳои ҷумла ва ё қоидаҳои имлову аломатҳои китобат ва ғайра ташкил медиҳанд, балки онҳо масъалаҳои ба кору фаъолияти касбию ҳунарии одамон, тасвири воқеаву ҳодисаҳои табиат, ҳаёти олами ҳайвоноту наботот алоқамандро фаро мегиранд. Аз ин рӯ, дарсҳои *инкишофи нутқи мураттаб аз рӯи мазмуну мундариҷаашон* доир ба ҳамаи услубҳои зерини забони адабӣ - гуфтугӯӣ, оммавӣ (публитсистӣ) ва коргузорӣ (ё худ услуби коғазҳои кор) таъсис дода мешаванд, ки ин яке аз талаботҳои фасли «Нутқи мураттаб»-и барномаи нави такмилёфтаи забони тоҷикӣ (с. 2006) маҳсуб меёбад. Фасли мазкур талаб мекунад, ки ба тавассути ба хонандагон маълумот додан дар бораи хели услубҳои нутқ, хусусиятҳои бартарӣ ва фарқкунандагии ҳар кадоме аз услубҳои нутқ дар асоси овардани намунаҳо оид ба ҳар услуб ва талаб намудан аз хонандагон, то ки доир ба ин ё он услуб аз китоб ва маҷаллаву рӯзномаҳо намунае интихоб намояд, ё ки аз худ эҷодкорона доир ба услубе намунае ҳоваранд, ки иҷрои ин амалҳо хонандагонро ба интихоби матни мувофиқ ва ё сохтани матнҳои гуногун ҳидоят менамоянд.

Аз ӯҳдаи тартиб додани матнҳои марбут ба ин ё он услуби нутқ баромадани хонанда ҳамчун дастоварди беҳтарини таълими забони модарӣ маҳсуб ёфта, вале бештар ин амал ба тавассути ташкилу гузаронидани дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб даст дода метавонад. Аз ин рӯ, вобаста ба услубҳои нутқ аз синфи V сар карда таълим додани хусусиятҳои матн ва ба матнсозӣ ҳидоят намудани хонандагонро тарафдорӣ намудан аз лиҳози мантиқ мебуд.[357]

Ба тарзи ташкилу гузаронидани дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб ҳам эътибори ҷиддӣ бояд дод. Чунин машғулиятҳоро бояд тарзе ташкил намуд, ки ҳар як дарси он ба амалӣ гардидани маълумотҳои назариявии оид ба ин ё он мафҳумҳои забон, ки хонандагон аз дарсҳои пешина аз худ намудаанд, мусоидат намояд. Хусусан, дар чунин дарсҳо бояд хонандагон ҳар чӣ бештар ба навиштани корҳои хаттӣ (нақлу иншоҳои гуногун) сафарбар карда шаванд, аммо ташкили *нақли шифоҳии ин ё он* мавзӯи мавриди баҳс (*масалан, доир* ба мавзӯъҳои «Модари ман», «Касби дӯстдоштаи ман», «Қаҳрамони дӯстдоштаи ман», «Мактаби мо», «Дар устохонаи мактаб», «Қадри нон», «Иди модарон», «Накӯкорӣ чист?», «Дӯстӣ чист?», «Забони модарии мо», «Забон донӣ - ҷаҳон донӣ», «Як рӯзи (ё лаҳзаи) фаромӯшнашавандаи ҳаёти ман» ва ғ.) низ дар мадди назари омӯзгор бошад. Хуб мешуд, агар хонандагон баъзан фикрашонро доир ба мавзӯи нақл ё иншо шифоҳӣ баён намуда, баъд хаттӣ ба қалам диҳанд. Аз ин лиҳоз, мавзӯъҳои навбатии чунин дарсҳо ҳатман дар ҳамон *дарси марбут ба инкишофи* нутқи мураттаб бахшидашуда эълон карда мешавад, то ки мувофиқи дастури муаллим хонандагон ё дар хона хаттӣ ичро кунанд, ё худ мавод ҷустуҷӯ намуда (ба ин кор волидон ҳам бояд кӯмак кунанд), барои дар синф дар ҳузури ҳамсинфон нақл кардан ё хаттӣ навиштан пешакӣ омодагӣ гиранд.

---

[357] Ниг.: Аминов С. Матн ва таълими он дар мактаб. – Душанбе: Матбааи ВМ ҶТ, с. 2002, с. 67.

Инчунин шарт нест, ки дар ҳар дарси ба ном **инкишофи нутқи мураттаб** хонандагон дар бораи мавзӯъҳои нав ба нав нақл ё иншо нависанд. Балки хуб мешуд, ки баъзан доир ба ҳамон як мавзӯъ дубора кори хаттӣ иншо кунанд. Зеро бартарии чунин амал дар он аст, ки онҳо ин дафъа кӯшиш мекунанд, ки нусхаи аввал навиштаашонро тағйир диҳанд, аз ҳисоби маълумоту далелҳои нав сюжети корро пухтатар намоянд, бадеияти онро ба тавассути истифода аз қолабҳои нави забон баландтар бардоранд, ки дар маҷмӯи рафти иҷрои чунин амалҳо нутқ ва тафаккури грамматикии онҳо низ инкишоф хоҳад ёфт.[358] Ба ифодаи дигар нутқи бой , дуруст ва зебо насиби шахсе мегардад, ки дар рӯҳияи нутқи намунавӣ тарбия ёфта бошад ва худ зиёда муқаллиди чунин гуфтор бошад. Аз ин рӯ, дар ин бобат «Машқи навиштани нақлу иншоҳо аз ҷумлаи методҳои асосӣ ба шумор мераванд».[359] Албатта, як силсила дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб марбут ба омӯхтани услуби коғазҳои кор ё худ коргузорӣ, аз ҷумла, ба навиштани **ариза, тарҷумаи ҳол, тавсиянома, забонхат, баёнот, маълумотнома, табрикнома, мактубҳои** гуногун ва ғайра бахшида мешаванд, ки навишта гавонистани ин ҳама дар кору фаъолияти онҳо аҳамияти амалию ҳаётиро доро мебошад, яъне ҳар доим дар ҳаёти онҳо зарурат пайдо мекунад. Аз ҳамин лиҳоз, муаллим на танҳо ба таври намунавӣ навиштани ин ё он хели услуби коғазҳои корро нишон медиҳаду аз хонандагон талаб ҳам мекунад, балки дар кабинети забон ва адабиёт гӯшаеро бо унвони «Ҳуҷҷатҳои расмӣ», ки дар он ҳамаи намудҳои услуби коргузорӣ сабт ёфта бошанд, ташкил ҳам мекунад, то ки ҳар доим шогирдон онро муоина намоянду шаклу қолаби ҳар кадоме аз он ҳуҷҷатҳо дар хотирашон абадан нақш бандад.

---

[358] Фурашов В.И., Мамушин В.С. Психологические основы развития связной речи учащихся. Иваново, 1976. // Дар маҷалл.: Русский язык в школе, 1977, №1, с. 100.

[359] Федоренко Л.П. Закономерности усвоения родной речи. – М.: Просвещение, 1984, с. 131.

АДАБИЁТ

1. Аминов С. Матн ва таълими он дар мактаб. – Душанбе: Матбааи ВМ ҶТ, 2002.

2. Баранов М.Т., Ладыженская Т.А. и др. Методика преподавания русского языка. – М.: Просвещение, 1990.

3. Қурбонов М. Инкишофи нутқ дар дарсҳои забони модарӣ. – Душанбе, 1978.

4. Текучев А.М. Методика русского языка в средней школе. – М.: Просвещение, 1980.

5. Федоренко Л.П. Закономерности усвоения родной речи . – М.: Просвещение, 1984.

6. Фурашов В.И., Мамушин В.С. Психологические основы развития связной речи учащихся. – Иваново, 1976 // В журн.: Русский язык в школе, №1, 1977.

БОБИ XIV. КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ АЗ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар нашри охири барномаи забони тоҷикӣ (с. 2006) зимни илҳом аз «Қонуни забон» (с. 1989) омадааст, ки ба мақоми давлатӣ сазовор гаштани забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, ҳар як фард ва тоҷики тоҷикистониро ба он водор мекунад, ки забонро муқаддас дониста, бо тамоми ғановаташ аз худ намоянд, то ки озодона сухан рондаву босаводона навишта тавонад. Аз ин рӯ, -таъкид шудааст дар барнома, -дар мактаб ба таълими забони тоҷикӣ, ҳамчун ба таълими яке аз фанҳои воломақом, бояд бештару беҳтар эътибор дода шавад».[360] Барои ҳамин ҳам, ба ҳар як муаллими донишманду дӯстдори фанни худ – забони тоҷикӣ, ки ҳамзамон, устоди ғамхор ва раҳнамои ягонаи хонандагон дар ҷодаи забондониву забонфаҳмиашон мебошад, лозим меояд, ки на фақат аз тариқи омӯзонидани масъалаҳои назариявии забони тоҷикӣ (таърифу қоидаҳо) дар заминаи мисолҳои барҷаста давра ба давра ба ташаккул додани малакаҳои нутқи мураттаби шифоҳиву хаттии онҳо ноил гардад, балки ӯ метавонад ба ҳалли вазифаи мазкур ба тавассути ба роҳ мондан ва ё ташкил намудану ғузаронидани корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз забони тоҷикӣ низ муваффақ шавад. Яъне фаъолияти хонандагонро дар давраи таҳсил танҳо бо иштирок намуданашон ба дарсҳо ва иҷрои вазифаҳои хонагии навбатӣ маҳдуд накарда, он фаъолиятро бо усули ташкили корҳои беруназсинфӣ аз забони тоҷикӣ низ идома додан имконпазир аст.

Ташкили корҳои беруназсинфӣ аз забонӣ тоҷикӣ дар ҳар мактаб, асосан, аз тарафи муаллим на дар асоси маҷбурияте, балки бо ташаббусу масъулияти вазифашиносии ӯ, хоҳиш ва шавқи баланди хонандагоне, ки нисбат ба забони модарии худ эътиқод ва ҳурмати беандоза доранд, марбут мебошад, ки мақсад ва вазифаи онро акад. А.В. Текучев ба таври зайл муайян намудааст: 1. Васеъ ва амиқ намудани донишҳое, ки доир ба забон хонанда ба тавассути иштирок ба дарсҳо гирифтааст. Пурра намудани чунин донишҳо метавонад бо баррасии маводи ғайрибарномавие имконпазир гардад, ки таълим додани он дар синф на барои ҳамаи хонандагон ҳатмист.

---

[360] Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI -Душанбе, 2006, с. 3.

2. Баланд бардоштани шавқу рағбати хонандагон ба забон, ҳамчун ба предмети таълим ва дар онҳо тарбия намудани муҳаббат... ба таърихи халқ -офарандагони он (яъне офарандагони забон. -С.Ш.) ба таърихи забон, воситаҳои пургановати он, ки барои ифодаи фикр заруранд.

3. Дар хонандагон такмил додани малакаҳои таҳлил, гурӯҳбандӣ кардан (ҳодисаҳои забонро. -С.Ш.), ҷамъоварии далелҳои забонӣ доир ба мавзӯе, ки таҳти чунин фаъолият дараҷаи забондонии онҳо баланд бардошта мешавад.[361]

Зимни ана ҳамин мақсадҳои фавқ ба корҳои беруназсинфӣ доир ба забони тоҷикӣ ҳама гуна хонандагон -чи фаъолу пешқадамони таълим ва чи камҳавсалаву сустхонҳо метавонанд ширкат варзанд, ба шарте ки ҳамагӣ баҳри баланд бардоштани донишу малакаҳои худ марбут ба забони модарии хеш рағбати хоса дошта бошанд.

Корҳои беруназсинфӣ аз забони тоҷикӣ дар давоми соли таҳсил дар баробари соатҳои таълими муқаррарӣ пеш бурда мешавад, яъне дар рӯзҳои дарсхонӣ. Вале ташкили экскурсияҳо ба ҷойҳои таърихӣ, корхонаи номдор ё ба ягон мавзеи тамошобоб метавонад дар рӯзҳои таътили байни чорякҳои соли таҳсил ҳам баррасӣ гардад.

Машғулиятҳои беруназсинфиро тарзе бояд ташкил намуд, ки на якрангу дилгиркунанда, балки гуногунрангу шавқовар ва ҷолибу наву тоза бошанду ба тавассути ташкил ва натиҷаи ниҳоии ҳар яке аз онҳо савияи дониши забонӣ ва нутқи ифоданоку мураттаби хонандагон низ рӯ ба инкишоф оварад.

Хел ё намудҳои корҳои беруназсинфӣ (ва беруназмактабӣ). Хел ва намудҳои корҳои беруназсинфии хонандагон аз забони тоҷикӣ дар маҷмӯъ гуногун буда, асоситаринашон инҳоанд: маҳфили забони тоҷикӣ, рӯзнома (ё моҳнома)-и забоншиносӣ, викторина (бозии саволу ҷавоб), озмун (олимпиада), Ҳафтаи забони тоҷикӣ, конференсияи хонандагон, экскурсия (саёҳат), шабнишиниҳо, ташкили вохӯрӣ бо адибон, забоншиносон ва г. Ба ҷуз ин, дар мактаб ба корҳои бернуазмактабии хонандагон низ эътибор дода мешавад. Корҳои беруназмактабии хонандагон аз забони тоҷикӣ низ ба корҳои беруназсинфии онҳо шабоҳат дошта, онҳо, яъне корҳои беруназмактабӣ, дар ҷойҳои дигар- Хонаи маданият, Хонаи ворисони сомон ё худ дар мактабу

[361] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 374.

муассисахои олӣ дар шакли олимпиада, конкурс (мусобика) ва намоиши хунархо гузаронида мешаванд.[362]

Аз ин чорабиниҳое, ки марбут ба корҳои беруназсинфии хонандагон аз забони тоҷикӣ қайд намудем, пеш аз ҳама, ба ташкилу таъсиси **маҳфили забони тоҷикӣ** ва **рӯзномаи забоншиносӣ** эътибори махсус додан талаб карда мешавад.[363]

Маҳфили забони тоҷикӣ дар мактаб ба чумлаи яке корҳои самаранок маҳсуб ёфта, дар такмил ёфтани донишҳои грамматикӣ, малакаҳои имлоию пунктуатсионӣ, маъёри талаффузи адабӣ, таркиби луғавии забон ва ниҳоят, нутқи мураттаби шифоҳию хаттии хонандагон бештар мусоидат менамояд. Маҳфили мазкур марбут ба бастҳои таълим пеш аз оғоз ва ё пас аз дарсҳо, чунон ки гуфтем, бо хонандагони хоҳишманд гузаронида мешавад, ки шумораашон набояд аз 14-15 нафар зиёд бошад, вагарна назорат ва тафтиши натичаи кори онҳо барои муаллим вакти зиёдеро металабад. Агар чунин маҳфил дар мактаб аз синфи V сар карда, дар тӯли тамоми солҳои таҳсили баъдина фаъолият варзад, воқеан ҳам. метавонад натичаҳои дилхоҳ диҳад.

Маҳфили забони тоҷикӣ бояд, чун қоида, дар ҳар синфи параллели болоӣ (аз синфи V сар карда) таъсис дода шавад. Дар сурати набудани синфҳои параллелӣ он метавонад аз ду синфи пайиҳамтахсилкунанда (V ва VI ё VII ва VIII) ташкил карда шавад.

Пеш аз он ки дар мактаб маҳфили фанние таъсис дода шавад, маъмурияти мактаб набояд дар интихоби муаллим, ки роҳбарии маҳфил ба зиммаи ӯ вогузошта мешавад, бе тафовут бошад. Зеро шавку рағбат ва давомоти хонандагон ба чунин маҳфилҳо дар сурате баланд мешавад, ки агар онҳо муаллим - роҳбари ояндаи маҳфилро аз ҳар ҷиҳат ҳурмату эҳтиром намоянд, аниқаш, онҳо дар мадди аввал роҳбари маҳфил ва баъд хели маҳфилро интихоб менамоянд.[364]

---

[362] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 375; Львов М.Р. Словарь -справочник по методике русского языка, с. 27-28,29; Кенҷаев С., Шербоев С. Корҳои беруназсинфӣ аз забони модарӣ - Хуҷанд: Шамъ. 2000, с. 4.

[363] Ниг.: Текучев А,В. Методика русского языка в средней школе, с. 375-377.

[364] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 376.

Маҳфили забони тоҷикӣ аз рӯи нақшаи пешакӣ тасдиқшуда дар ҳар моҳ як маротиба, вале вобаста ба шавқу хоҳиши аъзоён ду маротиба аз рӯи ҷадвал ва соати муайян гузаронида мешавад.*

Дар ҷараёни кори маҳфил ҳар як аъзои он вазифадор карда мешавад, ки дар тӯли ҳар соли хониш, ақаллан, як нуқтаи ба нақша воридшударо (масалан, ҷамъ намудани калимаҳои шевагии истиқоматкунандагони маҳали худ, ё аз луғати тафсирӣ рӯбардор кардани ҳамаи калимаҳои овозҳои ташдиддор ва ғ.) мустақилона иҷро намояд.

Мундариҷаи машғулиятҳои маҳфили забони тоҷикиро метавонад ҳамаи масъалаҳои забоншиносӣ, ки ба ин ё он фаслу боби барномаи мактабӣ иртибот дошта бошанд, ташкил диҳад. Вале на ҳамаи машғулиятхо бевосита аз тарафи муаллим, балки басо шавқовару ҷолиб мебуд, агар таҳти роҳбарии ӯ бештар дар ҷамъомадҳои он хонандагони фаъолтар баромад кунанд.

Дар ҷамъомадҳои маҳфил бояд масъалаҳои ҷолиби таваҷҷӯҳи забон, аз қабили сармаъноии калимахо, сабабҳои пайдоиши калимаҳои нав дар забон, фразеология ва аҳамияти он дар нутқи шифоҳӣ ва дар асарҳои бадеӣ, хат ва пайдоиши он ва ё дар мавзӯъҳои «Одамон гуфтугӯ карданро чӣ хел омӯхтаанд?» «Барои чӣ одамони дунё ба забонҳои гуногун гап мезананд?» ва «Забон донӣ -ҷаҳон донӣ» барин масъалаҳо метавонанд мавзӯъҳои мавриди назари маҳфили забони тоҷикӣ қарор ёбанд.

Метавон таъкид намуд, ки яке аз қисматҳои муҳими фаъолияти маҳфили забони тоҷикро масъалаи ба **кишваршиносӣ** ҷалб намудани аъзоёни он ташкил медиҳад. Дар ҷараёни ин намуди кор хонандагон бо фаъолияту истеъдоди адибони гузаштаву имрӯзаи деҳа, шаҳр ва ноҳияи худ, бо асарҳои онҳо шиносоӣ пайдо намуда, ҳамчунин ба омӯхтани забони бошандагон (махсусиятҳои шева)-и маҳали худ, ҷамъоварии калимаҳои маҳаллӣ, омӯхтани як қатор номҳо (топонимҳо)-и кӯча, деҳа, дарё ва ғ. сафарбар карда мешаванд, ки зимни чунин амалҳоро ба ҷо овардан дар қалби хонандагон ахлоқи воло ва

---

* **Таъкид.** Номгӯи мавзӯъҳо ва чорабиниҳои бо роҳи маҳфил баррасишавандаро муаллим тартиб медиҳад, вале интихоби онҳо дар ҷамъомади аввал ба ихтиёри аъзоёнаш вогузошта мешавад: онҳо метавонанд дар ин бобат таклифҳои худро пешниҳод намуда, ба нақшаи корӣ тағйирот ворид созанд.

ҳисси маҳалдӯстиву ватанпарварӣ бехтару бештар ҷой хоҳад гирифт.[365]

Азбаски фаъолияти кишваршиносии аъзоёни маҳфили забони тоҷикӣ бештар дар маҳалу муассисаҳои таърихию фарҳангӣ таъсис дода мешавад, онро метавон **экскурсия** (саёҳат) низ номид. Аммо ҳар яке аз чунин саёҳатҳо бояд дар рушду нумӯи маънавиёти хонандагон таъсири мусбати худро дошта бошад. Бояд натиҷаи ҳар як саёҳат бо муҳокимаву саволу ҷавоби мушаххас ва ё навиштани иншоҳои синфӣ ё хонагӣ, ки натиҷаи онҳо ҳам бояд мавриди таҳлил қарор бигиранд, анҷом пазирад.

Ба рӯзнома ё худ моҳномае, ки бо ташаббуси аъзоёни маҳфили забони тоҷикӣ бароварда мешавад. «Гӯшаи забони тоҷикӣ», ё ин ки «Забоншиноси ҷавон»-ном унвонҳоро гузоштан мумкин аст. Онро метавон ба тавассути хати зебову хоно дастӣ, ё ин ки бо усули чопи компютерӣ пешкаши хонандагони мактаб намуд.

Рӯзномаи деворӣро аъзоёни маҳфил метавонанд дар як моҳ як маротиба ва марбут ба вокеаву ҳодисаҳои таъчилии давру замон ду маротиба ҳам баррасӣ намоянд. Мазмуну мундариҷаи рӯзномаи мазкурро мақолаҳои хурди муаллимону хонандагон доир ба мақоми забони модарӣ ё яке аз забонҳои дунё, гуфтаҳои баландмазмуну хирадмандонаи гузаштагон ва имрӯзиён дар бораи забон, маълумотҳо доир ба асли пайдоиши забонҳо, пайдоиши калимаҳои нав ва таркибҳои фразеологӣ, бозиҳои гуногуни дидактикӣ, муаммоғуиҳо, викторинаҳо, инчунин, ахбороти мухтасар аз ҳаёти мактаб, хонандагони фаъоли он, натиҷаи иншо ва нақлҳои хаттии беҳтарин, натиҷаи мусобиқа ва олимпиадаҳои фаннии дар мактаб, дар шаҳр ва ноҳия баргузор гардида ташкил диҳанд.

Конференсияи хонандагон яке аз намудҳои боз ҳам маъмултари корҳои беруназсифӣ чи аз забони тоҷикӣ ва чи аз адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад. Конференсияи мазкурро аъзоёни ҳар ду маҳфил тайёр мекунанд.* Конференсияи хонандагонро дар шакли маҳдуд (дар як синф ё дар синфҳои параллелӣ) ё дар

---

[365] Ниг.: Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе, с. 376.

* **Таъкид.** Дар сурати набудани имконияти муносиб дар мактабҳо маҳфили забони тоҷикӣ бо маҳфили адабиёт муттаҳид карда шуда, нақшаи кори он аз ҳисоби мавзӯъ ва чорабиниҳои марбути ин ду фан васеъ ва ҳамгиро карда мешавад.

шакли васеъ (барои тамоми хонандагони синфҳои болоӣ) бо иштироки коллективи муаллимон, даъвати забоншиносон, муаллифони китобҳои дарсии забони тоҷикӣ гузаронидан мумкин аст. Чунин конференсияро дар соли хониш соле як маротиба баъзан ду маротиба дар мавзӯъҳои «Забон донӣ -чаҳон донӣ», «Калимаи «тоҷик» ва назаре ба он», «Айнӣ – забоншинос», «Чаро забонҳо гуногунанд?» ва ғ. баргузор намудан мумкин аст.

Дар қисмати бадеии конференсия талаб карда мешавад, ки хонандагон марбут ва мавзӯи асосӣ шеърҳоро дар васфи забон қироат кунанд, таҳти роҳбари маҳфили ҳаваскорони мактаб сурудҳо хонанд, саҳначаҳои хурд *намоиш диҳанд*.

Конференсияро директори мактаб ва ё яке аз омӯзгорони соҳибтаҷриба ҷамъбаст намуда, ба фаъолияти аъзоёни маҳфил ва дигар иштирокчиёни он баҳо медиҳад. Агар аз тарафи олими забоншинос ҷамъбаст намудани кори конференсия ва таҳлили баромадҳои хонандагон сурат бигирад, шукӯҳи он боз ҳам ранги дигар хоҳад гирифт.

Озмун-(олимпиада)-и **забон ва адабиёти тоҷик.** Озмуни забони тоҷикӣ дар мактаб аксар дар якҷоягӣ бо озмуни адабиёт таъсис дода мешавад. Он як усули ба таври боз ҳам ҷиддитар санҷидан ва ҳам баланд бардоштани савияи донишу малакаҳои ҳаматарафаи хонандагон аз ин ду фан маҳсуб ёфта, чор даврa (мактабӣ, ноҳиявӣ, шаҳри ё минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ)-ро дар бар мегирад.

Озмуни забон ва адабиёт, чун анъана, аз рӯи шартҳои зерин: **навиштани иншо, таҳлили лингвистии матн** (фонетикӣ, морфологию синтаксисӣ), **шарҳи луғат ва қироати ифодаиноки шеърҳо ва ё матнҳо** аз насри бадеӣ гузаронида мешавад.

Дар озмун таҳлили фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксисии ҷумла (матн) мавқеи асосӣ дорад. Хониши ифодаиноки матни интихобшуда (шеър ва наср) ва шарҳи луғат, ҳамчун шартҳои дигари озмун, як воситаи санҷидан ва такмил додани нутқи шифоҳӣ ва таркиби луғавии нутқи хонандагон ба шумор меравад. Хусусан, шарҳи луғат дар бой намудани таркиби луғавии нутқи хонандагон мақоми хоса дошта, он муаллимонро водор месозад, ки ба лугатомӯзии шогирдон ҳамеша диққати ҷиддӣ диҳанд.

Ғолибони бехтарини озмуни забон ва адабиёт метавонанд иштирокчии озмуни чумхуриявӣ гардида, сазовори мукофотхои гуногун шаванд.

Таъсис додани Ҳафтаи забони тоҷикӣ ва ё конференсия бахшида ба Иди забонҳо, гузаронидани викторинаҳои забоншиносӣ, ки дар тӯли солҳои охир дар мактабҳо анъана гардидааст, чун озмуни хонандагон аз забон ва адабиёти тоҷик, конференсияҳои забоншиносӣ ва ё бахшида ба яке аз саромадони адабиёт низ дар баланд бардоштани ҳисси забонфаҳмӣ, забондӯстиву, адабиётдӯстӣ, малакаҳои орфографию пунктуатсионӣ ва тарбияи онҳо дар рӯҳияи ҳурмату эҳтироми халку миллатҳо ва забонҳои дигари дунё мақоми пуразишеро доро мебошад.

Хулоса, машғулиятҳои беруназсинфӣ аз забони тоҷикӣ имконият медиҳад, ки хонандагон маводҳои дар дарс омӯхташударо боз ҳам бошууронаву мустаҳкамтар аз худ намуда, захираи лугавии нутқашон ғанитар ва зиёда аз ин. нутқи шифоҳиву хаттии онҳо мураттабтар гардида, чунон ки гуфтем, ба шахсони комилан босаводу маданӣ ва донандагони хуби забони адабии ҳозираи тоҷик табдил ёбанд.

АДАБИЁТ

1. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. -Душанбе: Матбааи ВМ ҶТ, 2006

2. Львов М.Р. Словарь -справочник по методике русского языка. -М.: Просвещение, 1988.

3. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. -М.: Просвещение, 1980.

БОБИ XV. КАБИНЕТИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Барои он ки дарсҳои забони тоҷикӣ (аз ҷумла дарсҳои адабиёт ҳам) ва корҳои беруназсинфӣ доир ба он ҳар доим боз ҳам муассиру самаранок, бо ҳисси масъулиятшиносона ва некандешии хонандагон нисбат ба забони модарӣ ва арзишҳои он ташкил карда шавад, дар мактаб таъсис додани кабинети забон ва адабиёт аз ҳар ҷиҳат зарурат дорад.*

Вазифаи аввалиндараҷаи таъсис додани кабинети забон иборат аз инҳост: а) ёрӣ расондан ба муаллими забони тоҷикӣ дар бобати самаранок таълим додани забони модарӣ; б) ёрӣ расондан дар бобати муташаккилона ташкил намудану газаронидани намудҳои гуногуни корҳои беруназсинфии хонандаагон (маҳфили забон ва адабиёти тоҷик, баровардани рузномаҳои деворӣ, тайёрӣ ба конференсияю озмунҳои фаннӣ ва ғ.). Инчунин, ташкили дарсҳои иловагӣ барои хонандагони сустхон ва машғулиятҳои факултативӣ аз забон ва адабиёти тоҷик маҳз дар кабинети забон ва адабиёт муассиртар хоҳад буд.[366]

Яъне аз вазифа ва мақсади дар мактаб таъсис дода шудани кабинети забони тоҷикӣ бармеояд, ки он утоқи кориест, ки махсус ва маҳз барои гузаронидани дарсҳои забони модарӣ, корҳои беруназсинфӣ доир ба он , дарсҳои консултатсионӣ, кор бо сустхонҳо, ташкил ва гузаронидани корҳои методӣ доир ба таълими дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик имконияти мусоидро фароҳам оварда, ҳамзамон дар мавридҳои зарурӣ барои дарстайёркунии хонандагон макони мувофиқест.

Кабинети забони тоҷикӣ бояд аз ҳар ҷиҳат бо маводи барои таълим заруратдошта (чи барои муаллимон ва чи барои хонандагон) ҷиҳозонида шуда бошад. Пеш аз ҳама, маводи кабинетро бояд китобу барномаҳои таълимӣ аз забони тоҷикӣ, портрети забоншиносони маъруф ва классикон, силсилаи воситаҳои аёнӣ (таблитсаву расмҳои гуногун, воситаҳои намоишдиҳии техникӣ: магнитофон, телевизор, кодоскоп ё

---

* **Таъкид**. Азбаски на дар ҳамаи мактабҳо имконияти дар алоҳидагӣ ташкил намудани ҳам кабинети забону ҳам адабиёт ҳаст, метавон ин ду кабинетро дар як утоқи таълимӣ ҷой дод.

366 Ниг.: Текучев А.В Методика русского языка в средней школе, с. 380; Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка, с. 301.

эпидоскоп, компютери дорои экрани намоишдиҳӣ ва ғ.), луғатҳои гуногун (тафсирӣ, дузабона, луғати имло), маҷмӯаи диктант ва наклҳои хаттӣ, картотекаҳо,[367] феҳристи адабиёти нав доир ба забон ва адабиёт, китобҳои бадеӣ, маҷаллаву рӯзномаҳои илмиву методӣ ташкил диҳанд. Дар кабинет, инчунин, ҳамеша дафтарҳои хонандагон (дафтарҳои даврагӣ ва корҳои хаттии санҷишии онҳо – диктант, наклӣ хаттӣ ва ғайра) нигоҳ дошта шуда, гӯшаҳои махсуси ёрирасони ташвиқотиро аз қабили «Намунаи корҳои беҳтарини хонандагон», «Гӯшаи забони тоҷикӣ», «Пешсафони хониш», «Ба имлои ин калимаҳо диққат диҳед», «Ҳуҷҷатҳои расмӣ», «Бузургон дар бораи забон ва аҳамияти забондонӣ», «Китобро чи тавр бояд қироат кард?», «Чиро бояд хонд», «Рӯихати аъзоёни маҳфили забон ва адабиёти тоҷик»-ро, ки ҳама аҳамияти баланди тарбиявиро доро мебошанд, таъсис додан мувофиқи мақсад дониста мешавад. Кабинет боз ҳам ҳусну мазмуни нав мегирифт, агар ба зери портрети забоншиносону адибони классику муосири тоҷик гуфтаҳои беҳтаринашон дар лавҳаҳо сабт карда шаванд.

Дар маҷмӯъ кабинети забони тоҷикӣ ё худ забон ва адабиёти тоҷик бояд дар ҳар мактаб, ҳамчун маркази таълим, маркази корҳои беруназсинфии хонандагон аз фанҳои мазкур ва ниҳоят ҳамчун маркази рушду нумӯи корҳои илмию методии муаллимони забон ва адабиёти тоҷик, амал намояд.*

АДАБИЁТ

1. Львов М.Р. Словарь-справочник по методике русского языка. – М.: Просвещение, 1988.
2. Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка. – М.: Госучпедгиз МП РСФСР, 1955.
3. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. – М.:
4. Просвещение, 1980.

---

[367] Ниг.: Львов М.Р. Словарь-справочник по методике русского языка, с. 76.

* **Таъкид**. Тарзи ороиш ва ҷобаҷогузории маводи кабинети забони тоҷикиро мо ба ихтиёр ва салоҳдиди худи роҳбари кабинет – муаллими забон ва адабиёт вомегузорем. Бигзор, ӯ бо маслиҳати мудири кабинети методии шӯъбаи маорифи шаҳр ё ноҳия пас аз муоинаи чандин кабинети забон ва адабиёти мактабҳои дигар ва бо маслиҳати ҳамкасбону кӯмаки аъзоёни маҳфил кабинетро тибқи маводи гирдомада тарзе муҷаҳҳазу оро диҳад, ки писанди ҳамагон бошад.

МУНДАРИҶА

САРСУХАН.....с.3-4

МУҚАДДИМА.....с.5-8

МАСЪАЛАҲОИ УМУМИИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

БОБИ I. Методикаи забони тоҷикӣ ҳамчун илм.....с.9
§ 1. Предмет, вазифа ва мақсади методикаи таълими забони тоҷикӣ.....с.9-12
§ 2. Алоқаи методикаи таълими забони тоҷикӣ бо фанҳои дигар.....с.12-17
§ 3. Аз таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ.....с.18-27
§ 4. Барнома ва китобҳои дарсии забони тоҷикӣ.....с.27-39

БОБИ II. Принсипҳои таълим.....с.40
§ 5. Принсипҳои умумидидактикии таълим.....с.40-48
§ 6. Принсипҳои хоси забони тоҷикӣ.....с.48-49

БОБИ III. Методҳои таълими забони тоҷикӣ.....с. 50
§ 7. Методи нақли муаллим.....с. 52-53
§ 8. Методи суҳбат.....с.53-60
§ 9. Усули муқоиса дар таълими забони тоҷикӣ.....с.60-62
§ 10. Методи таҳлили забон.....с.62-69
§ 11. Интихоби матн барои таҳлили грамматикӣ.....с.69-73
§ 12. Методи машқ.....с.73-76
§ 13. Методи кор бо китоби дарсӣ.....с.76-79
§ 14. Истифодаи варақчаҳо (карточкаҳо).....с.79-83
§ 15. Методи аёният.....с.83-93
§ 16. Истифодаи воситаҳои техникӣ.....с.93-96

БОБИ IV. Шаклҳои ташкили машғулиятҳои таълимӣ аз забони тоҷикӣ.....с.97
§ 17. Хелҳо (типҳо)-и дарси забони тоҷикӣ.....с.97-99
§ 18. Сохти дарсҳои забони тоҷикӣ.....с.99-102
§ 19. Баёни мавзуи нав.....с.102-114

§ 20. Дарси мустаҳкам намудани дониш ва малакаи хонандагон.....с.114-117
§ 21. Дарси санҷиши дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон.....с.117-119
§ 22. Дарси такрор ва хелҳои он дар таълими забони тоҷикӣ.....с.119-128
§ 23. Вазифаи хонагӣ аз забони тоҷикӣ.....с.128-131
§ 24. Пурсиши хонандагон аз забони тоҷикӣ.....с.131-134

БОБИ V. Нақшаҳои кори муаллим аз забони модарӣ.....с.135
§ 25. Нақшаи мавзуӣ –тақвимӣ.....с.135-140
§ 26. Намунаи дарсҳо (план -конспекти намунавии дарсҳо).....с.141-151

ТАЪЛИМИ ФАСЛҲОИ КУРСИ МАКТАБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

БОБИ VI. Методикаи таълими фонетика ва имло.....с.152
§ 27. Вазифа ва мақсади таълими фонетика.....с.152-153
§ 28. Баъзе мулоҳизаҳо доир ба масъалаҳои асосии таълими фонетика.....с.153-174
§ 29. Таҳлили фонетикӣ.....с.174-176

БОБИ VII. Таълими калима (луғат ва воҳидҳои фразеологӣ).....с.177
§ 30. Калима ва маънои луғавии он.....с.178-185
§ 31. Маънои аслӣ ва маҷозии калима.....с.185-187
§ 32. Калимаҳои сермаъно.....с.187-190
§ 33. Синонимҳо.....с.190-194
§ 34. Омонимҳо.....с.194-196
§ 35. Антонимҳо.....с.196-199
§ 36. Калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ.....с.199-202
§ 37. Калимаҳои шевагӣ ва соҳавӣ.....с.202-205
§ 38. Воҳидҳои фразеологӣ (таъбирҳо).....с.206-209

БОБИ VIII. Масъалаҳои умумии таълими грамматика.....с.210
§ 39. Аҳамият ва мавқеи грамматика дар омӯзиши забони тоҷикӣ.....с.210-213
§ 40. Принсипҳои асосии таълими грамматика.....с.213-219
§ 41. Омӯхтани таърифу қоидаҳои грамматикӣ.....с.219-224
§ 42. Мундариҷаи машғулиятҳо аз грамматика.....с.224-225

§ 43. Оид ба истилоҳҳои грамматикӣ.....с. 225-228

БОБИ IX . Методикаи таълими морфология.....с.229
§ 44. Таркиби калима ва калимасозӣ.....с.232-245
§ 45. Ҳиссаҳои нутқ..... с.245-250
§ 46. Исм.....с.250-258
§ 47. Сифат.....с.258-264
§ 48. Шумора.....с.264-268
§ 49. Ҷонишин.....с.268-273
§ 50. Феъл.....с.273-280
§ 51. Чанд сухан дар бораи таълими сифати феълӣ ва феъли ҳол.....с.280-285
§ 52. Зарф.....с.285-289
§ 53. Ҳиссаҳои номустақили нутқ.....с.288
§ 54. Пешоянд ва пасояндҳо.....с.288-291
§ 55. Пайвандакҳо.....с.291-294
§ 56. Ҳиссачаҳо.....с.294-298
§ 57. Нидо.....с.298-302

БОБИ X. Методикаи таълими синтаксис.....с.303
§ 58. Ибора.....с.304-312
§ 59. Ҷумла.....с.312-316
§ 60. Хелҳои ҷумла аз рӯи мақсади баён.....с.317-321
§ 61. Сараъзоҳои ҷумла.....с.321-329
§ 62. Аъзоҳои пайрави ҷумла.....с.330
§ 63. Пуркунанда.....с.330-333
§ 64. Ҳол.....с.333-338
§ 65. Муайянкунанда.....с.338-342
§ 66. Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба.....с.343-349
§ 67. Ҷумлаҳои чидааъзо.....с.349-354
§ 68. Калима ва ибораҳое, ки аъзои ҷумла нестанд....с.354-368
§ 69. Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда.....с.368-374
§ 70. Ҷумлаи мураккаб.....с.374-382
§ 71. Ҷумлаи мураккаби пайваст.....с.382-388
§ 72. Ҷумлаи мураккаби тобеъ.....с.388-396
§ 73. Ҷумлаҳои мураккаби бепайванд.....с.396-401
§ 74. Ҷумлаҳои мураккаби омехта ва сертаркиб (маълумоти умумӣ).....с.401-408

БОБИ XI. Методикаи таълими имло.....с.409
§ 75. Диктант ва хелҳои он.....с.415-416
§ 76. Диктантҳои таълимӣ.....с.417-424
§ 77. Диктанти санҷишӣ.....с.424-426

БОБИ XII. Методикаи таълими аломатҳои китобат (пунктуатсия).....с.427-435

БОБИ XIII. Методикаи таълими нутқи мураттаб.....с.436-441

БОБИ XIV. Корхои беруназсифӣ аз забони тоҷикӣ.....с.442-448

БОБИ XV. Кабинети забони тоҷикӣ.....с.449-450

47.15
4-9

С. ШЕРБОЕВ

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Муҳаррири техникӣ Комрон Икромов
Тарроҳи компютер Парвина Назарова

ISBN 978-99947-69-02-5

Ба матбаа 10.01.2009 супорида шуд. Ба чоп 30.01.2009 имзо шуд. Когази офсет.
Чопи офсет. Андозаи 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 28,5. Адади нашр 2000 нусха.
Супориши № 005. Нархаш - шартномавӣ.

ҶДММ «Шуҷоиён», ш. Душанбе, х. «Дустии халқҳо», 47
Тел: 223-56-66, 227-61-47. E-mail: devashtich @tojikiston.com.